# Садриддин
# АЙНИ

Садриддин

# Айнӣ

## Куллиёт

Нашриёти Давлатии Тоҷикистон
Сталинобод
1961

Садриддин

# АЙНӢ

ҷилди

4

Нашриёти Давлатии Тоҷикистон
Сталинобод
1961

Китобхон… миллии
Чумхурии Т…икистон ба
номи А. Фирдавсӣ
2112…
Тоҷик 2

ҲАЙЪАТИ ТАҲРИРИЯ:

С. Умаров, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, Х. Айнӣ,
Ҳ. Неъматуллоев

ба чоп тайёркунандагон К. Айнӣ ва Х. Айнӣ

Муҳаррир А. Деҳотӣ



С. Айнӣ дар соли 1937.

# Марги судхӯр

*(Бо таҳрири нав ва иловаҳо)*

# Як-ду сухан дар бораи „Марги судхӯр"[1]

Ман таҳрири «Марги судхӯр»-ро дар соли 1936 тамом карда дар хониши умумӣ ва муҳокиман Иттифоқи нависандагони советии Тоҷикистон гузошта будам. Дар омади сухан ҳаминро ҳам қайд кардан даркор аст, ки «Марги судхӯр» аввалин асарест, ки бо таклифи муаллиф пеш аз чоп шуданаш дар Иттифоқи нависандагони советии Тоҷикистон муҳокима шуда буд.

Ман маслиҳатҳои дар хониши умумӣ аз тарафи коллективи нависандагон додашударо ба назар гирифта, асарро дубора таҳрир карда ба Нашриёт супурда будам.

Ин асар дар чопҳои гуногуни тоҷикиаш ва инчунин дар чопҳои чандинбораи тарҷимаи русиаш аз хонандагони советӣ хеле баҳои баланд гирифт ва мунаққидон ҳам дар танқидоти худ, ба ин китоб камбудие ба назар намоёнеро нисбат надоданд.

Аммо баъд аз чопи якӯми тоҷикиаш, вақте ки худ бо назари худтанқидкунӣ хонда баромадам, дар ин китоб як камбудии муҳимро дарьёфтам: ин камбудӣ асосан иборат аз ҳамин буд, ки дар воқеаҳои дар ин китоб нақльёфта халқ кам иштирок мекард: дар асар образи Қорӣ-Ишкамба ба сифати як судхӯр пурра нишон дода шуда, хислатҳои умумии судхӯрон ва сифатҳои шахсии судхӯри мазкур акс кунонда шуда, муомилаи ӯ бо майдасавдогарон ва дӯкондорони шаҳр тасвир ёфта бошад ҳам, тарзи тороҷ кардани ӯ оммаи меҳнаткашонро, хусусан деҳқононро, бо мисолҳои равшан нақл наёфтааст. Ва ҳол он ки дар вақтҳои ба вуқӯъ омадани амалиёти судхӯрии Қорӣ-Ишкамба судхӯрони шаҳр ва аз ин ҷумла Қорӣ-Ишкамба ҳам, ки як шахси реалии

таърихӣ аст, баъзан худҳошон ва бештарин ба воситаи судхӯрони заминдори деҳот, деҳқонони меҳнаткашро тороҷ мекарданд.

Ғайр аз ин дар вақтҳои болоравии амалиёти судхӯрии Қорӣ-Ишкамба дар Осиёи Миёна ва аз ин ҷумла дар Бухоро аз тарафи буржуазияи молии Россияи подшоҳӣ банкҳо кушода шуда, дар додугирифти савдогарон ва судхӯрони калон ба сифати ҳуҷҷати қарздорӣ вексель[2] ҷорӣ шуда, васиқаи қозихонагӣ дар муомилаҳои пулӣ обрӯи худро гум карда буд. Зеро муомилаҳои пулӣ, ки бо васиқа ба амал меомаданд, дар вақти қатъ кардани бештарини он муомилаҳо кор ба даъво ва ҳархаша оид мешуд. Ин гуна даъвоҳоро қозиҳо ва намояндагони онҳо ва муфтиҳо ривоҷ ва кашол медоданд, чунки ин гурӯҳ аз он гуна даъвоҳо ва кашол ёфтани онҳо фоида мебурданд. Бештарини савдогарон ва судхӯрони калон барои давидан аз паси ин гуна даъвоҳо фурсат намеёфтанд. Бинобар ин инҳо дар муомилоти байни худ ва дигарон ба сифати як ҳуҷҷати қатъии молӣ вексельро қабул карданд, ки ба муқобили вай дар маҳкамаҳои Бухоро даъвоеро бардоштан мумкин набуд.

Вексель ду навъ буд — мӯҳлатнок ва бемӯҳлат. Дар векселн мӯҳлатнок рӯзи адои қарз муайян карда навишта мешуд ва қарздор маҷбур буд, ки дар ҳамон рӯзи муайян кардашуда қарзи худро адо намояд, вагарна молу мулкаш бо музоида (торгӣ) фурӯхта шуда маблағи қарз рӯёнда мешуд.

Дар векселн бемӯҳлат рӯзи адои қарз навишта намешуд ва вақти адои ин гуна қарз ба талаби қарзхоҳ вобаста буд, қарзхоҳ кадом вақт ки хоҳад, маблағи дар вексель қайдшударо аз қарздор талаб карда гирифта метавонист.

Ана ҳамин хусусияти векселн бемӯҳлат, ки онро векселн сафед ҳам мегуфтанд, барои пӯст кандани деҳқонони меҳнаткаши бесавод, дар дасти судхӯрон хизмати корди бурроп қассобиро ба ҷо меовард. Чунончи, як судхӯр ба як деҳқон дусад сӯм пули нақд дода, фоидаи яксолаашро, масалан, сад сӯм ҳисоб карда, ин маблағро ба тани пул зам намуда, аз деҳқон векселн сафеди сесадсӯмиро даст мононда мегирифт.

Судхӯр ба деҳқон барои адои қарз, забонн як сол мӯҳлат дода бошад ҳам, азбаски ин мӯҳлат дар вексель қайд намеёфт, баъд аз як ҳафта ё як моҳ, бисёр дер монад, баъд аз ду моҳ, вексельро ба воситаи нотариус протест кунонда, маблағи дар вай қайдшударо, яъне тани пулро бо фоидаи яксолааш аз деҳқон меситонд ва агар деҳқон надиҳад ё дода натавонад, ба во-

ситаи ичрокунандаи ҳукми суд ва мулозими қозӣ[3] молу мулки ӯро бо музояда (савдои «кӣ зиёд?») фурӯшонда маблағи дар вексель қайдшударо меруёнид.

Ба бадӣ кор фармудани вексель дар ҳама ҷои мустамлика-ҳои подшоҳӣ ҷорӣ бошад ҳам, бадтарин, бераҳмонатарин ва пурфоҷиатарин ҷоҳои ба амал омадани ин кор Бухорои амирӣ ва музофотҳои он буд, чунки ҳукумати подшоҳии Россия идора кардани ин қисми мустамликаи худро ба амир ва амалдорони ӯ вогузошта буд ва инҳо дар дохили ҷои ҳукмронии худ, ба иҷро кардани ҳар гуна кори бад ва ҷавру бедод «мустақил» буда, ба ҳеҷ гуна қоида ва қонун амал намекарданд (зотан дар идораи ҳукумати амирӣ ҳеҷ гуна қоида ва қонун ҳам набуд). Ба болои ин ҳокимони Бухорои амирӣ ба вексель на танҳо ба сифати як ҳуҷҷати молии қатъӣ будани он нигоҳ мекарданд, балки онро як «фармонномаи императорӣ» шумурда сазовори ҳурмат ҳам медонистанд. Бинобар ин агар деҳқоне «дар як ҳафта ё дар як моҳ руёндани фоидаи яксола»-ро ба асоси вексели сафед бедодгарии беҳаёёна шумурда доду фарьёд кунад, баъд аз руёнда гирифтани пули дар вексель қайдшуда он деҳқонро ба сифати таҳқиркунандаи «фармони императори аъзам» мезаданд ва ба ҳабс мегирифтанд.

Ман дер боз дубора кор карда баромадани «Марги судхӯр»-ро орзу доштам, аммо муяссарам намешуд, ниҳоят имсол — соли 1952 маро фурсате даст дод, ки ин асарро дубора кор карда баромадам ва дар вақти кори дубора чунон ки камбудии асосии ин китобро ислоҳ кардам, инчунин муомилаҳои векселиро ҳам, ки ба судхӯрон вобастагии қавӣ дошт, Қорӣ-Ишкамба ҳам ба ин кор машғул шуда буд, ва дар таърихи иқтисодиёти Бухорои амирӣ як саҳифаи пурфоҷиаеро ташкил мекард, тасвир намуда ба ҷоҳои муносиби асар даровардам.

Дар вақти таҳрири ин парчаҳои нав қайд кардани рақобат ва зиддиятҳои байни судхӯрони шаҳр ва саҳроро, бо ҳамаи ин дар мавриди тороҷ кардани деҳқонони меҳнаткаш бо ҳам созиш карда аз як гиребон сар баровардани онҳоро фаромӯш накардам ва инчунин дар рафти воқеаҳои саҳро як шахси реалии намояндаи ҳукумати Бухороро иштирок кунонда дар тороҷи деҳқонон чӣ гуна ёрӣ додани онро, ҳатто дар вақти боло гирифтани зиддияти байни судхӯрон ба воситаи ӯ ба созиш омадани онҳоро нишон додам (ин шахс Мирзоҳӯҷа ном ноиби қозикалон аст, ки амалиёти идоравӣ ва аҳволи хусусии ӯро хуб медонистам).

Ниҳоят боз як воқеаи ҳақиқӣ — чӣ навъ ба тарзи пинҳонӣ аз судхӯр иштаком гирифтани деҳқонони бачонрасидаро тасвир намудам.

Умедворам, ки хонандагони мӯҳтарам дар бораи варианти аз нав коркардашудаи ин китоб мулоҳизаҳои худро баён хоҳанд кард.

*С. Айнӣ,*

Сентябри соли 1952. Самарқанд

Судхӯр аз пули худ нон шиканад, гар ба масал —
Шиша сандон шиканад, атола дандон шиканад.

## I

Ман дар солҳои 1312 ҳиҷрӣ[4], ки талабаи мадрасаҳои Бухоро ба шумор мерафтам, бе бошишгоҳ мондам ва дар Бухоро, ки тақрибан сад дар мадрасаи калон ва қариб ҳамин қадар мадрасаи хурд дошт, барои ман ҳуҷраи қобили истиқомате ба зудӣ ёфт нашуд. Зеро, ҳар чанд ҳамаи мадрасаҳои Бухоро расман вақф[5] буда, хариду фурӯши онҳо аз рӯи шариат раво набошад ҳам, дар замонҳои охир бо фатвои уламои дин, ки дар масъалаҳои динӣ ҳилаҳои шаръиро ба кор мебурданд, ҳамаи ҳуҷраҳои мадрасаҳо ба тарзи хариду фурӯш мулки хусусӣ шуда ба дасти одамони пулдор афтода буд ва талабаҳои фақир дар ҷои истиқомат ёфтан ба душвориҳо меафтоданд.

Дар ҳамон рӯзҳое, ки ман дар ҷустуҷӯи ҳуҷра будам, яке аз дӯстонам бо роҳи маслиҳат ба ман гуфт:

— «Қорӣ-Ишкамба» ном як кас ҳаст, ки чанд дар ҳуҷраи зархарид дорад, агар аз вай пурсӣ, шояд яке аз ҳуҷраҳояшро ба ту ба орият[1] бидиҳад.

[1] Орият — чизеро ба касе барои истифодаи муваққатӣ додан аст. Дар истилоҳи мадрасаҳои Бухоро талабагонеро, ки дар ҳуҷраи касони дигар зиндагӣ мекарданд, «ориятнишин» мегуфтанд.

Бо шунидани ин маслиҳати он дӯстам диққати ман аз ҳуҷра додан ё надодани он одам зиёдатар ба номи ӯ кашида шуд.

— «Қорӣ-Ишкамба»?

Дар ҳақиқат ҳам ин ном хеле ғалатӣ буд. Ман медонистам, ки халтаи меъдаи ҳайвонотро, ки дар он ҷо хӯроки хӯрдашуда ҷамъ мешавад, «ишкамба» меноманд. Аммо «ишкамба» номида шудани одамро дар умри худ нахустин бор шунида истода будам ва сабаб чӣ бошад, ки одамро «ишкамба» номидаанд?» гӯён дар дили худ тааҷҷуб мекардам ва ин тааҷҷубамро ба он дӯстам изҳор намуда аз вай эзоҳ пурсидам.

— Номи аслии он одам «Қорӣ Исмат» аст,— гуфт дӯстам дар ҷавоб,— лекин ишками он кас калон аст, шояд ба ҳамин муносибат бошад, дар вақтҳои аввал баъзе касон ӯро «Қорӣ Исмати Ишкам» гуфтаанд ва баъзе ширинкорон «Қорӣ Исмати Ишкамба» хитоб намудаанд ва рафта-рафта калимаи «Исмат»-ро партофта «Қорӣ-Ишкамба» гуфтаанду мондаанд ва чунон ки мегӯянд, «лақаб равшантар аз ном аст», номи аслии он шахс аз забонҳо афтода дар байни мардум бо унвони «Қорӣ-Ишкамба» шӯҳрат ёфтааст.

— Бояд аз касе, ки мардум ба ӯ лақаби «Ишкамба»-ро сазовор дидаанд, умеди хайре карда нашавад, — гуфтам ман ба дӯстам,— бо вуҷуди ин ту ӯро ба ман шиносо карда мон! Чӣ зарар дорад, «шавад обӣ, нашавад лалмӣ» гӯён ман аз вай ҳуҷра мепурсам. Агар ӯ ба ман ҳуҷра надиҳад ҳам, ман чӣ гуна будани «Ишкамба-одам»-ро дида мемонам. Худи ҳамин барои ман як фоидааст.

— Худам шахсан бо вай шинос нестам, ки туро шиносо кунам,— гуфт он дӯстам,— фақат кӣ будани ӯро медонам ва метавонам, ки дар яке аз кӯчаҳо ӯро ба ту нишон диҳам ва баъд аз он худат роҳ ёфта бо ӯ шинос шуда, аз вай ҳуҷра мепурсӣ.

Ман ба ин таклифи дӯстам розӣ шудам ва ба воситаи ӯ дар пайи ёфта дида, шинохтани Қорӣ-Ишкамба афтодам...

## II

Рӯзе аз рӯзҳо бо он дӯстам дар лаби ҳавзи Девонбегии шаҳри Бухоро, ки ягона сайронгоҳи он шаҳр буд, саёҳат карда мегаштем, ки ӯ якбора ба ҳаяҷон омада:

— Ана, Қорӣ-Ишкамба ҳамин одам аст!— гӯён касеро, ки ба як сартарошхона медаромад, ба ман нишон дод.

Ман танҳо пушти он одамро дида мондам ва чигунагии симою сураташро муайян карда натавонистам ва дар пеши худ қарор додам, ки то мӯйсари худро тарошонида баромадани он одам дар ҳамон ҷоҳо истода шаклу шамоилашро тамоман шинохта мегирам ва агар рост ояд, бо ӯ шинос шуда, аз вай ҳуҷра мепурсам.

Аммо дӯстам дар ин кор ба ман ҳамроҳӣ накард ва кореро сабаб нишон дода аз ман ҷудо шуда рафт ва ман рафта ба лаби суфачаи сартарошхонае, ки Қорӣ-Ишкамба он ҷо даромада буд, нишастам ва бе он, ки ба ӯ фаҳмонам, сару сурат ва тамоми қиёфаи ӯро аз назар гузаронидам:

Ӯ як одами миёнақади фарбеҳи ишкамкалони гарданкӯтоҳ буда, ғафсии гардан ва пуррагии сару рӯяш ҳам аз ғафсии шикамаш қариб фарқ надошт, агар риши калони ғулии монанди алафи гандадарав ба ҳам печидаашро, ки тамоми рӯяшро фурӯгирифта буд, тарошида мепартофтанд, сару тани ин одам дар як ҷо ба ишкамбаи холӣ карданашудаи шутур монандӣ пайдо мекард, ғояташ ин ки ин аз вай калонтар буд, монанди ҷуссаи шутури ба дарди хориш гирифторгардидаи мӯяш рехтагӣ сурхчатоб менамуд.

Баъд аз дидани ин гуна шаклу шамоили ин одам, дар дили ман гузашт: «шояд мардум на аз ҷиҳати калонии шикамаш, балки аз ҷиҳати он, ки баъд аз тарошидани ришаш тамоми баданаш ба як шикамбаи калон монандӣ пайдо мекард, ба ӯ ин лақабро муносиб дида бошанд.

Дуруст аст, ки шиками ин одам, аз шикамҳои одамони оддӣ аз ҳад зиёд калон буд, лекин ғафсии дигар ҷойҳои баданаш, ҳатто гардану рӯяш ҳам ба дараҷае

буд, ки он шиками калон дар пеши онҳо номаълум ва оддӣ шуда мемонд. Бинобар ин дар сабаби лақаби ин одам фикри охирии нависандаи ин сатрҳо ба ҳақиқат наздик менамуд.

Навбати мӯйсаргирӣ ба Қорӣ-Ишкамба расид ва сартарош покуи худро санг зада истода ба ӯ:

— Ба болои сандалича марҳамат кунед!— гуфт. Қорӣ-Ишкамба, аз ҷиҳати вазнинии баданаш ё ба сабаби ягон беморӣ, аз ҷояш базӯр бархост ва дасторашро аз сар гирифта хост, ки вайро ба сари мехи лунгиовезии сартарош монад. Аммо сартарош ба ин кор роҳ надод ва ҷолокона теғу сангро ба рафчаи пеши оина гузошта дудаста дасторро аз дасти Қорӣ-Ишкамба гирифта истода:

— Саллаи шумо қариб панҷсер[6] вазн дорад ва агар ба сари мех мемондед, мех мешикаст ва лӯнгиҳои ман ба замин ғалтида чиркин мешуданд,— гуфт бо оҳанги ҳазломез.

Дар ҳақиқат саллаи Қорӣ-Ишкамба бисьёр калон буда, аз дастори ҳар гуна муллоҳои саллакалон ду баробар меомад, бо вуҷуди ин вай он қадар вазн надошт, ки мехи лӯнгиовезиро шиканад. Шояд бар мехи лӯнгиовезӣ ба гузоштани он салла роҳ надодани сартарош барои он бошад, ки вай бисьёр чиркин буд ва ба болои лӯнгиҳои мӯйсаргирӣ истодани он саллаи чиркин сабаби нафрати мӯйсаргирони дигар мешуд.

— Хайрият ки ба хотири лӯнгиҳоятон дастори маро нигаҳдорӣ кардед,— гуфт Қорӣ-Ишкамба,— вагарна бо шикастани мех дар қатори лӯнгиҳои шумо саллаи ман ҳам ба замин афтода ба хок меҷӯлид, ки барои шуста тоза кардани он панҷ мисқол[7] собун сарф шуда ба ман зарари калон мерасид.

— Дастори шумо ба сабаби ба замин афтодан аз хок ҳеҷ зарар намедид,— гуфт сартарош, магар дер боз рӯи тағораи ҷомашӯиро надида будааст, ки аз хоки замини дӯкони ман чиркинтар менамояд.

Ҳақиқатан ҳам аз печҳои дастори Қорӣ-Ишкамба гӯё, ки дар вай дастмолҳои дегшӯиро печонда баста бошад, тасма-тасма чиркҳои равғанолуд намоён буд.

— Ин гуна дастори калонро ҳар ҳафта як бор ба тағораи чомашӯӣ андохта шустан мумкин нест,— гуфт Қорӣ-Ишкамба,— дар он сурат хонаи собун месӯхт.

— Чаро дасторро хурдтар намекунед, ки ҳам дока камтар равад ҳам шустанаш осонтар шуда собун камтар сарф шавад?— гӯён сартарош пурсид.

— Ин саллаи ман дастори «ертишгиру [1] тӯйхӯр» аст!— гуфт Қорӣ-Ишкамба дар ҷавоб,— вақте ки бо ин дастор ба сари дафни мурдае ҳозир мешавам, ба ҳар кас як газ ертиш диҳанд, ба ман ду газ медиҳанд ва инчунин дар тӯйҳо ҳам табақи сергӯшту равғани палав ба пеши ман меояд...

Сартарош чор даҳан гап зада як бор покуро ба санг зада охир теғро мувофиқи табъаш тез кард ва лӯнгиро ба гардани Қорӣ-Ишкамба баста истода ба сухан давом намуд:

— Албатта, касе, ки шуморо намешиносад, на ба ҷаноза хабар мекунад ва на ба тӯй, аммо он касоне, ки шуморо мешиносанд ва ба ҷанозаю тӯяшон хабар мекунанд, хоҳ дасторатон калон бошад, хоҳ хурд, ба шумо он муомиларо мекунанд, ки шуморо ба он муносиб медонанд. Ба фикри ман барои ин барзиёд сарф кардани дока бефоидааст.

— Шумо содда будед, бародар!— гуфт Қорӣ-Ишкамба ба сартарош,— агар ман ба ертиши мурдаҳое, ки ба ҷанозаи онҳо маро хабар мекунанд, қаноат карда мегаштам, пас пули мӯйсарро аз кучо ёфта ба шумо медодам? Ман ҳар рӯз намози пешинро дар хонақоҳи Девонбегӣ мехонам ва ба он ҷо ҳар мурдаеро, ки барои ҷанозахонӣ оварда бошанд, хоҳ шинос бошад, хоҳ бегона, баъд аз хондани ҷаноза ба сари қабраш меравам ва ба қадри насиба ертиш гирифта мегардам.

— Шумо ба мӯйсаргирӣ пули бисьёр сарф намекунед, ки барои ин дар ташвиш афтед,— гуфт сартарош, — ҳар кас дар як ҳафта ё даҳ рӯз мӯйсар гирад, шумо дар ду моҳ як бор мӯйсар мегиред ва музди дастро ҳам баробари нимаи музди дигарон дода мегурезед.

---

[1] Ертиш — порчаи суф ва ё чит, ки дар вақтҳои пеш дар ҳангоми дафни мурда ба тарзи садақа ба касоне, ки ба сари қабр ҷамъ омадаанд, дода мешуд.

буд, ки он шикамн калон дар пеши онҳо номаълум ва оддӣ шуда мемонд. Бинобар ин дар сабаби лақаби ин одам фикри охирин навнсандаи ин сатрҳо ба ҳақиқат наздик менамуд.

Навбати мӯйсаргирӣ ба Қорӣ-Ишкамба расид ва сартарош покуи худро санг зада истода ба ӯ:

— Ба болои сандалича марҳамат кунед!— гуфт. Қорӣ-Ишкамба, аз ҷиҳати вазнинии баданаш ё ба сабаби ягон бемориӣ, аз ҷояш базӯр бархост ва дасторашро аз сар гирифта хост, ки вайро ба сари мехи лунгиовезии сартарош монад. Аммо сартарош ба ин кор роҳ надод ва чолокона теғу сангро ба рафчаи пеши оина гузошта дудаста дасторро аз дасти Қорӣ-Ишкамба гирифта истода:

— Саллаи шумо қариб панҷсер[6] вазн дорад ва агар ба сари мех мемондед, мех мешикаст ва лӯнгиҳои ман ба замин ғалтида чиркин мешуданд,— гуфт бо оҳанги ҳазломез.

Дар ҳақиқат саллаи Қорӣ-Ишкамба бисьёр калон буда, аз дастори ҳар гуна муллоҳои саллакалон ду баробар меомад, бо вуҷуди ин вай он қадар вазн надошт, ки мехи лӯнгиовезиро шиканад. Шояд бар мехи лӯнгиовезӣ ба гузоштани он салла роҳ надодани сартарош барои он бошад, ки вай бисьёр чиркин буд ва ба болои лӯнгиҳои мӯйсаргирӣ истодани он саллаи чиркин сабаби нафрати мӯйсаргирони дигар мешуд.

— Хайрият ки ба хотири лӯнгиҳоятон дастори маро нигаҳдорӣ кардед,— гуфт Қорӣ-Ишкамба,— вагарна бо шикастани мех дар қатори лӯнгиҳои шумо саллаи ман ҳам ба замин афтода ба хок меҷӯлид, ки барои шуста тоза кардани он панҷ мисқол[7] собуи сарф шуда ба ман зарари калон мерасид.

— Дастори шумо ба сабаби ба замин афтодан аз хок ҳеҷ зарар намедид,— гуфт сартарош, магар дер боз рӯи тағораи ҷомашӯиро надида будааст, ки аз хоки замини дӯкони ман чиркинтар менамояд.

Ҳақиқатан ҳам аз печҳои дастори Қорӣ-Ишкамба гӯё, ки дар вай дастмолҳои дегшӯиро печонда баста бошад, тасма-тасма чиркҳои равғанолуд намоён буд.

— Ин гуна дастори калонро ҳар ҳафта як бор ба тағораи ҷомашӯйӣ андохта шустан мумкин нест,— гуфт Қорӣ-Ишкамба,— дар он сурат хонаи собун месӯхт.

— Чаро дасторро хурдтар намекунед, ки ҳам дока камтар равад у ҳам шустанаш осонтар шуда собун камтар сарф шавад?— гӯён сартарош пурсид.

— Ин саллаи ман дастори «ертишгиру[1] тӯйхӯр» аст!— гуфт Қорӣ-Ишкамба дар ҷавоб,— вақте ки бо ин дастор ба сари дафни мурдае ҳозир мешавам, ба ҳар кас як газ ертиш диҳанд, ба ман ду газ медиҳанд ва инчунин дар тӯйҳо ҳам табақи сергӯшту равғани палав ба пеши ман меояд...

Сартарош чор даҳан гап зада як бор покуро ба санг зада охир тегро мувофиқи табъаш тез кард ва лӯнгиро ба гардани Қорӣ-Ишкамба баста истода ба сухан давом намуд:

— Албатта, касе, ки шуморо намешиносад, на ба ҷаноза хабар мекунад ва на ба тӯй, аммо он касоне, ки шуморо мешиносанд ва ба ҷанозаю тӯяшон хабар мекунанд, хоҳ дасторатон калон бошад, хоҳ хурд, ба шумо он муомиларо мекунанд, ки шуморо ба он муносиб медонанд. Ба фикри ман барои ин барзиёд сарф кардани дока бефоидааст.

— Шумо содда будед, бародар!— гуфт Қорӣ-Ишкамба ба сартарош,— агар ман ба ертиши мурдаҳое, ки ба ҷанозаи онҳо маро хабар мекунанд, қаноат карда мегаштам, пас пули мӯйсарро аз куҷо ёфта ба шумо медодам? Ман ҳар рӯз намози пешинро дар хонақоҳи Девонбегӣ мехонам ва ба он ҷо ҳар мурдаеро, ки барои ҷанозахонӣ оварда бошанд, хоҳ шинос бошад, хоҳ бегона, баъд аз хондани ҷаноза ба сари қабраш меравам ва ба қадри насиба ертиш гирифта мегардам.

— Шумо ба мӯйсаргирӣ пули бисьёр сарф намекунед, ки барои ин дар ташвиш афтед,— гуфт сартарош,— ҳар кас дар як ҳафта ё даҳ рӯз мӯйсар гирад, шумо дар ду моҳ як бор мӯйсар мегиред ва музди дастро ҳам баробари нимаи музди дигарон дода мегурезед.

[1] Ертиш — порчаи суф ва ё чит, ки дар вактҳои пеш дар ҳангоми дафни мурда ба тарзи садақа ба касоне, ки ба сари қабр ҷамъ омадаанд, дода мешуд.

Ман аз ин сухани сартарош огоҳӣ ёфта ба сари Қорӣ-Ишкамба бо диққат назар андохта дидам, ки дар ҳақиқат мӯйсараш, монанди зиндониёни даври амирӣ баланд расида то пешонӣ ва буни гарданаш фуромадагӣ буда, торҳои мӯйсараш бо торҳои ришаш монанди тору пуди дар дастгоҳи бофандагӣ бофташуда ба ҳам печида буданд ва бар хилофи сарҳои оддӣ дар теппаи сараш ба қадри кафи даст як ҷои бемӯй ҳам менамуд.

Қорӣ-Ишкамба аз сухани охирини сартарош қадре ба ғазаб омада ва сари худро аз зери дасти ӯ, ки тар карда молиш медод, ба қафо кашид ва чашми худро ба чашми ӯ дӯхта истода гуфт:

— Ман хоҳ дар як ҳафта як бор мӯйсар гирам, хоҳ дар ду моҳ, ин кори ман аст ва ба шумо ҳеҷ дахл надорад. Мӯйсари ман хоҳ баланд бошад, хоҳ паст, шумо як бор теғ меронед ва барои мӯйсари баланд ду бор теғ намеронед, ки хизмати барзиёд карда бошед. Агар ман ба шумо нисбат ба дигарон камтар музд медода бошам, шумо ба шикоят кардан ҳақ надоред, зеро худатон дида истодаед, ки нимаи сари ман бемӯй аст ва шумо ба он ҷо ҳеҷ теғ намеронед, бинобар ин дар вақти музд гирифтан ҳамин нуқтаро ба назар гирифтанатон лозим аст.

Бояд барои паст кардани оташи ғазаби Қорӣ-Ишкамба бошад:

— Ман ҳазл кардам,— гуфт сартарош нармона,— вагарна музди хизмати маро хоҳ кам диҳед, хоҳ зиёд диҳед, ман аз шумо миннатдор шуда мегирам ва пули шуморо табаррук медонам...

Сартарош сари Қорӣ-Ишкамбаро тарошида шуд ва лунгиро аз гардани ӯ кушода гирифта, ба қуттии мӯйсардон афшонда, хост ки дубора ба гардани ӯ бандад, то ки дубора тар карда чиркҳои таги мӯйсарро тарошида гирад, аммо Қорӣ-Ишкамба ба ин кор роҳ надод:

— Дубора тарошидан лозим нест,— гуфт ӯ— мӯйлабамро кӯтоҳ кунед, кифоя аст, вақти барзиёд надорам.

— Магар ба ягон ҷаноза нигаронед?— гуфта пурсид сартарош.

— Не!— гуфт Қорӣ-Ишкамба — агар ҷанозае вохӯрад, дар ҳамин ҷо — дар саҳни хонақоҳ дар соати дувоздаҳ вомехӯрад,— ва ба соати девории сартарошхона нигоҳ карда илова намуд,— Ҳоло соат даҳ аст.

— Пас чӣ гуна кори зарур доред?— сартарош пурсид ва ҳазломезона боз суол дод, — магар ба ягон тӯй ногуфт рафтан мехоҳед?

— Ҳамин вақт вақти чойнӯшии чоштгоҳии ходимони банк аст. Агар дер монам аз ҷои серқанди ройгон маҳрум мешавам...

Ман аз ҳамаи ин гуфтугузорҳо чизе нафаҳмида дар ҳайрат будам ва дар дили худ фикр мекардам: «Агар ин одам чанд ҳуҷраи зархарид дошта бошад, пас чаро зиндагонии худро, ҳатто пули мӯйсарашро ба болои ертиши мурдагон мондааст, ки ин кори гадоёни бекасукӯй аст, на пешаи одами сарватманди чандҳуҷрадор? Агар ин одам дар ҳақиқат гадои бекасукӯй бошад, ӯро ба банк ва ходимони банк чӣ муносибат аст, ки ба сари ҷои чоштгоҳии онҳо расида рафтан мехоҳад? Дигар он ки чаро дӯсти ман маро барои ҳуҷра умедвор карда ба пеши ин гадои бекасукӯй фиристод, ё ин ки ӯ маро бозӣ додан мехост?.. Ва боз дар худ меандешидам: «агар дӯстам маро бозӣ додан хоста бошад ҳам зарар надорад, чунки ин одам одами бисьёр аҷиб менамояд, ин одамро шинохтан ва ҳамаи кирдору гуфторҳои ӯро омӯхтан барои ман, ки табиатан кунҷков воқеъ шудаам, аз ҳуҷра ёфтан ҳам беҳтар аст. Дар ҳар ҳол ман ин одамро то охир таъқиб ва думболагирӣ хоҳам намуд. Ҳуҷра надоштани ӯ ё ба ман ҳуҷра надоданаш ба ин кори ман монеъ нахоҳад шуд. Ҳар чӣ бошад, масъалаи ҳуҷра барои ба даст даровардани ин мақсад ба ман як васила ва баҳона хоҳад шуд...»

Қорӣ-Ишкамба бо кӯтоҳ кардани мӯйлабаш ҳатто ба кушода гирифтани лӯнгӣ мунтазир нашуда аз ҷояш ҷаста бархост ва то аз гарданаш гирифтани лӯнгӣ дасторашро аз суфача гирифта ба сари худ гузошта шитобкорона аз дӯкони сартарош баромад.

— Қорӣ-амак, пули мӯйсар чӣ шуд?— гӯён сартарош аз пушташ овоз дод.

Қорӣ-Ишкамба, бе он ки аз роҳаш бозистад, ва сарашро ба тарафи сартарош гардонад:



211222

— Дар оянда пули ду мӯйсарро якҷоя медиҳам,— гӯён бо қадамҳои калон-калон дар як дақиқа аз пеши сартарошхона дур шуд ва дар он ҷо маро муяссар нашуд, ки масъалаи ҳуҷраро дар пеши ӯ монам ва ба ин муносибат бо ӯ шахсан шиносо шавам...

Баъд аз баромада рафтани Қорӣ-Ишкамба аз лаби ҳавзи Девонбегӣ, ман ҳам аз он ҷо рафтам ва бо умеди дар ягон ҷои дигар рост овардани ӯ ҳамон рӯз то бегоҳӣ раставу [8] бозорҳоро сарсариёна гаштам, аммо ба дидани ӯ комьёб нагардидам.

## III

Фардои он рӯзе, ки ман Қорӣ-Ишкамбаро дар сартарошхона дидам, пагоҳонӣ дар пайи ёфта дида шинос шудан бо ӯ ба кӯча баромадам: аввал лаби ҳавзи Девонбегиро гардиш карда баромадам ва аз он ҷо ба растаи баззозӣ, ки аз ҷануби хонақоҳ ва ҳавзи Девонбегӣ аз шарқ ба ғарб мерафт, гузашта он ҷоро ҳам то сесӯ бо диққат аз назар гузаронидам. Чун аз он ҷоҳо матлаби худро наёфтам, ба растаи чинифурӯшӣ, ки аз охири растаи баззозӣ сар шуда аз ҷануб ба шимол мерафт, гузаштам...

Дар растаи чинифурӯшӣ, ҳанӯз даҳ қадам дур нарафта, ба ногоҳ дидам, ки Қорӣ-Ишкамба ба сари дӯкони як чинифурӯш поҳои худро ба замин овезон карда бар лаби суфачаи пеши он дӯкон нишастааст ва ман ҳам қадре дуртар аз он дар он тарафи раста, ки муқобили ҷои нишасти ӯ ба шумор мерафт, бар суфачаи як дӯкони дарбаста нишастам ва монанди гурбае, ки мушро мепояд, бе он ки ба худи ӯ фаҳмонам, ҳаракатҳояшро дар зери назари диққат гирифтам.

Қорӣ-Ишкамба бо чинифурӯш чой менӯшид, дар ҳамин вақт як нонфурӯш, ки ба сараш як сабад ва ба дасташ як сабади дигар пури нон буд, «гарм, дастсӯз, обаш равған, ордаш шакар, нахӯрда намонед, ки дар ҳасрат мемонед!..» гӯён аз раста гузаштан гирифт.

Қорӣ-Ишкамба нонфурӯшро ҷеғ зада ба пеши худ оварда аз сабади рӯи дасти он ду нонро ҷудо карда

гирифта бе он, ки нархи онро пурсад ва бо нонфурӯш савдо кунад, онҳоро ба рӯи бодбезак, ки бо вай магасонро ронда нишаста буд, гузошт ва гӯё, ки пули нонҳоро медода бошад, дасташро ба ҷайбаш бурда баъд аз қадре кофтуков кардани кисааш дасташро холӣ бароварда дар ҳолате, ки нонҳоро шикаста барои хӯрдан омода мекард, ба чинифурӯш:

— Бародар пули майдаам набудааст, марҳамат карда шумо пули нонҳоро диҳед!— гӯён худ ба нонхӯрӣ сар кард.

Чинифурӯш як ба нон ва як ба Қорӣ-Ишкамба бо тааҷҷуб нигоҳ карда, оқибат аз нонфурӯш нархи нонҳояшро пурсида, паси сари худро хорон-хорон аз ғалладон[9] пул бароварду ба нонфурӯш дода ӯро гусел кард. Аммо Қорӣ-Ишкамба на ба чинифурӯш нигоҳ мекард ва на ба нонфурӯш, ӯ ду чашми худро бар рӯи бодбезак ба нонҳои шикаста дӯхта истода, бурдаҳои нонро дуқат ва сеқат карда ба лунҷи худ меандохт.

Чинифурӯш дид, ки ӯ нахӯрад ҳам аз он нонҳо ягон бурда боқӣ нахоҳад монд ва ҳар чанд Қорӣ-Ишкамба ӯро ба нонхӯрӣ таклиф накарда бошад ҳам, як луқма нонро ба даҳон андохта як пиёла чоеро, ки дар пешаш буд, ба нӯшидан сар кард.

Чинифурӯш пиёлаи чойро ҳанӯз холӣ накарда Қорӣ-Ишкамба даҳони худро аз нон чунон пур кард, ки акнун на нонро хоида метавонист ва на ҳарф зада ва ӯ дар ҳамин ҳолат, аз тарси он, ки чинифурӯш нони боқимондаро хӯрда намонад, як дасти худро ба бурдаи охирини нон, ки бар рӯи бодбезак буд, гузошта бо дасти дигараш ба чинифурӯш ишора кард, ки зудтар пиёларо холӣ карда ба ӯ чой кашида диҳад, то ки вай нонҳои нимхоидаи дар лунҷаш бударо бо ёрмандии чой фурӯ бурда тавонад.

Чинифурӯш чои нимсардшудаи пиёларо ба зудӣ нӯшида, ба он пиёла чой рехта, ба Қорӣ-Ишкамба дода бо табассуми истеҳзоомез нонхӯрӣ ва чойнӯшии ӯро тамошо карда истод.

Қорӣ-Ишкамба пиёларо ба даст гирифта аз ҷиҳати гармии чой пуф-пуфкунон кам-кам нӯшида даҳо-

ни худро қадре аз нон холӣ кард ва бо дасти дигараш, ки ҳанӯз бар рӯи нон буд, бурдаи охириро бардошта, ба даҳон андохту он бурдаро ҳанӯз тамом нахоида ва фурӯ набурда, пиёларо бо чои боқимондааш ба замин гузошта худ аз ҷой бархоста ба пеш равон шуд ва ман ҳам аз дунболи ӯ ба ҳаракат даромадам...

Қорӣ-Ишкамба ҳанӯз бист қадам роҳ нарафта дар назди сарои сандуқ дар пеши дӯкони як сандуқфурӯш нишаст ва ман, ки аз дунболи ӯ мерафтам ва дар рӯ ба рӯи дӯкони сандуқфурӯш ҷои муносибе наёфтам, ночор аз он ҷо гузашта, ба дуртар рафта нишастам.

Дар вақти гузаштанам аз пеши дӯкони сандуқфурӯш бо гӯшаи чашми худ дидам, ки соҳиби дӯкон дар дарунтари дӯкони худ нишаста ва чӯти ҳисобро монанди деворча рост гузошта ва дар паси вай қадом як чизи хӯрданиро монда аз назари роҳгузарон пинҳон карда мехӯрд. Аммо чашми тезбини зоғмонанди Қорӣ-Ишкамба он чизи хӯрданиро дида ба он ҷо нишастааст, ки фавран ба як пахлу ёзида ва дасти худро ба паси чӯт ёзонда дар хӯрдани он чизи «пинҳон кардашуда» ба соҳиби дӯкон шарик шуд.

Азбаски ҷои нишасти ман аз ҷои нишасти Қорӣ-Ишкамба дур буд, дар байни ӯ ва сандуқфурӯш чӣ гуфту гузор шуданро шунида натавонистам. Аммо бар гумон мекунам, ки дар байни онҳо гуфту шуниди барзиёд бояд нашуда бошад ва ҳамаи вақте ки Қорӣ-Ишкамба ба сари дӯкони он одам нишаст, бояд ба хӯрдани он чиз сарф шуда бошад, чунки бо тамом шудани он чизи хӯрданӣ, ки ин аз чӯтро аз миён бардошта ба як сӯ гузоштани соҳиби дӯкон маълум мешуд, Қорӣ-Ишкамба ҳам зуд аз ҷо бархоста ба роҳ даромад.

* * *

Қорӣ-Ишкамба ба як растачаи танги болопӯшида, ки аз ғарб ба шарқ дар байни растаи чинифурӯшӣ ва атторӣ воқеъ гардида тимча номида мешуд ва дар он ҷо тоқияву шоҳӣ мефурӯхтанд, даромад ва ман ҳам аз роҳ барғашта аз дунболи ӯ ба тимча даромада ҷолокона қадам гузошта ба вай расида гирифтам.

Қорӣ-Ишкамба дар тимча дар пеши дӯкони як тоқияфурӯш рост истода аз вай:

— Тоқияҳои маро фурӯхтед? — гуфта пурсид.

Ин суоли Қорӣ тааҷҷуби маро аз аввала зиёдтар кард, чунки шахси монанди гадоён аз мурдаҳои ношинос ертишгиранда, ба тӯйҳои нохонда рафта палавхӯранда ва дар айни замон ошнои наздики ходимони банк ҳоло дар пеши ман тоқиядӯз ё ин ки тоқиячаллоб шуда баромада буд. Бинобар ин ҳаваси ман ба шунидани гуфтугузори ӯ бо тоқияфурӯш зиёд шуда, ман ҳам дар он ҷо дар паҳлуи ӯ, аммо қадре пастар аз ӯ рост истодам.

— Не, ҳанӯз нафурӯхтаам! — тоқияфурӯш ба Қорӣ ҷавоб дод.

— Бояд фурӯхта бошед,— гуфт Қорӣ-Ишкамба ба ҷавоби тоқияфурӯш изҳори нобоварӣ карда,— лекин бояд мехоста бошед, ки пули онҳоро рӯзе чанд дар хариду фурӯши худ кор фармуда, ҷаллоина, ба манфиати худ фоидаи барзиёд ёбед!

— Қорӣ амак, шумо аҷаб одами нобовар мебошед,— гӯён тоқияфурӯш якрӯя шуда пуштнокӣ ҳам шуд ва ба зери пардае, ки дар пеши рафчаҳои дӯкон кашида шуда буд, даст дароварда аз он ҷо як даста тоқияи дарун ба дарун гузоштташударо баровард ва дар пеши назари Қорӣ-Ишкамба гузошта аз вай пурсид:

— Магар ҳаминҳо тоқияҳои шумо нестанд?

Баъд аз он ки Қорӣ-Ишкамба аз они худаш будани он тоқияҳоро тасдиқ кард, тоқияфурӯш дастаи тоқияҳоро қадре ба тарафи ӯ тела дода илова намуд:

— Бардоред, инҳоро гирифта баред! Маро тоқати он нест, ки ҳам ба шумо хизмат кунам ва ҳам тӯҳмат шунавам.

Қорӣ-Ишкамба шӯридани тоқияфурӯшро дида ба узргӯӣ даромад:

— Аввал ҳам ман сухани шуморо ва то ҳол ба фурӯш нарафтани тоқияҳоро бовар карда будам, лекин ҳазл карда будам, вале шумо ҳазлро ҷиддӣ дониста ба ғазаб омадед.

— Ман чаро ба ғазаб омада бошам, ман ин гуна ҳазлҳои ҷиддинамои шуморо акнун нашунавидаам,—

гуфт тоқияфурӯш дар ҳолате, ки аз шӯриш фуромада буд.

Қорӣ-Ишкамба паст шудани оташи ғазаби тоқияфурӯшро дида аз ӯ бо чоплусӣ ва хушомадгӯӣ аз роҳи дигар фоида бурдан хоста гуфт:

— Ҳазлро ба як тараф монем, ҷиддӣ мегӯям ки ман ҳамин рӯз ба пул эҳтиёҷи зиёд дорам, чӣ мешавад, ки ҳоҷатбарорӣ карда пули ҳамин тоқияҳоро ҳеҷ набошад нимаашро, ҳамин рӯз ба ман пешакӣ диҳед! Илоҳӣ саломат бошед! Дар ҳаққи фарзандонатон ҳам дуо мекунам.

— Ин суханатон ҳазл бошад ҳам, дуруст нею аз таги дил бошад ҳам!— гуфт тоқияфурӯш бо оҳанги ҷиддӣ.

— Чаро? — тааҷҷубкунон пурсид Қорӣ-Ишкамба.

— Охир, шумо аз ман хоҳиш карда будед, ки тоқияҳотонро ба харидорҳои беруна бо нархи яккафурӯшӣ — бо нархи баланд фурӯхта диҳам. Албатта, дар фурӯши дона-дона ва бо нархи баланд инҳо ба зудӣ фурӯш намешаванд ва дер мемонанд. Дар ин сурат ман як қисми сармояи худро ба моли шумо банд карда монам, аз куҷо пайдоъю пасандоз мекунам, хароҷоти рӯзгорамро ва иҷораи дӯконро аз куҷо ёфта мегирам ва ба ҳар сад тангаи қарзе, ки аз шумо дорам, бо кадом роҳ даромад карда, ҳар моҳ дуву ним танга фоида медиҳам...

Тоқияфурӯш қадре соқит монда ва нафасашро рост гирифта илова намуд:

— Биёед, шумо қарзатонро, ки ба гардани ман аст, як моҳ бефоида, ба сифати қарзи ҳасана монед ё ин ки тоқияҳотонро бо нархи яклухтфурӯшӣ (бо нархе, ки вофурӯшон аз дӯзандагон мехаранд) баҳо карда диҳед, дар он вақт ман ҳамаи пули тоқияҳотонро якҷоя нақд ба шумо медиҳам. Чӣ гуфтед, розӣ ҳастед?

— Не, ин кор ба ман баробар намеояд ва дар он вақт ман қариб чорьяки пули тоқияҳоро аз даст медиҳам,— гӯён Қорӣ-Ишкамба рафтан хост.

— Наравед, нишинед! Аз болои пули тоқияҳотон ба шумо як чойник чой дам карда диҳам,— гуфт тоқияфурӯш.

— Не, лозим нест, саломат бошед! Ман ҳозир ба банк рафта чой менӯшам,— гуфт Қорӣ-Ишкамба ва бо оҳанги шӯхӣ илова намуд — ба чое, ки аз болои пули тоқияҳои ман муҳайё мешуда бошад, на дандони шумо меғӯтад ва на дандони ман.

Вақте ки Қорӣ-Ишкамба рафтагор шуда аз пеши дӯкон ба роҳ даромад, ба ман, ки дар қафотари ӯ истода будам, чашми тоқияфурӯш афтода:

— Ба шумо чӣ даркор?— гуфта пурсид.

— Ба ман тоқия даркор,— гуфтам дар ҷавоби ӯ сухани дигаре наёфта.

Қорӣ-Ишкамба бо шунидани ин ҷавоби ман аз роҳаш бозгашта, ба тоқияфурӯш рӯ оварда: Ба ин кас аз тоқияҳои ман нишон диҳед! Шояд ягонтаашро дар пеши назари худ фурӯшонда пули нақд карда гирам. Ба худо, ки ба пул эҳтиёҷам зиёд аст.

Тоқияфурӯш дастаи тоқияҳои Қорӣ-Ишкамбаро ба дасти ман дода:

— Яке аз инҳоро хоста гиред!— гуфт.

Ман, ки дар ҳақиқат тоқия намехаридам, тақияҳоро бепарвоёна аз назар гузаронда яке аз онҳоро ба тоқияфурӯш нишон дода:

— Ҳамин чанд пул?— гуфта нарх пурсидам.

— Панҷ танга! — гуфт тоқияфурӯш.

— Ду танга,— гуфтам ман дастаи тоқияҳоро ба фурӯшанда гардонда дода истода ва дар дили худ «агар фурӯшанда розӣ шавад, бо чӣ баҳона ин байъро мегардонам» гуфта меандешидам ва баҳонаи маъқуле наёфта, аз бими шармандагии оянда аз сару рӯям арақ мерехт.

— Инсоф кунед, додар!— гуфт Қорӣ-Ишкамба ба ман нигоҳ карда,— охир масолеҳе, ки ба ҳар қадоми онҳо сарф шудааст, аз чор танга зиёдтар меистад, ба болои ин музди дӯхт ҳам ҳаст. Хуб, биёед, зиёдатии қимати масолеҳро ва музди дӯхтро ба шумо гузашт кунем. Шумо чор танга диҳед!

Ман ба ин суханони Қорӣ-Ишкамба чизе нагуфтам ва гӯё, ки сухани ӯро ношунида бошам, худро ба нофаҳмӣ задам.

Фурӯшандаи таҷрибакор, ки ҷиддӣ ё булҳавас будани харидорро аз чашмони ӯ мефаҳмид, харидори барду-



۲

آ

من در سالهای ۱۳۱۲ هجری که طلبهٔ مدرسه‌های بخارا بقدر
میرفتم بی بانشگاه ماندم و در بخارا که تقریباً صد باب مدرسهٔ کلان
و قریب همین قدر مدرسهٔ خورد داشت برای من حجرهٔ قابل سکنا مفت
بدر و می یافت نشد. زیرا هرچند که مدرسه‌های بخارا رسماً وقف بوده
خرید و فروش آنها از روی شریعت روا نباشد هم در زمانهای آخر
با فتوای علما و دیگر که در مسئله‌های دینی حیله‌های شرعی را یاد
میدادند حجرهای مدرسه‌ها بطرز خرید و فروش ملک خصوصی
شده بدست آدمان پولدار افتاده بود و طلبه‌های فقیر در جای
استقامت یافتن به دشواری گرفتار میشدند.

در همان وقتها که من در جستجوی حجره بودم یکی از دوستانم
بازه مصلحت می گفت:

— «قاری اشکمبه» نام یک کس هست که چند در حجرهٔ
زر خرید دارد. اگر از وی پرسی شاید یکی از حجره‌هایش را بتو هم عاریتی[1]
بدهد.

با شنیدن این مصلحت آن دوستم در وقت گذرانیدن حجره داری، یا ندادن

[1] عاریت — چیزی را بکسی برای استفادهٔ موقتی دادن است. در اصطلاح
مدرسه‌های بخارا طلبه‌ها آنرا که در حجرهٔ کسان دیگر زندگی میکردند
«عاریت نشین» میگفتند.

Намунаи дастхати муаллиф аз «Марги судхӯр».

ва белчаро аз дасти ӯ гирифта ба вай боз як белгулканд дод.

Аттор шояд маро ҳамроҳи Қорӣ-Ишкамба гумон карда бошад, ки ба ман чизе нагуфт ва аз ман чизе напурсид. Аммо Қорӣ-Ишкамба, ки ба ман аз вақти дар пеши дӯкони аттор дар паҳлуяш истоданам сар карда шубҳаомезона нигоҳ мекард, дар вақти гулқанд дуйӯмро хоида истоданаш боз ба ман як нигоҳи тези кунчковона карда:

— Додар! Шумо, магар, ба ман кор доред?— гуфта пурсид.

Ман ба ҷои он, ки дар ҷавоби ӯ «бале, ба шумо кор-дорам гӯям» ва барои изҳори матлаби худ аз вай ҷои хилват талаб кунам ва агар ӯ мақсади маро шунидан хоҳад, масъалаи ҳуҷраро ба пеши ӯ монам, ҷавобро, ки дар суоли «ба шумо чӣ даркор?» гуфтани аттор тайёр карда монда будам, ба ӯ дода:

— Ба ман мурч даркор!— гуфтам.

Албатта, ин ҷавоби ман ба суоли Қорӣ бисьёр бемуносибат афтод ва медидам, ки ӯ маро масхара дошта зери лаб механдид ва ман аз ғояти саросемагӣ даст ба ҷайб зздам, то ки қадре пул бароварда, мурч харида аз он вартаи шармандагӣ зудтар гурезам. Аммо аз бадии толеам ҳамон вақт дар кисаам ягон пул ҳам набудааст, аз ин ҳол сурх шуда, сафед шуда ва дар зери обу араќи хиҷолат монда ба аттор нигоҳ карда:

— Ҳоло пулам набудааст. Ман рафта пул оварда баъд аз мурчатон мехарам,— гӯён аз сари дӯкони дур шудам ва дар вақти аз пеши дӯкони аттор рафта истоданам чашмам ба Қорӣ-Ишкамба афтод: ӯ ба аттор нигоҳ карда лаби зеринашро бар рӯи лаби болоияш кашида ва бо сараш ба тарафи ман ишора карда, намедонам, дар хусуси ман чӣ чизро ба ӯ фаҳмондан мехост.

* * *

Он рӯз ҳам шикори ман барор нагирифт, на танҳо барор нагирифт, ҳатто дар оянда ҳам роҳи дунболагирии он шикор ба ман баста шуд: чунки ман дар

пеши Қорӣ-Ишкамба шарманда шуда будам ва дурӯғ будани мурчхарии ман ба ӯ чун офтоб равшан шуда буд, ҳатто бо қиёси «мурчхариам» дурӯғ будани тоқияхариам ҳам ба ӯ ошкор гардида буд. Ман дигар дар кӯчаҳо аз паси ӯ гашта барои шинос шудан бо вай фурсатҷӯӣ карда наметавонистам.

Ба ман бисьёр алам мекард, ки ин ҳама нобарории кор аз бетадбирии худам рӯй дода буд, агар ман дар ҷавоби «додар, шумо ба ман кор доред?» гуфтани Қорӣ-Ишкамба «бале, ба шумо кор дорам!» мегуфтам ва илова менамудам, ки «барои арз карданн муддаоям ба шумо, як ҷои хилват даркор аст», он ҳама таъқиб кардани ман ӯро ба назари ӯ табиӣ менамуд ва, албатта, ӯ маро ба гӯшае бурда матлабамро мепурсид ва ман масъалаи ҳуҷраро ба миён меовардам. Дар он сурат агар ҳуҷра ба даст надароянд ҳам, шиносоӣ ба даст медаромад ва дар оянда роҳи омӯхтани аҳволи ин одами аҷиб, ки диққати табиати кунҷкови маро ба тарафи худ сахт кашида буд, ба ман кушода мегардид ва ин барои ман аз ҳуҷра ҳам муҳимтар буд.

Акнун пушаймонӣ суд надошт ва «афсӯсу дареғ» фоида намебахшид, чунки тир аз камон бархато ҷаста ва мурғи матлаб аз дом раста буд.

Бо ҳамаи ин дилам намехост аз шиносо шудан бо ин одам ва омӯхтани ӯ умедамро тамом кунам ва барои ёфтани роҳи умедворӣ фикр мекардам, оқибат дар хаёлам чораи зеринро маъқул намудам: «Бо пурсуков унвон ва нишони хонаи ӯро меёбам ва дар як вақти муносиб рост ба хонааш ба пеши ӯ меравам, дар назди ӯ дурӯғ будани тоқияхарӣ ва мурчхариамро рӯирост иқрор мекунам ва аз дунболагириам мақсади аслӣ ҳуҷраталабӣ буданро ба ӯ мефаҳмонам ва бо ҳамин аз шармандагие, ки дар пеши ӯ ба ман рӯй дод, тамоман халосӣ меёбам ва дар ҳамин замин роҳи шиносоӣ ва омӯзиш ҳам кушода мешавад...»

Он шабро бо фикру хаёл бедор гузаронидам ва дар вақти саҳар бо ёфтани чораи охирин қадре осуда шуда хобам бурд...

## IV

Рӯзи дигар ман бо умеди ёфтани хонаи Қорӣ-Ишкамба ба кӯча баромадам ва Чорсӯи шаҳри Бухороро гардиш карда бо растаи чойфурӯшӣ, ки аз тарафи шимоли хонақоҳи Девонбегӣ дар байни мадрасаи Кӯкалтош [10] ва масчиди Мағоқ кашида шуда буд, раҳсипор гардидам.

Дар миёначои растаи чойфурӯшӣ дар тарафи чануби кӯча, дар рӯ ба рӯи паскӯчаи бозори ангишт «Чаннатмаконӣ» ном як сарой бино ёфта буд. Дар ду паҳлуи даромадгоҳи ин сарой, беруи аз дарвозааш ду суфачаи баланд воқеъ шуда буд. Бар рӯи яке аз ин суфачаҳо Раҳими Қанд ном як кас лаълии қандфурӯшиашро дар пеши худ ниҳода менишаст. Суфачаи дигари ин сарой холӣ буда, ман гоҳ-гоҳ бар рӯи вай нишаста бо қандфурӯши мазкур сӯҳбат мекардам. Чунки вай як одами бисьёр ачиб буда суханҳояш бағоят завқовар буданд ва гӯш кардани ҳикоя ва саргузаштҳои вай маро бисьёр хуш меомад.

Чун дар ин чо номи Раҳими Қанд зикр ёфт, лозим аст, ки бар болои баёни аҳволи ӯ кадре истода гузарам, то ки хонандагонро бо ин одам каме ҳам бошад, шиносо кунам:

Таваллудгоҳи ин одам дар деҳаи Фоиқи тумани Шофиркоми Бухоро буда, дар шаҳри Бухоро нашъунамо ва касбу камол ёфта, мусиқиро омӯхтааст ва ӯ аз асбобҳои мусиқӣ танбӯр менавохт, аммо суруд намехонд. Ин одам табиатан бисьёр бечора буда, аз молу ашьёи дуньёӣ ҳам чизе надошт ва бисьёр фақирона зиндагонӣ мекард.

Ӯ дар пешаи худ маҳорати бисьёр баланд надошт ва ба болои ин монанди баъзе мусиқичиёни он замон мачлисоро, суханвар, ширинкор ва хушомадгӯй ҳам набуд. Бинобар ин ӯро одамони сарватманд дар тӯйҳо ва меҳмондориҳои пуртантанаи худ даъват намекарданд. Азбаски харидораш кам ва бозораш касод буд, ҳар кас ӯро барои базме даъват кунад, дар як шаб ба ду танга музд, ки баробари 30 тин аст, розӣ мешуд.

Азбаски нархи танбӯрнавозии ӯ назар ба навозанда ва хонандагони дигар хеле арзон буд, муллоба-

й ва белчаро аз дасти ӯ гирифта ба вай боз як бел-
а гулқанд дод.

Аттор шояд маро ҳамроҳи Қорӣ-Ишкамба гумон
арда бошад, ки ба ман чизе нагуфт ва аз ман чизе
апурсид. Аммо Қорӣ-Ишкамба, ки ба ман аз вақти
ар пеши дӯкони аттор дар паҳлуяш истоданам сар
арда шубҳаомезона нигоҳ мекард, дар вақти гулқан-
и дуйӯмро хоида истоданаш боз ба ман як нигоҳи
ези кунҷковона карда:

— Додар! Шумо, магар, ба ман кор доред?— гуф-
а пурсид.

Ман ба ҷои он, ки дар ҷавоби ӯ «бале, ба шумо
ор дорам гӯям» ва барои изҳори матлаби худ аз вай
ои хилват талаб кунам ва агар ӯ мақсади маро шу-
идан хоҳад, масъалаи ҳуҷраро ба пеши ӯ монам, ҷаво-
еро, ки дар суоли «ба шумо чӣ даркор?» гуфтани ат-
ор тайёр карда монда будам, ба ӯ дода:

— Ба ман мурч даркор!— гуфтам.

Албатта, ин ҷавоби ман ба суоли Қорӣ бисьёр бе-
муносибат афтод ва медидам, ки ӯ маро масхара дош-
а зери лаб механдид ва ман аз ғояти саросемагӣ
аст ба ҷайб задам, то ки қадре пул бароварда, мур-
е харида аз он вартаи шармандагӣ зудтар гурезам.
Аммо аз бадии толеам ҳамон вақт дар кисаам ягон
ул ҳам набудааст, аз ин ҳол сурх шуда, сафед шу-
а ва дар зери обу араҳи хиҷолат монда ба аттор
игоҳ карда:

— Ҳоло пулам набудааст. Ман рафта пул оварда
аъд аз мурчатон мехарам,— гӯён аз сари дӯкони
дур шудам ва дар вақти аз пеши дӯкони аттор раф-
а истоданам чашмам ба Қорӣ-Ишкамба афтод: ӯ
а аттор нигоҳ карда лаби зеринашро бар рӯи лаби
олоияш кашида ва бо сараш ба тарафи ман ишора
арда, намедонам, дар хусуси ман чӣ чизро ба ӯ
аҳмондан мехост.

* * *

Он рӯз ҳам шикори ман барор нагирифт, на тан-
о барор нагирифт, ҳатто дар оянда ҳам роҳи дунбо-
агирии он шикор ба ман баста шуд: чунки ман дар

дй ва белчаро аз дасти ӯ гирифта ба вай боз як белча гулқанд дод.

Аттор шояд маро ҳамроҳи Қорӣ-Ишкамба гумон карда бошад, ки ба ман чизе нагуфт ва аз ман чизе напурсид. Аммо Қорӣ-Ишкамба, ки ба ман аз вақти дар пеши дӯкони аттор дар паҳлуяш истоданам сар карда шубҳаомезона нигоҳ мекард, дар вақти гулқанди дуйӯмро хоида истоданаш боз ба ман як нигоҳи тези кунҷковона карда:

— Додар! Шумо, магар, ба ман кор доред?— гуфта пурсид.

Ман ба ҷои он, ки дар ҷавоби ӯ «бале, ба шумо кор дорам гӯям» ва барои изҳори матлаби худ аз вай ҷои хилват талаб кунам ва агар ӯ мақсади маро шунидан хоҳад, масъалаи ҳуҷраро ба пеши ӯ монам, ҷаваберо, ки дар суоли «ба шумо чӣ даркор?» гуфтани аттор тайёр карда монда будам, ба ӯ дода:

— Ба ман мурч даркор!— гуфтам.

Албатта, ин ҷавоби ман ба суоли Қорӣ бисьёр бемуносибат афтод ва медидам, ки ӯ маро масхара дошта зери лаб механдид ва ман аз ғояти саросемагӣ даст ба ҷайб задам, то ки қадре пул бароварда, мурче харида аз он вартаи шармандагӣ зудтар гурезам. Аммо аз бадии толеам ҳамон вақт дар кисаам ягон пул ҳам набудааст, аз ин ҳол сурх шуда, сафед шуда ва дар зери обу араки хиҷолат монда ба аттор нигоҳ карда:

— Ҳоло пулам набудааст. Ман рафта пул оварда баъд аз мурчатон мехарам,— гӯён аз сари дӯкони ӯ дур шудам ва дар вақти аз пеши дӯкони аттор рафта истоданам чашмам ба Қорӣ-Ишкамба афтод: ӯ ба аттор нигоҳ карда лаби зеринашро бар рӯи лаби болоияш кашида ва бо сараш ба тарафи ман ишора карда, намедонам, дар хусуси ман чӣ чизро ба ӯ фаҳмондан мехост.

* * *

Он рӯз ҳам шикори ман барор нагирифт, на танҳо барор нагирифт, ҳатто дар оянда ҳам роҳи дунболагирии он шикор ба ман баста шуд: чунки ман дар

пеши Қорӣ-Ишкамба шарманда шуда будам ва дурӯғ будани мурчхарии ман ба ӯ чун офтоб равшан шуда буд, ҳатто бо қиёси «мурчхариам» дурӯғ будани тоқияхариам ҳам ба ӯ ошкор гардида буд. Ман дигар дар кӯчаҳо аз паси ӯ гашта барои шинос шудан бо вай фурсатҷӯӣ карда наметавонистам.

Ба ман бисьёр алам мекард, ки ин ҳама нобарории кор аз бетадбирии худам рӯй дода буд, агар ман дар ҷавоби «додар, шумо ба ман кор доред?» гуфтани Қорӣ-Ишкамба «бале, ба шумо кор дорам!» мегуфтам ва илова менамудам, ки «барои арз кардани муддаоям ба шумо, як ҷои хилват даркор аст», он ҳама таъқиб кардани ман ӯро ба назари ӯ табиӣ менамуд ва, албатта, ӯ маро ба гӯшае бурда матлабамро мепурсид ва ман масъалаи ҳуҷраро ба миён меовардам. Дар он сурат агар ҳуҷра ба даст надарояд ҳам, шиносоӣ ба даст медаромад ва дар оянда роҳи омӯхтани аҳволи ин одами аҷиб, ки диққати табиати кунҷкови маро ба тарафи худ сахт кашида буд, ба ман кушода мегардид ва ин барои ман аз ҳуҷра ҳам муҳимтар буд.

Акнун пушаймонӣ суд надошт ва «афсӯсу дареғ» фоида намебахшид, чунки тир аз камон бархато ҷаста ва мурғи матлаб аз дом раста буд.

Бо ҳамаи ин дилам намехост аз шиносо шудан бо ин одам ва омӯхтани ӯ умедамро тамом кунам ва барои ёфтани роҳи умедворӣ фикр мекардам, оқибат дар хаёлам чораи зеринро маъқул намудам: «Бо пурсуков унвон ва нишони хонаи ӯро мееёбам ва дар як вақти муносиб рост ба хонааш ба пеши ӯ меравам, дар назди ӯ дурӯғ будани тоқияхарӣ ва мурчхариамро рӯирост иқрор мекунам ва аз дунболагириам мақсади аслӣ ҳуҷраталабӣ буданро ба ӯ мефаҳмонам ва бо ҳамин аз шармандагие, ки дар пеши ӯ ба ман рӯй дод, тамоман халосӣ мееёбам ва дар ҳамин замин роҳи шиносоӣ ва омӯзиш ҳам кушода мешавад...»

Он шабро бо фикру хаёл бедор гузаронидам ва дар вақти саҳар бо ёфтани чораи охирин қадре осуда шуда хобам бурд...

## IV

Рӯзи дигар ман бо умеди ёфтани хонаи Қорӣ-Ишкамба ба кӯча баромадам ва Чорсӯи шаҳри Бухороро гардиш карда бо растаи чойфурӯшӣ, ки аз тарафи шимоли хонақоҳи Девонбегӣ дар байни мадрасаи Кӯкалтош[10] ва масчиди Мағоқ кашида шуда буд, раҳсипор гардидам.

Дар миёначои растаи чойфурӯшӣ дар тарафи ҷанубй кӯча, дар рӯ ба рӯи паскӯчаи бозори ангишт «Ҷаннатмаконӣ» ном як сарой бино ёфта буд. Дар ду паҳлуи даромадгоҳи ин сарой, берун аз дарвозааш ду суфачаи баланд воқеъ шуда буд. Бар рӯи яке аз ин суфачаҳо Раҳими Қанд ном як кас лаълии қандфурӯшиашро дар пеши худ ниҳода менишаст. Суфачаи дигари ин сарой холӣ буда, ман гоҳ-гоҳ бар рӯи вай нишаста бо қандфурӯши мазкур сӯҳбат мекардам. Чунки вай як одами бисьёр аҷиб буда суханҳояш бағоят завқовар буданд ва гӯш кардани ҳикоя ва саргузаштҳои вай маро бисьёр хуш меомад.

Чун дар ин ҷо номи Раҳими Қанд зикр ёфт, лозим аст, ки бар болои баёни аҳволи ӯ қадре истода гузарам, то ки хонандагонро бо ин одам каме ҳам бошад, шиносо кунам:

Таваллудгоҳи ин одам дар деҳаи Фоиқи тумани Шофиркоми Бухоро буда, дар шаҳри Бухоро нашъунамо ва касбу камол ёфта, мусиқиро омӯхтааст ва ӯ аз асбобҳои мусиқӣ танбӯр менавохт, аммо суруд намехонд. Ин одам табиатан бисьёр бечора буда, аз молу ашьёи дуньёй ҳам чизе надошт ва бисьёр фақирона зиндагонӣ мекард.

Ӯ дар пешаи худ маҳорати бисьёр баланд надошт ва ба болои ин монанди баъзе мусиқичиёни он замон маҷлисоро, суханвар, ширинкор ва хушомадгӯй ҳам набуд. Бинобар ин ӯро одамони сарватманд дар тӯйҳо ва меҳмондориҳои пуртантанаи худ даъват намекарданд. Азбаски харидораш кам ва бозораш касод буд, ҳар кас ӯро барои базме даъват кунад, дар як шаб ба ду танга музд, ки баробари 30 тин аст, розӣ мешуд.

Азбаски нархи танбӯрнавозии ӯ назар ба навозанда ва хонандагони дигар хеле арзон буд, муллоба-

чагон — талабагони мадраса дар ичтимоона — дар базмҳои ҷамъиятӣ ва шабнишиниҳои худ бештарин ҳамин одамро даъват карда мебурданд. Ман ҳам бо ин кас дар ҳамин гуна ичтимоонаҳо шинос шуда будам.

Гоҳо муллобачагон дар базмҳо ва шабнишиниҳои худ ин одами бечораи беозорро бисьёр озор медоданд ва ба ӯ шӯхиҳои ваҳшиёнаи азобовар мекарданд. Чунончи, боре шарикдарсони ман, ки аз сад нафар зиёда буданд, барои сар кардани дарси нав аз байни худ 1500 танга ҷамъ карда, 1400 тангаи ин маблағро дар дарсхонаи устоди худ бо номи ифтитоҳона[11] сарф намуданд ва бо 100 тангаи боқимонда хостанд, ки ичтимоона ташкил диҳанд ва дар он шабнишинӣ танбӯрнавозеро даъват намоянд.

Шарикон дар он маҷлис маблағи мазкурро сарф намуда барои худ ва меҳмонони худ зиёфати миёнаҳолонае тартиб доданд ва танбӯрнавози ин шабнишинӣ Раҳими Қанд буд ва вазифаи ғазалхонии ин базмро сурудхонони ҳавасгор, ки бо истилоҳи мадраса онҳоро «савтӣ» мегуфтанд ва онҳо аз байни талабагон ба тарзи худомӯзӣ расида баромада буданд, адо мекарданд.

Базм сар шуд, Раҳими Қанд танбӯрнавозӣ мекард ва талабагони ҳавасгор суруд мехонданд. Азбаски дар байни шарикон хушовозон бисьёр буданд ва онҳо бо навбат мувофиқи нағмае, ки Раҳими Қанд менавохт, ғазалхонӣ мекарданд, он қадар монда намешуданд. Аммо Раҳими Қанд, ки ягона навозанда буд ва то нимаи шаб бе ист ва бе дамгирӣ танбӯрнавозӣ кард, дигар ёрои ба тор нохун заданаш намонд ва вақте ки ӯро боз ба навохтан водор кардан хостанд:

— Агар кушетон ҳам дигар наменавозам,— гуфт бо оҳанги қатъӣ.

— Ҳоло ҳамин тавр аст?— гуфт Амини Муш ном яке аз талабагон, ки аз сурудхонон буд.

— Ҳамин тавр аст, дигар наменавозам! — гӯён матлаби худро такрор ва таъкид кард Раҳими Қанд.

— Шарикон, хезед, «хармурд» мекунем! — гуфта Амини Муш ба аҳли маҷлис хитоб кард ва худ рафта Раҳими Қандро бар рӯи хона ғелонда пахш

кард ва чанд нафар талабагони авбош рафта ба Амини Муш ёрӣ дода, ба ӯ ҳамроҳӣ карданд: онҳо танбӯрнавозро зер карда мушткӯбӣ кардан гирифтанд.

Раҳими Қанди бечора аввал «оҳу вой!» гӯён фарьёд мекашид ва баъд аз он ба гирьяву зорӣ даромад ва оқибат боз навохтанро ба гардан гирифта аз ин зарбу лати вахшиёна раҳоӣ ёфт.

Раҳими Қанд баъд аз «хармурд» бо чашмони гирьён ва панҷаҳои ларзон боз қадре торҳои танбӯрро «тинг-тинг» кунонид, аммо ин садо аз садои танбӯр зиёдатар ба ғингоси магасе, ки дар торҳои тортанак дармондааст, монанд буд...

Дар ин вақт оши охирини зиёфат, ки палав буд, тайёр шуд ва табақҳои таом дар пеши меҳмонон ва шарикон қатор шуданд. Раҳими Қанд ҳам бе рухсати касе аз танбӯрнавозии маҷбурӣ халосӣ ёфт, чунки шарикон хӯрдани палавро аз шунидани танбӯр муҳимтар медонистанд.

Вақте ки маҷлиси зиёфат ба поён расида аҳли маҷлис пароканда мешуданд, ташкилкунандагони ин шабнишинӣ ба Раҳими Қанд ду танга барои музди хизматаш, якта нон ва як коса ош ҳам барои бурдан ба бачагонаш ба тарзи инъом доданд.

Раҳими Қанд аз ин инъоми талабагон, ки ҳеҷ ба он нигарон набуд, бисьёр хурсанд шуда:

— Илоҳи ҳамаатон мударрис шавед, муфтӣ шавед, аълам шавед, охун шавед, раис шавед, қозӣ ва қозикалон шавед!..— гӯён дуо кард.

— Барои ба ин мансабҳо расидани ҳамаи моён,— гуфт яке аз талабагон,— бояд ҳамаи қозиён, раисон ва дигар муллоёни мансабдори имрӯза ё бимиранд ва ё бекор шаванд. Агар ин дуои туро, ки дар ҳаққи муллоҳои мансабдори имрӯза дар ҳақиқат дуои бад аст, онҳо шунаванд, туро «хармурд» карда мекушанд.

— Майлашон,— гуфт Раҳими Қанд дар ҳолате, ки лабонаш бар хилофи одати муқаррариаш ба табассум моил шуда буданд,— агар баъд аз «хармурд» кардан якто нон ва як коса ош диҳанд, кушанд ҳам зарар надорад.

* * *

Зиндагонии Раҳими Қанд хеле танг буд, албатта, бо ду танга даромад, ки вай ҳам ҳар рӯз ба даст намедаромад, бо якто нон ва як коса ош, ки онҳо ҳам ба тарзи тасодуфӣ аз тӯйҳо ва зиёфатҳои калон дар ҳафтаҳо ва моҳҳо ба тарзи «инъом» меомаданд, як ошларо сер кардан мумкин набуд. Агар ӯ ба пешаи дигаре машғулӣ кардан хоҳад, ҳунари дигаре надошт ва барои харидуфурӯш сармоя надошт. Ночор ӯ қандфурӯшии дастакиро барои худ даромади иловагӣ қарор дода буд, ки ҳамаи сармояаш дар ин кор қадре қанд, конфет ва оби дандон буд, ки ҳамагӣ аз панҷ танга зиёдтар қимат надоштанд.

Қандро шикаста майда карда, ба ҳар кадоми лӯидаҳои калонтараш ду пул[illegible] ва ба резатараш як пул баҳо монда, ба як тарафи лаълӣ мечид ва ба тарафи дигари лаълӣ конфетҳои арзонбаҳо ва обидандонҳоро, ки аз лойшакар сохта мешуданд рехта ба ҳар кадоми онҳо ҳам якпулӣ ё дупулӣ нарх мемонд ва ҳамин лаълии «оростаи худ»-ро ҳар пагоҳ бардошта омада бар рӯи суфаи сарои Ҷаннатмаконӣ менишаст ва ба толибонаш мефурӯхт ва харидорони ӯ бештарин бачагони кӯчагард буданд.

Мардуми Бухоро ҳамин касби Раҳими танбӯриро ба назар гирифта ва ба номи ӯ калимаи «Қанд»-ро илова карда, ӯро «Раҳими Қанд» мегуфтанд.

Ман гоҳо аз «молҳои тиҷорати Раҳим» ба ду пул қанд ё конфет харида, ба даҳон андохта, бар суфачаи дигар мақилда менишастам. Ин харидҳи ман аз ҷиҳати эҳтиёҷам ба ширинӣ набуда, балки барои шунидани суханони ба мазоҳи ман аз қанд ҳам гуворотари ӯ буд. Чунки ӯ бо ин хариди ночизи ман хурсанд шуда ба сухан медаромад.

Ҳикояҳои Раҳими Қанд бештарин аз саргузашт ва ёддоштҳои худаш, аз аҳволи худаш ва аз дида ё шунидаҳояш буд. Дар ин ҷо бояд ҳаминро ҳам қайд кунам, ки Раҳими Қанд баъзан чизҳои ба хаёлаш омадаро ҳам монанди он, ки худ карда бошад ё дида бошад, бо боварии тамом ҳикоя мекард ва ширинтарини

гуфтаҳои ӯ ҳам ҳамин гуна ҳикояҳои афсонамонанданш ба шумор мерафтанд.

Аз чизҳое, ки аз Раҳими Қанд шунидаам, ду порча ба ёдам мондааст ва ман мехоҳам ҳамон порчаҳоро дар ин ҷо нақл намоям:

Рӯзе Раҳими Қанд аз бетамизиҳои замона ва аз санъатношиносиҳои мардум шикоят карда гуфт:

— «Агар дар мардум тамиз мебуд ва санъатро мешинохтанд, ҳунармандро аз беҳунар фарқ карда метавонистанд ва қадри ҳунармандонро медонистанд — ба созандагони дигар он муомила ва ба ман ин муомиларо намекарданд, яъне дигаронро ба осмон бардошта, маро ба замин намезаданд ва ҳол он ки аксари ин ҳофизон ва навозандагон шогирдони беустод буда, таълимнадида ва монанди алафи бегонаи дар гулзор рӯида дар замини санъат худрӯ мебошанд. Аммо аҳмақфиребиро хуб медонанд ва дар пеши мардумони бетамиз худситоӣ карда хуб пул мекашанд ва ман, ки ба чандин устоди забардаст чандин сол хизмат карда ин ҳунарро ба даст даровардаам, ба хӯрдан нон надораму ба пӯшидан танбон».[13]

Раҳими Қанд баъд аз ин муқаддима барои исботи ҳунармандии худ ва забардастии устодони худ «ёддошти» зерини худро нақл кард:

— «Ман,— гуфт ӯ,— ба Насруллобойи дегфурӯш ки мардум номи ӯро кӯтоҳ карда «Насруллои Дег» мегуфтанд ва дар шашмақомдонӣ ягонаи даврон буд, даҳ сол ба тарзи шогирдӣ хизмат кардаам. Баъд аз он, ки ман дар пеши ӯ шашмақомро об карда хӯрдам, маро ҳамроҳи худ ба меҳмониҳо бурдан гирифт».

Раҳими Қанд аз он меҳмониҳо, ки ҳамроҳи устоди худ рафтааст, якеро муҳимтар ва сазовори қайд шумурда ба тарзи зерин нақл кард:

— «Устодам Насруллои Дег як шаб маро ба чорбоғи домоди қозикалон, ки дар деҳаи Хитоён буд, ҳамроҳи худ гирифта бурд.

Дар он ҷо хонанда ва навозандагони дигар ҳам буданд, ки ҳамаи созҳоро ҷӯр карда ва ҳамаи сурудхонон ҳамовоз шуда то нимаи шаб навохтанд ва хонданд. Баъд аз таоми нимишабӣ, ки ҳамаи меҳмонон

ва созандагон ба ҳар тараф пароканда шуда хобиданд, устоди ман ба соҳиби боғ гуфт:

— Агар хоста бошед ва рухсат диҳед, худам бо шогирдам як базми хосагии алоҳида карда медиҳам.

«Албатта, домоди қозикалон бо хурсандӣ розӣ шуд ва Насруллобой торҳои танбӯрро ба ҳавои Наво соз карданро фармуд. Танбӯрро соз кардам, устод дойраро ба даст гирифта усул нигоҳ дошта мехонд ва ман менавохтам. Як вақт ду булбул парвозкунон омада ба болои шохи дарахте, ки мо дар зери вай базм мекардем, нишастанд. Булбулон баъд аз қадре ором истода ба нағмасароии мо гӯш додан мувофиқи ҳавое, ки мо менавохтем, ба чаҳчаҳзанӣ даромаданд.

«Аз ин кори булбулон устоди ман зиёда ба шавқ омада, гӯё, ки бо онҳо баҳс-мабаҳс мехонда бошад, нолаҳои фалакпеч баровардан гирифт ва ман ҳам бо нохунҳои обдори худ торҳои танбӯрро дилхарошона меларзондам, шунавандагон аз нағмаҳои ҷонгудози ман, гӯё, ки ба рагу паи онҳо нохун зада истода бошам, дар тапиш ва ҷӯшу хурӯш омаданд...»

Раҳими Қанд дар охири ин ёддошти худ гуфт:

— «Оқибат булбулон аз мо мағлуб гардида хомӯш монданд ва баъд аз қадре хомӯш истодан онҳо тамоман беҳушу беихтиёр шуда худро аз шохи дарахт ба сӯи мо андохтанд, яке аз онҳо омада ба гӯшаки танбӯри ман нишаст ва дигаре ба гардиши дойраи Насруллобой. Ин ҳолро дида шунавандагон ба ҷӯшу хурӯш омаданд ва садои таҳсину офарини онҳо ба осмон расид ва бо ҳамин базм ҳам тамом шуд...»

Дурӯғ будани ин гуна «саргузашт»-ҳои Раҳими Қанд равшан бошад ҳам, ман ба ӯ аз ин хусус лаб намекушодам, балки худро чунон нишон медодам, ки гӯё ҳамаи он суханҳоро бовар кардаам. Чунки агар ӯ ба ин гуна ҳикояҳои худ андак нобоварии маро пай мебурд, бисьёр мешӯрид, на танҳо мешӯрид, ҳатто бими он буд, ки ошноии худро аз ман бурида, дигар ба ман ин гуна ҳикояҳоро нақл накунад. Ва ҳол он ки шунидани ин гуна ҳикояҳои ӯ ба ман бисьёр завқ ме-

дод. Ман, хусусан, аз ин ҷиҳат завқ мекардам, ки ӯ ёддоштҳои худро бо камоли ҷиддият ва боварӣ нақл мекард ва ба бовар кардани ман ҳам ақидаи ӯ комил буд.

* * *

Раҳими Қанд боре ба ман аз қаҳрамониҳои афсонавии одамони зинда ҳикоя мекард ва суханро бар болои ҷанги амир Музаффар[14] бо кӯҳистониён овард, ӯ калламанораи аз сарҳои ҳисориён ва кӯлобиён сохтаи амирро ва дар як соат куштани ӯ чорсад асирро нақл намуда, ба болои Азизулло ном яке аз иштироккунандагони он ҷанг зиёдатар истод.

Дар асл ин Азизулло аз Балх буда, дар Бухоро таҳсили илм кардааст ва дар ҷанги амир Музаффар бо кӯҳистониён аскари ихтиёрӣ шуда аз ҷониби амир ба он ҷанг иштирок намудааст ва дар бадали ин хизмати худ ба мансаби раёсати баъзе ҷойҳо расидааст. Дар вақте ки Раҳими Қанд аз ӯ ба ман гап мезад, вай дар тумани Ғиҷдувон раис буд.

Азизулло ба дурӯғгӯӣ шӯҳрат дошт. Худи ӯ мегуфт, ки агар ман рӯзе сад дурӯғи барҷаста нагӯям, он шаб хобам намебарад.

Хулоса Раҳими Қанд дар бораи қаҳрамонии ҳамин Азизуллои дурӯғгӯй ба ман гуфт:

— «Азизулло дар қатори навкарони ғалаботури[15] амир дар ҷанги кӯҳистон ба тарафи ҳисориён ва кӯлобиён ҳуҷум овардааст ва дар този асп ба ҳар шамшер задан даҳ — дувоздаҳ касро қалам карда мепартофтааст. Рӯзе дар вақти гармии ҷанг аспи ӯ дартоз аз байни ду дарахти тут, ки ба ҳам наздик рӯида шохҳояшон ба ҳам печида будаанд, гузаштааст ва дар вақти гузаштани асп аз байни дарахтон сари Азизулло дар шохҳои дарахтон банд шуда гарданаш канда шуда мондааст. Аммо ӯ чолокона сари аспро пас гардонда омада, каллаи худро аз шохҳои дарахт ҷудо карда ба ҷои худаш гузоштааст, азбаски хунаш ҳанӯз сард нашуда будааст, сараш монанди аввала ба танааш часпида мондааст ва ӯ ҳам, гӯё ки ба вай ҳеҷ воқеае рӯй надода бошад, мисли пештара ба ҷанг давом кардааст».

Ман аз шунидани ин ҳикоя хеле завқ гирифта ва аз камоли хурсандӣ хусусияти табиати Раҳими Қандро аз хотир бароварда ба ӯ гуфтам:

— Хайрият, ки Азизулло саросема шуда каллаи худро ба танааш чаппа нагузоштааст, вагарна чашмони ӯ ба қафои ӯ ҷойгир шуда, дар зиндагӣ бисьёр душвориҳо мекашид.

Раҳими Қанд аз ин гуфтаҳои ман нисбат ба ҳикояи худ нобовариро бӯй бурда якбора ба шӯр омада гуфт:

— Ӯ кӯр набуд ва беақл ҳам набуд, ки чӣ гуна ба тана гузоштани каллаи худро надонад!

Ман узрҳо гуфта боварии худро ба ҳикояи ӯ исбот карда шубҳаи ӯро нисбат ба худам тамом аз дилаш баровардам. Бо вуҷуди ин ӯ чанд гоҳ ин гуна ҳикояҳоро ба ман нақл накард.

## V

Ман бо растаи чойфурӯшӣ раҳсипор гардида то пеши сарои Ҷаннатмаконӣ расидам. Дар он ҷо Раҳими Қанд лаълии «хушбори» худро дар пешаш монда, бар рӯи суфачаи муқаррариаш нишаста буд, ман аз ӯ ба ду пул як дона оби дандон харида, ба даҳонам андохта, ба суфачаи дигари сарой нишастам.

Имрӯз мақсади асосии ман ёфтани кӯча, гузар ва ҳавлии Қорӣ-Ишкамба буда, ҳамаи фикру ҳавосам ба ин мақсад банд буд, бинобар ин барои ба сухан даровардани Раҳими Қанд ва ҳикоя гӯёндани вай кӯшише накарда, дар фикр фурӯ рафта будам...

Ман ҳанӯз обидандони дар даҳон гирифтаамро макида тамом накарда будам, ки Қорӣ-Ишкамба аз тарафи шарқи раста — аз тарафи мадрасаи Кӯкалтош намоён гардид. Ман барои пурра ва пухта дидани рӯи ӯ чашмамро ба ӯ дӯхтам. Чун ӯ наздиктар расида назараш ба ман афтод, чашмонашро аз ман наканда омадан гирифт. Ман аз нигоҳҳои тези маънидори ӯ, дар ҳаққи худам «ин дурӯггӯи дирӯза! гуфтани ӯро пай бурдам, бинобар ин шарм дошта чашмамро аз вай канда худро ба нодонӣ задам, лекин бо гӯшаи чашм ҳаракатҳои ӯро таъқиб мекардам.

Ӯ рост ба пеши суфачаи Раҳими Қанд омада аз қанди майда ва обидандонҳои ӯ якдонагӣ гирифта ба даҳонаш зад ва аз конфет ҳам як дона гирифта дар ҳолате, ки коғази вайро ҷудо мекард, ба роҳаш давом намуд:

Раҳими Қанд бо рангҳои канда ва лабҳои ларзон:

— Қорӣ амак, шӯхӣ накунед! Ман одами бечораи аёлманд мебошам, пули қанду конфету обидандонро дода равед! — гуфт бо оҳанги зорӣ.

Қорӣ-Ишкамба бе он, ки қадами пешпартофтаашро пас гузорад ё ин ки аз роҳаш бозистад:

— Кӯрнамакӣ накун! Дирӯза ошро аз ёдат набарор! Дар ягон мавриди дигар боз ба ту нафъ расонда чои ин моли ночизонаатро чанд-чанд карда пур мекунам,— гӯён ба роҳаш давом намуд.

Раҳими Қанд зери лаб ғур-ғуркунон «искит, мурданй!..» гӯён ӯро дашном дод.

— Ин кас кист! — гуфта ман аз Раҳими Қанд пурсидам, гӯё, ки ӯро ҳаҷ намешинохта бошам.

— Як ҳиндуи салланок, як судхӯри гузаро, як хасиси чирки дандонхӯр! — гуфт Раҳим дар ҷавоб.

— Магар ӯ дирӯз шуморо зиёфат карда буд, ки «кӯрнамакӣ накун, дирӯза ошро аз ёдат набарор!» гӯён ба шумо миннат кард?

— Оши ӯро то ҳол занаш ҳам нахӯрдааст,— гуфт Раҳими Қанд,— ҳикояти «оши дирӯза» ин тариқа аст, гӯён ӯ ҳикояти зеринро нақл намуд:

— «Дирӯз маро як машкоб ба тӯяш хабар карда буд. Ман дар он ҷо дар рӯи суфа ба болои кат нишаста танбӯр менавохтам. Як вақт дар қатори меҳмонон ин одам ҳам ба хона даромад ва ҳамроҳи онҳо ба меҳмонхона даромада ош хӯрда баромад. Баъд аз таом меҳмонони дигар рафтанд, аммо ин одам бар рӯи кат баромада, ба соҳиби хона чой фармуда, дар паҳлуи ман чой нӯшида нишаст. Чанд гурӯҳ меҳмонони дигар ҳам омада ош хӯрда рафтанд. Вақте ки меҳмонӣ қариб ба поён расид, ӯ ба касоне, ки дар он тӯй хизмат мекарданд:

— Ба ин кас ҳам ош биёретон, охир! — гуфт маро нишон дода — ҳамроҳи дасти ин кас шикамашон ҳам

танбӯр навохта истодааст. Оши ин кас сергӯшту серравғантар шавад.

Як табақ оши палав оварданд. Дар ҳақиқат сергӯшту серравған буд. Аммо даҳьяки он ош ҳам насиби ман нашуд: бо вуҷуди ин, ки ӯ аз меҳмонхона дар қатори меҳмонон ош хӯрда баромада буд, ин ошро бо иштиҳои аввала хӯрдан гирифт. Ӯ то яч луқма хӯрдани ман ду-се луқма мехӯрд ва чунон ки шикамбандаҳо мекунанд, ҳар луқмаро «лаккӯштаи оринчшор» карда, яъне дар ҳар луқма ду лӯнда гӯштро ҳамроҳ карда ва равғанашро то оринҷи худ шоронда, мегирифт...

«Баъд аз таом ман хостам, ки боз танбӯр навозам ва ба ҳамин мақсад гӯшакҳои танбӯрро тофта торҳоро соз кардан гирифтам, аммо ӯ даҳонашро ба гӯши ман наздик оварда пичирросзанон:

— Биё, акнун танбӯрнавозиро бас кун! Омаду рафти меҳмонҳо ҳам тамом шуд,— гуфт ва илова намуд,— ман аз ин тӯй ба ту як табақ ош гирифта медиҳам, ба ҳамин шарт ки нимаашро ба ман медиҳӣ. Розӣ ҳастӣ?

— Дуруст, ман розӣ! — гуфтам ба ӯ.

— Ин тавр бошад аз соҳиби тӯй рухсат пурс!

— Акнун иҷозат диҳед! — гуфтам ман ба соҳиби тӯй танбӯрамро ба чилдаш андохта истода.

«Соҳиби тӯй ду танга пулро бо якто нон ва як каф қандалот оварда ба пешам гузошт. Ман тангаро ба ҷайби худ андохта, нон ва қандалотро дар рӯмолчаи худ бастан гирифтам. Дар ҳамин вақт ин одам ба соҳиби тӯй маро нишон дода:

— Ин кас одами аёлманд мебошанд. Ба ин кас як табақ оши сергӯшту равған кашед, ба рӯяш якто нони тафтон пӯшонда диҳед! Мавриде вокеъ шавад, ин кас ба шумо боз хизмат мекунанд,— гуфт.

«Соҳиби тӯй сухани ӯро қабул намуда ошро тайёр карда овард. Ӯ пеш даромад ва ман танбӯру табақи ошро бардошта аз ҳавлӣ баромадам. Соҳиби тӯй моро гусел кардаистода ба ман:

— Оварда додани табақро аз хотир фаромӯш накунед! — гуфт.

«Ҳамин, ки мо аз тӯйхона чанд қадам дур шудем, ӯ ба ман:

— Ҳавлии ман дар сари роҳи ту мебошад, аввал он ҷо меравем. Баъд аз он, ки ман аз ош ҳаққи худро гирифтам, ту табақро бо боқимондаи ош бардошта ба хонаат меравӣ! — гуфт.

«Ман розӣ шудам. Мо бисьёр кӯчаву паскӯчаҳоро бурида гузашта, оқибат, ба ҳавлии ӯ расидем. Маълум шуд, ки ҳавлии ӯ нисбат ба ҳавлии ман аз тӯйхона дуртар будааст...»

Ман, ки ҷӯёи дар куҷо будани ҳавлии Қорӣ-Ишкамба будам, фурсатро аз даст надода ва сухани Раҳими Қандро бурида:

— Ҳавлии ӯ дар кадом гузар ва дар кадом кӯча будааст? — гуфта пурсидам.

— Дар гузари Кемухтгарон, дар охири он паскӯчаи пешбастааст, ки вай дар пушти сарои кафшу маҳсифурӯшӣ воқеъ шудааст,— гӯён Раҳими Қанд ба пурсиши ман ҷавоб дода боз ҳикояти худро давом кунонид:

— «Вақте ки ба дари ҳавлиаш расидем, ӯ барои гирифтани ҳиссаи худ табақи ошро аз дасти ман гирифта ба ҳавлии дарунаш бурд ва баъд аз чанд дақиқа табақи рӯяш кушодаро баровардa ба ман дод: нону гӯшти ошро тамоман рабудааст, аз ош ҳам тахминан ҳаштьяк мондааст ва равғани ошро то ҷакраи охиринаш ҷаконда гирифтааст» — гӯён Раҳими Қанд ҳикояи худро тамом кард ва дар охир илова намуд:

— Ин одам бой бошад ҳам бисьёр чашмгурусна будааст, барои ситондани ягон чиз аз ҳеҷ кор ибо ҳам намекунаду ор ҳам, бо вуҷуди ин чашмаш сер намешавад.

Ман дар ҷавоби ӯ гуфтам:

— Ҳар чанд Саъдии Шерозӣ гуфтааст ки «... Чашми танги дуньёдорро ё қаноат пур кунад ё хоки гӯр», ман мегӯям, ки «чашми танги дуньёдорро на қаноат пур кунад, на хоки гӯр». Баъди ин сухан ман зуд аз суфача бархостам, зеро нишонаи ҳавлии Қорӣ-Ишкамба, ки мақсади асосии онрӯзаам буд, аз ғайри ҷашмдошти ман аз он суҳбат ба даст даромада буд. Акнун мебоист ман ба зудӣ ба хонаи ӯ мерафтам.

## VI

Ман аз дари сарои Ҷаннатмаконӣ бо паскӯчаи бозори ангишт раҳсипор шуда ба гузари Кемухтгарон рафтам ва дар он ҷо ба паскӯчаи пешбаста даромада, ба охири вай расидам ва дар он ҷо дарвозачаи ҳавлие ба ман рост омад, ки аз рӯи нишондоди Раҳими Қанд бояд вай ҳавлии Қорӣ-Ишкамба бошад. Ман дарвозаи он ҳавлиро кӯфтам ва дар дили худ гуфтам. «Агар ин ҳавлӣ — ҳавлии Қорӣ-Ишкамба набошад ҳам, зарар надорад, чунки дар он сурат аз соҳиби ин ҳавлӣ ҳавлии ӯро пурсида меёбам.

Баъд аз дақиқае аз паси дарвоза шарфаи пое шунида шуд ва баъд аз он бо ҳам паст-паст ҳарф заданиҳи ду кас маълум гардид. Аммо онҳо ба даркӯбии аввалии ман ҷавоб надоданд. Ман бори дигар дарро кӯфтам:

— Шумо кӣ? — гуён аз паси дар овози зане шунида шуд.

— Ман як муллобача, ба Қорӣ амак кор дорам.

— Қорӣ амакатон дар хона нестанд! Чӣ кор доштед? — Овози зан такрор шунида шуд.

— Корамро ба худашон мегӯям... Кай ба хона меомада бошанд?

— Он кас бевақт меоянд, гоҳо то нимаи шаб ба хонаҳои ошноҳошон мегарданд,— ин ҳам овози ҳамон зан буд.

— Агар баъд аз хуфтан ё ин ки дертар аз он оям, он касро дида метавонам? — ман пурсидам.

— Не! — гуфт бо қатъият як зани дигар ва илова намуд,— он кас шабона ҳеҷ касро ба хонаашон роҳ намедиҳанд, ҳатто дарвозаро ҳам намекушоянд. Ба мо ҳам таъин карда мондаанд, ки на рӯзона ва на шабона дарвозаро ба касе накушоем. Дирӯз боз таъкид карда гуфтанд, ки агар ягон каси шинос ояд ҳам, дарвозаро накушоем. Бинобар ин ба шумо маслиҳат медиҳем, ки барои ба ҳавлиашон даромада бо он кас суҳбат кардан беҳуда овора нашавед.

— Шумоён ба он кас чӣ мешавед! — ман пурсидам.

— Занҳошон! — зани аввалӣ ҷавоб дод.

— Агар писарашон бошад, бо вай гуфтугузор кунам, ки вай ба падараш расонда чавоби он касро ба ман гирифта диҳад.

— Он кас на писар доранд, на духтар ва на хизматгор,— ин овози зани аввалӣ буд ва дар паси ин шунида шуд,— он кас монанди сараи озод яккаву танҳо хастанд ва яккаву танҳо мегарданд,— ин овози зани дуйӯм буд, ки хандаомез мебаромад.

— Хуб, рӯзона кадом вакт дар ҳавлӣ ёфт мешаванд, ки он вакт оям.

— Ҳеч вакт ёфт намешаванд, аз сафед шудани рӯз пештар баромада меравандy ними шаб меоянд,— ин овози зани аввалӣ буд.

* * *

Чун дидани Қорӣ-Ишкамба дар ҳавлиаш ба ман муяссар нашуд ва дар оянда ҳам барои дар ҳавлиаш ёфта дидани ӯ дар ман умеде намонд, дубора ба растаю бозор баромадам ва дар дили худ қарор додам, ки «агар ин дафъа ӯро дар ҳар чо ёбам, пеши роҳашро гирифта, ба дурӯғҳои худ икрор карда, максадамро изҳор менамоям, то ки аз хичолати дирӯза бароям».

Бо ҳамин максад аз растаи кафшфурӯшӣ гузашта, ба токи Хоча Муҳаммади Паррон баромада, аз он чо бо растаи чӯбкаду ва тамокуфурӯшӣ аз пеши саройҳои мавизу ғӯлунг гузашта, ба растаи атторӣ рафта, аз он чо ба растаи чойфурӯшӣ гузаштам...

Рӯз бегоҳӣ шуда буд, аксари дӯкондорон дӯконҳои худро баста ба хонаҳояшон рафта буданд, дар растаҳо оянд агон ва равандагон ҳам кам буданд. Агар дар ҳамон вакт Қорӣ-Ишкамба ба ман рост меомад, барои бо вай гуфтугузор кардан фурсати муносиб буд. Аммо ӯ дар он чоҳо ба ман вонахӯрд. Ман вакте ба дари сарои Чаннатмаконӣ расидам, ки Раҳими Қанд палоси худро дар бағал ва лаълиашро ба даст гирифта омодаи рафтан шуда истодааст.

Чун чашми ӯ ба ман афтод, лаълию палосашро бар рӯи суфача монда худ ба он суфа такья карда истода, бо лабҳои хандон маро ба пеши худ чег зад.

Ман аз хандонрўии ў дар таачҷуб афтодам, чунки дар умри худ як бор, чунон ки дар боло нақл ёфт, шаби ичтимоона бо гирифтани як коса ош ўро дар табассум дида будам. Дигар вақтҳо, монанди он ки сирко нўшида бошад, пешонаи ў турш ва пурчин менамуд. Алҳол ў на танҳо табассум мекард, балки дар зери лаб механдид.

Ман ба наздаш рафтам. Ў аз ман пурсид:

— Шумо дар ҳаққи Қорӣ Исмат чӣ кардед?

— Ҳеҷ кор накардаам. Чӣ шудааст?

Раҳими Қанд ба лаби суфача нишаста сухан сар кард:

— Вақте ки шумо аз ин ҷо рафтед, ў пайдо шуда:

— Он кас кӣ буд? — гуфта шуморо аз ман пурсид.

— Як муллобачаи ғиҷдувонӣ! — ман ба ў ҷавоб додам.

— Тахминам дуруст баромад! — гуфт ў сарашро боло-поин ҷунбонда.

— Чӣ тахмин карда будед? — ман аз вай пурсидам.

«Қорӣ Исмат қадре андеша карда истода гуфт:

— Мардум маро пулдор гумон мекунанд. Бинобар ин баъзе дуздон ва беҷогардон чанд гоҳ ба дунболи ман афтода буданд. Чун онҳо фаҳмиданд, ки ман дар хонаи худ ҳатто як пули сиёҳро ҳам нигоҳ намедорам, ба дилашон оби сард зада маро ба ҳоли худ гузошта, паси кори худ рафтанд...»

«Қорӣ қадре хомўш монда боз сухани худро давом дод:

— Ду-се рўз боз ҳамин муллобача аз дунболи ман гаштааст. Зоҳиран, ў мехоҳад, ки аз куҷо пул гирифта ба куҷо гузоштанамро фаҳмад ва агар равшан фаҳмад, ки ман дар хонаи худ пул бурда мондаам, шабона рафта маро калла-поча карда (кушта) пулро бардорад.

— Ин муллобача он гуна кас не, тахминатон хатост! — гуфтам ман ба ў.

— Фарз кунем, ки худаш росткор бошад, аҷаб нест ҳамтуманиҳояш ўро аз роҳ бароварда ба дунболи ман гузошта бошанд. Дар ҳар ҳол аз ғиҷдувониён тарсидан даркор аст».

Раҳими Қанд мегӯяд: «Қорӣ Исмат дар охири суханаш ба ман илова карда гуфт:

— Он муллобача, ки ба ту ошно будааст, ба ӯ фаҳмон, ки ман пул надорам, агар ногаҳонӣ пуле ба дастам афтад ҳам, вайро ба хонаам бурда намемонам, ҳатто дар хона ягон чизи пурбаҳо ҳам надорам, як-ду бистари чиркину дарида дорам, ки аз арақчини зери полони хар фарқ надорад».

Раҳими Қанд ҳикояти Қориро ба охир расонда ба ман насиҳатомезона гуфт:

— Ба ин гуна одам наздик нашавед, ки аз вай тӯҳмат меборад.

Ман ба Раҳими Қанд нияти аз Қорӣ-Ишкамба ҳуҷра талаб кардан доштанамро, барои бо ӯ мулоқот кардан чанд рӯз аз дунболи ӯ гаштанамро ва то ҳамин вақт фурсати бо вай гуфтугузор кардан наёфтанамро мухтасаран ҳикоя карда додам:

— Модом, ки ӯ ин гуна одами бадгумон будааст, дигар на рӯи ӯро мебинам ва на аз вай ҳуҷра мепурсам, на ҳуҷраи ӯ ба ман даркор аст ва на мулоқоташ. Ба қавли Саъдӣ: «Атои ӯро ба лиқои ӯ бахшидам» — гуфтам ва аз ӯ ҷудо шуда паси кори худ рафтам.

## VII

Аз воқеаи дари сарои Ҷаннатмаконӣ чанд рӯз гузашта бошад ҳам, ман Қорӣ-Ишкамбаро дигар ба ҷое рост наовардам ва дар паи рост оварда бо ӯ рӯ ба рӯ шудан ҳам набудам, чунки ман хаёли шиносоии ӯро ва ҳуҷраи ӯро тамоман аз хотир тарошида партофта будам ва аз ин одами бадгумони тӯҳматӣ дур гаштанро лозим медонистам...

Дар ҳамон вақтҳо рӯзе дар саҳни мадрасаи Кӯкалтош ба болои бомчаи як дӯкони намакфурӯшӣ ба хаёлот фурӯ рафта нишаста будам, ки ба болои сарам сояи касе пайдо шуд. Ман аз бисёрии фикру хаёлам ба он соя аҳамият надода, ба тарафи ӯ нигоҳе ҳам накардам. Баъд аз он аз болои сарам бо талаффузи қоригӣ садои:

— Ассалому алайкум! — гуфтани касе баромад.

Ман сар бардошта ба саломдиханда нигоҳ кардам, ки Қорӣ-Ишкамба буд ва ӯ бо дандонхилоли аз чӯби газ тарошида дандонҳояшро мекофту резаҳои хӯроки аз байни дандонҳояш ба нӯги дандонхилол банд шуда баромадаро ба дасташ гирифта ба тарафи вай як нигоҳ мекард ва баъд он резаро дубора ба даҳонаш андохта мехӯрд.

Азбаски ман аз таваҳҳуми беасоси ӯ дар ҳаққи худам аз вай сахт ранҷида будам, ба саломаш бо як оҳанги нофорам ҷавоб гардонда боз ба хаёлоти худ фурӯ рафтам.

— Саҳни мадрасаи Кӯкалтош аҷаб ҳавои хубе дорад,— гӯён ӯ дар паҳлуи ман нишаст.

Ман ба ин сухани ӯ на бо тасдиқ ва на бо инкор ҷавобе надодам.

— Бародар! Шояд шумо ба ман коре дошта бошед, ки як-ду рӯз аз дунболи ман гаштед? — гуфт ӯ бо оҳанги мулоимона.

— Ман мехостам, ки «чанд пул доштани шуморо ва дар куҷо мондани он пулҳоятонро фаҳмам ва баъд аз он бо дуздони гиҷдувонӣ рафта онҳоро ғорат кунам» — гуфтам бо камоли дурруштӣ.

— Агар касе дар ҳаққи як каси ношинос, ки ӯро таъқиб мекунад, бадгумон шавад, айб ҳам нест, аҷаб ҳам нест. Чун тафтиш ва пурсуков карда дидам, ки шумо муллобачаи дуруст ва росткор будаед, ба шумо узр гуфтан хостам ва ҳоло шуморо дар ин ҷо дида ба ҳамин ният дар паҳлуятон нишастам, хоҳиш мандам, ки шумо он бадгумонии маро бубахшед! — гуфт ӯ ҳақиқатан бо оҳанги узрхоҳона.

Ман дар ҷавоби ин суханони ӯ чизе нагуфта бошам ҳам, ӯ аз вазъияти ман ва аз барҳам хӯрдани осори ғазаб ва кина аз чашму рӯям пай бурд, ки ман узри ӯро қабул кардаам, пас бо оҳанги ҷиддӣ илова намуд:

— Аҳволи худро ба шумо фаҳмонда монам зарар надорад: чунон ки мардум гумон мекунанд, ман одами серпул нестам ва агар барои нафақаи аҳлу аёл панҷу чоре ёбам ҳам, вайро ба хонаи худ бурда намемонам ва ба дасти ягон кас ба тарзи амонат су-

пурда монда дар вақти зарурат ва эҳтиёҷ аз он одам ба қадри даркорӣ гирифта харҷ мекунам.

Аз ин суханони охирини ӯ пай бурдам, ки ҳанӯз шубҳаи ӯ дар ҳаққи ман боқист, аммо ба ин одам, ки бадгумонӣ дар табиати ӯ монанди як бемории кӯҳнаи доимӣ ҷойгир шуда мондааст, инод карда нишастанро муносиб надидам ва ӯро тамоман ва ҳеҷ набошад қисман аз шубҳа баровардан хоста ба сухан даромадам:

— Ман ҷои истиқомат меҷустам, яке аз дӯстонам ба ман хабар дод, ки шумо чанд дар ҳуҷраи зархарид доштаед, бинобар ин аз дунболи шумо афтодам, ки фурсати муносиб ёфта ҳуҷра пурсам. Лекин шунидам, ки шумо аз дунболагириам дар ҳаққи ман бадгумон шудаед, «атои шуморо ба лиқои шумо бахшидам» — гӯён сухани худро ҳазломезона ба охир расондам.

— Ман ҳуҷраи зархарид надорам,— гуфт ӯ бо оҳанги ҷиддӣ ва илова намуд,— зотан ман зар, яъне пули нақд надорам. Дуруст аст, ки ду-се дар ҳуҷра дорам. Аммо онҳо ба ман аз падари марҳумам мерос мондаанд...

Қорӣ-Ишкамба баъд аз ба ҳамин тариқа боз як бори дигар бепулии худро исбот кардан қадре хомӯш истода, дубора ба сухан даромада, аз ман пурсид:

— Ҳуҷра ёфтед ё ин ки ҳоло ҳам бошишгоҳ надоред?

— Не, ҳанӯз ҳуҷра наёфтаам!

— Агар шумо ҳуҷра ёбед, ҳар рӯз дар он ҳуҷра ош мепазед? — боз пурсид ӯ.

Аз ин пурсиши ӯ дар хотири ман гузашт, ки «магар дар дасти ӯ ягон ҳуҷраи бедудкашу беоташдон мондааст, бинобар ин ош пухтан ва напухтани маро мепурсад ва агар ош напухтани маро донад, шояд он ҳуҷраро ба ман диҳад», бо ҳамин мулоҳиза ман ба ин пурсиши ӯ ба тарзи зерин ҷавоб додам:

— Барои ман ҳуҷраи бедудкашу беоташдон бошад ҳам, шудан мегирад, чунки ман ҳеҷ ош напухта ҳам зиндагонӣ карда метавонам.

— Лекин дар ман ҳуҷрае ҳаст, ки дудкашу оташдони он ҳар рӯз як палави сергӯшту равғани дукаса

пухтанро талаб мекунад,— гуфт ӯ бо оҳанги ҳазломез ва баъд аз он бо оҳанги ҷиддӣ сухани худро давом дод,— ман ду ҳуҷра дорам, ҳар кадоми онҳоро ба ду муллобача ба ҳамин шарт додам, ки онҳо ҳар рӯз як оши палави дукаса мепазанд, якеашон дар соати 11 рӯз, дигарашон гашти рӯз — қарибӣ намози дигар. Ман ҳар рӯз дар соати муайян рафта бо ҳар кадоми онҳо ошашонро ҳамроҳ мехӯрам...

— Дар як рӯз ду бор оши палав хӯрда метавонед? — гӯён ман сухани ӯро бурида пурсидам.

— Агар ёфт шавад, рӯзе чор-панҷ бор ҳам хӯрда метавонам,— гӯён ӯ ба ман ҷавоб дода сухани аслии худро давом кунонид,— яке аз он муллобачаҳо мувофиқи шартамон ҳар рӯз бе тарк дар вақти муайян ошашро тайёр мекунад, аммо дигари онҳо фиребгарӣ менамояд: гоҳо ҳуҷраро қулф зада мегурезад. Фардои он рӯз, ки ман ӯро дида сахтгирӣ мекунам, «дирӯз барои ош пул наёфтам» ё ин ки «худам дар ҷое ба меҳмонӣ будам» гӯён узрҳои нодуруст пеш меорад. Ва ҳол он ки дар олами муомилаи пулсарфшаванда ин гуна узрҳо ба як пули сиёҳ намеарзад. Дар соли гузашта ӯ бо ҳамин гуна узрҳо чор бор ош напухт...

Қорӣ-Ишкамба аз сухан бозистода байни дандонҳои худро бо дандонхилоли нӯгтезаш кофт, ин дафъа ба ҷои резаи хӯрок нӯги дандонхилол хунолуд шуда баромад. Ӯ баъд аз он, ки «туф-туф»гӯён даҳонашро аз хун тоза кард, боз суханашро давом дод:

— Ҳозир ман аз пеши ҳамин муллобачаи дурӯғваъда ош хӯрда баромадам. Дирӯз ош напухта гурехта буд, имрӯз ошашро камгӯшту равған кардааст. «Агар ин тавр муомила кунӣ, туро аз ҳуҷра мебарорам» гуфта дӯғ зада мондам. Агар шумо ҳар рӯз як бор оши палав пухта маро зиёфат карданро ба гардан гиред, он муллобачаро, қадрдон бошад ҳам, аз ҳуҷра бароварда ҳуҷраро ба шумо медиҳам. Чӣ мегӯед?

Ман дар пеши ин одами мумсик аз изҳор кардани бепулӣ ва фақирии худ ор намудам, чунки дар пеши одамони сарватманд пасттарин ва беқадртарини ода-

мон одамони фақир ва бенаво мебошанд, бинобар ин сирри худро пеши ӯ накушода бо дурӯғи зерин ҷавоб додам:

— Дирӯз ба ман як кас ҳуҷраи ройгон ваъда карда буд. Агар он ҳуҷра ба даст надарояд, аз они шуморо гирам мешавад. Ҳар рӯз як ош пухта як касро зиёфат кардан кори душворе нест. Лекин агар ҳуҷраи ройгон ёфт шавад, беҳтар аст.

— Албатта, ҳар кас аз ҳар чиз пештар манфиати хӯдро ба назар мегирад,— гуфт Қорӣ-Ишкамба ва илова намуд,— хуб, ҳар вақт ба худатон ё ба ягон шиносатон ҳуҷра даркор шавад, ҳуҷраи ман бо шарти мазкур тайёр аст. Он гуна муллобачаро ман ба заммӣ ҳуҷра додан дуо ҳам мекунам. Ман одами бечора хастам, ҳар рӯз хӯрду хӯрокам аз ҳамин гуна роҳҳо мегузарад. Чунон ки одамон гумон мекунанд, ман пулдор нестам.

Шиносоии аввалини ман бо Қорӣ-Ишкамба бо ҳамин мусоҳиба сар шуд. Баъд аз он ҳар гоҳ, ки ӯ дар кӯча ба ман рост меомад, бошишгоҳ ёфтед? гӯён мепурсид.

— Бале ёфтам.

— Ягон ошнои беҳуҷра надоред?

— Не, надорам!

Гуфтугузори сариροҳии мо бо ҳамин тамом мешуд. Лекин агар ман рӯзе ду-се бор ҳам бо ӯ вомехӯрдам, ин суолу ҷавобҳо такрор меёфтанд ва ӯ ҳеҷ гоҳ ба воситаи ман аз ёфтани ориятнишини «вазифашинос, ки палавро ҳар рӯз дар вақти муайян муҳайё мекарда бошад», умедашро намеканд.

## VIII

Дар Бухоро ҳар сол дар аввали соли шамсӣ — дар моҳи ҳамал дар Ширбадан ном чорбоғи подшоҳӣ сайри наврӯзӣ барпо мешуд. Дар сайргоҳ дар қатори ошхонаҳои оддӣ, ки ба хӯрандагон таомҳои тайёри гуногун мефурӯхтанд, ошхонаҳое ҳам кушода мешуданд, ки дегу табақи худро ба касоне, ки бо дасти худ ош пухта хӯрдан мехостанд, ба иҷора медоданд.

Чун Қорӣ-Ишкамба дид, ки ман ошро кашида пеши рафиқон бурдам, аз даврае, ки нишаста буд, бархост. Зоҳиран, ҳанӯз дар зери табақи онхо ягон даҳан ош монда будааст, ки дубора хам шуда, он ошро ба даст гирифта, ба даҳонаш бурду дар ҳолате, ки аз байни ангуштонаш равғани он ош мечакид, шитобкорона қадам монда ба даврам мо омада бе ҳеҷ пурсупос ва саломy алек нишаста, аз хама пештар дасташро ба табақ ёзонд.

Дар байни рафиқони мо ҷавоне буд, ки падараш яке аз бойҳои миёнаҳоли Бухоро буд. Ин бойбача яке аз дӯстони дерини ман буда, бо Қорӣ-Ишкамба ҳам ошнои ҳазлкаш будааст. Вақте ки Қорӣ-Ишкамба ба даврам мо омада нишаст, он бойбача ба ӯ:

— Қорӣ амак, аз дасти шумо магар ҳеҷ халосӣ нест! Одам дар ҳар ҷой, ки ояд, дар он ҷо пайдо шуда монанди риштаи Бухоро дарҳол ба пои кас мепечед! — гуфт.

— Хӯшачинӣ, гардам аз саратон, бойбача, хӯшачинӣ! Қорӣ одами бечора хӯшачинӣ аст. Бо хӯшачинии мо барин одамони бебизоат аз хирмани шумо барин одами доро чизе кам намешавад.

— Дар ҳавлӣ оши моро «набераааш» гуфта мехӯрдед. Ин ошро чӣ гуна мехӯред? — бойбача пурсид.

— Ин абераааш, гардам аз саратон,— гуфт Қорӣ дар ҳолате, ки даҳонаш пури ош буд ва суханаш базӯр фаҳмида мешуд.

Қорӣ-Ишкамба баъд аз ин гуфтугузор ба сухани касе ҷавоб надод ва сарашро аз табақ барнадошт. Ӯ панҷ ангушташро васеъ кушода ошро бо гӯшту равғанаш чунон печонда мегирифт, ки дар ҳар луқмааш, гӯё, дар обхез канори дарьёи тезоб фурӯ рафта истода бошад, дар оши табақ рахнаи калоне пайдо мешуд, ва даҳонаш чунон аз ош пур мегашт, ки дар вақти хоидан ва нафас кашидан донаҳои биринҷ бо оби даҳонаш ҳамроҳ шуда бар рӯи табақ пош мехӯрданд.

Бо дидани ин ҳол ман аз ошхӯрӣ даст кашидам, ҳатто ба тарафи он ош ёрои нигоҳ карданам намонд. Дигарон ҳам ба тарафи табақ бо дили нохоҳам даст бурда меоварданд ва аз зертари табақ — аз ҷойҳое, ки

оби даҳони Қорӣ нарасида буд, кам-кам мегирифтанд.

Гоҳо ба ҳалқумаш ош банд шуда монда аз гулӯяш ба зудӣ намегузашт, дар ин гуна мавридҳо ӯ бе он, ки дасти росташро аз рӯи табақ бардорад, бо дасти чапаш косаи обро гирифта қадре нӯшида, оши дар гулӯяш бандшударо дарун мефиристод.

— Барои ошхӯрии шумо як сумба ҳам даркор будааст, Қорӣ амак,— гуфтам ман ба ӯ.

Ӯ ба ин сухани ман нимханде кард, аммо ҷавобе надод, чунки ба сабаби пурии даҳонаш ҳарф зада наметавонист.

— Сумба чӣ даркор аст? — яке аз рафиқон аз ман пурсид.

— Барои аз гулӯ гузаронида ба дарун ҷой карданӣ ош,— ман ҷавоб додам.

— Об барои ош ба ҷои сумба ба кор меравад,— гуфт як рафиқи дигар...

Оқибат Қорӣ-Ишкамба оши моро ҳам тамом карда зуд аз ҷояш бархост ва дасти равғанолудашро ба масҳии худ молида «пок» карда, аз ошхона баромада рафт.

* * *

Димоғи ҳамаи рафиқон аз ин меҳмонии нохондаи дилбеҷокунанда сӯхта буд ва аз ҳама зиёдтар димоғи ман сӯхта буд. Чунки ман бо меҳнати тамом як оши бисьёр нағз пухта, дар натиҷа аз хӯрдани он тамоман маҳрум монда ва сахт гурусна ҳам будам. Дигарон бошанд, дар пухтанаш ширкат надоштанд ва ба болои ин, кам-кам ҳам бошад, аз он ош хӯрда нафси худро қадре оромонида буданд.

Бойбача, ки ҳамаи ин фалокат ба сабаби ошноии ӯ бо Қорӣ-Ишкамба рӯй дода буд, зимнан аз худаш ранҷидани моро пай бурда оҳиста аз давра бархоста пеши ошхонадор рафт. Ошхонадор ҳанӯз он ошеро, ки ман барои ӯ «ҳаққи чашм» гӯён ғузошта будам, кашида нагирифта будааст. Бойбача ба ивази он ба ошхонадор пул дода, вайро ба табақчае кашида гирифта, оварда пеши ман ниҳод.

Аммо ба сабаби он ҳама корҳои дилбеҷокунанда иштиҳои ман кӯр шуда буд ва дилам чизе наметала-




Муқоваи нашри франсавии «Марги судхӯр».

бид. Бо вучуди ин барои хотири дӯстон ду-се лукма хӯрдам ва бо ҳамин ба сабаби ранҷиши хотирамро тақдир карда қадршиносӣ намудани он дӯстам асабҳоям ором гирифтанд ва бо чеҳраи кушода аз он дӯстам пурсидам:

— Ин ғалламусро[1] аз куҷо ёфта алоқа бастӣ?

— Сабаби алоқаи ин одам ба ман дуру дароз аст. Дар ягон вақти дигар нақл мекунам.

— Ман маънии «набераащ» ва «абераащ»-ро нафаҳмидам. Ин калимаҳоро як бори дигар ҳам аз ин одам шунида будам. Ҳеҷ набошад, маънии ҳамин суханони сарбастаро ба ман кушода деҳ! Дар он вақт ҳам туро мебахшам, ҳам ӯро.

— Ин одам судхӯр аст,— гуфт бойбача,— фоидаи пул (рибо)-ро «бачаи пул» меномад, фоидаи фоидаи пулро «набераащ» ва фоидаи фоидаи фоидаи пулро «абераащ» мегӯяд.

Бойбача ин суханони худро ба тарзи зерин эзоҳ кард:

— Масалан ӯ ба касе бо фоида пул ба қарз медиҳад ва аз вай фоидаи пулро мувофиқи шарташон бо пули нақд меситонад ва онро бачаи пул меномад; дар муддати қарздории он қарздор, ба хонааш рафта ошу нонашро мехӯрад ва инро набераащ мегӯяд, ки ба ақидаи ӯ ин, фоидаи фоидаи пул мебошад; баъзан аз қарздор ба болои таоми муқарарии ҳар рӯза боз ягон чизи дигар — масалан харбуза, ангур ё ин ки ҳалво меситонад ва инро абераащ, яъне фоидаи фоидаи фоидаи пул мешуморад.

## IX

Баъд аз чандин моҳи воқеаи сайри наврӯзӣ дар айёми зимистон як бегоҳӣ баъд аз шом бойбача ба ҳуҷраи ман омада гуфт:

— Ман имшаб ба Қорӣ-Ишкамба як кор дорам,

---

[1] Ғалламус — кирме, ки дар гандуму орду биринҷ бари ғаллаҳои хӯроквори пайдо мешавад ва дар як чанд рӯз як анбор ғалларо нобуд мекунад. Номи дигари ин кирм мита аст.

барои ин кор бояд соати даҳи шаб ба хонаи ӯ равам. Азбаски шабона кӯчаҳои Бухоро хавфноканд, илтимос дорам, ки дар ин роҳ шумо ба ман ҳамроҳӣ кунед...

— Аз рӯи шуниди ман Қорӣ-Ишкамба шабона ҳеч касро ба хонааш қабул намекунад,— гуфтам ман сухани ӯро бурида.

— Ин кор аз ман зиёдатар барои ӯ фоиданок аст, бинобар ин худи ӯ дар соати мазкур ба хонааш рафтанро ба ман таклиф кард.

— Ту хизматгор дорӣ, падар дорӣ, бародарон дорӣ. Бо вуҷуди инҳо барои ба хонаи ӯ рафтан ба чӣ маро ҳамроҳи худ гирифтан мехоҳӣ? Ва ҳол он, ки ман аз шакли шуми буммонанди ӯ безорам.

— Сабаби ин ҳамин аст, ки ин кори ман аз падар, модар ва бародаронам пинҳонӣ аст. Як хизматгори сирдон доштам, ки ӯ бемор шуда ба хонаи худ рафтааст. Азбаски ғайр аз шумо ба каси дигар дилам пур намешавад ва медонам, ки шумо сирри маро нигоҳ медоред, ба шумо рӯ овардам.

— Аввал бояд ту «сирри пинҳонии худ»-ро ба ман фаҳмонӣ, то ин ки ба ин кор ҳамроҳӣ карда тавонистан ё натавонистани худро ман пешакӣ мулоҳиза карда бинам. Дар он вақт гуфтанам мумкин аст, ки хоҳиши туро қабул карда метавонам, ё не?.

— Воқеа ин аст ки,— гуфт бойбача,— ман аз ин судхӯр аз падарам пинҳонӣ як ҳазор танга бафоида қарз гирифтаам. Имшаб мехоҳам, ки он маблағро ба ӯ расонам. Сабаби он маблағро рӯзона бурда надода шабона бурда доданам ҳам барои пинҳон доштани сирри қарздорӣ аст.

— Хуб! — гӯён ман илтимоси бойбачаро қабул кардам ва илова намудам: — ба хонаи Қорӣ-Ишкамба рафтан барои ман маргвор ногувор аст, бо вуҷуди ин ҳамроҳи ту меравам, чунки «марги бо дӯстон тӯй аст» гуфтаанд.

* * *

Мо наздик ба соати даҳи шаб ба роҳ баромадем. шаб торики абрнок ва бемаҳтоб буд. Дар шабҳои торик дар кӯчаҳои тангу каҷу килеби бечароғи Бухоро

ҳаракат кардан душвор буд. Хайрият ки барф меборид ва сафедии вай кӯчаҳоро монанди кӯрмаҳтоб нимравшан карда буд ва мо метавонистем, ки роҳро аз чоҳу дарро аз девор бо тобиши барф фарқ карда қадам партофта тавонем.

Мо ба гузари Кемухтгарон наздик расида будем, ки аз дунболи мо миршаб пайдо шуд, ӯ савори асп буд ва одамонаш дар чилаваш таблҳошонро кӯфта ва садо дода меомаданд.

Одатан миршабҳои Бухоро аз дузд тарсида шабона ба ӯ наздик намешуданд ва одами ростро дастгир карда ё пул мегирифтанд ва ё ҳабс мекарданд. Бинобар ин аҳволи мо душвор буд: мо гурехта наметавонистем, чунки дар он сурат одамони миршаб рост будани моро донистa моро таъқиб карда дастгир мекарданд ва рӯйрост ҳам ба миршаб рӯ ба рӯ шуда наметавонистем, зеро дар он сурат онҳо моро мешинохтанд ва медонистанд, ки мо дузд нестем ва ба пои худ ба даст меафтодем.

Бинобар ин бойбача бисьёр тарсид, чунки агар мо ба дасти миршаб меафтодем, ӯ маҷбур мешуд, ки маблаги барои қарзи Қорӣ-Ишкамба тайёр кардаашро тамоман ё қисман ба миршаб диҳад, ғайр аз ин эҳтимоли дар ҳабсхонаи миршаб афтода бими ба пеши падараш кушода шудани сирраш ҳам буд.

Аммо ман ӯро дилдорӣ додам, ки натарсад ва аз паси ман омадан гирад ва худам аз пеши девори ҳавлиҳо оҳиста-оҳиста нотарсона қадам партофта рафтан гирифтам. Вақте, ки мо ба растаи рангуборфурӯшӣ расидем, дастаи миршаб ҳам ба мо наздик расид. Мо худро дар торикии зери долони раста гирифта ба суфачаи дӯконе баромада дар паси сутуни долон пинҳон шуда истодем ва ман аз суфачаи дӯкон як порча хишти пухтаро канда гирифта ба ҳар эҳтимол тайёр шуда истодам.

Одамони миршаб дар зери долон пинҳон шудани моро фаҳмидаанд, барои муайян кардани дузд ё рост будани мо яке аз онҳо бо овози баланд пурсид:

— Кист вай?

Ман ба ҷои ҷавоб хиштпорчаро ба тарафи онҳо ҳаво додам. Бо ҳамин «дузд будани мо» ба миршаб ва

одамонаш маълум гардид. Миршаб, ки то он вақт аз паси даста меомад, якбора сари аспашро ба паскӯчаи бозори ангишт, ба тарафи Чорсӯ гардонда ба сӯи посбонгоҳи худ раҳсипор гардид ва одамонаш ҳам таблҳошонро хобонда (накӯфта ва садо набароварда) аз дунболи сардори худ чобукона шитофтанд. Баъд аз дур шудани дастаи миршаб мо аз сутун ва зери долон баромада ба роҳ даромада, аз пеши кӯли обгурези гузари Кемухтгарон гузашта, ба дасти чап ба паскӯчаи пешбаста баргашта, ба пеши ҳавлии Қорӣ-Ишкамба расидем.

* * *

Бойбача ба ман таъин кард, ки ман дар паҳлуи паҳлударии дарвоза истода на овози худамро ва на овози поямро набарорам.

— Агар Қорӣ-Ишкамба донад ки,— гуфт ӯ,— ман ҳамроҳи худ як одами бегонаро гирифта омадаам, ба шубҳа афтода дарвозаашро нахоҳад кушод.

Ман мувофиқи нишондоди бойбача дар канортари пеши дарвоза пинҳон шуда истодам ва ӯ дарро кӯфт.

Зоҳиран, Қорӣ-Ишкамба ба омадани бойбача нигарон шуда дар роҳрав истода будааст, ки баробари баромадани садои тақ-тақи дарвоза ӯ аз дарун:

— Вай кист? — гӯён овоз дод.

— Ман, ошноятон, Қорӣ амак, кушоед!

Қорӣ дарвозаро кушод. Аммо баробари дар паҳлӯи бойбача намоён шудани сиёҳии як одами дигар ӯ:

— Вой! — гӯён худро пас кашид ва хост ки дарвозаро бандад.

Аммо бойбача ба ин кор роҳ надод, бо бозуи худ ба як табақи дарвоза такья дода вайро кушод нигоҳ дошта як пои худро аз остона дарун гузошт.

— Натарсед, Қорӣ амак, ин кас азонихудӣ,— гуфт ва ба ман нигоҳ карда,— дароед! — гӯён аввал маро аз дар даровард, баъд аз он худ даромад ва баъд аз даромадани мо Қорӣ дарро баста қуфл зад.

Роҳрави ҳавлӣ тангу торик буд ва аз даст-даст карда диданамон маълум шуд, ки дар он ҷо як дари дигар буда, зоҳиран, вай дари ҳавлии дарун будааст.

Аммо Қорӣ-Ишкамба он дарро накушода дари дигареро, ки ба сари зиначае шинонда шуда будааст, кушода аз як зинаи тангу торик боло баромадан гирифт ва моро ҳам ба баромадан аз дунболи худ таклиф кард.

Мо аз паси соҳибхона поғундаву деворҳои зинаро даст-даст карда боло баромадем. Дар боло як рӯиҳавличаи танг буд, ки бар болои роҳрав бино ёфта буд ва ба сабаби пурбарф буданаш ҳама ҷояш ба мо менамуд ва ба муқобили сари зина, пайваста ба ин рӯиҳавлича, болохоначае воқеъ шуда буд, ки ду дар дошт, аз сари зина то дари даромади он болохона дар канори рӯиҳавлича нимайвончае бино ёфта буд, ки Қорӣ аз зери вай рафта дари болохоначаро кушода даромад ва моро ҳам ба рафта даромадан таклиф кард.

Мо ҳам рафта ба болохонача даромадем. Аммо дар он ҷо чизеро дидан ва ҷои нишаст ёфтан мумкин набуд ва соҳиби хона дар пешгоҳи вай хисир-хисир карда мегашт.

— Қорӣ амак, дар он ҷо чӣ кор карда истодаед? — гӯён бойбача аз соҳиби хона пурсид.

— Лампаро мекофтам, ёфтам,— гуфт ӯ дар ҷавоб ва илова кард: — Гӯгирд доретон?

— Ман надоштаам! — гуфт бойбача баъд аз кофта дидани ҷайб ва кисаҳои худ.

— Ман ҳам гӯгирд надорам,— ман ба сухани бойбача илова кардам.

Қорӣ баъд аз шунидани ҷавобҳои мо бо пои худ замини болохонаро кӯфтан гирифт.

— Ин чӣ кор, Қорӣ амак? Магар дар он ҷо рақсида истодаед? — пурсидам ман.

— Зери ин болохона хонаи нишасти даруниии ман аст, бо ҳамин пойкӯбӣ аз хона кас баромада барои даргиронданн лампа ба ман ёрӣ медиҳад.— Қорӣ ҷавоб дод.

Дар ҳақиқат фурсате нагузашта овози пои ба сари зина баромада истодани касе шунида шуд.

— Лампаатро барор ки аз вай ин лампаро даргиронам! — гуфт Қорӣ ба касе, ки дар сари зина пайдо шуда буд.

— Барои даргирондани лампа гӯгирд напурсида чаро баровардани лампаро талаб кардед? — гӯён рафики ман ба соҳибхона савол дод.

— Ҳамаи харҷҳои рӯзгори ман андозаи муайян дорад, аз рӯи ҳисоб бояд дар як шабонарӯз дар хонаи ман як дона гӯгирд сарф шавад ва бо он гӯгирд бояд ҳар рӯз аввали пагоҳ оташи чойҷӯшонӣ даргиронда шуда, дигар оташ ва чароғҳои дар шабонарӯзӣ даркоршаванда аз якдигар даргиронда шаванд,— гуфт Қорӣ ва илова кард: — ба ақидаи мардум панҷу чореро, ки ман дорам, ҳамаашро аз судхӯрӣ — аз рибо ёфтаам. Ин нодуруст аст, ман ҳар чизе, ки дорам, ҳамаашро аз сарфакорӣ ёфтаам; «сарфаи сари оташдон, савдогарии Ҳиндустон» гуфтаанд.

— Дар вақти боло баровардa фуровардани лампа хусусан, дар ин вақт, ки барф борида истодааст, агар шишаи лампа шиканад, «харҷи мумсик дучанд» мешавад,— гуфтам ман.

— Зарари шишаи шикаста ба гардани касе меафтад, ки он лампа аз они вай аст, ба ман чӣ дахл дорад? — гуфт Қорӣ ва илова намуд: — бинобар ин ман лампаи худро барои даргирондан ба дарун нафиристода, барои ин кор баровардани лампаи дарунро талаб кардам.

— Лампаи дарун аз они кист? — ман бо тааҷҷуб пурсидам.

— Аз они занонам,— гуфт ӯ дар ҷавоб ва эзоҳ кард,— занонам тоқиядӯзӣ мекунанд. Пештар лампа ва равғани онро, ки онҳо дар рӯшноии вай тоқиядӯзӣ мекарданд, ман медодам ва нимаи фоидаи холиси аз он пеша ояндаро ман мегирифтам. Аммо онҳо аз ман ҳисобдонтар баромаданд: «Ба рӯшноӣ чӣ сарф мекунед ки нимаи музди меҳнати моро шумо мегиред?» гуфтанд ва баъд аз он ҳамаи харҷҳои дар рӯшноӣ шавандаро аз ҳисоби худ карда тамоми фоидаи аз он касб ояндаро худашон соҳибӣ карданд.

— Ин тавр бошад, шумо он ҳама ҷонканиҳое, ки барои бо нархи зиёд фурӯхтани тоқияҳо мекардед, барои худатон набуда, барои манфиати занонатон будааст (ман бо ин суханҳо муомилаеро, ки ӯ дар пеши ман бо тоқияфурӯш карда буд, дар назар доштам).

Аммо аз ин фикратон, ки дар бораи эҳтимоли шикастани шиша изҳор кардед, маълум мешавад, ки шумо ба манфиати занонатон коре надоред ва фақат фоидаи худро мебинед? Сабаби ин зиддияти кирдоратон чист?

— Дар он ҷо ҳам ман фақат фоидаи худро ба назар гирифта будам,— гуфт Қорӣ-Ишкамба ва ҷавоб дод,— тоқияҳоеро, ки занонам медӯзанд, ман аз онҳо бо нархи вофурӯш — бо нархи яклухтфурӯшӣ баҳо карда мегирам ва баъд аз он онҳоро ба бозор бурда ба воситаи тоқияфурӯшҳои шиносам бо нархи донафурӯшӣ фурӯшонда мегирам. Фарке, ки дар байни яклухтфурӯшӣ ва донафурӯшӣ ҳаст, ба фоидаи ман мемонад.

— Дар ин миёна, гӯё, шумо вофурӯш мешавед,— гуфт бойбача.

— Бале, ман худ вофурӯш мешавам,— гуфт Қорӣ,— лекин вофурӯше, ки пули худро ба харид банд намекунад ва аз ташвиши дар дӯкон нишаста бо харидорон гуфту шунид кардан озод аст, яъне ман вофурӯше мешавам, ки фоидаро тамоман муфт меситонад...

Дар ин вақт касе лампаи даргирифтаистодаеро ба роварда бар сари зина ниҳод. Қорӣ рафта он лампаро оварда ба болохона дароварда монд ва баъд аз қадре пасттар кардани пилтааш шишаашро бо дасташ гирифта ба замин гузошт.

Магар шишаи лампа бисьёр тафсон буда, дасташро сахт сӯзонд ки:

— Воҳ, воҳ, дастакам! — гӯён ӯ панҷаашро ба пеши даҳонаш бурда, «пуф-пуф» гӯён барои таскин додани сӯзиши сари ангуштонаш кӯшиш мекард.

— На ин ки шишаи тафсонро бо дастатон гиред! — гуфтам ман ба ӯ бо оҳанги афсӯсхӯрӣ,— бояд бо остин ё ин ки бо рӯймолчаатон мегирифтед!

— Хайрият, ки бо остин ё ин ки бо рӯймолчаам нагирифта будаам,— гуфт Қорӣ дар ҳолате, ки ҳанӯз сари ангуштонашро «пуф-пуф» мекард,— дар он вақт остин ё рӯймолча парт шуда нобуд мегардид, ки товони вайро ҳеҷ кас намедод ва ба ман зарари калон мерасид. Даст сӯзад ямоқаш азхудаш аст, худ ба худ

дуруст мешаваду меравад ва маро ҳеҷ бало намезанад ва зарар ҳам намерасад...

Қорӣ-Ишкамба баъд аз кадре ором додани сӯзиши сари ангуштонаш лаби палоси хонаро бардошта, аз зери он як хасбӯрьёро бароварда, вайро аз лампаи бешишаи даргирифтаистодаи занонаш даргиронд ва бо вай лампаи болохонаро равшан карда, шишаҳои лампаҳоро ба сарашон гузошт ва баъд аз ба сари зина монда омадани лампаи занонаш лампаи болохонаро оварда ба сари сандалӣ ниҳод.

Лампа саввӯм буда монанди нӯкчаи сари мазор милт-милткунон сӯхта атрофро нимравшан мекард. Бо вуҷуди ин мо палос ва бисоти болохонаро дида тавонистем: бар рӯи хона як намади оҳакии бисьёр кӯҳнаи ҷо-ҷояшро куязада пахн карда шуда буд; бар рӯи сандалӣ як кӯрпа буд, ки мувофики гуфтаи худи Қорӣ-Ишкамба аз арақчини зери полони хар фарқ надошт; аммо кӯрпачаҳое, ки бар кодокҳои сандалӣ андохта шуда буданд, аз кӯрпаи рӯи сандалӣ чиркинтар буда, ба назари кас монанди арақчини зери полони хари пушташ пурреш менамуданд.

— Марҳамат карда бинишинетон! — гуфт Қорӣ ба мо, ки ҳанӯз дар миёнаҷои болохона рост меистодем ва барои нишастан атрофи сандалиро нишон дод.

Мо барои нигахдории бадани худ аз чиркиниҳои палоси болохона ҷомаҳои рӯямонро ба тани худ сахт печонда ҳар кадомамон дар як кодоки сандалӣ нишастем ва ҳамин ки поҳоямонро барои гарм кардан ба даруни сандалӣ дароз кардем, гӯё ки ба яхдон дароз карда бошем, маҷбур шудем, ки ба зудӣ ба зери худ кашида дузону нишинем. Ҳамоно сармои зери болохона аз оташхонаи беоташи сандалӣ, аз ҷои палосдохона зиёдтар бар рӯ мезад, ки даруни сандалӣ назар ба берунаш сардтар буд.

— Магар дар даруни сандалиатон ба ҷои оташ ях андохтаед, ки поҳоям дар он ҷо аз сармо сӯзиш карданд,— гуфт бойбача ба соҳибхона.

— На ин ки ҳамин ҳавои на онкадар сард ба пои одам таъсир кунад? — гуфт Қорӣ дар ҷавоб.— Ниҳоят дараҷа нозук будани пои бойбачагонро акнун фаҳмидам.

— Пои муллобачаи сахрой ҳам, ки нозук набуданаш маълум аст, аз кор рафт,— гуфтам ман,— дар чиллаи зимистон, дар вақте ки як ваҷаб барф боридааст ва ба даруни кафши равандагон порчаҳои барф медароянд, пои шутур ҳам бошад ба сармо тобоварӣ карда наметавонад.. Ба кӯча баромада як-ду гузарро гардиш карда оед, дар он вақт мефаҳмед, ки сармо ба пои кас чӣ гуна таъсир мекардааст?

— Ман ҳозир аз кӯча омадам,— гуфт Қорӣ-Ишкамба,— на як гузар — ду гузарро, балки нимаи шаҳрро гардиш кардам, ба поҳоям ҳам ғайр аз як кафшу масҳии дарида чизи дигаре набуд. Бо вуҷуди ин ба поям сармо таъсир накард. Маълум мешавад, ки пои ман аз пои шутур ҳам сахттар ва ба сармо тобовартар будааст.

— Маълум мешавад, ки пои шумо монанди пои фил ғафспӯст будааст,— гуфт бойбача.

— «Чи халад ба пои филон халачӯби говронӣ» — гӯён ман илова кардам.

Баъд аз он ман аз Қорӣ-Ишкамба пурсидам:

— Ин ҳама гузару кӯчаҳоро давр зада гашта чӣ кор мекардед?

— Чӣ кор мекардам?.. Ба ҳавлиҳои ошноҳоям рафтам, ошҳошонро хӯрдам, чойҳошонро нӯшидам. Агар ба бойбача ваъдагӣ намебудам, боз ду соати дигар, то нимаи шаб дар хонаҳои он касоне, ки ошҳошонро дер мехӯранд, даромада мувофиқи насибаи худ наво-ла мебардоштам.

— Шумо дар хонаи худатон ҳам ҳеҷ ош мехӯред? — ман пурсидам.

— Ҳаргиз! Модом, ки дар хонаи дӯстон ошу нони тайёр ҳаст, чаро дар хона дегу дуд кунонда ва пулеро, ки ба сад машаққат меёбам, харҷ карда ош пазонда хӯрам? «Ҷон хонаи мардум, на ғами обу на ғами ҳезум!» гуфтаанд касони хирадманд,— гуфт Қорӣ-Ишкамба ва монанди он касе, ки дар гуфтор аз вай аз ғайри қасд хатое сар бар зада бошад, оҳангашро якбора дигар карда илова намуд: — Не, дурӯғ шуд, соле ду бор дар хонаи худ ҳам ош мехӯрам.

— Ман бовар намекунам,— гуфт бойбача,— ман ҳеҷ бовар намекунам, ки шумо пул харҷ карда дар хонаатон ош пазонда хӯред!

— Пул харҷ карда ош пазонда намехӯрам...— Қорӣ охири калимаи «намехӯрам»-ро мад кашида гуфт ва эзоҳ дод,— занонам соле ду бор — дар моҳҳои муҳарраму раҷаб аз пули худ ош пухта қориҳоро даъват карда ба арвоҳи падарашон хатми қуръон мекунонанд. Азбаски мо фарзанду дастиёр надорем, ошро ба пеши қориҳо худам бароварда ҳамроҳи онҳо мехӯрам.

— Худатон, ки қорӣ ҳастед, чаро хатми қуръони занонатонро худатон карда пули онҳоро намегиред ва чаро роҳ медиҳед, ки он пул аз хонаи шумо баромада ба кисаи бегонаҳо даромада равад?—бойбача пурсид.

— Ман ҳазор бор ин корро кардан мехостам, аммо занони мӯйдарози ақлкӯтоҳ қабул намекунанд, «шумо худоро ҳам фиреб медиҳед, қуръон нахонда пули моро мегиред» мегӯянд,— гуфт Қорӣ-Ишкамба ва илова намуд,— лекин ман ҳам барои ба кисаи худ даровардани як қисми он пулҳо роҳ ёфтам.

— Чӣ навъ? — ман пурсидам.

— Одатан занонам дар хатми қуръон се нафар қорӣ даъват мекунонанд ва барои ҳар кадоми онҳо дар як коғаз ҳафт танга печонда ба ман медиҳанд, ки ба қориҳо бароварда диҳам. Ман дар роҳрав аз ҳар кадоми он қоғазпечҳо дутангагӣ гирифта ба кисаи худ андохта боз он коғазҳоро монанди аввалӣ печонда бароварда ба қориҳо медиҳам, дар натиҷа ҳар кадоми он қориҳо ба панҷ танга соҳиб шаванд, ман ба шаш танга соҳиб мешавам.

— «Шаш тангаро аз ҳаққи қориҳо медуздам» гӯед! — гуфт бойбача.

— Чаро ин кор дуздӣ мешудааст? — гуфт Қорӣ-Ишкамба қадре шӯрида,— агар он қориҳо қуръон хонда пул гирифта бошанд, ман ҳам аз онҳо бештар ва хубтар қуръон хонда ба арвоҳи падарарӯсонам бахшида пул гирифтаам. Ин кори хуби маро занони аҳмақам надонанд ҳам, худо медонад.

— Суханро дароз карда таъсири сарморо паст намуда наметавонед, Қорӣ амак! — гуфт бойбача,— агар

аз пул умед дошта бошед, базудӣ як хокандоз оташи навшукуфта биёред, ки поям ях баст, дастам ҳам карахт шуд, акнун тоқати нишастан ҳам надораму пул шумурдан ҳам.

— Ҷоеро нишон мегиред, ки агар тиратон ба он ҷо расад, ҷони кас мебарояд! — гӯён Қорӣ-Ишкамба аз ҷояш бархост ва ба миёнаҷои хона рафта он ҷоро пойкӯбӣ кардан гирифт ва илова кард: — агар оташ набарорам, бо пул надодан тарсондан аз ҳамин гуна нишонагириҳои шумо аст.

Дақиқае нагузашта овози пои ба сари зина баромадани касе шунида шуд. Қорӣ-Ишкамба ба он кас:

— Аз сандалии хонаи дарун як хокандоз оташ барор! — гӯён овоз дод.

Баъд аз дақиқае дар сари зина як хокандоз пайдо шуд. Қорӣ-Ишкамба рафта хокандозро овард, ки дар вай аз оташ зиёдтар хокистар буд ва ӯ он хокандозро ба оташхонаи сандалӣ гузошт.

— Ҷаро оташро дар сандалӣ нарехта бо хокандоз гузоштед? — ман аз Қорӣ пурсидам.

— Ин, ҳикмат дорад!

— Чӣ ҳикмат дорад? — боз пурсидам.

— Баъд мефаҳмед!

Мо поҳоямонро ба даруни сандалӣ дароз кардем. Он оташ чандон гармӣ надошта бошад ҳам, ях ва барфҳои масҳиҳои моро об кардан гирифт.

— Сандалиатон пештар яхдон бошад, акнун яхобдон шуд! — гуфтам ман.

— Зарар надорад, аз хонаи ман, ба ҷон ба дилатон оби сард задан, яхоб зада меравед, ки ин ҳам сабаби хотирҷамъии шумо, ҳам боиси осудагии ман мешавад,— гуфта Қорӣ-Ишкамба зимнан маълум кард, ки ҳанӯз ӯ дар ҳаққи ман бадгумон аст.

— Зудтар дафтаратонро бароред! Ҳисобиатонро баробар карда барвақттар баргардем, ки дар ин хона одам дер монад, ях баста мемирад,— гуфт ҳамроҳи ман.

Қорӣ-Ишкамба аз ҷояш хеста бойбачаро барои берун баромадан имо карда, худ аз хона баромад ва бойбача ҳам ба ман як чашмак зада аз дунболи ӯ берун рафт. Баъд аз он, ки ҳар дуи онҳо дар берун қад-

ре гӯшакӣ карда бо ҳам паст-паст гап заданд. Қорӣ аз зина фуромада рафт ва бойбача хандакунон ба хона даромад.

— Чӣ кори махфӣ будааст? — ман аз бойбача пурсидам.

— Ҳеҷ кор не, одати судхӯрон ҳамин аст,— гуфт бойбача ва эзоҳ дод.— Ӯ мегӯяд, ки «ман шабона аз шумо пулро гирифта дар пеши як одами бегона дар хонаам намемонам. Ман рафта касеро гирифта меорам, ки ба ӯ дилам пур мешавад ва эътимод дорам, баъд аз он аз шумо пул мегирам ва ба дафтар менависам. Баъд аз он ҳамроҳи он одам пулро бардошта бо ҳамроҳии шумоён ба кӯча мебароем, шумо ба ҷои худ меравед ва ман бо он одам пулро бурда ба ҷое, ки худ медонам, мегузорам. То ин ки рафиқи шумо гумон накунад, ки ман шабона дар хонаам пул мемондаам.

Ман бо шунидани ин суханҳо аввал аз Қорӣ сахт ранҷида бошам ҳам, зуд ранҷишам бартараф шуд, чунки ба ин дараҷа расидани шубҳа ва бадгумонии одам аз ҷумлаи бемориҳои девонагӣ аст, гуфта дар дили худ қарор додам. Албатта, аз девона ранҷидан дуруст нест, ҳатто ба ҳоли вай раҳмам омад, ки он бечора то охири умраш дар натиҷаи ин бемории азоб хоҳад кашид...

Ман дар ин гуна фикру хаёлҳо будам, Қорӣ-Ишкамба бозгашта омада аз зина ба болохона баромад. Аммо ӯ танҳо буд.

— Магар одаматонро наёфтед? — гӯён бойбача ба ӯ суол дод.

— Ҳанӯз ба он одам нарафтаам, як кори зарур ба ёдам омад, ки аз роҳ баргашта омадам,— гуфт Қорӣ-Ишкамба ба мо наздик расида омада ва «кори зарураш»-ро эзоҳ кард: — шумо ҳар ду якдигарро ва овози якдигарро мешиносед ва ҳозир ғайри сӯҳбат карда нишастан кори дигар ҳам надоред, барои ин кор лампа сӯхтан ҳоҷат нест, исроф аст. Харҷи барзиёд аст. Бинобар ин ман лампаро хомӯш карда бурда ба сари зина мемонам ва дар вақти омаданам боз аз лампаи занон даргиронда оварда дар рӯшноияш ҳисобро баробар мекунем. Дуруст аст?

Пеш аз он, ки мо ба ин суолаш ҷавоб диҳем, лампаро аз пеши мо бардошта гирифта бурд ва ба сари зина вайро хомӯш карда монда аз дарвозааш баромада рафт.

* * *

Модом, ки «мо якдигарро ва овози якдигарро мешинохта бошем ва барои сӯҳбат карда нишастанамон рӯшноӣ зарур набудааст», биё бо ҳам гуфтугузор карда нишинем,— гуфтам ман ба бойбача ва илова карда пурсидам:

— Ту, ки падари савдогар дорӣ ва ман медонам, ки тамоми нақду насьяи падарат дар дасти ту аст, пас чаро ту ба қарз мӯҳтоҷ шудӣ? Ин масъала дар пеши ман монанди муаммо сарбастааст, агар ин муамморо кушода медодӣ, ман хеле хурсанд мешудам ва дилгирие, ки аз сӯҳбати ин мумсики дарунсиёҳ дар ман пайдо шуд, бартараф мегардид.

— Модом, ки дили ман ба шумо пур шуда ҳамроҳи худ гирифта оварда сирри қарздории худро ба шумо кушода додам, аз кушодани сабаби қарздориам ҳам ҳеҷ ибо ва мулоҳизае надорам,— гуфт бойбача ва сабаби қарздориашро шарҳ дод,— чунонки медонед, ман бо падарам дар як дӯкон менишинам ва азбаски падарам бесавод аст, чунонки худ гуфтед, ҳама нақду насьяҳояш дар дасти ман аст. Ман гоҳо ба тақозои ҷавонӣ панҷсад ё ҳазор тангаро аз пули аз фурӯшомада гирифта ба комҷӯиҳои худ сарф мекунам. Гоҳо мешавад, ки баъд аз ин гуна харҷи ман ба банк ё ба савдогарони калоне, ки мо аз онҳо мол мегирем, пул додан даркор мешавад. Дар ин гуна мавридҳо барои нафаҳмондани комомади дӯкон ба падарам, он маблағро аз ҷое қарз гирифта ҷои он камомадро пур карда мемонам ва ҳамин тарз шуда ман ба қарз мӯҳтоҷ мешавам. Баъд аз он аз савдои ҳаррӯза кам-кам бозъёфт карда маблағи қарзу фоидан вайро тахия намуда ба қарзхоҳ мепардозам.

— Дуруст аст, ки ҳаман инҳо дар зиндагонии бойбачаҳо шуданист,— гуфтам ман,— модом, ки ба қарз мӯҳтоҷ шудӣ, чаро аз ҳамин ҳайвони дупо қарз меги-




Қорӣ Ишкамба дар тасвири рассоми франсавӣ Борис Тослицкий.
(Аз газетаи «Юманите»).

ҷавоби пурсиши ман илова намуд,— ин хокистари оташолудро дар сандалии хонаи дарун меандозам ва то рӯз поҳоямро бар рӯи вай дошта гарм карда мехобам.

Мо аз зина ба роҳрав фуромада аз он ҷо ба кӯча баромадем. Қорӣ-Ишкамба занонашро ҷеғ зада қуфл карда мондани дарвозаро ба онҳо таъин намуд ва ба касе накушоданашонро ҷудогона таъкид карда аз дарвоза баромада бо мо ба роҳ даромад.

Аз сари растаи кафшу масҳифурӯшӣ мо аз ҳам ҷудо шудем: Қорӣ бо саройбон аз таки долони раста раҳсипор шуданд ва мо аз пеши кӯли обгурези гузари Кемӯхтгарон гузашта ба тарафи манзили худ рафтем. Ҳанӯз барф меборид, барфи кӯча то буҷулаки пои одам мерасид. Сардии ҳаво баланд шуда буд.

## X

Акнун, ки ба муносибати воқеаи Қорӣ-Ишкамба дар бораи ошнои деринаам — бойбача қадре сухан ба миён омад, лозим шуд, бар болои аҳволи ӯ васеътар истам.

Ошнои ин бо ман аз шоири марҳум Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, ки яке аз дӯстони наздики ман буд, ба ман мерос монда буд. Бойбача ҷавони бад набуд, ба мо барин муллобачаҳои пойлучи саҳрой монанди бойбачагони дигари Бухоро калонгирӣ ва бадҳавоӣ намекард, улфат ва рафтуояш ҳам бо мо буд, аз ҷамъияти бойбачагон канора гирифта буд.

Падари ин бойбача боз як симои дигар буд. Ӯ бесавод буд, лекин бесаводии худро аз ҳама, ҳатто аз ман ҳам, ки бо писараш ошнои наздик будам, пинҳон медошт. Бисьёр воқеъ шудааст, ки ман аз раста аз пеши дӯкони ӯ гузарони роҳ мешудам. Дар ҳамон вақт агар писараш, ки саводнок буд, дар дӯкон набошад ва хате ҳам аз ҷое омада бошад, маро ҷеғ мезад:

— Марҳамат кунед, як пиёла чой хӯред!

Ман ба сари дӯкони ӯ менишастам.

Ӯ он хатро бароварда ба дастам медод. Ман хатро аз назарам гузаронида:

— Хонда диҳам? — гуфта мепурсидам.

— Як сари қадам ба ҳавлии ман биёед,— гуфт ӯ.
— Хуб,— гуфтаму бо ҳамроҳии ӯ ба роҳ даромадам. Бой дар роҳ чизе нагуфт. Ман ҳам сухане надоштам, ки ба ӯ гӯям. Хомӯшона роҳ мерафтем. Аз ваҷоҳати бой маълум мешуд, ки дар сараш рӯзи хеле сахте афтодааст...

Мо ба ҳавлии ӯ даромадем. Меҳмонхонаашро кушод. Ман дар сандалӣ нишаста поҳоямро ба оташ тофтам.

Бой ба хонаи дарунаш рафта барои ман чою нон оварда ба болои сандалӣ гузошт. Худаш ҳам дар як кодок нишаст. Мо ба чойнӯшӣ даромадем.

Ҳоло ҳам бой чизе намегуфт ва дар ҳавлии берунаш ғайр аз худаш каси дигаре ҳам набуд.

Оқибат ман аз дам нишастан танг шуда:
— Писаратон дар куҷо? — гӯён пурсидам.
— Дар дӯкон,— гуфт дар ҷавоб ва илова кард: —Ман, ки ин ҷо омадам, дар дӯкон нишастани ӯ лозим аст. Дӯконро рӯзона баста монда намешавад.
— Шумо чаро дар вақти гармии бозор дӯконро партофта ба хона омадед?
— Ба шумо як кор доштам...

Ман дар андеша афтодам, ки «ба ман чӣ кор дошта бошад? То ҳол ӯ маро барои коре ҷеғ назада буд. Як кори хатхононӣ дошт, ки вай ҳам гоҳо дар раста ва дар набудани писараш мешуд. Магар аз беҷохарчиҳои писараш хабар ёфтааст ва аҳволи ӯро аз ман ки ошнои наздики ӯ ҳастам, мепурсад... Агар аз ин хусус пурсад, чӣ ҷавоб хоҳам дод? Агар аҳволи писарашро ба ростӣ гӯям, ба ошноӣ хиёнат мешавад, агар пинҳон дорам, дурӯғ мешавад...» Ман дар ин гуна андешаҳо ғарқ шуда пурсидам:
— Ба ман чӣ кор доред?
— Як кор дорам, намедонам мекунед ё не?
— Агар аз дастам ояд, мекунам.
— Ин кор танҳо аз дасти шумо меояд.
— Хуб, марҳамат кунед, коратонро гӯед.
— Кори ман ин аст, ки шумо як сари қадам ба деҳаи Розмози тумани Вобканд рафта меоед.
— Аз шаҳр то Розмоз, аз ҳуҷраи ман то ҳавлии шумо нест, ки одам як сари қадам рафта ояд. Он ҷо

аз шаҳр чор санг дурӣ дорад. Ба он ҷо рафта омадан, хусусан дар ин ҳаво осон нест.

— Пиёда намеравед...— гуфт ӯ мад кашида,— ман ба шумо аспи худамро зин карда медиҳам.

— Либосам тунук ва барфуборонгузар аст, чакман ё ин ки ҷомаи боронӣ надорам.

— Ман ба шумо чакмани босмаи худро медиҳам, ки аз вай на хунук мегузарад ва на барфу борон,— гуфт бой ва як сония хомӯш монда ба андеша фуру рафт, магар фикр мекард, ки мабодо ман чакмашро тамоман аз они худамшуда напиндорам, бинобар ин илова кард:

— Ман чакманамро тамоман ба шумо медодам, лекин худам чакмани дигар надорам. Ба ҳар ҳол хизмати шуморо муфт намеравонам ё чой ё пули чойро медиҳам.

— Агар ман ин хизмати шуморо адо кунам, на аз барои музд, балки барои ошноии чандинсолаи писаратон мекунам. Вагарна оқил дар ин гуна ҳаво барои музд худро дар таҳлука намеандозад.

— Офарин, домулло! — гуфт бой бо хурсандӣ.

— Ман шунида будам, ки ғиҷдувониҳо дар роҳи ошноӣ худро ба куштан ҳам медиҳанд. Дар ҳақиқат рост будааст...

Бой аз ҷон бисьёр нозуки ман гирифта буд. Ман он вақтҳо як ғиҷдувонии бисьёр аҳмақ будам, як корро дар роҳи ошноӣ накардан ё карда натавонистани як ғиҷдувониро барои ҳамаи ғиҷдувониҳо ор медонистам. Ман он вақтҳо чунин ҳис мекардам, ки агар ман ин корро накунам, гӯё, ҳамаи ғиҷдувониҳо ба ман мегуфта бошанд ки «ту як кӯча роҳи андак душвори ошноиро нарафтӣ, номи ғиҷдувониҳоро паст кардӣ ва обрӯи ҳамаи моро дар пеши шаҳриён резондӣ, туф бар ту!».

— Хуб, ин як кӯча роҳи ошноӣ аст, ҳар чӣ шавад, меравам,— гуфтам ман бо қатъият.

Бой, чун дид, ки сухани охиринаш ба ман хуб таъсир кард, маро боз аҳмақтар кардан хоста гуфт:

— Абдунабӣ ном як хизматгори нотарси қадрдон доштам, медонед ки ӯ бемор шуда ба хонааш рафт

ва мурд. Писарам он дилу гурдаро надорад ки дар айёми зимистон, дар вақтҳое, ки ҳамаи ёбонҳо холиананд, ба чор санг роҳ рафта омада тавонад. Хусусан ба тарафҳои Розмоз, ки бештарини онҳо авлоди Файзй-Авлиёанд [1], на танҳо писари ман, ҳеҷ кадоми аз шаҳриён ҳам дар ин вақти сол ба он ҷоҳо рафта наметавонад, агар равад ҳам, камаш асп ва либосашро мегиронад. Бинобар ин ман шуморо заҳмат додан хостам, ки як ғиҷдувонии бисьёр нотарсед.

— Зарар надорад, авлоди Файзй-Авлиё он тараф истад, худи Файзй-Авлиё зинда шуда аз пеши роҳам бароянд ҳам, ман «калло-балло» гуфта метавонам! — гуфтам бо ғурури ғиҷдувонигй ва илова намудам:

— Қай меравам?

— Ҳамин рӯз, ҳамин соат.

— Рӯз бевақт шуд. То тайёр шуда баромадан соат як мешавад, то шаб чор соат вақт мемонад, дар ин муддат, дар ин ҳаво ва ин роҳи вазнинро тай карда ба он ҷо рафта расидан мумкин нест.

— Душвории ин кор ҳам дар ин аст, ки ҳамин рӯз рафта ба он ҷо расидан даркор аст. Фардо аз он ҷо ду одамро ҳамроҳи худ гирифта меоред. Онҳо ба ман рӯзи панҷшанбе пагоҳонй дар вақти чой даркоранд. Агар ин мақсад дар вақти муайяне, ки гуфтам, ба даст надарояд, аз ҳеҷ ба даст надаромадан фарқ надорад.

— Хуб, ҳар чй бодо бод, аспро зин кунед: — гуфтам ман бо ғурури аввалй.

Вай ба зин кардани асп рафт. Ман дар хаёли худ роҳи пурбарфу яхи чорсангиро, ки сию ду километр мешавад, тасаввур мекардам...

Бой аспро зин карда, бозгашта омада ба ман:

— Марҳамат кунед, асп тайёр шуд! — гуфт.

— Охир, ман он ҷо ба пеши кй меравам ва киҳоро гирифта меорам? — гуфтам бо тааҷҷуб.

— Дар воқеъ ман аз саросемагй ин ҷои корро фаромӯш кардаам,— гуфт бой кисабағалашро кофта ис-

---

[1] **Файзй-Авлиё** аз яккадуздони машҳури Розмоз буда, хонаи бойҳо ва пулҳои аз андоз ғуншудаи амлокдорҳои амирро ба танҳой медузданд. Ӯро амир Музаффар ба даст даровarda аз манори Бухоро партофта кушта буд.

тода ва аз он ҷо як хати лифофанокро бароварда ба ман дода давом намуд:

— Дар деҳаи Розмоз Арбоб-Ҳотам ном як одами баобрӯй ҳаст. Рост ба ҳавлии ӯ меравед, ин хатро бо нимча чой, ки онро дар хӯрҷин андохтаам, ба ӯ медиҳед. Ӯ он одамонеро, ки ба ман даркоранд, ёфта ба шумо ҳамроҳ мекунад. Шумо гирифта овардан мегиред.

Ман хати бойро ба кисабағали худ монда, чакмани ӯро пӯшида, аз меҳмонхона баромадам. Бой хӯрҷинро, ки дар як лингаш як нимча чой буд, ба рӯи зин партофт, аспро кушода ба сараш лаҷом зад, нӯхтаи аспро дар линги холии хӯрҷин андохт. Аспро етак карда аз дарвоза ба кӯча баровард.

Ман дар сари кӯча ба асп савор шуда аз дасти бой қамчинро гирифтам. Бой аз бағалаш як нони хонагӣ бароварда ба ман дода:

— Дар роҳ нон гирифта баромадан хосияти бисьёре дорад, бо шарофати нон раванда аз хатарҳо эмин мемонад,— гуфт ва ба қибла нигоҳ карда дастонашро ба ҳаво бардошта,— худо ба шумо роҳи сафед диҳад! — гӯён дуо кард ва дастонашро бар рӯ кашид.

Ман нонро дар бағалам андохта ба роҳ даромадам...

* * *

Аз кӯчаҳои танги Бухоро, аз болои тӯдаҳои қаторкӯҳмонанди барфҳо савора гузаштан душвор буд. Бинобар ин ман ба зудӣ худро дар роҳи калони арабагузари дарвозаи Мазор гирифтам. Ҳарчанд чап ҳам бошад, бо он роҳ рафта аз дарвозаи Мазор аз шаҳр баромадам ва баъд аз он таг-таги қалъа рафта аз пеши Майдони Машқи Сарбоз [17] гузашта ба паҳлӯи дарвозаи Самарқанд расидам ва аз он ҷо ба роҳи калони Бухоро — Ғиҷдувон даромадам...

Ин роҳ хеле васеъ буд, дар ин роҳ тӯдаҳои барф набуданд, лекин ба ҷои онҳо сар то сари роҳро, гӯё, ки асфальтфарш карда бошанд, яхи сахти сиёҳчаранг фурӯгирифта буд. Барфи бисьёр бо суми аспу хари равандагон ва бо чархи оҳандори аробаҳо молиш хӯрда фарши «асфальтӣ» шуда буд. Дар ин роҳ

асп ҳар қадаме, ки мемонд, пояш лағжида мерафт, ки шикамаш қариб ба замин мерасид...

Ду тарафи роҳ — майдонҳои кишт, кӯлҳои обпар-то, заҳкашҳо, ҷӯйҳо, ҷарҳо ва ҳамаи пастию баландиҳо бо барф пур шуда ҳамвор гашта буданд, ба ҳар тараф ки нигоҳ кунед, барфи дурахшони сафед чашматонро мебурд.

Ҷӯйҳои сарироҳӣ ҳам дамида бароманда бо пулҳо ва роҳҳо ҳамрӯй шуда буданд. Баъзан обҳои ҷӯйҳо бар рӯи яххои роҳҳо шорида рафта, ях баста, «асфальт»-и роҳро дуқабата карда буданд.

Дарахтони бед, гуҷум ва тут ҳам монанди зардолуҳои дар баҳорон шукуфта шукуфазореро ба назаратон ҷилва мекунониданд. Ҳайфо, ки аз тарси хароб шудани чашм ин «шукуфазор»-ро бо серӣ тамошо кардан мумкин набуд.

Дар саҳро ҳеҷ ҷонзоде наменамуд, танҳо зоғҳои ало гурӯҳ-гурӯҳ шуда барфбозӣ карда мегаштанд. чунон, ки мурғҳои хонагӣ хокбозӣ кунанд, онҳо бо сари синаашон ба барф хобида бо панҷаҳошон барфҳоро ба зери болҳошон пош медоданд ва ба тарике, ки мурғобиҳо сари худро ба об фурӯ медиҳанд, инҳо ҳам сари худро ба барф мегӯтониданд. Агар ихтиёри луғат ва ном сохтан ба дасти ман мебуд, ман зоғҳои алоро «мурғи барфӣ» меномидам. Хомӯшии ин саҳрои мурдаи пурбарфро ҳам танҳо қар-қари ҳамин зоғҳо халалдор мекард.

Дар деҳаҳо ҳам ҳеҷ кас наменамуд. Танҳо бар болои бомҳои аз барф сап-сафед дудҳои сиёҳи ғализи саргин, хазон ва хошок гардиш мекарданд, ки танҳо ҳаминҳо аломати ҳаёт буданд, танҳо ҳаминҳо буданд, ки ваҳшати деҳаҳои холӣ ва хомӯшро камтар мегардониданд...

Дар вақти ба Галаосиё расидани ман, ки аз Бухоро як фарсах масофат дорад, аср шуда ба фурӯ рафтани офтоб як соат монда буд. Ман аз бими дар торикии шаб дар ин роҳи пурдаҳшат ва саҳрои пурваҳшат мондан саросема шуда аспро қамчин мезадам. Аммо вайро ҳеҷ маҷоли қадам задан намонда буд. Аз гӯш, гардану поҳояш монанди чилчӯби ниҳоллопазон кафк мепарид, аз тамоми баданаш монанди

доши пиллакашон бухор мебаромад. Елу думаш бошанд, монанди мӯи пӯпакдори духтарони он замон аз ях шавшулак баста буданд.

Акнун бими он буд, ки дар ҳар қадам задани асп ман аз болои он, монанди тарбузи бар рӯи зин ниходашуда, муаллақзанон парида равам...

Вақте ки ман аз Галаосиё гузашта ба тарафи Ялангӣ раҳсипор гардидам, аз дур бар болои роҳ гурӯҳҳои зоғон намуданд, ки онҳо гоҳо мепариданд ва гоҳо менишастанд. Аз онҳо болотар дар ҳаво як чанд мурғони лошахӯр ҳам менамуданд, ки онҳо бол назада гардишкунон чашмашонро бар рӯи замин дӯхта буданд.

Асп хӯсидан гирифт, аммо бо зарби қамчини ман маҷбур буд, ки қадам пеш монад...

Ба гурӯҳи зоғон наздик расидам. Дар канори роҳ асперо пӯст канда партофта буданд. Маълум мешуд, ки он аспи бечора аз сахтии роҳ ё беқувватии худаш ҷон додааст, ё ин ки ғалтида гарданаш шикастааст. Соҳибаш пӯсти онро канда гирифта гӯшташро ба мурдорхӯрон «садақа» гӯён монда рафтааст.

Дар пеши лошаи асп се-чор саг ҳам буд. Сагҳо ба якдигар ғур-ғуркунон гӯшт меканданд ва мехӯрданд. Гоҳо аз гурусначашмӣ, чунон ки империалистон ба якдигар часпанд, уввосзанон ба сару рӯи якдигарашон чангол ва дандон мезаданд ва боз гӯштхӯрии худро давом медоданд.

Зоғҳо аз ҳар тараф омада ба қадри қувваташон насиба мегирифтанд, аммо ҳамин, ки сагҳо ба тарафи онҳо чашм ало карда аккос мезаданд, ба парвоз кардан маҷбур мешуданд. Гӯё инҳо капиталистони майда буданд, ки танҳо бо ризои ҷаҳонгирони калон аз ҷаҳони мазлум навола мегирифтанд. Мурғони лошахӯр бошанд, бо он баландпарвозии худ аз сагҳо метарсиданд, ба лоша наздик омада наметавонистанд, аммо умедашонро канда дур ҳам намерафтанд. Инҳо, гӯё, як қисм империалистоне буданд, ки аз империалистони фашист метарсиданд ва бо вуҷуди розӣ набуданашон, мемонданд ки фашистон ҷаҳонро хӯрдан гиранд ва бо чашмони норозӣ кори онҳоро тамошо мекарданд... ва, гӯё афсӯс мехӯрданд,

ки «онҳо ҳамаро бурданд ва барои худашон ҳисса кам монд».

Ман аз он ҷо гузашта ба роҳи худ давом намудам. Шаб омад, торикии он рӯи ҷаҳонро фурӯ гирифт. Акнун роҳи «асфальтии» сиёҳчаро дидан мумкин набуд. Аммо ду тарафи роҳ бо тобиши барфи якмол сафедча менамуд. Акнун асп бисьёр бо эҳтиёт қадам мегузошт, пеш аз ҳар қадам задан ба зери пояш теғ кашида нигоҳ карда ду-се сония фах-фахкунон меистод...

* * *

Дар ҳамин вақт ба ман як фикр илҳом шуд: «Ба тарафи дасти чап ба киштзорҳо бароям, он ҷоҳоро барфҳое пӯшондаанд, ки ҳаргиз қадам нахӯрдаанд ва лағжонак нашудаанд, қадам партофтани асп дар он ҷоҳо осон аст. Агар дар миёна баъзе ҷӯйҳо, заҳкашҳо, ва кӯлмакҳо бошанд ҳам, зарар надоранд. Он гуна ҷоҳо бояд сахт ях баста бошанд. Яхи баъзе ҷойҳо шиканад ҳам, тарсе нест, аз он гуна ҷоҳо асп худро ба осонӣ хоҳад берун кашид».

Дарҳол ин фикрро ба амал овардам ва ба тарафи дасти чап аз роҳ баромадам. Дар ҳақиқат ҳам ин роҳи бероҳа бисьёр соз омад. Асп, чунон ки дар роҳи ҳамвори хушки хокӣ қадам мезада бошад, озодона роҳ мерафт, аз ҷӯйҳо ва заҳкашҳо на ин ки қадам партофта, балки ҷаҳида мегузашт...

Чизе, ки маро ташвиш медод, танҳо ин буд, ки ин бероҳа маро ба мақсад мерасонда бошад ё аз роҳи калон дур афтода аз ягон тарафи дигар сар мебаровარда бошам?

Бо ин андеша дар атроф чашм меандохтам, ба ғайр аз саҳрои пурбарф чизе наменамуд, аз деҳот ва ободонӣ асаре набуд...

Баъд аз ягон соат роҳ рафтан, аз тарафи дасти рост ба дурии тахминан ҳазор қадам дуди сиёҳи шараолуде намудор гардид, ки ба ҳаво печида мебаромад.

Ман донистам, ки ба рӯ ба рӯи сари бозори Ялангӣ расидаам, ин дуд, албатта, аз танӯри нонвойхонаи он сари бозор ё аз гулхани рӯиҳавлигии ягон сарои он ҷо баромада истодааст.

Дилам ором гирифт, ки ман аз роҳи калон бисьёр дур нарафта будаам ва рост ба тарафи шимол нигоҳ карда аспро рондан гирифтам...

Баъд аз ягон соати дигар роҳ рафтан аз пешам киштзори фарохе баромад, ки кулӯхшудгор[1] карда шуда буд. Кулӯххои ин шудгор чунон калон-калон буданд, ки аз таги барфи ҳамон қадар ғафс ҳам пасту баландии замин намудор мегардид...

Ман ба сари ин шудгор расида аспро бо роҳи рост аз миёнаҷои шудгор ба тарафи шимол нигоҳ карда рондан хостам. Аммо асп рамид, якраҳагӣ ва инодкорӣ кард ва пои худро пеш нагузошт. Қамчин задам, ба вай таъсир нанамуд ва ҳар боре, ки қамчин мезадам сари худро ба пеш ҳам карда фаххос зада меистод, аммо пеш намерафт.

Ман қамчинро ба дасти чап гирифтам, ба хамгашти тарафи чапи шикаму ронаш, ки аз он пеш он ҷояш ҳеҷ шатта надидааст, ду-се зарба шинондам.

Ба ҷони асп расид, дар ҳолате, ки фах-фахкунон тумшуқи худро ба замин бурда буд ба пеш қадам монд, ду пои пеши асп ба шудгор, чунон ки ба лой фурӯ мерафта бошад, ғӯтид, аммо бисьёр дарун нарафт. Асп боз ба он ҷо ором истоданӣ шуд, лекин ман ҳам боз ба тарафи чапаш қамчин задам. Асп ночор ду қадами дигар пеш рафт, аммо ҳамин, ки қадами саввӯмро бардошта пеш гузошт, чор пои вай ҳам ба шудгор фурӯ рафт ва аз ҷои фурӯрафтан пойҳояш балаққосзанон об баромада ба намади зин расид ва об бар рӯи шудгор ҳам равон гардид.

Ман он вақт фаҳмидам, ки ба чӣ фалокат афтодаам, он замини шудгор набуда, балки дарьёи Зарафшони яхбаста будааст.

Одатан обҳои калони равон дар сармоҳои сахт, на аз тарафи боло ва на аз ҳар ҷо-ҳар ҷо, балки аз поён ях баста меоянд. Ях бастани обҳои калони равон ба ин тариқа аст, ки шӯшаҳои ях аз боло бо омади об омада

---

[1] Кулӯхшудгор — шудгорест, ки тиркашро ба сӯроҳи нӯги амоч андохта, огардхоро васеътар гирифта заминро чуқур меронанд, ки аз замин кулӯххои калон-калон мехезад. Ин муқобили майдашудгор аст.

поён рафта ба ҷое банд мешаванд, ба болои ин боз шӯшаҳои дигар омада зам мешаванд. Шӯшаҳо дар вақти ба якдигар часпидан рост хеста мечаспанд, ки рӯи онҳо монанди сангҳои нотарошидаи қатор чидашуда ноҳамвор мешавад, ва монанди яхи ҳавз ва кӯлҳо ҳамвор ва шаффоф намешавад.

Ҳамин намуди зоҳирии кулӯхмонанд аст, ки шабона чашми маро дар хато андохтааст ва ман дарьёи Зарафшони яхбастаро замини шудгоршуда гумон карда бар рӯи вай бе ибо асп рондаам.

Вақте ки асп то шикам фурӯ рафт ва об ба намади зии баромад, ман фаҳмидам, ки ба Зарафшон даромадаам, дарҳол худро аз рӯи зин ба рӯи ях гирифта ва хӯрҷинро ҳам аз болои асп гирифта ба канор ҳаво додам. Барои эҳтиёт кардан аз ин, ки мабодо ях шикаста худам дар яхбурча фурӯ наравам, бо як дастам узангуро маҳкам доштам. Агар яхи зери поям мешикаст, ман ба воситаи узангу ба асп андармон шуда аз ғарқ шудан раҳой меёфтам.

То ҷое, ки тасмаи узангу мерасид, худро пас кашидам. Дидам, ки яхи зери поям маҳкам аст ва тасмаи узангу ҳам дигар намерасад, онро сар додам. Аммо узангу аз дастам ҷудо намешуд ва дастам ба узангуи биринҷӣ ях баста часпида монда будааст.

Дар ҳамин вақт асп як ҷавлон заду узангу аз дастам ҷудо шуд. Лекин дастам, чунон ки ба ҷои сӯхтаи он намак пошида бошанд, тиззосзанон сӯзиш мекард.

Албатта, дар он вақт ба сӯзиши даст диққат карда истодан мумкин набуд ва ба зудию чолокӣ худро ба канор кашидан даркор буд. Ҳамин тавр кардам ва ба канори дарьё баромадам.

Аммо асп ҳанӯз дар даруни яхбурча буд, он бо як ҷавлони дигар поҳои пеши худро ба тарафи рафти об гардонд, яхи он ҷо ҳам шикаст ва асп ҳам фурӯтар рафт.

Асп баъд аз он, ки қадре ором истода ба худ қувват гуи кард, боз як ҷавлон зада поҳои пеши худро ба тарафи канор гардонд. Ба ҳамин тариқа бо ҷавлонҳои яккадармиён ва дам гирифта, дам гирифта асп ҳам худро ба канор баровард ва баъд аз он, ки худро як бор сахт афшонд, сар ҳам карда истод.

Асп, чунон ки ӯро варачан сахт гирифта бошад, барги бедвор меларзид ва дар ларзишҳояш ёлу думи аз ях шавшула бастааш шилдиросзанон садо мебароварданд.

Ман ҳам то зону тар шуда будам, либосу масҳиҳоям ях баста буданд. Маро ҳам монанди асп «варача» гирифта буд.

Ман фикр кардам, ки бояд ба сари пули Меҳтар-Қосим наздик бошам. Бинобар ин хӯрҷинро ба болои асп партофтам, ҳалқаи ҷилави тар шуда яхбастаи аспро аз рӯи остини чакман ба банди дастам андохтам ва пиёда аспро етак карда аз канори дарьё ба тарафи дасти рост, ба сӯи шарқ нигоҳ карда роҳро пеш гирифтам.

Дар тахмин хато накарда будаам, баъд аз даҳ-понздаҳ дақиқа роҳ рафтанам сиёҳиҳои иморатҳои бозори сари пули Меҳтар-Қосим намудор шуданд ва баъд аз чанд дақиқаи дигар ман дар растаи болопӯшидаи он ҷо будам.

* * *

Як дӯкони самоворхонаро кӯфтам. Самоворчӣ бедор шуда дарро кушода дид, ки асп дорам. Одамашро ҳам бедор кард, ки аз дасти ман он ҳайвонро гирифта ба сарой дарорад...

Ман ба даруни дӯкон ҷойгир шудам ва аспам ба саисхона. Самоворчӣ либосҳои тар шуда яхбастаи маро дида сандалиро бардошт ва дар оташхонаи он оташ даргиронда гулхан кард. Либосҳоямро аз танам кашида ба тор пахн намуд ва ба пуштам як ҷома партофта кафшу масҳиҳоямро ҳам аз поям кашида дар наздикии гулхан гузошт, аммо поҳоямро, ки тамом ях баста буданд, рухсат надод, ки ба оташ наздик кунам ва кӯрпаеро, ки то омадани ман ба рӯи сандалӣ гарм шуда истода будааст, ба поҳои ман печонид. Хуҷам сари синаамро бар рӯ ба рӯи шӯълаи оташ рост нигоҳ дошта ба лаби гулхан нишастам...

Баъд аз қадре ором гирифтан пай бурдам, ки дастам ҳанӯз сӯзиш карда истодааст ва ба пеши рӯшноии гулхан бурда дидам, ки як қабат пӯсташ ба узангу часпида канда будааст.

Самоворчӣ хонахои тортанакро, ки дар он дӯкон

хеле бисьёр буданд, чида оварда ба рўи чароҳат монд ва бо рўмолчаам аз рўяш баст:

— То пагоҳ, «ту дидӣ, ман надидам» шуда дуруст мешавад, — гуфт. Дар ҳақиқат ҳам ин чароҳат бисьёр дер накашид ва дар панҷ рўз пўсти нав давонд.

Ман баъд аз сариштa карда гирифтани худ ҳикояти ба Зарафшон ғалтиданамро ба самоворчӣ нақл кардам.

— Ин тавр бошад, аспро ҳам гарм кардан даркор будааст, — гуфт ў ва ба одамаш фармуд, ки дар саисхона оташ даргиронда аспро гарм ва асбобашро хушконад...

Чойҷўши лаби гулхан ҷўшид. Самоворчӣ чой дам кард. Ман нонеро ки бой ба ман «барои нигоҳдорӣ аз хатарҳо» дода буд, шикастам...

Баъд аз нону чой хўрдан, чунон ки беруни баданам аз оташ гарм шуда буд, даруни баданам ҳам гарм шуд. Бо рухсати самоворчӣ поҳоямро аз кўрпа баровaрда ёзондам. Оташ ҳам сўхта шуда даруни гулхан аз лахчаҳои оташи аноргулмонанд пур шуда буд.

Самоворчӣ сандалиро ба ҷояш гузошта ба рўяш кўрпаро паҳн кард. Ман поҳоямро ба сандалӣ дароз карда якрўя ёзидам.

Бедор шудам, ки рўз сафед шуда омадааст. Аспро зин фармудам. Аммо пуле надоштам, ки ба самоворчӣ диҳам. Ночор чоеро, ки бой барои Арбоб дода буд, аз хўрҷин баровардам ва як қисмашро ба самоворчӣ бо миннатдории бисьёре додам.

— Миннатдорӣ даркор нест. Вазифаи мо роҳнишинон барои дар роҳ афтодамондагон ва сармогирифтагон хизмат кардан аст, — гуфт бо лабони нимханда илова кард: — аз шумо чӣ пинҳон кунам, гоҳо мешавад, ки «шербачаҳо» шикорҳои калонро гирифта меоранд, аз онҳо калла-почаaш ба мо мемонад. Музди хизматҳои худонамон ҳам, ки ба шумо барин касон мекунем, аз он мебароянд.

Самоворчӣ бо ин сухани худ ба дуздон ишора мекард...

Ман ба роҳ даромадам, баъд аз гузаштанам аз пули Меҳтар-Қосим бо роҳи дасти рост, ки аз болои Розмоз меравад, раҳсипор гардидам.

Ин роҳ он қадар бад набуд, ях бастагӣ бошад ҳам, охурчаҳои чархи ароба ҳам дошт, ки дар он ҷоҳо асп наранҷида қадам мегузошт...

* * *

Ман дар соатҳои даҳи пагоҳӣ ба Розмоз расидам, аз сари кӯча ҳавлии Арбоб-Ҳотамро пурсидам. Ҳавлии калонеро, ки дарвозаи шутур ва аробадаро дошт, нишонам доданд.

Ба он ҳавлӣ даромада аз хизматгор Арбобро пурсидам, ӯ маро ба меҳмонхона бурда даровардa:

— Арбоб ана дар ҳамин хонаанд,— гуфт.

— Дар пешгоҳи меҳмонхона, дар кодоки сандалӣ як шахси сафедчарӯи доғи нағзакдор нишаста буд; ин шахс риши калони мошубиринҷ дошт, ки панҷоҳ-панҷоҳу панҷсола будани ӯро тахмин кардан мумкин буд.

Қаллаи калонаш бо қомати баланд ва танаи паҳлудори ғафсаш муносиб афтода буд. Аммо каҷии чашми чапаш ин ҳама ҳусни қиёфаи ӯро барбод медод. Аз фарбеҳии бадан ва баромадагиҳои паси сараш тахмин кардан мумкин буд, ки бояд худро ҳамеша бо қазӣ ва гӯштҳои бӯрдоқӣ тарбия карда бошад.

Аз болои ҷомаҳои серпахтаи қабат ба қабат, ки аз рӯи онҳо миёнашро бо фӯта баста буд, як чакмани моҳути осмониранг пӯшида менишаст.

Дар сараш як саллаи калони тибити сафед буд, ки фаши дарози он ба сари синааш фурӯд омада меистод.

Дар кодоки поёни сандалӣ ду мӯйсафед менишастанд, ки қиёфаи ҳар дуяшон аз якдигар кам фарқ дошт: рӯйҳои сурхчаи борики дароз, чашмони бемижгони обрав, ришҳои бузии сап-сафед, мӯйлабҳои тамоман тарошидашуда аз сифатҳои муштараки ин ду кас буданд. Фақат фарқе, ки дар миёни онҳо менамуд ин буд, ки яке бинипучуқ, дигаре камонбинӣ буд.

Соли ин ду нафар ҳам тахминан 65—70 менамуд. баданашон мувофиқи рӯяшон борик ва либосашон мувофиқи танашон химчаву танг буда, аз таҳ ҷомаҳои маллаи пахтадор, аз рӯй ҷомаҳои абра-остари

миёншикоф пўшида буданд. Саллаҳошон калону суф ва фашхошон партофтагӣ буд.

Дар пеши мўйсафеди бинипучуқ чойник буд, ки ў ба дигарон чой кашида медод.

Ман рафта, мувофиқи одат, аввал бо одами пешгоҳнишин вохўрдӣ кардам, дуввўм бо бинипучуқ, саввўм бо камонбинӣ.

Дар вақти вохўрдӣ одами пешгоҳнишин нимхез шуд, аммо он ду мўйсафед кифтҳошонро начунбонда дасташонро дароз карданд.

Ман ҳам ба чой нишон додан ва «гузаред, гузаред» гуфтани онҳо нигарон нашуда аз пешгоҳнишин поёнтар ва аз он ду мўйсафед болотар дар кодоки миёна, ки холӣ буд, нишастам ва дастамро бардошта мувофиқи одат фотиҳа хондам.

— Пурсидан айб нест, меҳмон аз кучоянд ва аз кучо пурсем?—гўён одами пешгоҳнишин гап сар кард.

— Аз Бухоро,— гуфтам дар чавоб ва ба пурсиши дуввўм роҳ надода хатро аз бағалам баровардам.

Аммо намедонистам, ки кадоми инҳо Арбоб-Ҳотам аст. Аз рўи одат соҳибхона дар пеши меҳмонҳо, хусусан, ки он меҳмонҳо мўйсафед бошанд, бояд дар пешгоҳ нанишинад. Ба ин далел дар назди ман Арбоб-Ҳотам набудани одами пешгоҳнишин собит буд. Аммо аз ду мўйсафеди поённишин намедонистам, ки кадомашон соҳибхона бошад. Азбаски аз рўи одат соҳибхона хизмат мекард, гумон кардам, ки мўйсафеди бинипучуқи чойкаш Арбоб-Ҳотам аст ва хатро:

— ...Бой салом гуфтанд,— гўён ба тарафи вай дароз кардам.

Пучуқ аз дастам хатро нагирифта:

— Ман бо ... бой ошной надорам, ҳатто номи он касро ҳам нашунидаам, аҷаб нест, ки шумо иштибоҳ карда бошед?— гуфт.

— Магар шумо Арбоб-Ҳотам нестед?

Мўйсафеди пучуқ ба одами пешгоҳнишин нигоҳ карда хандид ва пешгоҳнишин:

— Арбоб-Ҳотам манам. «Агар соҳибхона дар пешгоҳ нишинад, арзонӣ мешавад» мегўянд, бинобар ин ман аз меҳмонон боло нишастам,— гўён ў ҳам хандид.

Ман хатро ба тарафи одами пешгоҳнишин дароз кардам. Ӯ хатро аз дастам гирифта лифофаашро кушод ва:

— Хонда метавонед?— гуфта ба ман нигоҳ кард.

— Бинам, шояд хонда тавонам,— ман ҷавоб додам.

Арбоб хатро кушода ба ман дод.

Ман хатро гирифта хондам. Бой дар хаташ баъд аз дуою саломи муқаррарӣ «ду нафар шоҳиди бурро ёфта фиристонед ва ҳаққи хизмати онҳоро дар он ҷо муайян карда ба ман нависед» гуфта навишта буд ва дар охири хаташ «барги сабз»[18] гӯён нимча чой фиристоданашро хабар дода аз доранда талаб намуда гирифтани онро таъкид карда ва дар оянда боз хизмат карданашро ваъда дода хаташро бо ҷумлаи «ассалому алайкум, аддой... бой» тамом карда буд.

Ман баъд аз хондани хат ба даҳлези меҳмонхона рафта аз хӯрҷин чойро оварда ба пеши Арбоб мондам ва ба Зарафшон фурӯ рафтанамро нақл карда, ба самоворчӣ додани як қисми чойро ба вай čаспондам.

— Зарар надорад,— гуфт Арбоб,— аз ҳаво омада будааст, боз як қисмаш ба ҳаво рафтааст.

Арбоб мӯйсафедонро имо карда ҳамроҳи худ ба рӯи суфа баровард. Хизматгорашро чеғ зада ба вай дастархон ва чой фармуд ва илова намуд, ки қазӣ ҳам барорад. Худаш баъд аз бо мӯйсафедон кадре пичир-пичир кардан бозгашта бо онҳо ба меҳмонхона даромад.

Хизматгор чой, дастархон ва як табақ қазии яхниро бо корд оварда ба рӯи сандалӣ ниҳод. Арбоб қазиро пора кард. Мо ба нону қазихӯрӣ даромадем...

— Шумо, албатта, имшаб ба мо меҳмон мешавед,— гуфт Арбоб ба ман.

Ман ҳамин шаб ба шаҳр даромаданам лозим буданро гуфта аз шабхобӣ узр овардам.

— Ин тавр бошад, ба асп хӯрок додан даркор аст,— гуфт ва хизматгорашро чеғ зада фармуд, ки лаҷоми аспро баровардa ба вай беда партояд.

— Дар қишлоқи мо одами хатнок нест. Ба домуллоимом чанд бор хат нависонда ба чанд чой фиристодам, ҳеҷ кас хонда натавонистааст,— гуфт Арбоб.

— Хат ҳам ба доди худо нигоҳ мекунад,— гуфт бинипучук,— одам бо хондан, бо мулло шудан дарҳол хатнок шудан намегирифтааст.

— Саводнокӣ ҳам ҳамин тавр аст,— гуфт мӯйсафеди биникамон.— Агар худо надиҳад, одам бо хондан саводнок шудан намегирифтааст. Ҳамин домуллоимоми мо хондаанд, мулло шудаанд, ҳатто ба Розмоз барин чой домуллоимом ҳам шудаанд, лекин ҳанӯз ҳам хатро дуруст хонда наметавонанд. Ман гоҳо хатҳои ибро ва васиқаҳоро нишон медиҳам, дуруст бароварда дода наметавонанд, забонашон гирифта мемонад.

— Худатон хат навишта метавонед?— гуфта Арбоб аз ман пурсид.

— Кам-кам.

— Бисьёр хуб, ин тавр бошад, аз номи ман ба бой як хат нависед-чӣ?

— Мешавад.

— Қалам доред?

— Не, надорам.

Арбоб хизматгорашро чеғ зада фармуд, ки рафта аз домуллоимом қаламу коғаз биёрад...

Хизматгор баъд аз ду дақиқа дасти холӣ омад:

— Домуллоимом набудаанд, ба сари осиёи Дӯстбой барои хондани як бемор рафта будаанд,— гуфт.

— Хуб, хат чӣ даркор? Гапҳои маро ба бой забонӣ худатон мегӯед,— гуфт Арбоб.

Аммо мӯйсафеди биникамон қабул накард:

— Хат шавад, беҳтар аст, ҳуҷҷат мешавад,— гуфт.

Ин тавр бошад қаламу коғаз ёбед!— гуфт Арбоб ба биникамон.

— Қалам меёбам, аммо коғазро намедонам меёбам ё не?— гуфт он мӯйсафед.

— Қалам ёбед, мешавад,— гуфтам ман ба ӯ — ба, коғази чой навиштан мегирам.

— Барака ёбед,— гӯён мӯйсафеди биникамон баромада рафт.

Баъд аз фурсате як қалами қариндоши саршикастаеро гирифта овард.

— Аз кучо ёфтед?— гуфта пурсид Арбоб бо хурсандӣ.

— Аз Усто Рӯзии дуредгар гирифтам. Як бор дар дасти вай ҳамин каламро рӯзҳои иморати Наврӯзбой дида будам, ки бо ин чӯбҳоро хат мекашид.

— Хайрият, ки то ҳол гум накарда будааст,— гуфт бинипучуқ.

Мӯйсафеди камонбинӣ каламро ба дасти ман дод, ман нӯги вайро бо корде, ки бо он қазиро пора карда буданд, тарошида соз кардам.

— Арбоб Ҳотам чойро ба рӯмолчааш холӣ карда, қоғазашро ба ман дод. Ман қоғаз ва каламро тайёр карда дар аввали хат «Баъд аз салом маълум карда мешавад ки...»-ро навишта ба Арбоб нигоҳ карда:

— Чӣ нависам?— гуфта пурсидам.

— Нависед, ки дуои бепоёни муштоқона ва саломи бешумори ғоибона аз ин фақири ҳақири пуртақсир, ман ки Арбоб Ҳотам ҳастам...

Ман инҳоро навиштам,— гӯён сухани ӯро буридам, — шумо муддаотонро гӯед мешавад.

Арбоб ва ду мӯйсафед гарданҳошонро дароз карда ба ҳарфҳое, ки ман ба қоғаз навишта будам, нигоҳ карданд.

— Ман бисьёр гап гуфтам, навиштан шумо бисьёр кам-ку? гуфт Арбоб бо оҳанги нобоварона.

— Ман гапи бисьёрро ба хати кам мегунҷонам — гуфтам.

Мӯйсафеди бинипучуқ аз гӯша, бе он ки ба ман нишон диҳад, ангушташро ба тарафи ман ҷунбонда ишораи таҳсин кард. Албатта, ман ҳам худро ба нофаҳмӣ задам.

— Ин тавр бошад, нависед, ки — гӯён Арбоб ба имло кардан даромад,— ду шоҳиди ҳунарманди забардастро ёфта фиристодем, номи яктаашон Холиқ Эшон, худашон ба эшони Шояхсии калони марҳум мурид шудаанд, яктаашон Розиқ Халифа ном доранд, ин кас ба Ибодулло Махдуми авлоди Халифа Ҳусайн, халифаанд ва ба дасташон хати иршод [19] ҳам доранд. Баъд аз он гӯед, ки ҳар кадоми инҳоро қарор кардем, ки агар шумо корро баред, ба ҳар кадомашон панҷоҳтангагӣ медиҳед: боз гӯед, ки агар бой диҳед, ба

ҳар кадомашон биступанҷтангагӣ медиҳед; боз гӯед, ки хароҷоти роҳ ва хароҷоти шаҳрашонро ҳам медиҳед. Боз гӯед, ки ҳар пагоҳ қаймоқчои серқаймоқ ва ҳар шаб оши палави серравған карда медиҳед. Ба аспҳошон ему беда медиҳед. Боз гӯед, ки ассалому алайкум. Боз гӯед, ки аддои факири ҳақир Арбоб Ҳотами розмозӣ...

Албатта, ман хатро ба тартибе, ки Арбоб гуфт, нанавиштам, муддаои ӯро кӯтоҳ карда ба ду-се сатр гунҷондам ва коғазро чорқат карда ба бағалам андохтаму аз Арбоб:

— Хуб,— Холиқ Эшон ва Розиқ Халифаатон дар куҷоянд, ки мо зудтар ба роҳ бароем? — гуфта пурсидам.

Арбоб Ҳотам мӯйсафеди бинипучуқро нишон дода:

— Ин кас Холиқ Эшонанд,— ва мӯйсафеди бинӣкамонро нишон дода,— ва ин кас Розиқ Халифаанд,— гуфт.

* * *

Холиқ Эшон ва Розиқ Халифа аспҳошонро зин карда савор шуда ба дари ҳавлии Арбоб Ҳотам омаданд. Ман ҳам аз меҳмонхона баромада ба асп савор шудам ва ҳар се нафар роҳи шаҳри Бухорро пеш гирифтем. Офтоб ҳамон вақт ба қиём рост шуда буд, ки соати 12-ро нишон медод...

Аспони ҳамроҳони ман назар ба аспи ман лоғартар буданд, аммо онҳо бар рӯи ях аз аспи ман хубтар ва чолоктар мегаштанд. Ман сабаби инро аз ҳамроҳон пурсидам.

— Наъли аспони мо нав, аспи шумо беназл аст ё ин ки наълаш кӯҳна,— гуфт Розиқ Халифа.

— Аспи шумо беназл будааст,— гуфт ба ман Холиқ Эшон, ки аз паси мо меомад ва зери суми аспи маро дар вақти қадам монданаш медид...

Мо ба сари пули Меҳтар Қосим расидем, аз ин ҷо роҳи бади «асфальтӣ» сар мешуд. Ман таҷрибаи дирӯзаамро, ки қариб бо марги худам ва ҳалокати асп ба даст даромада буд, ба ҳамроҳонам гуфтам. Ин таҷриба ба онҳо ҳам мақбул афтод. Мо аз бероҳа раҳсипор шудем...

Вақте ки мо ба Галаосиё расидем, офтоб ба фуру рафтан наздик шуда буд, агар то хуфтан ба дарвозаи шаҳр нарасем, маҷбур мешудем, ки дар беруни шаҳр, дар ягон самоворхона бихобем. Дар роҳ шитоб кардан даркор буд. Аммо аспи ман ҳеҷ шитоб намекард. Хусусан баъди гузаштан аз Галаосиё мо маҷбур будем, ки бо роҳи «асфальтӣ» биравем, зеро атрофи роҳи байни Галаосиё ва шаҳр серҷӯю ҷар, серзаҳкашу сериморат буда, барои роҳ рафтан аз болои барф киштзори ҳамворе набуд. Аммо аспи ман ба роҳ рафтан аз болои «асфальт» ҳеҷ тан намедод. Бо зӯри қамчин, вақте ки маҷбур мешуд як қадам партояд, чор пояш ба чор тараф лағжида мерафтанд.

Ночор Холиқ Эшон аз аспаш фуромада маро ба он савор кард ва худаш аспи маро пеш андохта пиёда ба роҳ даромад. Ба ҳамин тариқа, мо баробари азони хуфтан ба дарвозаи шаҳр расида пеш аз баста шудани он худро ба дарун гирифтем...

Ман «матоъҳои» аз Розмоз овардаамро бо аспи бенаъл ва хати Арбоб бурда ба бой супурдам ва чакманашро ҳам, ки доманаш ба об тар шуда, бо оташ хушкида тахтаи дарахти гуҷум барин шах шуда монда буд, аз танам кашида ба ӯ додам ва бо вуҷуди хоҳишҳои сахти бой, бе он, ки ошашро хӯрам ва дар сандалиаш гарм шавам, ба ҳуҷраи худ баргаштам...

Ман бо вуҷуди он ҳама мондагӣ ва бедорхобӣ, шаби дароз хобида натавонистам: дар бораи шоҳидҳо, дар бораи «агар корро буред, панҷоҳтангагӣ медиҳед, агар бой диҳед, бисту панҷтангагӣ медиҳед» гуфта ба бой хат навиштани Арбоб ва дар бораи он кори сарбаста фикр мекардам...

* * *

Рӯзона соатҳои нӯҳ аз ҷой хестам, баъд аз чой нӯшидан ба раста баромадам. Ҳанӯз фикри ман ба шоҳидҳо ва маънии хати Арбоб Ҳотам банд буд. Ман ин муамморо танҳо ба воситаи бойбача ҳал карда метавонистам, бинобар ин рост ба дӯкони ӯ рафтам. Ҳар чӣ ӯ бе падараш танҳо нишаста будаст.

Ман ба пеши дӯкони ӯ нишастам, ҳикояти сафари худро гуфта мазмуни хати падарашро, ки ба Арбоб

Ҳотам фиристода буд ва ҷавоби Арбобро ба падараш ва фиристодани Арбоб ду касро бо унвони «шоҳид» ба ӯ нақл намуда аз вай маънии ин воқеаро пурсидам.

Бойбача баъд аз қадре андешида истодан:

— Аз шумо ҳеҷ сирро пинҳон намедорам ва дилам ҳам пур аст, ки шумо ин сирро ба ҳеҷ касе нахоҳед гуфт,— гӯён ба гап даромада давом намуд,— падарам дар ҳаққи Абдунабӣ, ки хизматгори деринаамон буд, бисьёр ноинсофӣ карда истодааст. Абдунабӣ даҳ сол ба мо хизмат кард. Аз падарам, ғайр аз хӯрок ва пушок чизи дигареро надидааст. Дуруст аст, ки ман гоҳо ба ӯ чор-панҷ танга аз дӯкон медодам, аммо инро падарам намедонист...

Бойбача баъд аз нӯшидани чои пиёлае, ки дар пешаш буд, ба ман як пиёла чой кашида дода боз суханашро давом кунонид:

— Абдунабӣ, вақте ки бемор шуд, падарам ӯро нафоронид. Ӯ ночор ба саҳро — ба хонаи бародаронаш, ки деҳқонони камбағаланд, рафт ва дар он ҷо дер нахобида мурд. Баъд аз мурдани ӯ падарам ба бародарони ӯ даъво кард, ки «ман ба вай пештарак аз бемор шуданаш ҷорсола ҳаққи хизматашро пешакӣ — ду ҳазор танга дода будам, ӯ ба бадали ин пул ҳеҷ хизмате накарда бемор шуда рафт. Акнун, ки ӯ мурд ва шумо ҳам, ки ворисӣ ӯ ҳастед, бояд қарзи ӯро бидиҳед...»

— Онҳо, ки деҳқонони камбағал бошанд, ин пул аз куҷои онҳо рӯёнида гирифта мешавад? — гӯён пурсида сухани бойбачаро буридам.

— Гап дар болои ба гардани онҳо бор кардани ин пул ва қарздор кардани онҳо меравад,— гуфт бойбача,— вақте ки онҳо қарздор шуданд, рӯёндани он пул ба падарам осон аст. Онҳо мардикорӣ мекунанд, ҳаммолӣ мекунанд ҳар чӣ ёбанд, нахӯрда, напӯшида ба фоидаи он пул ба падарам дода мегарданд, яъне то охири умрашон ғуломи падарам шуда мемонанд.

— Хуб, ин маблағи тӯҳматиро падарат ба гардани онҳо чӣ гуна бор мекунад?

— Инак ҳамин «шоҳидҳо» барои исбот кардани ҳамон даъво ва ҳамон маблағи тӯҳматӣ ҷеғ зада шудаанд,— гуфт бойбача ва давом кард: — рӯзи сешан-

бе пагоҳонӣ як мурофиа [20] карданд. Қозӣ аз падарам ҳуҷҷат ё ин ки шоҳид пурсидааст. Падарам ваъда додааст, ки рӯзи панҷшанбе шоҳиди худро тайёр хоҳад кард ва ҳозир барои мурофиа рафтанд.

— Хуб, ин одамоне, ки шоҳид шуда омадаанд, Абдунабӣ он тараф истад, худи падаратро ҳам намешиносанд, дар ин ҳол инҳо чӣ гуна гувоҳӣ медиҳанд?

— Ман ҳам яқин дорам, ки падарам инҳоро аз ин пеш надидааст. Лекин дишаб, баъд аз ош, падарам маро аз меҳмонхона баровард ва бо онҳо сӯҳбати пинҳонӣ кушод. Ман аз пушти дар гӯш додам, ҳамин қадарашро фаҳмидам, ки падарам ба онҳо гап ёд медод, аммо чиҳо ёд доданашро надонистам.

— Чиҳо ёд доданашро ман рафта мефаҳмам,— гӯён ман аз дари дӯкони ӯ хестам ва рост ба қозихона рафтам...

* * *

Дар қозихона мурофиачиёни бисёр менишастанд. Дар як гӯша бой ҳам бо «шоҳидони» худ ва ҷавобгарони ӯ — бародарони Абдунабӣ бо оқсақоли деҳаи худ ҷойгир шуда буданд...

Бисьёр дер накашид, ки мулозими қозикалон ба пеши бой омада:

— Марҳамат кунед, навбати мурофиа аз шумост! — гуфт.

Бой бо «шоҳидонаш» пеш-пеш, аз дунбол ҷавобгарон ва оқсақоли деҳаашон ба рӯи суфаи баланди айвони қозихона баромаданд.

Қозикалон дар даруни меҳмонхоначаи худ дар пеши дари боло менишаст. Ӯ рӯи борики мургӣ, риши тунук ва ками бузӣ, чашмони танги бемижгони милксурхи маймунӣ, гӯшҳои дарози ба пеш хамхӯрдаистодаи харгӯшӣ ва бинии дарознӯги хамя кабкӣ дошт.

Дар беруни дар, бар рӯи суфа, дар зери айвон як бӯрьё пахн буд. Даъвогар ва ҷавобгарон ба рӯи он бӯрьё паҳлу ба паҳлуи якдигар дузону нишастанд. Қозикалон баъд аз он, ки чашмони тангашро боз ҳам тангтар карда даъвогар ва ҷавобгаронро як-як аз на-

зар гузаронид, аз мулозими худ, ки ба пеши дар рост меистод:

— Чӣ шуд? — гуфта пурсид.

— Бой шоҳидҳошонро оварданд,— гуфт мулозим таъзимкунон ва маҳзари[31] даъвои шаръиро, ки дар дасташ буд, ба дасти қозикалон дод.

Қозикалон баъди аз назар гузаронидани маҳзар ба бой нигоҳ карда:

— Шумо ду ҳазор тангаро ба кӣ дода будед? — гуфта пурсид.

— Ба Абдунабӣ ном бародари инҳо,— гӯён ба ҷавобгарон бо дасти худ ишора кард ва давом намуд: — ӯ мурдааст ва инҳо бародарони зоида ва меросхӯри ӯ ҳастанд.

— Шумоҳо иқроред ё мункир? — гӯён аз ҷавобгарон пурсид қозикалон дар ҳолате, ки чашмони танги худро ба онҳо дӯхта меистод.

— Мо аз мурданамон хабар дорем, аммо аз ин кор хабар надорем! — гӯён яке аз ҷавобгарон, ки аз дигараш калонсолтар менамуд, ба сухан даромад,— мо ҳамин қадарро медонем, ки бародарамон — Абдунабӣ ба ин кас даҳ сол бемузд хизмат кард, вақте ки бемор шуд...

Қозикалон лабҳояшро бо забонаш лесида-лесида бо овози даҳшатнок:

— Суханро дароз накун,— гуфт,— ту иқрорӣ ё мункир?

— Мункир, тақсир,— боз ҳамон ҷавобгари калонсол ҷавоб дод.

Қозикалон ба ҷавобгари дуввум ҳам ҳамин суолро дода ҳамин ҷавобро гирифт ва баъд аз он ба даъвогар нигоҳ карда:

— Шумо санад доред ё шоҳид,— гӯён пурсид.

— Шоҳид дорам, тақсир! — бой ҷавоб дод.

Баъд аз он қозикалон ба мулозими худ нигоҳ карда маҳзарро ба дасти ӯ дода гуфт:

— Берун бароварда бин, агарислоҳ шаванд, баробар кун, агар нашаванд, биёр, мувофиқи шаръи шариф ҳукм карда мешавад.

Мулозим ба қозикалон таъзим карду маҳзарро аз дасти ӯ гирифта:

— Хӯш, тақсир! — гуфт ва мурофиачиёнро ба хестан ишорат кард.

Бъъд аз он, ки ҳамагӣ аз суфаи баланди айвондор поин фуромаданд, мулозим ба мурофиачиён нигоҳ карда:

— Ҷанҷол то рӯзи сешанбе мавқуф монд, ба шумо ду рӯзи дигар мӯҳлат дода мешавад. Агар якдигаратонро ёфта оштӣ шаветон, хати ибро[22] мекунем, вагарна боз рӯзи сешанбе ба ҳузури ҷаноби шариатпаноҳӣ[23] медароем. Ҳозир пули хароҷоти маро диҳетон!

Бой ба мулозим панҷ танга бароварда дод.

— Ин кам аст, гуфт мулозим,— имрӯз, пагоҳ ва рӯзи шанбе,— се рӯз мешавад ва ҳар рӯз панҷ тангагӣ понздаҳ танга доданатон даркор аст.

— Аз онҳо ҳам мегиред,— гуфт бой,— хуб суханатон нашиканад,— гӯён боз як тангаи дигар бароварда дод.

— Акнун навбати шумоён аст,— гӯён мулозим ба ҷавобгарон нигоҳ кард.

Оқсақоли деҳа аз тарафи ҷавобгарон ҳамьёнашро кушод. Ҷавобгари калон ба ӯ наздик шуда:

— Аз тарафи мо панҷ танга диҳед мешавад,—гуфт.

— Чаро? — гуфт оқсақол таачҷубкунон.— Шумо, магар таомули мамлакатро намедонед? То яктарафа шудани ҷанҷол хароҷотро ҳар кадоми даъвогарон ва ҷавобгарон баробар мекашанд. Вақте ки ҷанҷол тамом шуд, ба гардани кӣ афтодани хароҷот ба ҳукми ҷаноби шариатпаноҳӣ нигоҳ мекунад,— гӯён ӯ аз ҳамьёнаш дувоздаҳ танга бароварда ба мулозим дод.

— Оқсақолро хурсанд кунетон,— гуфт мулозим ба ҷавобгарон нигоҳ карда.

— Шумо хурсанд шавед, мешавад, мо якдигарро меёбем,— гуфт оқсақол ва бо ҳамин ҳама пароканда шуда рафтанд...

Ман хеле афсӯс мехӯрдам, ки ин ҷанҷол имрӯз яктарафа нашуд, то ки натиҷаашро фаҳмам. «Дар рӯзи шанбе, ки рӯзи дарси ман аст, ба болои мурофиа расида омада метавониста бошам ё не?» гӯён фикр мекардам. Зеро ман шаш дарс доштам, ки ҳар кадоми инҳо дар дарсхонаҳои ҷудогона буданд ва

дурии миёни инҳо аз як километр кам набуд Дуруст аст, ки ман дар пеши қозикалон ҳам як дарс доштам ва вақти вай соати ёздаҳ буд. Аммо ба он вақт рост омадани ин мурофаа маълум набуд...

* * *

Ман рӯзи шанбе ба ҳар қадоми мадрасаҳое, ки дар дарсхонаи онҳо дарс доштам, тозон-тозон мерафтам, мехостам, ки зудтар дарсҳои дигарамро тамом кунам ва ҳарчи пештар ба дарси қозихона расида оям. Ва ҳол он ки бо тохта рафтани ман навбати он дарсҳо пештар ва муддати онҳо кӯтоҳтар намешуд. Бо дониста истодани ин ҳол ман аз дилтангӣ метохтам, ки шояд гувоҳии шоҳидони бардурӯғ ва харидаро тамошо карда тавонам.

Оқибат дарсеро, ки пеш аз дарси қозихона буд, хонда баромадам. Акнун тохтани ман бефоида набуд. Давон-давон ба роҳ даромадам. Ва поездаҳ дақиқа пештар аз дарси қозихона ба он ҷо расида омадам.

Дар он гирду пеш чашм андохтам, даруи ва беруни қозихона аз мурофиачиён пур буд, аммо он мурофиачиёне, ки ман мехостам дар он миён нанамуданд.

Ман афсӯсхӯрон дар тахти айвони қозихона дар пеши даромади меҳмонхона, дар қатори шарикони пештаромадаам навбати дарсро нигарон шуда нишастам...

Кам-кам шарикони мо ҳамагӣ ҷамъ шуданд. Ҷамоаи дарсхононе, ки пеш аз ҷамоаи мо дар назди қозикалон дарс мехонданд, баромаданд. Мо ба ҷои онҳо ба меҳмонхонаи калони қозикалон, ки дарсхонааш ҳам ҳамон хона буд, даромадем. Мо аз пешгоҳи меҳмонхона то поинаш монанди маъракаи маддоҳии он замон давра гирифта пасу пеш нишастем.

Ман имрӯз, ки дар қатори пештар омадагон будам, дар қатори онҳо пештар ба меҳмонхона даромада, дар наздикии қозикалон, дар рӯ ба рӯи он ҷой гирифтам, вагарна рӯзҳои пеш, шарикони хушкитфу бозуи мо, ки дари даромадро гирифта менишастанд, намегузоштанд, ки мо барин пасмондагон ва камқувватон пештар дароянд ва худхоҳон барои хубтар

манзур шудан ба қозикалон ба қадри имкон дар наздиктари ӯ менишастанд.

Қозикалон одатан дар рӯзҳои дарс, дар миёни ҳар ду дарс як чанд мурофиаро мепурсид. Имрӯз ҳам дар вақти даромадани мо ӯ аз дари боло, ки ҷои нишасташ пеши он дар буд, беруи нигоҳ карда мурофиа мепурсид.

Баъд аз тамом шудани он мурофиае, ки қозикалон пурсида истода буд, боз мурофиачиёни дигар бар рӯи бӯрьё нишастанд. Баъд аз хестани инҳо боз мурофиачиёни саввӯм омаданд. Бо вуҷуди нигарон набуданам дидам, ки инҳо мурофиачиёни ман мебошанд.

Ман ҳам сар то по чашм гашта ба сӯи онҳо дӯхта ва ҳама тан гӯш гардида ба тарафи онҳо дода шудам.

Қозӣ маҳзарро аз дасти мулозим гирифта боз суолҳои ду рӯз пештар додаашро такрор кард ва ҷавобҳои пештараро шунид.

Вақте ки бой дар муқобили «санад доред ё шоҳид» гӯён пурсидани қозикалон:

— Шоҳид дорам,— гуфт, қозикалон ба ӯ:

— Шоҳидҳотонро гузаронед! — гуфт.

Бой ба шоҳидонаш, ки дар болои сараш рост истода буданд, нигоҳ карда онҳоро ишорат ба нишастан кард. Онҳо ҳам дар паҳлуи бой дузону нишастанд.

— «Ӯ-ҳӯ, инҳо ҳамон мӯминҳои пок ва мусулмонони холиси ростгӯи муқаррарӣ-ку» — гуфт худ ба худ қозикалон, зери лаб ғур-ғуркунон.

Ман аз сухани қозикалон гумон кардам, ки инҳоро мешиноҳтааст ва хурсанд шудам, ки баъд аз гувоҳӣ додани онҳо — шоҳиди бардурӯғ ва харида будани инҳоро ба рӯяшон зада гувоҳии инҳоро рад хоҳад кард ва аҷаб нест, ки худи инҳоро ҳабс фармояд.

— Оё, шумо шароити гувоҳӣ додаиро медонед? — гуфта қозикалон аз шоҳидон пурсид.

— Медонем, тақсир, медонем! — Холиқ Эшони бинипучуқ ва Розиқ Халифаи биникамон пасу пеш ҷавоб доданд.

— Барои гувоҳӣ додан мусулмони комил будан шарт аст. Шумоҳо заруриёти динияро медонед? — боз қозикалон пурсид.

— Медонем, тақсир, медонем! — шоҳидон ҷавоб доданд.

— Шумо калимаи шаҳодатро бо маъниаш, бисту як ҷавоби фарзи айнро[24] аз ёд медонед? — қозикалон пурсид.

— Медонем, тақсир, медонем!

— Ин тавр бошад, шумо инҳоро ягон-ягон гуфта диҳед! — қозикалон ба шоҳидон фармуд.

Аввал Холиқ Эшон, баъд Розиқ Халифа ин заруриёти динияро чунон рост, пухта ва бурро гуфта доданд, ки ҳеҷ домуллоимом дар пеши қозикалон онҳоро ба ин бурроӣ гуфта наметавонист.

— Хуб, акнун гувоҳӣ диҳед! — қозикалон ба шоҳидон фармуд. Аввал Холиқ Эшони бинипучуқ қадре пештар нишаста ба гувоҳӣ додан даромад:

— Аузу биллоҳи минашшайтониррачим, бисмиллоҳирраҳмонир-раҳим. Гувоҳӣ медиҳам аз барои худо, на аз барои риё, ки Абдунабии марҳум бародари инҳо (шоҳид дар ин вақт бо дасти худ ба ҷавобгарон ишорат кард) аз ҳамин бой, дар пеши мо ду нафар мӯйсафед, ки дар хонаи ин кас меҳмон будем, барои дар оянда чор сол хизмат карда додан ду ҳазор танга, ки сесад сӯм қоғази русӣ мешавад, қарз гирифта буд. Розиқ Халифа ҳам айнан ҳамин тариқа гувоҳӣ дода панҷоҳ тангаро «ҳалол» кард.

Қозикалон бар хилофи чашмдошти ман ба ҷавобгарон нигоҳ карда гуфт:

— Акнун ду ҳазор танга ба гардани шумо дайн шуд, хароҷоти қозихона ҳам ба гардани шумо меафтад. Шумо бояд дар қозихона ин пулҳоро нақд карда диҳед. Вагарна ҳабс мешавед. Агар бойро розӣ карда тавонед, қарздор шуда хати қозихонагӣ доданатон ҳам мумкин аст.

Ҷавобгарон «тақсир, тақсир» гӯён мехостанд ба қозикалон гап зананд, ӯ дарицаи дарпардадорро шартикунон пӯшонд ва барои дарсгӯӣ ба тарафи шогирдон нигоҳ кард.

— Ҷавобгарон рост хеста нолону ларзон ба пеши дарича омаданд, ки ба қозӣ ҳарф зананд, аммо мулозим онҳоро дӯғ зада, кашола карда ба поёни суфа фуровард. Лекин овози ҷавобгарон шунида ме-

шуд, ки онҳо бойро «ту-ту» гӯён дашном медоданд, дуои бад мекарданд ва мулозимон «гир, банд, ҳабс кун» гӯён онҳоро тарсонда хомӯш кунондан мехостанд...

Қозикалон, намедонам, бо чӣ андеша бошад, сари худро хам карда қадре хомӯш истод (аҷаб нест, ки ӯ аз ин ҳукми ноҳақи худ виҷдонан азоб кашида истода бошад) ва баъд аз он сар бардошта ба қории ҷамоа — сарсинф нигоҳ карда:

— Хонед! — гуфт.

Ман пеш аз он ки қории ҷамоа ба хондан дарояд, ба қозикалон даст пеш гирифта:

— Тақсир, арз дорам? — гуфтам.

— Чӣ арз? — қозикалон тааҷҷубкунон пурсид.

— Ман ин воқеаро, яъне ҷанҷоли ҳозираро медонам, бой тӯҳмат мекунад, шоҳидонаш ҳам харидаанд, онҳо аз ин пеш на бойро дидаанд ва на Абдунабии марҳумро, — гуфтам.

Қозикалон баъд аз он, ки лабонашро лесида-лесида қадре ба ман нигоҳ карда истод, гуфт:

— Шариат зоҳирбин аст, монанди ту кунчков не. Шоҳидони мусулмони комил мувофиқи шариат гувоҳӣ доданд, пул ба гардани муддаоалайҳҳо (ҷавобгарҳо) дайн шуд. Аммо ту на тӯҳмат будани ин даъворо исбот карда метавонӣ ва на харида будани ин шоҳидонро. Агар шоҳидон шунаванд, ки ту онҳоро «гувоҳии ноҳақдеҳ» гуфтаӣ, ҳақ доранд, ки ба ту даъвои ҳақорат кунанд. Албатта, ту ноҳаққории онҳоро бо ду шоҳиди одили мусулмон исбот кардан наметавонӣ. Дар он сурат худат ҷазо хоҳӣ дид. Он беҳ ки паси ин корҳо нагардӣ ва ба фаҳмидани дарси худ кӯшиш кунӣ...

Ман бо шунидани ин «насиҳат» ғайр аз сар хам карда хомӯш мондан чораи дигаре надоштам. Нигоҳу хандаҳои масхараомези шарикон, ки аз нишастани ман дар наздикии қозикалон рашк бурда буданд, ба итоби ӯ зам шуда маро боз ҳам сархамтар карданд.

Хайрият ки дарс сар шуд, қории ҷамоа — сарсинф як ҷумла аз иборати китобе, ки дарсамон аз вай буд, хонд. Шарикон бар болои он ҷумла гардани худро

монанди хурўсони ҷангӣ дароз карда, мисли гурбагон мўйҳояшонро хезонда ва овозашонро баланд карда бо якдигар ба ҷанг даромаданд.

Албатта, дар миёни ин ҷангу ҷидоли сагона маро ва аҳволи маро фаромўш карданд, ман ҳам қадре аз таги бори итоби қозикалон ва таънаи шарикон сар бардошта осуда шудам...

Баъд аз ягон соат ҳамин тариқа нофаҳмида ва овоз баланд карда якдигарро дашном додани шарикон, навбати дашномдиҳӣ ба қозикалон расид, ў:

— Ўй, харҳо, ўй чапанҳо, ўй нодонҳо, дам шавед, гапро фаҳмед ва мақсади аслии мусанниф, раҳматуллоҳиалайҳро[25] фаҳмидан даркор аст! — гўён шогирдонро ба хомўш гардидан маҷбур кард.

Бо ҳамин қадар дашном ва ҳақорати якдигар, дарс тамом шуд, мо ҳам баромадем...

Баъд аз баромадан аз дарси қозикалон аз мулозими он фаҳмидам, ки ҷавобгарон бар болои ин, ки аз бой ду ҳазор танга қарздор шуда ва сад танга харҷи дари қозикалонро ба гардан гирифтаанд, «бо гуноҳи» дашном доданашон бойро ва мушт баланд карданашон барои задани ў ҳабс ҳам шудаанд...

Ман дигар на бойро ёд кардам ва на бойбачаро. ягона коре, ки карда тавонистам, ин буд, ки аз онҳо алоқаамро тамоман буридам.

## XI

Ман кам-кам аз тарҷимаи ҳоли Қорӣ-Ишкамба хабардор шудам: падараш ўро Исматулло ном ниҳода буд, вақте ки бачаи хурд буд, ўро ба мактаб монд. баъд аз кўрсавод шуданаш ўро ба қорихона дод. Исматулло баъд аз тамоман ёд кардани қуръон «Қорӣ-Исмат» шуд.

Дар ин миён падараш мурд, ў аз вай як ҳавличаи хурд ва ду ҳуҷра аз мадрасаҳои сервақфи Бухоро ба мерос гирифт.

Қорӣ-Исмат пулҳои вақфи аз мадраса барои ҳуҷраҳояшояндаро ва пулҳои аз хатми қуръон рўёндаашро ба одамони камбағали гузараш ва майдадўкондорҳо бо фоида ба қарз медод.

Ғайр аз ин ӯ боз як роҳи дигари фоидаро ёфт: бо бачагони гузараш ҷӯра шуда, онҳоро ба қиморбозӣ ташвиқ кард, барои онҳо буҷул ва карта ёфта оварда дод. Баъд аз чанд гоҳа бозӣ бачагони хурдсол қиморбозиро ба худ пеша карда гирифтанд ва бо пул бозӣ мекарданд.

Даромади Қорӣ-Исмат ҳам аз қиморбозӣ аз ҳамин вақт сар шуд, акнун ӯ буҷулҳоро чиккаву пукка[26] ранг карда ба қиморбозон бо нархи тамом мефурӯхт. Картаҳои басташ кушоданашударо ҳамеша дар бағалаш нигоҳ медошт. Ҳамин, ки дар вақти бозӣ карта доғдор ва нишонадор шуд, ӯ картаҳои нави худро ба онҳо ба чор баробари харидаш пул мекард.

Ғайр аз ин ӯ аз сари қимор чӯтал (шатал) мегирифт ва пулҳои аз чӯтал ғун кардаашро ба бачаҳое, ки бепул мемонданд ё ин ки «банда»[1] мешуданд, яке бар ду то фардошаб ба фоида мемонд.

Қорӣ Исмат аз ин даромадҳои худ ҳеҷ намехӯрд, ӯ рӯзона аз ҳуҷранишинонаш палав мехӯрд ва шабона бошад, аз дастархони бачагони қиморбоз шиками худро пур мекард.

Ошноии ӯ бо қиморбозбачагон бисьёр дер накашид.

Як шаб бозӣ бисьёр гарм шуд, аз сари шом то қариби рӯз давом кард. Дар охири бозӣ ҳар кадоми бачагон пули худро ҳисоб карда диданд: баъзе бачагон ҳамаи пулҳошонро бой дода ва бе пул шуда монда буданд; баъзеҳошон на танҳо бепул шуданд, балки ба болои ин аз Қорӣ Исмат қарздор ҳам шуда буданд; баъзе бачагон, бо вуҷуди чанд бор бурданашон, таги кисаашон кам буд, яъне дар кисаашон аз пуле, ки то сар шудани қимор доштанд, кам монда буд.

Бачагон ҳамаи пулҳошонро якҷоя карда дидан хостанд, то донанд ки пулҳошон баробар аст ё не.

— Ту аввали шаб чанд пул доштӣ?— ба ҳисоби якҷоя даромаданд.

— Даҳ танга.

— Ту чӣ?

— Бист танга...

---

[1] «Банда шудан» ба истилоҳи қиморбозон ин аст, ки каси бойдода ба касе, ки ӯро бурдааст, асир шуда мемонад ва то вақте ки пули бурдаи ӯро ёфта надиҳад, озод намешавад.

Ба ҳамин тарика ҳамаи пулҳои дар аввали шаб доштаашонро ҳисоб намуданд ва карзи бачагони аз Қорӣ Исмат карздоршударо ҳам ба болои вай зам карданд. Ба мукобили ин пулҳои ҳозир доштаашонро монда андоза карда диданд, ки нимаи он маблағе ҳам, ки аввали шаб ҳамаашон якҷоя доштанд, намондааст.

— «Пас пулҳо куҷо рафтаанд?»— бачаҳо ҳайрон шуданд.

— Эй...— гуфт яке аз бачагон нохост,— пулҳои ба чӯтал ба Қорӣ рафтаро ҳисоб накардаем?

— Дар вокеъ,— гуфт бачаи дигар ба Қорӣ нигоҳ ка[illegible]ҳои чӯталро бароред, ҳисоб карда бинем [illegible] баробар меояд ё не?

Қорӣ Исмат бо шунидани ин гап барҳои ҷомаашро ба худаш сахт печонда:

— Не, намебарорам!— гуфт.— Ман пулҳоямро ба касе нишон намедиҳам.

— Бароред, ҳисоб карда бинем, боз ба худатон гардонда медиҳем,— гуфт яке аз бачагон бо нармӣ.

Қорӣ Исмат боз ҳам худашро сахттар печонда:

— Не, гуфтам, не!— гуфт бо шиддат.

— «Не» бошад, бо зӯрӣ бароварда мебинем!— гӯён як бача ба вай часпид. Дигарон ҳам ба он бача ёрӣ доданд.

Қорӣ Исмат монанди хорпушти шаттахӯрда, ки сару пояшро ба дарун мекашад, кулӯлаю лӯнда шуд.

Бачагон ӯро ба ҳар тараф мегелонданд, ӯ ҳам монанди [illegible]паки бозӣ ба ҳар тараф мегелид, аммо дасту по[illegible] часпидааш кушода намешуданд ва кисааш ба рӯй намебаромад.

— [illegible]— гуфт яке аз бачагон.

Муштчаҳо ба сару тани ӯ чун борон боридан гирифтанд, аммо монанди донаҳои бороне, ки ба пушти зағома[1] расанд,— «тип-тип» садо мебароварданду таъсире намекарданд.

Як бача мушташро баланд бардошта ба сари ӯ маҳкам зад, аммо худаш «воҳ-воҳ, дастакам» гӯён

[1] Зағома — гардиши чӯбин аст, ки ба як тарафи вай пуст мекашанд ва ба вай ҳар чиз меандозанд ва ба сифати паллаи тарозу ҳам кор мефармоянд.

мушташро ба даҳанаш бурда ҷои зарбхӯрдаашро маҳкам гирифт ва:

— Ҳоли исто,— гӯён давида ба пешгоҳи хона рафту аз он ҷо хишти қиморбозиро, ки дар вақти буҷулбозӣ даркор мешуд, бардошта оварда бо он ба сари Қорӣ Исмат зад...

Ин зарба хеле сахт буд, аз сари ӯ хун равон шуд, кам-кам худи ӯ ҳам суст шуда дасту пояш ёзид ва бачагон аз кисаи ӯ ҳамаи пулҳоеро, ки аз чӯтали оншаба ғун шуда буд, бароварда гирифтанд ва дар байни худҳошон — ба ҳар кас, ба қадре, ки дар аввали шаб дошт, дода он пулро тақсим намуданд ва фотиҳа хонда дар миёнаи худ аҳд бастанд, ки дигар қиморбозӣ накунанд ва ба қиморбозӣ кардани бачагони дигари гузарашон ҳам роҳ надиҳанд.

Қорӣ Исматро аз хона бароварданд, ки ба ҳавлии худ равад. Аммо ӯро маҷоли роҳ рафтан набуд ва аз сараш ҳанӯз хун мерафт. Ночор бар рӯи суфа афтод...

Модари бачаи соҳибхона аз ин воқеа хабардор шуда баромад, ба сари кафидаи Қорӣ як порча намадро сӯхта пахш карду аз рӯяш бо рӯмоле баст ва ӯро дубора ба хона дароварда хобонид...

Ӯ баъд аз соате ҳушьёр шуда ба хонаи худ рафт.

Он доғи бемӯе, ки дар сари ӯ то охири умраш монд ва ба ӯ барои кам додани пули мӯйсар баҳона мешуд, ёдгорие буд, ки дар вай аз он маҷлиси қиморбозӣ ва чӯталгирӣ боқӣ монда буд...

* * *

Қорӣ Исмат, вақте ки аз чӯталгирӣ маҳрум монд, ҳамаи ҳиммат ва ғайраташро ба судхӯрии кӯчагӣ, ба қуръонфурӯшӣ, ба ошхӯрии аз хонаи қарздорон ва ҳуҷранишинонаш сарф кард.

Вақте ки ӯ калонтар ва серпаҳлутар шуд, майдафоидахӯрии сарикӯчагиро, ки дар он баъзан пулаш месӯхт, ба як тараф гузошта, бо дӯкондорони калон ва савдогарон муомила сар кард.

Дар бойхои калон пули ӯ қариб ҳеҷ насӯхтааст: агар онҳо шикастанӣ шаванд ҳам «боз ягон рӯз дар-

кор мешавад» гуён аввал пули Қорӣ Исматро тамоман медоданд, баъд аз он шикасти худро эълон карда ба қарзхоҳони дигар ба қадри расамаашон медоданд.

Аз рӯи қавли худи ӯ дар вақти ҷавониаш ду бор дар ду бои шикастагӣ пулаш месӯхтагӣ барин шудааст, лекин ӯ духтарони онҳоро бе хароҷот ба занӣ гирифта, ба бадали ҳамон пули сӯхтагиаш ҳисоб кардааст. Он ду зани тоқиядӯзи ҳунарманд, ки то охири умрашон дар хонаи ӯ буданд, духтарони ҳамон савдогарони шикастагӣ буданд.

Қорӣ Исмат баъд аз муомилаи худро бо савдогарони калон сар кардан аз хумори гӯшту равғанхӯрӣ баромад. Ҳар шаб ба хонаи чандин бой, ки онҳо қарздорони ӯ буданд, рафта палави хушгӯшту равған, мурғбирьён, баррабирьён, қазитушбера ва мантуро ҳар чи қадаре, ки метавонист, мехӯрд. Дар натиҷаи ин пурхӯрӣ шикамаш калон шуда рафтан гирифт.

Мардум ба номи ӯ калимаи «ишкам»-ро ҳамроҳ карда ӯро «Қорӣ Исмати Ишкам» номиданд.

Чун пурхӯриаш аз ҳад гузашт ва бо хӯрдан сер намешуд, мардум ӯро «Қорӣ Исмати Ишкамба» гуфтан гирифтанд.

Дар ин миён баъзе камҳавсалаҳо баромаданд, ки ба гуфтани ин номи дароз танбалӣ карда вайро кӯтоҳтар намуда, «Қорӣ-Ишкамба» гуфтан гирифтанд.

* * *

Дар вақтҳое ки ман бо Қорӣ-Ишкамба шинос шудам, мегуфтанд, ки «ӯ панҷсад ҳазор танга, яъне ҳафтоду панҷ ҳазор сӯми тилло дорад.

Дар он вақтҳо ӯ пули барзиёди худро, ки аз бойҳои беруна толибаш намебаромад, ба банкҳо мемонд.

Дар он миёна як моқеае рӯй дод, ки қариб буд эътимоди ӯ аз банкҳо барҳам хӯрад. Ин ҳодиса ба ин тариқа воқеъ шуда буд:

Яке аз банкҳое, ки дар Бухоро контора доштанд, «Русско-Китайский (Азиатский) банк» буд, ки Қорӣ-Ишкамба ҳам пули худро дар вай мегузошт.

Биноӣ ин банк дар паскӯчае буд, ки он кӯча аз растаи баззозии поён сар шуда аз пеши гулхани ҳам-

моми Саррофон ва тангкӯчаҳои печ дар печи маҳаллаи яҳудиён гузашта, аз болои пуштаи Зоғон ба дарвозаи Саллоххона мебаромад.

Як рӯз баъд аз амалиёти муқаррарӣ дари банк дар соати муайян баста мешавад. Дар паси дарвозаи банк аз дарун як посбони милтиқдор меистод, ӯ муомиладорони дар даруни биноӣ банк мондаро, баъд аз тамом шудани корҳошон, дарро кушода ягон-ягон гусел мекард ва аз берун омадагонро ба дарун роҳ намедод ва «банк баста шуд» гӯён пас мегардонид...

Ҳамаи муомиладорони беруна аз банк баромада рафтанд, дар дарун танҳо ходимони банк монданд. Дар ҳамин вақт даҳ-дувоздаҳ нафар касони ношинос, ки ба танашон либосҳои европагӣ доштанд, дар паскӯча пайдо шуданд ва ба зери девори иморати банк ба девор часпида қатор шуданд, ки агар посбон дарро кушояд, чашмаш бар онҳо намеафтод.

Яке аз онҳо, ки дар сарғаҳи қатор меистод, ба пеши дарвозаи банк рафта дарро кӯфт.

Посбон дарвозаро нимкушода карда дар ҷавоби даркӯбанда гуфт:

— Соат ду шуд, банк кайҳо...

Лекин посбон сухани худро тамом карда натавонист. Шахси ношинос бо ҷӯрӣ пахш карда даромада милтиқро аз дасти посбон гирифт ва одамони ношиноси дигар ҳам аз паси ӯ ҳуҷум карда даромаданд. Яке дарвозаро баст, дигарон ба посбон таппонча рост карда:

— Овозатро набарор! — гуфтанд. Табиист, ки посбон аз тарси ҷони худ хомӯш монд, касони ношинос даҳону дасту пои посбонро баста, ӯро ба замин ғелониданд. Яке аз он одамони ношинос либоси посбонро пӯшида ва милтиқи онро ба даст гирифта ба болои сари ӯ, ҳам ба ҷои ӯ дар паси дарвоза қаравул шуда истод. Дигаронашон таппончаҳоро ба даст гирифта ба боло — ба хонаи бое, ки коркунони банк он ҷо буда ба ҳисобу китоб машғулӣ доштанд, баромаданд.

— Дастҳотонро боло бардоред!

Бо шунидани ин овоз, ки аз тарафи одамони силоҳдор баромада буд, ходимони банк беихтиёр дастонашонро боло карданд, баъзеҳошон бо даст бардоштан



Қорӣ Ишкамба дар сартарошхона. Амали рассоми франсавӣ Борис Тослицкий. (Аз газетаи «Юманите»).

мачол наёфта беҳиссу ҳаракат шуда аз рӯи стул ба замини хона ғелида рафтанд. Чанд нафари он силоҳдорони ношинос таппончаҳошонро муҳайёи паррондан карда истода ходимони банкро ба садо набаровардан амр фармуданд.

Дигаронашон аз бағалҳошон ресмон ва рӯмол бароварда дасту пою даҳони онҳоро маҳкам баста ба замин ғелонданд Сими телефонро ҳам буриданд. Баъд аз он кассаро кушода пулҳои нақд ва коғазҳои пурқиматро бароварда ба халтаҳои пуландозии худи банк ҷой карданд ва он халтаҳои пур аз пулро ба ҷуволчаҳои кандир андохта бардоштанд. Баъд аз он, ки боз як бори дигар ходимони банкро ба садо набаровардан ва наҷунбидан амро доданд, ду нафар таппончадорро ба болои онҳо қаравул монда поин фуромаданд.

Одамони ношиносе, ки дар паси дарвозаи банк ба ҷои посбон «навбатдорӣ» мекарданд, дарвозаро кушода онҳоро бароварда гусел карданд ва худашон ҳамчунон дар «посбонӣ» истоданд. Баъд аз ягон соат «қаравулон»-и боло ва қаравули дарвоза баромада бо қуфли худи банк дари оҳанини вайро аз берун қуфл карда рафтанд.

Одамони банк то дасту даҳонашонро кушода ба фарьёд кардан имкон ёфтанд, ки боз чанд дақиқаи дигар гузашт. Дар ин муддат, албатта, ғоратгарон аз бинои банк дур рафта буданд.

* * *

Бо фарьёду фиғони ходимони банк дар атрофи бинои ғоратшуда мардум ҷамъ омаданд. Одамони миршаб, шогирдпешагони қушбегӣ,[27] мулозимони қозикалон ва раис ҳам аз воқеа хабардор шуда расида омаданд.

Одамони ҳокимон қуфлро шикаста ба банк даромада аз ходимон нишонаҳои дуздонро пурсида ба кофтуков сар карданд.

Аммо ҳар чанд шаҳрро ҷустуҷӯ карданд, ягон каси шубҳанокро наёфтанд.

Қушбегӣ дар атрофи шаҳр барои кофтукови дуздон аскарони савораи амирро, ки онҳоро «Кавказ»

меномиданд, бароварда фиристод. Инҳо ҳам ба ҳар тараф асп давониданд. Як гурӯҳи инҳо дар тарафи шимоли шарқии шаҳр дар лаби Шӯркӯл халтаҳои пулandозии холии банкро ёфтанд, бо он нишона қувваи бузурги аскарон ба ҳамон тараф рафт. Аммо аз дуздон асаре наёфт.

Танҳо як гурӯҳи хурди он «даста» дар ҷануби шарқии Бухоро дар наздикии Мурғак ном истгоҳи роҳи оҳан ба се нафар одамони ношинос вохӯрданд ва хостанд, ки онҳоро дастгир кунанд. Аммо онҳо милтиқ ва таппонча бароварда ба тарафи аскарон тир парронданд...

Як чанд дақиқа дар миёни инҳо тирпарронӣ шуд, яке аз аскарони амир бо тири онҳо захмдор шуд ва дигарашон аз дастгир кардани он одамони номаълум даст кашида пас гаштанд...

Оқибат дуздон ба даст наафтоданд ва маълум нашуд, ки онҳо киҳо буданд?

Баъд аз ин ҳодиса дигаргуние ки ба кори банкҳои дар Бухоро буда рӯй дод, ин буд, ки дигар ҳеҷ кадоми онҳо дар контораи шаҳриашон баъд аз соати кор пул намонданд. Қассаи марказиашон дар Когон меистод. Пули даркории ҳаррӯзаро бо посбони мусаллаҳ ба шаҳр меоварданд ва баъд аз кор боз пулҳоро бо посбонон ба Когон мебурданд.

Баъд аз ҳодисаи дуздӣ мардум Қорӣ-Ишкамбаро «акнун пулатон дар банк сӯхт» гуфта метарсонданд ва худи ӯ ҳам ба рӯидани пулаш умеди зиёд надошт, бинобар ин дар авзоаш аломати девонагӣ намудор гардида истода буд.

Аммо ҳамин ки банк кушода шуд ва ӯ рафта пулашро талаб кард, банк бегуфтугӯ ва фаврӣ пули ӯро дод.

Бо ин кор эътимоди Қорӣ-Ишкамба ба банкҳо аз пештара ҳам зиётар шуд ва худи ҳамон рӯз боз пулашро ба худи ҳамон банк бурда супурд. Баъд аз он ҳам ҳар пули барзиёде, ки ба дасташ афтад, дарҳол бурда ба банк мемонд.

Аммо, вақте ки баъд аз баста шудани банк дар гашти рӯз ё шабона пул ба дасташ меафтид, ӯ дар ташвиш мемонд, аз як тараф пулаш то фардо бекор

мехобид, аз тарафи дигар бими дуздондани пул буд ва аз тарси дуздон пулро ҷое пинҳон кардан даркор буд, ки ҳеч кас надонад.

Ман рафта-рафта ба ӯ ҳолдон шудам, ки вай аз ҳама кас дар шубҳа будааст, ӯ мепиндоштааст, ки ҳама дар паи ӯ ҳастанд ва ҳар кас фурсат мехоҳад, ки аз дасти ӯ пулашро зада гирад.

Дили ӯ танҳо ба саройбони сарои «Қавказ» пур буд, танҳо он саройбон медонист, ки Қорӣ-Ишкамба пулҳоеро, ки баъд аз баста шудани банк ба дасташ меафтанд, дар куҷо пинҳон мекунад.

Таърихи пур шудачи дили ӯ ба он саройбон ҳам хеле аҷиб аст, ки шунидanist:

Рӯзе дар вақти баромада рафта истодани Қорӣ-Ишкамба аз сарои «Қавказ» саройбон барои шӯхӣ як тангаи понздаҳтиниро аз кисааш бароварда ба роҳрави сарой мепартояд. Баъд аз он ӯро пас чеғ зада, он тангаро ба вай нишон дода:

— Қорӣ амак, магар ин пул аз кисаи шумо афтодааст? — гӯён мепурсад.

Қорӣ-Ишкамба ба вазъияти касе, ки як чизи муҳимми гумшудаашро ёфта бошад:

— Куҷост-куҷост? — гӯён аз роҳаш пас мегардад ва бо нишон додани саройбон он тангаро аз замин гирифта,— ҳозир хабардор шудам, ки ин кисаам даридa пулам афтодааст, ҳар чи ба шарофати ту ёфт шуд,— мегӯяд ва аз саросемагӣ он тангаро ба ҳамон кисааш, ки ба саройбон даридагӣ вонамуда буд, меандозад ва илова карда мегӯяд:

— Илоҳӣ барака ёбӣ, додар! Агар дар ҷои ту касн дигар мебуд, албатта, ин пулро аз они худ мекард. Ҳар чи дар ҳамин замон ҳам одаме, ки аз ҳаққи кас тарсад, ёфт мешудааст.

Инак ба сабаби ҳамин воқеа дили Қорӣ-Ишкамба ба саройбон пур мешавад, ба ӯ боварии куллӣ пайдо мекунад ва баъд аз ҳамин воқеа, агар шабона аз ҷое пул гирифтан лозим ояд, ҳамроҳи худ ҳамон саройбонро мегирад.

Сабаб ҳамин буд, ки дар вақти гирифтанаш маблағи қарзиро аз бойбача, ҳамон саройбонро оварда пулро дар пеши ӯ гирифт ва он маблағро ба ҷое, ки

худаш ва он саройбон медонист, ҳамроҳи ӯ бурда монд.

Лекин эътимоди Қорӣ-Ишкамба ба он саройбон ҳам бисьёр дер накашид ва дар он миён ҳодисае рӯй дод, ки он саройбон дар қатори бадтарин хиёнатгарон даромад ва дар он вақт назар ба ақидаи Қорӣ-Ишкамба дар дуньё касе намонд, ки аз ҳаққи кас тарсад (Мо воқеаи барҳам хӯрдани боварии Қорӣ-Ишкамбаро аз он саройбон, дар поинтар бо тартиби таърихиаш дар ҷои худаш нақл хоҳем кард).

## XII

Қорӣ-Ишкамба дар даруни шаҳри Бухоро, ки судхӯрон бисьёр буданд, ҳар сад тангаро дар моҳе зиёдатар аз дуву ним танга ба фоида монда наметавонист, ҳатто дар бойҳои калон, ки аз вай бо маблағҳои зиёд қарздор мешуданд, маҷбур мешуд дар ҳар сад танга дар моҳе ба ду танга ва ба камтар аз он розӣ шавад, чунки ҳамаи савдогарони калонро муомила бо банкҳои Россия буда, онҳо аз банк дар соле ба ҳашт фоиз, яъне ҳар сад тангаро дар соле бо ҳашт танга фоида додан, қарз гирифта метавонистанд.

Онҳо дар вақте маҷбур мешуданд аз Қорӣ-Ишкамба барин судхӯрон қарз гиранд, ки банк мувофиқи дороии онҳо қарз додааст, дигар барзиёд қарз намедиҳад. Ва ҳол он, ки дар мавсимҳои хариди пӯсти қарокӯлӣ ва пахта барин молҳои тиҷоратии қиматбаҳо қарзи банк ба онҳо кифоя намекард, дар ин гуна мавридҳо онҳо ноҷор ба Қорӣ-Ишкамба барин пулдорон муроҷиат мекарданд ва аз фоидаи банк ду баробар, ниҳоят дуву ним баробар зиёдтар фоида медоданд. Чунки дар шаҳри Бухоро як қисм судхӯрон буданд, ки онҳо худашонро сарроф меномиданд ва монанди Қорӣ-Ишкамба ба баққолон ва савдогарони хурд қарз намедиҳанд ҳам, ба бойҳои калон бо маблағҳои калон қарз медоданд. Қорӣ-Ишкамба бо будани ин рақибон, аз бойҳои калон фоидаи зиёд талаб кардан наметавонист.

Дар он вақтҳо дар деҳот судхӯрони заминдор ва деҳқонони камбағал ҳар сад тангаро ҳар моҳе то ба даҳ танга ба фоида мемонданд. Қорӣ-Ишкамба ин

фоидаи калонро шунида оби даҳонаш мерафт ва ба судхӯрони саҳро ҳасад бурда дар оташи рашк монанди мӯи оташдида ба худ мепичид. Лекин аз саҳро рафтан ва аз бастани алоқа бо деҳқонон метарсид ва дар ҳақиқат ҳам ӯ, ки дар шаҳр, дар зери ҳимояти ҳокимони марказӣ ва бойҳои калон истода, аз ҳар кас дар шубҳа буд, наметавонист, ки ба саҳро дар байни деҳқонони пойбараҳна ва дар зери рақобати судхӯрони он ҷо равад. Ӯ, ки ҳар бомдод ба масҷиди Мағоки Бухоро рафта «Маснавӣ»-и Ҷалолиддини Румиро мешунид ва ҳар гоҳ, ки ҳирси судхӯриаш боло гирифта шавқи ба деҳот рафтан, дар дилаш ҷӯш занад байти зерини «Маснавӣ»-и мазкурро ки:

> «Деҳ марав, деҳ мардро аҳмақ кунад,
> Ақлро беную беравнақ кунад.»

мебошад, зери лаб такрор карда ба худ тасалло медод ва «Ман аҳмақ нестам, ки бо умеди фоидаи калон ба деҳот рафта, ҳам ҷони худро ва ҳам пули худро, ки аз ҷон ҳам ширинтар аст, дар зери хавфи талаф шудан гузорам» мегуфт худ ба худ. Ноҷор ӯ ба фоидаи ҳар танга дар моҳе дуву ним тангаи баққолон ва савдогарони хурд ва ба фоидаи мавсимии на он қадар калони бойҳои калон қаноат мекард ва зиёдатии пулашро маҷбур буд, ки дар банк ба фоидаи дар соле панҷ фоиз гузорад.

Қорӣ-Ишкамба аз ҳамаи муомиладорони худ дида зиёдтар аз банк норозӣ буд: «Банк,— мегуфт ӯ,— бо вуҷуди аз ҳама бойтар буданаш, аз ҳама хасистар аст, дар вақте ки баққолон ва дӯкондорон ба ман дар ҳар сад танга ҳар моҳе дуву ним фоиз фоида медиҳанд, вай дар соле панҷ фоиз медиҳад». Дар ин вақт деҳқонони фақир ба ёдаш омада онҳоро, ки ба судхӯрон дар ҳар сад танга ҳам моҳе то даҳ танга фоида медодаанд, «Ҳотами даврон» мешумурд. «Баракат дар қишлоқ аст,— мегуфт ӯ худ ба худ,— худо муяссар мекард, ки бо деҳқонон алоқаманд мешудам, дар он вақт аз фоида сер мегардидам ва фоидаи ками ин банки хасисро даҳ-понздаҳ баробар карда аз деҳқонони кисахолии ҷашмсер мерӯёнидам».

Дар ин миён тасодуфе рӯй дод, ки барои бо деҳ-

қонон алоқа бастан ба Қорй-Ишкамба роҳи кишлоқ кушода шуд: рӯзе аз рӯзҳо ӯ бо одати муқаррариаш намози бомдодро дар масҷиди Мағоки Бухоро хонда ва маснавии баъд аз намози[28] дар он ҷо хондашавандаро шунида ва баъд аз он намози ишроқро[29] хонда, дар ҳолате, ки тасбеҳ дар даст буд, аз масҷид баромад ва бар як суфачаи дари масҷид нишаста ба вирду авродхонӣ[30] ва тасбеҳгардонӣ машғул шуд.

Дар ҳамин вақт як деҳқони миёнақади на онқадар ҷавон, ки дар тан либосҳои деҳқонии бечоравор дошт, монанди он, ки бо Қорӣ шинос бошад, омада ба ӯ бо таъзим, ҳурматкорона даст пеш гирифта, салом дод ва ба суфачаи дигари дари масҷид нишаста сар ҳам карда бо зери чашм ба Қорӣ назар дӯхт.

Қорӣ-Ишкамба ба гумони он, ки «он деҳқон яке аз назрбастагони масҷиди Мағоқ буда, худашро шайхи он масҷид пиндошта мехоҳад назрашро ба ӯ диҳад, лекин аз вирду авродхонӣ озод шудани ӯро нигарон аст», барои ихлоси деҳқонро ба худ ҷалб кардан ва назрро зиёдтар ситондан дуоҳои хонда истодаашро баландтар, буррогар ва қоривор бо адои махраҷи[31] ҳарфҳои арабӣ хондан гирифт ва донаҳои тасбеҳро ҳам монанди чӯти ҳисоби савдогарон шақаррос занонда мегардонид.

Баъд аз он ки таъсири дуохонии худро ба деҳқон басанда дид, дастонашро кушода фотиҳа хонда ба рӯяш молиш дод ва пас аз он ба саломи деҳқон ҷавоб гардонда:

— Додар! Агар назру ниёзе дошта бошед, бароред, аз ҷониби ҳазрати Хизр, ки дар панҷ вақт намоз дар ин масҷид ҳозир мешаванд, қабул мекунам,— гуфт.

— Ман назру ниёзе надорам, лекин аз шумо қарз гирифтан мехоҳам,— гуфт деҳқон дар ҷавоб.

— Бисёр хуб, ин тавр бошад чанд танга қарз гирифта чӣ қадар фоида додан мехоҳед ва заркафилатон[1] кист? — Қорӣ-Ишкамба пурсид...

---

[1] Заркафил — касест, ки дар байни қарздиҳанда ва қарзгиранда миёнравӣ мекунад ва кафил мешавад, ки агар қарздор пули қарзҳоро дар вақташ дода натавонад, пули ӯ он маблағро адо намояд.

Дар ин вақт атторone, ки дӯконашон дар паҳлу ва дар рӯ ба рӯи масҷиди Мағок буд, ягон-ягон омадан гирифтанд ва онҳо пеш аз он ки дӯкони худҳошонро кушоянд, ба сӯҳбати Қорӣ-Ишкамба бо деҳқон гӯш доданд.

Қорӣ-Ишкамба, ки муомилаи пулиро ва умуман дар боран пул ҳарф заданро аз ҳар кас пинҳон медошт, аз ин аҳвол дар ташвиш афтода пеш аз он, ки деҳқон ба пурсиши ӯ ҷавоб диҳад, ба ӯ:

— Хезед, бародар, аз дунболи ман равон шавед! Ба ягон ҷои хилват равем! — гӯён аз ҷои худ бархоста рост ба тарафи шарқ, ба сӯи растаи чойфурӯшӣ равон шуд ва баъд аз чанд қадам роҳ рафтан ба дасти чап, ба паскӯчаи шонатарошӣ баргашта, баъд аз ду-се қадами дигар мондан ба таҳоратхонае, ки ба тарафи шарқи он паскӯча воқеъ шуда буд, даромад ва деҳқон ҳам аз дунболи ӯ ба он ҷо дохил шуд.

Ҳар чанд дар он ҳангом вақти ягон намоз наздик набуда, барои таҳорат кардан дар он ҷо эҳтимоли ба таҳоратхона даромадани ягон кас набошад ҳам, Қорӣ-Ишкамбаи эҳтиёткор дарро аз дарун баста ба суфачае нишаст ва деҳқонро ҳам дар паҳлуи худ шинонда ба ӯ суоли дар боло гузаштаро дубора дод:

— Бисёр хуб! Ин тавр бошад, чанд танга қарз гирифта чӣ қадар фоида додан мехоҳед ва заркафилатон кист?

Деҳқон баъд аз он, ки аз деҳаи Булмахӯрон соҳиби панҷ таноб замин будани худашро ва заминҳояш дар байни заминҳои Арбоб Рӯзӣ ном сангсабзӣ воқеъ шуданашро, барои ба даст даровардани заминҳои ӯ Арбоб Рӯзӣ бо арбоби деҳаи худаш Арбоб Ҳамид як шуда ба сари ӯ як даъвои тӯҳматӣ хезонда кори ӯро ба қозихона оид карданашонро ҳикоя кард, суханашро давом дода гуфт:

— Инак дар ҳамин ҷанҷол панҷсад танга аз ман хароҷот шуда даъво дирӯз маҷҷонан[10] тамом гардид, маблағи хароҷотшударо аз самоворчии дари қозихона ба ваъдаи дар ҳар азон панҷ танга, яъне дар як шабона рӯз бисту панҷ танга фоида додан қарз гирифтам. Ҳамин рӯз дар вақти азони бомдод он панҷсад танга бо фоидааш панҷсаду бисту панҷ танга шуд.

Агар хамин рӯз ба ман карз дихед, ҳочатам бо бисту панч танга раво мешавад ва агар фардо дихед, панчсаду панчоҳ танга даркор мешавад, яъне маблағи ба ман даркорӣ ба кадом вакт пул карз додани шумо нигоҳ мекунад. Чӣ кадар фоида додани ман бошад, ба ихтиёр ва инсофи шумо вобаста аст. Шуморо ба ман судхӯри боинсоф гуфта нишон доданд.

Қорӣ-Ишкамба ин «гӯсфанди фарбехи ба пои худ омада»-ро дида, оби даҳонаш рафта, гулӯяш хориш кардан гирифт. Аммо чӣ навъ шуда ин «гӯсфанд» аз чанголи «гургони саҳроӣ» халосӣ ёфта ба пеши шағоли шаҳрӣ омаданашро мулоҳиза карда дар шубҳа афтод, «мабодо дар зери ин коса нимкосае бошаду максади ҳарифон ба даст афтондани ман бошад» гуфта дар дили худ андешид ва бо хамин мулоҳиза аз деҳкон пурсид:

— Дар деҳаатон магар ягон судхӯре, ки росткавл бошад ва соҳиби мулку асбоб будани шуморо донад ва ба шумо карз диҳад, набуд, ки шумо ба шаҳр ба пеши ман омадед?

— Дар деҳаҳои мо судхӯрон ҳастанд, Арбоб Рӯзӣ ва Арбоб Ҳамид, ки ба сари ман даъвои тӯҳматиро овардаанд, судхӯрони калони он ҷо мебошанд. Лекин онҳо карз дода танҳо ба гирифтани фоида каноат намекунанд, балки дар вакти карз додан аввал заминҳои маро ба гарав гирифта, баъд аз вазнинтар шудани карзи ман, маро аз замин ҷудо мекунанд, яъне заминҳои маро аз дастам зада мегиранд.

— Ман ҳам агар ба шумо карз диҳам, заминҳоятонро ба гарав мегирам,— гуфт Қорӣ.

— Шумо заминҳоямро ба гарав гиред ҳам, ба деҳа баромада деҳконӣ намекунед. Бинобар ин ба тамоман аз худ кардани он заминҳо намекӯшед. Шуморо ба ман ҳамин тавр шиносонда маро ба пеши шумо фиристоданд.

— Хуб, ба ҳар сад танга ҳар моҳ чӣ кадар фоида медиҳед?

— Ба ҳар сад танга ҳар моҳ панч танга фоида медиҳам,— гуфт деҳкон.

— Не!— гуфт Корӣ-Ишкамба,— агар ба ҳар сад танга ҳар моҳ даҳ танга диҳед, ман ин корро меку-

нам, вагарна аз ҳамон судхӯрҳо қарз кунед, ки ба замини шумо чашм дӯхтаанд.

— Судхӯрони деҳа, аз он ҷумла Арбоб Рӯзӣ ҳам ба ҳар сад танга дар ҳар моҳ даҳ танга талаб карданд. Ман дар натиҷаи ин фоидаи вазнин заминҳоям аз даст меравад гуфта таклифи онҳоро рад кардам. Маро ба пеши шумо «судхӯри боинсоф, ба ҳар сад танга дар моҳе ба дуву ним танга фоида қаноаткунанда» гуфта фиристоданд. Ман бо вуҷуди ин инсоф карда ду баробари қарздорони шаҳриатон фоида доданро ба гардани худ гирифтам. Агар шумо ҳам даҳ танга талаб кунед, албатта, ман ин фоидаи вазнинро дода наметавонам ва барои адо кардани қарзи шумо охир маҷбур мешавам, ки заминҳоямро ба ҳамон судхӯрҳо фурӯшам. Шумо як кор кунед, ки «на сих сӯзад, на кабоб», на заминҳоям аз дасти ман раванд ва на шумо аз ду баробар фоидаи муқарраратон маҳрум монед. Агар шумо ба таклифи ман розӣ нашавед, беҳтар он аст, ки аз ҳамон судхӯрони деҳот қарз гирам, то ки душмании онҳо ба ман зиёд нашавад ва, чунон ки гуфтаанд, «то омадани табар кунда меосояд» то аз дастам рафтани заминҳоям дар деҳа осуда зиндагӣ кунам.

Деҳқон ба суоли дуввуми Қорӣ-Ишкамба, ки «заркафилатон кист» буд, ҷавоб додан хоста давом намуд:

— Модом, ки ман заминҳоямро бо васиқаи қозӣ ба шумо гарав медиҳам, боз заркафил барои чӣ даркор аст? Агар ман пули шуморо дода натавонам, шумо заминҳоямро фурӯшонда қарзи худро мерӯёнед. Заркафил вақте даркор мешавад, ки қарздор чизи ба гаравдиҳанда надошта бошад, ё чизе ба гарав надиҳад.

Деҳқон бо Қорӣ-Ишкамбаи ҳамтамаъ дуру дароз гап зада нишастанро нахоста:

— Қорӣ амак, таклифи ман ҳамин аст, ки агар ба ман дилатон пур шавад ва қарз додан хоҳед, ба ҳар сад танга моҳе панҷ танга фоида доданро ба гардан мегирам. Ин «оши ҷуғротнок» аст, хоҳед мехӯред, нахоҳед ба пеши сагони саҳрой (судхӯрони қишлоқ) мерезед, ихтиёр ба шумост! — гӯён аз ҷояш хест. Аммо Қорӣ ӯро дубора шинонда:

— Хуб!— гуфт бо оҳанги ризо,—«оши ҷуғротнок»-ро хӯрдан мехоҳам, лекин аз шумо хоҳиш мекунам, ки ба рӯи ин ош як чумча равған ҳам резед, яъне ба болои панҷ танга як танга зам карда, ба ҳар сад танга ҳар моҳ шаш танга диҳед. Агар пулам ба ин қадар фоида наарзад, ба бадали ин як танга дар паси ҳар намоз дар ҳакки шумо дуо мекунам.— Вай дасташро ба тарафи деҳқон дароз кард,—биёед розӣ шавед, барака ёбед!

Деҳқон ҳам барои як танга ранҷондани хӯҷаини ояндаи худро лозим надониста дасти ӯро гирифта:

— Шумо ҳам барака ёбед!— гуфт ва илова кард, — ин тавр бошад, ман ба қозихона рафта заминҳоямро васиқа карда биёрам, пулро ҳамин рӯз диҳед, ки фоидаи самоворчӣ бисьёр вазнин нашавад.

— Шумо ё содда ё фиребгар!— гуфт Қорӣ-Ишкамба қадре шӯрида.— Ман заминҳои шуморо надида ва аҳволи худи шуморо аз касе напурсида чӣ гуна бо як хати хушк ба шумо пул бароварда медиҳам. Охир, пул ҷон нест, ки одам дар ҳар куҷо ва ба ҳар чиз фидо кардан гирад.

— Ин тавр бошад, кай рафта заминҳоямро мебинед ва аҳволамро кадом вакт пурсуков мекунед?

— Дар байни ҳамин ду-се рӯз.

— Ҷон, Қорӣ амак! Зудтар равед, ки фоидаи самоворчӣ бисьёр вазнин нашавад. Ба деҳаи Бӯлмахӯрон рафта «заминҳои Ҳамроҳрафиқ кадом аст?» гуфта пурсед, аз ҳафтсола то ҳафтодсолаи аҳолии он ҷо ба шумо нишон медиҳанд ва мебинед, ки ман панҷ таноб заминро монанди гулзори пеши хона чӣ тавр обод кардаам!

— Барои зудтар рафтан кӯшиш мекунам, лекин бо худ пул намебарам, баъд аз баробар шудани корамон пулро омада аз шаҳр мегиред,— гӯён Қорӣ-Ишкамба аз ҷояш хест ва ҳар ду бо ҳам аз таҳоратхона баромаданд. Ҳамроҳрафиқ зудтар ба саҳро рафтанро боз якбори дигар аз хӯҷаини худ илтимос карда, ҳар ду аз ҳам ҷудо шуда паси корҳои худ рафтанд.

Қорӣ-Ишкамбаро аз як тараф ҳирси ба даст даровардани дар ҳар сад танга ҳар моҳ шаш танга фоида, ки ду баробари болотарин даромад аз қарздорони

шахриаш мебошад, ба сӯи саҳро кашида мебурда бошад, аз тарафи дигар дар деҳаи Галаосиё, ки Сангсабз ва Бӯлмахӯрон ҳам тобеи вай буданд, ноиби қозикалон будани яке аз дӯстони наздикаш ба ӯ дар ин «сафари пурхавфу хатар» ҷасорат медод. Ҳатто аз ин сафар дер мондан барои ӯ хавфнок менамуд, зеро назар ба ақидаи ӯ аҷаб набуд, ки гургони саҳрой созиши ӯро бо Ҳамроҳ шунида ба ӯ таклифи аз талаби вай арзонтар намуда,— «он гӯсфанди фарбеҳро аз чанголи ин шағоли шаҳрӣ» зада гиранд. Бинобар ин ӯ дар умри худ нахустин бор намози бомдоди масчиди Мағоқ ва маснавихонии он ҷоро тарк намуда, саҳари барвақт аз хона баромада ба раҳи саҳро даромад.

Ӯ пиёда мерафт ва бо вуҷуди фарбеҳии аз одат беруиаш дар роҳ қариб давида роҳ мерафт, ки пеш аз ба қишлоқ баромада рафтани ноиб, ба ноибхонаи Галаосиё рафта бирасад, то ки кори худро бо ӯ дӯстона дар хона пазонда, баъд аз он бо Ҳамроҳрафиқ кори худро дар ҳузури ӯ ба поён расонад.

Қорӣ-Ишкамба вақте ки ба Галаосиё расида ба ноибхона даромад, ноибро дар рӯи ҳавлӣ савори асп дид, ки ӯ муҳайёи ба деҳот баромада рафтан буд. Чун чашми ноиб ба Қорӣ-Ишкамба афтод, фавран аз асп фуромада ба тарафи ӯ давид, то ки бо дӯсти деринаи худ мулоқоти гарму ҷӯшон кунад.

Лекин давидани ноиб аз давидани сангпушт ҳеҷ фарқ надошт, чунки ӯ ҳам монанди Қорӣ-Ишкамба шикамкалон ва фарбеҳ буда, гӯшти зери закан ва пушти сари ӯ дамида баромада, гарданашро бо шикам ва тахтапушташ ҳамрӯй карда буд. Фарқе, ки ӯ аз Қорӣ-Ишкамба дошт, ҳамин буд ки сараш хурд, ришаш кам ва поҳояш аз поҳои ӯ кӯтоҳ буда, аз фарбеҳӣ ё аз варам, монанди зерсутун[33] ғафс менамуданд.

Бо ин шаклу шамоил намуди зоҳирии ноиб ба ҷуволи пури гандум монанд буд, ки даҳони вайро як қабза карда бо даҳанбанде баста бошанд; ҳақиқатан ҳам сари хурди ӯ ба болои он танаи ғафс, ки аз по то гардан ҳамрӯй буданд, мисли ҷои аз даҳанбанд болоистодаи ҷуволи пурғалла менамуд.

Вақте ки ин ду дӯст бо ҳам расида якдигарро ба оғӯш кашидан хостанд, мулозимон ва ходимони ноиб-

хона аз ханда худдори карда натавонистанд, чунки ҳамоғӯшии онҳо ба ду хуми калон монанд буд, ки дар паҳлуи якдигар гузошта шуда бошанд ва дар вақти мулоқот танҳо нофҳошон ба якдигар мерасиданд, аммо барои ба оғӯш кашидани якдигар, ҳар чанд кӯшиш мекарданд, дастҳошон ҳатто ба паҳлӯи ҳамдигар ҳам намерасиданд, зеро дастҳо барои печонда гирифтани баданҳои ғафси фарбеҳ ва шикамҳои калон кӯтоҳӣ мекарданд.

Баъд аз ин гуна мулоқоти хандаовар ноиб дӯсти худро ба меҳмонхона дароварда, ба маҳрами[34] худ барои меҳмон дарҳол «аз нӯги хамир, фатир» гӯён дастархон, нон ва як табақ гӯшти яхнӣ оварданро ва аз паси вай бирьён карда овардани ду мурғи фарбеҳро фармуда, аз дӯсташ сабаби бархилофи одати худ ба саҳро баромаданашро пурсид.

— Чой фармоед, ки як-ду пиёла нӯшида кӯфти роҳро аз худ дур кунам, ҳам барои рӯфта хӯрдани дастархони шумо шикамамро омода гардонам ва баъд аз он сабаби ба саҳро баромаданамро нақл хоҳам кард. Як фарсах роҳро пиёда тай кардан чунон маро аз кор баровард, ки ҳозир тоқати гуфтор надорам.

— Магар шумо дар ҳамин ҳавои гарм бадани думании худро бардошта роҳи якфарсахиро пиёда тай кардед? Чаро ягон савориро киро карда савор шуда наомадед? Чаро, дар хонаи худ ягон саворӣ нигоҳ намедоред, ки дар ин гуна мавридҳо фоида баред?

— Шумо монанди одамони соддаи бедард гап мезанед, ноиб! — гуфт Қорӣ-Ишкамба,— охир, кадом одами аҷлнок пулеро, ки ба сад машаққат ёфтааст, барои яксоата осоиш ба ҳаркорон ва кирокашон медиҳад? Ман «дандон дорад» гуфта арраро дар хонаи худ роҳ намедиҳаму шумо бошед, дар хонаи худ нигоҳ доштани асп ё харро ба ман маслиҳат медиҳед, ки онҳо тороҷкунандаи хонадон мебошанд...

Дар ин миён маҳрам нону чой ва яхниро оварда дар пеши Қорӣ-Ишкамба дастархон паҳн кард. Қорӣ бо дидани табақи пуряхнӣ ва нони гарм аз сухан бозистода, монанди гови ғуруснае, ки ба кунҷора харисона мечаспад, даст ва даҳони худро ба тарафи нону

ҷанӣ бурда сари худро аз дастархон барнамедошт, ӯ ҳатто чойро ҳам, ки бо кӯфти роҳ ба вай талаб изҳор карда буд, аз хотир баровард.

Ноиб ҳам гуфтугузорро бо меҳмони худ бас карда ба яхнихӯрӣ даромад ва чоҳои серравғани гӯштро бо корд бурида гирифта, ба нони гарм печонда, ба даҳони худ андохта нохоида фурӯ бурдан гирифт.

Қорӣ-Ишкамба ин ҳоли соҳибхонаро дида табақро пештари худ кашида, бо даҳони пурнону гӯшт:

— Магар шумо ҳам то ҳол ношито накарда будед?— гӯён ғурунгос зад.

— Пагоҳонӣ дар пеши ман ду мурғи бирьён оварда буданд, аммо аз он ҷо ки ҳамтабақам ин маҳрами чимхӯр ва бадиштиҳо буд, иштиҳои ман ҳам баста шуд, базӯр як мурғро хӯрда, дигарашро ба хизматгорон додам. Барои кушода шудани иштиҳои ман монанди шумо ҳамтабақ даркор аст.

— Лекин барои кушода шудани иштиҳои ман ҳеч як ҳамтабақ лозим нест, хусусан монанди шумо ҳамтабақ лозим нест, ки таомро ба номи ман фармуда, ба коми худ занад. Зотан иштиҳои ман ҳамеша кушодааст ва барои ман иштиҳокушо ҷон даркорӣ надорад.

Қорӣ-Ишкамба дид, ки дар вақти ҳарф задани ӯ ҳамтабақаш дар табақи яхнӣ рахнаҳои калон кушодааст, табақро боз ҳам ба худ наздиктар кашида, бо тамоми сари калон ва гардани ғафсаш ба рӯи яхнӣ хам шуда, монанди калхоте, ки болҳои худро паҳн карда, кабӯтарро дар зери чанголи худ гирад, табақро тамоман дар зери иҳотаи худ даровард.

Соҳибхона, шояд аз пеши меҳмон ба пеши худ кашидани таомро мухолифи назокати мезбонӣ дониста бошад, ба табақ даст нарасонда, аммо як тарафи дастархонро ғундошта бо ду зону ба табақ наздик рафта, сари курди худро дар зери сару гардани Қорӣ даровардa, ба рӯи яхнӣ аз вай ҳамтар ва наздиктар гардид.

Дар ин вақт ин ду дӯст ба ду барзагови ҳамюғ ва ҳамкор монандӣ пайдо карданд, чунон ки барзаговон ба сабаби ҳамкорӣ бо ҳам унс ва улфат пайдо карда дар як охур хӯрок мехӯранд ва дар вақти кунҷоракӯ-

рӣ ҳар чанд якдигарро шохзанӣ накунанд ҳам, бо сари худ сари ҳарифи худро фишор дода, аз охур дуртар карда, худ бисьёртар хӯрдан мехоҳанд, инхо ҳам бо сару гардани худ ба табақ наздиктар рафта, ҳаитабақи худро танг карда наволаҳои калонтарро аз они худ кардан мехостанд.

Ноиб дар пурхӯрӣ ва шикамбандагӣ аз Қорӣ-Ишкамба мондани надошт, фарке, ки дар ин хусус ниҳо доштанд, танҳо ҳамин буд, ки Қорӣ-Ишкамба шиками худро ҳамеша аз хонаи мардум, аз хонаҳои қарздоронаш, ҳуҷранишинонаш, аз тӯйхонаҳо ва худоихонаҳо ва аз таомҳои сари дӯкони муомиладоронаш пур мекард ва дар хонаи худ ҳеҷ гоҳ бо харҷи худ таом тайёр кунонда намехӯрд, ноиб бошад, ҷунон ки шикамашро аз зиёфатҳои арбоб ва калоншавандагони қишлоқ сер мекард, инчунин бо маблағе, ки аз торочи деҳқонони фақир ба даст даровардааст, дар хонаи худ ҳам таомҳои сергӯшту равған тартиб дода мехӯрд ва мувофиқи мазмуни «раҳ зану эҳсон кун» монанди Қорӣ-Ишкамба дӯстон ва ҳамкорони худро ҳам бояду шояд зиёфат карда мехӯронид.

Баъд аз он, ки мезбон ва меҳмон мурғбирьёнҳоро ҳам бо иштиҳои «ҷӯалбақарӣ» (гуруснагии говона) хӯрда ба поён расонданд, навбати чойнӯшӣ расид ва дар вақти чойнӯшӣ Қорӣ-Ишкамба сабаби ба саҳро баромадани худро дар зимни нақли созише, ки бо Ҳамроҳрафиқ карда буд, гуфта аз ноиб аҳволи деҳқони мазкурро пурсид.

Ноиб дар ҷавоб, баъд аз нақли деҳқони миёнаҳол, коркуни фаъол, соҳиби панҷ таноб замин, як сар гови корӣ ва як сар модагов будани Ҳамроҳрафиқ гуфт:

— Ӯ одами росткавл, соддаи зудбовар аст, бинобар ин аз қабили «аз борон гурехта ба новадон афтодан», аз судхӯрони саҳро гурехта ба доми шумо афтодааст.

Қорӣ-Ишкамба баъд аз завқида хандидан аз сухани охири ноиб:

— Яъне як говмеши ҷавони серширӣ дарозшир ба дасти ту афтодааст гӯед!— гуфт ва илова намуд:— Лекин агар ин гуна одами соддалавҳи зудбоварро

ягон ҳариф аз роҳ бароварда нияташро вайрон кунонад, дар он вакт чӣ хоҳам кард?

— Дар он сурат,— гуфт ноиб,— васиқаи шаръие бо мӯҳри қозикалон мисли корди буррон шуда дар ихтиёри шумо меафтад ва ба кор даровараидаи он корд ҳам дар ин тарафҳо ман мебошам, бо вай пӯсти ӯро канда калла-почаашро аз вай ҷудо карда ба шумо супурдан вазифаи ман аст.

— Ин тавр бошад,— гуфт Қорӣ-Ишкамба зудтар Ҳамроҳрафиқро кас монда оварда заминҳои ӯро ба ман васиқа кунонда диҳед ва ман бозгашта ба шаҳр рафта ба ӯ пул диҳам. Агар дер монем, метарсам, ки ягон судхӯри дигар ин луқмаи чарбу нарми ба даҳони ман наздикомадаро зада гирад.

— Ба он деҳа рафта дар назди арбобу калонони он ҷо васиқа кардан лозим аст,— гуфт ноиб,— «Арбобро бину деҳро тоз» гуфтаанд, коре, ки дар деҳот бехабардории арбоб ва калоншавандагон карда шавад, натиҷаи хуб намедиҳад.

— Ин тавр бошад, зудтар ба ҳамон деҳа равем! — гуфт Қорӣ.

— Меравем!— гуфт ноиб ва ба мулозимони худ тайёр кардани аспҳоро фармуд.

* * *

Ноиб бо гурӯҳи мулозимони худ ва Қорӣ-Ишкамба бо онҳо ба роҳи деҳаи Бӯлмахӯрон даромаданд. Қорӣ-Ишкамба дар умри худ асп савор нашуда буд, бо вуҷуди ин ноиб ӯро, шояд барои бозӣ бошад, ба як аспи ҷавмасти шӯхи ҷавон, ки ҳанӯз дастром нашуда буд, савор карда ба роҳ даровард. Асп шӯхию бозӣ мекард ва аспони дигарро лагадкӯбӣ кардан мехост, гоҳо бо поҳои пасаш истода, поҳои пешашро ба ҳаво мебардошт, гоҳо поҳои пешашро ба замин устувор дошта, поҳои пасашро ҷуфтакзанон ба ҳар тараф ҳавола мекард ва бо ин ҳаракаташ, гӯё аз ҳуҷуми аспони аз пас оянда худро мудофиа менамуд.

Дар ин аҳвол Қорӣ-Ишкамба дудаста ба қоши зин маҳкам часпида «вой мурдам!» гӯён фарьёд мекард ва ӯ ноибро, деҳаи Бӯлмахӯронро, Ҳамроҳрафиқро ва

дар охир худашро, ки аҳмақӣ карда ба деҳот баромадааст, бо алфозҳои қабеҳ дашном медод, «ба умеди зиёд кардани пул аз пулҳои мавҷудаам мурдаҷудо мешавам» гуфта ҳасрат мехӯрд. Одамони ноиб ба ин аҳволи ӯ ханднда ӯро масхара медоштанд.

Дар ҳақиқат ҳам агар як мулозими аспдон ва аспбози ноиб ҳамеша дар ҷилави аспи Қорӣ-Ишкамба савора рафта, тасмаи лаҷом ва ресмони гулавсори (гул-афсори)[26] аспи ӯро бо дастони қавиаш маҳкам дошта, вайро моҳирона идора намекард, аспи нороми беором дар аввали бозии худ ӯро бардошта бурда дар як канори роҳ ё киштзор ба замин зада куштанаш муайян буд.

Дар вакте, ки дастаи ноиб ба деҳаи Бӯлмахӯрон расид, масхарабозӣ боз ҳам болотар гирифт: ноиб бо аспи худ ба паси аспи Қорӣ-Ишкамба гузашта вайро камчинкорӣ мекард ва ба аспи худ сағирии аспи ӯро газонда он аспи нооромро боз ҳам беоромтар мегардонид.

Саллаи калони Қорӣ-Ишкамба вайрон шуда, каловавор ба гарданаш афтода, ҳалқаҳои вай камандвор ба тамоми баданаш печида ва барҳои ҷомаҳои тагурӯй пӯшидааш ба ҳар тараф паҳну парешон шуда рафта буданд.

Аҳолии деҳаи Бӯлмахӯрон, ки омад-омади ноибро шунида барои пешвозгирии ин балои ногаҳонӣ ҳамагӣ ба сари роҳ баромада буданд, дар умри худ нахустин бор дастаи ӯро, зоҳиран ҳам бошад, бо хандаи қаҳқаҳаи шодиёна пешвоз гирифтанд, хандаҳои онҳо ва шӯру ғавғои бачагони деҳа, бо ханда ва ҳаёҳуи одамони ноиб ҳамроҳ шуда, аспи Қорӣ-Ишкамбаро боз зиёдтар бармеангезониданд ва шӯр медоданд.

Чун даста ба ҳавлии арбоби деҳ — Арбоб Ҳамид даромада, ноиб ва одамонаш аз асп фуромаданд, чанд кас даври аспи Қорӣ-Ишкамбаро гирифта вайро ором нигоҳ дошта, Қориро аз болои зин бар рӯи дастҳо бардошта бар болои шахсуфаи сарҳавз гузоштанд. Дар вақти аз асп фуроварда бар рӯи суфа гузоштан, фарьёду фиғони Қорӣ-Ишкамба боз ҳам ҷонкоҳтар шуд, зеро либоси зерини ӯ, ки ба зери рони фарбеҳу нарми ҳеҷ саворӣ надида ва дар ин бардорузании асп

шалҳида хуншор шудааш часпида буд, дар ҳар ҷунбидан ва ҷунбоидан бо як қабат пӯст аз баданаш канда ӯро азоби тоқатнопазир медод.

## XIII

Ноиб ва одамони ӯ бар рӯи шаҳсуфа саф кашида нишастанд, барои Қорӣ-Ишкамба, ки ба сабаби озори зери ронаш дуруст нишаста наметавонист, дар пешгоҳи суфа ҷои алоҳида муҳайё карданд: дар он ҷо чор қабат кӯрпачаи серпахта паҳн карда дар ду тарафи он ду даста болиш ниҳоданд, Қорӣ-Ишкамба ба болои он кӯрпачаҳо, гоҳ ба ин паҳлу ва гоҳ ба он паҳлу ёзида, ба болишҳо такья карда менишаст.

Калонтарони деҳа ҳам ба шаҳсуфа баромада дар қатори меҳмонон ҷой гирифтанд. Соҳибхона Арбоб Ҳамид баъд аз он, ки «меҳмонон хуш омаданд» гӯён дар поёнтари суфа нишаст, одамони ӯ як барраи ширбози фарбеҳро ба наздики суфа оварда дар ҷое, ки чашми ноиб меафтод, сар буриданд. Ин эҳтироми ҷудогонаи арбоби деҳ буд ба ноиби қозикалон.

Баъд аз он одамони арбоб дар пеши меҳмонон дастархон густурда бар рӯи вай нонҳои ширдор, кулчаҳои равғанини ва меваҳои гуногун гузоштанд ва чойникҳои чой ҳам бо пиёлаҳо дар пеши меҳмонон гузошта шуданд.

Дар вақти нонхӯрӣ ва чойнӯшӣ ноиб оммаи деҳқонони ҷомадаридаро, ки дар поёни суфа ба дарахтҳо ва деворҳо такья карда сари дупо нишаста буданд, аз назар гузаронид ва дар байни онҳо Ҳамроҳрафиқро надида аз Арбоб Ҳамид:

— Ҳамроҳрафиқ дар куҷост, дар байни мардум наменамояд?— гуфта пурсид.

— Ӯ деҳқони пуркор аст, вақташро бекора намегузаронад, бояд дар саҳро гандум даравида истода бошад,— Арбоб ҷавоб дод ва илова кард,— агар ба ӯ кор дошта бошед, чег зада биёрам.

— Чег занед, хуб мешавад.

Арбоб касеро аз қатори дар поёни суфа нишастагон барои овардани Ҳамроҳрафиқ фармуда «ноиб ба

ӯ чӣ кор доштa бошад» гуфта андешид ва дар охир аз ноиб пурсид:

— Ба Ҳамроҳрафиқ чӣ кор баромад? Магар аз тарафи ӯ кушта шудани Тӯрамурод муайян гардид?

— Не-е,— гуфт ноиб дар ҷавоби суоли охирини Арбоб ва давом намуд,— дар байни ӯ ва ҷаноби Қорӣ (ба Қорӣ-Ишкамба ишора карда) дар бораи ба ӯ қарз дода заминҳояшро ба гарав гирифтан созиши хомакӣ шудааст, инак ҳамин рӯз дар ҳузури шумоён ҳамон созишро пухта карда хату чак мекунем.

Бо шунидани ин ҷавоб Арбоб ба тарафи Қорӣ-Ишкамба даст пеш гирифта гарданашро қадре хам карда як эҳтиром изҳор карда, бошад ҳам, дар чеҳрааш дигаргуние пайдо шуд, ки ин аз кори. Қорӣ-Ишкамба норозӣ шудани ӯро нишон медод ва дар ҳамин вазъият ба ноиб нигоҳ карда:

— Бисьёр хуб!— гуфт бо дили ноҳоҳам,— лекин дар деҳа ягон замин, боғ ё ҳавлие фурӯш шуданӣ бошад, аввал ба касе таклиф кардан даркор аст, ки мулки ӯ ба мулки фурӯхташуданӣ ҳамсоя бошад ва агар он мулкдори ҳамсоя харидани он мулкро рад кунад, фурӯшгор ихтиёр дорад, ки ба ҳар кас фурӯшад. Ҳамин тавр будани ҳукми шариатро шумо аз ман хубтар медонед. Аммо, модом, ки ҷаноби Қорӣ харидор шуда омадаанд, дар байни харидор ва фурӯшгор вазифаи арбобиро шумо ба ҷо оварда кори моро сабук кардаед, мо ба ин кор муқобил намеистем.

— Ман дар ин миёна арбобӣ накардаам,— гуфт ноиб аз худ ранҷондани арбоби деҳаро, ки дар тороҷ кардани деҳқонони фақир воситаи хулаш мебошад, муносиб надида,— худи Ҳамроҳрафиқ ба афтодани заминҳояш дар дасти ҳамсоягонаш тоқат карда натавонистанашро пай бурда, намедонам бо маслиҳати кадом кас, ба шаҳр рафта бо ҷаноби Қорӣ созиш карда омадааст,—ноиб барои хотирҷамъ кардани Арбоб илова намуд,— Шумо бояд инро донед, ки хоҳ ҷаноби Қорӣ бошанд, хоҳ ягон шаҳрии дигар, ба деҳаи шумо, ки аз шаҳр дур аст, омада дар ин ҷо заминдор шуда ба деҳқонӣ машғулӣ карда наметавонанд. Ҳар вақт ба маблағи ба қарздодаи ин кас (Қорӣ-Ишкамба) фоида ба болои фоида зам шуда қарздор адо карда

натавонад, албатта, заминро фурӯшонда пули худро меруёнанд. Дар он вақт ихтиёр ба дасти шумоён мешавад, ки ҳар касеро аз аҳолии деҳа муносиб бинетон, он заминҳоро ба ҳамон кас медиҳетон. Дар ҳар ҳол аз расидани қадами ҷаноби Қорӣ ба деҳаатон на шумо ва на дигар калоншавандагони ин ҷо зарар намебинетон, ин кас одами даroздасти бобаракат мебошанд.— Ноиб дар охири суханаш пурсид:— Ҳамсоязамини Ҳамроҳрафиқ кист?

— Арбоби деҳаи Сангсабз — Арбоб Рӯзӣ,— гуфт дар ҷавоб Арбоб Ҳамид ва Арбоб Рӯзиро, ки дар ҳамон вақт аз дарвоза даромада омада истода буд, нишон дода илова намуд:

— Ана, худашон ҳам омаданд!

* * *

Дар вақти ба пеши шаҳсуфа расида омадани Арбоб Рӯзӣ, барои эҳтироми ӯ суфанишинон ҳамагӣ аз ҷо бархостанд. Ӯ ба рӯи суфа баромада бо ноиб ва Қорӣ-Ишкамба ва бо одамони ноиб ягон-ягон вохӯрдӣ карда ва дар охир бо соҳибхона мулоқот намуда, ба ҷое, ки ӯ аз худ болотар нишон дода буд, нишаст ва бо дигар калонони деҳа вохӯрдӣ накарда, фақат ба сарҷунбонии сабуке иктифо намуд.

Одамони Арбоб Ҳамид аз пешкашҳои ба ноиб овардаи Арбоб Рӯзӣ як ҷувол харбузаро дар лаби ҳавз чида монда як дастархон фатири равғанизардиро, ки бар рӯяш чор дона мурғи бирьён буд, бар рӯи суфа бароварда ба пеши ноиб бурда кушода гузоштанд.

Ноиб ду мурғи бирьёнро дар пеши худ ва Қорӣ-Ишкамба нигоҳ дошта он дуи дигарро ба дигарон дод, ки дар байни худ пора карда бихӯранд.

Ин кори ноиб, шояд ба Қорӣ-Ишкамба маъқул наафтода бошад, ки бо дасташ гӯшти дар пешаш истодаро порча-порча канда ба даҳонаш андохта истода чашмонашро аз ду мурғе, ки ба пеши ҳамаи аҳли маҷлис тақсим ёфта буд, намеканд, аз хӯрдани гӯшти он мурғон умедашро канда бошад ҳам, хӯрдани ҳасрати онҳоро давом медод.

Баъд аз хӯрда шудани мурғбирьёнҳо бар рӯи дастархон баррабирьён омад, ки дунба ва гӯшти пахлуи вай ҳам насиби Қорӣ-Ишкамба ва ноиб гардид...

Дар охир дастархон ғундошта шуд ва устухонҳои хондашуда ба пеши саг партофта шуда, нонрезаҳо ба пеши мурғон афшонда шуданд, нонбурдаҳо ва устухонҳои гӯшташон тамом канда гирифтанашударо ба деҳқонони фақир доданд, ки онҳо дар зери дарахтҳо ва деворҳо, гӯё, ба ин зиёфат тамошобин шуда сари ду по нишаста буданд, ҳатто Ҳамроҳрафиқ ҳам, ки ин зиёфат ба шарафи тороҷ кардани ӯ ташкил ёфта аз тарафи ноиб махсусан чеғ зада шуда буд, ба сари дастархон даъват нашуд.

* * *

Баъд аз таоми гарм дар вақти харбузахӯрӣ созиши байни Қорӣ-Ишкамба ва Ҳамроҳрафиқро ноиб ба Арбоб Рӯзӣ, ки ба заминҳои Ҳамроҳрафиқ чашм дӯхта буд, нақл кард ва пас аз ғундошта гирифта шудани пӯчоқҳои харбуза, ноиб ба рӯи суфа баровардани Ҳамроҳрафиқро амр намуд.

Ҳамроҳрафиқ ба рӯи суфа баромада дар гӯшае сар хам карда нишаст. Арбоб Ҳамид ба ноиб нигоҳ карда:

— Бар болои созише, ки дар байни ҷаноби Қорӣ ва Ҳамроҳрафиқ шудааст, мо набудем. Марҳамат намуда дар пеши Арбоб Рӯзӣ он созишро ҳикоя кунед, то ки калону хурди деҳа шунида, аз воқеа хабардор шуда, шоҳиди зиндаи ин кор гарданд.

Ноиб баъд аз як бори дигар нақл кардани он созиш аз Ҳамроҳрафиқ пурсид:

— Ту аз ҷаноби Қорӣ чанд танга қарз гирифтан мехоҳӣ?

— Намедонам, ман ҳаминро медонам, ки аз самоворчӣ панҷсад танга қарз доштам, он маблағ бо дурӯза фоидааш ба панҷсаду панҷоҳ танга расид.

— Яъне панҷсаду панҷоҳ танга қарз гирифтан мехоҳӣ?— ноиб боз пурсид.

— Ҳамин тавр!

— Барои дигар харҷҳо пул дорӣ?

— Ман як пули сиёҳ ҳам надорам! — Ҳамроҳрафиқ ҷавоб дод ва илова карда пурсид: — Боз чӣ гуна харҷҳо ҳастанд?

— Ту хеле одами содда менамоӣ!— гуфт ноиб бо оҳанги таъна ба Ҳамроҳ нигоҳ карда,— аввал ин ки то хатро ба ҷаноби қозикалон мӯҳр кунонда аз Қорӣ пул гирифтанат боз як рӯз гузашта қарзи ту аз самоворчӣ ба панҷсаду хафтоду панҷ танга мерасад. Ҳамин тавр не?

— Ҳамин тавр!— Ҳамроҳрафиқ ҷавоб дод.

— Охир ба Арбоб Рӯзӣ, ки ба сари кори ту лаълию дастархон карда бо пешкашҳои калон қадам ранҷа намуда омадаанд, магар «ҳаққи қадам»-гӯён бисту панҷ танга намедиҳӣ?

— Додан лозим аст!— Аз тарафи Ҳамроҳрафиқ Арбоб Ҳамид ҷавоб дод.

— Бо ин, маблағи даркориат ба шашсад тангаи расо расид. Магар ба Арбоб Ҳамид, ки барои баробар кардани кори ту зиёфати калоне тартиб додаанд ва арбоби деҳаи худат буда соҳиби зиндаю мурдаат мебошанд, чил танга намедиҳӣ?

— Доданаш лозим аст!— Аз ҷониби Ҳамроҳрафиқ Арбоб Рӯзӣ ҷавоб дод.

— Бо ин маблағи даркориат ба шашсаду чил танга расид. Магар ба панҷ нафар калонони деҳаат, ки дар ин маҷлиси хайр ҳозир буда, шоҳиди холиси ин додугирифт мебошанд, ба ҳар кадом дутангагӣ даҳ танга намедиҳӣ?

— Медиҳад!— Арбоб Ҳамид ҷавоб дод.

— Акнун маблағи даркориат ба шашсаду панҷоҳ танга расид,— гуфт ноиб ва давом кард:— барои мӯҳронаи ҷаноби қозикалон, котибонаи ман ва хизматонаи мулозимонам — ҳамагӣ дар як ҷо панҷоҳ танга намедиҳӣ?

— Барои мӯҳрона ва ҳароҷоти ноибхона ин кам аст!— гуфт Арбоб Ҳамид сухани ноибро бурида,— барои ин ҳароҷот ҳеҷ набошад сад танга доданаш лозим аст.

— Сад танга доданаш лозим аст! Лекин ман деҳқони меҳнатдӯст ва одами рост будани Ҳамроҳрафиқро ба назар гирифта панҷоҳ тангаашро гузаштам ва

умедворам, ки ӯ ин некии моро аз ёд набароварда, дар ҳаққи ҷаноби қозикалон ва ман дуо мекунад,— гуфт ноиб ва ба Ҳамроҳрафиқ нигоҳ карда сухани худро давом дод:— бо ин панҷоҳ танга маблағи дар-кориат ба ҳафтсад танга расид. Мувофиқи созиши ту ки бо ҷаноби Қорӣ кардӣ, ба ҳисоби ҳар сад танга дар моҳе шаш танга фоида, фоидаи ҳафтсад танга дар моҳе чилу ду танга ва дар соле панҷсаду чор танга мешавад. Агар ин маблағро ба тани пул, ки ҳафтсад танга буд, зам кунем як ҳазору дусаду чор танга мешавад.— Ноиб баъд аз ин ҳисоб ба шартҳои васиқа гузашта ба Ҳамроҳрафиқ хитоб карда давом намуд:

— Инак ту аз ҷаноби Қорӣ ҳафтсад тангаи нақд гирифта фоидаи яксолаашро, ки панҷсаду чор танга мешавад, ба вай зам карда ба маблағи як ҳазору дусаду чор танга панҷ таноб заминатро бо байъи шаръӣ[*] ба ин кас мефурӯшӣ. Агар дар охири сол ин маблағро тамоман адо намоӣ, хататро баргашта мегирӣ ва заминат мулки холис шуда ба дасти худат мемонад. Агар дар охири сол танҳо фоидаи пулро диҳӣ, ҳукми ин хат дар соли дуввум ҳам ҷорӣ мешавад ва дар соли саввум ва чорум ҳам шарт ҳамин аст. Ҳар вақт, ки аз додани фоидаи пул ё тани пул саркашӣ кунӣ, ҷаноби Қорӣ ҳақ доранд, ки заминро тамом аз дасти ту гиранд.

Ноиб баъд аз шарҳ додани ин шартҳо аз Ҳамроҳрафиқ пурсид:

— Дуруст аст?

— Дуруст будагист,— гуфт Ҳамроҳрафиқ дар ҳолате, ки аломати шубҳа ва норизоӣ аз чеҳраваш ҳувайдо буд.

Баъд аз он ноиб аз Қорӣ-Ишкамба пурсид:

— Шумо чӣ мегӯед?

— Ман ин ҳисоби шуморо нодуруст медонам!— гуфт Қорӣ-Ишкамба бо қатъияти тамом.

— Чаро?— ноиб бо оҳанги тааҷҷуб пурсид.

— Чунки ман аз қарздорони шаҳриам фоидаи ҳармоҳаро дар охири ҳамон моҳ гирифта он маблағро боз ба касе ба фоида медиҳам. Назар ба ҳисоби шумо ёз чилу ду танга фоидаи моҳи якум ба Ҳамроҳрафиқ даҳ моҳ бефоида мемонад, фоидаи моҳи дуввум даҳ

мох бефоида мемонад ва ҳоказо, ки ин ба ман зарари калон аст.

Ноиб ин суханҳоро шунида аз тааҷҷуб баромада:

— Акнун фаҳмидам! — гуфт ва илова намуд: — Аз рӯи ҳисоби шумо фоидаи фоидаи пулатон дар як сол чӣ қадар мешавад?

— Фоидаи фоидаи ин маблағ, ки назар ба ақидаи худам наберааш мебошад, агар касрҳоро ба назар нагирифта, ҳисобро деҳқонфаҳм карда гӯям, дар як сол яксаду шасту панҷ танга мешавад.

— Яъне Ҳамроҳрафиқ аз шумо ҳафтсад танга нақд гирифта ба як ҳазору сесаду шасту нӯҳ танга хати қозӣ диҳад,— гуфт ноиб ва боз пурсид,— ҳамин тавр аст?

— Қариб ҳамин тавр аст,— гуфт Қорӣ,— лекин як ҳисоби нозуки дигар ҳаст, ки мувофиқи он, ба маблағи як ҳазору чорсад танга қарз додани Ҳамроҳрафиқ лозим меояд.

Ҳамроҳрафиқ то ҳол хомӯш нишаста буд ва оқибати кори худро дар натиҷаи ин ҳисобҳо, ки ҳеҷ интизорӣ надошт, меандешид. Вақте ки ӯ сухани охирини Қорӣ-Ишкамбаро шунид, ки натиҷаи охирини ҳисоби қарздориаш будааст, якбора шӯрид, гӯё, ӯ ҳезуме буд, ки то ҳол кӯрдуд месӯхт ва бо вазидани боди тунде якбора шӯълавар шуд, аз ҷояш ҷаста бархоста ба аҳли маҷлис хитоб карда гуфт:

— Агар хонаи маро нияти сӯхтан дошта бошетон, якбора оташ зада сӯзетон, заминҳоямро фурӯхта байни худ тақсим карда гиретон, худамро аз деҳа ронда бароретон! Агар бо инҳо ҳам дилҳотон ором нагирад, худамро бурда дар зиндони амир ҳабс кунонетон, ё ба дораш овезетон! Аммо ман ба ихтиёри худ ба ин навъ ҳисоб ва савдо розӣ шуда наметавонам!..

Ӯ, намедонам, боз чиҳо гуфтан мехост, аммо аз ғояти ҳаяҷон нафасаш гулӯгир шуд ва кафкҳои дар даҳонаш ҷамъшударо «туф-туф» карда хомӯш монд.

Аҳли маҷлис ба ин ҳолати ӯ қаҳқосзанон хандиданд ва баъд аз пасанда шудани хандаи умум Арбоб Ҳамид ба Ҳамроҳрафиқ хитоб карда сухан сар кард:

— Додарам, Ҳамроҳ!— гуфт ӯ нармона — розӣ нашавӣ, розӣ нашудангир! Ҳеҷ кас туро розӣ шав гуф-

та зӯр накардааст, лекин хунатро вайрон накарда, дар ҷоят нишаста, суханони маро гӯш кун!

Ҳамроҳрафиқ «уф!» гӯён дар ҷои худ нишаста ба замин чашм дӯхт ва Арбоб Ҳамид давом кард:

— Ба сари ту ин балоҳоро магар ман овардаам ё ин ки Арбоб Рӯзӣ ё эшони ноиб ё ҷаноби Қорӣ оварданд?

Ҳамроҳрафиқ ба ин суолҳо ҷавоб надод ё ин ки ҷавобе надошт ё ҷавоб дошта бошад ҳам, баъд аз паст шудани оташиннаш ба ҷавоб додан ҷасорат накард, дар ҳар ҳол ба замин чашм дӯхта хомӯш истод.

Арбоб Ҳамид давом кард:

— Ба ман ҳамин қадар маълум аст, ки ту дар сайри гули сурх, вақте ки ба мазори Баҳоваддини Нақшбанд рафтагор шудӣ, ятими Арбоб Рӯзӣ Тӯрамурод ҳам ҳамроҳи ту рафт. Ту дар рӯзи дигар баргашта омадӣ, Тӯрамурод ҳамроҳи ту набуд. Чун аз ту ҷӣ шудан ва ба куҷо рафтани Тӯрамуродро пурсиданд, «намедонам, дар роҳ аз ман ҷудо шуда ба як тарафи дигар рафт» гуфтӣ. Аммо дар байни мардум овоза шуд, ки гӯё, ту дар роҳ Тӯрамуродро кушта партофта, пули нақди дар дасти ӯ бударо гирифтаӣ. Бо вуҷуди ин на ман ва на Арбоб Рӯзӣ «гумон аз имон ҷудо мекунад», гӯён туро ба қозихона накашидем. Эшони ноиб ҳам фуқародорӣ карда болои ин корро пӯшондан хостанд. Лекин вақте ки ин хабар ба гӯши қозикалон ва миршаби Бухоро расид, онҳо ба дастгир кардани ту амр фармуданд. Ноҷор эшони ноиб туро дастгир карда ба шаҳр фиристоданд, бо тӯҳмати одамкушӣ дар зиндон афтодӣ. Гуноҳи ман ва Арбоб Рӯзӣ ҳамин шуд, ки чандин рӯз аз паси ту давида бо панҷсад танга хароҷот туро аз зиндон халос кардем, вагарна ту ё кушта мешудӣ ё даҳ ҳазор танга пули хун медодӣ ё ин ки якумрӣ дар зиндон монда мурда мерафтӣ...

— Гуноҳи дигари мо ин аст ки,— гуфт Арбоб Рӯзӣ сухани Арбоб Ҳамидро бурида,— дар миён шуда аз самоворчии қозихона панҷсад танга хароҷоти аз зиндон халос кардани туро қарз бардошта додем.

— То ин ҷо маълум шуд, ки на ман ва на Арбоб Рӯзӣ ба ту бадӣ накарда будаем. Магар ба пеши ҷа-

нобн Қорӣ туро мо фиристодем?— гуфта Арбоб Ҳамид аз Ҳамроҳрафиқ пурсид.

Ҳамроҳрафиқ, гӯё, ки ин суханонро нашунида бошад, чизе нагуфт ва чашмашро аз замин наканд.

— Магар туро ман ба пеши чаноби Қорӣ фиристодам?— гуфта пурсид ноиб ба сухан ҳамроҳ шуда.

Ҳамроҳрафиқ боз чавобе надод.

— Ба ман нигоҳ карда чавоб деҳ, аз ту мепурсам, ки туро ба пеши чаноби Қорӣ магар ман фиристодам? — гӯён ноиб аз чояш нимхез шуда пӯписа кард.

— Не,— гуфт Ҳамроҳрафиқ, бе он, ки чашмашро аз замин канад.

— Ба пеши чаноби Қорӣ туро кӣ фиристод? Бурро-бурро чавоб деҳ!

— Худам рафтам,— гуфт Ҳамроҳрафиқ.

— Дурӯғ гуфтӣ! Ту чаноби Қориро кай боз мешинохтӣ?

— Имоми деҳаи мо, ки бо чаноби Қорӣ ошно будааст, «бо фоидаи кам қарз мегирӣ» ва аз гузаштани заминат ба дасти аҳли деҳа халос мешавӣ» гуфта ӯ фиристод,— гуфт Арбоб Ҳамид.

— Имомро чеғ занед! Ӯ чаро ба кори ин тӯҳматӣ ҳамроҳ шудааст?— гуфт ноиб.

— Мо барои ин кораш ӯро коҳиш карда будем. намедонам, ранчида ё шарм дошта масчидро партофта рафтааст?— гуфт Арбоб Ҳамид дар чавоби ноиб.

— Эҳтимол ба фоида фоида зам кардани ман ба ту нафорида бошад,— гуфт Қорӣ-Ишкамба ба Ҳамроҳрафиқ хитоб карда,— агар ин тавр бошад ту ҳармоҳа фоидаро дар охири ҳамон моҳ чилу ду танга бурда ба ман деҳ, дар як сол аз яксаду шасту панч танга фоидаи барзиёд додан халос мешавӣ.

— Деҳқони хокпош дар ҳар моҳ пули накдро аз кучо меёбад?— гуфт Ҳамроҳрафиқ,— дар дасти ман пули накд соле як бор дар вакти гандум ва харбузапазӣ меафтад.

— Ин тавр бошад, чаро шӯрида оташин мешавӣ? дар хотир ор, ки маро аз корам мононда зорӣ карда ту ин чо овардӣ. Аз дасти ҳама ва аз ин чумла аз дас-

ти ман ҳам дод мегӯӣ. Агар аз қавлат гашта бошӣ, ман ҳозир баргашта ба шаҳр меравам. Дар он вақт ту медонию самоворчӣ.

Қорӣ-Ишкамба ин суханҳоро гуфта ба баргаштан муҳайё шудан гирифт. Аммо Ҳамроҳрафиқ аз қавлаш гаштан наметавонист, чунки қарзи самоворчӣ то як ҳафта — даҳ рӯзи дигар ба маблағе мерасид, ки ғайр аз заминро ба Арбоб Рӯзӣ фурӯхта қарзи ӯро адо кардан чораи дигаре намеёфт, бинобар ин бо забони хуш ба Қорӣ-Ишкамба хитоб карда гуфт:

— Ҳаман ҳисоби шуморо ман фаҳмидам, ғайр аз қабул кардани онҳо чорае надорам. Аммо сию як танга, ки бе сабаби маълум ба болои як ҳазору сесаду шасту нӯҳ танга зам карда маблағи қарзи маро ба як ҳазору чорсад танга расондед, ба ман бисьёр алам кард.

— Ин маблағ ҳам бе сабаб нест,— гуфт Қорӣ-Ишкамба,— ман дар шаҳр аз хонаи қарздорони худам ҳар рӯз ё рӯздармиён зиёфат мехӯрдам. Албатта, ман аз шаҳр ба саҳро омада аз ту зиёфат талаб намекунам. Ана, ба бадали ҳамон зиёфат ман сию як танга зиёд кардам. Агар ту маро ҳар рӯз ё рӯздармиён, чунон ки қарздорони шаҳриам мекунанд, зиёфат мекардӣ, харҷи барзиёди ту соле аз ҳазор танга бештар мешуд. Ман ба ту раҳм карда ҳамин харочоти вазнинро ба бадали сию як танга аз гардани ту бардоштам.

— Биёед, аз ин даъво гузаред,— гуфт Арбоб Ҳамид ба Қорӣ-Ишкамба нигоҳ карда,— зиёфати марди деҳқон харбуза, тарбуз ва сабзию пиёз аст. Ҳамроҳрафиқ ба шаҳр барои фурӯхтани ҳамин чизҳо равад, аз ҳаминҳо як қисмашро бепул, ба чои зиёфат, бурда ба шумо диҳад.

Қорӣ-Ишкамба розӣ шуд, ноиб васиқаро навишт ва ваъда кард, ки фардо ба қозикалон мӯҳр кунонда меорад. Ҳамроҳрафиқ фардо рафта васиқаро аз ноиб гирифта ба Қорӣ бурда дода пулро гирад, баъд аз додани қарзи самоворчӣ бақияашро ба Арбоб Ҳамид диҳад, ки ӯ мувофиқи карордод ба касони дахлдор тақсим намояд.

эшони ноиб ҳам ба сухани хӯчаин даромада маро «бача» гуфтанд.

— Ҳанӯз аз даҳонат бӯи шир меояд, аммо ту худро сисола мегӯй?— гуфт — Қорӣ-Ишкамба. Аммо ноиб ин «забондарозии Тӯрамуродро» хомӯшона нагузаронида ба одамони худ links фармуд, ки ӯро камчинкорӣ карда, пеш андохта, аз байни мардум зудтар дур кунанд.

Ин фармони ноиб ҳам ба амал оварда шуд ва дастаи ноиб ҳам аз деҳа дур гардид. Аҳолии деҳаи Бӯлмахӯрон, ки ба сабаби аспсаворин масхарабозонаи Қорӣ-Ишкамба дастаи ноибро бо хаёҳуй ва ханда пешвоз гирифта буданд, ба сабаби хароб шудани хонаи Ҳамроҳрафиқ ва ҳабс шудани ногаҳонии Тӯрамурод ба ғазаб омада дастаи ӯро бо нафрату нафрин гусел карданд.

## XIV

Дар саҳро роҳ ёфтани Қорӣ-Ишкамба ба судхӯрони деҳот нафорид, хусусан Арбоб Рӯзиро, ки калонтарини судхӯрони деҳаҳои Сангсабз ва Бӯлмахӯрон буд, ба ғазаб овард. Ӯ наметавонист, ки аз Қорӣ-Ишкамба арзонтар карда пул ба фоида монда, деҳқонони ба қарз муҳтоҷро аз дасти вай зада гирад, дар ин кор ӯро аз як тараф ҳирси аз ҳад зиёди ӯ ба фоида, ки ба деҳқонон ҳар сад тангаро дар ҳар моҳ аз ҳашт то даҳ танга фоида гирифта ба қарз медод, роҳ намедод, аз тарафи дигар сармояи нақдаи ӯ ҳам барои рақобат кардан бо Қорӣ-Ишкамба барин одами серпул кифоя намекард. Ба болои ин, мақсади асосии ӯ аз судхӯрӣ заминҳои деҳқононро ба даст даровар да худи онҳоро ғулом кардан буд, ки бо фоидаи кам ин мақсадро ба даст даровардан бисёр душвор буд ва дер ҳам мекашид. Ва ҳол он ки агар ӯ фоидаи пули худро аз Қорӣ-Ишкамба арзонтар кунад ҳам, аҷаб набуд, ки деҳқонон боз ба дари Қорӣ-Ишкамба раванд, зеро деҳқонон медонистанд, ки Қорӣ-Ишкамба ба саҳро омада деҳқонӣ кардан наметавонад, бинобар ин ба замини онҳо чашм намедӯзад. Арбоб Рӯзӣ бошад, имрӯз ё фардо заминашонро аз дасташон зада мегирад.

Арбоб Рӯзӣ бо қувваи ҳукумати маҳаллӣ ё бо сӯиқасд ҳам Қорӣ-Ишкамбаро аз саҳро дур кардан наметавонист, чунки ноиби қозикалон дӯсти наздики Қорӣ буда, ӯ метавонист дар ҳар ҳодиса дӯсти худро мудофиа ва муҳофиза кунад.

Арбоб Рӯзӣ як асп дошт, баъд аз чанд гоҳ боз аспи дигаре харид, ин аспони ӯ дар як собот баста мешуданд. Аввалҳо ин ду асп дар вақти ҷав ва алафхӯрӣ бо ҳам ҷанг карда, бо лагадкӯбии якдигар машғул шуда, ҳеҷ кадомашон аз хӯрок дуруст баҳра намебурданд. Рафта-рафта ин ду асп бо ҳам ром ва омӯхта шуданд, дар он вақт алаф ва ҷавро ёрона ва дӯстона мехӯрданд, ҳатто яке аз онҳо сер шавад ва дигаре машғули хӯрокхӯрӣ бошад, аспи сер гардан ва сағрии асперо, ки ба хӯрокхӯрӣ машғул буд, бо дандонаш дӯстдорона хорумол мекард.

Арбоб Рӯзӣ ду саг ҳам дошт, онҳо бо вуҷуди ин, ки аз хурдсолӣ дар як хонадон калон шуда бо ҳам ром буданд, ҳамин, ки устухоне дар миёнаи онҳо партофта мешуд, бо ҳам ҷангу ҷидолро сар мекарданд ва ҳеҷ гоҳ осуда хӯрок хӯрда наметавонистанд, ҳатто баъзан чунон бо ҳам ҷангида сару рӯи якдигарро сахт маҷрӯҳ мекарданд, ки ҳар ду ҳам аз устухонҳои маҳрум мемонданд.

Арбоб ана аз ҳамин хусусияти ҳайвонот дар муносибати худаш бо Қорӣ-Ишкамба ибрат гирифт, ӯ дар дили худ мегуфт: «Агар ман бо Қорӣ-Ишкамба дар байни худ муомилаи сагона кунем, ҳар дуи мо ҳам аз дастранҷи деҳқонон дуруст фоида бурда наметавонем, агар мо муомилаи аспона кунем, ҳар дуямон ҳам ба қадри иштиҳо баҳраманд мешавем».

Ӯ бо ҳамин муҳокима ба пеши Қорӣ рафта бо ӯ созиш кард ва аз ӯ ба қарори ҳар сад танга дар моҳе се танга пул бардошта, ба деҳот бурда, ба деҳқонони муҳтоҷ, заминҳошонро бо байъи шаръӣ[36] хат карда гирифта, ба қарори ҳар моҳ ба ҳар сад танга аз ҳашт то даҳ танга фоида гирифтан қарз додан гирифт. Аммо агар пулаш ба ягон деҳқон сӯзад ҳам, ин борро ба гардани Қорӣ напартофта, худ бардоштан хост.

Бо ҳамаи ин, гоҳо ҳирси сагонаи Қорӣ-Ишкамба ҷӯш зада ба Арбоб Рӯзӣ: «Ман соҳиби пул шуда исто-

да дар ҳар моҳ ба ҳар сад танга се танга фоида мегирам, аммо шумо аз болои пули ман дар ҳар моҳ ба ҳар сад танга аз панҷ то ҳафт танга ба муфт фоида мебаред. Ин аз инсоф нест» гуфта изҳори норизоӣ мекард.

Арбоб Рӯзӣ дар ҷавоб зиндагонии байнихудии аспон ва сагони худро нақл карда, «ҷаноби Қорӣ, дар муомила асп шавед, саг нашавед!» гуфта ӯро сокит мекард.

Дар ҳақиқат, Қорӣ-Ишкамба аз созише, ки бо Арбоб Рӯзӣ кард, шод буд, чунки ба воситаи ӯ бе ҳеҷ ташвиш ва бими сӯхтани пул як қисми маблағҳояшро, ки дар банк бо фоидаи дар ҳар сол саде ба панҷ фоиз мехобиданд, ба дувоздаҳ баробари фоидаи аз банк рӯянда ба деҳот паҳн карда тавонист, ин бошад, орзуи якумрии ӯ буд.

Арбоб Рӯзӣ ҳам аз ин созиш хурсанд буд, чунки маблағҳои ғайри маҳдуди Қорӣ-Ишкамбаро ба деҳот паҳн карда бисьёр заминҳоро бо байъи шаръӣ ба даст медаровард ва дар фурсати муносиб он заминҳоро тамоман аз худ карданаш мумкин буд, зеро ӯ бо машварати ноиб васиқаҳои аз деҳқонон гирифтаниашро бо муддати муайян яксола ё дусола не, балки «индатталаб» (дар вақти талаб ситонданаш мумкин) менависонд ва дар асоси он васиқаҳо метавонист, ки аз деҳқонони фақир дар вақти тангии сол пули худро талабад ва дар сурати пулро адо карда натавонистани деҳқон замини ӯро аз они худ мекард.

Аввалин қурбони ин ду саги аспшуда Ҳамроҳрафиқ гардид, чунки бо илтимоси Арбоб Рӯзӣ Қорӣ-Ишкамба дар як вақти тангии сол пули худро аз Ҳамроҳрафиқ талаб кард, ӯ дода натавонист. Бинобар ин ӯ панҷ таноб замини ба даҳ ҳазор танга арзандаи Ҳамроҳрафиқро ба Арбоб Рӯзӣ ба чор ҳазор танга фурӯшонда пули худро рӯёнид.

Азбаски дар ҳар сари чанд гоҳ раги ҳирси сагонаи Қорӣ-Ишкамба ҷунбида, ба фоидаҳои меёфтагии Арбоб Рӯзӣ изҳори рашк ва ҳасад мекард, Арбоб хост ба болои як муфрофиаи бо деҳқонон, ки дар хонаи худаш ташкил меёфт, Қорӣ-Ишкамбаро ба сифати тамошобин иштирок кунонад, то ки вай бо чашмони худ дида

бовар кунад, ки муомила бо деҳқонон чӣ қадар душвор буда, ба болои ин чӣ миқдор харҷи барзиёдро талаб мекардааст. Бинобар ин ӯ Қорӣ-Ишкамбаро дар рӯзи мурофиа ба хонаи худ бурда меҳмон кард.

Фасли тирамоҳ буд, ҳамаи ҳосилоти заминҳо расида бошанд ҳам, деҳқонон ҷамъ карда нагирифта буданд, ғӯза ва пахтаҳо шукуфта, сарҳои ҷуворихо ба тагалакҳои[37] худ овезон истода, хӯшаҳои арзану, кӯнок ранги тиллоӣ гирифта, баргу буттаҳои сабзӣ, пиёз барин сабзавоти бехмева ба ранги зумуррадин тофта чашми бинандаро ба тамошои худ ҷалб мекарданд; харбузаҳои тирамоҳӣ ранг оварда, аз байни палакҳои расидаи ҳанӯз пажмурданашудаи худ бисьёр назаррабо менамуданд.

Дар ҳамин вақти сол деҳқонони деҳаи Сангсабз ба ҷои он, ки дар киштзор буда ба кори ҳосилғундорӣ машғул бошанд, дар пеши ҳавлии Арбоб Рӯзӣ гирд омада буданд. Онҳо, монанди он, ки дар пеши мурдахона нишаста бошанд, дар ду паҳлуи дарвозаи калон қатор ба девор такья карда ғамгинона менишастанд, аммо аз даруни ҳавлӣ монанди мурдахонаҳо овози навҳа ва гирья шунида намешуд, билъакс, аз он ҳавлӣ, гӯё ки дар он ҷо тӯй шуда истода бошад, садои шӯхӣ, бозӣ ва хурсандӣ мебаромад.

Дар ҳақиқат ҳам он рӯз дар ҳавлии Арбоб Рӯзӣ тӯй набошад ҳам, як зиёфати тӯймонанде ташкил ёфта буд, гули сари сабади ин зиёфат Қорӣ-Ишкамба ва ноиби дар деҳаи Галаосиё бошандаи қозикалон Мирзохӯчаи Шикамбанда буданд. Дигар ҷои ин меҳмонхонаи васеъро одамони ноиб ва туфайлихӯрон, яъне калонони деҳаҳои Сангсабз ва Бӯлмахӯрон пур карда менишастанд.

Баъд аз хӯрда шудани таомҳо ва нӯшида шудани чойҳо ноиб ба Арбоб Рӯзӣ:

— Акнун сар кунем, мешавад, рӯз ҳам рафт! — гуфт.

— Бисьёр хуб! — гӯён арбоб аз ҷояш бархоста аз токчаи меҳмонхона як сандукчаро гирифта аз даруни вай як бастаро бароварда оварда ба ноиб дод. Ноиб он бастаро кушод, даруни вай пур аз васиқаҳои таҳ ба таҳ гузоштташуда буд.

Ноиб он васиқаҳоро аз назар гузаронида аз арбоб пурсид:

— Магар ҳамаи инҳоро ҳамин рӯз мебинем?

— Ҳаммашро ҳамин рӯз дида баромадан даркор аст,— гуфт Арбоб,— зеро агар баъзеаш дер монад, аҷаб нест, ки баъзе касон он қарздоронро аз роҳ барораид; охир, «одамро одам вайрон мекунад, заминро об» гуфтаанд.

Ноиб яке аз васиқаҳоро ба даст гирифта:

— Ин ба номи Мӯҳсин будааст,— гуфт,— аввали кор ҳаминро дидан мумкин аст?

— Не! — гуфт Арбоб ва эзоҳ кард,— Мӯҳсин дар ҳар ҷо «ман пули арбобро расондаам, то ӯро қасам надиҳам, дигар пул намедиҳам» гуфта гаштааст. Ӯ, албатта, дар вақти мурофиа гапҳои пасту баланд хоҳад зад, аҷаб нест, ки аз вай сабақ гирифта думчаи дигаронашон ҳам об гирад. Бинобар ин аз ҳама охиртар дидани кори ӯ маслиҳат аст.

Ноиб васиқаи дигареро ба даст гирифта:

— Ин, ба номи Шодмон будааст, ҳаминро аввал бинем мешавад? — аз арбоб пурсид.

— Мешавад,— гуфт Арбоб,— пулеро, ки аввалин бор аз ҷаноби Қорӣ гирифтаам, ба ҳамин кас қарз дода будам, бинобар ин аввал ҳамин корро дидан муносиб аст, ки меваи пешпазаки дарахти пайвандии мо, яъне ба ҳам созиш кардани мо бо Қорӣ мебошад.

Ноиб ба одамони худ барои мурофиа даровардани Шодмонро фармуд.

Яке аз мулозимони ноиб як бӯрьёча оварда дар беруни даре, ки ноиб дар даруни меҳмонхона дар пеши он дар нишаста буд, паҳн кард ва Шодмонро аз байни одамоне, ки дар беруни дарвозаи арбоб қатор нишаста буданд, ҷеғ зада оварда, бар рӯи он бӯрьёча шинонд. Аммо деҳқонони дигар ҳам даромада ба болои сари Шодмон рост истоданд.

— Шумо ҳам баромада бар рӯи бӯрьёи шариат дар паҳлуи муддаиалайҳатон[38] нишинед! — гуфт ноиб ба Арбоб.

— Магар баромада бар рӯи бӯрьё нишастани ман ҳам лозим аст? — гуфт Арбоб дудилона.

— Албатта, лозим аст!— гуфт ноиб.— Аз рӯи ша-

риат ҳар кас, ки бошад, дар вакти мурофиа дар паҳлуи ҳам нишастани тарафайн[39] зарур аст.

Арбоб, гӯё, ки ҳукми шариатро ва иҷрокунандаи ӯ ноибро масхара медошта бошад, бо лабханди истеҳзоомез, паси сар хорон-хорон, бо дили нохоҳам, аз ҷояш хесту аз хона баромада рафта дар паҳлуи карздори худ Шодмон нишаст.

Ноиб васиқаеро, ки дар даст дошт, аз назар гузаронида ба мурофиачиён нигоҳ карда пурсид:

— Шодмон валади Юсуф кист?

— Ман, таксир!— Шодмон ҷавоб дод.

— Ту се сол аз ин пеш аз Арбоб Рӯзӣ як ҳазор танга қарз гирифта будӣ, рост аст?

— Рост аст, тақсир!

— Ба бадали ҳамин як хазор танга бо байъи шаръӣ чор таноб заминатро фурӯхта, ҳамон заминҳоро аз Арбоб ҳар моҳ ба ҳаштод танга иҷора гирифта будӣ, рост аст?

— Рост аст, тақсир!

— Чунон ки дар ҳамин васиқа навишта шудааст, ту ваъда карда будӣ, гуфта будӣ, ки «ҳар вакт Арбоб пули худро талаб кунанд, медиҳам. Агар дар вақти талаби Арбоб иҷораи замин ё ин ки тани пулро надиҳам, ё дода натавонам, ба супурдани ҳамин заминҳо ба Арбоб маҷбурам». Ин рост аст?

— Рост аст, тақсир!

— Ҳозир Арбоб пули худро бо яксола иҷораи замин аз ту талаб доранд: «Агар Шодмон тани пул ё иҷораи заминро надиҳад, заминҳоро ба ман гирифта диҳед!» гуфта арз карданд. Ана, ҳозир бояд ту тани пулро бо иҷораи яксолаи замин ба Арбоб диҳӣ; агар пул дода натавонӣ, бояд заминро супорӣ! Чӣ мегӯӣ?

— Тақсир! — гуфт Шодмон,— ман дар муддати ҳамин се сол фоидаи пули Арбобро...

— «Фойда» нагӯй, «бадали иҷораи замин» гӯй! чунки аз рӯи шариат қозӣ ва ноиби он даъвои фоидаи пулро, ки «рибо» буда, шариат додугирифти онро манъ кардааст, намепурсанд. Бинобар ин дар васиқа бадали иҷораи замин навишта шудааст,— гуфта ноиб суханн Шодмонро тасхеҳ кард.

— Хуб! — гуфт Шодмон,— бадали иҷораи замин-

ро дар вакт-вакташ дода омадам. Аз ғайри ин бо гови кории худ, бо хари худ, бо каланд ва доси худ ба корҳои деҳқонии Арбоб ёрӣ расондам. Ана ҳамин хизматҳои беминнати худро шафеъ[40] оварда, аз Арбоб мепурсам, ки ба ман понздаҳ рӯз мӯҳлат диҳанд, то ки ман ҳосилоти заминҳоямро ғундошта қарзи он касро адо намоям.

— Чӣ мегӯед, Арбоб, понздаҳ рӯз мӯҳлат медиҳед? — ноиб аз арбоб пурсид.

— Не!— гуфт Арбоб,— як рӯз ҳам мӯҳлат намедиҳам, ё пули маро ҳозир дар ҳузури шумо ба ман супорад ё заминашро!

— Муддаӣ мӯҳлат намедиҳад, бояд ҳозир ё пул диҳӣ ё замин, дигар чорае нест! — гуфт ноиб ба Шодмон.

— Ҳозир пули накд надорам!

— Баъд аз понздаҳ рӯз аз куҷо пули нақд меёбӣ? — ноиб аз Шодмон пурсид.

— Як таноб рӯяни сесола дорам, ки ҳосили вай кариб ба қарзи Арбоб мерасад; ба болои ин як таноб ғӯза дорам, ки чаман барин шукуфтааст, ҳосили вай ҳам ба нимаи қарзи Арбоб мерасад. Лекин фурсат даркор аст, ки ман ин ҳосилҳоро ғундошта гирифта фурӯхта пул тайёр кунам.

— Биёед, понздаҳ рӯз набошад, даҳ рӯз мӯҳлат диҳед! — гуфт ноиб ба Арбоб,— то ки қарздор ҳосилоти худро ғундошта пул кунад.

— Не! — гуфт,— Худо як аст, сухани ман ҳам як аст, як соат ҳам мӯҳлат намедиҳам.

— Чора нест,— гуфт ноиб ба Шодмон,— мувофики васиқа бояд ҳозир пул диҳӣ ё замин!

— Барои заминҳоро додан ҳам ҳосили онҳоро ғундошта гирифтанам даркор аст,— гуфт Шодмон.

— Тақсир арз дорам,— гуфт Арбоб ба ноиб.

— Чӣ арз? Шумо марҳамат карда як бори дигар васиқаро хонда бинед! Агар дар вай навишта шуда бошад, ки «дар вакти заминро супурдан қарздор бояд ҳосилро ғундошта гирифта, баъд аз он заминро супорад», дар он вақт ман рухсат медиҳам, ки Шодмон заминро холӣ карда диҳад, аммо агар дар васиқа ин шарт навишта нашуда бошад, талаб мекунам, ки чор

таноб заминро бо киштҳояш ҳозир ба дасти ман гирифта диҳед!

Ноиб, баъд аз он, ки васиқаро боз як бори дигар аз назараш гузаронид, ба Арбоб нигоҳ карда:

— Дар васиқа ин гуна шарт набудааст,— гуфт ва ба Шодмон нигоҳ карда сухани худро давом дод: — Агар дар замьи чизҳои манқул, яъне монанди каланд, табар, поза ва сипор чизҳои аз ҷое ба ҷое бурдашаванда дошта бошӣ, мегирӣ, аммо киштҳои заминро, ки ҳанӯз аз замин ҷудо карда гирифта нашудаанд, ба гирифтан ҳақ надорӣ. Бояд заминро бо ҳосилоти ғундоштанашудааш ба Арбоб супорӣ!

— Не, намесупорам! — гуфт Шодмон бо қатъият, — ман ба ин гуна ҳукми ноҳаққонаи беинсофона ва торочгарона итоат намекунам ва гарданамро аз сад ҷо буранд ҳам, гардан намедиҳам!

— Чӣ гуфтӣ? — гуфт ноиб хашмгинона аз ҷояш нимхез шуда ва бозгашта нишаста,— ту ҳукми маро ё ҳукми шариатро ва ё ин ки талаби Арбобро «ноҳаққона, беинсофона ва торочгарона» гуфтӣ ё ин ки ягон чизи дигарро?

— Ҳукми кадом кас ва талаби кадом шахс, ки бошад, ин ҳукм ноҳаққона, беинсофона ва торочгарона аст! — гуфта Шодмон суханони пештараашро таъкид кард.

— Ин ҳукм, албатта, ноҳаққона, беинсофона ва торочгарона аст! — гӯён деҳқононе, ки аз кӯча омада ба болои мурофиаи Шодмон рост истода буданд, суханони ӯро тасдиқ карданд.

— Инҳо чӣ касонанд?—гуфта пурсид ноиб аз одамони худ, деҳқононн ба Шодмон тарафдорӣ кардаистодаро нишон дода:

— Инҳо ҳам аз Арбоб қарздор мебошанд ва навбати мурофиаи худро нигаронанд,— яке аз одамони ноиб ба ӯ ҷавоб дод.

— Инҳоро зада аз суфа фуроварда, аз дарвоза бароварда пеш кунетон. Ҳар гоҳ, ки навбати мурофиаашон расад, ягон-ягон чеғ зада мешаванд. Ҳеҷ кас инҳоро «ба Шодмон вакили даъво шавед!»[41] гуфта даъват карда ба ин ҷо наовардааст! — гӯён ноиб ба мулозимони худ фармони қатъӣ дод.

Аммо одамони ноиб аз ҳуҷуми деҳқонон тарсида, онҳоро назаданд, лекин бо забони хуш ва бо хушомадгӯӣ аз суфа фуроварда, аз дарвоза бароварда фиристоданд ва баъд аз он, ки деҳқонон аз болои мурофиа дур карда шуданд, ноиб ба Шодмон нигоҳ карда:

— Ҳукми шариат ба итоат кардан ва накардани ту нигоҳ накарда иҷро мешавад: чор таноб замин бо ҳамаи киштҳои гундоштанашудааш аз они Арбоб Рӯзӣ шуд. Аммо ту ба сабаби он, ки шариатро, ноиби қозикалонро ва одами мӯътабари мамлакат, яъне Арбоб Рӯзиро таҳқир кардӣ, гунаҳгор шумурда шуда ба ҳабс гирифта мешавӣ! — гуфт ва ба мулозимони худ нигоҳ карда фармон дод.— Ҳозир ин гунаҳгорро дар аспхонаи Арбоб ҳабс карда монед, бегоҳӣ ба ноибхона бурда, фардо хат навишта ӯро ба ихтиёри ҷаноби шариатпаноҳ эшони қозикалон мефиристонем!

Баъд аз ба ҳабс гирифта шудани Шодмон қарздорони дигарро ягон-ягон оварда мурофиа карданд. Қарздорони дигар, ки аз фоҷиаи ба сари Шодмон омада тарсида буданд, аз ҳукми ноиб гардантобӣ накарда заминҳошонро бо ҳосилоташон ба Арбоб супурданд.

* * *

Навбати мурофиаи Мӯҳсин расид, ноиб васиқаи дар бораи қарздории Мӯҳсин навишташударо аз назар гузаронида аз ӯ:

— Ту ду сол пеш аз ин кас, аз Арбоб Рӯзӣ як ҳазору панҷсад танга қарз гирифта ба бадалӣ он маблағ шаш таноб заминатро ба Арбоби мазкур бо байъи ҷоизи шаръӣ фурӯхта будӣ! Ҳамин тавр аст? — гуфта пурсид.

— Дуруст аст, ки ман шаш таноб заминамро ба Арбоб ба бадали як ҳазору панҷсад танга бо байъи ҷоизи шаръӣ фурӯхта, чунон ки дар васиқа навишта шудааст, он заминҳоро аз Арбоб худ ба иҷора гирифта будам ва то ҳамин сол пули иҷорараро дар вақташ дода омадам. Аммо як моҳ аз ин пеш тани пули Арбоб — як ҳазору панҷсад тангаро ҳам ба ин кас нақд супурда заминҳоямро аз дасташон тамоман халос карда гирифтам,— ҷавоб дод Мӯҳсин.

— Тани пули Арбобро, ки бо пули ичораи замин пурра адо карда будӣ, чаро васиқаи он заминҳоро аз дасти ин кас нагирифтӣ? — ноиб боз пурсид.

— Ман пулро ба Арбоб шабона дода будам ва дар ҳамон вақт васиқаамро ҳам талаб карда будам, аммо ин кас «шабона васиқаи туро аз байни васиқаҳо ёфта додан душвор аст, фардо дар рӯзи равшан ёфта медиҳам» гӯён маро бовар куноида буданд. Фардои ҳамон шаб, ки ман васиқаамро аз ин кас талаб кардам, пули шабона гирифтаашонро инкор карданд ва ба болои ин «акнун дилам аз ту бад бурд, дарҳол пули маро ёфта деҳ ё заминҳоро ба ман супор!» гуфта маро танг кардан гирифтанд.

— Дар бораи додани пул шоҳид дорӣ? — ноиб боз пурсид.

— Пулро дар шаби торик дода будам, ба ғайр аз худо гувоҳ надорам,— гӯён Мӯҳсин аз кисабағали худ як коғазро бароварда ба тарафи ноиб дароз кард. Мулозиме, ки ба болои сари мурофиакунандагон рост истода буд, он коғазро аз дасти Мӯҳсин гирифта ба ноиб дод:

Ноиб баъд аз он, ки он коғазро сар то по бодиққат аз назар гузаронид, ба Арбоб Рӯзӣ:

— Ин маҳзари дафъ аст.[42] Мӯҳсин бо ин маҳзар даъво кардааст, ки пулро ба шумо додааст, аммо васиқааш ба дасти шумо мондааст ва аз қозии ислом талаб мекунад, ки васиқаи ӯро аз дасти шумо гирифта ба ӯ супорад. Дар бораи мувофиқи шариат будани ин даъвои Мӯҳсин дар ҳошияи маҳзар ривояти уламо навишта шуда, як чанд муфтиёни Бухоро он ривоятро «дуруст аст» гӯён бо мӯҳри худ тасдиқ кардаанд.

Ноиб баъд аз ин тафсилот аз Арбоб Рӯзӣ пурсид:

— Дар ҳақиқат шумо пули худро тамоман аз Мӯҳсин гирифта васиқаро дар дасти худ нигоҳ доштаед ё не? Чӣ мегӯед?

— Ман аз мурдани худ хабар дорам, аммо аз ин кор хабар надорам, яъне ман аз Мӯҳсин пули худро нагирифтаам,— Арбоб ҷавоб дод.

Баъд аз он ноиб ба Мӯҳсин рӯ оварда пурсид:

— Ту даъвои худро бо гувоҳ исбот мекунӣ ё Арбобро қасам медиҳӣ?

— Ман аз исботи даъвои худ оҷиз мебошам, Арбобро қасам медиҳам, агар Арбоб қасам хӯранд, ки аз ман пулашонро нагирифтаанд, ман дар ҳузури шумо пули ин қасро дубора дода васиқаи худро меситонам.— Мӯҳсин ҷавоб дод.

Ноиб қарор дод, ки ин даъво то ҳафтаи оянда мавқуф гузошта шавад, агар то он вақт тарафайн бо ҳам созиш накунанд, Арбобро савганд дода, пас аз он пули он қасро аз Мӯҳсин хоҳад рӯёнид...

* * *

— Ба шумо ҳам, ба шариати шумо ҳам бовари кас намонд! — гуфт Арбоб дар вақте, ки баъд аз мурофиа карданаш бо Мӯҳсин аз бӯрьён шариат бархоста ба меҳмонхона даромад.

— Чаро? Чаро? — ноиб бо оҳанги изтироб ва бо як навъ хиҷолатмандӣ аз Арбоб пурсид.

— Охир, шумо ҳамеша мегуфтед, ки «шариат дар дасти мо аст, мо метавонем онро ҳар вақт ба манфиати шумо кор фармоем», имрӯз чӣ шуд, ки шариатро ба фоидаи Мӯҳсин кор фармудед?

— Дуруст аст, ки,— гуфт ноиб,— ман «шариат дар дасти мо аст» гуфтаам, аммо ҳеҷ гоҳ нагуфтаам, ки «шариат дар дасти ман аст». Охир, ғайр аз ман ҳам соҳибони шариат ҳастанд, онҳо муфтиҳо мебошанд. Ана ҳамин муфтиён ба Мӯҳсин як роҳ ёфта додаанд. Албатта, онҳо ин роҳро ба ӯ арзон нафурӯхтаанд. охир, барои онҳо ҳам аз болои шариат нон хӯрдан лозим аст. Агар ман ривоят — маҳзареро, ки муфтиҳо навишта мӯҳр карда ба дасти Мӯҳсин додаанд, напурсам, онҳо маро зинда нахоҳанд гузошт.

— Маълум мешавад, ки,— гуфт Арбоб дар ҳафтаи оянда ҳам дар бурдани даъвои Мӯҳсин барои ман роҳе нест!

— Роҳ ҳаст,— гуфт ноиб,— ягона роҳе, ки барои шумо мондааст, қасам хӯрда пулатонро рӯёндан аст.

— Ман савганд нахоҳам хӯрд,— гуфт Арбоб

— Чаро? Ва ҳол он ки бе ҳеҷ даркорӣ соате сад бор қасам мехӯред!

— Қасамҳое, ки аз ғайри қасд ва монанди суханҳои оддӣ аз даҳони кас мебароянд, ҳеҷ аҳамият надоранд. Аммо вақте ки одам дар бӯрьёи шариат нишаста дар пеши қозӣ қасам хӯрад, мардум аз вай «қасамзада» гуфта мегурезанд ва аз вай нафрат мекунанд.

— Ман як роҳу равишеро медонам, ки,— гуфт Қорӣ-Ишкамба на ба вай ривояту маҳзари муфтиён муқобил истода метавонад ва на ба пулдор қасам меояд.

— Ҳамон роҳро ба ман нишон диҳед! — гуфт Арбоб Рӯзӣ ба Қорӣ-Ишкамба.— Агар ман бо ҳамон роҳ рафта даъвои Мӯҳсинро бурда аз вай низори худро гирам, аз шумо то қиёмат миннатдор мешавам.

— Акнун дар даъвои Мӯҳсин бой додед, дар ин кор ғалабаро умед накунед,— гуфт Қорӣ,— аммо дар оянда дар муомила бо деҳқонон бо ҳамон роҳ рафтан лозим аст.

— Вай роҳ кадом аст? — Арбоб пурсид.

— Агар ҳар фоидаеро, ки аз он роҳ ёбед, бо ман баробар тақсим карданро ваъда диҳед, ман он роҳро ба шумо нишон медиҳам,— гуфт Қорӣ-Ишкамба.

— Бисьёр хуб, ман ҳозир бор ва дар ҳузури ноиби ҷаноби қозикалон ба шумо ваъда медиҳам, ки ҳар фоидаи аз он роҳ ояндаро бо шумо баробар тақсим кунам.

— Ин роҳ, роҳи вексель аст, баъд аз ин дар доду гирифт бо қарздорон ба ҷои васиқаи қозӣ векселирусиро ба кор бурдан даркор аст,— гуфт Қорӣ-Ишкамба ва барои баргаштан ба шаҳр омода шудан гирифт.

## XV

Баъд аз мурофиа Қорӣ-Ишкамба бо Арбоб Рӯзӣ дубора созиши нав карданд, ин созиш дар бораи бо вексель муомила кардан буд. Мувофиқи ин созиши нав ҳар фоидае, ки аз роҳи вексельбозӣ ба дасти Арбоб дарояд, бояд нимаи он фоида ба Қорӣ дода мешуд. Вазифаи Қорӣ дар ин кор — дар муомилаи векселӣ ба Арбоб роҳбарӣ кардан ва роҳи додугирифт бо вексельро ба ӯ нишон додан буд.

Ба сифати самараи аввалини ин созиш бояд Қорӣ-Ишкамба Мӯҳсинро ҳам ба доми вексель мекашид ва дар натиҷаи он заминҳои Мӯҳсинро ба Арбоб гирифта медод. Бинобар ин Қорӣ-Ишкамба дар вақти аз саҳро баргаштан ба Мӯҳсин вохӯрда худро ба ӯ аз Арбоб норозӣ вонамуд:

— Арбоби ноинсоф як ҳазору панҷсад тангаро аз ман ҳар сад танга дар моҳе бо се танга фоида қарз гирифта, ҳамон маблағро ба ту ҳар сад танга дар моҳе бо нӯҳ танга ба қарз додааст.

Магар аз ин ҳам зиёдтар ноинсофӣ мешавад, ки ман дар ҳар сад танга дар моҳе ба се танга қаноат карда гардаму ӯ аз болои пули ман дар ҳар сад танга шаш танга мехӯрад. Беинсофии Арбоб ба дараҷае расидааст, ки аз ҳар сад танга дар моҳе ба нӯҳ танга фоида қаноат накарда мехоҳад, ки заминҳоятро ҳам аз дастат зада гирад.

Қорӣ-Ишкамба, баъд аз он, ки ранҷиши худро аз Арбоб Рӯзӣ ва ноинсофии ӯро дар пеши Мӯҳсин исбот кард, ба ӯ тавсия кард, ки ҳар гоҳ ба пул мӯҳтоҷ шавад, рост пеши ӯ равад...

Мӯҳсин, баъд аз ғалабаи пуррааш ба Арбоб Рӯзӣ шаҳр рафта ба Қорӣ Ишкамба вохӯрд. Қорӣ ӯро хуш қабул намуда чӣ шудани натиҷаи кори охирини ӯро бо Арбоб пурсид.

— Чӣ мешуд? — гуфт Мӯҳсин дар ҷавоб,— ба Арбоб қасам омад, вай аз савганд хӯрдан саркашӣ кард, бинобар ин ноиб ба фоидаи ман ҳукм карда даъвои ӯро беасос шумурд ва васиқаи маро аз вай гирифта ба ман дод.

— Соз кардӣ! — гуфт Қорӣ бо оҳанги таҳсин ва аз вай пурсид,— дар ин кор чанд танга харҷ кардӣ?

— Ба ҳар муфтӣ дусадтангагӣ — ба чор муфтӣ ҳаштсад танга сарф кардам.

— Бояд ба ноиб ҳам ягон чиз дода бошӣ?

— Албатта,— гуфт Мӯҳсин,— «аробаи равған карданашуда ҳаракат намекунад» гуфтаанд, бо дусад танга гулӯи ноибро ҳам равған кардам. Дар асл муфтиҳоро то як ҳафта дер монондани ноиб ҳам барои «хориши гулӯяш» буд.

— Маълум мешавад, ки як ҳазор танга харҷ карда

аз як ҳазору панҷсад танга ба Арбоб додан халос шудӣ.

— Агар ба кор рӯякӣ нигоҳ кунем, ҳамин тавр аст,— гуфт Муҳсин,— лекин ғалабаи ман дар ин аст, ки заминҳоямро аз дасти Арбоб халос карда гирифтам, ӯро дар миёнаи дӯсту душман сарпаст кардам ва одамон фаҳмиданд, ки «сангзанро сангшикан» ҳам будааст. Вагарна он як ҳазор тангае, ки ман ба ин кор қарз карда харҷ намудам, бо фоидааш қайҳо аз як ҳазору сесад танга зиёдтар шуд.

— Ин маблағро аз кӣ ва бо чӣ қадар фоида қарз гирифтӣ?

— Аз як касе, ки дар ривоятфурӯшӣ дар байни муфтиён ва ривоятталабон миёнаравӣ мекунад, ба қарори дар ҳар рӯз даҳ танга фоида додан, қарз гирифтам.

— Ӯҳ, ӯҳ,— гуфт Қорӣ-Ишкамба афсӯсхӯрон — ба ин фоидаи вазнин чӣ тавр тоб овардӣ ва чаро аз аввал ба пеши ман наёмадӣ?

Афсӯсхӯрии Қорӣ-Ишкамба зоҳиран барои ба гардани Муҳсин афтидани ин гуна бори вазнин бошад ҳам, дар ҳақиқат ӯ дар оташи ҳирсу ҳасад месӯхт ва барои дар даҳони худаш надаромадани ин луқмаи равғанин афсӯс мехӯрд. Ин ҳолати рӯҳии ӯ аз ҳамин маълум мешуд, ки дар вақти гуфтани он суханони афсӯсхӯрона ангуштонашро ҳаму рост мекард, магар ӯ дар ҳар моҳ ба ҳар сад танга чанд танга афтодани он фоидаи сангинро ҳисоб карда медид.

— Ман чӣ донам? Ман шуморо бо Арбоб Рӯзӣ дӯсти наздик медонистам, бинобар ин шумо маблағеро, ки бар зидди ӯ харҷ мешавад, бояд қарз надиҳед гуфта меандешидам.

— Аввал он, ки судхӯр бо судхӯр дӯст намешавад, илло монанди сагу гурба ҳамеша ба якдигар душман мебошанд ва ба болои устухон меҷанганд, дуввум он, ки ба ман ба ҳар сад танга ҳар моҳ се танга фоида дода аз деҳқонон аз ҳашт то даҳ танга фоида гирифташонро намепурсидидам, чунки ин кори ӯ, ҳам дар ҳаққи ман ва ҳам дар ҳаққи деҳқонон фақат мунсифӣ буд.

— Агар шумо ба ман некӣ кардан хоҳед, ҳоло ҳам

ҳақт нагузаштааст,— гуфт Мӯҳсин,— агар шумо ба ман бо фоидаи сабук қарзи дарозмуддаттар диҳед, аз фоидаи он ривоятфурӯш халос мешавам.

— Барои аз қарзи он ривоятфурӯш халос шуданат чанд танга даркор аст?

— Ҳамин рӯз қарзи ман аз вай ба як ҳазору сесаду даҳ танга расид, фардо боз даҳ танга зиёд мешавад. Шумо инак ба ҳамин эҳтиёҷи ман нигоҳ карда ба ман қарз диҳед!

— Ин тавр бошад, якбора як ҳазору чорсад танга гир! Агар ин маблағ аз қарзат зиёдатӣ кунад, ба ягон масрифи дигарат сарф мекунӣ.

— Фоидаашро чӣ қадар талаб мекунед?

— Аз фоидае, ки ба Арбоб Рӯзӣ додӣ, чор танга камтар, яъне дар ҳар моҳ ба ҳар сад танга шаш танга фоида медиҳӣ. Лекин муддаташро ҳамин вақт муайян карданат зарур аст.

— Ман умедворам, ки соли оянда дар вақти ҳосилгундорӣ қарзи шуморо бо фоидааш адо намоям.

— Яъне баъди як соли комил.— Қорӣ-Ишкамба аз рӯи сухани Мӯҳсин мӯҳлати адои қарзи худро муайяи кард.

— Оре, баъд аз як сол,— Мӯҳсин тасдиқ намуд ва пурсид,— акнун чанд таноб заминамро ба номи шумо бо байъи шаръӣ васиқа карда биёрам?

— Барои ман васиқаи қозихона ҳам лозим нест, заминат ҳам, ба ман фоидаи яксоларо ба тани пул зам карда мувофиқи он маблағ вексель диҳӣ, басандааст.

Мӯҳсин аз ин суханони Қорӣ-Ишкамба ҳам хурсанд шуд, ҳам дар таааҷҷуб афтод ва ҳам тарсид: хурсанд шуд, зеро дар вақте, ки судхӯрони деҳот ва аз ин ҷумла Арбоб Рӯзӣ ба заминҳои вай чашм дӯхта буданд, Қорӣ Ишкамба «ба ман заминат даркор нест» мегӯяд; дар таааҷҷуб афтод, чунки Қорӣ-Ишкамба ба ӯ боварӣ карда бе васиқаи қозихона қарз додан мехоҳад; тарсид, чунки имрӯз аз Қорӣ-Ишкамба ҳуҷҷати дар умри худ нашунидаашро (вексельро) шунид. «Векселаш чӣ бало бошад, мабодо дар зери ин коса нимкосае бошад, мабодо кори маро ин вексель бадтар кунад» гӯён дар дили худ меандешид ва гоҳо дар дили худ худро тасаллӣ медод: «На ин ки як қории қуррои

панч вакт намозхон дар хакки як дехкони мехнатдўсти дар рох монда баландешӣ кунад, хусусан дар вакте, ки ў Арбоб Рўзӣ ва судхўри ривоятфурўшро «ноинсоф!» гўён дашном медихад, на ин ки худ аз онхо хам бадтар ноинсофӣ кунад...»

Корӣ-Ишкамба аз гарк шудани Мўхсин ба фикру андеша, пай бурд, ки ў дар шубха афтодааст, барои хотирчамъ кардани вай гуфт:

— Ман ба бечорагии ту рахм карда васикаи козихонагӣ, ки харчи бисьёр дорад, аз ту талаб намекунам, дили ман ба ту чунон пур аст, ки мехостам ба ту бе хеч гуна хуччат карз дихам, аммо аз он чо, ки вексель дар муомилаи ман бо банк ба ман даркор мешавад, аз ту вексель гирифтан хостам. Ту аз ин кори ман бадгумон нашав!

Бо хамаи ин шубхаи Мўхсин хануз бартараф нашуда буд, бинобар ин аз Корӣ-Ишкамба пурсид:

— Вексель барои муомилаи шумо бо банк чӣ даркорӣ дорад?

— Чунки масалан ман аз ту ба ду хазор танга вексель гирам ва агар он вексельро ба банк бурда гарав монам, аз болои вай банк ба ман як хазор танга карз медихад, ман метавонам, ки он маблагро ба як дарди худ даво кунам. Аммо банк як чувол васикаро ба як пул хам ба гарав намегирад.

Мўхсин бо ин эзохи Корӣ-Ишкамба як дарача аз шубха баромада ба вексель додан розӣ шуд, ва:

— Барои вексель дода пул гирифтан кадом вакт оям? — гуфта пурсид.

— Фардо пагохонӣ биё! — гуфт Корӣ-Ишкамба ва аз вай пурсид,— барои ба вексель даст мондан хату савод дорӣ?

— Не, хату савод надорам!

— Хуб, зарар надорад, дар пеши нотариус аз чониби ту ягон кас даст мемонад...

* * *

Корӣ-Ишкамба Мўхсинро бо худ гирифта ба Когон бурд ва дар он чо пули вексель, харочоти нотариус, музди дасти бо илтимоси Мўхсин дар вексель имзокунанда ва фоидаи яксолаи як хазору чорсад тангае,



Қорӣ Ишкамба дар тасвири рассоми тоҷик Д. Ильёбоев.

ки ба Мӯҳсин қарз медод,— ҳамаро ҳисоб карда маблаги қарздории ӯро ба ду ҳазору чорсад танга расонид ва ин маблағро ба сӯми русӣ гардонда ба маблағи сесаду шаст сӯм аз Мӯҳсин вексель гирифтанро муқаррар кард ва ба банк даромада мувофиқи маблаги мазкур вексель харида баровард. Баъд аз он як шахси хату саводнокро ёфт, ки ӯ аз ҷониби Мӯҳсин дар вексель имзо кард.

Қорӣ-Ишкамба, Мӯҳсин ва одами имзокунанда — ҳар се бо ҳам ба пеши нотариус даромаданд. Дар он ҷо дар ҳузури нотариус он шахс бо илтимоси Мӯҳсин, бинобар хату савод надоштани ӯ, вексели сафеди бетаърихи сесаду шастсӯмиро имзо кард ва нотариус он имзоро бо мӯҳру имзои худ тасдиқ намуд.

Қорӣ-Ишкамба баъд аз додани харҷи нотариус ва музди дасти имзокунанда аз нотариусхона баромада вексели сесаду шастсӯмиро гирифта ба ӯ як ҳазору чорсад танга, яъне дусаду даҳ сӯм пули нақд дода гуфт:

— Дидӣ, ки вексель чӣ тавр ҳуҷҷати беташвиш будааст, барои вексель дода пул гирифтан на ба қозикалон мӯҳрона, на ба мирзои ӯ котибона, на ба мулозимаш хизматона, на ба ноиб ноибона ва на ба Арбоб ва калонтарони деҳа ширинкома — кӯтоҳ карда гӯем, ҳеҷ як харҷи барзиёд кардан лозим намеояд ва инчунин барои вексель додан заминро ба гарав мондан ҳам даркор намешавад...

Қорӣ-Ишкамба баъд аз он ки «хубиҳои вексель»-ро шарҳ дод, сухани худро давом кунонда гуфт:

— Ман бо ин ҳуҷҷати беташвиш метавонам, ки ба ҳар қадоми деҳқонони ба пул мӯҳтоҷи деҳот қарз дода онҳоро аз чанголи Арбоб Рӯзӣ барин судхӯрон, ки ба заминашон чашм дӯхтаанд, халос кунам. Ин ҳолро ба ҳамсоягон ва дӯстони худ хабар деҳ!

— Хуб, хабар медиҳам,— гӯён Мӯҳсин аз Қорӣ-Ишкамба ҷудо шуда рафт.

* * *

Баъд аз ду моҳи аз Мӯҳсин вексель гирифта ба ӯ қарз додани Қорӣ-Ишкамба дар деҳаи Сангсабз дар ҳавлии Арбоб Рӯзӣ як зиёфати на он қадар калон

ташкил ёфта буд. Дар ин зиёфат аз омаду рафткунандагони пештаран ин ҳавлӣ танҳо Қорӣ-Ишкамба, Мирзохӯчаи ноиб ва одамони ӯ буда, аз калонтарони деҳа ягон кас ҳам иштирок надошт.

Ғайр аз меҳмонони ба мо маълум ду каси дигар дар он зиёфат иштирок доштанд, ки пештар дар он ҷоҳо дида нашуда буданд: яке аз он ду кас як одами тахминан чилсолаи миёнақади сабзиначеҳра буд, ки ришаш бар хилофи расми мардуми Бухоро як қадар кӯтоҳ карда шуда буд ва мӯйлабаш ҳам аз мӯйлабҳои одамони Бухоро дарозтар ва ғулитар буда лабонашро пӯшонда меистод.

Ҷомаи рӯйпӯшии ин одам сипоҳиёна, нақшкалону зеҳкалон буда саллааш монанди амалдорони Бухоро сафеду шалғамӣ баста шуда буд, аммо либоси таҳпӯшиаш монанди костюми европагиҳо буда, ба пояш мӯзаи хироми бухороидӯхт дошт.

Дигаре аз ин ду одам зардчаранг, ришу мӯйлабаш тамоман тарошида, мӯйсараш дароз гузошташуда буда, пӯшокаш тагу рӯй европагӣ буд. Қомати ин одам баланд бошад ҳам, баданаш камгӯшт ва миёнаш борик менамуд.

Тартиби зиёфати онрӯза ҳам аз зиёфатҳои пештара фарқнок буд, дар миёнҷои хона як чорпояи баландиаш ниморшинӣ гузошта шуда буд ва бар рӯи ин чорпоя як дастархони сафед паҳн карда, бар рӯи вай хӯрданиҳоро батартиб ниҳода буданд.

Таоми ин зиёфат аз зиёфати пештара кам фарқ дошт: дар пеши Қорӣ-Ишкамба, ноиб ва одамони ӯ монанди пештара гӯштбирьён, мурғбирьён, баррабирьён, палави сергӯшту равған ва монанди инҳо хӯрданиҳои маҳаллӣ бошанд, дар пеши он ду меҳмони нав монанди котлета, жаркое ва дигар таомҳои гуногуни европагӣ буданд. Ин меҳмонон монанди одамҳои маҳаллӣ таомро бо даст нахӯрда, бо корд бурида бо чангча гирифта мехӯрданд, инчунин дар пеши ин ду меҳмон ду қадаҳи булӯрин бо ду шиша шароб меистод. Ба шиками ин шишаҳои шароб коғазҳои зарҳалдори часпондашуда буда, бар он коғазҳо нақши панҷ ситораи заррин ва дар зери он ситораҳо бо ҳарфҳои

Қорӣ-Ишкамба бо вуҷуди он, ки аз ҳама пештар ба таом даст бурда кӯшиш дошт, ки аз дигарон бештар хӯрад, чашмонашро аз он шишаҳо намеканд. Вақте, ки меҳмони нимевропагипӯш яке аз он шишаҳоро ба даст гирифта навиштаи вайро аз назар мегузаронид, Қорӣ-Ишкамба аз ӯ:

— Вай чист? — гуфта пурсид.

— Ин коньяк аст,— гуфт он меҳмон

— Коньяк чист? — Қорӣ-Ишкамба боз пурсид.

— Ин дору аст, ин доруест, ки ба одамони пир қувват медиҳад ва иштиҳои монанди шумо касонеро, ки ба хӯрдан ҳавас доранд, мекушояд,— гуфт ӯ ва даҳони шишаро кушода, дар ду қадаҳ барои худ ва шариконаш шароб кашида аз Қорӣ пурсид,— агар хоҳед, барои шумо ҳам як пиёла аз ин дору кашида диҳам?

— Барои кушода шудани иштиҳои ман дору даркорӣ надорад ва агар рухсат диҳед, ба таоми повурии шумо шарик мешавам! — гуфт Қорӣ-Ишкамба. Аммо ба ҷавоби он меҳмон мунтазир нашуда нимаи таомҳои ба пеши онҳо истодаро ба рӯи табақи палав бо дасти ошолуди худ гардонида дигар ба касе ҳарф назада хӯрдан гирифт...

* * *

Баъд аз ба поён расидани хӯро-хӯр ва нӯшо-нӯш, ноиб ба меҳмони нави европагилибос:

— Акнун корро сар кардан даркор аст! — гуфт.

— Сар кардан даркор аст, вақт ҳам рафт! — Он меҳмон сухани ноибро таъкид карда ҷавоб дод.

— Мӯҳсин, Сафаралӣ, Пӯлод, Темур ва дигар қарздоронро чеғ зада биёред! — гуфта ноиб ба одамони худ фармон дод.

Меҳмони нави нимевропагипӯш портфели худро кушода аз даруни вай, ки пур аз векселҳои таҳ ба таҳ гузоштагиуда буд, як чанд векселъро ҷудо карда бароварда дар зери зонуи худ ниҳод.

Одамони ноиб қарздоронро ба рӯи суфа бароварда ба пеши дарे, ки ноиб дар даруни вай нишаста

буд, қатор карданд. Ин ҳолро дида одами нимевропагипӯш ба одамони ноиб:

— Ин ҷо қозихона ё ин ки ноибхона нест, онҳоро дар меҳмонхона ба пеши мо гирифта дароед! — гуфт.

Баъд аз он, ки одамони ноиб қарздоронро ба меҳмонхона даровардa дар рӯ ба рӯи меҳмонони нав қатор шинонданд, одами нимевропагипӯш як вексельро ба даст гирифта, баъди аз назар гузаронданн вай, ба қарздорон нигоҳ карда пурсид:

— Мӯҳсин кист?

— Ман! — Мӯҳсин ҷавоб дод.

— Ту аз ҷаноби Қорӣ Исматулло сесаду шаст сӯм пул гирифта будӣ, ҳозир Қорӣ пули худро талаб мекунанд. Қарзатро дарҳол адо карданат зарур аст.

— Ман,— гуфт Мӯҳсин аз ҷаноби Қорӣ дусаду даҳ сӯм пули нақд гирифта будам, фоидаи яксолаи ин маблағро бо харҷи вексельдиҳӣ, ки ҷамъ яксаду панҷоҳ сӯм шуда буд, ба болои он пули нақд зам карда ба сесаду шаст сӯм вексель дода будам. Қарзеро, ки ба фоидаи яксолааш зам шудааст, ман чӣ навъ дар ду моҳ адо мекунам?

— Суханро бисьёр дароз накун! — гуфт одами нимевропагипӯш,— сесаду шаст сӯми дар ин вексель навиштaшудaро дарҳол медиҳӣ ё не? Бо як калима ҷавоб деҳ!

— Қарзеро, ки яксола фоидааш ба вай зам шудааст, ман чӣ гуна дар ду моҳ медиҳам? — Мӯҳсин ҷавоби аввалии худро такрор кард.

— Дар вақте, ки ту вексельро даст монда дода будӣ, дар вай мӯҳлати дар кадом вақт адо кардани қарз навишта нашуда будааст, бо ин вексель ҷаноби Қорӣ ҳақ доштанд, ки дар ҳамон рӯз ё баъд аз як рӯзи вексельро имзо карданат қарзи худро талаб кунанд. Ҳоло, ки то ду моҳ ин маблағро аз ту талаб карда нагирифтаанд, дар ҳаққи ту марҳамати калон аст, акнун, ки талаб кардаанд, бояд дарҳол адо кунӣ!

— Охир, ман магар дар ду моҳ фоидаи яксола медиҳам? — Мӯҳсин боз ҷавоби худро такрор кард.

— Дар ду моҳ фоидаи яксола медиҳӣ ё намедиҳӣ — ин ба мо дахл надорад, мо бояд сесаду шаст сӯми

дар ҳамин вексель навишташударо ҳамин рӯз аз ту рӯёнда гирем. Закун[43] ҳамин аст.

— Ин закуни ҳазрати импротур — подшоҳи Русия аст, ин ҳукми шариат ва васиқаи қозикалон нест, ки ту ба муфтиҳо пора дода маҳзари дафъ гирифта моли мардумро хӯрӣ! — суханони одами нимевропагипӯшро Арбоб Рӯзӣ бо оҳанги аз Мӯҳсин низоргирӣ қувват дод.

— Вексели ҳазрати импротур ривояти уламо он сӯ истад, сангро ҳам сӯрох карда мегузарад,— ноиб ба сухани Арбоб Рӯзӣ илова кард.

— Ин чӣ гуна бедодӣ аст, чӣ тавр ноинсофӣ аст, ки...

— Даҳонатро пӯш, ки забонат бурида мешавад! Ту закуни ҳазрати импротурро «бедодӣ ва ноинсофӣ» мегӯӣ, ҳозир мефармоям, ки забонатро аз комат кашида мепартоянд! — гуфт ноиб ғазаболудона.

— Вақтро нагузаронда молу мулки ин қарздорро бо торги (бо музояда — савдои «кӣ зиёд мекунад») фурӯхтан даркор аст,— гуфт меҳмони европагипӯш.

Баъд аз он, ки молу мулки Мӯҳсинро бо савдои «кӣ зиёд мекунад» фурӯхта сесаду шаст сӯм рӯёнидагӣ шуданд, Сафаралӣ, Пӯлод ва дигар қарздоронро ҳам, ки бо маблағҳои гуногун қарздор шуда, фоидаи яксолаи он маблағҳоро зам карда вексели сафед дода буданд, пеш хонда, баъд аз суолу ҷавоб ба тарзи боло фурӯхтани молу мулки онҳоро ҳам қарор доданд.

Аз ҳама охир навбати пурсиши Темур расид. Темур як ҳафта пештар аз он рӯз, аз Қорӣ-Ишкамба як ҳазор танга қарз гирифта ба вай фоидаи дусолаи он маблағро зам карда ба ду ҳазору дусад танга, яъне ба сесаду сӣ сӯм вексель дода буд.

Темур дар пурсиш девонавор фарьёду фиғон кард, ӯ «ман дар як ҳафта фоидаи дусола намедиҳам, агар замини маро ба фурӯш монед, ҳам харидорро мекушам ва ҳам худро» гӯён дод мезад.

— Ман тарҷимони қозикалон дар даъвоҳои векселӣ мебошам,— гуфт ба Темур одами нимевропагипӯш ва шахси европагилибосро нишон дода,— ин шарики ман иҷрокунандаи ҳукми суди Когон мебошанд, — ба монанди ту ваҳшӣ на бо закуни маданӣ, балки

муомилаи вахшиёна кардан лозим аст! — гӯён Темурро дар зери зарбаҳои тозиёна гирифт ва баъд аз он ба одамони ноиб фармуд, ки ӯро дар ҳабс нигоҳ доранд...

Баъд аз ба поён расидани пурсиши қарздорон, ки ҳеч кадоми онҳо пули нақд дода натавонистанд, ичрокунандаи ҳукми суд, тарчимони қозикалон, ноиб бо одамонаш, Арбоб Рӯзӣ ва Қорӣ-Ишкамба — ҳамагӣ ба саҳро ба сари заминҳои қарздорон баромаданд, ки он заминҳоро бо савдои «кӣ зиёд мекунад» фурӯхта маблағҳои қарзи дар вексель навишташударо рӯёнанд.

Ба сари савдои «кӣ зиёд мекунад» бисьёр касон чамъ шуда бошанд ҳам, ғайр аз Арбоб Рӯзӣ ба музояда касе иштирок накард, бинобар ин заминҳоеро, ки ҳар танобашон аз ду ҳазор, то ду-дуву ним ҳазор танга арзиш доштанд, бо нархи чорсад-панчсад тангагӣ ба Арбоб Рӯзӣ фурӯхта қарзи Қорӣ-Ишкамбаро рӯёниданд.

Баъд аз тамом шудани музояда тарчимон ба ноиб нигоҳ карда:

— Мо ҳозир ба деҳаи Харгӯш рафта корҳои векселии он чоро баробар карда дар бозгашт боз дар ҳавлии Арбоб меҳмон мешавем, то он вақт инҳо ҳисобҳои байниҳудиро баробар карда ба мо нигарон шуда истанд,— гуфт ва бо ичрокунандаи ҳукми суд ҳар ду дар фойтун нишаста ба тарафи Харгӯш раҳсипор гардиданд.

Баъд аз гусел кардани тарчимон ва ичрокунандаи ҳукми суд, Қорӣ-Ишкамба ба Арбоб Рӯзӣ:

— Акнун ҳисоби байниҳудиро баробар карданамон даркор аст,— гуфт.

— Дар байни мо боз чӣ гуна ҳисоби баробар ношуда ҳаст? — Гуфт Арбоб,— шумо ба воситаи вексель пулҳои дирӯз ба қарздодаатонро имрӯз бо фойдаи яксола ва дусолаашон рӯёнда гирифтед, ман бошам заминҳоеро, ки умре ба онҳо соҳиб шуданро орзу доштам, ба даст даровардам. «Нома тамом, вассалом!», дар ин чо боз чӣ гуна ҳисоб нобаробар шуда монд?

— Охир, шумо ба воситаи вексельбозии ман заминҳоеро, ки сӣ ҳазор танга арзиш доштанд, бо дувоз-

даҳ ҳазор танга ба даст даровардед. Ман аз шумо ҳисоби ана ҳамин ҳаждаҳ ҳазор тангаро мепурсам.

— Он маблағ ҳаққи ҳалоли ман аст! — гуфт Арбоб.

— Ҳаргиз ин тавр нест,— гуфт Қорӣ-Ишкамба,— магар шумо ба ман дар ҳузури ноиб ваъда надода будед, ки фоидаи аз вексельбозӣ рӯидаро бо ман баробар тақсим кунед? Шумо, Арбоб, чунон ки худатон гуфта будед, дар муомила саг нашавед!

— Магар шумо харочотҳои дигарро ба назар намегиред? — гуфт Арбоб.

— Чӣ гуна харочот? — Қорӣ-Ишкамба, гӯё, ки аз ҳеҷ харочот хабар надошта бошад, бо таачҷуб пурсид.

— Ман,— гуфт Арбоб Рӯзӣ,— харочоти зиёфатро ба ҳисоб намегирам. Аммо ба ҷаноби ноиб, ки бо одамонашон омада ба болои кори мо истодаанд, магар хизматона намедиҳем?

Ноиб бо шуниданн ин сухан сар ҷунбонда ба суоли Арбоб ҷавоби эҷобӣ дод. Қорӣ-Ишкамба бошад, дар ҳузури ноиб инкор кардани хизматҳои ӯро муносиб надида сокит монд.

Ноиб ба сухан ҳамроҳ шуда:

— Ба тарҷимон ва иҷрокунандаи ҳукми суд ҳам пули арақ додан лозим аст.

— Магар барои онҳо коньяке, ки дар ин ҷо нӯшиданд, кифоя намекунад? — Қорӣ-Ишкамба пурсид.

— Кифоя намекунад,— гуфт ноиб ва илова кард, — онҳо ки «мо дар бозгашт боз дар ҳавлии Арбоб меҳмон мешавем, ҳисоби байнихудиро баробар карда монанд» гуфтанд, маъниаш «барои мо пули нақд тайёр карда монанд» мебошад.

— Шумо забони онҳоро мефаҳмидед-а? — гуфт Қорӣ.

— Албатта, мефаҳмам! — гуфт ноиб.— Магар «забони гургонро гургон мефаҳманд» нагуфтаанд.

— Хуб ба ин харочотҳо ҳам як ҳазор танга сарф мешавад гӯем, ҳафдаҳ ҳазор тангаи боқимонда чӣ мешавад...

Ноиб дид, ки ин ду судхӯр дар талоши фоида низои байни худро шиддат дода истодаанд, фоидаи Қорӣ-Ишкамба ва фоидаи Арбобро якҷоя ҳисоб карда,

ҳарочотҳоро бароварда, фоидаи ҳолисро дар байни онҳо баробар тақсим намуда, он ду судхӯри сагшуда-истодаро «гургоштӣ» кунонд.

* * *

Дар рӯзҳои харбузапазӣ як шарикдарси Шӯркӯлиамон, ки деҳқонписар буд, моро ба сайри харбуза даъват карда бурд. Яке аз даъватшудагон як асп, дигаре як ароба ёфт, то ки мо ба саҳро ба ароба савор шуда равем. Аммо барои бастани ароба ба асп асбоб надоштем. Яке аз шариконамон як ҷомаи кӯҳнаро ёфта оварда ба асп гарданбанд карда як арғамчинро ба ҷои тиркишу таҳкаш кор фармуда аспро ба ароба баст ва вазифаи аробакаширо ба ӯҳдаи худ гирифта бар зини асп нишаст, панҷ нафари дигарамон ба ароба савор шуда роҳи саҳроро пеш гирифтем.

Дар вақти рондани ароба маълум шуд, ки аробакаши мо ба ин кор ҳеҷ таҷриба надоштааст, бо ҳамаи ин ӯ дар кӯчаҳои тангу каҷу килеби шаҳри Бухоро аробаро гоҳ ба дарҳо ва гоҳ ба деворҳо зада аз шаҳр баровард, чун дар он кӯчаҳои пурпечу тоб ӯ ба идора кардани асп қадаре таҷриба пайдо кард, баъд аз баромадан аз шаҳр дар роҳи васеи рост аробаро як дараҷа ба хубӣ рондан гирифт.

Чун аз тарафи шарқи майдони Машқи Сарбоз, ки дар беруни дарвозаи Самарқанд воқеъ буд, ба роҳи Шӯркӯл даромадем, аробакашамон боз ҳам озодонатар аробаронӣ карду аз «тахассус» пайдо карданаш ба аробакашӣ ба шавқ омада, монанди аробакашони сертаҷриба бар зин якпаҳлу нишаста ба мо нигоҳ карда ширинкориҳо мекард ва гоҳо аспро тозиёна зада бо суръат ба ҳаракат дароварда худ сурудхонӣ менамуд.

Тарафи ғарбии роҳи мо майдони Машқи Сарбоз буда дар байни роҳ ва майдон заҳкаши пуробе буд, ки якуним метр бар ва ҳамин қадар ҳам чуқурӣ дошт, тарафи шарқии роҳ Дилкушо ном чорбоғи подшоҳӣ буд.

Дар даруни он чорбоғ бар болои дарахти олу боғбондухтаре олу мечидааст, ки бо шунидани садои су-

руди аробакаши мо ба шавқ омада ё ин ки худ ба худ, байтҳои зерини халқиро суруд:

Олу, олу, олу
Олу, олу, олу
Олу сиёҳ шуд, биё дар боғи^ман!
Рӯзам сиёҳ шуд, биё!

Аробакаши мо суруди духтаракро бе ҷавоб нагузошт: саллаи худро якшоха карда, лаҷоми аспро ба гарданаш гузошта, худ бар болои зин нимхез шуда, чашмонашро ба тарафи шохҳои дарахти олу, ки боғбондухтар дар байни онҳо буд, дӯхта ба сурудгӯии ҷавобӣ даромад:

Чашми сиёҳи зоғи ту!
Модар набинад доғи ту!
Рӯзат чаро сиёҳ шавад?
Ман омадам ба боғи ту!

Ба боғбондухтар шояд ин суруди ҷавобӣ бисьёр форида бошад, ки бо ишваву ғамзаи нозанинона олуеро аз шохи дарахт канда ба тарафи аробакаши сурудхони мо ҳаво дод, аммо олу аз нишон хато хӯрда, бар рӯи рости асп, ба наздикии чашмаш расид. Аз ин ҳол асп рамид ва азбаски лаҷомаш ба гарданаш гузошта шуда буд, аробаро бардошта ба тарафи чап ҳам хӯрд ва дар частухези аввалини асп чархи чапи ароба ба даруни заҳкаш фуромада, ароба бо асп якпаҳлу шуда ба заҳкаш ғелид.

Ман, ки дар мавридҳои хавфнок ҳамеша ҳушьёрона ҳаракат карданро одат намуда будам, бо аспи ноозмуд ва аробакаши бетаҷриба аробасавориро яке аз он мавридҳои хавфнок мешумурдам, бо расидани чархи ароба ба лаби заҳкаш, бо ҳавли ҷон худро ба он тарафи заҳкаш ҳаво додам ва пеш аз якчарха шудани ароба худро ба он сӯи заҳкаш ба хушкӣ гирифтам, аммо шарикони дигар бо аспу ароба ва аробакаш дар заҳкаш афтоданд.

Асп якпаҳлу шуда дар даруни заҳкаш хобида бо поҳои пешу кафои худ канори заҳкашро лагадкорӣ мекард, аммо ин кӯшиши он ҷонвар барои раҳонияш ҳеҷ ёрӣ намедод, билъакс, ин тапиши аз ҳад зиёди вай гарданбанд, таҳкаш ва тиркишро ба гардан ва шика-

маш сахттар печонда бими ҳалокро ба назараш наздиктар мекард.

Шарикон аз об баромада либосҳошонро аз тан кашида тоб дода дар фикри хушконидани онҳо бошанд ҳам, касе дар пайи халос кардани асп набуд ва роҳи халос кардани ӯро ҳам касе намедонист. Танҳо он шарикамон, ки аспро аз касе талабида оварда буд, «агар асп ҳалок шавад, товонашро аз куҷо ёфта медиҳам» гуфта ғам мехӯрд.

Дар ҳамин вақт сарбозбачае аз тарафи шаҳр расида омад ва бо дидани ин ҳол либосҳои низомиашро аз тан бароварда дар канори роҳ гузошту аз мо:

— Корд доретон? — гуфта пурсид.

Аробакаши мо, ки ба нияти дар саҳро харбуза бурида хӯрдан кордеро бо худ гирифта дар вақти аробакаширо ба ӯҳдааш гирифтан он кордро бо банду ғилоф монанди аробакашон аз рӯй ба миёнаш овехта буд:

— Ман корд дорам! — гӯён вайро аз ғилофаш кашида ба сарбозбача дод.

Сарбозбача он кордро ба даст гирифта ба заҳкаш даромад ва бо вай гарданбанд, таҳкаш ва тиркиши аробаро бурида ариши[44] аробаро ба ҳаво бардошт. Асп, ки аз банду баст раҳой ёфта буд, озодона ҳаракат карда дар даруни заҳкаш рост бархост ва бо як ҷастан худро аз даруни заҳкаш ба канори роҳ гирифт ва худро сахт ҷунбонда қатраҳои оби ба даруни гӯшаш даромада ва ба ёлу думаш часпидаро аз худ дур карда сокиту ором истод.

Сарбозбача ҷоҳои буридашудаи гарданбанд ва арғамчинро ба ҳам пайванд дода аспро дубора ба ароба баста ба савории мо тайёр кард. Мо дар идораи аробакаши худ раҳсипор шудем, сарбозбача ҳам либосҳои низомиашро пӯшида аз дунболи ароба ба роҳ даромад.

— Додар, биё, ба ароба савор шав! — гуфтам ман ба сарбозбача.

Ӯ бо табассуми истеҳзоомезе ба ман нигоҳ карда бо як ҷастан худро ба болои ароба гирифт. Аммо ман аз истеҳзои ӯ дар шубҳа монда, «чаро ин ҷавон ба ман механдида бошад» гуфта андешидам, лекин сабаби

хандашавандае дар худ наёфтам ва хомӯшии андешамандона ҳам ба дилам зада аз он ҷавоб пурсидам:

— Додар, куҷо рафтан мехоҳӣ?

Сарбозбача ба ин суоли ман боз хандае карда ҷавоб дод:

— Ба деҳаи Шанбеи Қозикалон меравам!

Ман аз ин хандаи бемавқеъ ва бесабаб боз зиёдатар дар шубҳа афтода, охир бо оҳанги тааҷҷуб аз вай пурсидам:

— Чаро ба ман механдӣ?

Сарбозбача боз табассуме карда ҷавоб дод:

— Ман бояд дар сиину соли ба шумо додар будан набошам, чунки ман шуморо бисту панҷ-бисту шаш-сола тахмин мекунам, аммо ман чилсолагии худро пур карда ба чилу яксолагӣ қадам мондаам. Ғояташ ин аст, ки тақдир маро бе ришу бе мӯйлаб, хурдҷусса ва пастқомат офаридааст.

— Ман чӣ медонистам, ки шумо чилсола будаед (акнун дар хитоб ба ҷои «ту» «шумо» кор фармудам), ба намуди зоҳиратон нигоҳ карда шуморо ҳафдаҳ-ҳаждаҳсола гумон карда будам.

— Албатта, ба намуди зоҳирии ман нигоҳ карда маро хурдсол гумон кардани шумо ҷои тааҷҷуб нест, — гуфт сарбоз бо оҳанги узрхоҳона,— аммо аз «додар» гуфтани шумо як воқеае, ки аз ин даҳ сол пеш дар бобати сиину соли ман рӯй дода буд, ба ёдам омада хандаам гирифт.

— Он воқеа чӣ гуна буд? — ман пурсидам.

— Дар вақти сисола буданам, ки қуввату ғайратам аз ҳозира хеле зиёд буд, хӯҷаинам барои ба ман ҳаққи хизмати панҷсолаамро надодан, дидаю доништа истода маро ба нойби қозикалон «ин бачаи хурдсол аст, аз дасташ чӣ хизмат меояд» гуфта буд. Вақте ки ман сисола будани худро ба нойб арз карда будам, Қорӣ-Ишкамба ном як шаҳрӣ, дар он ҷо ҳозир буд, гуфтаи хӯҷаини маро қувват дода ба ман «аз даҳони ту ҳанӯз бӯи шир меояду ту худро сисола мегӯӣ?» гуфта маро масхара дошта буд.

Ман, ки ҳамеша дар пайи донистани тамоми аҳволи Қорӣ-Ишкамба мегаштам, номи ӯро аз сарбоз шунида ба пурсуков даромадам. Сарбоз дар ҷавоб, он воқеа-

ҳоеро, ки дар боло дар бораи алоқаи Қорӣ-Ишкамба ба деҳот гузашт, бо тафсил гуфта дод ва инчунин аз гуфтаҳои сарбоз маълум шуд, ки ин ҳамон Тӯрамурод будааст, ки Арбоб Рӯзӣ барои ӯро ба хизмати худ маҷбур кардан ба воситаи ноиби қозикалон ҳабс кунонда буд. Аммо ӯ ба ҳамаи азоб ва уқубатҳои ҳабсхонаи қозикалон ва шиканҷаи миршаб тоб оварда хизмати Арбоб Рӯзиро ба гардан нагирифта будааст.

Азбаски Тӯрамурод барои аз дасти миршаб халос шудан ба ӯ пул ёфта дода натавонистааст, одамони миршаб ӯро ба хеши як сарбози гуреза, ки ба одам харида додан маҷбур шуда будааст, ба сарбозӣ фурӯхта пули аз ин фурӯш ба даст даромадаро байни худ тақсим карда гирифта ӯро сарбоз карда будаанд.

— Ҳоло ҳам Қорӣ-Ишкамба бо ҳӯҷаини пештараи шумо Арбоб Рӯзӣ рафтуой дорад? — ман аз сарбоз пурсидам.

— Не! — гуфт ӯ дар ҷавоб,— дар ҳамон вақтҳо ҳодисае рӯй дода Арбоб Рӯзӣ талаф шуд ва Қорӣ-Ишкамба на танҳо аз омаду рафт ба деҳаҳои Сангсабз ва Бӯлмахӯрон, балки умуман аз саҳро баромадан тарсида монд. Чун ман аз сарбоз чӣ будани он ҳодисаро пурсидам, ӯ маълумоти зеринро ба ман дод:

— Дар зимистони ҳамон тирамоҳе, ки Арбоб Рӯзӣ бо Қорӣ-Ишкамба забон як карда бо вексельбозӣ заминҳои деҳқононро бо зӯру зулм аз дасташон зада гирифта буд, деҳқонони ба ҷонрасида дар як шаби торик ҳавлии ӯро зер карданд, Арбобро куштанд, чизҳои қиматбаҳояшро тороҷ карданд, ва ҳавлиашро оташ зада қасоси худро гирифтанд...

Дар ин вақт аробаи мо аз роҳи калон ба дасти чап баргашта бо роҳҳои хурди киштзоре ба тарафи Шӯркӯл раҳсипор шуд ва Тӯрамуроди сарбоз аз ароба фуромада бо мо хушбошӣ карда бо роҳи калон ба тарафи деҳаи Шанбеи Қозикалон рафт.

## XVI

Дар Сесӯи шаҳри Бухоро, дар долоне, ки ба тарафи растаи чинифурӯшӣ бармегашт, ба тарафи дасти рост саройчае бино ёфта буд. Рӯзе дар пеши дар-

возаи он саройча мардуми бисьёр гирд омада ҳар кадоми онҳо мехостанд, ки ба даруни саройча дароянд. Аммо саройбони қавиҳайкале, ки чӯбдасти ғафсу дарозеро ба даст дошт, пушт ба паҳлударии дарвоза дода як нӯги он чӯбдастро ба тарзи ғав ба паҳлударии дигар тир карда касеро барои даромадан ба он ҷо намегузошт.

Дар рӯи ҳавлии саройча, ки аз дарвоза тамоман намоён буд, одамони миршаб, шогирдпешагони қушбегӣ, мулозимони қозикалон ва маъмурони раиси шаҳр менамуданд ва онҳо дар байни худ бо гармӣ дар гуфтугузор буданд. Дар миёнаи давраи одамони ҳокимони шаҳр Қорӣ-Ишкамба дар ҳолате, ки саллаи калонаш каловавор ба гарданаш фуромадагӣ буд, монанди навҳагарон ба ҳар тараф ҳам хӯрда торҳои риши худро бо ангуштонаш канда «вой, хонаам сӯхт, вой, ҷонам ба лаб омад, вой, ҷонаки азизам аз даст рафт!» гӯён фарьёд мекашид; гоҳо бо нохунҳои худ рӯяшро харошида хуншор мекард; гоҳо гирья гулӯгираш гардида, бе он, ки чӣ гуфтанаш маълум шавад, монанди саге, ки дар обмӯрии боғ дармонда, ба паси худ аз боғбон зарбаҳои ҷонкоҳ мехӯрда бошад, нӯла мекашид...

Аз гуфтугузори одамони кӯча маълум шуд, ки он шаб боми ҳуҷраи Қорӣ-Ишкамбаро, ки дар он саройча будааст, сӯрох карда сандуқашро шикаста пулҳои дар вай пинҳонӣ гузоштаашро бурдаанд. Назар ба қавли худаш ӯ он шаб дар он ҷо «даҳ ҳазор тангаи нуқраи сараи ҳар дахтоаш ҳафт мисқол вазндоштаи зарби Бухорои шарифро ниҳода будааст, агар он маблағро бо ҳисоби тиллои императорӣ, ки дар Петербург зарб шудааст, ҳисоб кунанд, як ҳазору панҷсад сӯм мешудааст».

Одамони миршаб дар бом нақши пои се касро ёфтаанд, ки онҳо аз боми сарои «Кавказ» аз сари зина омада, аз болои боми долони раста ба боми ин саройча гузашта то боми ҳуҷраи Қорӣ-Ишкамба расидаанд ва онҳо аз он ҷо бозгашта бо роҳи омадаи худ ба боми сарои «Кавказ» гузашта то ба сари зина расидаанд. Он зина зинае буд, ки аз даруни сарои «Кавказ» ба бом барояндагон бо вай мебаромаданд ва да-

ри вай ҳамеша қуфл буда калидаш дар дасти саройбони сарои «Қавказ» меистодааст.

Бо ин далел одамони ҳокимон ва тамошобинон ҳукм мекарданд, ки «аз ин кор саройбони сарои «Қавказ» хабардор аст, ҳатто ӯ бояд сардори он дастае бошад, ки ин дуздиро ба амал овардааст. Қорӣ-Ишкамба ба болои ин далел як далели дигар зам карда мегуфт:

— Дар ин ҳуҷра ва дар ҳамин сандуқ пул гузоштани маро ғайр аз саройбони сарои «Қавказ» дигар касе намедонист ва хусусан дишаб, ки ман он маблағи ба ҷон баробарам, балки аз ҷон азизтарамро оварда дар ин ҷо пинҳон кардам, ин саройбон ҳамроҳи ман буд ва пулро ҳам ӯ бардошта оварда буд.

Қорӣ-Ишкамба бо ин далелҳо дузди худро муайян карда рӯйканону мӯйканон пеши қушбегӣ ва қозикалон рафта воқеаро ба онҳо арз карда, аз онҳо шогирдпеша ва мулозими махсус гирифта барои ба маҳкама кашидан ба сари саройбони сарои «Қавказ» расид.

Саройбон бе он, ки хунашро вайрон карда оташин шавад, ё ин ки саросема гардад, фиристодагони ҳокимонро бо табассуми истеҳзоомез пешвоз гирифта:

— Ман тайёрам, ки ба пеши ҳокимон рафта тӯҳмат будани даъвои ин судхӯри хуни мардумхӯрро исбот намоям. Аммо аз он ҷо, ки ин сарой бо ҳамаи борҳояш аз тарафи ширкати нақлиёти «Қавказ — Меркурий» ба дасти ман супурда шудааст, бе иҷозати мудири ширкат ва бе супурданам саройро ба касе, ки хӯҷаин нишон медиҳад, ба ҷое рафта наметавонам,— гуфт ва онҳоро гирифта пеши мудири ширкат бурда воқеаро баён намуд.

Мудири ширкат ба одамони ҳокимони Бухоро хитоб карда гуфт:

— Аввал он ки саройбони ман дузд нест, бинобар ин ман ба ӯ бовар карда ин саройро бо ҳамаи молҳои тиҷоратӣ, ки дар ин ҷо ҳастанд, ба дасти ӯ супурдаам ва чандин сол аст, ки ӯ дар ин ҷо хизмат мекунад, чизе гум нашудааст ва ягон хас ҳам аз ҷои худ беҷо нашудааст, дуввӯм он ки саройбони ман раияи давлати Россия аст ва дар дасти худ паспорти императорӣ дорад, шумо ҳақ надоред, ки вайро ба маҳка-

маи ҳокимони Бухоро кашед. Шумо ба пеши ҷанобони қушбегӣ ва қозикалон рафта ба онҳо саломи дӯстонаи маро расонда, аз забони ман ин маъниро ҳикоя кунед!

Саройбони сарои «Қавказ» аз мардуми аслии шаҳри Бухоро буда, дар ҳамон шаҳр зоида шуда буд, аммо он рӯз маълум шуд, ки ӯ ҳам монанди баъзе мардуми Бухоро, барои дар ин гуна мавридҳо такьягоҳ ёфтан раияи давлати Россия шуда будааст. Чунки ҳокимони Бухоро раияи Россияро (ҳар чанд ӯ яке аз раияҳои Бухоро гашта бошад ҳам) ҳақ надоштанд, ки ба маҳкама кашанд, даъвои Қорӣ-Ишкамба ба саройбони сарои «Қавказ» худ ба худ маҷҷонан (бе ҳеҷ товон ва ҷазо) тамом шуд.

Қорӣ-Ишкамба баъд аз ин воқеа дер вақт дар кӯчаҳо девонавор мегашт ва ба ҳар кас, ки мерасид, он ҳодисаи ба сари худаш омадаро нақл намуда саройбон, мудири ширкат, қозикалон, қушбегӣ ва одамони онҳоро дуои бад мекард ва дар охир худро дашном медод, ки чаро ба он саройбон бовар карда ӯро ба худ сирдон, ҳамрозу дамсоз кардааст.

Сабаб ҳамин буд, ки эътимоди Қорӣ-Ишкамба аз саройбони сарои «Қавказ» ҳам, ки назар ба ақидаи ӯ ягона одами мӯътамад ва худотарс буд, барҳам хӯрд ва он вақт, назар ба қавли ӯ, «дар дунёе касе намонд, ки аз ҳаққи кас тарсад ва ба пули ӯ чашм надӯхта бошад...»

* * *

Захме, ки саройбони «Қавказ» ба синаи Қорӣ-Ишкамба зада буд, ҳанӯз беҳ нашуда ва ба ҳам наёмада замона захми ҷонкоҳе ба ҷигаргоҳи ӯ зад, ки дигар тобу тавон дар пайкараш ва ақлу ҳуш дар сараш намонд. Ин захмро ба ӯ мирзои сари сандуқи (хазинадори) бое зад, ки ӯ аз он бой ва аз он мирзо ҳеҷ гоҳ ин гумонро надошт. Инчунин ин захм ба ӯ ба воситаи вексель зада шуд, ки, назар ба ақидаи ӯ, ин ягона ҳуҷҷати боамният ва барои пӯст кандани қарздорони бесавод дар дасташ корди бурроии қассобӣ буд.

Мирзо Абдулло ном мирзои сари сандуқи як бои миллионери Бухоро, ки дар ҳар гуна додугирифт аз

хӯчаини худ ваколат дошт, рӯзе аз рӯзҳои гармии бозори хариди пӯсти қарокӯлӣ аз номи хӯчаини худ аз Қорӣ-Ишкамба сад ҳазор тангаи Бухоро (понздаҳ ҳазор сӯми русӣ) қарз пурсид ва ба маблағи мазкур моҳе ду ҳазор танга фоида доданро ваъда намуд ва шарт кард, ки фоидаи думоҳаро ба тани пул зам карда ба ӯ векселли мӯҳлати думоҳа диҳад ва бо гузаштани ду моҳ тани пулро бо фоидааш адо намуда, вексельро гардонда гирад.

Қорӣ-Ишкамба бо шунидани ин пешниҳод чунон шодӣ кард, ки аз хурсандӣ дар пӯсташ намеғунчид сари синааш бо шикамаш дамида баромада аз пештарааш ду баробар калонтар шуд ва барои овардани пул шитобкорона ба тарафи банк нигоҳ карда давид. Ӯ дар роҳ чунон метохт, ки ба одамони раста нигоҳ намекард, ба саломи касе ҷавоб намедод, ҳатто ба ношу чон сари дӯкони одамони раста ҳам, ки пештар ба хӯрдани онҳо шарик шуданро ҳеҷ фурӯгузошт намекард, назар намеандохт, чашми ӯ аз ҳаяҷон чунон сиёҳ рафта буд, ки финдаю равандагонро намедид ва дар роҳ рафтан ба онҳо пешпо хӯрда, паҳлу ва бозу зада, сабаби дашном додан ва нафрин кардани онҳо мегардид. Аммо, аз он ҷо, ки ҳамаи ҳушу ҳавосаш ба як нуқта — ба нуқтаи ба банк тезтар расида рафта, зудтар пул гирифта овардан банд буд, он дашном ва нафринҳоро намешунавид.

Қорӣ-Ишкамба бо шунидани пешниҳоди Мирзо Абдулло ба он ҳама шодӣ кардан ҳақ дошт, зеро он фоидае, ки аз он муомила ба он маблағ дар ду моҳ мегирифт, аз банк қариб дар як сол ба дасташ медаромад...

Қорӣ-Ишкамба аз банк пулро гирифта бо ҳамон суръати аввалиаш ба пеши Мирзо Абдулло баргашта пулро ба рӯи кори ӯ ниҳода:

— Эй, эй, ана ин пу, пу, пулро шу, шу, шумурда ги, ги, гиред, ве, век, вексельро ди, ди, диҳед! — гуфт забонаш аз ҳаяҷон гирифта ва лакнат хӯрда.

Мирзо Абдулло пулро шумурда дида:

— Ин кам аст ин наввалу шаш ҳазор танга аст! — гуфт.

— Чаро кам? Наввалу шаш ҳазор танга бо фои-

даи думоҳааш сад ҳазор танга мешавад. Шумо ба сад ҳазор танга вексели думоҳа медиҳед, «нома тамом — вассалом» — гуфт Қорӣ.

— Не!..— гуфт Мирзо Абдулло мад кашида,— шумо ин коратонро ба деҳқонони бесавод кунед! Аммо маро фиреб дода наметавонед!

— Дар кучои ин муомила фиреб ҳаст? — Қорӣ худро ба нодонӣ ва соддагӣ зада пурсид.

— Охир, ман ба шумо ба сад ҳазор тангаатон моҳе ду ҳазор тангагӣ фоида доданро таклиф кардам, ки дар ду моҳ чор ҳазор танга мешавад,— гӯён Мирзо Абдулло аз сандуқ вексели яксаду чор ҳазорсӯмии думоҳаро бароварда ба Қорӣ-Ишкамба нишон дода давом кард: — Мувофиқи ваъдаам ана ҳамин вексельро тайёр карда мондам. Аммо шумо мехоҳед, ки аз ман ба навваду шаш ҳазор танга ҳар моҳ ду ҳазор танга фоида гиред. Ин бозиатон ба ман намегузарад. Агар ба ҳамин муомила толиб бошед, боз чор ҳазор танга биёред ва вексели яксаду чорҳазориро гиред, агар толиб набошед, ин пулатонро бардошта баред ва маро беҳуда аз корам намононед.

Қорӣ-Ишкамба бо шунидани ин чавоб бо суръати аз аввала ҳам баландтар ба тарафи банк давид ва чор ҳазор тангаи дигар гирифта ба пеши мирзо омада:

— Ана, ин маблағро ҳам гиред, вексели тайёр кардаатонро ба ман диҳед,— гуфт.

— Ин чӣ пул, кадом вексель? Ман намефаҳмам.— гуфт мирзо тааччубкунон.

— Ҳазл накунед! — гуфт Қорӣ-Ишкамба,— Ҳозир вақти масхарабозӣ нест. Зудтар пулро гирифта вексельро диҳед, аз давидан чонам баромад, як чой ҳам фармоед, ки як пиёла нӯшида нафасамро рост гирам.

— Ҳозир корам бисьёр аст, ба чойфармоӣ ва чойнӯшӣ фурсат надорам. Дар ягон вақти камкориам биёед, ман шуморо бо қандчой зиёфат хоҳам кард. Ҳозир аз пеши ман равед, ки ҳисобҳоро гум накунам.

— Охир, вексельро диҳед, ки ман биравам! — гуфт Қорӣ бо чиддият.

— Чӣ гуна вексель? Ин пулатонро бардошта баред, ки ба ман даркор нест. Ман на пул қарз мегирам ва на вексель медиҳам.

— Хуб, қарз, ки намегирифта бошед, навваду шаш ҳазор тангаи дафъаи аввал додаамро диҳед, ки ман биравам.

— Шӯхӣ накунед, Қорӣ амак! Вақт надорам, равед, ки ман корамро кунам.

— Шумо шӯхӣ карда истодаед! Лекин шӯхӣ ҳам бошад, дилам қариб ба кафидан расид. Ё зудтар пуламро диҳед ё вексельро!

— Девонагӣ бас аст, Қорӣ! Зуд бароед, ки кори зарурам бисьёр аст! — гӯён мирзо аз ҷояш бархост ва Қориро ба тарафи дар тела дода,— ҷои девонагон хонаи эшони хоҷаӯбонӣ [1] аст, на тиҷоратхона! — гуфт.

Қорӣ «вой, хонаам сӯхт» гӯён фарьёд мекашид ва монанди бачае, ки бозичаашро аз дасташ ба зӯрӣ гирифта бошанд, ҳунгосзанон гирья кардан гирифт.

Мирзо ходимони худро чеғ зада ба онҳо фармуд, ки он «девона»-ро аз он ҷо бароранд. Хизматгорон ӯро аз пеши мирзо баровардани шуданд, аммо ӯ рафтан намехост. Кашола карданд, ӯ худро ба замин партофта:

— Ҷони ман ин ҷо монд, ман чӣ гуна меравам, магар танаи беҷон роҳ рафта метавонад? — гӯён фарьёд мекашид.

Хизматгорҳо ҳам яқин карданд, ки ӯ девона шудааст ва аз дасту пои ӯ гирифта мурдавор кашола карда, на танҳо аз пеши мирзо, ҳатто аз дари сарой ҳам берунаш карданд ва ба саройбон фармуданд, ки дигар ӯро дар он ҷо роҳ надиҳад.

Қорӣ-Ишкамба, монанди саге, ки аз дари соҳибаш берун карда бошанд, фарьёдкунон баргашта ба сарой даромадан мехост, аммо саройбони шертавон ӯро гурбасон бардошта ба тарафи кӯча ҳаво медод.

Чун Қорӣ-Ишкамба аз даромадан ба сарой маҳрум монд, саллаашро аз сараш кушода ба гарданаш андохта:

— Ин чӣ бедодист?! Мусулмонӣ тамом барҳам хӯрдааст, вой дод, эй!..— гӯён ба тарафи арки амир

[1] *Дар Бухоро эшонони хоҷаӯбонӣ буданд, ки девонагонро ба умеди шифо ёфтан ба хонаи онҳо бурда мебастанд.*

давид. Акнун ӯро ҳар касе, ки ба ин ҳол дар роҳ медид, дар девона шудани ӯ шубҳа намекард...

Он вақт амир ба Россия рафта буд, дар дарвозаи арк[45] қозикалон ва қушбегӣ бо ҳам нишаста шаҳру мамлакатро идора мекарданд.

Қорӣ-Ишкамба рост ба пеши онҳо рафта худро ба замин партофт, фарьёдкашон воқеаро ҳикоят карда аз онҳо талаб кард, ки ҳаққи онро аз он Мирзо Абдуллои молимардумхӯр ситонда диҳанд ва илова кард ки:

— Ман фарзанд надорам ва меросхӯри дигар ҳам надорам, танҳо ду зан дорам, ки агар онҳо то мурдани ман зинда бошанд, аз ман чорьяки моламро мерос мегиранд, бақияи молам баъд аз сарам аз они подшоҳист. Ҳатто, агар шумоҳо лозим донетон, занҳоямро ҳам талоқ медиҳам, ки дар он сурат баъд аз мурданам ҳамаи молам подшоҳӣ мешавад. Бинобар ин шумо ҳокимони шаръи шариф ва ноибони ҷаноби олӣ пули маро пули ҷаноби олӣ дониста аз он худобехабар рӯёнда диҳетон ва дуои маро гиретон!

Аммо ҳокимҳо ба ин суханони Қорӣ-Ишкамба танҳо механдиданд. Азбаски обрӯи хӯҷаини он мирзо ба пеши ҳукумати амир аз обрӯи Қорӣ-Ишкамба зиёдтар буд, илтимоси ӯро рад карданд ва ҳамин қадар гуфтанд ки:

— Даъвои шумо даъвои муқаррарӣ нест, ки мо пурсем. Шумоҳо корвонбошӣ[46] доред, калону хурд доред ва ҳамаи муомилаи байни худро дар ҳузури онҳо бо вексель мекунед. Мо чаро бегувоҳии корвонбошӣ ва калонтарини савдогарон ва бе нишон додани вексель ба як одами баобрӯй дарди сар диҳем.

Қорӣ-Ишкамба боз фарьёд кашида девонагӣ мекард, аммо ӯро ясовулон[47] зада-зада аз арк фуроварда пеш карданд.

Қорӣ-Ишкамба тамоман девонаи шаққа шуда аз арк баргашт ва ба ҳар кас, ки вомехӯрд, хоҳ шинос бошад, хоҳ ношинос, ӯро нигоҳ дошта воқеаро нақл мекард ва аз ӯ маслиҳат мепурсид:

Шунавандагон ӯро «тасаллӣ» медоданд, ки:

— Хайр, Қорӣ амак, зарар надорад, дар асл пули шумо мурдор буд. Чунон ки «оби ганда ба хандақ» гуфтаанд, ҷояшро ёфта рафтааст...

Бо шунидани ин гуна «тасаллй» алами ӯ дучандон мешуд, ва «ба болои сӯхта намакоб» рехтагй барин фарьёд мекашид ва шунавандагонро дашном дода барои ёфтани шунавандагони дигар ба роҳаш давом мекард. Мардум механдиданд.

Дар ҳамон вақтҳо Қорй-Ишкамба як рӯз дар роҳ ба ман вохӯрд ва сари роҳи маро гирифта ҳикояи худро гуфт ва аз ман маслиҳат ҷуст. Ман, ҳар чанд тамоми ҳикояти ӯро пештар шунида бошам ҳам, худро чунон вонамудам, ки гӯё акнун шунида истода бошам. Афсӯс хӯрдам ва дар боби маслиҳат гуфтам, ки:

— Дар ин «кори бузург» ва «мусибати сахт» мо хурдон чй машварат дода метавонем, шумо рафта аз ҳокимон, аз калонони шаҳр маслиҳат пурсед.

— Эй, бар падари калонон лаъиат, хонаи калонон сӯзад, бачаи калонон мурад, ки арзи маро ҳеҷ нашуниданд,— гӯён дашном ва дуои бади калононро сар кард.

Аз ин ҳолати Қорй-Ишкамба беихтиёр ба хотири ман ҳикояти Бибй-Даҳбошй омад, ки дар ин ҷо менависам:

Дар Бухоро дар гузари Говкушон, дар пеши масҷиди Хоҷа, дар лаби рӯд, ки он тарафи он роҳи калон буд, гадоён ва сарсариён менишастанд.

Дар қатори онҳо чанд гоҳ дар он ҷо Бибй-Даҳбошй ном як занаки девона пайдо шуд.

Бачагон, чунон ки одати онҳост, ҳамеша ба девонагон мечаспанд, ба Бибй-Даҳбошй ҳам бисьёр мечақиданд: ба сару рӯяш хок мепошиданд, кафшу фаранҷиашро гирифта мегурехтанд, сарандозашро аз сараш бардошта ба оби рӯд мепартофтанд ва монанди инҳо шӯхиҳои шӯрапуштона мекарданд.

Бибй-Даҳбошй ҳам ба муқобили ин гуна ҳуҷуми бачагон ором наменишаст, онҳоро бо санг зада пеш мекард, дуои бад менамуд ва дашном медод.

Як рӯз ман дар сари пули Пушаймон, дар пеши масҷиди Хоҷа дар офтобрӯя нишаста будам, ки боз бачагон ба сари Бибй-Даҳбошй ғун шуданд ва ӯро азоб додан гирифтанд.

Ӯ сарлуҷу пойлуҷ дар миёнаи гурӯҳи бачагони сарсарй монда буд. Доманашро пури сангу кулӯх карда

як чанд бачаро ба як тараф пеш мекард, лекин чанд бачаи дигар аз пушташ расида омада аз либосаш кашида ӯро пуштнокӣ меғалтониданд. Ӯ аз ҷояш бархоста ин бачагонро пеш мекард, боз аз пушташ бачагони дигар мерасиданду ӯро меғалтонданд...

Оқибат Бибӣ-Даҳбошии бечора монда шуд ва доманашро пури санг карда ба девори масҷид такья карда нишаст, бачагонро дуои бад мекард ва наздик омадагонашонро бо сангу кулӯх мезад.

Дар ҳамин вакт як чанд бойҳои калони Бухоро бо чанд нафар муллоҳои калон гузарони роҳ шуда аз тарафи гузари Поччокул-ҳоҷӣ — аз тарафи Ғарб намудор шуданд. Бояд онҳо аз ягон тӯй омада истода бошанд, ки либосҳои бисьёр олишон дар танашон буд. Ҳар кадомашон аз таҳ ҷомаҳои сатини гулкалон, аз рӯй ҷомаҳои шоҳии қаршигӣ ва ҳисории зеҳкалон ва остаршоҳӣ пӯшида буданд, бар сарашон саллаҳои мисқолӣ[48] ва кулоҳҳои заррин, кимхобу кундал,[49] дар пояшон кафшу масҳиҳои локӣ буд.

Онҳо бояд барон ба мардум нишон додани ҳама ҷои либосҳои пуршаъну шавкаташон бошад, ки бари ҷомаҳошонро қадре чаппа карда роҳ мерафтанд. Оянда ва равандагон шоҳӣ будани остари ҷомаҳошонро ҳам медиданд.

Онҳо бо дандонхилолҳои тилло ва нуқра дандонҳошонро кофта-кофта бо камоли виқору тамкин — оҳиста-оҳиста бо ҳам сӯҳбаткунон қадам мепартофтанд.

Бибӣ-Даҳбошӣ, ки ҳуҷуми бачагон ба ҷонаш расонда буд, аз дасти онҳо ба калонон ба арзу ниёз даромад ва бо зорӣ илтиҷо кард:

— Аз сарҳотон гардам, калонҳо, балои бачаҳотонро гирам, калонҳо, тӯйҳои фарзандҳотонро бинетон, калонҳо, ин ҷомаву саллаҳотон ба худҳотон насиб кунад, калонҳо, пулу молҳотон ба рӯзи некатон сарф шавад, калонҳо! Маро аз дасти ин бачагони шум халос кунетон, калонҳо!..

Ба сухани як девона, хусусан, ки ӯ зан бошад, гӯш додан, ҳатто ба тарафи вай нигоҳ кардан ба шаъну шавкат ва савлату ҳашамати калонон, албатта, рост намеомад. Бинобар ин онҳо фарьёду фиғони ӯро но-

шунида ангошта, бо ҳамон виқору тамкини аввалиашон ба роҳашон давом карданд.

Бибӣ-Даҳбошӣ дид, ки аз калонон ҳеҷ мурode ҳосил нашуд, ҳатто онҳо ба тарафи ӯ нигоҳе ҳам накарданд, ба ҷон бачагон калононро монда ба дашном додан ва дуои бад кардан даромад:

— Ба фаровези ҷомаҳотон фалон кунам, калонҳо! Илоҳӣ ин ҷомаҳотонро мурдашӯй барад, калонҳо! Илоҳӣ пулу молҳотон насиби дуздону роҳзанон шавад, калбиҳо!..

Калонон, ки ба он ҳама дуо ва илтимосҳои Бибӣ-Даҳбошӣ гӯшашонро ба карӣ зада буданд, наметавонистанд, ки ба ин ҳама дашному дуоҳои бадаш ҳам худҳошонро ба нодонӣ заананд ва ҳамин тарз нишон диҳанд, ки гӯё онҳоро нашунидаанд. Зеро агар онҳо худашонро ношунида нишон диҳанд ҳам, дигарон мешуниданд, ки як занаки девона калонони шаҳрро чигуна масхара карда истодааст.

Лекин бо ҳамаи ин калонон дар ҳаққи як занаки девона чӣ кор карда метавонистанд. Коре, ки аз дасташон омад, танҳо ҳамин шуд, ки азамат ва виқорро ба як сӯ гузошта, бо он ҷомаҳои фохир, монанди бачагоне, ки онҳоро девонагон пеш карда бошанд, ба гурехтан даромаданд ва шитобкорона медавиданд, ки ҳар чӣ зудтар аз назарҳо пинҳон гарданд, то ки камтар касон донанд, ки Бибӣ-Даҳбошӣ онҳоро бо сару либоси пуршаъну шавкаташон аз хасрӯбадон гирифта ба лойдон зада истодааст.

Аммо чандин рӯзҳо вирди забони Бибӣ-Даҳбошӣ дашному нафрини калонон буд, бачагон ӯро озору азият диҳанд ҳам, ӯ калононро ҳақорат мекард ва то вақте ки Бибӣ-Даҳбошӣ зинда буд, калонон аз он кӯча намегузаштанд.

Аҳволи Қорӣ-Ишкамба ҳам, ки барои рӯёндани пули ба дасти Мирзо Абдулло рафтааш аз калонони шаҳр ёрмандӣ нахида буд, ба аҳволи Бибӣ-Даҳбошӣ монандии калӣ дошт, ӯ ҳам монанди он занаки девона шабу рӯз онҳоро дашном медод ва дуои бад мекард.

Баъд аз ин ҳодиса ва танҳо ба аҳволи рӯҳияи Қорӣ-Ишкамба дигаргунӣ рӯй дода аз эътидол баромад.

балки вазъияти ҷисмониаш ҳам дигар шудан гирифт: ӯ рӯз то рӯз аз гӯшт мефаромад, лоғар мешуд, пӯсти баданаш ба халтаи холӣ монандӣ пайдо мекард.

## XVII

Қорӣ-Ишкамба баъд аз ду-се моҳи воқеаи Мирзо Абдулло кам-кам ҳолати девонагиро аз сар гузаронида мизоҷаш ба эътидол наздик шудан гирифт. Акнун ӯ дар кӯчаҳо ба ҳар кас, ки вомехӯрд, баъд аз ҳикояи дарду аламҳои худ, дашном додани Мирзо Абдулло ва дуои бад кардани калонон мегуфт:

— Ҳар чӣ буд, гузашт, чист, ки нагузарад? «Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад».

Аммо ӯ ҳолати девонагиро гузаронида бошад ҳам, гӯшту равғани баданаш ба ҳолати аввалиаш наёмада буд, пӯсти баданаш монанди ишкамбаи аз мурдориҳо холӣ кардашуда чинҳои дағали баҳампечида пайдо карда буд, рангаш ҳам монанди ишкамбаи ҳайвоноти кушташуда сафедчатоби моил ба хокистарӣ менамуд...

Ҷанги якӯми ҷаҳонӣ сар шуд, дар қатори савдогарон, ҳаннотон ва судхӯрони дигар кори Қорӣ-Ишкамба ҳам боло гирифтан гирифт: савдогарон ва ҳаннотон имрӯз як чизро харанд, фардо он чизро ба ду чанди тани харидашон мефурӯхтанд. Дар ин шароит ба фоидаи сармояи худ қаноат накарда ба дари судхӯрон медавиданд ва ба ҳар гуна фоизи барзиёд бошад ҳам, пул қарз мегирифтанд ва чизҳои зарурии кам ёфташавандаро харида анбор мекарданд. Дар ин гуна мавридҳо судхӯри серпуле, ки кисаи ҳаннотонро пур карда тавонад, Қорӣ-Ишкамба буд. Табиист, ки аз ин гуна муомилаҳо кисаи худи Қорӣ-Ишкамба ҳам ба хубӣ пур мешуд ва аз оши сергӯшту равғани ҳаннотон шиками худро ҳам то ба дараҷаи ба кафидан расидан пур мекард.

Дар соли дуввӯми ҷанг пӯсти бадани Қорӣ-Ишкамба таранг, гӯшти зери занахаш овезон ва шикамаш ҳам аз пештарааш калонтар шуд; маблағҳояш ҳам аз ду миллион зиёдтар шуда, монанди магасони гӯштхӯр, бачагони бешумор (фоидаи аз ҳад зиёд) мезоиданд.

Қорӣ-Ишкамба бо вуҷуди он ҳама фоидаҳо кори Мирзо Абдуллоро фаромӯш намекард ва дар сари ҳар оше, ки рӯзе чанд бор ба вай рост меомад, ӯро дашном медод ва дуои бад менамуд. Дар соли саввӯми ҷанг — соли 1916 меҳнаткашон ва фақирон чунон хонавайрон шуданд, ки барои «қути лоямут»[1]-ашон нони хушк намеёфтанд. Ба муқобили ин ҳол, ҳаннотон чунон серпул ва сермол гардиданд, ки барои гузоштани молу пулашон ҷой ва барои харидан чиз кам меёфтанд. Савдогарони Москварав бошанд, бо тилло ва брильянт бозӣ мекарданд. Дар ин вазъият савдогарон ва ҳаннотон ба судхӯрон мӯҳтоҷ намешуданд. Бинобар ин дар соли саввӯми ҷанги ҷаҳон ба кори Қорӣ-Ишкамба сустӣ омад. Ӯ маҷбур шуд, ки ҳамаи пулҳояшро ба банк монад ва ба фоизи ками он қаноат кунад.

Дуруст аст, ки аз он маблағи калон, ки аз ду миллион сӯм зиёд буд, ба ҳисоби банк ҳам хеле фоида мерӯид. Лекин ин хумори ҳирси ӯро шикаста ва даҳони ба тарафи фоидаи калон кушодашудаашро баста наметавонист. Ҳар қадар, ки пулаш бисьёр гардад, ҳамон қадар ҳам, ба фоидахӯрӣ ҳирсаш зиёда мегардид.

Ӯ мехост, ки аз он маблағи калон монанди пештара соле бисту панҷ-сӣ фоиз фоида гирад. Аммо ин муяссараш намешуд, ба қавли ӯ: «он рӯзҳоро об бурда буд», «он сабӯ шикаста ва он паймона рехта буд».

Бар болои ин, дар соли 1916 хӯрданиҳои ӯ ҳам аз пештара камтар гадида буд. Зеро бойҳо, ки дигар аз вай қарз намегирифтанд, ӯро ба сари табақи худ роҳ ҳам намедоданд. Банкҳое, ки ӯ дар он ҷо ҳисоби ҷорӣ дошт, танҳо ҳар рӯз соати даҳ ба ӯ қандчой медоданд. Бинобар ин ӯ маҷбур буд, ки ба оши муқарраарии ҳуҷранишинонаш, ба ошҳои тӯй ва худой, ки гоҳо рост меомаданд ва ба чалпакҳои сари мазор қаноат кунад.

Ба ин сабабҳо аз соли 1916 сар карда Қорӣ-Ишкамба дубора аз гӯшт фуромадан гирифт, рангаш заҳир шуд ва шикамаш хурдтар гардид.

---

[1] Қути лоямут — хӯрдании каме, ки одамро аз гуруснагӣ кашида мурдан нигоҳ медорад.

Дар он вақтҳо рӯзе ӯро дар ҷое дидам ва сабаби лоғар шуданашро пурсидам. Ӯ гуфт:

— Ман пештар дар ҳар шабонарӯз чандин бор қазию палав, мантую чалав, тушбераю мурғбирьён, барракабобу боимҷон мехӯрдам, акнун аз он хонадонҳое, ки ман пештар ин чизҳоро аз он ҷоҳо мехӯрдам, ҳарчанд бойтар шуда бошанд ҳам, барака паридааст. Дерест, ки ман аз он ҷойҳо лаб тар накардаам, «гову гӯсфанд ҳам бо хӯрдан фарбеҳ мешавад» гуфтаанд. Ман, ки чизи хӯрдани дуруст намеёбам, чӣ гуна лоғар нашавам?

Ӯ қадре хомӯш истода бо оҳанги миннатдорӣ илова кард:

— Худо хайрашро диҳад, хайрият, банк будааст. Ҳамин, ки ба вақти ҷояш расида меравам, ба пеши ман қанддонро пури қанд карда бо истакони пурчой оварда мемонанд. То пур шудани истакон қанд меандозам, ба ҳадде, ки ҷояш рехта меравад, баъд аз об шудани қанд ба болояш чои гарм рехта нӯши ҷон мекунам. Агар рӯзе се истакон ҳам нӯшам, ба мудири банк малол намеояд, балки вақташ хуш мешавад.

— Акнун пули худатон ҳам аз ҳад афзун шудааст, — гуфтам ман,— худатон пир ҳам шудаед, чӣ мешавад, ки ҳар шаб аз пули худатон яке аз таомҳои дилхоҳатонро пазонда хӯред ва нафси ба пурхӯрӣ одаткардаатонро ором диҳед?

Ӯ дар ҷавоби ин сухани ман байтеро, ки яке аз шоирони он замон дар ҳаққи судхӯрон гуфта буд, хонд:

> Судхӯр аз пули худ нон шиканад, гар ба масал —
> Ши[illegible] сандон шиканад, атола зандон шиканад.

* * *

Дар охирҳои соли 1916 воқеае рӯй дод, ки он Қорӣ-Ишкамбаро тамоман аз кор баровардa саросема кард, ин шӯхиҳои «бемавриди» ширинкорони Бухоро буд.

Ин ширинкорон агар мешуниданд, ки Қорӣ-Ишкамба, масалан, пулҳояшро дар «Соединённый банк»

мондааст, яке аз онҳо бо вазъияти дилсӯзӣ пеши Қорӣ-Ишкамба меомаду гӯшакӣ карда ба ӯ мегуфт:

— Оё, шунидед, Қорӣ амак? Кори «Соединённый банк» бад шудааст, як маблағи калонаш дар дасти аскарони душман афтодааст. «Имрӯз—фардо мешиканад» мегӯянд. Ҳар чӣ бошад, эҳтиёт кунед!

Қорӣ-Ишкамба бо шунидани ин хабар дартоз ба банки мазкур мерафту аз он ҷо пули худро дарҳол, масалан, ба «Русско-Китайский (Азиатский) банк» мегузаронид.

Албатта, ин воқеаи ба банки дигар гузаронида шудани пули Қорӣ-Ишкамба аз ширинкорон пинҳон намемонд. Боз яке аз онҳо пеши ӯ меомад, чизеро, ки рафиқаш дирӯз дар ҳаққи «Соединённый банк» гуфта буд, вай имрӯз дар ҳаққи ин банк мегуфт. Боз Қорӣ-Ишкамбаи сарсахт маҷбур мешуд, ки пули худро ба банки дигар, ё боз ба ҳамон «Соединённый банк» гузаронад.

Ҳар чанд дӯстонаш ба ӯ маслиҳат медоданд, ки пули худро ба банки подшоҳӣ гузаронад ва банки подшоҳӣ то вақте, ки давлати императорӣ барқарор аст, пойдор хоҳад буд, ӯ қабул намекард, зеро банки подшоҳӣ аз банкҳои дигар камтар фоида медод...

Оқибат банкҳо ба ҷон омада пули ӯро қабул намекардагӣ шуданд. Ӯ маҷбур шуд, ки ҳамаи пулҳояшро ба банки подшоҳӣ гузаронад.

Дере нагузашт, ки дар ҳаққи банки подшоҳӣ ҳам хабарҳои шикастро баровардан гирифтанд. Ҳар гоҳ, ки дар газетаҳо хабари шикасти аскари подшоҳӣ навишта мешуд, ширинкорон ва ҳангоматалабон ҳар хабарро ду чанд калонтар карда ба Қорӣ-Ишкамба мегуфтанд ва ба ӯ маслиҳат медоданд, ки аз банк дар эҳтиёт бошад, аҷаб нест, ки он шикаста монад ва пулҳояш, ки «бо ҳазорон хуни ҷигар гундоштааст» сӯзанд.

Аммо ӯ чӣ гуна эҳтиёт карда метавонист? Агар банк шиканад ҳам, чорааш чӣ буд? Пулро аз бими дуздон дар хона ва саройи монда нашавад, пас чора чист?..

Қорӣ-Ишкамба кам-кам пай бурд, ки ширинкорон қадре муболиға карда хабарҳоро аз будаш зиёдтар

намуда ба ӯ мерасонанд. Бо вуҷуди ин, ки пештар ба ҷое, ки газета хонда истода бошанд, ҳеҷ наздик намешуд, аз газетаҳонҳо хабарҳои ҷангро мепурсидагӣ шуд. Лекин хабарҳои забонӣ гуфтаи онҳоро бовар намекард. Бинобар ин онҳоро газета мехононд ва худаш бевосита шунида муҳокима мекард.

Кам-кам дар газетаҳо хабарҳои шикаст чунон бисьёр шуданд, ки бе шӯхии ширинкорҳо ҳам аз онҳо дар воҳима афтодан гирифт. Ин ҳолро рафта ба мудири банки подшоҳӣ гуфта аз вай маслиҳат пурсид:

— Агар худо нахоста давлати императорӣ тамом шиканад, мову шумо чӣ кор мекунем? — гуфт.

Мудир ӯро тасаллӣ дода:

— Давлати императорӣ аз санг ҳам сахттар ва аз кӯҳ ҳам устувортар аст, чунки ин давлатро вазирони ҳазрати олӣ, ки донишмандтарин одамони дуньё мебошанд, идора мекунанд, бинобар ин, иншоолло, ба давлати олӣ хеҷ офат нест. Газетаҳои туркию тоторӣ ба ҳазрати император душман мебошанд ва ҳар гуна хабарҳои дурӯгро сохтаю бофта паҳн мекунанд. Хабари ростро аз газетаҳои русӣ ёфтан мумкин аст,— гуфт ва қадре хомӯш монда, илова намуд:

— Ба ҳар кадоми газетаҳои русӣ ҳам бовар кардан дуруст нест, дар байни онҳо ҳам душманони зоти муқаддаси император кам нестанд, бинобар ин шумо хабарҳои кӯчагиро ва хабарҳои ҳар гуна газетаҳоро бовар накунед! Ва ҳар рӯз ба пеши ман оед! Ман ба шумо аз газетаҳои мӯътабари русӣ хабарҳои ростро хонда тарҷима карда медиҳам.

Баъд аз ин мусоҳиба Қорӣ-Ишкамба ҳар рӯз пештар аз ҷои чошттохии банк ба пеши мудири он мерафт. Мудир барои ӯ кадом газетаи русӣ, ки рост оянд, ба овози баланд мехонд ва ба ҷои тарҷимаи хабарҳои он газета чизҳоеро, ки худ сохтааст, ба ӯ мегуфт, ки ба гӯши вай бисьёр мефориданд. Бо шунидани он «хабарҳо» Қорӣ-Ишкамба:

— Худо хоҳад, ба давлати императори муаззам, ки пушту паноҳи ин банк ва ба воситаи ин пушту паноҳи ман ҳам мебошанд, хеҷ офат нест! Чашми душманонашон кӯр ва забони касоне, ки хабарҳои дурӯғ паҳн мекунанд, бурида бод! — гӯён аз пушти мудир

мебаромад ва ба чойхонаи банк рафта истаконро пури қанд карда ба болояш чои чӯшон рехта, осудадилона нӯшида, ба кӯча мебаромад ва ба сари дӯконҳои газетахонҳо нишаста ба муқобили хабарҳое, ки онҳо аз газетаҳо нақл мекарданд, «хабарҳои» аз мудири банк шунидаашро яке бар даҳ муболиға карда гуфта, хабарҳои онҳоро рад мекард. Аммо газетхонҳо барои тарсондани ӯ мегуфтанд:

— Аҷаб нест, ки инқилоб шуда мамлакат зеру забар шавад, дар он вақт ба фармони подшоҳ ва вазирони ӯ касе гӯш нахоҳад дод ва бенавоён сар бардошта хонаи бойҳоро тороҷ хоҳанд кард. Дар он вақт вой ба холи шумо!

Қорӣ-Ишкамба аз калимаи «инқилоб», ки дар натиҷаи он хонаи бойҳо тороҷ мешудааст, дар дили худ сахт тарсад ҳам, бо оҳанги худтасаллидиҳӣ ба газетахонон ҷавоб медод:

— Инқилоб шавад шудан гирад, ба ман чӣ дахл дорад? Ман, ки дар хонаам чизе надорам, аз тороҷ шудани вай чӣ метарсам...

* * *

Дар соли 1917 инқилоби феврал ба вуҷуд омад, подшоҳи Россия аз тахт фуроварда шуд. Он чизе, ки Қорӣ-Ишкамба дар дили худ аз вай метарсид, ба сараш омад. Ӯ донист, ки дуоҳои ӯ дар ҳаққи «императори муаззам» беасар рафтаанд. Аз тахт фуроварда шудани подшоҳро акнун мудири банки подшоҳӣ ҳам инкор намекард, лекин ӯ аз тасаллӣ додани Қорӣ-Ишкамба ҳанӯз ҳам бознамеистод.

— Императори муаззам аз тахт фуроварда шуда бошанд ҳам, зарар надорад,— мегуфт ӯ,— дар сари ҳукумат касоне нишастаанд, ки ҳамаашон одамони банкҳои мо, савдогарон ва заминдорони калон мебошанд. Онҳо роҳ намедиҳанд, ки банки мо шиканад, ва пули шумо барин хайрхоҳи давлатмандон сӯзад. Ҳатто аҷаб нест, ки ба ҷои ҳазрати император амакашон Великий князьро подшоҳ бардоранд...

Аммо Қорӣ-Ишкамба акнун бо ин гуна суханҳо тасаллиёб намешуд, зеро ӯ шунида истода буд, ки ин

корҳоро инқилоб, ки аз вай табиатан метарсид, карда истодааст: ӯ шунида буд, ки дар Россия мужикони[30] қишлоқ сар бардошта ҳавлӣ, замин, молу асбоби деҳқонии заминдорони калонро пахш карда гирифта истодаанд. Аҷаб набуд, ки ин ҳол дар шаҳрҳо ҳам роҳ ёбад ва пойбараҳнагони Петроград ва Москва барин шаҳрҳои марказӣ ба по хеста банки подшоҳиро пахш карда гиранд, дар он вақт, албатта, банки подшоҳӣ, ки дар Бухоро ҳаст, низ мешикаст ва дар натиҷа пули у ҳам, ки аз ҷонаш азизтар аст, месӯхт. Ӯ бо ин андешаҳои пурдаҳшат ба фарьёд омада нолакашон мегуфт: «Омад ба сарам ҳар он, чи метарсидам!»

Қорӣ-Ишкамба ҳар чанд фикр мекард, аз ин «қазои осмонӣ»[31] роҳи халосӣ намеёфт ва ғайр аз хун хӯрдан, алам кашидан, аз гӯшт фуромадан ва ишкамбаи худро то рафт хурд кардан чораи дигаре надошт.

Ӯ чӣ кор ҳам карда метавонист? Ӯ аз тарси дуздон пулро бурда дар хонаи худ ё дар ягон сарой монда натавонад, бойҳо ба қарз нагиранд, агар ба ҳукумати амир супорад, ӯ рӯйрост пулҳои ӯро мехӯрад, пас ба ғайр аз он ки «то омадани табар кунда меосояд» гӯён пулҳояшро ба банки подшоҳӣ мондан гирад, чораи дигаре надошт...

Қорӣ-Ишкамба дар он рӯзҳо ба кӯча камтар мебаромад ва дар вақти ба кӯча баромадан ҳам, бо тангкӯчаҳо ва паскӯчаҳо роҳ мерафт, то ки ба ягон одами «шумхабар» вохӯрда хабари бадеро шунида дилаш сиёҳ нашавад. Ӯ дар он рӯзҳо танҳо ба банк рафта чой менӯшид, ба пеши ҳуҷранишинонаш рафта ош мехӯрд ва ба ҷанозаҳо рафта ертиш мегирифт, аммо ба раставу бозор намебаромад...

## XVIII

Қорӣ-Ишкамба дар тирамоҳи соли 1917 шунид, ки «большевик» ном «касе» ба сари ҳукумат омадааст. Ӯ ин номро аз он пеш нашунида буд. Дуруст аст, ки ӯ аз мудири банки подшоҳӣ, эҳтимоли подшоҳ шудани... князьро шунида буд, аммо ин ном ба он номе ки ҳоло аз ёдаш баромадааст, монандӣ надошт. Лекин

ачаб набуд, ки ин ном номи дигари ҳамон... князь бошад, ки мудири банк хабар дода буд. Дар ҳар ҳол таҳқиқ кардани ин хабар ва муайян намудани кӣ будани «большевик» лозим буд.

Қорӣ-Ишкамба барои ҳал кардани ин масъала рост ба банк рафт, то ки мудирро, ки «ягона одами ростгӯй» аст, дида ҳақиқати ҳолро фаҳмад.

Аммо Қорӣ-Ишкамба вақте ба бинои банк расид, ки ходимони он ҷо сандуқ ва халтаҳои нақдинаашонро гирифта ба Коғон рафта буданд. Ӯ аз ходимони банк танҳо тарҷумонро дид, ки аз ҳама охиртар аз бинои банк баромада ба хонаи худ мерафт.

Тарҷумон аз ҷумлаи ширинкорони Бухоро буд, ки чандин бор бо хабарҳои беасоси худ Қорӣ-Ишкамбаро тарсонда буд. Ӯ аввал хост, ки аз он «шумхабар» чизеро напурсад, то ки бо ҷавобҳои бардурӯғи ӯ дилаш сиёҳ нашавад. Аммо боз фикр кард, ки «то бад нагӯй, нек намеояд» гуфтаанд, ҳар чӣ бодо-бод! Аз ӯ мепурсам, пас аз бадгӯиҳое, ки ӯ албатта, дар ҷавоби пурсиши ман хоҳад кард, шояд рӯзи неке пеш ояд».

Қорӣ-Ишкамба бо ҳамин мулоҳиза аз тарҷумон пурсид:

— «Ба сари ҳукумати Россия большевик омадааст» мегӯянд, ин хабар рост аст ё дурӯғ?

— Рост аст! — тарҷумон ҷавоб дод.

Қорӣ-Ишкамба аз ин ҷавоби эҷобии тарҷумон як дараҷа хурсанд шуда, боз пурсид:

— Магар «большевик» ҳамон «вел», ё «век», ё «велка князь» нест, ки мудиратон ба сари ҳукумати Россия омадани ӯро тахмин мекард?

— Шумо магар «Великий князь» гуфтан мехоҳед, ки мудир ба мо ҳам борҳо дар бораи ӯ фоли нек зада буд? — тарҷумон эзоҳ пурсид.

— Бале, бале худашон «Великий князь, Великий князь» номи муборакашонро боз фаромӯш накунам «Великий князь»...— Қорӣ-Ишкамба ин номро чандин бор такрор кард.

— Не...— гуфт тарҷумон мад кашида ва давом намуд,— «большевик» дигар асту «Великий князь» дигар! Большевик лингги князьҳоро аз осмон меорад!

Қорӣ-Ишкамба бо шунидани ин ҷавоб аз тарс яккад парида пурсид:

— Хуб, шӯхиро як тараф монед, ба ростӣ гӯед, ки большевик аз инқилоб, ки чандин моҳ боз сар бардошта ҳамаро безобита кард ва Николай барин як подшоҳи нозанинро аз тахт фуровард, бехтар аст ё не? Ва ӯ ба ҳоли мо барин касоне, ки нахӯрда, напӯшида, рост гуфта, дурӯғ гуфта панҷ-шаш танга ғундоштаем, раҳм карда ба ҳоламон мегузорад ё не?

Тарҷумон баъд аз қадре фикр карда истодан ба ҷавоб додан даромада гуфт:

— Он инқилобе, ки то ҳол шунидед ва аз вай монанди харе, ки аз шер тарсад, дар биму ҳарос афтодед, кори аввалини большевикон буд. Большевикон роҳ намедиҳанд, ки шумо барин судхӯрон миллионҳо сӯм пулашонро, ки аз хӯрдани хуни мардум ҷамъ кардаанд, дар банк гузошта, аз фоидаи он маблағ ҳар сол садҳо ҳазор сӯм даромад карда шикамашонро хорида нишинанду оммаи мардум аз гуруснагӣ бимиранд. Бинобар ин ман гумон надорам, ки онҳо ба шумо раҳм кунанд.

Ин ҷавоброшунида ранги Қорӣ-Ишкамба парид, аъзои баданаш ба ларза афтод, худдорӣ кардан натавониста ба девор такья карду бо тарзи худ тасаллидиҳӣ гуфт:

— Хуб, банки шумо, ки пули ман дар вай аст, ҳанӯз побарҷост, «то реша дар об аст, умеди самар аст» гуфтаанд. Аз марги наёмада ин қадар тарсида ҳар рӯз сад бор мурда, зинда шуда азоби ҷонканиро кашиданам барои чист?

— «Реша дар об нест! — гуфт тарҷумон бо оҳанги қатъие, ки қариб буд дили Қорӣ-Ишкамбаро кафонад,— дар Петроград, дар Москва ва дар дигар шаҳрҳои калон большевикон банкҳоро гирифтанд; фабрикаҳо ва заводҳоро гирифтанд; пароходҳои дарьёҳоро гирифтанд; роҳҳои оҳан ва вагонҳоро гирифтанд; «ҳамаи заминҳои замиидорони калон бо асбоби деҳқониашон аз они деҳқонони камбағал ва меҳнаткаш» гуфта қонун баровӯрданд... Пас дар ин ҳол чӣ гуна «реша дар об» мешавад. «Реша дар об нест, дар оташ аст»; реша месӯзад, балки сӯхта хокистар шуд, аммо шумо

гумон мекунед, ки «реша дар об аст», «хона аз пойбанд вайрон аст», аммо шумо хурсандӣ мекунед, ки «бомаш саломат асту побарҷост»...

Қорӣ-Ишкамба гумон кард, ки раги ширинкории тарҷумон ҷунбида шӯхиҳои навбатиашро сар кард ва ӯ мехоҳад, ба воситаи ин шӯхиҳои бемаврид ӯро беаҷал кушад, вагарна ҳеҷ мумкин нест, ки «большевик» ном як кас баромада ҳамин қадар сарвату дороие, ки аз они шахсҳои ҷудогона ва моли хусусии ширкатҳои одамони махсус будани онҳоро ҳам қонуни шариат ва ҳам закуни императорӣ ҳимоят мекунад, «аз они ман» гуфта нишинад ва ба ӯ касе чизе ҳам нагӯяд!».

Қорӣ-Ишкамба бо ин мулоҳиза оташинона ба тарҷумон гуфт:

— Дафъ шав, аз пеши назарам, дур рав, шумхабари кӯрнамаки даҳон бефаровез! Илоҳӣ забонат бурида бод! Фардо бин, туро чӣ кор мекунам! Фардо агар ин суханҳои ту кӯрнамакро ба мудир хабар дода, туро аз хизмати банки подшоҳӣ пеш накунонам, ман одам набошам!

Тарҷумон ба ин суханҳои Қорӣ-Ишкамба қаҳқосзанон хандид ва дар зимни ханда:

— Шумо аз ин пеш ҳам одам набудед! — гуфта хандакунон аз пеши ӯ дур шуд.

Қорӣ-Ишкамба аз хандаи тарҷумон ба гумони худ ҷозимтар шуд, ки ӯ шӯхӣ карда будааст, бинобар ин қадре дилаш кушода шуд, аммо ҳамон лаҳза суханони пурдаҳшати ӯро ба ёдаш оварда «агар гуфтаҳои ӯ рост бошанд, ҳоли ман чӣ мешавад?» гӯён дар тарс афтод ва ҳамчунон монанди ҳайкали беҷон ба девор такья карда фурсате беҳиссу ҳаракат монд...

Қорӣ-Ишкамба баъд аз он, ки чанд дақиқа ба девори бинои банк такья карда истод, «акнун дар ин ҷо истодан бефоида аст,— гуфта ба худ андешид,— банк баста шуда, мудираш ҳам ба Коғон рафтааст, ман дар ин ҷо аз кӣ хабарҳои ростро мефаҳмам?».

Ба ҳамин мулоҳиза ӯ низ ноҷор роҳи хонаи худро пеш гирифт...

Қорӣ-Ишкамба бо вуҷуди ин, ки он рӯз аз рӯҳ афтода бисьёр суст шуда буд ва мувофиқи одати рӯзҳои охиринаш бо паскӯчаҳои камодам мерафт, ши-

тобкорона қадам мепартофт, то ки ба ягон ширинкори шумхабар вохӯрда аз вай хабарҳои пурдаҳшат шунида дилкаф нашавад ва пеш аз омадани аҷали табиӣ мурда аз пулҳояш ҷудо нашавад.

Қорӣ-Ишкамба аз мурдан наметарсид, агар ӯ медонист, ки баъд аз мурданаш пулҳояшро ҳамроҳи мурдааш бурда дар гӯр дар як ҷой мегӯронанд, ин гуна маргро бо хурсандӣ пешвоз мегирифт. Аммо ӯ аз он гуна марг метарсид, ки бимираду ба сабаби мурдан аз пулҳояш ҷудо шавад. Ҳар гоҳ, ки ба хотири ӯ ин гуна марги «пурдаҳшат» мерасид, афсӯсхӯрона байти зерини Мирзо Абдулқодири Бедилро[32], ки ба маҳбубааш хитобан гуфтааст, ӯ ба пулаш, ки назар ба ақидааш, аз ҳар гуна маҳбуба маҳбубтар аст, нисбат дода замзама мекард:

Дар дами мурдан маро бар зиндагӣ афсӯс нест,
Ҳайф домонат, ки аз дастам раҳо хоҳад шудан.

Назар ба фикри Қорӣ-Ишкамба ҳаёт иборат аз пул буд, ҳаёт ва лаззатҳои ҳаёте, ки ҷудо аз пул бошад, ба чизе намеарзиданд.

* * *

Қорӣ-Ишкамба ба хонааш рафта бо кӯфтагии рӯҳӣ зуд дар ҷойхобаш ёзид, аммо ӯро хоб намебурд, соате сад бор аз паҳлу ба паҳлу мегашт, чун мӯи дар оташ афтода, ба худ мепечид ва монанди мори саркӯфта, талвоса мекард ва ҳар чанд орзу кунад ҳам, рӯи осудагиро намедид. Ночор саҳари барвақт аз ҷояш бархоста таҳорат кард ва қуръонро, ки аз рӯзи хатми қуръони занонаш боз ба дасташ нагирифта буд, аз токча гирифта кушода ду-се оят тиловат кард. «Каломи шариф»-ро шафеъ оварда «аз даргоҳи худои карим» дубора бар тахт нишастани императори муаззамро бо зорӣ пурсид...

Вай баъд аз шунидани азони бомдод, ки як соат пештар аз баромадани офтоб гуфта мешуд, аз ҳавлиаш баромада ба масҷиди Мағоқ рафта намози бомдодро бо ҷамоат адо кард, аммо дар ҳалқаи маснавихонӣ, ки ҳар пагоҳ дар он ҷо баъд аз бомдод таш-

кил меёфт ва пештар нишаста шунидани маснавии Мавлавии Румиро одат карда буд, он рӯз нанишаст ва зуд аз масчид баромада ба пеши дари бинои банки подшоҳӣ, ки дар тими нав (дар пассажи Бухоро) воқеъ шуда буд, шитобкорона рафта, дар он чо бар рӯи санги мармар нишаста аз Қогон омадани мудири банкро нигарон шуд, то ки аз вай «хабарҳои хуши пухта»-ро шунида осуда гардад ва тарчумони шумхабари кӯрнамакро, ки дирӯз рӯйрост ба давлати императори муаззам душманин худро нишон дода буд, аз хизмати банк дур кунонад...

Соат ҳашт шуд, аммо мудири банк бар хилофи одати муқаррариаш то он вақт аз Қогон наёмад... Соат нӯҳ шуд, аммо аз ӯ ҳанӯз хабаре нест ва ходимони дигари банк ҳам то ҳол наёмаданд... Дили Қорй-Ишкамба аз тангӣ ба кафидан расид, ӯ гумон мекард, сари синааш, ки чанд гоҳ боз аз гӯшт фуромада пӯсташ ба устухонаш часпида буд, дамида рафта истодааст ва дар хаёлаш чунин меомад, ки сандуки синааш аз камоли дамидагӣ мекафад ва дилу шушаш аз он чо берун баромада меравand. Ӯ сари синаашро бо кафу панчаҳои ду дасташ пахш мекард, аммо дамидагии он чо зер намехӯрд, баръакс дақиқа ба дақиқа боз ҳам баландтр медамид...

Соат даҳ шуд... Ёздаҳ шуд, аммо ҳанӯз аз Қогон касе наёмад... Акнун Қорй-Ишкамба дар дили худ мегуфт, ки «агар ҳамон тарчумони шумхабар ҳам меомад, хуб мешуд: дурӯғ ҳам бошад, шӯхӣ ҳам бошад, ҳар чӣ бошад — бошад, ягон хабар мерасонд, кори ман яктарафа мешуд. Аз ин гуна каҳдудвор кӯр-кӯр сӯхтан, якбора даргирифта шӯълавар шудан беҳтар аст!» Аммо ӯ ҳам наёмад...

Дили Қорй-Ишкамба бетартиб ва пасту баланд задан гирифт, гоҳо дили ӯ чунон суст шуда мерафт, ки қариб аз ҳаракат бозмеистод, гоҳо ба дарачае баланд мезад, ки садои дукур-дукури зарбаҳояшро худ мешунид...

Роҳи нафаси Қорй то рафт тангтар мешуд, боре чунин ҳолате рӯй дод, ки ӯ нафас кашида натавонист ва аз тангиң нафас наздик буд, ки ба замин ғелад. Ӯ бо умеди қадре ёзондани роҳи нафас аз чояш бар-

хост, аммо сараш гашта ва чашмонаш сиёҳ зада қариб буд, ки ба кӯча ғалтад, лекин ӯ пуштнокӣ ба девор такья карда худро аз ғалтидан нигоҳ дошт...

Қорӣ-Ишкамба дар вазъияти рост ба девор такья карда истодан ду-се нафаси дароз кашид, роҳи нафасаш қадре кушода шуд, ӯ ҳолати тангии дил ва ғалаёни хунро гузаронида буд... Ӯ баъд аз қадре ором гирифтан соаташро аз бағал бароварда кушода дид, мили соат ба дувоздаҳ наздик расида буд. Ӯ ин дарача дер шудани вақтро бовар накард ё ин ки бовар кардан намехост, «ачаб нест ки мизони соатам [13] таранг шуда пеш рафта бошад» гуфта дар дили худ худро тасаллӣ дод ва барои тасдиқ кунонидани ин умеди худ аз касе, ки дар он вақт аз пеши бинои банк мегузашт, пурсид:

— Соат чанд?

Роҳгузар бе он, ки аз роҳаш бозистад, аммо қадамашро қадре сусттар партофта, соаташро аз бағалаш бароварда кушода дида:

— Дувоздаҳ,— гӯён бо суръати пештарааш гузашта рафт.

Қорӣ-Ишкамба пеш нарафтан, балки пас мондани соати худашро фаҳмида дар ноумедӣ афтод, аммо дар ҳамон лаҳза дар дили ӯ суст ҳам бошад, партави умеди дигаре пайдо шуда худ ба худ гуфт: «ачаб нест, ки мудири банк бемор шуда бошад ё пои аспаш шикаста бошад ё ин ки ба фойтунаш ягон шикаст пайдо шуда бошаду бинобар ин имрӯз ба шаҳр омада натавониста бошад ё ин ки дер монда бошад...»

— Хуб,— гӯён аз дили худ гузаронид Қорӣ-Ишкамба — бархилофи ҳамаи умедҳои ман ин муайян аст, ки соат дувоздаҳ шудааст, аммо то ҳол на аз мудири банк ва на аз ходимони банк асаре нест, вақти намози пешин ва чанозаи хонақоҳи Девонбегӣ ҳам расид. Акнун дар ин чо истодан ҳам фоида надорад, балки зарар дорад, ки аз чанозаҳои худой ва ертишхои онхо маҳрум мемонам, «аз ин чо рондаю аз он чо монда» шудан кори беақлона аст. Ҳамин қадар зарар бас аст, ки имрӯз аз оши пешазпешинии ҳучранишинам маҳрум мондам...»

Қорӣ-Ишкамба бо ҳамин мулоҳиза аз роҳрави цементии пеши банк ба тарафи лаби ҳавзи Девонбегӣ раҳсипор шуд, аммо баъд аз ду-се қадам партофтан аз рафтан бо роҳи рост бозистода фикр кард, ки «ба растаи баззозии фуромада бо кӯчаи калон равам, бехтар аст, чунки дар он раста оянадагони Когон аз дур намоён мешаванд, шояд дар он роҳ ба мудир ё ходимони аз Когон оянадаи банк вохӯрда, аз онҳо ягон хабари тасаллибахше шунавам».

Вай бо ҳамин андешаю умед ба дасти рост баргашта ба растаи баззозии поён фуромад ва аз он ҷо ба тарафи шарқ, ба рӯ ба рӯи аз Когон оянадагон нигоҳ карда қадам партофт ва дар ҳар қадам партофтан, то чашмаш кор мекард, оянадагони роҳи Когонро аз назараш мегузаронид. Роҳ пур аз аспу хару аробаву фойтун ва пиёда буд, аммо дар байни онҳо аробаи рессордори чорчархаи дарози сеаспа, ки дар вай халтаҳои пури пулро бор карда, ходимони банк ва посбонони мусаллаҳ савор шуда бошанд, наменамуд ва инчунин фойтуни болопӯшидаи дуаспаи наълҳои поҳои аспонаш резинӣ, ки дар вай мудири банк менишаст, низ набуд...

Қорӣ-Ишкамба то пеши бинои доруфурӯшӣ, ки дар рӯ ба рӯи даромади аввалини ғарбичанубии хонақоҳи Девонбегӣ воқеъ шудааст, расид ва дар он ҷо лаҳзае рост истода боз як бори дигар (шояд бори салдӯм бошад) роҳи оянадагони Когонро бо диққат аз назар гузаронид, аммо аз он касоне, ки меҷуст, асаре надид.

Дар он ҷо растаи болопӯшида ба поён расида кӯчаи болокушодаи пурлой сар мешуд, бо вуҷуди ин Қорӣ-Ишкамба аз он ҷой ба саҳни хонақоҳ даромаданро муносиб надид, ба умеди дар пештар рост овардани одамони матлуби худ то бозори собун пештар рафта, аз даромади охирини шарқичанубии лаби ҳавзи Девонбегӣ даромада, аз он ҷо лаб-лаби ҳавз пас гашта, ба саҳни хонақоҳ баромаданро мувофиқи матлаб ёфта, бо кӯчаи пурлой қадам ба пеш гузошт...

Қорӣ-Ишкамба дар ин кӯча ҳар қадаме, ки мемонд, пояш бо кафшу масҳиаш то зону ба лой мегӯтид ва дар вақти қадам бардоштан масҳӣ бо пояш аз

лой баромада кафш дар лойдон мемонд ва дар ҳар қадам ӯ маҷбур мешуд, ки кафшашро бо дасташ аз лой кашида бароварда дубора пӯшад...

Вай ба ҳамин ҳол хаш-ҳашкунон нафас кашида, афтону хезон қадам монда, дар зери лойпошии аспҳо ва аробаҳоиояндаю равандагон то сари растаи собунфурӯшӣ, ки дар тарафи шарқи лаби ҳавзи Девонбегӣ воқеъ шуда буд, расид. Ӯ, дар он ҷо, ки ба бозори алаф наздик буд, қадре рост истода, бозори алаф ва дуртар аз онро, ки ояндагони Когон аз он тараф меомаданд, бо диққат аз назар гузаронид, аммо аз он касоне, ки ӯ меҷуст, ҳанӯз асаре наменамуд.

Қорӣ-Ишкамба умедашро тамом канда, мехост ба лаби ҳавзи Девонбегӣ дарояд, аммо дар вақти даромадан боз як бор сарашро гардонда бори охирин ба тарафи бозори алаф нигарист, ӯ дар ин нигаристан ба чашмони худ бовар накард, зеро ӯ, бархилофи чашмдошти худ, дид, ки аз онсӯтари бозори алаф як аробаи дарози чорчарха омада дар бозори алаф ба аробаҳои сари роҳ банд шуда монд. Ӯ чашмонашро бо остини худ молида, равшантар карда, бори дигар бодиққаттар нигарист: ӯ бе ҳеҷ шакку шубҳа дид, ки аробаи дарози чорчарха дар бозори алаф банд шуда мондаст.

Бо дидани ин ҳол қариб буд аз хурсандӣ дилкаф шуда шодимарг шавад, чунки сохти он ароба аз аробаи банк ҳеҷ фарқ надошт. Аспонаш ҳам монанди аспони аробаи банк сиёҳ ва калон буданд. Фақат фарқ ҳамин буд, ки дар аробаи банк се асп мебастанд, аммо ин аробаро ду асп мекашид, лекин ин фарқ ба шодии Қорӣ-Ишкамба халал нарасонид: ӯ дарҳол фикр кард, ки «шояд як аспи банк бемор ё маъюб шуда бошад, ки имрӯз ба ароба ду асп бастаанд»...

Аммо он ароба ба зудӣ расида наомад, ки Қорӣ-Ишкамба дар вай халтаҳои пул ва ходимони банкро дида, дилаш ором гирад, чунки аробаҳои дучархаи баланди сербари боркашии Бухоро, ки онҳоро «қолибиқ кӯча» меномиданд, ба пеш омадани он аробаи чорчарха роҳ намедоданд, зеро онҳо рӯ ба рӯи ҳам омада роҳро баста буданд ва аробакашони шӯрапушти даҳанкалон бо ҳам ҷангида ва якдигарро дашном дода

ҳеҷ ҳадомашон аробаҳои худро пас кашида ба якдигар роҳ намекушоданд...

Қорӣ-Ишкамба хост худ пештар рафта зудтар хабарҳои хушро шунавад, аммо лои тарафи бозори алаф ба пиёдагардӣ ҳеҷ роҳ намедод. Ночор ӯ, ҳар чанд душвор бошад ҳам, дандон ба дандон монда, сабр карда, расида омадани он аробаи дарозро мунтазир шуда истод...

Оқибат кушоиш рӯй дод: аробакашони пешраванда, ки бо аробакашони аробаҳои пешоянда меҷангиданд, мағлуб гардида, маҷбур шуданд, ки аробаҳои худро пас кашида, ба растаи собунфурӯшӣ гиранд.

Бо кушода шудани роҳ аробаҳои пешоянда ягонягон омада аз пеши назари Қорӣ-Ишкамба гузаштан гирифтанд ва дар навбати худ он аробаи дарози чорчархаи дуаспа ҳам расида омад. Аммо, бар хилофи умеди Қорӣ-Ишкамба, дар он ароба халтаҳои пул ва ходимони банк набуданд, балки ба ҷои онҳо дар вай як мурда менамуд, ки атрофашро ходимони тиббӣ гирифта нишаста буданд: он ароба аробаи беморхона будааст, ки мурдаи як европагии ногаҳонӣ мурдаро барои тафтишоти тиббӣ ба беморхона мебурдааст.

Қорӣ-Ишкамба бо дидани ин ҳол байти зерини Абдураҳмони Ҷомиро[54], ки дар хурдсолагиаш ёд гирифта буд, муносиби аҳволи худ ёфта хонд:

> Баски дар ҷони фигору чашми бедорам тӯӣ!
> Ҳар чӣ пайдо мешавад аз дур — пиндорам тӯӣ!

Қорӣ-Ишкамба бо камоли навмедӣ, ки ба ғуссамарг шудан наздик расида буд, ба лаби ҳавзи Девонбегӣ даромада ба саҳни хонақоҳ баромад. Даруну беруни хонақоҳ бо намозхонон пур буд: ҳамаи намозхонони рӯи саҳн бар рӯи ҷойнамозҳои худ дузону нишаста мунтазири азон буданд, дар пешгоҳи саҳни ҷанубӣ се тобут менамуд, ки дар гирди яке аз онҳо суф, дар дуввӯм заррини пасти кӯҳнаи рангпарида ва дар атрофи саввӯмӣ кимхоби сурхгули нав кашида шуда буданд.

Қорӣ-Ишкамба аз дидани ин ҳол хурсанд шуда ва дар дили худ орзу кард: «Худо мекард, ки ҳар сеи ин тобутҳоро ба як гӯристон мебурданд, якбора ба се




Муковаи нашри «Марги судхӯр» дар Чехословакия.

ертиш соҳиб мешудам, дар он вақт ҷои оши чоштгоҳии як ҳуҷранишинам, ки имрӯз аз вай маҷбуран маҳрум мондам, пур мешуд. Ҳеҷ набошад дуи ин мурдаҳоро ба як қабристон мебурданд, ба гирифтани ду ертиш комьёб мешудам...»

Қорӣ-Ишкамба баъд аз қадре андеша карда истодан «хуб, агар ҳар кадоми ин мурдаҳоро ба як мазори дигар баранд, чӣ бояд кард?» гӯён худ ба худ суол дод ва дар ҷавоб ба ин фикри қатъӣ омад, ки «дар он вақт аз паси тобуте, ки ба гирди вай кимхоби сурхгул кашидаанд, хоҳам рафт, зеро аз даври тобути он мурда маълум мешавад, ки вай ҳам ҷавон аст ва ҳам аз хонадонҳои бойҳост, чунки барои марги ҷавон дили ҳар кас, хусусан дили падару модар ва хешовандонаш месӯзад ва дар натиҷаи ин дилсӯзӣ ертишро хубтар медиҳанд; ғайр аз ин бойҳо барои худро аз фақирон болотар нишон додан дар мурдаҳои худ ертиши калонтар медиҳанд, ин мурда, ки ҳам ҷавон асту ҳам бойбача — ертиши ӯ, албатта, пурқиматтар хоҳад шуд...»

Қорӣ-Ишкамба, баъд аз ба як қарор омадан дар бораи мурдаҳо ва ертиш, дар сафи намоз ҷой гирифтан хост, аммо ӯ ҷойнамоз надошт, бинобар ин байни сафҳои намозгузоронро гардида дар як ҷойнамози як тарафаш холимондае ҷой гирифт...

Бисьёр дер накашида муаззин барои намози пешин азон гуфт, баъд аз гуфта шудани азон мардум бархоста ба намоз шурӯъ карданд, Қорӣ-Ишкамба ҳам дар қатори мардум аз ҷояш бархоста дастонашро баробари гӯшҳояш бардошта мехост ба намоз шурӯъ кунад. Дар ин вақт як каси кӯтоҳқомате аз сафи ақиб пеш омада, аз тарафи дасти росташ ба ӯ наздик шуда, бо овози паст:

— Қорӣ-амак! — гуфт.

Қорӣ-Ишкамба дар ҳолате, ки рӯҳои ду нарангуштони дастонаш ба нармиҳои ду гӯшаш расонидагӣ буданд, ба тарафи росташ якрӯя гардида, барои хубтар шунидани суханони овоздиҳандаи кӯтоҳқомат ҳамтар шуда, гӯшашро ба даҳони ӯ наздиктар бурд.

— Магар нашунидед? — овоздиҳанда пурсид.

— Чиро? — Қорй-Ишкамба дар чавоб аз вай пурсид.

— Большевикон дар Когон ҳукуматро ба дасти худ гирифта банкҳоро ва аз ин чумла банки подшоҳиро бо ҳамаи пулҳои коғазй, тилло, нукра ва коғазҳои қиматдорашон мусодира кардаанд!

Қорй-Ишкамба бо шунидани ин хабар:

— Оҳ, пулакам!..— гӯён бо ҳамон вазъияте, ки ба гӯянда гӯш медод, якпаҳлу ба замин ғалтид...

Намозхонон ба ин ҳодиса аҳамият надоданд ва барои ин кор намозашонро вайрон накарданд. Аммо баъд аз адои намоз диданд, ки аз даҳони Қорй-Ишкамба қадре хуну зардоб омада бар рӯи санги саҳн рехтааст, як тарафи рӯй ва чоғаш ба санг бархӯрда харошида шудааст, симояш ранги хокистарии тира пайдо кардааст ва ангуштони дастонаш ба гӯшҳояш часпида шах шуда мондаанд...

Ӯ мурда буд!

# Ятим 55

*Ба X-солагии Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон бахшида мешавад*

## ҚИСМИ ЯКУМ

### I

Моҳи феврали соли 1921 буд. Дашти ҳамвори бедолу дарахти канорҳои дарьёи Аму манзараи як биёбони мурдаро нишон медод, фақат боди афғонӣ, ки аз тарафи ҷануб ғуррос зада мевазид, ин биёбони беҷонро ба ҳаракати ҷонканона оварда буд; тӯфони чангу хоке, ки бо вазидани бод аз дашт бармехост, рӯи офтобро мисли абри сиёҳ фурӯ мегирифт, дар он биёбони васеъ дар рӯз, чунон ки дар шаби торик бошад, касе чизеро дида наметавонист.

Ятим, ки ҳанӯз соли дувоздаҳӯми худро пур накарда буд, дар аввали сар шудани тӯфон гӯсфандони бойро ба кӯраи ҳавзмонанди заминӣ даровarда, худ ба пеши даромадгоҳи кӯра қаровулӣ мекард. Бачек барои нигоҳдорӣ кардани чашму даҳонаш аз хоку рег, чашмонашро бо дастонаш маҳкам гирифта, даҳонашро ба замин карда парӯ мехобид...

Ҳанӯз шамол ором нагирифта буд, ки борони барфолуд ба боридан даромад, аз либоси тунук ва чиғдачиғдаи бачек қатраҳои борон гузашта ба бадани ӯ, нӯги бигизи дар оташ тафсондагӣ барин мехалид.

Бачек ба ин азоб тоқат наоварда сари худро аз замин бардошта рост шуда нишаст. Аз як канори дашт, ки чангу ғубораш ба воситаи борон фурӯ нишаста буд, рамаҳои бузу гӯсфанду галаҳои аспу молҳои сиёҳ ба чашми ӯ намудор гардид, ҳайвонҳо аз шимол

ба ҷануб — ба тарафи лаби дарьёи Аму нигоҳ карда медавиданд.

Гӯсфандони дар кӯра будагӣ, ки садои суми молҳои гурехта омада истодагиро шуниданд, безобита шуда ба ҷунбиш даромаданд.

Бачек тарсид, бадани ӯ, ки дар асл аз сармо сӯзиш мекард, аз тарс ба ларза даромад. Ӯ худ ба худ «агар гӯсфандони дар дасти ман супурда шудагӣ ба ин ҳайвонҳое, ки ба бӯрон гирифтор шуда гурехта омада истодаанд, ҳамроҳ шуда гурехта раванд, хӯҷаин маро нокушта намемонад» гуфт.

Бачек ба даромадгоҳи кӯра дастаҳои вашон ва шибоғ пахш карда, он ҷоро маҳкам баста ва худаш чӯбдасти саркачи чӯпонии худро ба даст гирифта, дар гирди кӯра нигаҳбонӣ карда гардидан гирифт...

Ҳайвонҳои гурехта омада истодагӣ ба пеши кӯра расида аз ду тарафи вай гузашта рафтан гирифтанд, бачек гӯсфандони дар кӯра будагиро, ки аз дидани ҳайвонҳои гуреза шаҷ гирифта ҷаҳида аз кӯра баромадан мехостанд, бо чӯбдаст зада ба даруни кӯра бармегардонд...

Рама ва галаҳо гузашта буданд, аз думболи онҳо 25—30 нафар одамони аспсавори калтакдор онҳоро ронда меомаданд.

Яке аз он саворон, ки ба пеши кӯра расида омада буд, аз асп фуромада вашон ва шибоғҳои дар дари даромадгоҳи кӯра гузоштагиро гирифта ҳаво дода, барои баромадани гӯсфандони дар кӯра будагӣ роҳ кушодан гирифт.

Бачек, ки ин ҳолро дид, ба он одам нигоҳ карда:

— Амак, чӣ кор карда истодаед, чаро гӯсфандони маро мегурезонед? — гуфт, — агар яке аз инҳо гум шавад, бой маро нокушта намемонад.

— Ҷанобиолӣ, — гуфт он одам, — аз большевикон гурехта аз дарьё гузаштанд[16], бойҳо ҳам аз думболи он кас афтода молҳои чоннок ва бечони дар хонаашон будагиро гирифта аз дарьё гузаштанд, мо бошем, барои ронда аз дарьё гузаронидани ҳайвонҳои дар чаро будагӣ ба дашт пахн шуда будем ва гӯсфандони туро ҳам дар қатори ҳайвонҳои дигар аз дарьё мегузаронем, ту аз чӣ ва чаро метарсӣ?

Баъди аз кӯра баромада ба дигар ҳайвонҳо ҳамроҳ шудани гӯсфандони дар кӯра будагӣ он одам боз ба аспи худ савор шуда аз дунболи ҳайвонҳо ба роҳ даромад.

— Модарам чӣ шуда бошад? Вой, модарҷонакам! Вай дар дасти бой буд. Куҷо мондӣ, модарҷонакам,— гуён бачек ба гирья даромад.

— Модарат ҳам аз дарьё гузашта рафт,— гуфт як аспсавори дигар, ки ба пеши бачек расида омада буд.

Бачек ба тарафи соҳиби ин овоз нигоҳ карда, ӯро шинохт — ин одам додарарӯси хӯҷаини ин бачек буда, Шокул ном дошт. Бачек бе шакку шубҳа донист, ки модараш ҳам аз дарьё гузашта рафтааст.

Вақте ки бачек аз дарьё гузаштани модари худро фаҳмид, ба нияти аз дарьё гузашта ба модари худ расидан, аз дунболи касоне, ки ҳайвонҳоро ба тарафи лаби дарьё ронда мебурданд, афтону хезон ба роҳ даромад...

## II

Дар яке аз қишлоқҳои лаби дарьёи Аму Эшонқул ном як бой буд. Ӯ обу замини бисьёреро соҳибӣ карда дар деҳқонӣ ятим — батраки бисьёр кор фармояд ҳам, асоси бойгарии ӯро чорводорӣ ба ҳам мерасонид.

Дар қатори ятимҳои бой, Мурод ном касе ҳам ба ӯ чӯпонӣ мекард. Соли ӯ ба чил наздик расида бошад ҳам, то он вақт ӯ зан нагирифтагӣ буд. Дурусттараш ин аст, ки зан гирифта натавониста буд. Зеро ӯ пулеро, ки барои хонадор шудан даркор мешуд, ёфта наметавонист. Ӯ дар хонаи бой бисту панҷ сол кор карда омада бошад ҳам, аз музди хизмат чизе пасандоз карда натавониста буд, чизе, ки ҳарсола аз бой ба вай мерасид, ба хӯроки ҳаррӯзаи модаркалони кампираш — Фотимабибӣ ва набераи ӯ Соро, ки пас аз мурдани падару модараш ба дасти кампир нигоҳ карда монда буд, гоҳ мерасид, гоҳ намерасид.

Лекин Фотимабибӣ некиҳои набераи худ Муродро, ки ба ӯ карда буд, бебадал нагузошт: набераи худ Сороро ба бойҳо, ки бо қалин ӯро харида гирифтан

мехостанд, надода, бо як коса об ба Мурод никоҳ карда дод ва ӯро ба худ хонадомод намуд.

Мурод баъд аз хонадор шудан дар ҳар сари чанд гоҳ як бор ба хонааш рафта шабро дар он ҷо мегузаронид ва саҳари барвақт аз хоб хеста то баромадани офтоб ба хизмати хӯҷаинаш расида мерафт...

Баъд аз ягон соли хонадор шудани Мурод Фотимабибӣ мурд. Мурод хабари вафоти модаркалони худро дар дашт — дар вақте ки гӯсфандҳои хӯҷаинро чаронда гашта буд, шунид. Аммо дарҳол натавонист, ки ба сари мурда равад, аз касе, ки хабари мурдани модаркалонашро ба вай расонида буд, хоҳиш кард, ки ин хабарро ба хӯҷаини вай ҳам расонад ва аз вай илтимос кунад, ки ягон касро ба ҷарогоҳ фиристонад, то ки ӯ (Мурод) рамаро ба вай супорида ба сари мурда равад.

Аммо то бегоҳонӣ аз тарафи бой касе наёмад. Ночор Мурод гӯсфандонро аз ҷаро гирифта ба тарафи ҳавлии бой нигоҳ карда ронд ва як соат пеш аз фурӯ рафтани офтоб — яъне як соат пеш аз вақти муқаррарии ҳаррӯзааш ба ҳавлии бой расид.

— Чаро молҳоро ин қадар барвақт аз ҷарогоҳ гардондӣ? — гуфт Эшонқулбой, ки аз ҳавлиаш баромада барои адои намози аср ба масҷид рафта истода буд.

— Магар ба шумо хабари аз дунъё гузаштани модаркалонамро нарасонданд? — гуфта пурсид Мурод аз бой дар ҷавоби ӯ.

— Расонданд, аммо чӣ шудаст, як кампир мурд, мурд-дия, бо зуд рафтани ту магар ӯ зинда мешавад? Ё ин ки барои мурдани ӯ гӯсфандони маро ҳам гушна монда куштан мехоҳӣ? — гуфт бой оташинона ва илова кард:

— Ҳар як гӯсфандам ба назари ман аз даҳто кампири ту азизтар аст.

Мурод ба ин гапҳои бой чизе нагуфт. Аммо гӯсфандонро ба ҳавлӣ даровварда истода худ ба худ ғур-ғур кард:

— «Гусфандонат он тараф истанд, салта каллаи ту барин бойро ба бадали як тора мӯи мурдаи модаркалонам намегирам».

Мурод баъд аз ба гўсфандхона дароварда чо ба чо кардани рама, ҳатто оби явғонеро ҳам, ки ҳар шаб аз хонаи бой мехўрд, нахўрда ба қишлоқи модаркалонаш нигоҳ карда давид...

Мурод баъд аз гўронидани мурдаи Фотимабибӣ ва гузаронидани бегоҳи чумъаи ў, аз он қишлоқ тамоман кўчиданӣ шуд, зеро дили ў розӣ намешуд, ки зани чавонашро дар як қишлоқи дурдаст танҳо гузошта, худ ба хонаи хўчаин равад. Ҳар чанд ба занаш дилаш пур бошад ҳам, аз одамони бечогард метарсид. Бинобар ин ў порча-палоси аз модаркалонаш мондагиро ғундошта гирифта бо занаш ба қишлоқи бой овард ва як кулбаи вайронаеро, ки дар як гўшаи он қишлоқ бесоҳиб монда буд, лою гилу шикастурехт карда кўчашро дар он чо чой гиронд ва худаш мисли пештара дар хизмати бой гаштан гирифт.

* * *

Бой дидани зани чавони ятими миёнсоли худро ҳавас карда ба Мурод гуфт:

— Зани ту келини ман ҳисоб меёбад, келинталабон карданамон даркор аст, фардо гирифта биёр, ўро меҳмон карда зиёфат кунем.

Мурод пагоҳии он рўз зани худро дар хонаи хўчаин монду худ гўсфандонро ҳай карда ба чаро бурд. Занони бой Сороро ба як хона дароварда зиёфатҳои гуногун карданд, ҳар чанд хонае, ки меҳмонро ба вай дароварда буданд, хонаи зани хурдии бой буд, аммо дар иззатдории меҳмон аз соҳибхона зиёдтар, зани калони бой кўшиш мекард: беҳтарин ва бомазатарин чизҳои хўрданиро ба пештари меҳмон тела дода ўро гашта баргашта ба хўрдан таклиф мекард, порчаи лаҳми гўштро бо дасти худ гирифта ба дасти ў медод, иликро ба рўи нон афшонда дар пеши ў мегузошт, чои хунукшудамондаи пиёларо ба пойгаҳ ҳаво дода ва ба пиёла чои гарм кашида ба пеши вай мениҳод.

Аммо Соро ба ҳеч кадоми ин гуна хушомадгўӣ ва иззатдории хўчаинзан аз худ намерафт, бо вазнинии калонворона, гўё ки дар ҳақиқат ҳам келини ба тозагӣ фуровардагирифтаи он бошад, сар хам карда ме-

нишаст, лекин монанди навкелиншудагон бисьёр ҳам худро дар пеши соҳибони хона хор намедошт ва ба ҳар ҳаракати онҳо аз ҷояш хеста ба онҳо таъзим намекард. Бисьёр ҳам чиз мехӯрд, гӯшти хӯчанизан ба дасташ додаро бо эҳтиром аз дасти ӯ гирифта, ба ҷои ташаккур бо сараш ба тарафи ӯ ишорати миннатдорӣ кунад ҳам, онро нахӯрда ба рӯи нон мегузошт, ба ялики афшонда додагиаш бошад, лоақал, даст ҳам нарасонид. Хӯчанизан се бор ҷои хунукшудаи пиёларо холӣ карда ба ҷояш ҷои гарм кашида бошад ҳам, Соро ягон бор ҳам аз он пиёлаҳо лаб тар накарда ва дар охири таом танҳо аз косаи оби сарде, ки дар як гӯшаи дастархон истода буд, як-ду култ нӯшид.

Дар вақте ки ошхӯрӣ тамом шуда барои дастархон фотиха хонданд:

— Ҳамдам, Ҳамдам! — гӯён садои баланде шунида шуд.

Ин овози Эшонқулбой буд, дар вақте ки занонаш Сороро дар хонаи зани хурдиаш меҳмондорӣ мекарданд, ӯ дар хонаи зани калонаш нишаста бо писарчааш ош мехӯрд.

Бо шунидани овози бой зани калонаш:

— Лаббай, хӯш, даррав! — гӯён аз ҷояш ҷаста хест ва давида ба пеши шавҳараш рафт.

Эҳтимол ба хотири хонандагон гузарад, ки «номи зани калони бой Ҳамдам будааст, бинобар ин ӯ бо шунидани ин овоз ба тарафи ӯ давида рафтааст». Не, номи ӯ Ҳамдам набуд. Дар он вақтҳо занонро ҳеҷ кас ва аз ин ҷумла шавҳарҳояшон ҳам, бо номашон чеғ намезаданд. Чунки пӯшида доштани номи занро ҳам, монанди худаш ва рӯяш лозим медонистанд, агар ном баранд, аҷаб набуд, ки ягон номаҳрам — бегона шунида монад. Магар дар, девор ва ҳаворо ҳам ба номи зан номаҳрам ва бегона гумон мекарданд, ки дар хонаи танҳо ҳам ӯро бо номаш чеғ намезаданд.

Номи зан дар тамоми умри ӯ ду бор гирифта мешуд — вай ҳам аз тарафи домуллоимом як бор дар вақти ба шавҳар баромадани зан — дар шаби никоҳ, дуввум дар рӯзи мурдани ӯ — дар вақти «фурӯхтани» гуноҳони вай ба бадали садақа.

Ҳамдам номи писари бой буд, ки дар вақти на-

хонадор шуданаш аз зани калонаш зойда шуда буд, он бача дар ҳамон солҳои аввалии зиндагониаш мурда бошад ҳам, бой зани калонашро ба он ном чеғ мезад. Баъд аз он, ки ба зани хурдиаш хонадор шуд, барои фарқ кардани ӯ аз зани калонаш, ӯро «Ҳамдамча» гӯён чеғ задан гирифт. Вақте ки аз зани хурдиаш як писарча рӯид ва номи ӯро Истам гузошт, зани хурдиашро «Истам» гӯён чеғ мезадагӣ шуд.

«Ҳамдам» — зани калони бой аз пеши шавҳараш дар ҳолате, ки дар дасташ як хӯша набот буд, баргашта омад ва онро ба чойник андохта истода:

— Амакатон аз наботашон то ҳол ба ҳеч кадоми мо намедоданд, ин як порчаро дода «ба келин наботчой карда деҳ ва баъд аз он ба пеши ман биёр, ки рӯйбинон кунем» гуфтанд,— гуфт ба Соро.

Соро ба муқобили ин «марҳамат»-и ғоибонаи бой чизе нагуфт, дар рӯй ва авзоаш ҳам ягон дигаргунӣ — на аломати хурсандӣ ва на нишонаи хафагӣ — пайдо нашуд, аммо авзои зани хурдии бой бечо шуда ба палончи[1] худ бо зери чашм ало нигоҳ мекард. Ҳар чанд зани калон ин нигоҳи палончи худро ва маънии онро фаҳмида бошад ҳам, худро ба нодонӣ зада наботчойро гардон-гардон карда дар ду пиёла кашид, яке аз он пиёлаҳоро ба пеши Соро ва дигарашро ба пеши палончаш гузошт.

— Ман наботчой намехӯрам,— гуфт зани хурдӣ оташинона,— ба келин додан гиред! Наботро амакашон барои он кас фиристодаанд.

— Хуб, шумо намехӯрда бошед, ман хӯрам,— гӯён зани калон пиёлаи наботчойро аз пеши палончаш гирифт ва илова кард,— амакаш аз барои келин фиристода бошанд ҳам «аз давлати шолӣ, курмак об мехӯрад» гуфтагӣ гапҳо ҳаст.

— Лекин ман шумо барин кӯрнамак нестам, ман биринчу «биринчи миёнколӣ барин ёзида рафта истодаам»[2]—гуфт зани хурдӣ боз бо ҳамон вазъияти ота-

[1] Палонч — кундош.

[2] Дар байни омма касеро, ки болида ва ёзида рафтан гирад, ба тарзи маҷоз «биринчи миёнколӣ барин ёзида рафта истодааст» мегӯянд. Чунки биринчи миёнколӣ зиёдтар оббардор буда ва дар вақти палав пухтан бисьёр меёзад.

шинона ва рўяшро ба тарафи девор гардонида ба оинаи ба девор овехта шудагӣ чашм андохта акси худро дид ва дарҳол чашмашро аз оина канда, аз таки чашм ба рӯи Соро нигохе кард. Магар Соро аз худаш ҷавонтар ва хушрўйтар намуд, ки ба вазъияти оташинонаи ў як ҳолати ғамгинона ҳам зам шуд ва чашмонашро зуд аз рӯи Соро канда ба замин дўхт ва дар як ҳолати ҳайронӣ ва андешамандӣ бо нўги нохунаш рӯи гилеми хонаро харошидан гирифт.

— Бохабар бошед, кӣ ёзида-ёзида ланҷ шуда наравед [1],— гуфт зани калон бо оханге, ки гўё аз оташини палонҷаш завқ мегирифта бошад...

Эҳтимол ҷанҷоли ин ду палонҷ аз баҳсу ҷидоли забонӣ гузашта ба як занозании дастбагиребонӣ мерасид. Лекин:

— Ҳамдам, келинро зудтар гирифта биёр!— гўён дилтангона ҷеғ задани бой миёнаи ин ҷанҷолро бурид ва зани калон:

— Хўш, даррав! — гўён аз ҷояш хест ва боз хам шуда наботчои дар пеши Соро хунукшуда мондагиро ҳам гирифта бо як хўрт фурў бурд.

— Хезед, келин, амакатонро бисьёр интиқу интизор накунем! — гўён Сороро аз дасташ гирифта аз ҷояш базўр хезонда, гўё ки кашола мекарда бошад, ба пеши шавҳари худаш гирифта бурд.

— «Аз ман никор гирифтан мехоҳад» гуфт зани хурдӣ худ ба худ, баъди аз хона баромада рафтани онҳо ва аз ҷояш хеста пеши оина рафта рўю мўй ва чашму абрўи худро хотирҷамъона боз як бор аз назари худ гузаронид ва «не, наметавонад» гуфт худ ба худ бо оҳанги худтасаллидиҳӣ.

— Оча! Янга пеши дада яфт — гўён ба хона даромадани Истам зани хурдиро аз хаёлоти пеши оинагӣ боздошт ва ў ба тарафи Истам нигоҳ карда:

— Вай янга не, вай ҳам ба ту оча мешавад,— гуфт.

— Вай ганда, вай мана муччӣ накайд,— гуфт Истам бо оҳанги нохушнудона.

---

[1] Ланч шудани палав — аз кадри даркорӣ сероб ва мулоим шудани он аст, аммо дар байни омма, ба тарзи маҷоз касеро ҳам ки ба вай ягон бемории номуайяц, ё ягон димоғсўзие рўй дода бошад «табъаш ланҷ шуд» мегўянд.

Зани хурдӣ, аз «ганда» гуфтани писараш Сороро, як тасаллии дигар ёфт ва ба рӯи хона, пеши чойники наботчой нишаста Истамро ба бағалаш гирифт ва ӯро дӯстдорӣ карда истода дар дили худ фикр кард: «ман зани дӯстдоштагиаш бошам, писари ман фарзанди азизаш мебошад, ҳар чи қадар нафспарасту булҳавас бошад ҳам, аз рӯи мо гузашта наметавонад ва аз барои як гадодухтар аз баҳри мо намегузарад.»

Зани хурдӣ бо ин худтасаллидиҳӣ қадре кушода шуда, наботчои дар чойник мондагиро ба ду пиёла кашид, якеашро худ гирифту дигарашро ба Истам дод...

* * *

Зани калони бой Сороро ба пеши бой даровараду:

— Ба бой амакатон салом диҳед! — гуфт.

Соро сарашро хам карда рӯяшро бо остинаш пӯшонида бо ҷунбониданӣ сар ба бой ишорати салом кард.

Бой табассумкунон ба Соро нигоҳ карда:

— Нишинед, келинам!— гуфт.

Ба ин таклифи бой аз тарафи Соро ҳеҷ ҳаракате нашуд, аммо бойбибӣ ӯро бо зӯрӣ аз китфаш пахш карда, ба нишастан маҷбур кард.

Соро дар вақти шинондани бойбибӣ худро ақиб тис дода, ба қадре, ки мумкин буд, аз бой дуртар — ба пеши девори хона нишаст, ӯ зонуи росташро ба замин хобонд ва зонуи чапашро ба болои вай ҳам кард, дасти росташро ба пеши пешонааш гирифта ва рӯяшро ба тарафи девор нимгардон карда менишаст.

Бой ҳар чи қадар диққат карда нигоҳ кунад ҳам, рӯи Сороро дуруст дида натавонист, зеро як рӯи ӯ ба тарафи девор гардондагӣ буд ва рӯи дигарашро остини васеи дасташ, ки ба пешонааш ниҳодагӣ буд, мепӯшонид.

Бой писарчаи сесолааш Истамро, ки дар паҳлуяш нишастагӣ буд, аз чояш хезонда:

— Рав ба пеши янга, туро муччӣ мекунад!— гуфта ба тарафи Соро нигоҳ кунонда ба роҳ андохт.

Вақте ки бача шарминда ва хӯсида ба Соро наздик шуд, ӯ рӯи хуш надод: бачаро нагирифт ва ба ӯ нигоҳ ҳам накард. Бача ба тарафи падараш нигоҳ карда истод. Гӯё ки ӯ бо ин ҳаракати худ «акнун чӣ кор кунам?» гуфта мепурсид.

— Ба пеши очаат рав бачем, ӯ туро муччӣ мекунад,— гуфт падараш ба бача. Бача давон аз хона баромада рафт.

Бой як рӯймоли гули анори чорқат кардагиро, ки ба рӯи болишташ буд, гирифта ба тарафи Соро дароз карда:

— Ма, гир ин рӯймолро, духтарам,— гуфт,— ин ба ту аз ман рӯйнамой шавад.

Соро, гӯё ки ин гапи бойро нашунида бошад, чизе нагуфт ва ягон ҳаракате ҳам нишон надод.

Бой дар ҷои нишастагии худ ба сари зонуҳояш рост шуд, ниман болои танаи худро ба тарафи Соро нигоҳ кунонида хам карду пеш ёзонид ва дасти рӯймолнокашро ба ӯ наздик бурда дубора таклиф кард:

— Ма, духтараки азиз, ҷони ширин, ин рӯймолчекро гир, рӯйнамоиро гир!

Ин дафъа Соро монанди касе, ки аз чизе мехӯсида бошад, як рӯяшро ба тарафи девор боз ҳам наздиктар бурду танаи худро якпаҳлу ба девор часпонид ва чашмонашро ало карда аз таги остин ба тарафи бой дӯхт, ӯ монанди мурғи шағолдида, ҳамин тарз беҳис ва ҳаракат истод.

Бой аз ин вазъият ба ҳайрат афтода чӣ кор карданашро намедонист: агар ӯ боз ҳам ба Соро наздиктар шуда рӯймолро бо зӯрӣ ба даст, ё дар бағали ӯ мондани шавад, аз якбора хеста гурехтани ӯ метарсид ва агар ба ҷояш баргашта нишаста аз сари ин таклифи худ гузарад, ор мекард — ӯ рад карда шудани марҳамати худро аз тарафи як гадодухтар, ки зани ятимаш аст, ба худаш ҳақорат ҳисоб мекард.

Лекин бойбибӣ бойро аз ин вазъияти душвор раҳой дод: ӯ Сороро ба ҳолаш намонда аз ҷояш хезонду:

—Рафта бо дасти худат рӯймолро аз дасти бойамакат гирифта қуллуқ кун, ба хонет бурда ба нияти фарзанди оиндаат мону «фарзанди ман ҳам бойамакам барин бадавлат шавад» гуфта ният кун,— гуфт.

Соро шармида, сурх шуда рафта рӯймолро аз дасти бой гирифт ва баргашта нонишаста аз хона баромад ва ба хонаи аввалӣ, ки дар он ҷо меҳмон шуда буд, рафт.

Бой, аввал Сороро дуруст надида бошад ҳам, дар вақти рӯймолро аз дасташ гирифтани ӯ, ба ӯ бо назари «харидорӣ» нигоҳ карда дид: чашму абрӯи сиёҳ, мижгонҳои дарози нӯгаш баргашта, мӯйҳои сиёҳи дарози маҳинбофта ва рӯи себи сурхвори ӯ бойро ба ҳайрат андохта буд. Соро дар зери либосҳои кӯҳна, ба назари ӯ монанди як порча тиллои дар миёни хоку рег мондагӣ медурахшид; рӯи пурнури ӯ, аз таги сарандози фарсудааш, моҳи 14-рӯзаи аз таги абр нимнамоён шудагӣ барин рӯшноӣ мепошид; чашмони дурахшонаш дар зери абрӯвони сиёҳ, монанди ситораи рӯз, ки дар торикии субҳдамӣ намоён мешавад, чашми бинандаро мебурд...

* * *

Бой аз рӯзи зиёфат сар карда дар паи ба даст даровардани Соро афтид. Ӯ дар ин кор аз зиддияти занони худ фоида бурданӣ шуд. Зани калони бой, баъд аз хонадор шудани ӯ ба зани ҷавон, аз назари ӯ афтода буд, зани хурдӣ аз ҷавонӣ ва ҳусну ҷамоли худ фоида бурда, палончи худро ба шавҳараш азоб медиҳонид ва худаш ҳам ӯро хор медошт. Зани калони бой дар ҷангу ҷанҷоли байни худ аз палонҷаш ақиб намонад ҳам, дар пеши бой гапашро гузаронида наметавонист, дар паси ҳар ҷанҷол бой тарафи зани ҷавони худро гирифта, зани калонашро коҳиш мекард ва гоҳо мезад ҳам.

Акнун барои зани калонӣ фурсати аз палонч никоргирӣ расида буд, ӯ мехост худ миёнаравӣ карда бойро ба ягон зани ҷавони дигар банд кунад, то ки ин зан, палонҷашро азоб диҳад ва дар даруни он оташи рашке, ки худаш месӯхт, душманашро ҳам дар сӯхтан бинад.

Соро ва рафтани ҳаваси бой ба Соро барои зани калон як фурсати бисёр муносиб буд. Ӯ барои мақсадҳои мурдори бой миёнарав шуданро рӯйрост дар пеши бой ба гардан гирифта ба кор даромад, дар рӯзи зиёфат ва гузаронидани рӯймол ба дасти Соро аввал-

лин корномаҳои худро нишон дод ва баъд аз он бо шавҳараш гапро дар як чо монда, барои ба дом афтонданн Соро кор кардан гирифт.

Ӯ ҳар рӯз Сороро чеғ зада оварда, аз ӯ дар корҳои хонаи худ ёрӣ металабид, дар вақти кор, ё чойнӯшӣ ягон муносибат ёфта бойро ба вай таъриф мекард, аз «софдилии» бой аз дӯст доштани ӯ занон ва духтаронро, хусусан аз меҳру муҳаббати «падарона» доштани ӯ ба Соро, гап мезад ва Сороро насиҳат мекард, ки аз бой нашармад ва аз вай нахӯсад ва ба пурсишҳои ӯ кушоду равшан ҷавоб додан гирад. Рӯзе дар охири ҳамин гуна «насиҳатҳо» ҳатто гуфт, ки:

— Агар бой ба ту ягон мақсади дигар медошт, магар ман роҳ медодам, ки ту дар ҳавлии мо биёй, кадом зан барои бо занони дигар алоқаи нодуруст пайдо кардани шавҳари худаш роҳ додааст, ки ман роҳ медодам.

Бой мувофиқи он заминае, ки зани калонаш тайёр карда истода буд, ба Соро муомилаи «дӯстона» ва «меҳрубонона» мекард, ба вай гап мепартофт, гоҳо ин гуна гаппартоиҳоро ба дараҷаи ҳазлу шӯхӣ меовард.

Соро бошад, муомилаи худро ба бой ҳеҷ дигар намекард, ҳар вақт гапҳои ӯро бо як навъ хӯсидан ва кебидан мешунид, ба пурсишҳои ӯ кӯтоҳакак «ҳа» ё ин ки «не» гуфта ҷавоб медод, ба рӯи ӯ ҳеҷ нигоҳ намекард ва гапҳои шӯхиёнаи ӯро ношунидагӣ барин мешуд.

Соро бо гапҳои зани калони бой як дараҷа дар ҳаққи бой аз шубҳа мебаромадагӣ барин шуда бошад ҳам муомилаҳои зани хурдии бой, тарафи шубҳаи ӯро қувватнок мекард. Ӯ ҳар вақт ба Соро пичинг мепарронд, ба хонаи бой омаду рафт кардани ӯро намефоронид, гоҳо ӯро рӯйрост кохиш мекард. Агар кӯтоҳ карда гӯем, зани хурдии бой, ба Соро мисли як палонч муомила мекард...

Бой, баъд аз он, ки чанд вақт ба Соро гапҳои сарбастаи шубҳанок партофта гашт, муддаои худро рӯйрост пеши ӯ кушода мондани шуд: як рӯз дар вақте ки Соро аз хонаи бой баромада ба ҳавлии худаш рафта истода буд, бой ба ӯ дар роҳрави миёнаи ҳавлии дарун ва берун рост омада, бо як дасти худ аз банди

дасти ӯ нигоҳ дошт ва бо дасти дигараш як ангуштарини нуқрагинро ба ангушти ӯ гузаронидани шуд.

Соро дасти худро аз дасти вай кашида гирифта оташинона:

— Айб аст ба шумо, ҳайфи шумо, шарм доред!— гуфт.

Соро ин гапҳоро чунон бо овози баланд гуфт, ки зани калони бой худро ба нодонӣ зада бошад ҳам, зани хурдиаш дар хона шунида:

— Чӣ гап, чӣ гап?— гӯён давида ба роҳрав баромад.

Аммо то расида омадани занак, Соро аз ҳавлии бой баромада рафта буд ва зану шӯй даст ба гиребон шуда монданд.

Соро ба ҳавлии худ рафта рӯймолеро, ки бой ба ӯ бо зӯрӣ «рӯйнамоӣ» гӯён дода буд ва ӯ то ҳол вайро кор нафармудагӣ буд, аз ҷои мондагиаш гирифта бозгашта ба ҳавлии бой омад ва рӯймолро аз роҳрави дарвоза ба рӯи ҳавлии берун ҳаво дода, пас гашта ба кулбаи худ рафт ва баъд аз он қадами худро ба тарафи ҳавлии бой нагузошт.

* * *

Соро пои худро аз ҳавлии бой ба сурати қатъӣ кашида бошад ҳам, бой ҳанӯз умеди худро аз вай накандагӣ буд, ӯ акнун барои тамоман ба даст даровардани Соро роҳ меҷуст, ҳатто ӯ барои расидан ба ин мақсади худ, то аз миён бардошта нест кардани Мурод дар дили худ аткал карда буд. Лекин барои аз миён бардоштани Мурод, ӯро нахӯсондан, дили ӯро пур кардан ва бо муомилаҳои ширин ӯро ба тарафи худ кашидан даркор буд.

Бой ҳамон рӯз бегоҳӣ, вақте ки Мурод рамаро аз чаро овард, ӯро ба меҳмонхона дароварда воқеаи дар миёнаи худаш ва Соро он рӯз рӯйдодаро ба ӯ ба ин навъ ҳикоя кард:

— Ман,— гуфт бой,— зани туро духтари худ ва келини худ барин медонистам ва ба ӯ мувофиқи ҳамин эътиқоди худ муомила мекардам. Имрӯз дар вақте ки як ангуштарини нуқрагинро ба вай «ёдго

шуданд: Соро аз вай пеш, аз муомилаҳои бой ба худаш ба Мурод гап назада буд, баъд аз он, ки имрӯз мақсади бой равшан шуд, ҳамаи гапҳоеро, ки дар байни худаш, бой ва зани ӯ гузашта буд, аз аввал то охир як ба як ба шавҳараш гуфта дод, Мурод акнун ба тарзе, ки шакку шубҳаро роҳе набошад, ба мақсади мурдори бой боварӣ пайдо кард.

Мурод ба дари хонаи касе, ки ба номусаш қасд карданӣ шудааст, баъд аз ин хизмат накарданро дар дили худ қарор дода бошад ҳам, ин қарорашро ба зудӣ ба амал оварда натавонист ва наметавонист. Барои рафтан аз кори бой, аз ягон ҷои дигар кор ёфтан даркор буд, ва ҳол он, ки бойҳои қишлоқ бойро рӯю хотир карда касеро, ки кори ӯро партофта мебароянд, ба хизмат намегирифтанд, камбағалони қишлоқ бошанд, худашон, маҷбур буданд, ки ба дари хонаи дигарон хизмат кунанд. Ба қишлоқҳои дурдаст кор кофта рафтанро ҳам Мурод барои худ маслиҳат намедонист, зеро вай дар он сурат то кор ва ҷой ёфтан, бояд зани худро дар ин ҷо монда мерафт, ва ҳол он ки зани худро дар ҷое, ки бои калонтари қишлоқ ба вай чашм дӯхтааст, хусусан баъд аз партофта баромадани кори ӯ — танҳо монда рафтан таҳлуканок буд. Ҳоло, дурӯғ ҳам бошад, «ман ба зани ту назари бад надорам, ӯро мисли духтарам ва келинам медонам» гуфтани бойро ғанимат дониста, худро ба нодонӣ зада гаштан гирифтан беҳтар аст, ҳар вақт ки фурсату ҷои муносиб ёфт шуд, аз ин ҷо халос шудан осон аст.

Мурод бо ҳамин гуна мулоҳизаҳо «то омадани табар, кунда меосояд» гӯён ба дари хонаи бой гаштан гирифт...

## III

Баъд аз 4—5 моҳи моҷарои ангуштарин Соро ба як писарча модар шуд, шодие, ки ба сабаби ба рӯи қадам омадани ин навзод ба падар ва модар рӯй дод, аз андоза берун буд, бинобар ин бе ҳеҷ чуну чаро номи кӯдакро «Шодӣ» монданд.

Соро ба сабаби душвориҳое, ки дар вақти зоиш

рии падарона» гуён дodaнй шудам, ӯ намедонам ба чӣ гуна шубҳа афтода ба ман гапҳои сахт зад, ҳатто маро дар пеши ҳамсояхо шарманда кард...

Мурод бо шунидани ин воқеа дар хаёл фуру рафт ва бой барои баровардани Мурод аз ҳар гуна хаёлот боз давом намуд:

— Ту аз Соро ин ҳикояро мувофиқи фаҳмиши ӯ шунида, мабодо аз ман хафа нашавӣ,— гуён ба ту рости гапро ҳикоя кардам. Ба ӯ фаҳмон, ки баъд аз ин ба ҳавлии ман рафтуой накунад.

Бой, Муродро, ки аз гапи охирини ӯ «магар бой маро аз кор пеш мекунад» гуфта дар андеша афтодагӣ барин менамуд, дилдорӣ доданӣ шуда, боз ба гап даромад:

— Аз ин гапи ман ту гумон накун, ки ман аз ту, ё ин ки аз Соро ранҷида бошам. Мақсади ман аз манъ кардани рафтуои ӯ — паст кардани гапу гапчаҳои дар миёнаи занон пайдо шудагӣ мебошад. Вагарна ман он кардори ӯро сабукии бачагона гуфта дар дили худ нагирифтам. Баъд аз ин ҳам некии худамро аз шумоён дарег намедорам. Пештар, ки ту як сару як тан будӣ «ба ин пулу чиз чӣ даркор аст» гуфта ба ту ёрмандии дурусте намекардам. Акнун, ки ту хонадор шудӣ ва нафақаи як каси дигар ҳам ба гардани ту афтод, ман ҳам бо ҳамин нигоҳ карда кор мекунам...

Бой дам шуд. Мурод гапи бойро тамом шудагӣ гумон карда аз ҷояш хестанӣ шуда буд, ки бой боз даҳон кушод. Мурод ҳам баргашта нишаста гӯш дод.

— Аз рӯи шунида ман,— гуфт бой,— ба наздикӣ шумоён се сар мешавед, ман аз вақте, ки ин гапро шунидам, як бузи серширро ба нияти фарзанди ояндаи ту дар дили худ баста мондам. Кадом рӯзе, ки кӯдак ба рӯи кадам ояд, он бузро ба ту месупорам, ки бурда ба ҳавлиат баста мемонӣ, оча-бача дӯшида хӯрда мегардед. Некиҳои маро Соро надонад майлаш. «Ӯ надонад, худо-ку медонад»...

— Хуб,— гуфт бой баъд аз андаке дам истодан,— акнун ба ҳавлиат рафта ёзида дам гир. Сороро аз бадгумонӣ барор!..

Мурод бо ҳазорон шубҳа ва хаёл ба хонаи худ рафт. Лекин дар он ҷо ҳамаи шубҳаҳояш бартараф

шуданд: Соро аз вай пеш, аз муомилаҳои бой ба худаш ба Мурод гап назада буд, баъд аз он, ки имрӯз мақсади бой равшан шуд, ҳамаи гапҳоеро, ки дар байни худаш, бой ва зани ӯ гузашта буд, аз аввал то охир як ба як ба шавҳараш гуфта дод. Мурод акнун ба тарзе, ки шакку шубҳаро роҳе набошад, ба мақсади мурдори бой боварӣ пайдо кард.

Мурод ба дари хонаи касе, ки ба номусаш қасд карданӣ шудааст, баъд аз ин хизмат накарданро дар дили худ қарор дода бошад ҳам, ин қарорашро ба зудӣ ба амал оварда натавонист ва наметавонист. Барои рафтан аз кори бой, аз ягон ҷои дигар кор ёфтан даркор буд, ва ҳол он, ки бойҳои қишлоқ бойро рӯю хотир карда касеро, ки кори ӯро партофта мебароянд, ба хизмат намегирифтанд, камбағалони қишлоқ бошанд, худашон, маҷбур буданд, ки ба дари хонаи дигарон хизмат кунанд. Ба қишлоқҳои дурдаст кор кофта рафтанро ҳам Мурод барои худ маслиҳат намедонист, зеро вай дар он сурат то кор ва ҷой ёфтан, бояд зани худро дар ин ҷо монда мерафт, ва ҳол он ки зани худро дар ҷое, ки бои калонтари қишлоқ ба вай чашм дӯхтааст, хусусан баъд аз партофта баромадани кори ӯ — танҳо монда рафтан таҳлуканок буд. Ҳоло, дурӯғ ҳам бошад, «ман ба зани ту назари бад надорам, ӯро мисли духтарам ва келинам медонам» гуфтани бойро ғанимат дониста, худро ба нодонӣ зада гаштан гирифтан беҳтар аст, ҳар вақт ки фурсату ҷои муносиб ёфт шуд, аз ин ҷо халос шудан осон аст.

Мурод бо ҳамин гуна мулоҳизаҳо «то омадани табар, кунда меосояд» гӯён ба дари хонаи бой гаштан гирифт...

## III

Баъд аз 4—5 моҳи моҷарои ангуштарин Соро ба як писарча модар шуд, шодие, ки ба сабаби ба рӯи қадам омадани ин навзод ба падар ва модар рӯй дод, аз андоза берун буд, бинобар ин бе ҳеҷ чунучаро номи кӯдакро «Шодӣ» монданд.

Соро ба сабаби душвориҳое, ки дар вақти зоиш

рӯй медиҳад, бо тарсу ҳаросе, ки дар аввалин бор зоидан рӯй доданаш ба ҳар зан табиист, ва дар охир ба сабаби сиҳат ва саломат модар шудан ба як писарчаи ғунчамонанд — аз хотири худ муомилаи беномусонаи Эшонқулбойро қариб бароварда буд. Хусусан баъд аз он ҳодиса ҳеҷ ном набурдани бой Сороро ва ба болои ин ҳам накардани ӯ ёрмандиҳои моддиро, ва некӯтар кардани ӯ муомилаи худро б. Мурод ҳам Муродро ва ҳам Сороро ба сари фаромӯш кардани он қасди бади ӯ наздик оварда буд. Ҳар дуи инҳо ҳам он ҳаракати ӯро ба як иғвои «шайтонии» муваққатӣ ҳамл карда гумон мебурданд, ки ӯ, баъд аз он ҳаракат аз ин гуна кирдори написанд тавба кардааст.

Вақте ки бой бо шунидани таваллуди бача, як бузи серширро, ки он ҳам дар ҳамон рӯзҳо бачадор шуда буд, ба хонаи Мурод фиристод, дилпурии Мурод ба росткавл шудани бой боз ҳам пурзӯртар шуд.

Зани калони бой барои чақалоқбинӣ ба хонаи Соро омад, ӯ мувофиқи одат барои навзод як куртачаи суфи дӯхтагӣ овард, барои бача умру давлат ва барои Соро сиҳат ва қувват хоҳиш карда баромада рафт. Аммо ӯ ин дафъа на аз бой ва на аз «некӣ» ва «меҳрубонӣ»-и ӯ чизе ба забон наёвард. Ӯ худро чунон нишон дод, ки гӯё аз он таъирфҳое, ки дар ҳаққи бой ба Соро карда буд, хиҷолатманд аст ва бой бо иғвои «шайтон» ӯро дар пеши Соро шарманда кардааст.

Ин муомилаи бойбибӣ ҳам сабаб шуд, ки Соро он «нодонистакориҳои» ӯ ва ба иғвои «шайтон» фирефта шудани шавҳараш — бойро як дараҷа бахшад.

* * *

Соро баъд аз гузаронидани рӯзҳои вазнин ва бемадории зоиш, якбора расида рафт, иштиҳои ӯ ба дараҷае, ки аз он пеш надида буд, кушода шуд, ҳар чизе, ки мехӯрд, гӯё ҳамаи он ширу гӯшт мешуд. Шир писарчаи ба ҷон баробарашро сер карда мерасониду ва гӯшт ба бадани худаш пайваста, бадани дар зоиш

заифшудаашро пурра ва мушакҳои сустгаштаашро гафс, сахт ва чандир мегардонид.

Ӯ ҳар рӯз кӯдакро ба парпеч печонида ба ҳавои тоза ва софи кушода мебаровард. Навзод бо дидани лолаҳои рӯи дашт, сабзаҳои лаби кишт хушҳол мегашт, вақте ки ба сабаби ба худашон наздик шудани Соро, чумчуқҳо ва парвонаҳо аз байни алафзорҳо мепариданд, Шодӣ ҳам гӯё, ки аз паи онҳо паридан мехоста бошад, дар бағали модараш ба ҷавлон медаромад.

Намедонам аз дидани гулҳо, лолаҳо, сабзаҳо ва паррандаҳо ба бачаи навзод чӣ завқ рӯй медода бошад, ки ӯ лаби худро ғунчаи нимшукуфта барин нимкушо карда механдид.

Соро — ин модари меҳрубон, ба он бачаи ба ҷон баробараш маҳву мот шуда буд, ӯ аз рӯю пешонаи навзод, чунон ки қанди ба гул омехтаро макида бошад, мебӯсид, бо ҷои нарми сарангуштҳои худ аз ду тарафи даҳони бача мулоимона пучида, хандаи ӯро боз ҳам ширинтар ва боз ҳам намакинтар мекунонид.

Ҳатто Соро дар як рӯзи ин гуна хурсандӣ барои навзоди худ шеъре баста буд, ки он ин аст:

Шодиҷони ман,
Меҳрубони ман,
Дардат набинад
Ҳаргиз ҷони ман!
Лола расида,
Сабза дамида,
Чун гул хандида
Шодиҷони ман,
Боди баҳорон,
Ҷон шуд дар ҷаҳон.
Ҷони ман бошад
Шодиҷони ман.

Вақте ки Шодӣ қадре калонтар шуда ба озодона ҷунбониданн дасту пои худ қувват пайдо кард, шодии Соро боз ҳам зиёдтар гардид. Гоҳо Соро ба рӯи сабза пойҳои худро дароз карда менишаст ва Шодиро ҳам рӯ ба рӯи худ карда дар байни зонуҳои худ мешинонид. Соро бештарин дар ҳамин гуна вақтҳо шеърҳо-

ниро сар мекард. Вакте ки Соро, бо оҳанги кӯтоҳи бачагона, лекин ҳиҷоҳоро якка-якка ва равшан карда:

Шодиҷони ман
Меҳрубони ман,
Дардат набинад,
Ҳаргиз ҷони ман!

мегуфт, Шодӣ ҳам бо ҷунбонидани даст, сар ва тамоми бадани худ усули шеърро нигоҳ медошт: ӯ кафҳояшро кушода дошта, дастҳояшро боло мебардошт, чунон ки чапак мезада бошад, панҷаҳои дасташро рӯ ба рӯи ҳам оварда баробари оҳанги ҳиҷоҳо ба ҳаракат меовард ва дар ҳамин вақт сарашро ҳам мувофики ҳаракати дасти худ ва оҳанги шеър меҷунбонид ва инчунин, гӯё, ки аз ҷой ҷастан ва ракс карданро мехоста бошад, тамоми баданашро ҳам мувофики оҳанг ва ҳаракат, дар ҷои нишастагиаш бардошта-бардошта мегузошт.

Соро, ки аз ин бозӣ ва шодмонии Шодӣ завк мегирифт ва шавки барзиёд пайдо мекард, ба хондани ин ашӯла медаромад:

Чашми сиёҳи зоғи ту!
Модар набинад доғи ту!
Чашми ману чароғи ман,
Равшан шуда ба боғи ту!

Вакте ки Соро ин ашӯларо месуруд, Шодӣ ҳам баъд аз кадре ором истода ба ашӯла гӯш додан, мувофики ҳавои ашӯла ҷунбиши худро дигар мекард.

Соро ҳамеша дар охири ин гуна базмҳои бачагонаи худ ин шеъри бачагонаи серҳаракатро дар ҳавои рези уфар мехонд:

Ҳадӯрсӣ, дӯрсӣ, дӯрсӣ,
Баро ба рӯи курсӣ!

Гулам гули ҷамолат!
Ҷамоли баркамолат!
Кам нашавад висолат!

Ҳадӯрсӣ, дӯрсӣ, дӯрсӣ!
Баро ба рӯи курсӣ!

Бӯяки ту чун баҳор!
Рӯяки ту чун анор!
Мӯяки ту мушкбор!

Ҳадӯрсӣ, дӯрсӣ, дӯрсӣ,
Баро ба рӯи курсӣ!

Рӯи ту пурнур бод
Ғам зи дилат дур бод!
Душмани ту кӯр бод!

Ҳадӯрсӣ, дӯрсӣ, дӯрсӣ,
Баро ба рӯи курсӣ!

Вақте ки Соро ин ашӯларо дар ҳавои рези уфар мехонд, Шодӣ ҳам аъзои бадани худро дар ҷунбиш оварда бо ҷустӣ ва чобукии гирдбодмонанд, дар ҷои нишастагии худ ҳаракат мекард, дар ин ашӯла на танҳо даст ва сари ӯ, балки ҳамаи аъзои бадани ӯ — то чашмҳо, абрӯҳо, пӯстҳо, гӯшт ва мушакҳояш ҷудогона-ҷудогона, лекин дар як оҳанг меҷунбиданд.

Дар ин вақт шавқу завқи Соро аз ҳадди охираш мегузашт, ӯ аз ҷояш ҷаста хеста бачаро ба рӯи дасташ мегирифт, ӯро дар дасти худ ҳаппакввор бозӣ медошт, ӯро ба боло ҳаво медод ва бо чолокии шоҳинворона ӯро аз ҳаво мегирифт, даст, по, сар, гардан, чашм, рӯ ва ҳама ҷои ӯро бо як чашмгуруснагии модарона мебӯсид.

Бояд Шодӣ ҳам, аз ин корҳои модари меҳрубонаш завқ мегирифта бошад, ки ӯ қиқирросзанон механдид, бо вуҷуди ҳанӯз забон набароварда буданаш, кӣ медонад чӣ мақсадҳояшро ба модараш фаҳмониданӣ шуда бо шавқу шодӣ «анг-унг» мекард ва аз кому забони худ садоҳои маънаҳояшон ба мо номафҳум мебаровард.

Соро ҳам кунҷи даҳони фарзанди дилбанди худро бо сарангушташ нарм-нармак зер карда истода бо ҳамон садоҳои номафҳуммаънӣ ба ӯ ҷавоб медод. Маънии он садоҳо ба мо номафҳум бошад ҳам, ба Шодии ҳанӯз забон набаровардагӣ мафҳум буд, бинобар ин ӯ дар вақти он гуна садоҳо баровардани модараш гӯш дода дам меистод, ҳар вақт, ки модар дам шуд, ӯ қиқиррос зада механдид ва боз бо садоҳои ба мо номафҳум аз «гуфта»-ҳои модари меҳрубонаш хушнуд будани худро ба ӯ мефаҳмонид...

* * *

Бузу бузғола ҳам барои Соро ва Шодӣ як машғулияти калоне шуда буданд: Соро дар вақтҳои хобидани Шодӣ аз киштзорҳо ва ҷӯю ҷарҳо алафҳои сабзу хуррамро чида оварда ба буз дода, ӯро рӯз то рӯз фарбеҳтар ва серширтар мекард.

Вақте ки Соро Шодиро бардошта пеши буз меовард, ӯ аз дидани буз, хусусан бузғола аз ҳад зиёд шодмонӣ нишон медод. Бузғола бо ишорати Соро ба ҳар тараф медавид, ба кифти танӯр ҷаста мебаромад ва дарҳол монанди кафтари худро аз ҳаво андохта, муаллақзанон худро ба замин мепартофт, ду пои пешашро баланд — баробари сараш бардошта монанди одам рост мешуд, ҳатто ба дарахт баромаданӣ шуда ба танаи он мечаспид, девори пастаки кулбаи Мурод бошад, гӯё доре буд, ки барои бозии бузғола кашида мондаанд: ӯ бо як ҷастан ба сари девор мебаромад, мисли як дорбози чобукҳаракат морвор ба рӯи девор медавид, гоҳо бо ҳамон устоӣ ва чобукӣ, ки пеш мерафт, паснокӣ ҳам мегашт ва дар ҷоҳои борики девор, ки ду пояш паҳлуи ҳам намегунҷиданд, поҳои пасу пешашро мехвор бар сари девор қатор мегузошт.

Шохҳои як дарахти тути дар кӯча будагӣ, ки бар болои девор паҳн шуда буд, барои бузғола ҳам хӯрок ва ҳам бозӣ буд: бузғола ба рӯи девори борик бо ду пои ақибаш рост мешуд, ду пои пешашро ба наздикии яке аз он шохҳо монда вайро зер мекард ва бо лабҳои чаққони часпонаш баргҳои кабуди зумурradрангро мечид, бо дандонҳои маҳини аррамонандаш он баргҳоро ғиҷирросзанон мебурид, мехоид ва фурӯ мебурд.

Модарбуз, гӯё ба ин ҳаракатҳои фарзанди шӯхшангаш норозӣ бошад, дар поин истода баъосзанон фарьёд мекард, монанди модароне, ки аз бом ва дарахт баромадани бачагонашон, аз ваҳми афтодани онҳо дар ташвиш меафтанд, бетоқатӣ мекард.

Аммо бузғола монанди бачагони нобошами гапнодаро, ки ба гапи модаронашон гӯш намеандозанд, аз бетоқатиҳои модараш парвое надошт, ӯ ин гуна бозии бачагонаашро то пир шудани ҳавсалааш давом

медод. Вақте ки бозӣ ба дилаш зад, чор пояшро ба чор тараф кушода — ёзонда, монанди оббозе, ки аз болои дарахти баланд ба гуми чуқури об хаво медиҳад — худро ба рӯи замин мепартофт ва дарҳол монанди циркбозон бо як чобукии паррандавор худро рост гирифта ба пеши модараш медавид.

Вақте ки бузғола ба пеши модараш расид, бо ду пои пешаш чӯкка зада тумшуқи дарози худро ба синаи ӯ мебурд. Аммо синахалтае, ки ба пистони модараш кашида шудагӣ буд, вайро ба ёфтани сина ва макидани он роҳ намедод.

Бузғола баъд аз он, ки пистони модарашро ду-се бор бо тумшуқи тезу сахти худ мезад, аз ёфтани сина умедашро канда ба паҳлуи модари ростистодааш мехобид — ӯ акнун дам мегирифт.

Дар вақти хобида дам гирифтани бузғола навбати бо вай бозӣ кардани Шодӣ мерасид: Соро хурдтараки худро бардошта пеши бузғола рафта сари ду по менишаст, бо панҷаи худ мӯйҳои чингилаи сиёҳи мушкмонанди ӯро шона мекард, бо нӯги нохунҳои худ сару рӯю пешонаи ӯро мехорид.

Шодӣ ҳам, ба ин кори модари худ тақлид карда, бузичаи ҳамзоди худро хору мол кардан мехост, Соро ин хоҳиши фарзанди худро дида, ӯро ба пеши бузғола наздик мебурд.

Шодӣ панҷаи шохчаи марҷон барин сурх ва нозуки худро пеш бурда мӯҳои бузичаро мекашид ва нохунҳои чун барги ғунчаи ношукуфта нарм ва нимранги худро ба лаб ва дандонҳои вай расонида қитиқ мекард.

Магар ин кори бачаи хурдсол ба бузғола хуш меомад ва мефорид, ки вай ҳам бадали ин корро мегардонид: ангуштони Шодиро мемакид, кафи дасташро мебӯсид, ва гоҳо гӯё ки «ташаккур мекунам» мегуфта бошад, бо овози маҳини худ «ба-а-а» гуфта мемонд.

Шодӣ аз ҳаракат ва «ба-а-а» гуфтани бузғола ба шавқ омада ӯ ҳам чавлонкунон «анг-унг» мегуфт ва бо дасту лабҷунбонӣ дар бораи бузғолаи ҳамбозии худ ба модараш «ҳикоятҳо мекард».

Соро монанди як тарҷумони чандзабондон гапҳои Шодиро ба бузғола ва суханҳои ӯро ба Шодӣ тар-

ҷима карда медод. Ӯ аз забони бузғола ба Шодӣ мегуфт:

— «Ман туро дӯст медорам, мову ту дар як вақт зонда шудаем, модарам ҳам туро дӯст медорад, ӯ туро мисли модари худат шир медиҳад. Мову ту на танҳо ҳамбозӣ ва ҷӯра ҳастем, балки мо ҳар ду бародари ширхӯраи якдигар мебошем».

Ва аз забони Шодӣ ба бузғола мегуфт:

— Ман туро дӯст медорам,
Ман рӯи туро, мӯи туро, бӯи туро
дӯст медорам,
Ман пашми туро, чашми туро,
Чашми бехашми туро,
Суми чун яшми туро
дӯст медорам,
Ман ҳама кори туро,
Қору кирдори туро,
Тарзи рафтори туро,
Чашми хуммори туро
дӯст медорам.

* * *

Мурод бо дасти худ як чароғпоя сохта буд, ин чароғпоя бисьёр содда буд, ӯ чор дона чӯби сечорьяки метриро ёфта ба сари он чӯбҳо як тахтачаи чоркунҷаи ҳар тарафаш якваҷабиро ба чор мех парчин карда номи инро чароғпоя ниҳода буд.

Як рӯз Соро дар вақте, ки бузғола ба сари девор бозӣ мекард, чароғпояро аз хона гирифта бароварда ба рӯи ҳавлӣ гузошт ва бо нишон додани алафи каҳ буд, бузичаро аз сари девор фуровард.

Соро баъд аз ду-се даҳон алаф хӯрондан, бузичаро бардошта ба рӯи чароғпоя гузошт, бар рӯи тахтаи танги чароғпоя нӯкҳои чор пои бузғола ғун меистоданд.

Соро монанди лаклакбозон ашӯла хонда мувофиқи ҳавои ашӯла чапак задан гирифт. Шодӣ ҳам, ки акнун нишаста метавонист ва дар он ҷо — дар наздикии модараш менишаст, модарашро тақлид карда вай ҳам ба чапакзанӣ даромад.

Соро бо чапакзанӣ мехонд:

Ҳадӯрси, дӯрси, дӯрси,
Баро ба руи курси!

Бузғола баъд аз андак гӯш андохта истодан ба овози ашӯла ва садои чапак дар рӯи чароғпоя гирдгирд гаштанро сар кард, вай дар он ҷои танг дар ҳолате, ки чор пояш дар як ҷо ғун истодааст, сумҳояшро тез-тез якпаҳлу бардошта монда, чунон бо чолокӣ мегашт, ки гӯё паррик бар сари тираш мегашта бошад.

Ин бозӣ, ҳам ба Шодӣ, ҳам ба Соро ва ҳам ба худи бузғола бисьёр хуш омад. Бузғоларо рӯзҳои аввал Соро бо дасти худ бардошта ба рӯи чароғпоя мегузошт ва ба бозӣ меандохт, аммо вақте ки он ҳайвонбачаи зирак ба ин кор одат кард, худаш ҷаста ба рӯи чароғпоя мебаромадагӣ шуд. Ҳар вақт ки Соро:

Ҳадӯрсӣ, дӯрсӣ, дӯрсӣ,
Баро ба рӯи курсӣ!

гӯён ашӯла сар мекард, бузича ҳам, дартоз омада бо як хез гурбавор худро ба рӯи чароғпоя мегирифт ва гирд гашта ба бозӣ медаромад.

## IV

Мурод рафта-рафта фикри худро дар ҳаққи бой тамоман дигар кард: бой ба болои ин, ки ҳамеша ба Мурод муомилаи нек мекардагӣ шуд, писари ӯ Шодиро ҳам аз ёдаш намебаровард, гоҳо баъд аз ош як порча гӯшти равғаниро ба Мурод дода:

— Ма, инро ба писарча бар! — мегуфт.

Дар шабҳои бозор ба номи Шодӣ як коса оши палав доданро бошад, ҳеҷ фаромӯш намекард. Ҳар чанд аз моҷарои ангуштарини ду сол гузашта бошад ҳам, он моҷаро тамоман аз хотирҳо — ҳатто аз хотири Соро низ фаромӯш гардида бошад ҳам, бой Сороро ҳаргиз ном намебурд. Ин кори бой рӯз то рӯз Муродро сахт бовар мекунонид, ки «бой он ҳаракати нописандро бо иғвои шайтон карда будааст, ҳоло шарманда ва пушаймон аст».

Дар муддати сисола хизмати Мурод, бой ба ӯ ҳамеша ноиҳои коқшуда ва мағоркардаи ҷавин, ё ин ки зағора медод, ба ҷои хӯроки гарм ҳамеша оши сар-

қути хунукшуда, ё ки оби дегу табақи шуста — юнлӣ насиби ӯ буд. Акнун бошад, бой Муродро бо нони гандумини мулоим ва оши гарм сер мекард, ҳатто гоҳо дар дашт — дар чарогоҳ ҳам барои Мурод нони гарм, ё ки оши гарм мефиристод.

Ошу нони гармро ба чарогоҳ барои Мурод додарарӯси бой — додари зани калонаш — Шоқул мебурд.

Шоқул як бойбача буда, аз падари худ яккаписар буд. Давлату обу замини падари Шоқул — Субҳонқул баробари Эшонқулбой набошад ҳам, яке аз бойҳо ва калоншавандаи қишлоқ ҳисоб меёфт. Ӯ духтари худ Сонияро, ки фарзанди аввалинаш буд, ба калонтарини бойҳои қишлоқ — Эшонқулбой дода обрӯю эътибори худро боз ҳам зиёдтар карда буд.

Субҳонқулбой чандин ятиму чӯпон кор фармуда, корҳои хоҷагии худро худаш идора мекард ва писари ягонааш Шоқулро бошад, ҳеҷ коре намефармуд. Шоқул ҳар вақт яке аз аспҳои падарашро савор шуда ба тӯйҳо ва тамошоҳо мегашт.

Баъд аз мурдани Субҳонқул ҳамаи мулку моли ӯ ба Шоқул монд, Эшонқулбой аз Шоқул мероси зани худ Сонияро талаб карда бошад ҳам, ӯ чизе надод. Домод ва додарарӯс чанд вақт қозибозӣ карда бошанд ҳам, Эшонқулбой чизе гирифта натавонист. Зеро аз як тараф Шоқул ба сабаби бойбачаи навкиса будanaш ба дари қозӣ ва ҳоким бисьёр пул харҷ кард, аз тарафи дигар Сония, ки даъвогари ҳақиқии моли мероси падар буд, ба сабаби болои худаш зан гирифтани шавҳараш аз вай ранҷидагӣ буд, бинобар ин ӯ «моли меросии ман ба дасти додарам истодан гирад» — гуфт.

Сабаб ин буд, ки дар байни Эшонқулбой ва Шоқул алоқаи хешӣ кандагӣ буд, агар гоҳо Шоқул ба хонаи Эшонқул барои дидани ҳамшираааш равад ҳам, ба қадри имкон кӯшиш мекард, ки дар вақти дар ҳавлӣ набудани бой равад, агар рафтани ӯ ба он ҷо баногоҳ дар вақти дар ҳавлӣ будани бой ростояд, ӯ ба бой як саломи хушк дода, ба хонаи ҳамшираааш мебаромад ва боз аз он ҷо баромада мерафт.

Баъд аз мурдани падараш кори хоҷагии Шоқул ба харобӣ оварда буд, ӯ шахсан ба кори хоҷагӣ,

чунон ки дар вақти падараш одат карда буд, ҳеч нигоҳ намекард. Ӯ шабу рӯз ба сайру тамошо мегашт ва гоҳо як милтиқи шикории шалақро гирифта ба шикор мебаромад.

Ҳоло ҳам ҳар вақт дар зери пои ӯ як асп буд, лекин ин асп, монанди аспоне, ки дар замони падараш савор мешуд, аспи бидав набуда, як аспи тотў буд. Ин аспи ӯ на дар шикор ва на дар кӯбкорӣ ҳеч кор намеомад. Бо вуҷуди ин Шоқул ҳар вақт, ки аз сайру тамошо баргашта ба қишлоқ меомад, ба таъриф кардани аспи худ, милтиқи худ ва ҳунармандии худ медаромад. Қадом рӯзе, ки ӯ ба кӯбкорӣ рафта бошад, дар бозгашт ба аҳолии қишлоқ фахркунон даҳ сар буз андохта гирифтани аспи худро ҳикоя мекард, дар рӯзи аз шикор баргаштанаш мегуфт, ки «ман имрӯз се оҳуро бо милтиқ андохтам ва ду оҳуро бо асп тохта дастгир кардам».

Дурӯғ будани ин лофи ӯро донista истода гоҳо яке аз қишлоқиён мепурсид, ки:

— Пас дар куҷост он панҷ сар оҳу, ки ягонтаашро мо кабоб карда хӯрем ва дуо кунем, ки аспатон аз ин ҳам давандатар ва милтиқатон аз ин ҳам нишонгиртар шавад?

Шоқул дар ҷавоби он ҳеч фикр карда наистода, дар бозгашт дар фалон қишлоқ дар хонаи яке аз ошноҳояш фуромаданашро, яке аз оҳувонро дар он ҷо кабоб карда хӯрданашро ва боқимондаи оҳувонро ба он ошнояш инъом карда омаданашро ҳикоя мекард ва дар охири ҳикояташ мегуфт, ки:

— Одати ман ин аст, ки ягон чиз дар дастам бошад, ба касе, ки аввал ба ман рост ояд, медиҳам ва бардошта ба хона намеорам.

Ва ҳол он, ки ӯ ятимашро ба сабаби ин ки ӯ як мурғашро сахван кушта буд, зада дандонашро шикаста буд. Ин воқеа ба ин тариқа рӯй дода буд:

Як вақт Шоқул ба яке аз ятимҳояш фармуд, ки рӯидаричаи ниҳолзорашро каландгардон карда, алафи юнучқа корад ва хабардор шавад, ки то бех бастани юнучқаи нав мурғон вайро чида хӯрда хароб накунанд.

Ятим он заминро алаф кишт. як вақт барон ха-

баргирӣ пеши алафи нав киштагиаш омад, ки як гала мурғони хӯчаин дар алафзор пахн шуда заминро ханчол карда, торҳои алафи навхезро бо решаашон аз замин кашида хӯрда истодаанд. Ӯ мувофиқи таълини хӯчаин мурғхоро пеш карданӣ шуду аз замин себ барин як сангро гирифта ба тарафи мурғон ҳаво дод, тифоқо санг ба каллаи як мурғ бархӯрд ва он мурғ типиррос зада мурда монд.

Шоқул ин ҳодисаро фаҳмида он ятимро ба сутуни айвон баст, ва чанд қадам дур истода ҳамон сангеро, ки бо вай мурғ мурда буд, ба тарафи ятим ҳаво дод. Ятим кафи дастони худро ба чашму сари худ сипар карда онҳоро аз офати санг нигоҳдорӣ карда бошад ҳам, санг ба тумшуқи ӯ бархӯрд, лабҳояш хуншор шуд ва ду дандони пешаш шикаст.

Номи ин ятим дар асл Эргаш бошад ҳам, баъд аз ин ҳодиса ӯро Эргаш-Бедандон мегуфтагӣ шуданд.

* * *

Дар вақтҳои охир дар миёнаи Эшонқулбой ва Шоқул созиш баҳам омада буд, ин созиш бо кӯшиши Эшонқулбой шуд:

Эшонқулбой рӯзе ба зани худ — Сония гуфт, ки:

— Ба додари худат гӯй, ки ба ман елка карда нагардад, ҳар чанд ӯ ба ман беҳурматӣ карда бошад ҳам, ман ӯро кайҳо бахшидаам. Бо ман хешвор рафтуой кунад, яке аз аспони хуби маро савор шуда гардад. Ман аз мардум шарм медорам, ки додарарӯсам як аспи тотуро савор шуда, ба кӯбкориҳо равад ва аз дунболи бузкашон аккаи ало барин ин тараф, он тараф бефоида давад.

Бо миёнаравии Сония дар миёнаи домод ва додарарӯс оштигӣ рӯй дод, барои оштихӯрак бой Шоқулро зиёфат кард, ба ӯ ҷома пӯшонд.

Баъд аз ин зиёфат Шоқул ҳар рӯз як бор ба хонаи бой меомад, агар ба кӯбкорӣ, ё шикор рафтанӣ мешавад, ба яке аз аспони бидави бой савор шуда мерафт. Дар шикор гоҳо милтиқи панчтираи бойро бурда оҳу, гург ва монанди инҳо ҳайвонҳои калонро меандохт.

Баъд аз ин воқеа аҳолии қишлоқ ҳам худтаърифкуниҳои ӯро бе масхара доштан гӯш мекарданд, чунки ӯ акнун аз кӯбкорӣ як ё ду бузро дар зери таки ми худ овезон карда меовард, аз шикор ҳам хушку холӣ намегашт, гоҳо оҳу, гоҳо мурги титав ва гоҳо пӯсти рӯбоҳ, ё гург қоши зини ӯро зинат медод.

Шоқул, аз ятим ва чӯпонҳои худ хабардорӣ накунад ҳам ва аз чӣ хӯрда, чӣ пӯшидани онҳо ҳеҷ напурсад ҳам, ин вақтҳо ба корҳои хоҷагии Эшонқулбой ёрмандӣ мерасонид. Аз ин ҷумла дар вақти ба кӯбкорӣ, ё шикор рафтанаш ба Мурод ош ё нон бурда дода, аз ӯ аҳволпурсӣ мекард.

## V

Зиндагонии Соро ва Мурод бо хушӣ мегузашт: бузи оча-бача, ки дар вақти зоида шудани Шодӣ Эшонқулбой ба онҳо дода буд, дар соли саввум ба даҳ сар расид, хона аз ширу қаймоқ ва ҷуғроту маска пур шуд; Шодии сесола, ки бо ширу қаймоқу ҷуғроту маска калон шуда буд, аз бачагони 4—5-сола калонтар ва пурратар менамуд.

Мурод ҳам дар худ қувваи ҷавонӣ пайдо карда буд, зани ҷавони соҳибҷамоли қобил, писари тандурусти боақлу идрок, кулба ҳам бошад хонаи аз они худ, даҳ сар буз, ки ба зиндагониаш, хусусан барои тарбияи зану бачааш ёрмандӣ мерасонанд,— вақти ӯро хуш, дили ӯро тоза ва майнаи ӯро аз ташвиши зиндагӣ осуда медоштанд.

Мурод ҳар пагоҳ ба хонаи хӯҷаин меравад, баъд аз хӯроки пагоҳӣ гӯсфандонро ба чаро меронад, бегоҳӣ баъд аз ба оғил даровардани рама ва хӯрдани оши бегоҳӣ ба хонаи худ бармегардад, гоҳо аз хонаи бой барои писарчааш гӯшт, ё ош ҳам меорад — ин гуна шароити чӯпонӣ ва хизматгорӣ барои Мурод шароите буд, ки ӯ дар умри аз он пеш гузаронидааш ҳеҷ надида буд ва ин гуна хушбахт шудани худро ҳаргиз гумон ҳам намекард.

Мурод ҳамаи ин хушбахтиҳоро аз пою қадами неки занаш ва аз бахти баланди писараш медонист, би-

баргирӣ пеши алафи нав киштагиаш омад, ки як гала мурғони хӯчаин дар алафзор паҳн шуда заминро ханҷол карда, торҳои алафи навхезро бо решаашон аз замин кашида хӯрда истодаанд. Ӯ мувофиқи таъчини хӯчаин мурғҳоро пеш кардани шуду аз замин себ барин як сангро гирифта ба тарафи мурғон ҳаво дод, тифоқо санг ба каллаи як мург бархӯрд ва он мург типиррос зада мурда монд.

Шоқул ин ҳодисаро фаҳмида он ятимро ба сутуни айвон баст, ва чанд қадам дур истода ҳамон сангеро, ки бо вай мурғ мурда буд, ба тарафи ятим ҳаво дод. Ятим кафи дастони худро ба чашму сари худ сипар карда онҳоро аз офати санг нигоҳдорӣ карда бошад ҳам, санг ба тумшуқи ӯ бархӯрд, лабҳояш хуншор шуд ва ду дандони пешаш шикаст.

Номи ин ятим дар асл Эргаш бошад ҳам, баъд аз ин ҳодиса ӯро Эргаш-Бедандон мегуфтагӣ шуданд.

* * *

Дар вақтҳои охир дар миёнаи Эшонқулбой ва Шоқул созиш баҳам омада буд, ин созиш бо кӯшиши Эшонқулбой шуд:

Эшонқулбой рӯзе ба зани худ — Сония гуфт, ки:

— Ба додари худат гӯй, ки ба ман елка карда нагардад, ҳар чанд ӯ ба ман беҳурматӣ карда бошад ҳам, ман ӯро кайҳо бахшидаам. Бо ман хешвор рафтуой кунад, яке аз аспони хуби маро савор шуда гардад. Ман аз мардум шарм медорам, ки додарарӯсам як аспи тотуро савор шуда, ба кӯбкориҳо равад ва аз дунболи бузкашон аккаи ало барин ин тараф, он тараф бефоида давад.

Бо миёнаравии Сония дар миёнаи домод ва додарарӯс оштигӣ рӯй дод, барои оштихӯрак бой Шоқулро зиёфат кард, ба ӯ ҷома пӯшонд.

Баъд аз ин зиёфат Шоқул ҳар рӯз як бор ба хонаи бой меомад, агар ба кӯбкорӣ, ё шикор рафтанӣ шавад, ба яке аз аспони бидави бой савор шуда мерафт. Дар шикор гоҳо милтиқи панҷтирраи бойро бурда оҳу, гург ва монанди инҳо ҳайвонҳои калонро меандохт.

Баъд аз ин воқеа аҳолии қишлоқ ҳам худтаърифкуниҳои ӯро бе масхара доштан гӯш мекарданд, чунки ӯ акнун аз кӯбкорӣ як ё ду бузро дар зери такими худ овезон карда меовард, аз шикор ҳам хушку холӣ намегашт, гоҳо оҳу, гоҳо мурғи титав ва гоҳо пӯсти рӯбоҳ, ё гург қоши зини ӯро зинат медод.

Шоқул, аз ятим ва чӯпонҳои худ хабардорӣ намекунад ҳам ва аз чӣ хӯрда, чӣ пӯшидани онҳо ҳеҷ напурсад ҳам, ин вақтҳо ба корҳои хоҷагии Эшонқулбой ёрмандӣ мерасонид. Аз ин ҷумла дар вақти ба кӯбкорӣ, ё шикор рафтанаш ба Мурод ош ё нон бурда дода, аз ӯ аҳволпурсӣ мекард.

## V

Зиндагонии Соро ва Мурод бо хушӣ мегузашт: бузи оча-бача, ки дар вақти зоида шудани Шодӣ Эшонқулбой ба онҳо дода буд, дар соли саввӯм ба даҳ сар расид, хона аз ширу қаймоқ ва ҷуғроту маска пур шуд; Шодии сесола, ки бо ширу қаймоқу ҷуғроту маска калон шуда буд, аз бачагони 4—5-сола калонтар ва пурратар менамуд.

Мурод ҳам дар худ қувваи ҷавонӣ пайдо карда буд, зани ҷавони соҳибҷамоли қобил, писари тандурусти боақлу идрок, кулба ҳам бошад хонаи аз они худ, даҳ сар буз, ки ба зиндагониаш, хусусан барои тарбияи зану бачааш ёрмандӣ мерасонанд,— вақти ӯро хуш, дили ӯро тоза ва майнаи ӯро аз ташвиши зиндагӣ осуда медоштанд.

Мурод ҳар пагоҳ ба хонаи хӯҷаин меравад, баъд аз хӯроки пагоҳӣ гӯсфандонро ба ҷаро меронад, бегоҳӣ баъд аз ба оғил даровардани рама ва хӯрдани оши бегоҳӣ ба хонаи худ бармегардад, гоҳо аз хонаи бой барои писарчааш гӯшт, ё ош ҳам меорад — ин гуна шароити чӯпонӣ ва хизматгорӣ барои Мурод шароите буд, ки ӯ дар умри аз он пеш гузаронидааш ҳеҷ надида буд ва ин гуна хушбахт шудани худро ҳаргиз гумон ҳам намекард.

Мурод ҳамаи ин хушбахтиҳоро аз пою қадами неки занаш ва аз бахти баланди писараш медонист, би-

нобар ин онҳоро боз ҳам зиёдтар дӯст медошт ва хотирҳошонро боз ҳам зиёдтар нигоҳдорӣ мекард.

Вақте ки Мурод ба хонааш омад, мондагиҳои онрӯзааш тамоман аз баданаш мебаромад; занаш барои ӯ чой, шир ва ҷурғот мекашид, писараш ба бағалаш даромада риши ӯро бозӣ мекард, рӯи ӯро мебӯсид ва худро ба вай мебӯсонид.

Шодӣ ба падараш чунон одат карда буд ва ӯро чунон дӯст медошт, ки дар вақти дар хона будани ӯ як дақиқа ҳам аз бағали вай намефуромад, ҳар чанд хобаш ояд ҳам, ба ҷойгоҳ даромада намехобид, ҳар шаб дар бағали падараш хобаш мебурд ва баъд аз он ӯро ба ҷойгоҳ монда меёзонданд.

Соро худашро боз ҳам хушбахттар ҳис мекард, ӯ баъд аз расидан ба Мурод аз ғами танҳой халос шуда бошад, баъд аз рӯидани Шодӣ, доғи падару модар ва дигар хешу таборҳои мурдаашро аз ёд бароварда буд, ӯ Шодӣ дошт — гӯё ҳама чизро дошт, ӯ аз ин хусус ҳам фахр мекард, ки худаш ҳам мисли Мурод, ҳамаи хушбахтиҳои хонаро аз пою қадами неки худаш ва аз шарофати Шодӣ, ки ӯро ҳам худаш зондааст, медонист.

Шодӣ акнун сесола шуда бошад ҳам, калонворона рафтор мекард, ӯ аз як тараф худро аъзои соҳибҳуқуқи хонадон донад, аз тарафи дигар худро соҳиби вазифа ҳам медонист, ӯ акнун барои бозӣ на танҳо аз модараш ёрмандӣ талаб намекард, балки кӯшиш мекард, ки ба корҳои рӯзгории модараш ёрмандӣ ҳам расонад; агар модараш бузҳоро ҷӯшиданӣ шавад, бузғолаҳоро ӯ нигоҳ медошт; агар модараш шир пухтан хоҳад, ҳезумро ба сари оташдон ӯ меовард; агар модараш гуппӣ заданӣ ва маска ҷудо карданӣ шавад, офтобаи обро ба сари гуппӣ ӯ меоварад; агар модараш ҷомашӯӣ кунад, бо дасткаду аз дег оби гарм гирифта ба тағора ӯ меандохт...

* * *

Як пагоҳ Мурод аз хоб барвақттар хест ва занаш ҳанӯз бедор нашуда буд. Баъд аз шустани дасту рӯяш занашро бедор карда гуфт:

— Ман мехоҳам имшаб дар хонаи хӯҷаин ош нахӯрам ва хона омада бо шумоён хӯрам. Ту имрӯз ширхоро пухта ҷуғрот нахобонда мон ва бегоҳӣ як ширбиринҷи серщир паз. Барвақттар тайёр кун, ки ман имрӯз аз шом пеш меоям.

Мурод ба кораш рафт ва Соро ҳам аз ҷояш хеста корҳои рӯзгорашро сар кард, ӯ то аз хоб бедор шудани Шодӣ барои вай ва худаш хӯрок тайёр карда монд.

Шодӣ бедор шуда дар ҷои хобаш истода ба модараш садо дод:

— Очā, бузҳоро ҷӯшидӣ?

— Ҷӯшидам. Чӣ буд? — ҷавоб дода пурсид модараш аз рӯи ҳавлӣ, ки он ҷоро рӯфта истода буд.

— Бузичеки почаалоро ҳам ҷӯшидӣ?

Вайро соли оянда меҷӯшам, ҳолӣ вай бача аст, модар нашудааст, кай, ки модар шавад, сонӣ шир медиҳад!

— Не, не, ман дидам, вай шир медиҳад! — гӯён Шодӣ аз ҷой хеста ба чароғпоя часпид, ки вайро бардошта берун барорад, аммо натавонист, чароғпоя ғалтид ва чароғи сиёҳ аз болои вай ғалтида рафт, равғани чароғ ба ҳар тараф пош хӯрда, палоси хонаро равғанолуд кард. Шодӣ ба гирья даромад.

Соро садои тақаррос задани чароғпоя ва овози гирьяи Шодиро шунида:

— Чӣ шуд? Чӣ шуд? — гӯён давида рафта ба хона даромад.

Соро, аз рӯи хона чароғ ва чароғпояро гирифта истода:

— Гирья накун, ман ин бор туро намезанам, баъд аз ин ҳушьёр шуда гард, боз ягон чизро зала нағалтонӣ!

— Чаро мегӯӣ, ки бузичеки почаало шир намедиҳад? Ман чароғпоя бардошта баромаданӣ шудам, ғалтид-дия!

Соро тааҷҷубкунон ба Шодӣ нигоҳ кард, чашми сиёҳи калони шӯълапоши ӯ дар зери қатраҳои гирья медурахшид ва чашми вай дар ин вақт гули чашми гӯсолаи пуршабнами ба рӯяш нав офтоб тофтагӣ барин менамуд; рӯи ӯ ки дар зери тарс ва шарм са-

феди сурхчатоб шуда буд, барги гули гулобии тару тоза барин чилва мекард.

Соро ба пеши ин намуди дилкаши писарчаи ба чон баробари худ худдорӣ карда натавонист, ӯро ба бағал кашида то сер шудан чашму рӯи ӯро бӯсид.

Ҳамин, ки домани бача ба почаи Соро расид, тар будани вай маълум шуд, ӯ бачаро аз худ дуртар карда:

— Ту имшаб гуноҳи калон карда будӣ, барои ҳамин мегиристӣ-дия! — гӯён ба сари буғча рафта барои Шодӣ куртаи тоза гирифт.

— Ман тар накардаам, шири бузичаи почаало расид,— гӯён Шодӣ боз модарашро дар тааччуб андохт.

— Қанӣ гӯй, чӣ шуд, ки шири бузичаи почаало домани туро тар кард? — гуфта пурсид Соро дар вақте, ки ба бачааш куртаи тоза мепӯшонид.

— Ман дар хобам дидам, ки,— гӯён Шодӣ ба ҳикояи хоб даромад,— чароғпояя дар рӯи ҳавлӣ монда:

Ҳадӯрсӣ, дӯрсӣ, дӯрсӣ,
Баро ба рӯи курсӣ!

гуфтаам, бузичеки почаало хез зада ба рӯи чароғпоя баромадааст ва аз синаҳояш ҳам шир омадан гирифтааст, ман доманама доштаам, ки шири вай ба замин нарезад. Лекин шир аз доманам гузашта почаҳояма тар карда ба замин шоридааст.

Соро аз хоб ва кирдори писараш ба шавқ омада, чавоби хоби ӯро бо ин ашӯла дод:

Бузичеки балояки ту,
Почеш алояки ту,
Соли дигар медиҳад,
Шир бараяки ту!

— Не, бузичеки почаалояки ман ҳамин сол шир медиҳад, ҳозир шир медиҳад! Ту чароғпояя ба рӯи ҳавлӣ баровардa деҳ! Мебинӣ, ки шир медодааст! — гӯён почакӣ зад Шодӣ, ки аз назадан ва чанг накардани модараш хотирчамъ шуда буд.

Соро шасти писарчеки дӯстрӯяшро нашикаст ва дилаш нашуд, ки гапи ӯро гардонад; чароғпояро баровардa ба рӯи ҳавлӣ монду:

— Ана «чӯшидангир» бузичеки почаалоятро,— гуфт.

Шодӣ ба пеши чароғпоя истода:

Ҳадӯрсӣ, дӯрсӣ, дӯрсӣ,
Баро ба рӯи курсӣ!..

гуён ашула сар кард.

Бо шунидани овози ашӯлаи Шодӣ аз ҳама пештар бузи ҳамсоли Шодӣ, ки ҳоло модари ду бача шуда буд, давида пеши чароғпоя омаду ба рӯи вай баромада ба гирд гаштан даромад.

Бузичеки почаало ҳам, ки бачаи дуввӯми он буз буд, аз дунболи модараш омада ба болои чароғпоя баромаданӣ шуд ва бо хез задани вай модараш барои вай ҷой холӣ карда худро аз болои чароғпоя партофт.

Бузичеки почаало худро ба рӯи чароғпоя гирифта ба бозӣ даромад, аммо шир надод ва Шодӣ ҳар чанд чашм дӯхта бошад ҳам, синаашро дида натавонист.

— Оча, ин шир надод, синааш ҳам нест! — гуфт Шодӣ бо оҳанги нохушнудона.

— Магар ман нагуфтам, ки имсол шир намедиҳад?! — гуфт Соро.

Шодӣ, бузичеки почаалои дурӯғкорро, ки ӯро дар хобаш фиреб дода буд, аз болои чароғпоя пеш кард ва ба ҷои ӯ чанд бузчаи дигарро ягон-ягон бо навбат бароварда бозӣ кунондан гирифт...

— Биё хӯрок мехӯрем! — гуфт Соро, ки баъд аз руфта шудани хона дасташро мешуст.

Шодӣ бузбозиро партофта ба пеши модараш давид. Соро дасту рӯи бачаашро шӯёнда ӯро ба сари хӯрок бурд...

* * *

Соро баъд аз хӯрок дари хонаро қулф кард ва бузҳоро ба чаро бурданӣ шуда аз ҳавлӣ баромад.

Шодӣ ҳам як чӯбдасти саркачеро, ки падараш ба вай сохта дода буд, ба даст гирифта аз дунболи бузҳо ба роҳ даромад.

Соро баъд аз баромадани Шодӣ аз дари кӯча, бо пушти дар тамба монда, худаш аз деворчаи пасттаки ҳавлӣ ба кӯча фуромад.

Оча-бача бузҳоро ронда ба чарӣ — ба ҷое, ки ҳар рӯз дар он ҷо бузҳошонро мечаронданд, бурданд. Шодӣ чӯбдастчаашро ба даст гирифта дар канори ба киштзор пайвастаи чарӣ мегашт, ки мабодо бузҳо ба кишти мардум надароянд, баробари ин кор, ӯ аз роҳҳои киштзор алафҳои худрӯйро кашида гирифта ба тарафи бузҳо ҳаво медод.

Соро ба рӯи як баландии бомчамонанд, нишаста ба чилликресӣ даромад. Чиллики ӯ бисёр содда буд. ӯ як қайроки дарозрӯяро ёфта, ба вай як чӯбчаро кӯндаланг баста буд.

Ӯ дар домани худ пашмҳои ғозу шонакардаи бузро дошта аз он пашм як ҳовучашро ба муштаи гирифт, як тарафи он пашми дар мушташ будагиро ресмонмонанд тофта ба нӯги чӯбчаи чиллик баст ва дасти пашмдорашро баланд бардошта бо дасти дигараш қайроқро гирд гардонида сар дод. Ҳар боре, ки чиллик гирд мегардид, пашм пеш-пеш тоб хӯрда ресмон мегашт.

Ҳар вақт, ки як мушт пашм ёзида, борик шуда тоб мехӯрд, ресмони тобхӯрда дароз шуда, чиллик ба замин мерасид. Соро ресмони тобхӯрдаро ба қайроқ чапучилеб карда мепечонд ва боз як мушт пашм гирифта кори худашро давом медод...

Офтоб рост ба болои сар омад, бузҳо сер шуда аз хӯрдан бозистоданд. Соро пашм ва чиллики худро ғундошта истода ба писараш садо дод:

— Бузҳоро ҳай кун, ба сари чашма меравем!

Оча-бача бузҳоро ба сари чашма бурда об доданд, бузҳо баъд аз об хӯрдан хобиданд. Соро бо писарчаи худ нони аз хона бардоштаи овардагиашонро ба об тар карда хӯрданд ва бо кафи даст аз чашма об гирифта нӯшиданд.

Баъд аз хӯрок Соро боз ба чилликресӣ даромад. Ин дафъа дар чилликресӣ Шодӣ ба ӯ шогирд шуд. Шодӣ аз ресмони ба чӯбчаи чиллик баста шудагӣ дошта чилликро гирд мегардонид. Соро пашми дар доманаш будагиро пеш-пеш тахмор карда сар медод.

Ҳар қадар, ки ресмон тоб хӯрда дароз мешуд, ҳамон қадар ҳам Шодӣ паснокӣ аз пеши модараш дуртар мерафт. Баъд аз панҷоҳ қадам барин дур шудан бо хоҳиши модараш ресмони тобхӯрдаро ба чиллик ле-чонда ба пеши модараш меомад ва боз кори нав сар мешуд...

Дар яксоата вақти бузҳо дам гирифтан Соро бо ёрмандии писарчааш баробари он миқдоре, ки аз чоштгоҳ то пешин ба танҳоӣ тофта буд, ресмон тофт.

Бузҳо дар вақти хобиданашон кавша мекар-данд — хӯрокҳои дар вақти чаридан нимхоида фурӯ бурдаашонро ду бора мехоиданд ва дубора фурӯ бурда дар меъдаашон чой мекарданд.

Бузҳо бо ин кори худ шикамашонро қадре холӣ карданд ва ба хӯроки нав толиб шуда аз чояшон хеста ба хӯрдани хасу хошок даромаданд.

Соро ҳам кори худро ғундошта аз чояш хеста, бо бачааш бузҳоро ронда ба чои сералафи чарӣ бурд...

* * *

Ҳайвончаронии баъд аз пешинии Соро бисьёр да-роз накашид: шамоли сахт хеста, чарогоҳ ва кишт-зорҳоро чангу хок фурӯ гирифт ва дере нагузашта аз тарафи кӯҳсор абри сиёҳи ғафсе намоён шуд, абр монанди дуди оташхонаи поезд бо тезӣ ҳаракат кар-да ба тарафи қишлоқ меомад.

Соро аз авзои ҳаво фаҳмид, ки ба зуди борон ва бӯрони сахте сар мешавад. Зуд аз чояш хеста бо ба-чааш бузҳоро ба тарафи ҳавлӣ ронд...

Соро ба таги дарвозааш нарасида гулдур-гулдури тӯппарронимонанди ҳаворо шунид, дар вақте, ки ӯ ҳайвонҳои худро ба ҳавлиаш медаровард, борон ҳам сар шуд.

Соро бузҳоро дар оғил чо ба чо кард ва бачаи дар таки сел мондаашро бардошта ба хона даровар-да ба вай либоси хушк пӯшонид ва худаш ҳам пӯ-шокҳои таршудаашро бадал кард.

Борон, чунон ки аз чандин ҳазор сатил ба якбора об мерехта бошад, бо шиддат меборид, ғурриши шамол, гулдурроси абру ҳаво бо шалдарроси борон

Соро баъд аз баромадани Шодӣ аз дари кӯча, ба пушти дар тамба монда, худаш аз деворчеки пастаки ҳавлӣ ба кӯча фуромад.

Оча-бача бузҳоро ронда ба ҷарӣ — ба ҷое, ки ҳар рӯз дар он ҷо бузҳошонро мечаронданд, бурданд. Шодӣ чӯбдастчаашро ба даст гирифта дар канори ба киштзор пайвастаи ҷарӣ мегашт, ки мабодо бузҳо ба кишти мардум надароянд, баробари ин кор, ӯ аз рошҳои киштзор алафҳои худрӯро кашида гирифта ба тарафи бузҳо ҳаво медод.

Соро ба рӯи як баландии бомчамонанд, нишаста ба чилликресӣ даромад. Чиллики ӯ бисьёр содда буд. Ӯ як кайроки дарозрӯяро ёфта, ба вай як чӯбчаро кӯндаланг баста буд.

Ӯ дар домани худ пашмҳои ғозу шонакардаи бузро дошта аз он пашм як ҳовучашро ба мушташ гирифт, як тарафи он пашми дар мушташ будагиро ресмонмонанд тофта ба нӯги чӯбчаи чиллик баст ва дасти пашмдорашро баланд бардошта бо дасти дигараш кайрокро гирд гардонда сар дод. Ҳар боре, ки чиллик гирд мегардид, пашм пеш-пеш тоб хӯрда ресмон мегашт.

Ҳар вақт, ки як мушт пашм ёзида, борик шуда тоб мехӯрд, ресмони тобхӯрда дароз шуда, чиллик ба замин мерасид. Соро ресмони тобхӯрдаро ба кайрок чапучилеб карда непечонд ва боз як мушт пашм гирифта кори худашро давом медод...

Офтоб рост ба болои сар омад, бузҳо сер шуда аз хӯрдан бозистоданд. Соро пашм ва чиллики худро ғундошта истода ба писараш садо дод:

— Бузҳоро ҳай кун, ба сари чашма меравем!

Оча-бача бузҳоро ба сари чашма бурда об доданд, бузҳо баъд аз об хӯрдан хобиданд. Соро бо писарчаи худ нони аз хона бардошта овардагиашонро ба об тар карда хӯрданд ва бо кафи даст аз чашма об гирифта нӯшиданд.

Баъд аз хӯрок Соро боз ба чилликресӣ даромад. Ин дафъа дар чилликресӣ Шодӣ ба ӯ шогирд шуд: Шодӣ аз ресмони ба чӯбчаи чиллик баста шудагӣ дошта чилликро гирд мегардонд. Соро пашми дар доманаш будагиро пеш-пеш ҳамвор карда сар медод.

Ҳар қадар, ки ресмон тоб хӯрда дароз мешуд, ҳамон қадар ҳам Шодӣ пасноки аз пеши модараш дуртар мерафт. Баъд аз панҷоҳ қадам барин дур шудан бо хоҳиши модараш ресмони тобхӯрдаро ба чиллик ле-чонда ба пеши модараш меомад ва боз кори нав сар мешуд...

Дар яксоата вақти бузҳо дам гирифтан Соро бо ёрмандии писарчааш баробари он миқдоре, ки аз чоштгоҳ то пешин ба танҳоӣ тофта буд, ресмон тофт.

Бузҳо дар вақти хобиданашон кавша мекар-данд — хӯрокҳои дар вақти чаридан нимхоида фурӯ бурдаашонро ду бора мехоиданд ва дубора фурӯ бурда дар меъдаашон ҷой мекарданд.

Бузҳо бо ин кори худ шикамашонро қадре холӣ карданд ва ба хӯроки нав толиб шуда аз ҷояшон хеста ба хӯрдани хасу хошок даромаданд.

Соро ҳам кори худро ғундошта аз ҷояш хеста, бо бачааш бузҳоро ронда ба ҷои сералафи ҷарӣ бурд...

* * *

Ҳайвончаронии баъд аз пешинии Соро бисьёр да-роз накашид: шамоли сахт хеста, чарогоҳ ва кишт-зорҳоро чангу хок фурӯ гирифт ва дере нагузашта аз тарафи кӯҳсор абри сиёҳи ғафсе намоён шуд, абр монанди дуди оташхонаи поезд бо тезӣ ҳаракат кар-да ба тарафи қишлоқ меомад.

Соро аз авзои ҳаво фаҳмид, ки ба зудӣ борон ва бӯрони сахте сар мешавад. Зуд аз ҷояш хеста бо ба-чааш бузҳоро ба тарафи ҳавлӣ ронд...

Соро ба таги дарвозааш нарасида гулдур-гулдури тӯппарронимонанди ҳаворо шунид, дар вақте, ки ӯ ҳайвонҳои худро ба ҳавлиаш медаровард, борон ҳам сар шуд.

Соро бузҳоро дар оғил ҷо ба ҷо кард ва бачаи дар таки сел мондаашро бардошта ба хона даровар-да ба вай либоси хушк пӯшонид ва худаш ҳам пӯ-шокҳои таршудаашро бадал кард.

Борон, чунон ки аз чандин ҳазор сатил ба якбора об мерехта бошад, бо шиддат меборид, ғурриши шамол, гулдурроси абру ҳаво бо шалдарроси борон

ҳамроҳ шуда як ғулғулаи воҳимадоре пайдо карда буданд.

Соро ва Шодӣ — оча-бача дар таки девори хона нишаста аз даре, ки дар рӯ ба рӯяшон кушода мешуд, бориши боронро тамошо мекарданд. Вақте ки гулдурроси ҳаво шиддат мекард, Шодӣ худро дар оғӯши модараш гирифта, сару чашму рӯю гӯши худро дар зери ҷомачаи ӯ пинҳон мегардонид...

Дар гаштирӯзи бевақт ҳаво ором гирифт, баъд аз он борон ҳам аз бориш монд. Соро баъд аз ба як тараф кардани обҳои рӯи ҳавлӣ ва хушконидани сари оташдон ба ширбиринҷпазӣ даромад. Ӯ имрӯз мебоист мувофиқи хоҳиши шавҳараш ошашро барвақттар тайёр мекард, ки ҳамаи аъзои оила як ҷо нишаста бо ҳам мехӯрданд.

Ӯ дар оташдон олав гиронд. Шодӣ ба манъ кардани модараш гӯш надода аз хона баромад, ки ба сари оташдон ҳезум кашонад. Аммо ҳезумҳои дар рӯи ҳавлӣ будагӣ чунон тар шуда буданд, ки намесӯхтанд, ё ин ки дуд карда-дуд карда месӯхтанд.

— Акнун, ки ба ман дастёрӣ кардани бошӣ, аз оғил ҳезум биёр,— гуфт Соро ба Шодӣ, дар он ҷо ҳезуми хушк ҳаст.

Шодӣ дар об ва лои рӯи ҳавлӣ шалпос зада гашта аз оғил ҳезум мекашонд ва модараш ош мепухт...

Соро баъд аз ҷӯшондани шир ва биринҷ оташи тагги дегро пасттар карда ба хона даромад, ки гиртаги дегро пасттар карда ба хона даромад, ки гирдугун кунад: намадро, ки имрӯз вайро Шодӣ равғанолуд карда буд, чаппа карда паҳн кард, то ки доғҳояш ба назар нанамоянд; чароғпояи дар борон шустадагиро бо як латта тоза карда ба хона даровардa монд; чароғро пок карда равған андохта ба рӯи чароғпоя гузошт ва аз пахта пилта тофта дар даруни чароғ ниҳод; дар пешгаҳи хона, ки мебоист шавҳараш дар вақти хӯроки хӯрӣ дар он ҷо менишаст, як кӯрпачаро дуқат карда андохт; дар пойини кӯрпача ва пайваста ба он, дастархон паҳн карда ва ба рӯи дастархон як нон партофта рӯи вайро бо сачоқ пӯшонда монд.

Соро баъд аз ба тартиб андохтани хона боз ба сари дег баромад, дар оташдон як ду дона ҳезум

монда олавро даргиронид, деги қариб аз ҷӯш мондагӣ боз ба ҷӯш даромад.

Соро баъд аз бо кафгир кофтани дег ба ёғлоғу равғани зард андохта ба даҳанаи дудбарои оташдон гузошт, ки гарм шавад ва худ ба бузҷӯшӣ рафт. Дар вақти бузҷӯшӣ Шодӣ ба ӯ дастьёрӣ кард...

* * *

Офтоб фурӯ рафта буд, ширбиринҷ ҳам тайёр шуда буд, аммо ҳанӯз аз Мурод дарак набуд.

Соро баъд аз тамоман куштани оташи таги дег, хона даромада чароғро даргиронид ва писарашро ҳамроҳ гирифта ба таги дари кӯча баромад, ки шавҳарашро пешвоз гирад...

Гашти шоми говгум шуд; кӣ будани оянда ва равандагонро аз дур муайян кардан мумкин набуд, бинобар ин Соро ҳар ояндаеро, ки аз дур медид, гумон мекард шавҳараш меояд, аммо баъд аз ба пеши дарвоза расида гузашта рафтани он кас медонист, ки ӯ шавҳараш набудааст.

Шодиро хоб пахш кард, ҳар замон пинак рафта қариб буд ба як сӯ ғалтида равад, аммо баъд аз хушьёр кардани модараш бедор шуда бо оҳанги дилтангона:

— Дада кай меояд-а? — гуфта мепурсид.

Аммо бо вуҷуди аз шом ду соат гузаштан, Мурод наомад. Соро маҷбур шуд, ки бачаро гирифта ба хона дарорад.

Соро Шодиро дар хона монда худаш ба сари дег омад, ширбиринҷ монанди лой похса сахт шуда монда буд. Дар як табакча як кафгир ош кашида барои Шодӣ даровард, ки хоби ӯ сахт бурдааст, ӯро бедор карда ош хӯронданӣ шуд, аммо бедор кардани ӯ мумкин нашуд, дар як гӯшаи хона ҷой андохта бачаро бардошта бурда ба рӯи ҷой хобонид ва худаш боз ба сари кӯча баромад, ки шавҳарашро пешвоз гирад...

Акнун аз кӯча касе намегузашт, мардум ҳама хона ба хона шуда рафтагӣ буданд...

Соро баъд аз соатҳои дароз дар кӯчаи холӣ нишаста ба роҳи омади Мурод чашм дӯхта нигарон шудан «мабодо бача натарсад» гуфта ба хона даромад.

Бача ором ва осуда мехобид, аммо дили Соро осоиш ва ором надошт, ӯ дар хона нишаста натавониста боз ба сари кӯча баромад ва боз гашта ба хона даромад...

Баъд аз чанд бор дар байни кӯча ва хона даробаро кардан омада ба пеши писарчаааш нишаст ва чашмашро ба рӯи ӯ дӯхта дар фикру хаёл фурӯ рафт:

— «Ба ӯ чӣ рӯй дода бошад?»...

Соро ба ин суоли дар фикри худ ба худ додааш ҷавоб ёфта наметавонист. Дар ҳамин вақт аз рӯи ҳавлӣ овози по шунида шуд.

— «Охир омад» гӯён аз шодӣ дили Соро задан гирифт ва баъд аз ором ёфтани дилаш аз ҷояш хест, ки шавҳарашро пешвоз гирад.

Соро аз ҷояш хеста ба ояндаи аз дар даромада истодагӣ рӯ ба рӯ шуда дид, ки зани калони бой будааст. Соро монанди касе, ки ногоҳ ба сараш як сатил оби хунук рехта бошанд, якбора ларзида рафт.

Соро, ки дар як вақт ба ду ҳолати зидди якдигар — хурсандии зиёд ва маъюсии зиёд дучор омада буд, кариб буд аз худ равад. Ӯ худдорӣ карда ҳанӯз фурсати аз бойбибӣ пурсидани дараки шавҳарашро наёфта буд, ки ӯ пурсид:

— Мурод ака дар куҷост?

Ин пурсиши бойбибӣ ба Соро чунон расид, ки гӯё аз сари ӯ як дег оби ҷӯшонро рехта бошанд, сар то қадамаш вижжос зада сӯхта рафтагӣ барин шуду базӯр:

— Хабари ӯро ман аз шумо фаҳмиданӣ будам! — гуфта тавонист.

Бойбибӣ ба маълумотдиҳӣ даромад:

— Баъд аз сар шудани бӯрон бойамакатон Шокулро чеғ зада оварда барои хабаргирӣ аз Мурод ба дашт фиристоданд ва ба ӯ таъин карданд, ки агар гӯсфандон дар бӯрон гурехта бошанд, барои ёфта гундошта гирифта овардани онҳо ба Мурод ёрӣ ди-

хад. «Мурод гушна мондагист» гуфта ман бо Шокул ба ӯ дута нон фиристодам...

— Шоқул ӯро дар дашт наёфтааст? — гӯён Соро сухани бойбибиро бурида бо тарсу ларз пурсид.

— Сабр кунед ҳамаашро гуфта медиҳам,— гӯён бойбибӣ гапи худро давом кунонид.— Шоқул ба чарогоҳ рафта дар он ҷо на аз Мурод ва на аз гӯсфандон асаре наёфтааст. Баъд аз он ҳар тарафи даштро, кӯлхо, найзорхо ва паттазорхоро аз як сар кофтуков кардааст. Дар вақти фурӯ рафта истодани офтоб як қисми гӯсфандонро дар як найзор дидааст...

— Дадеш дар пеши он гӯсфандон набудааст? — гӯён Соро пурсид.

— Сабр кунед, мегӯям. Шоқул як гургро дидааст, ки як гӯсфандро кафонда хӯрда истода будааст, ӯ дарров он гургро бо милтиқ андохта ғалтондааст ва баъд аз он боз Мурод ва гӯсфандони дигарро кофтан гирифтааст. Лекин ҳар чанд ковад ҳам, дараке наёфтааст, баъд аз торик шудан, гӯсфандони ба даст даромадаро хай карда овардан гирифтааст.

— Охир Мурод чӣ шудааст? — гуфта пурсид дар як холате, ки гӯё тамоми вазнинихои дуньё ба сараш монанди санги осиё гашта истода бошад.

— Гуфтам-ку,— гуфт бойзанак кадре овозашро баланд карда,— аз ӯ дарак наёфтааст.

— Ба фикри шумоён ба сари ӯ чӣ бало омада бошад? — гуфта мепурсам,— гуфт Соро ҳам овозашро баланд карда.

— Бой амакатон мегӯянд: «Аҷаб нест, ки ба сабаби бисьёр талаф шудани гӯсфандон аз ман тарсида рӯй пинхон карда бошад, ё ин ки ба ягон тараф рафта бошад. Лекин барои қазое, ки аз осмон омадааст, ман ӯро кохиш намекунам. Ба Соро гӯй, агар даракашро ёбад, ӯро пеши ман фиристонад, ман дилдорӣ дода ӯро боз ба кори муқаррариаш мефармоям».

— Ман дараки ӯро аз куҷо ёфта метавонам? — гуфт Соро бо оромие, ки ба сабаби шунидани фикри бой дар худ пайдо карда буд.

— Мо фардо пагоҳирӯзӣ, боз Шоқулро барои кофтукови ӯ ба дашт мефиристонем,— гӯён бойзанак аз пеши Соро баромада рафт...

Соро баъд аз соатҳои дароз дар кӯчаи холӣ нишаста ба роҳи омади Мурод чашм дӯхта нигарон шудан «мабодо бача натарсад» гуфта ба хона даромад.

Бача ором ва осуда мехобид, аммо дили Соро осоиш ва ором надошт, ӯ дар хона нишаста натавониста боз ба сари кӯча баромад ва боз гашта ба хона даромад...

Баъд аз чанд бор дар байни кӯча ва хона даробаро кардан омада ба пеши писарчааш нишаст ва чашмашро ба рӯи ӯ дӯхта дар фикру хаёл фурӯ рафт:

— «Ба ӯ чӣ рӯй дода бошад?»...

Соро ба ин суоли дар фикри худ ба худ додааш ҷавоб ёфта наметавонист. Дар ҳамин вақт аз рӯи ҳавлӣ овози по шунида шуд.

— «Охир омад» гӯён аз шодӣ дили Соро задан гирифт ва баъд аз ором ёфтани дилаш аз ҷояш хест, ки шавҳарашро пешвоз гирад.

Соро аз ҷояш хеста ба ояндаи аз дар даромада истодагӣ рӯ ба рӯ шуда дид, ки зани калони бой будааст. Соро монанди касе, ки нохост ба сараш як сатил оби хунук рехта бошанд, якбора ларзида рафт.

Соро, ки дар як вақт ба ду ҳолати зидди якдигар — хурсандии зиёд ва маъюсии зиёд дучор омада буд, қариб буд аз худ равад. Ӯ худдорӣ карда ҳанӯз фурсати аз бойбибӣ пурсидани дараки шавҳарашро наёфта буд, ки ӯ пурсид:

— Мурод ака дар куҷост?

Ин пурсиши бойбибӣ ба Соро чунон расид, ки гӯё аз сари ӯ як дег оби ҷӯшонро рехта бошанд, сар то қадамаш вижжос зада сӯхта рафтагӣ барин шуду базӯр:

— Хабари ӯро ман аз шумо фаҳмиданӣ будам! — гуфта тавонист.

Бойбибӣ ба маълумотдиҳӣ даромад:

— Баъд аз сар шудани бӯрон бойамакатон Шокулро чеғ зада оварда барои хабаргирӣ аз Мурод ба дашт фиристоданд ва ба ӯ таъин карданд, ки агар гӯсфандон дар бӯрон гурехта бошанд, барои ёфта гундошта гирифта овардани онхо ба Мурод ёрӣ ди-

хад. «Мурод гушна мондагист» гуфта ман бо Шокул ба ӯ дута нон фиристодам...

— Шокул ӯро дар дашт наёфтааст? — гӯён Соро сухани бойбибиро бурида бо тарсу ларз пурсид.

— Сабр кунед ҳамаашро гуфта медиҳам,— гӯён бойбибӣ гапи худро давом кунонид.— Шокул ба чарогоҳ рафта дар он ҷо на аз Мурод ва на аз гӯсфандон асаре наёфтааст. Баъд аз он ҳар тарафи даштро, кӯлҳо, найзорҳо ва паттазорҳоро аз як сар кофтуков кардааст. Дар вақти фурӯ рафта истодани офтоб як қисми гӯсфандонро дар як найзор дидааст...

— Дадеш дар пеши он гӯсфандон набудааст? — гӯён Соро пурсид.

— Сабр кунед, мегӯям. Шокул як гургро дидааст, ки як гӯсфандро кафонда хӯрда истода будааст, ӯ дарҳол он гургро бо милтиқ андохта ғалтондааст ва баъд аз он боз Мурод ва гӯсфандони дигарро кофтан гирифтааст. Лекин ҳар чанд ковад ҳам, дараке наёфтааст, баъд аз торик шудан, гӯсфандони ба даст даромадаро ҳай карда овардан гирифтааст.

— Охир Мурод чӣ шудааст? — гуфта пурсид дар як ҳолате, ки гӯё тамоми вазниниҳои дунёе ба сараш монанди санги осиё гашта истода бошад.

— Гуфтам-ку,— гуфт бойзанак қадре овозашро баланд карда,— аз ӯ дарак наёфтааст.

— Ба фикри шумоён ба сари ӯ чӣ бало омада бошад? — гуфта мепурсам,— гуфт Соро ҳам овозашро баланд карда.

— Бой амакатон мегӯянд: «Аҷаб нест, ки ба сабаби бисёр талаф шудани гӯсфандон аз ман тарсида рӯй пинҳон карда бошад, ё ин ки ба ягон тараф рафта бошад. Лекин барои қазое, ки аз осмон омадааст, ман ӯро коҳиш намекунам. Ба Соро гӯй, агар даракашро ёбад, ӯро пеши ман фиристонад, ман дилдорӣ дода ӯро боз ба кори муқаррариаш мефармоям».

— Ман дараки ӯро аз куҷо ёфта метавонам? — гуфт Соро бо оромие, ки ба сабаби шунидани фикри бой дар худ пайдо карда буд.

— Мо фардо пагоҳирӯзӣ, боз Шокулро барои кофтукови ӯ ба дашт мефиристонем,— гӯён бойзанак аз пеши Соро баромада рафт...

* * *

Рӯзи дигари он рӯзе, ки Мурод ба хонааш наомада буд, боз бойбибӣ ба пеши Соро омад, ин дафъа ҳам бевақт — шабона вақти хоб омад. Хабаре, ки имшаб ӯ овард, аз хабари дина шаб овардагиаш ҳам бадтар буд:

Назар ба гуфтаи ӯ ҳамон рӯз Шоқул ба дашт рафта аз пагоҳӣ то бегоҳӣ ҳама ҷойро кофтуков карда аст, аммо дар ҳеҷ ҷо ягон нишонаи Муродро надидааст. Баъд аз канда шудани умедаш аз ҳама ҷо нойлуч шуда ба кӯли найзоре, ки рӯзи бӯрон гӯсфандон гурехта ба ҳамон ҷо паноҳ бурда будаанд, даромадааст, он найзорро ҳам сар то по кофта дидааст, аз он ҷо ҳам асаре наёфтааст. Лекин дар вақте, ки аз кӯл баргашта мебаромадааст, дар зери найҳо асари хун, либосҳои дарида порашуда ва устухони одамӣ барин устухонҳоро дидааст...

Бо шунидани ин хабар, аҳволи ба Соро рӯй додагӣ ва изтироби дили пурдардшудаи ӯро ҳеҷ як қалам тасвир карда наметавонад, ба чашми бинанда фақат ҳамин қадар намуд, ки ӯ «воҳ!» гӯён ду панҷаашро ба сари синааш зад ва гӯё, ки аз он ҷо дилу шуши тангшудаи худро канда гирифта мебаровардагӣ бошад, бо чанголаш ғичим карду баъд аз он гӯё, ки дар зери ӯ динамит гузошта оташ дардода бошанд, аз ҷояш якбора парид ва дубора ба рӯи хона ғалтида чун моргазидагон ғунча шуда печутоб хӯрд ва баъд аз дақиқае рангаш сафед шуд ва дасту пояш ба ҳар тараф ёзид ва худаш ҳам дароз кашид. Дигар на садое ва на ҳаракате аз вай дида нашуд.

Бойзанак муқаррар кард, ки ӯ мурдааст, аммо вақте ки оиначаи бағалиашро бароварда ба даҳони ӯ дошт, ба рӯи оина ғубори намдоре пайдо шуд. Аз ин ҳол бойзанак донист, ки ӯ ҳанӯз намурдааст.

Шодӣ ҳам, бо дод гуфта ба замин ғалтидани модараш, гирьякунон ва додгӯён худро ба болои модараш партофт.

Вақте ки бойзанак аз хонаи Соро баромада мерафт, аз он ҷо танҳо овози гирьяи писарча шунида мешуд...

## VI

Баъд аз як ҳафтаи гум шудани Мурод, Эшонқулбой имому оқсақоли қишлоқро пеши Соро барои завчигӣ фиристод. Онҳо баъд аз «афсӯс хӯрданашон» аз чиҳати Муродро гург хӯрдан, супориши бойро ба Соро расониданд.

Назар ба гуфтаи онҳо бой аз чиҳати нобуд шудани Мурод бисьёр ғамгин будааст, барои хурсанд кардани арвоҳи Мурод ва ба тарзи мукофот ба хизматҳои чандсолаи ӯ ба писари у падарӣ карданӣ будааст, бинобар ин мехостааст, ки Сороро бо никоҳи шаръӣ ба худ зан кунад.

Соро, ки аз имому оқсақол ин гапро шунид, якбора гирья карда фиристод ва баъд аз қадре гиристa холӣ кардани дили худ гуфт:

— Аввало ҳоло маълум нест, ки шавҳари маро гург хӯрдааст, ё не? Дуйӯм агар рафту шавҳари маро гург хӯрда бошад ҳам, ҳоло ман шавҳар карданро намехоҳам, барои писарчаи ман падари ӯгай даркор нест. Агар умраш боқӣ бошад, ӯ ҳам дар қатори он бачагони бепадару бекас, ки дар мамлакати мо кам нестанд, калон мешавад, меравад.

Дар вақте, ки Эшонқулбой мехост барои ба даст даровардани Соро, ки талаби ӯро рад кардааст, ягон чораи қатъитар бинад, дар қишлоқ хабаре овоза шуд: назар ба ин хабар аҳолии як қишлоқ, ки дар лаби дарьёи Аму буда, аз қишлоқи бой хеле дар поёнтар аст, дар канори дарьё як мурдаи оббурдаро ёфтаанд. Назар ба қавли касе, ки ин хабарро аз он қишлоқ овардааст, ӯ мурдаро ба чашми худ дида будааст ва он мурда ба Мурод монанд будааст ва инчунин назар ба гапи он одам Мурод ба пои худ дар дарьё ғарқ нашуда будааст, балки ӯро бо тир зада кушта ба об партофта будаанд.

Соро, ки ин хабарро шунид, бачаашро ба шонааш борвор баста лаб-лаби дарьё ба он қишлоқ рафт. Дар он чо гӯри мурдаеро, ки аз канори дарьё ёфта гӯронда будаанд, кушоёнда дид: пӯстҳои бадани мурда варамида кафида ва аз ҳолати аслиаш тамоман дигаргун шудагӣ буд, бинобар ин Соро муайян надо-

нист, ки он мурдаи шавҳараш аст, ё дигаре? Бо вуҷуди ин ӯ ба гумони ин ки шояд мурдаи шавҳараш бошад, аз дидани он ҳол аз ҳуш рафт ва баъд аз ба хуш омадан, ҳар тарафи мурдаро гардонда дид, ки аз тир асаре ҳаст ё нест. Бинобар пӯсида будани бадани мурда, ки бештарини ҷояш сӯрох шуда буд, нишонаи тирро ҳам муайян карда натавонист.

Соро чӣ шудани тақдири шавҳари худро муайян карда натавониста бо дидаи гирьён, бо дили бирьён ва бо тани ларзон ба хона баргашт. Лекин ба сабаби ин ки вақти ғоиб шудани шавҳараш дер кашид ва гург хӯрдан ва ё ин ки кушта шудани ӯ ба тарзи инкор карда нашуданӣ овоза шуд, ба азо нишаст.

* * *

Ҳанӯз рӯзҳои азодории Соро нагузашта буд, ки Эшонқулбой дубора ба ӯ кас фиристода ба занӣ талаб кард ва ин дафъа супориши худро бо оҳанги дуруcттар ба ӯ фиристод. Назар ба қавли ин миёнаравон, бой мегуфтааст, ки:

— «Соро мурдаи шавҳари худро ба чашми худ дида омад. Акнун барои шавҳар накардан дар ӯ ҳеҷ баҳонае намонд. Бо вуҷуди ин агар ӯ «шавҳар намекунам» гӯяд, ман розӣ намешавам, ки дар қишлоқи ман як зани ҷавони бешавҳар зиндагонӣ кунад ва сабаби ба ҳаром афтодани ҷавонон шавад. Модом, ки шавҳар карданаш даркор аст, аз ҳама ман беҳтар ва авлотарам ва агар ӯ каси дигарро аз ман беҳтар донад, дар ин қишлоқ касе нест, ки ба деворе, ки ман пой мондаам, пой ниҳад».

Соро ҳам ин дафъа оҳангашро дигар кард: ба ин гуна миёнаравони беҳаё, ки аз номи як беномус ва эҳтимол кушандаи шавҳараш ҳам бошад, тӯтивор гап мезананд, узргӯӣ ва баҳонаҷӯӣ карда нанишаст ва бе ибо ба даҳонаш чӣ алфозе, ки омад, ба рӯи онҳо зада баровагда пеш кард.

Лекин бой бо ин қадарҳо дам шуда нарафт: ӯ аввал гулӯи «калоншавандагони» қишлоқро равған кард ва баъд аз он дар зери дасти Шоқул якчанд нафар шӯрапуштонро ба хонаи Соро фиристод, ки ӯро шабо-

на пахш карда гирифта оварда ба бой супурданд ва бой имомро оварда никоҳ ҳам кунонид ва ба ҳамин тариқа Соро дар қатори занони никоҳии бой даромад.

* * *

Соро ба қатори занони никоҳии бой дароварда шуд. Лекин бой ҳоло ӯро зани никоҳии худ намедонист, ҳатто ҳоло он ҳавасеро ҳам надошт, ки ба вай дар аввалҳои дидани худ ӯро пайдо карда буд. Ҳоло бой аз даровардани ӯ ба дасти худ ду мақсад дошт:

Якӯм ба ҳама ва аз ин ҷумла ба Соро ҳам фаҳмондан мехост, ки бойҳо ва махсусан Эшонқулбой ба ҳар коре, ки даҳан ва чанг занад, албатта, ба вуҷуд оварда метавонад ва касе ки ба хоҳиши ӯ муқобил бароад, ба ҳамин рӯзе, ки Соро афтидааст — меафтад ва дар охир боз ба сар фуровардан маҷбур мешавад; дуввӯм ӯ мехост, ки ба ҷои Муроди каму беш музд мегирифтагӣ як каниз ва як ғуломбачаи бемузд ва «бедирамхарида» ба даст дарорад.

Бинобар ин ӯ аз рӯзи дуввӯми «никоҳ» Сороро дар корҳои сахти хона ва саҳро кор фармудан гирифт.

Соро ҳам, чунон ки аз аввал зани Эшонқулбой шуданро намехост, ҳоло ҳам ӯ худро бо ҳеҷ роҳ зани ӯ намедонист: бинобар ин ӯ куртаи наверо, ки шаби никоҳ ба вай мувофиқи урфу одат бо зӯрӣ пӯшонда буданд, дар ҳамон соати аввалӣ, ки танҳо монд, аз тани худ кашида ҳаво дод ва ҳамон либосҳои обшуста, дарида ва ямоқиро, ки дар хонаи худ мепӯшид, пӯшидан гирифт.

Зиндагонии меҳнатии Соро дар хонаи бой, аз зиндагонии меҳнатии занони меҳнаткашони он вақт, ки тоқатгудоз буд, чанд-чанд сахттар буд. Ӯ монанди канизакони замони ғуломдорӣ, ки маҳз барои меҳнат кунонидан харида шуда бошанд, маҷбур буд, ки ҳамеша кор кунад, дуруст чиз нахӯрда ва дуруст нахобида кор кунад, дар зери дашноми бой ва занони ӯ ва дар зери зарбу лати тоқатгудози онҳо «вой» нагуфта кор кунад.

Шодӣ, ки бой ба вай «падар» шуданӣ буд, дар хонаи ӯ аз бепадарони бекас бадтар зиндагонӣ мекард. Ӯ мисли сагбачагони бесоҳиби дар кӯча зондашуда,

аз ҳар кас шаллоқ хўрда зиндагонӣ мекард. Ў монан-
ди моҳичаи аз об дуршудае, ки дар реги тафсон афто-
да бошад — тапида ва чон канда зиндагонӣ мекард.

Шодиро аз ҳама зиёдтар писари бой—Истам азоб
медод. Ў аз Шодӣ се сол калонтар буд ва аз ҳамин ка-
лонии худ фоида бурда ўро рўзе чанд бор мезад ва
агар дар вақти задани Истам Шодӣ мегирист, мода-
ри Истам омада ўро мезад, ки чаро гиръя мекунад.

Шодӣ вақте ки калонтар шуд, рўзе қувваи мудо-
фиагии худро озмуда диду дар вақти задани Истам
ўро, аз пои Истам гирифта бардошта ўро ба поини су-
фа ғелонда фиристод.

Модари Истам ўро ба ин «гуноҳ» ба задани худ
қаноат накарда ба шавҳари худ — Эшонқулбой ҳам
занонд. Бачаи бечораи хурдсол ба ин зарбу лати ода-
ми калонсол тоб наоварда дар ҳолате, ки тамоми ба-
данаш абгор шуда буд, бемор шуда ғалтид, дар ин бе-
мории мурданӣ як моҳ хобида ба пой хест. Аммо то
чанд гоҳ ҳар бор, ки хоҳ бой бошад, хоҳ занаш ўро ме-
диданд, мезадандаш.

Шодӣ ба ин гуна зарбу латҳои пай дар пай тоб
оварда натавонист ва мачбур шуд, ки худро ба наза-
ри хўчаинон нишон надиҳад: ў дар мағзи беда ва коҳ
ва дар зери бандҳои шох даромада руст шуда мехо-
бид.

Модари бечора — он модаре, ки тамоми ҳаёташ
ба ў баста буд ва ўро аз чони худ азизтар мешумо-
рид, ба ин аҳволи вай ёрмандӣ расонида наметаво-
нист, ҳатто як бурда нони қоқро ҳам аз нафси худ за-
да ба ў пинҳонӣ медод.

Бой, аз рўзе, ки Сороро ба хонаи худ овардааст,
Шодиро ягон бор ҳам бо номи худаш чеғ назадааст
ва ҳар вақт ўро «ятимча» гуфта чеғ мезад, «ятимча»
гуфта кор мефармуд ва «ятимча» гуфта мезад.

Қасони дигаре ҳам, ки дар ҳавлии бой буданд, аз
забони бой гирифта ўро «ятимча» мегуфтанд ва аз за-
бони онҳо гирифта дигарон ҳам ўро «ятимча» мегуф-
тагӣ шуданд.

Вақте ки Шодӣ калонтар шуд, аломати хурдиро,
ки часпаки «ча» аст, партофта «ятим» гуфтан гириф-
танд ва номи аслии ў тамоман аз хотирҳо фаромўш

дошта ва похои худро ба тарафи гардани асп овезон карда асп медавонид.

— Ин чист— чорукпӯш пурсид.

— Ин одамро «сӯфиобкаш» мегӯянд,— гуфт одами сипоҳимонанд ва давом кард,— он кӯзаҳоро бо оби махсус пур кардаанд, ки ҳар вақт ҷаноби олӣ об хоҳанд, аз он кӯза дар он коса рехта медиҳанд.

Аз паси ин савор боз як савори дигар асп давонда омад, ин савор косаеро дар рӯймол гузошта, чор гӯшаи рӯймолро ба дасти худ гирифта, косаро овезон бардошта меомад.

— Ин чист?

— Ин одам шарбатдор аст ва косае, ки дар он рӯймол аст, пуршарбат аст, агар баногоҳ ҳаваси ҷаноби олӣ ба шарбат равад, шарбатдор дарҳол он косаро ба пеши ҷаноби олӣ медорад.

Аз канори роҳ аз сӯрохие йӯрмоне намоён шуд, як чанд тамошобинон бо сангу кулӯх ба вай ҳуҷум карданд, йӯрмон аз одамон гурехта худро ба миёнаи роҳ андохт. Аспи шарбатдор, ки аз он ҷо мегузашт, давидани йӯрмонро дида хӯсид ва чорғпоя шуда худро пас партофт. Шарбатдор, ки нигарони ин аҳвол набуд, аз асп ғалтид ва аз дасти ӯ рӯмоли косадор парида рафта дар пеши тамошобинон афтид. Коса шикаста пора-пора шуд. Аммо дар коса шарбат-марбат набудааст.

— Ин коса холӣ будааст-ку,— гуфт чорукпӯш, ба касе, ки ба вай он коса «пуршарбат» гуфта буд, бо оҳанги дурӯғгӯйкунанда.

Каси сипоҳитамма шармида сурх шуд ва як каси дигар ба сухан даромад.

— Мумкин аст, ки амир дар он кат дар умри худ ягон бор ҳам нахобида бошад, он дег ҳам холӣ ва он кӯзаҳо ҳам беоб бошанд. Лекин ин чизҳоро барои ба назари мардум «ҷилва кунондани дабдабаи подшоҳӣ» ба ҳамин тартиб гирифта мегарданд ва медаванд.

Акнун аз роҳ на ин, ки саворагони якка-якка, балки саворони бисьёр, бо аспу аробаҳои пурбор бо ҳам омехта, ба ҳаво, ба атроф ва ба якдигарашон лойҳои роҳро парронда мегузаштанд.

Дар қатори аробаҳо як аробаи каппадоре намуд, ки бар рӯи каппаи вай намади калонеро партофта, ҳама ҷои аробаро маҳкам пӯшонда буданд.

— Ин аробаи ӯрда[1] аст,— гуфт каси сипоҳитағма бе он, ки аз ӯ касе чӣ хел ароба будани онро пурсида бошад ва давом кард,— дар дарунаш ҳарами мӯҳтарам ва занони хоссаи ҷаноби олӣ нишастаанд ва барои нигоҳдории онҳо аз назари номаҳрамон, болои аробаро маҳкам пӯшондаанд.

Ароба рафта ба пеши чодар истод, яке аз хизматчиён, ки дар пеши чодар — дар зери шомиёна буд, як тарафи намадро кушода бардошт, аз даруни ароба чанд писарбачаи 16—17-сола паси якдигар фуромада ба чодар даромаданд. Либосҳои ин бачагон хуб ва тоза бошад ҳам, рангашон кандагӣ ва заҳир шудагӣ буд, ранги рӯи инҳо чунон менамуд, ки гӯё баъд аз дуру дароз дар зиндон хобидан ҳозир баромада бошанд ва ё ин ки аз бемории чандинсола навакак сар бардошта бошанд.

— Инҳо киҳоанд?— гуфта пурсид он чорукпӯши кунчков, ки ҳар чизро пурсида фаҳмидан мехост. Амкунчков, ки ҳар чизро пурсида фаҳмидан мехост. Аммо он одами сипоҳимонанди маҳмадоно, ки ҳар чизро эзоҳ мекард ва навакак он аробаро «аробаи ӯрда» гуфта буд, ба ин пурсиш чизе нагуфт. Ҳамоно аз дурӯғ баромадани эзоҳи ҳозираи худ шарманда шуда буд, ки рӯи худро ба тарафе тофт ва худро чунон нишон дод, ки гӯё ин пурсишро нашунидааст.

Лекин каси дигаре ба ин пурсиш ҷавоб дод:

— Инҳо бачагонеанд, ки амир онҳоро бо зӯрӣ ва зулм аз падару модарҳошон ҷудо карда гирифтааст; инҳо асирони мазлумеанд, ки амир онҳоро дар лойиқаи мурдори дарбори худ бо бандҳои ваҳшоният нигоҳ медорад; инҳо он сабзаҳои навхезанд, ки дар зери мӯзаи мурдори амир поймол шудаанд; инҳо он ғунчаҳои навшукуфтаанд, ки дар тафбоди бедод пажмурда гардидаанд; инҳо аз ҳаёти дарборӣ нафрат доранд, азоб мекашанд, алам мебинанд; бинобар ин инҳо ҳар чанд зиндаанд, ранги рӯяшон мурдамонанд кандааст.

Баъд аз гузашта тамом шудани саворон ва аробаҳо, дастаи аскари хоссаи амир намоён шуд, либоси

ии аскарон монанди либоси аҳли Кавказ буда, худашон ҳам Кавказ номида мешуданд.

Баъд аз гузаштани дастаи аскари Кавказ, удайчӣ ва шиговулони[63] амир пайдо шуданд. Дар дасти инҳо чӯбдастҳои сартиллои заркӯб буда, ба аспони давриву абзоли тиллодор савор буданд, аммо инҳо аспҳошонро намедавонданд ва бо яккакадам оҳиста-оҳиста меронданд.

Яке аз инҳо бо овози баланд мегуфт:

— Ҳазрати амир музаффару мансур шаванд!

Ва дигаре аз паи он фарьёд мекашид:

— Ҳазрати амир ҷаҳонгир шаванд! Теғашон бурро ва сафарашон бехатар шавад!

Саввумӣ гӯё ба онҳо ҷавоб медод.

— Илоҳи омин!

Пурсандаи чорукпӯш бо шунидани ин садоҳо қаҳқосзанон ханда карда фиристод.

— Чаро механдӣ?— гуфта яке аз ӯ пурсид.

— Амир дар муқобили меҳнаткашони зулмдида, ки ба даст ярок гирифта барои аз мамлакат нест кардани ӯ бархостаанд, зафар намеёфт, зафар наёфт ва зафар ҳам нахоҳад ёфт. Ин аст, ки мебинем, аз мамлакат пеш карда шуда, бо расвоӣ ба хоки бегонагон гурехта рафта истодааст. Инҳо ҳанӯз «ҳазрати амир музаффару мансур шаванд, теғашон бурро шавад» ва «ҷаҳонгир шаванд!» гӯён фарьёд мекашанд. Магар ин ҷои ханда нест?! — гуфт чорукпӯш.

— Аз дасти меҳнаткашони ситамдида, ки ба даст ярок гирифтаанд, сари худро саломат гирифта гурехта тавонистан ҳам барои амир як зафар аст,— гуфт як одами дигар ва давом кард, — ҳар чанд ҷаҳонгир нашавад ҳам, дар хоки бегонагон дар ба дар гашта «ҷаҳонгард» мешавад.

Ниҳоят дастае намудор шуд, ки мегуфтанд «дар миёнаи онҳо амир меояд», аммо азбаски атрофи ӯро афғонони ярокдор печонда гирифта буданд, ҳеҷ кас ӯро дида наметавонист.

— Чаро амир аз афғонон ба худ посбон гирифтааст?— гуфта чорукпӯши кунҷков пурсид.

— Азбаски ӯ ба мардум бисьёр зулм кардааст, аз ҳама метарсад, ҳатто ба аскарони хоссаи худаш ҳам

Дар қатори аробаҳо як аробаи каппадоре намуд ки бар рӯи каппаи вай намади калонеро партофта ҳама ҷои аробаро маҳкам пӯшонда буданд.

— Ин аробаи ўрда[6] аст,— гуфт каси сипоҳитаги бе он, ки аз ӯ касе чӣ хел ароба будани онро пурсид бошад ва давом кард,— дар даруннаш ҳарами мӯҳта рам ва занони хоссаи ҷаноби олӣ нишастаанд ва ба рои нигоҳдории онҳо аз назари номаҳрамон, боло аробаро маҳкам пӯшондаанд.

Ароба рафта ба пеши чодар истод, яке аз хизмат чиён, ки дар пеши чодар — дар зери шомиёна буд, я тарафи намадро кушода бардошт, аз даруни ароб чанд писарбачаи 16—17-сола паси якдигар фуромад ба чодар даромаданд. Либосҳои ин бачагон хуб в тоза бошад ҳам, рангашон кандагӣ ва заҳир шудаг буд, ранги рӯи инҳо чунон менамуд, ки гӯё баъд а дуру дароз дар зиндон хобидан ҳозир баромада бо шанд ва ё ин ки аз бемории чандинсола навакак са бардошта бошанд.

— Инҳо киҳоанд?— гуфта пурсид он чорукпӯш кунчков, ки ҳар чизро пурсида фаҳмидан мехост. Ам мо он одами сипоҳимонанди маҳмадоно, ки ҳар чизр эзоҳ мекард ва навакак он аробаро «аробаи ўрда гуфта буд, ба ин пурсиш чизе нагуфт. Ҳамоно аз ду рӯғ баромадани эзоҳи ҳозираи худ шарманда шуд буд, ки рӯи худро ба тарафе тофт ва худро чунон н шон дод, ки гӯё ин пурсишро нашунидааст.

Лекин каси дигаре ба ин пурсиш ҷавоб дод:

— Инҳо бачагонеанд, ки амир онҳоро бо зӯрӣ в зулм аз падару модарҳошон ҷудо карда гирифтааст инҳо асирони мазлумеанд, ки амир онҳоро дар ло каи мурдори дарбори худ бо бандҳои ваҳшонияти н гоҳ медорад; инҳо он сабзаҳои навхезанд, ки дар з ри мӯзаи мурдори амир поймол шудаанд; инҳо о ғунчаҳои навшукуфтаанд, ки дар гафбоди бедод па мурда гардидаанд; инҳо аз ҳаёти дарборӣ нафрат д ранд, азоб мекашанд, алам мебинанд; бинобар ин и ҳо ҳар чанд зиндаанд, ранги рӯяшон мурдамонан кандааст.

Баъд аз гузашта тамом шудани саворон ва ароб ҳо, дастаи аскари хоссаи амир намоён шуд, либос

ин аскарон монанди либоси аҳли Қавказ буда, худашон ҳам Қавказ номида мешуданд.

Баъд аз гузаштани дастаи аскари Қавказ, удайчӣ ва шиғовулони[42] амир пайдо шуданд. Дар дасти инҳо чӯбдастҳои сартиллои заркӯб буда, ба аспони давриву абзоли тиллодор савор буданд, аммо инҳо аспҳошонро намедавониданд ва бо яккақадам оҳиста-оҳиста меронданд.

Яке аз инҳо бо овози баланд мегуфт:

— Ҳазрати амир музаффару мансур шаванд!

Ва дигаре аз паи он фарьёд мекашид:

— Ҳазрати амир ҷаҳонгир шаванд! Теғашон бурро ва сафарашон бехатар шавад!

Саввӯмӣ гӯё ба онҳо ҷавоб медод.

— Илоҳи омин!

Пурсандаи чоруқпӯш бо шунидани ин садоҳо қаҳқосзанон ханда карда фиристод.

— Чаро механдӣ?— гуфта яке аз ӯ пурсид.

— Амир дар муқобили меҳнаткашони зулмдида, ки ба даст яроқ гирифта барои аз мамлакат нест кардани ӯ бархостаанд, зафар намеёфт, зафар наёфт ва зафар ҳам нахоҳад ёфт. Ин аст, ки мебинем, аз мамлакат пеш карда шуда, бо расвоӣ ба хоки бегонагон гурехта рафта истодааст. Инҳо ҳанӯз «ҳазрати амир музаффару мансур шаванд, теғашон бурро шавад» ва «ҷаҳонгир шаванд!» гӯён фарьёд мекашанд. Магар ин ҷои ханда нест?! — гуфт чоруқпӯш.

— Аз дасти меҳнаткашони ситамдида, ки ба даст яроқ гирифтаанд, сари худро саломат гирифта гурехта тавонистан ҳам барои амир як зафар аст,— гуфт як одами дигар ва давом кард, — ҳар чанд ҷаҳонгир нашавад ҳам, дар хоки бегонагон дар ба дар гашта «ҷаҳонгард» мешавад.

Ниҳоят дастае намудор шуд, ки мегуфтанд «дар миёнаи онҳо амир меояд», аммо азбаски атрофи ӯро афғонони яроқдор печонда гирифта буданд, ҳеҷ кас ӯро дида наметавонист.

— Чаро амир аз афғонон ба худ посбон гирифтааст?— гуфта чоруқпӯши кунҷков пурсид.

— Азбаски ӯ ба мардум бисьёр зулм кардааст, аз ҳама метарсад, ҳатто ба аскарони хоссаи худаш ҳам

Дар қатори аробаҳо як аробаи каппадоре намуд, ки бар рӯи каппаи вай намади калонеро партофта, ҳама ҷои аробаро маҳкам пӯшонда буданд.

— Ин аробаи ӯрда[1] аст,— гуфт каси сипоҳитаҷма бе он, ки аз ӯ касе чӣ хел ароба будани онро пурсида бошад ва давом кард,— дар дарунаш ҳарами мӯҳтарам ва занони хоссаи ҷаноби олӣ нишастаанд ва барои нигоҳдории онҳо аз назари номаҳрамон, болои аробаро маҳкам пӯшондаанд.

Ароба рафта ба пеши чодар истод, яке аз хизматчиён, ки дар пеши чодар — дар зери шомиёна буд, як тарафи намадро кушода бардошт, аз даруни ароба чанд писарбачаи 16—17-сола паси якдигар фуромада ба чодар даромаданд. Либосҳои ин бачагон хуб ва тоза бошад ҳам, рангашон кандагӣ ва заҳир шудагӣ буд, ранги рӯи инҳо чунон менамуд, ки гӯё баъд аз дуру дароз дар зиндон хобидан ҳозир баромада бошанд ва ё ин ки аз бемории чандинсола навакак сар бардошта бошанд.

— Инҳо киҳоанд?— гуфта пурсид он чорукпӯши кунҷков, ки ҳар чизро пурсида фаҳмидан мехост. Аммо он одами сипоҳимонанди маҳмадоно, ки ҳар чизро эзоҳ мекард ва навакак он аробаро «аробаи ӯрда» гуфта буд, ба ин пурсиш чизе нагуфт. Ҳамоно аз дурӯғ баромадани эзоҳи ҳозираи худ шарманда шуда буд, ки рӯи худро ба тарафе тофт ва худро чунон нишон дод, ки гӯё ин пурсишро нашунидааст.

Лекин каси дигаре ба ин пурсиш ҷавоб дод:

— Инҳо бачагонеанд, ки амир онҳоро бо зӯрӣ ва зулм аз падару модарҳошон ҷудо карда гирифтааст; инҳо асирони мазлумеанд, ки амир онҳоро дар лойкаи мурдори дарбори худ бо бандҳои ваҳшоният нигоҳ медорад; инҳо он сабзаҳои навхезанд, ки дар зери мӯзаи мурдори амир поймол шудаанд; инҳо он ғунчаҳои навшукуфтаанд, ки дар тафбоди бедод пажмурда гардидаанд; инҳо аз ҳаёти дарборӣ нафрат доранд, азоб мекашанд, алам мебинанд; бинобар ин инҳо ҳар чанд зиндаанд, ранги рӯяшон мурдамонанд кандааст.

Баъд аз гузашта тамом шудани саворон ва аробаҳо, дастаи аскари хоссаи амир намоён шуд, либоси

ин аскарон монанди либоси аҳли Кавказ буда, худашон ҳам Кавказ номида мешуданд.

Баъд аз гузаштани дастаи аскари Кавказ, удайчӣ ва шиғовулони[42] амир пайдо шуданд. Дар дасти инҳо чӯбдастҳои сартиллои заркӯб буда, ба аспони даврибу абзоли тиллодор савор буданд, аммо инҳо аспҳошонро намедавонданд ва бо яккакадам оҳиста-оҳиста меронданд.

Яке аз инҳо бо овози баланд мегуфт:

— Ҳазрати амир музаффару мансур шаванд!

Ва дигаре аз паи он фарьёд мекашид:

— Ҳазрати амир ҷаҳонгир шаванд! Теғашон бурро ва сафарашон бехатар шавад!

Саввумӣ гӯё ба онҳо ҷавоб медод.

— Илоҳи омин!

Пурсандаи чоруклӯш бо шунидани ин садоҳо қаҳқосзанон ханда карда фиристод.

— Чаро механдӣ?— гуфта яке аз ӯ пурсид.

— Амир дар муқобили меҳнаткашони зулмдида, ки ба даст ярок гирифта барои аз мамлакат нест карданн ӯ бархостаанд, зафар намеёфт, зафар наёфт ва зафар ҳам нахоҳад ёфт. Ин аст, ки мебинем, аз мамлакат пеш карда шуда, бо расвоӣ ба хоки бегонагон гурехта рафта истодааст. Инҳо ҳанӯз «ҳазрати амир музаффару мансур шаванд, теғашон бурро шавад» ва «ҷаҳонгир шаванд!» гӯён фарьёд мекашанд. Магар ин ҷои ханда нест?! — гуфт чорукпӯш.

— Аз дасти меҳнаткашони ситамдида, ки ба даст ярок гирифтаанд, сари худро саломат гирифта гурехта тавонистан ҳам барои амир як зафар аст,— гуфт як одами дигар ва давом кард, — ҳар чанд ҷаҳонгир нашавад ҳам, дар хоки бегонагон дар ба дар гашта «ҷаҳонгард» мешавад.

Ниҳоят дастае намудор шуд, ки мегуфтанд «дар миёнаи онҳо амир меояд», аммо азбаски атрофи ӯро афғонони ярокдор печонда гирифта буданд, ҳеҷ кас ӯро дида наметавонист.

— Чаро амир аз афғонон ба худ посбон гирифтааст?— гуфта чоруклӯши кунҷков пурсид.

— Азбаски ӯ ба мардум бисьёр зулм кардааст, аз ҳама метарсад, ҳатто ба аскарони хоссаи худаш ҳам

дилаш пур намешавад. Бинобар ин дар ҳимояти бегонагон, ки бо пули аз мардум тороҷкардааш харида гирифтааст, мегурезад,— гуфта яке аз тамошобинон эзоҳ дод.

Амир ба пеши чодар аспи худро нигоҳ дошта фуромад ва ба чодар даромада ғоиб шуд. Баъд аз дақиқае яке аз пешхизматон як амалдорро чеғ зада ба пеши амир даровард. Он амалдор баъд аз 5 дақиқа аз пеши амир баромада, ба пеши гурӯҳи тамошобинон омад, аз байни онҳо бойҳо, арбобу оқсақолҳо, муллоҳо ва амалдорони маҳаллиро ҷудо карда ба канорае бурд ва ба онҳо салом ва супориши амирро расонда гуфт:

— Ҷаноби олӣ мувофиқи тақдиру насиба ва хоҳиши илоҳӣ ба хоки ҳамсоя мегузаранд ва зоти олӣ нахостанд, ки ғуломони содиқашон дар дасти большевикон азоб кашанд, бинобар ин марҳамат карда гуфтанд, ки «бойҳо ҳамаи молҳои манқул,[illegible] пулҳои нақда, ҳайвоноти чорпояшонро бо зану бачаашон гирифта аз дунболи ман аз дарьё гузаранд» ва низ марҳамат карданд, ки «ятим, чӯпон ва хизматгорҳошонро ҳам ҳамроҳи худ гирифта аз дарьё гузаронанд, то ки ба воситаи онҳо дар хоки ҳамсояамо, ки дӯсти мо аст, мисли ватани худашон корҳои деҳқонӣ, чорводорӣ ва савдогарии худро ба роҳ андохта тавонанд; муллоҳо дар ҳаққи мо дуо карда дар ҳамин ҷо бошанд ва мардумро ба муқобили большевикон ва меҳнаткашони пойбараҳна, ки ба мо теғ кашидаанд, аз номи шариат шӯронанд; амалдорони маҳаллӣ ба даст яроқ гирифта деҳотро тороҷ кунанд, иморат ва киштзорҳоро сӯзонанд, мардумро кушанд ва хонавайрон кунанд, то ки ҳама аз ҷонашон безор шуда даврони моро ёд кунанд; арбобу оқсақолҳо ба рӯяшон никоб кашида ба даруни ҳукумати большевикон дароянд ва то метавонанд аз дарун истода кори онҳоро вайрон кунанд...»

«Аъёни мамлакат» бо шунидани ин супориши амир:

— Ҳамаамо бо ҷону молу зану фарзанд бандаи фармони олӣ мебошем ва умедворем, ки ба зудӣ мам-

лакати «худ»-ро боз ба даст дарорем,— гўён ғулғула бардоштанд.

Дар ҷавоби ин ғулғулаи онҳо аз даруни оммаи мардум, ки бештарин чоруқпўш буданд, касе дасташро ба даҳонаш бурда ҷиртак кашид ва дигаре бо овози баланд гуфт:

— Баъд аз ин, ин мамлакатро танҳо дар хоби шабатон хоҳед дид!

Аммо барои амир ва амалдорони ў фурсат нашуд, ки аз миёни мардум ин «таҳқиркунандагони» худашонро ёфта ҷазо диҳанд: аз дур садои тўпе шунида шуд, амир ва амалдорони ў ба киштиҳое, ки барои онҳо тайёр истода буданд, даромаданд ва киштибонон сари киштиҳоро ба тарафи Афғонистон гардонда дубела рондан гирифтанд.

Баъди аз назарҳо дур шудани амир, бойҳо бойбачаҳо ва одамони ба худ наздикашонро фармуданд, ки ба дашт раванд, ҳар рама ва галаеро, ки ёбанд, пеш андохта ҳай карда оварда аз дарьё гузаронанд ва худҳошон барои аз дарьё гузаронидани моли манқул, пули нақда, зану бача ва хизматгоронашон ба деҳаҳошон рафтанд. Аз ин ҷумла Эшонқулбой барои ҳай карда овардани рама ва галаҳо Шоқулро ба дашт фиристод ва худ асп давонда ба тарафи қишлоқи худ рафт.

## VIII

Дар лаби дарьё як чанд киштии калони бодбонии маҳаллӣ тайёр буд. Савороне, ки рама ва галаҳоро аз дашт ва чарогоҳҳо ронда оварда буданд, ба қадри гунҷонида тавонистанашон дар киштиҳо ҷойгир карданд. Аммо дар лаби дарьё хеле гўсфандон монданд, ки барои онҳо дар киштиҳо ҷой набуд. Ҳайвонронон хостанд, ки похои гўсфандонро баста онҳоро мисли борҳои беҷон дар киштӣ болоиҳам гузоранд, лекин ба ин кор киштибонон розӣ нашуданд:

— Агар дар киштӣ аз бардошташ зиёдтар бор бор карда шавад, меғўтад — ғарқ мешавад,— гуфтанд.

Ятим-Мурод, ки аз думболи гўсфандон афтону хезон ба лаби дарьё расида омада буд, дар қатори гўс-

фандон ба киштӣ даромад. Яке аз ҳайвонронон, ки дар болои ба киштиҳо зиёдтар гӯсфанд даровардан бо киштибонон ҷанҷол мекард, ба киштӣ даромадани Ятимро дид ва давида рафта ӯро бардошта ба лаби дарьё ҳаво доду:

— Ту ба газаки кӣ даво мешавӣ, ба ҷои ту як гӯсфанд аз дарьё гузарад барои мо нафъноктар аст—гуён аз киштӣ баромад ва яке аз гӯсфандони дар киштӣ нағунҷидаро дошта ба вай даровардa истода ба киштибон:

— Ана ин гӯсфанд ба ҷои он бача ҷойгир шавад!— гуфт.

Ятим, ки дар вақти аз киштӣ берун ҳаво додан ғелида рафта буд, аз ҷояш хеста дартоз боз ба лаби киштӣ омада часпида даромаданӣ шуда:

— Очем, ба очем меравам — гӯён фарьёд кашида ба гирья даромад. Аммо ҳайвонроне, ки ӯро аз киштӣ берун ҳаво дода буд, ба даромаданаш роҳ намедод.

Ба гирьяю зории Ятим раҳми киштибон омада ӯро бардошта ба киштӣ даровард ва дар паҳлуи худ шинонда ба ӯ гуфт:

— Майлаш, киштӣ вазнин шуда ғӯтад, мол ва ҳайвоноти бойҳо нобуд мешавад, ба ман чӣ? Туро бошад дар вақти ғарқ шудани киштӣ ҳамроҳи худ гирифта саломат мебарорам ва ба модарат мерасонам.

* * *

Ятим-Мурод баъд аз гузаштан аз дарьё ҷоҳоеро, ки дар он ҷоҳо эмигрантҳои сафед ҷой гирифта буданд, ягон-ягон дид, доманаҳои кӯҳҳо, чуқуру ҷақари даштҳо, дараҳо, теппаҳо, чарҳо ва ғорҳоро аз назар гузаронид, аммо дар он ҷоҳо аз модари меҳрубонаш, ки мақсади ягонаи аз дарьё гузаштанаш ба ӯ расидан буд, асаре наёфт.

Ятим, баъд аз он, ки аз наздикиҳои дарьё модари худро наёфт, ба дарунтари мамлакати бегона рафтанӣ шуда ба роҳ даромад. Ӯ ҳар вақт аз ҷоҳое мегузашт, ки дар он ҷоҳо эмигрантҳои сафед буданд. Вақте ки рӯз бегоҳ шуда шаб расид, ба ӯ сустие, ки аз

ғушнагӣ рӯй дода буд, пайдо шуд. Ночор ба манзили як оилаи эмигранте рафта нон пурсид. Лекин соҳиби оила ба ҷои ба вай як бурда нон додан, ӯро бо санг зада пеш кард:

— Дар ин мамлакати мусофиратӣ худамонро сер кардем, ки ту мондӣ,— гуфт.

Ва ҳол он, ки аъзои он оила ҷуволҳои пурорду гандумро ҷо ба ҷо мекарданд, нонҳои дар вақти гурез пухта овардаашонро шамол медоданд, гӯштҳоро намак мезаданд, гӯсфандҳоро ҷӯшида барои ҷуғрот хобондан, равған ҷудо кардан ва қурут хушкондан тайёрӣ медиданд.

Ятим шаб ба мағорае даромада, дар ҳолате, ки рӯдаҳояш аз гушнагӣ мепечид, хобид, аммо хобаш намебурд, ба ҳар тараф мегелид ва модари меҳрубонашро ёд карда сари худро ба девори мағора зада гиръя мекард. Аммо касе набуд, ки фарьёди ӯро шунавад ва ба гирьяю зории вай раҳмаш ояд...

Дар охирҳои шаб хоби Ятим бурда буд, ё ки беҳуш шуда буд, инро худи вай ҳам намедонист, аммо вақте чашм кушод, ки равшании офтоб ба даруни мағора партави худро андохтааст.

Ятим аз мағора баромада боз ба роҳ даромад, боз ба ҷои нон санг хӯрда ба роҳаш давом кард.

Дар чоштгоҳӣ тамоман аз қувват рафта ба алафзоре, ки буттаҳои хушкидан порсолааш намоён буд, дароз кашид ва беихтиёр яке аз шохчаҳои хушкидаи дар боришҳои зимистонӣ намгирифтаи алафро шикаста ба даҳонаш андохт ва хоид. Лекин фурӯ бурда натавонист, шохча ба даҳонаш як мазаи талхи дилбеҷокун дода буд. Шохчаи хоидаашро аз даҳонаш партофт ва пай дар пай туф кардан гирифт, аммо ғашьёни дил ва бадмазагии даҳонаш барҳам намехӯрд.

Баъд аз чанд дақиқа дилу даҳон ба ҳолати аслиашон омаданд ва боз гушнагӣ зӯрӣ карда ӯро ба хӯрдани ягон чиз мекашид. Ӯ чӯбчаеро гирифта бо вай заминро кофт ва аз таги хок як решаи аз нами баҳорӣ чонгирифтаи алафро ёфта ба даҳонаш андохта хоид.

Ин ҳам талх ва бадмаза буд, лекин дар вақти хоидан аз вай ширае баромад, ки ба фурӯ бурдани он дили Ятимро моил кард, ӯ чашмонашро пӯшонда пӯсти

пешона ва рӯяшро баҳам кашида, он решаи хоидаашро фурӯ бурд, дилаш беҷо нашуд ва реша рафта ба меъда ҷой гирифт.

Ятим аз ин ҳол далер шуда боз як чанд решаро кофта ёфта хоида фурӯ бурд. Меъдааш қадре ором гирифт ва худаш ҳам барои ба пой хестан қувват пайдо кард ва хеста ба роҳ даромад.

Ятим имрӯз чанд бор бо реша ва обҳои кӯлмак меъдаи худро ором дод ва то бегоҳӣ ба кофтани модараш давом карда шабона боз дар мағорае хобид.

Имшаб аввали шаб хобаш ба осонӣ ва зудӣ бурд, аммо як вақти шаб аз хоб бедор шуд, ки шикамаш сахт мепечонад, қай кардан мехоҳад, аммо қай намеояд.

Шабро чун мӯи дар оташафтода ба худ печида ва монанди моҳии аз об дуршуда дар ҷои худ тапида гузаронид ва баъд аз баромадани офтоб аз мағора баромад. Аммо печиши шикам ва қублаҳои по ӯро намегузоштанд, ки рост хеста роҳ равад. қублаҳои дирӯз дар пояш пайдошуда имшаб кафида пояшро пурҷароҳат карда буданд.

Акнун барои ӯ ду кор монда буд: ё мебоист дар ин ҷо монда ба тақдир тан дода мурдани худро нигарон бошад, ё ин ки бо гавак кашидан бошад ҳам, дар роҳи мақсад — дар роҳи ёфта дидани модари меҳрубон ҷавлон кунад.

Ӯ дар дили худ гуфт: — хоҳ дар ин ҷо монам ва хоҳ рафтан гирам, насибаи ман мурдан аст, аммо дар як ҷо монда аз мурдани дар ноумедӣ дар роҳи расидан ба мақсад — ба ёфтани модар мурдан беҳтар аст» ва ба роҳ давом карданӣ шуда аз ҷояш хест ва баъд аз панҷ-шаш қадам партофтан дар роҳ ғалтид, дарди шикам ва по ӯро ба рост шудан намонданд. Ӯ ба гаваккашӣ даромад. Нӯгҳои панҷаи по, сарҳои зону ва кафҳои дасташро ба замин гузошта гавак кашидан гирифт.

Баъд аз соате гавак кашидан нӯгҳои сангҳои сартези роҳ ва кундачаҳои алафҳо ва хорҳои хушкида зонуҳо ва кафҳои дасти ӯро харошида хуншор карданд. Аммо ӯ аз роҳи худ бознамонд ва оринҷҳояшро ба замин тир карда боз гавак кашидан гирифт...

* * *

Ятим дар рӯзи чорӯми гаваккашии худ, дар вақте, ки ҳеҷ умед надошт, модарашро дид: модараш дар пеши як работи калон, ки дар саҳрои васеъ бино ёфта буд, молҳоро чаронда мегашт.

Ятим бо дидани модараш:

— Модарҷон!— гӯён беихтиёр ва бо як қуввати номаълум аз ҷояш ҷаста хест ва монанди кабкпорае, ки ба тарафи каҳрабо кашида шавад, ба тарафи модараш нигоҳ карда парид. Лекин баъд аз панҷ-шаш қадам давидан беҳушвор ба замин ғалтид ва маълум нашуд, ки ӯ аз хурсандии аз ҳад зиёди ногаҳонӣ бехуд шуда буд, ё ин ки шиддати дарди шикам ва озори по ҳушашро аз сараш рабуда буд.

Соро овози писари ба ҷон баробари худро шинохт ва чӯбдасти чӯпонинашро ба як тараф ҳаво дода, ду дасташро ба ду тараф ёзонда ва бағал кушода монанди мурғе, ки ба тарафи чӯҷаи худ медавад:

— Ҷонакам, ҷонаки азизакам, ҷонаки ширинакам — гӯён ба сӯи ӯ давид...

Ятим дар бағали пуршафқати модар ва дар зери бӯсаҳои гарму ширини меҳрубононаи ӯ ба ҳуш омад ва лабони хушкидаи худро ба лабони шаккарини модари меҳрубон часпонда чунон ки дар хурдсолӣ синаи ӯро мемакид, бо як ҳирс, ва шавқ забони ӯро макидан гирифт. Аммо монанди хумории шаробзадае, ки як қадаҳи пурро ба якборагӣ нӯшида бошад, боз аз худ рафт...

Соро баъд аз он ки Ятимро дар оғӯши гарми худ, бо бӯсаҳои обдор дубора ба ҳуш овард, дар паҳлуи ӯ даромада ӯро ба работ даровард. Дар работ на бой буд ва на писару занони ӯ.

Соро баъд аз сер кардани Ятим бо нону чуғрот модару фарзанд ҳар ду ба сӯҳбат ва нақли саргузашт даромаданд.

## IX

— Ин работ аз они кист?— гӯён Ятим гап сар кард.

— Ин работ аз они яке аз бойҳои маҳаллӣ буда-

аст, ки ӯ дар зимистон ба ҳавлии дар кишлокбудаи худ кӯчида будааст. бой аз соҳибаш пурсида гириф-та дар ҳамин ҷо ҷойгир шуд.

— Худи бой дар кучост?

— Барои ба ин тараф гузаронидани молҳои боқи-мондааш ба лаби дарьё рафт.

— Палонҷҳоят дар кучоанд?

— Бархам хӯрданд,— гуфт Соро ва чӣ гуна бар-ҳам хӯрдани онҳоро ягон-ягон гуфта дод.

Аз рӯи гуфтаи Соро дар вақти ба лаби дарьё ги-рифта овардани Эшонкулбой занон ва молҳои худро, дар он ҷо танҳо як киштӣ буд, бой молҳои сиёҳ, асбо-би рӯзгор, ғалла-дона ва дигар чизҳои худро ба кишӣ-тӣ даровард, азбаски бори киштӣ аз қадри бардош-таш зиёд шуд, киштибон розӣ нашуд, ки бой ва зано-наш ба вай дароянд. Бой маҷбур шуд, ки худаш ва аҳли хонаводаашро аз дарьё бо гупсар[1] гузаронад.

Эшонкулбой се зани худро ба се гупсар савор кард ва худаш ҳам ба як гупсар савор шуда писари худ Истамро дар паси худ савор карда ба ӯ гуфт, ки:

— Чашмонатро пӯшон ва ду дастатро ба зери ба-ғали ман даровардa маро маҳкам дор.

Худи бой пеш-пеш ва занонаш аз думбол ба об-буррӣ даромаданд. То расидан ба миёнаҷои дарьё гупсарҳо як дараҷа бо осудагӣ мерафтанд. Аммо вақ-те ки гупсарсаворон ба ҷои пурмавҷи дарьё раси-данд, ду зани бой гупсарҳошонро идора карда ната-вонистанд: аввал зани калонӣ ва баъд зани миёна аз болои гупсар ғелиданд ва баъд аз ду-се бор дар об тагу рӯ шудан, дар рафти тезоб нопадид шуда раф-танд ва бой бо Соро ва Истам ба канори дарьё баро-мада тавонистанд.

Соро дар охири ин хикояи худ гуфт:

— Ҳамин тарз шуда ман зани ягона, канизаки ягона, чӯпони ягона ва хизматгори ягонаи бой шуда мондам.

— Истам чӣ шуд? — гуфта Ятим пурсид.

— Истам ҳамроҳи падараш аз дарьё саломат гу-

---

[1] Гупсар — машки об барин аст, ки дарёгузарон пурбод карда ба вай савор шуда аз обҳои калон мегузаранд.

зашт, лекин хозир дар ин чо нест, бой ҳамроҳи худаш ӯро ҳам гирифта бурд ва ҳеҷ вақт ӯро ба пеши ман танҳо намегузорад, ба ман дилаш пур намешавад, «мабодо душманӣ карда ба писари ман зарар нарасонад» гуфта, аз ман метарсад.

— Чӯпон ва ятимҳои бой чӣ шуданд? — гуфта Ятим пурсид.

Соро барои ҷавоб додан ба ин пурсиши писараш ҳикояти рӯзи гурезро гуфта дод.

Аз рӯи гуфтани Соро бойҳои қишлоқ ва дар ин қатор Эшонқулбой, баъд аз гусел кардани амир, ба қишлоқашон рафта молҳошонро ғундоштаанд, галладонаҳошонро ба ҷуволҳо ҷой кардаанд, нони пазонда ва гӯсфанд кушта хӯроки чандрӯзаашонро тайёр кардаанд, ятим ва чӯпонони худро — акнун мамлакати мо кофиристон шуд, ҳамроҳи мо биёед ба мусулмонобод меравем — гуфта, онҳоро ҳам иғво кардаанд.

Дар ҳамин вақт ба қишлоқ як одам пайдо шуда меояд, ки дер боз дар ин қишлоқ набуд. Ӯ ҳамон касе буд, ки хабари дар лаби дарьё ёфта шудани мурдаи Муродро оварда буд ва баъд аз он ходиса боз ғоиб шуда рафта буд. Соле як бор-ду бор барои хабаргирии зану фарзандаш ба қишлоқ ояд ҳам, як шаб хобида боз баромада мерафт.

Ана ҳамин одам рӯзи гурехтани амир ва барои гурез тайёрӣ дида истодани бойҳо ба қишлоқ даромада омад. Ӯ сиркаи камбағалон, ятимон ва чӯпононро ғун карда аз революция гап зад ва мардумро ба нарафтан аз дунболи бойҳо далолат карда гуфт:

— Ҳукумати Советӣ — ҳукумати коргарон ва деҳқонон аст, ин ҳукумат ҳамеша камбағалонро ёрӣ мерасонад, онҳоро аз бандагии боён халос мекунад, ба онҳо обу замин медиҳад, фарзандони камбағалон ва бачагони бекас ва бепадару модарро ба сағирхонаҳо дароварда парвариш мекунад, онҳоро хононда, кор ва ҳунар ёд дода ба дунъё мебарорад. Большевикон, ки бойҳо шумоҳоро аз онҳо метарсонанд, кистанд? — гуфта он одам як суол дод ва худаш дар ҷавоби ин суол гуфт:

— Большевикон пешқадамтарини коргаронанд, ки дар як партия ғун шудаанд, инҳо озод кардани

одамонро аз дасти бойҳо, амирҳо ва амалдорони онҳо — ба худ вазифа карда гирифтаанд. Онҳо тамоми коргарони Россияро ба атрофи худ ғун карда, мардуми Россияро аз зулми подшоҳ, амалдорони ӯ ва бойҳои муфтхӯр халос карданд. Партияи большевикӣ ба ҳукумати коргару деҳқон раҳбарӣ мекунад. Ба сари партияи большевикӣ Ленин барин, Сталин барин донишмандони бузурги дунъё нишастаанд, инҳо он гуна одамонеанд, ки тамоми умри худро дар роҳи бахту саодати одамони меҳнаткаш сарф кардаанд.

Он одам мардумро бо диққат аз назараш гузаронида дид, ки онҳо суханҳои ӯро чунон ки ангурҳои яккачинро меҳӯрда бошанд, дона-дона фурӯ бурда истодаанд ва ӯ аз таъсири суханони худ ба шавқ омада боз давом кард:

— Бойҳо мегуфтаанд, ки «акнун мамлакати мо кофиристон шуд» ва шумоҳоро бо ин гап метарсонидаанд. Лекин дар назари большевикон ва Ҳукумати Советӣ «кофир», «мусулмон» гуфтагӣ гап нест. Дар назари большевикон одамон ба ду қисм ҷудо мешаванд: боён ва бечорагон, муфтхӯрон ва меҳнаткашон. Ҳукумати Советӣ дар зери раҳбарии партияи большевикӣ ҳамаи меҳнаткашони рӯи дунъёро дӯст ва бародарони азизи худ медонад. Ин аст ки меҳнаткашони халқи кабири рус ва барпокунандагони аввалин Давлати Советӣ ба ёрии меҳнаткашони Бухоро расида омаданд ва инҳоро аз зери зулм ва бедодии амир халос карданд ва баъд аз ин ҳам ба моён ҳамеша ёрӣ хоҳанд расонид.

Аз ҳама пештар ятими Шоқул, ки барои мурдани мурғ ду дандони пеши ӯро Шоқул бо санг зада шикаста буд, ба гап даромад ва ӯ гуфтаҳои ҷавонро қувват дода азобҳои аз дасти Шоқул кашидаашро ҳикоя карда дод ва дар охири сухани худ гуфт:

— Ман 15 сол дар Шоқулбойбача хизмат кардам, нони серӣ нахӯрдам, либоси нав напӯшидам, дар бадали ин ҳама хизмати бемузду миннат, аз вай як санг мукофот гирифтам, ки бо вай ду дандони пеши маро зада шикаст, мардум маро пештар «Эр-

гаш» мегуфта бошанд, баъд аз ин «мукофот» **«Эргаш-Бедандон»** мегуфтагӣ шуданд.

Он одам баъд аз сухани Эргаш-Бедандон:

— Справка,— гӯён ба гап даромад — агар Шоқул дар муқобили хизматҳои ту як санг «мукофот» дода дандонҳоятро шикаста бошад, ӯ ба Мурод бо фармоиши Эшонқул як тир «мукофот» дода ӯро аз дунье тамоман нест кард, зани ӯро ба канизакӣ ва писари ӯро ба ятимӣ андохт.

Мардум аз ин справкаи он ҷавон ба шӯр омаданд, то ҳол ҳар кадоми онҳо бо фармоиши Эшонқулбой кушта шудани Муродро гумон карда бошанд ҳам, бо ин гуна рӯйростӣ нашунида буданд.

Ин хабар ба Соро расида ӯ ҳам равшан донист, ки кушандаи шавҳари меҳрубонаш Шоқули хунхӯр ва бои гургрӯй будааст.

Дар паси ин маҷлис мардум чунон оташин шуда буданд, ки агар яроқ медоштанд, бойҳои ба гурез тайёршударо зада кушта ҳамаи чизҳои онҳоро талон мекарданд. Ҳайфо, ки онҳо ғайр аз белу каланд силоҳе надоштанд ва ҳар кадоми бойҳо бошанд, ду-се милтиқи панҷтира доштанд. Албатта, ҳеҷ кадоми меҳнаткашон ба гапи бойҳо даромада аз дунболи онҳо нарафтанд.

Соро воқеаи рӯзи гурезро ҳикоя карда гуфт, ки:

— Ҳамин тарз шуда ятим ва чӯпонони Эшонқулбой ҳам ба қатори меҳнаткашони дигар ба Ҳукумати Советӣ дил баста, аз дунболи бой наёмаданд ва ман ҳам омаданӣ набудам. Аммо ин бои хунхӯр як қадам ҳам маро аз худаш дур накард, дар ҳолате, ки ба кифташ милтиқ, ба миёнаш шамшер ва ба дасташ таппонча буд, маро пеш андохта оварда, ба гупсар савор кард ва дар дарьё гупсарҳои занони дигарашро ба ҳоли худҳошон сардода бошад ҳам, аз гурехтани ман тарсида ҷилави гупсареро, ки ман савор шуда будам, ба дасти худаш гирифт.

— Он одаме, ки ба бойҳо муқобил баромадааст, кӣ будааст? — гуфта Ятим аз модараш пурсид ва: — магар ман ӯро намешиносам? — гуфта як суоли иловагӣ дод.

— Не, ту ӯро намешиносӣ, ӯ ба кишлоқ кам меомад, бояд ту ӯро ҳеҷ надида бошӣ,— гуфт Соро ба писараш ва баъд аз як дам шуда гирифтан, боз давом кард: — эй... нашиносӣ ҳам медонӣ, ана вай Қурбон ном бачек ҳаст-ку...

— Ҳа, ҳа, ӯро медонам, гуфта Ятим сухани модаршро бурид,— ӯ бачаи бисьёр нағз аст, ман ӯро «Ака Қурбон» мегуфтам. Дар чорогоҳ агар ман гӯсфандонро дуруст саришта карда натавонам, ӯ ба ман ёрӣ медод.

— Дуруст аст,— гуфт Соро ва сухани худашро давом кунонид,— ана ҳамин одаме, ки ман гуфтам, падари ҳамин Қурбон аст ва Рӯзимурод ном дорад.

— Акнун шинохтам, ман як бор дида будамаш. Қурбон ба ман нишон дода «ана ҳамин падари ман» гуфта буд. Лекин ман бовар накарда будам, вай бача барин буд, қадаш баланд бошад ҳам, риш надошт ва камакак мӯйлаб дошт.

— Синни ӯ аз сӣ зиёд аст, лекин ӯ риши худро мезанад, барои ҳамин ба назари ту бача барин намудааст.

— Дуруст аст,— гуфт Ятим.

Соро дар охири ин сӯҳбат ба писари худ гуфт:

— Ту аз дунболи ман намеомадӣ, хуб буд. Агар ту дар он ҷо мемондӣ, аз рӯи қавли Рӯзимурод туро большевикон ба сағирхона гирифта парвариш мекарданд, мехонданд ва одам карда мебароварданд. Агар умр вафо мекард, боз ҳадигарро медидем.

Ятим-Мурод баъд аз ин сӯҳбате, ки бо модараш кард, дар фикри гашта рафтан ба мамлакати большевикон— ба ватани худаш афтод ва орзу мекард, ки ба он ҷо рафта дар сағирхона парвариш ёфта одам шуда барояд. Лекин ба сабаби хурдсолиаш роҳи ба амал овардани ин фикри худро намеёфт.

X

Аз рӯи справкае, ки Рӯзимурод дар маҷлиси умумии камбағалони кишлоқ дод, Мурод дар рӯзи гуми шудагиаш аввали пагоҳӣ аз хонааш баромад ва ба

ҳавлии Эшонқулбой рафта, аз он ҷо рамаро ронда ба дашт барои чаро бурд.

Дар дашт гӯсфандон ҳанӯз аз хӯрок сер нашуда буданд, ки ҳаво вайрон шуд. Аввал шамоли сахт хест ва баъд аз андак фурсате аз тарафи шимоли ғарбӣ абри сиёҳ бархоста омадан гирифт, садои ғурриши абру гулдурроси ҳаво даштү дараро ба ғулғула андохт.

Бодҳои мухолифи аз ҳар тараф вазанда бар якдигар бархӯрда, хасу хошоку сангу хокро лӯла карда бар осмон баровардан гирифтанд, ҳатто гиёҳҳои таре ҳам, ки ҳанӯз решаашон дар хок буданд, ба шакли гирдбод ба осмон мепариданд, гирдбод бисьёр баланд мебаромад, бинанда гумон мекард дар миёнаи замин ва осмон як манораи гирдгардандае сохтаанд, ки пояш дар замин фурӯ кӯфта шуда ва сараш ба осмон расидааст.

Бисьёр вақт аз миён нагузашта, гирдбод он дашти васеъро бо он гуна манораҳои гирдгарданда пур кард.

Мурод, ки баногоҳ ба ин гуна ҳодиса бархӯрд, рамаи дар зери дасташ будагиро ором дода натавониста гурезонид. Ӯ саросема шуда чӣ кор кардани худро намедонист. Ӯ медонист, ки гӯсфандон гурехтанд, аммо намедонист, ки онҳо ба кадом тараф рафтаанд, чунки чашм кушодан, ба атроф нигоҳ кардан ва як қадам дуртар аз пеши худро дидан мумкин набуд.

Мурод, баъд аз он, ки соате кӯр-кӯрона ба ҳар тараф давид, маҷбур шуд, ки чашмони ба сӯзиш омадаашро бо кафҳои дастонаш маҳкам гирифта дар ҷое нишинад ва ором гирифтани ҳаворо нигарон бошад...

Абрҳое, ки онҳоро боди шимоли ғарбӣ ронда меовард, ба бориш даромаданд. Тобиши чароғакҳо (чақмоқҳо) дар даште, ки дар рӯз мисли шаб торик шуда буд, ҷо-ҷо равшанӣ мепошиданд, борон чангу хокҳоеро, ки онҳоро гирдбодҳо хезонда буданд, хобондан гирифт, бод ҳанӯз ором нагирифта бошад ҳам, ба атроф чашм андохтан ва ба ҳар тараф рафта кофтуков кардан мумкин шуд.

— Не, ту ӯро намешиносӣ, ӯ ба қишлоқ кам меомад, бояд ту ӯро ҳеҷ надида бошӣ,— гуфт Соро ба писараш ва баъд аз як дам шуда гирифтан, боз давом кард: — эй... нашиносӣ ҳам медонӣ, ана вай Қурбон ном бачек ҳаст-ку...

— Ҳа, ҳа, ӯро медонам, гуфта Ятим сухани модарашро бурид,— ӯ бачаи бисьёр нағз аст, ман ӯро «Ака Қурбон» мегуфтам. Дар чарогоҳ агар ман гӯсфандонро дуруст саришта карда натавонам, ӯ ба ман ёрӣ медод.

— Дуруст аст,— гуфт Соро ва сухани худашро давом кунонид,— ана ҳамин одаме, ки ман гуфтам, падари ҳамин Қурбон аст ва Рӯзимурод ном дорад.

— Акнун шинохтам, ман як бор дида будамаш. Қурбон ба ман нишон дода «ана ҳамин падари ман» гуфта буд. Лекин ман бовар накарда будам, вай бача барин буд, қадаш баланд бошад ҳам, риш надошт ва камакак мӯйлаб дошт.

— Синни ӯ аз сӣ зиёд аст, лекин ӯ риши худро мезанад, барои ҳамин ба назари ту бача барин намудааст.

— Дуруст аст,— гуфт Ятим.

Соро дар охири ин сӯҳбат ба писари худ гуфт:

— Ту аз дунболи ман намеомадӣ, хуб буд. Агар ту дар он ҷо мемондӣ, аз рӯи қавли Рӯзимурод туро большевикон ба сағирхона гирифта парвариш мекарданд, мехононданд ва одам карда мебароварданд. Агар умр вафо мекард, боз якдигарро медидем.

Ятим-Мурод баъд аз ин сӯҳбате, ки бо модараш кард, дар фикри гашта рафтан ба мамлакати большевикон— ба ватани худаш афтод ва орзу мекард, ки ба он ҷо рафта дар сағирхона парвариш ёфта одам шуда бароят. Лекин ба сабаби хурдсолиаш роҳи ба амал овардани ин фикри худро намеёфт.

## X

Аз рӯи справкае, ки Рӯзимурод дар маҷлиси умумии камбағалони қишлоқ дод, Мурод дар рӯзи гум шудагиаш аввали пагоҳӣ аз хонааш баромад ва ба

ҳавлии Эшонқулбой рафта, аз он ҷо рамаро ронда ба дашт барои чаро бурд.

Дар дашт гӯсфандон ҳанӯз аз хӯрок сер нашуда буданд, ки ҳаво вайрон шуд. Аввал шамоли сахт хест ва баъд аз андак фурсате аз тарафи шимоли ғарбӣ абри сиёҳ бархоста омадан гирифт, садои ғурриши абру гулдурроси ҳаво даштү дараро ба ғулғула андохт.

Бодҳои мухолифи аз ҳар тараф вазанда бар якдигар бархӯрда, хасу хошоку сангу хокро лӯла карда бар осмон баровардан гирифтанд, ҳатто гиёҳҳои таре ҳам, ки ҳанӯз решаашон дар хок буданд, ба шакли гирдбод ба осмон мепариданд, гирдбод бисьёр баланд мебаромад, бинанда гумон мекард дар миёнаи замин ва осмон як манораи гирдгардандае сохтаанд, ки пояш дар замин фурӯ кӯфта шуда ва сараш ба осмон расидааст.

Бисьёр вақт аз миён нагузашта, гирдбод он дашти васеъро бо он гуна манораҳои гирдгарданда пур кард.

Мурод, ки баногоҳ ба ин гуна ҳодиса бархӯрд, рамаи дар зери дасташ будагиро ором дода натавониста гурезонид. Ӯ саросема шуда чӣ кор кардани худро намедонист. Ӯ медонист, ки гӯсфандон гурехтанд, аммо намедонист, ки онҳо ба кадом тараф рафтаанд, чунки чашм кушодан, ба атроф нигоҳ кардан ва як қадам дуртар аз пеши худро дидан мумкин набуд.

Мурод, баъд аз он, ки соате кӯр-кӯрона ба ҳар тараф давид, маҷбур шуд, ки чашмони ба сӯзиш омадаашро бо кафҳои дастонаш маҳкам гирифта дар ҷое нишинад ва ором гирифтани ҳаворо нигарон бошад...

Абрҳое, ки онҳоро боди шимоли ғарбӣ ронда меовард, ба бориш даромаданд. Тобиши чароғакҳо (чақмоқҳо) дар даште, ки дар рӯз мисли шаб торик шуда буд, ҷо-ҷо равшанӣ мепошиданд, борон чангу хокҳоеро, ки онҳоро гирдбодҳо хезонда буданд, хобондан гирифт, бод ҳанӯз ором нагирифта бошад ҳам, ба атроф чашм андохтан ва ба ҳар тараф рафта кофтуков кардан мумкин шуд.

Мурод ба ҷустуҷӯи гӯсфандон даромад, ӯ баъд аз тақудави бисьёре онҳоро дар як найзор ёфт. Гӯсфандон дар найзор ҳам ором наменистоданд, дар он ҷо ҳам дар обҳои кӯлмак ва лойқаҳо ғӯтида-ғӯтида ба ҳар тараф медавиданд ва мегурехтанд.

Мурод сабаби ин безобитагии гӯсфандонро ёфтанӣ шуда диққат карда дид, ки дар найзор ба онҳо гург вохӯрда яке аз ҳамҷинсонашонро кафонда хӯрда истода будааст. Гӯсфандон монанди касе, ки «аз борон гурехта ба новадон гирифтор шуда» бошад, аз борон гурехта ба чанголи гург дучор шуда будаанд.

Мурод, барои ёрӣ додан ба Шокул ва аспи ӯ ба надониста ҳайрон шуда монд: дар дасти ӯ яроқе набуд, ки ба воситаи вай бо гург ҷангида тавонад, ӯ дар дасти худ танҳо як чӯбдасти чӯпонии сарқач дошт, ки вай дар ҷанги гург кор намеомад, агар бо он гуна силоҳ ба ҷанги гург дарояд, мумкин буд, ки гург худи ӯро ҳам кафонда хӯрад.

Дар ҳамин вақте ки Мурод дар кори худ ҳайрон монда буд, аз тарафи қишлоқ Шокул намудор шуд, ӯ ба пушти худ як милтиқро овехта ва аспашро давонда меомад. Вақте ки Шокул ба пеши найзор наздик расид, аспи ӯ дар вақти ҷаҳидан аз як заҳкаш, ба даруни вай ғалтид. Дар вақти ғалтидани асп, Шокул худро аз болои вай ҳаво дода ба лаби заҳкаш баромад ва хост ки аспашро ҳам кашола карда аз он ҷо барорад, аммо натавонист, чунки асп ҳар қадар, ки барои халос кардани худ ҳаракат мекард, ҳамон қадар ҳам дар лойдон фурӯтар мерафт. Шокул бо қуввате, ки дар бадан ва ғайрате, ки дар дил дошт, барои халос кардани асп кӯшиш кунад ҳам, ба ҷое нарасид ва дар зери обу арақ ғӯтида суст шуда дар лаби заҳкаш нишаста монд.

Мурод, ки ин ҳолҳоро дид, чӣ кор карданашро тарафи онҳо давид. Ӯ ба лаби заҳкаш расида дар вай даромад, аз тарафи пеши асп чӯкка зада зонуҳояшро дар ҷои чаштолаи заҳкаш банд карда бо буни гардани худ аз зери синаи асп бардошт. Асп бо ёрии ӯ тавонист, ки ду пои пешашро аз лойдон бар-

дошта ба лаби заҳкаш банд кунад ва дар он вақт Мурод худро аз таги асп канор кашид.

Асп, баъд аз он, ки ду пои пешаш ба хушкӣ банд шуд, бо як ҷавлони дигар худро аз заҳкаш баровард.

Шоқул, ки ин аҳволро, дид, аз қувват ва зӯрии Мурод дар тааҷҷуб афтод, ӯ дар зоҳир барои ин кори мӯъҷизавори Мурод ба вай «офарин» гуфта бошад ҳам, дар дили худ «ман марди майдони ин одам нестам, агар рӯйрост дар байни мо задухӯрд рӯй диҳад, ӯ гарди маро ба осмон мебарорад» — гуфт.

Шоқул аспи аз лойдон раҳоиёфтаашро етак карда бо Мурод дар пеши найзор омад ва аз бағали худ ду нон баровaрда ба ӯ дода аз натиҷаи имрӯза бӯрон пурсид.

Мурод, ки аз даво-дави имрӯза ҳам гурусна монда ва ҳам монда шуда буд, сари дупо нишаста як лаби нонро газида хӯрда истода хикояти бӯронро ва ҳозир хӯрда истодани як гург як гӯсфандро ба ӯ гуфта дод.

Шоқул дар куҷо будани ҷои гургро аз Мурод пурсид, Мурод ба ӯ ҷоеро, ки дар он ҷо гург гӯсфандро хӯрда истода буд, нишон дод.

Шоқул милтиқи худро ба пеши рӯяш ба даст гирифта ба он тараф нигоҳ карда гавак кашид ва рафта ба як пасхамӣ, ки дар он ҷо ӯро гург намедид, ба замин хобида нишон гирифт.

Вақте ки дуди милтиқ аз пеши чашми Шоқул пароканда шуд, ӯ дид гург ғалтидааст ва дар пеши гӯсфанде, ки худ кафонда буд, ғелида ҷон канда истодааст.

Гӯсфандоне, ки ҳанӯз аз даҳшати гург ором нагирифта буданд, бо шунидани овози милтиқ боз ҳам зиёдтар шав гирифта девонавор ба ҳар тараф давидан гирифтанд.

Мурод кӯшиш мекард, ки гӯсфандонро ором дода онҳоро аз найзор барорад. Аммо Шоқул ба ӯ гуфт:

— Беҳуда ташвиш макаш ва зӯри беҷо кор нафармо! Ҳоло онҳоро ром кардан мумкин нест. Ҳозир онҳоро ба ҳолашон гузошта худат бо ман биё! Ба

лаби дарьё меравем. Ту дар он ҷо нонатро дар об тар карда мехӯрӣ ва ман ягон мурғи титав мезанам ва ба муқобили хизмати имрӯз ба ман кардаат он мурғро ба ту медиҳам, ки ба хонаат бурда бо зану бачаат кабоб карда мехӯрӣ. То он вақт гӯсфандон ҳам ором мегиранд.

Мурод маслиҳати Шоқулро қабул кард. Шоқул аспи худро тушоқ[64] кард, дар пеши найзор ба ҷаро гузошт ва ҳар ду ба тарафи лаби дарьё рафтанд.

* * *

Акнун борон суст шуда буд, аз ҳаво кам-кам намбореза меомад, лекин дар натиҷаи имрӯза бӯрон, борон ва гирдбод дар дашт ҳеҷ ҷонзоде ба назар намерасид. Бо вуҷуди ин, Шоқул дар вақти роҳ рафтанаш, гӯё ки касе, ё чизеро мекофта бошад, ба ҳар тараф чашм медавонд. Мурод, ки аз саросемагии Шоқул дар тааҷҷуб афтод:

— Магар аз касе, ё чизе хавотир кашида истодай, ки ба ҳар тараф менигарӣ? — гуфта пурсид.

— Не, аз ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз хавотир надорам, ман дар умрам ҳеҷ гоҳ хавотиреро дар дили худ роҳ надодаам ва аз ҳеҷ кас ва аз ҳеҷ чиз натарсидаам ва наметарсам. Лекин «шояд ягон шикор ба назарам намояд» гуфта ба ҳар тараф нигоҳ мекунам,— гуфт Шоқул дар ҷавоби Мурод.

— Дар ин гуна рӯз шикоре дар дашт намоён нахоҳад шуд,— гуфт Мурод,— ҳамагӣ аз бӯрон ва борон гурехтаанд.

— Шояд аз бӯрон ва борон гурехта ба мо вохӯранд...

Мурод ва Шоқул ба лаби дарьё расида нишастанд. Мурод нонхӯриро сар кард ва Шоқул ин тараф-он тарафи милтиқи худро аз назар гузаронида истода сайёдиро таъриф карда рафт:

— Сайёдӣ — шикорчигӣ ҳунарӣ бисьёр хуб аст, шикорчӣ ҳар рӯз гӯшти тозаи бомаза мехӯрад; аз фурӯши пӯстҳои рӯбоҳ ва оҳу бариин ҳайвонҳои шикорӣ кисааш ҳамеша пурпул мешавад; бо задани шағол ва гург бариин ҳайвоноти дарранда, одам ва

ҳайвонҳоро аз нобуд шудан дар чанголи онҳо халос мекунад. Агар ман он гургро намезадам, то хол ҳамаи гӯсфандонро дарронда мепартофт ва дур набуд, ки ба худат ҳам зарар расонад.

Шоқул аз ҷояш хеста ҳар тарафро аз назараш гузаронид ва боз ба ҷояш нишаста ба худситоӣ даромад:

— Худам ҳам шикорчии бисьёр гузаро шудаам, агар чашми булбулро нишон гирам ҳам, тирам ба хато намеравад...

Шоқул нафасе хомӯш шуда монда дар ҳолате, ки тирхонаи милтиқро аз назараш мегузаронид, боз гап сар кард:

— Лекин ман ин ҳунарро бо осонӣ ба даст надаровардаам: бисьёр машқ кардам, бисьёр тиру доруҳоро нобуд кардам, ки шикорчии хуб шудам. Ҳозир ҳам, ҳар вақт ки фурсати холӣ ёбам, машқ мекунам, вагарна дастам аз милтиқ ва чашмам аз нишонгирӣ бегона мешуд. Агар ба саҳро баромада ба ягон шикор вонахӯрам, машқ карда ба хона бармегардам. Дар ин ҷо ҳам ягон чиз ба назар наменамояд, андак машқ кардан даркор мешавад.

Шоқул, баъд аз ҷо ба ҷо кардани патронҳо дар тирхонаи милтиқ ва аз назар гузаронидани атроф, ба Мурод гуфт:

— Аз ҷоят хез, чӯбдастатро бурда мана дар он лойка ростнокӣ халонда мон! Ва ягон ҷояшро нишон деҳ канӣ ҷои ту нишон додагиро зада метавонам, ё не?

Мурод чӯбдасти худро бурда дар ҷое, ки Шоқул нишон дода буд, ба замин халонид ва сари лӯндаи вайро ба ӯ нишон дода:

— Ана аз ҳамин ҷояш зан — гӯён хост, ки аз пеши нишон дур шавад.

Шоқул, ки милтиқро тайёр карда ба даст гирифта истода буд, дур шудани Муродро мунтазир нашуда кулангро пахш карда сар дод.

Мурод ғалтид: тир ба чӯбдаст нарасида ба паҳлуи Мурод бархӯрда буд.

Шоқул милтиқро ба як тараф партофта, дартоз ба пеши Мурод рафт ва аз пояш гирифта, кашола

Мурод ба ҷустуҷӯи гӯсфандон даромад, ӯ баъд аз такудави бисёре онҳоро дар як найзор ёфт. Гӯсфандон дар найзор ҳам ором наменистоданд, дар он ҷо ҳам дар обҳои кӯлмак ва лойқаҳо ғӯтида-ғӯтида ба ҳар тараф медавиданд ва мегурехтанд.

Мурод сабаби ин безобитагии гӯсфандонро ёфтанӣ шуда диққат карда дид, ки дар найзор ба онҳо гург вохӯрда яке аз ҳамҷинсонашонро кафонда хӯрда истода будааст. Гӯсфандон монанди касе, ки «аз борон гурехта ба новадон гирифтор шуда» бошад, аз бӯрон гурехта ба чанголи гург дучор шуда будаанд.

Мурод, барои ёрӣ додан ба Шоқул ва аспи ӯ ба надониста ҳайрон шуда монд: дар дасти ӯ яроке набуд, ки ба воситаи вай бо гург ҷангида тавонад. Ӯ дар дасти худ танҳо як чӯбдасти чӯпонии саркач дошт, ки вай дар ҷанги гург кор намеомад, агар бо он гуна силоҳ ба ҷанги гург дарояд, мумкин буд, ки гург худи ӯро ҳам кафонда хӯрад.

Дар ҳамин вақте ки Мурод дар кори худ ҳайрон монда буд, аз тарафи қишлоқ Шоқул намудор шуд. Ӯ ба пушти худ як милтиқро овехта ва аспашро давонда меомад. Вақте ки Шоқул ба пеши найзор наздик расид, аспи ӯ дар вақти ҷаҳидан аз як заҳкаш, ба даруни вай ғалтид. Дар вақти ғалтидани асп, Шоқул худро аз болои вай ҳаво дода ба лаби заҳкаш баромад ва хост ки аспашро ҳам кашола карда аз он ҷо барорад, аммо натавонист, чунки асп ҳар қадар, ки барои халос кардани худ ҳаракат мекард, ҳамон қадар ҳам дар лойдон фурӯтар мерафт. Шоқул бо қуввате, ки дар бадан ва ғайрате, ки дар дил дошт, барои халос кардани асп кӯшиш кунад ҳам, ба ҷое нарасид ва дар зери обу арақ ғӯтида суст шуда дар лаби заҳкаш нишаста монд.

Мурод, ки ин аҳволро дид, чӣ кор карданашро тарафи онҳо давид. Ӯ ба лаби заҳкаш расида дар вай даромад, аз тарафи пеши асп чӯкка зада зонубуҳояшро дар ҷои чимтоли заҳкаш банд карда бо бу ни гардани худ аз сари синаи асп бардошт. Асп бо ёрии ӯ тавонист, ки ду пои пешашро аз лойдон бар-

дошта ба лаби заҳкаш банд кунад ва дар он вақт Мурод худро аз таги асп канор кашид.

Асп, баъд аз он, ки ду пои пешаш ба хушкӣ банд шуд, бо як ҷавлони дигар худро аз заҳкаш баровард.

Шоқул, ки ин аҳволро, дид, аз қувват ва зӯрии Мурод дар тааҷҷуб афтод, ӯ дар зоҳир барои ин кори мӯъҷизавори Мурод ба вай «офарин» гуфта бошад ҳам, дар дили худ «ман марди майдони ин одам нестам, агар рӯйрост дар байни мо задухӯрд рӯй диҳад, ӯ гарди маро ба осмон мебарорад» — гуфт.

Шоқул аспи аз лойдон раҳоиёфтаашро етак карда бо Мурод дар пеши найзор омад ва аз бағали худ ду нон бароварда ба ӯ дода аз натиҷаи имрӯза бӯрон пурсид.

Мурод, ки аз даво-дави имрӯза ҳам гурусна монда ва ҳам монда шуда буд, сари дупо нишаста як лаби нонро газида хӯрда истода ҳикояти бӯронро ва ҳозир хӯрда истодани як гург як гӯсфандро ба ӯ гуфта дод.

Шоқул дар куҷо будани ҷои гургро аз Мурод пурсид, Мурод ба ӯ ҷоеро, ки дар он ҷо гург гӯсфандро хӯрда истода буд, нишон дод.

Шоқул милтиқи худро ба пеши рӯяш ба даст гирифта ба он тараф нигоҳ карда гавак кашид ва рафта ба як пасхамӣ, ки дар он ҷо ӯро гург намедид, ба замин хобида нишон гирифт.

Вақте ки дуди милтиқ аз пеши чашми Шоқул пароканда шуд, ӯ дид гург ғалтидааст ва дар пеши гӯсфанде, ки худ кафонда буд, ғелида ҷон канда истодааст.

Гӯсфандоне, ки ҳанӯз аз даҳшати гург ором нагирифта буданд, бо шунидани овози милтиқ боз ҳам зиёдтар шав гирифта девонавор ба ҳар тараф давидан гирифтанд.

Мурод кӯшиш мекард, ки гӯсфандонро ором дода онҳоро аз найзор барорад. Аммо Шоқул ба ӯ гуфт:

— Беҳуда ташвиш макаш ва зӯри беҷо кор нафармо! Ҳоло онҳоро ром кардан мумкин нест. Ҳозир онҳоро ба ҳолашон гузошта худат бо ман биё! Ба

лаби дарьё мераем. Ту дар он ҷо ҳонатро дар об тар карда меҳӯрӣ ва ман агон мурғи титав мезанам ва ба муқобили хизмати имрӯз ба ман карлаат он мурғро ба ту медиҳам, ки ба ҳонаат бурда бо зану бачаат кабоб карда меҳӯрӣ. То он вақт гӯсфандон ҳам ором мегиранд.

Мурод маслиҳати Шокулро қабул кард. Шокул асби худро тушов** кард, дар пеши найзор ба чаро гузошт ва ҳар ду ба тарафи лаби дарьё рафтанд.

* * *

Аввали борон суст шуда буд, аз ҳаво кам-кам нам реза мешуд, лекин дар натиҷаи имрӯза бӯрон, борон ва гирдбод дар дашт ҳеҷ ҷонзоде ба назар наменамуд. Бо вуҷуди ин, Шокул дар вақти роҳ рафтанаш, гӯё ки касе, ё чизеро меҷуфта бошад, ба ҳар тараф чашм медавонд. Мурод, ки аз саросемагии Шокул дар тааҷҷуб афтод:

— Магар аз касе, ё чизе хавотир кашида истодай, ки ба ҳар тараф менигарӣ? — гуфта пурсид.

— Не, аз ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз хавотир надорам. Ман дар умрам ҳеҷ гоҳ хавотиреро дар дили худ роҳ надодаам ва аз ҳеҷ кас ва аз ҳеҷ чиз натарсидаам ва наметарсам. Лекин «шояд агон шикор ба назарам намояд» гуфта ба ҳар тараф нигоҳ мекунам,— гуфт Шокул дар ҷавоби Мурод.

— Дар ин гуна рӯз шикоре дар дашт намоён намешуд,— гуфт Мурод,— ҳамагӣ аз бӯрон ва борон гурехтаанд.

— Шояд аз бӯрон ва борон гурехта ба мо вохӯранд...

Мурод ва Шокул ба лаби дарьё расида нишастанд. Мурод [illegible] сар кард ва Шокул ин тараф-он тарафи шолғаи худро аз назар гузаронида истода сайёдиро таъриф карда рафт:

— Сайёдӣ — шикорчигӣ хунари бисьёр хуб аст. Шикорчӣ ҳар рӯз гӯшти тоза хӯрда мегардад; аз фурӯши пӯстҳои рӯбоҳ ва оху барин ҳайвонҳои шикорӣ касони ҳамеша пурпул мешаванд; бо задани шағол ва гург барин ҳайвонҳои дарранда одам ва

ҳайвонҳоро аз нобуд шудан дар чанголи онҳо халос мекунад. Агар ман он гургро намезадам, то ҳол ҳамаи гӯсфандонро дарронда мепартофт ва дур набуд, ки ба худат ҳам зарар расонад.

Шоқул аз ҷояш хеста ҳар тарафро аз назараш гузаронид ва боз ба ҷояш нишаста ба худситоӣ даромад:

— Худам ҳам шикорчии бисьёр гузаро шудаам, агар чашми булбулро нишон гирам ҳам, тирам ба хато намеравад...

Шоқул нафасе хомӯш шуда монда дар ҳолате, ки тирхонаи милтиқро аз назараш мегузаронид, боз гап сар кард:

— Лекин ман ин ҳунарро бо осонӣ ба даст надаровардаам: бисьёр машқ кардам, бисьёр тиру доруҳоро нобуд кардам, ки шикорчии хуб шудам. Ҳозир ҳам, ҳар вақт ки фурсати холӣ ёбам, машқ мекунам, вагарна дастам аз милтиқ ва чашмам аз нишонгирӣ бегона мешуд. Агар ба саҳро баромада ба ягон шикор вонахӯрам, машқ карда ба хона бармегардам. Дар ин ҷо ҳам ягон чиз ба назар наменамояд, андак машқ кардан даркор мешавад.

Шоқул, баъд аз ҷо ба ҷо кардани патронҳо дар тирхонаи милтиқ ва аз назар гузаронидани атроф, ба Мурод гуфт:

— Аз ҷоят хез, чӯбдастатро бурда мана дар он лойқа ростнокӣ халонда мон! Ва ягон ҷояшро нишон деҳ канӣ ҷои ту нишон додагиро зада метавонам, ё не?

Мурод чӯбдасти худро бурда дар ҷое, ки Шоқул нишон дода буд, ба замин халонид ва сари лӯндаи вайро ба ӯ нишон дода:

— Ана аз ҳамин ҷояш зан — гӯён хост, ки аз пеши нишон дур шавад.

Шоқул, ки милтиқро тайёр карда ба даст гирифта истода буд, дур шудани Муродро мунтазир нашуда кулангро пахш карда сар дод.

Мурод ғалтид: тир ба чӯбдаст нарасида ба паҳлуи Мурод бархӯрда буд.

Шоқул милтиқро ба як тараф партофта, дартоз ба пеши Мурод рафт ва аз пояш гирифта, кашола

карда бурда, тани хаиўз дар частухез будан ўро ба дарьё партофт ва дар дили худ:

«Акнун аспи бидав ва милтиқи панчтира тамоман моли ҳалоли худам шуд» — гуфт.

## XI

Эшонқулбой, пас аз он ки ҳамаи молу ашьёи худро аз дарьё гузаронид, ба дарунтари мамлакати ҳамсоя кӯчид. Ӯ дар он ҷо барои худ работ сохт ва Шоқулро ҳам ба худ ҳамработ кард.

Бой, пас аз ҷойгир шудан дар работи нав, ба духтари яке аз эмигрантҳои сафед хонадор шуд. Зани нави бой, бо зани Шоқул дар даруни работ бойбика шуда менишастанд. Корҳои рӯзгорӣ, нигоҳубини ҳайвонот ва рамачаронӣ — ҳамагӣ ба гардани Соро бор шуда буд ва Ятими хурдсол дар ин корҳои вазнин ба модари худ ёрмандӣ мекард.

Бой як зиндагонии асрорнокеро сар кард: ӯ Шоқул ва писари худ — Истамро ҳамроҳи худ гирифта нимаҳои шаб савора аз работ баромада мерафтанд ва баъд аз чанд рӯз ғоиб шуда рафтан, боз нимаҳои шаб дар работ пайдо мешуданд; дар шабҳое, ки бой дар работ бошад, одамони саллакабудни фашдароз, ки нӯги фашҳошон ба миёнашон мерасид, ба пеши ӯ меомаданд. Ин одамон милтиқ, таппонча ва халтаҳои пуртирро оварда ба бой медоданд ва ӯ ба онҳо пулҳои тиллоии николай ё ин ки рупияҳои афғонӣ медод.

Ҳар вақт, ки дар работи бой ин гуна яроқҳо ҷамъ мешуданд, ӯ бо ҳамроҳии Шоқул ва писараш таппонча ва халтаҳои пуртирро дар хӯрҷинҳо ҷой мекард, милтиқҳоро даста-даста карда ба шолҳо мепечонид, ҳар сеашон се хӯрҷинро ба се асп бор карда савор мешуданд ва дастаҳои милтиқро ба пеши худ гирифта нимшабӣ аз работ баромада мерафтанд ва баъд аз чанд рӯз баргашта меомаданд, аммо ҳар вақти омаданашон хӯрҷинҳошон холӣ буд ва дар пешашон ягонта ҳам милтиқ намешуд.

Ятим, ки ин аҳволро медид, сирри ин корро нафаҳмида ҳайрон мемонд. Боре ӯ сабаби дар работ милтиқ, таппонча ва тир ғундоштан ва боз баровар-да бурда нест карда омаданро аз модараш пурсид.

Соро дар ҷавоб гуфт:

— Ман гумон мекунам, ки ярокчаллобӣ дар ин мулк кори фоиданоки хушдаромад бошад ва бой ба савдогарии яроқ даромада бошад.

Дар ин миён воқеае рӯй дод, ки Ятим сирри ғоиб шуда рафтанҳои бойро, ҳам яроқ ғун карда гирифта бурданҳои ӯро ошкоро фаҳмид:

Рӯзе Ятим баъд аз шом бо модараш гӯсфандонро аз чаро оварданд. Соро ба ҳавлии даруни работ даромад ва Ятим ҳайвонҳоро ба гӯсфандхона даровар-да ҷой кард. Баъд аз он ӯ хошокҳои пеши оғилро ҳамвор карда барои худ чойхоб тайёр кард ва ба болои хошок баромада чорзону зада нишаст.

Баъд аз соате писари бой — Истам як коса обро бо як бурда нони қоқи мағор кардагӣ оварда ба Ятим барои хӯроки шабонааш дод. Ятим баъд аз тар карда хӯрдани он нон дар об, барои хобидан ёзид.

Аммо хоби Ятим намебурд: ҳаво гарм ва дим буд, пашшаҳои дарозпочаи шоҳдори хартумноки молхона ба ӯ ҳуҷум меоварданд, нешҳои сӯзанмонанди худро ба гӯшу гардану сару рӯ ва дасту пою оринчу зонуи ӯ фуру мефиристоданд. Ҷоҳои пашшагазидаи бадани Ятим, чунон ки дар ҷои сӯхта намакоб рехта бошанд, сӯзиш карда хориш мекард, ҳар вақт, ки Ятим он ҷоҳоро мехорид, сӯзиш ва хориш боз ҳам зиёдтар ва сахттар мегардид...

Шаб аз нима гузашта бошад ҳам, барои Ятим хобидан муяссар нашуд. Дар ин миён дарвозаи работро касе тақ-тақ зад.

Бо шунидани садои тақ-тақ, Шоқул аз дарун баромада дарвозаро кушод. Аз дарвоза ду савор даромада аз аспҳояшон фуромаданд.

Шоқул аспони онҳоро ягон-ягон аз дасташон гирифта ба мехҳое, ки дар девори работ задагӣ буд, қантар кард ва худашонро то пеши суфае, ки дар наздикии оғил сохта шуда буд, бурда худ барои

лаби дарьё меравем. Ту дар он ҷо нонатро дар об тар карда мехӯрӣ ва ман ягон мурғи титав мезанам ва ба муқобили хизмати имрӯз ба ман кардаат он мурғро ба ту медиҳам, ки ба хонаат бурда бо зану бачаат кабоб карда мехӯрӣ. То он вақт гӯсфандон ҳам ором мегиранд.

Мурод маслиҳати Шоқулро қабул кард. Шоқул аспи худро тушок[64] кард, дар пеши найзор ба ҷаро гузошт ва ҳар ду ба тарафи лаби дарьё рафтанд.

* * *

Акнун борон суст шуда буд, аз ҳаво кам-кам намреза меомад, лекин дар натиҷаи имрӯза бӯрон, борон ва гирдбод дар дашт ҳеҷ ҷонзоде ба назар наменамуд. Бо вуҷуди ин, Шоқул дар вақти роҳ рафтанаш, гӯё ки касе, ё чизеро мекофта бошад, ба ҳар тараф чашм медавонд. Мурод, ки аз саросемагии Шоқул дар тааҷҷуб афтод:

— Магар аз касе, ё чизе хавотир кашида истодай, ки ба ҳар тараф менигарӣ? — гуфта пурсид.

— Не, аз ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз хавотир надорам, ман дар умрам ҳеҷ гоҳ хавотиреро дар дили худ роҳ надодаам ва аз ҳеҷ кас ва аз ҳеҷ чиз натарсидаам ва наметарсам. Лекин «шояд ягон шикор ба назарам намояд» гуфта ба ҳар тараф нигоҳ мекунам,— гуфт Шоқул дар ҷавоби Мурод.

— Дар ин гуна рӯз шикоре дар дашт намоён нахоҳад шуд,— гуфт Мурод,— ҳамагӣ аз бӯрон ва борон гурехтаанд.

— Шояд аз бӯрон ва борон гурехта ба мо воҳӯранд...

Мурод ва Шоқул ба лаби дарьё расида нишастанд. Мурод нонхӯриро сар кард ва Шоқул ин тараф-он тарафи милтиқи худро аз назар гузаронида истода сайёдиро таъриф карда рафт:

— Сайёдӣ — шикорчигӣ ҳунаре бисьёр хуб аст, шикорчӣ ҳар рӯз гӯшти тозаи бомаза мехӯрад; аз фурӯши пӯстҳои рӯбоҳ ва оҳу барин ҳайвонҳои шикорӣ кисааш ҳамеша пурпул мешавад; бо задани шағол ва гург барин ҳайвоноти дарранда, одам ва

ҳайвонҳоро аз нобуд шудан дар чанголи онҳо халос мекунад. Агар ман он гургро намезадам, то ҳол ҳаман гӯсфандонро дарронда мепартофт ва дур набуд, ки ба худат ҳам зарар расонад.

Шоқул аз ҷояш хеста ҳар тарафро аз назараш гузаронид ва боз ба ҷояш нишаста ба худситоӣ даромад:

— Худам ҳам шикорчии бисьёр гузаро шудаам, агар чашми булбулро нишон гирам ҳам, тирам ба хато намеравад...

Шоқул нафасе хомӯш шуда монда дар ҳолате, ки тирхонаи милтикро аз назараш мегузаронид, боз гап сар кард:

— Лекин ман ин ҳунарро бо осонӣ ба даст надаровардаам: бисьёр машқ кардам, бисьёр тиру доруҳоро нобуд кардам, ки шикорчии хуб шудам. Ҳозир ҳам, ҳар вакт ки фурсати холӣ ёбам, машқ мекунам, вагарна дастам аз милтиқ ва чашмам аз нишонгирӣ бегона мешуд. Агар ба саҳро баромада ба ягон шикор вонахӯрам, машқ карда ба хона бармегардам. Дар ин ҷо ҳам ягон чиз ба назар наменамояд, андак машқ кардан даркор мешавад.

Шоқул, баъд аз ҷо ба ҷо кардани патронҳо дар тирхонаи милтиқ ва аз назар гузаронидани атроф, ба Мурод гуфт:

— Аз ҷоят хез, чӯбдастатро бурда мана дар он лойка ростнокӣ халонда мон! Ва ягон ҷояшро нишон деҳ каӣ ҷон ту нишон додагиро зада метавонам, ё не?

Мурод чӯбдасти худро бурда дар ҷое, ки Шоқул нишон дода буд, ба замин халонид ва сари лӯндаи вайро ба ӯ нишон дода:

— Ана аз ҳамин ҷояш зан — гӯён хост, ки аз пеши нишон дур шавад.

Шоқул, ки милтикро тайёр карда ба даст гирифта истода буд, дур шудани Муродро мунтазир нашуда кулангро пахш карда сар дод.

Мурод ғалтид: тир ба чӯбдаст нарасида ба паҳлуи Мурод бархӯрда буд.

Шоқул милтиқро ба як тараф партофта, дартоз ба пеши Мурод рафт ва аз пояш гирифта, кашола

карда бурда, танаи ҳанӯз дар частухез будаи ӯро ба дарьё партофт ва дар дили худ:

«Акнун аспи бидав ва милтики панҷтира тамоман моли ҳалоли худам шуд» — гуфт.

## XI

Эшонқулбой, пас аз он ки ҳамаи молу ашьёи худро аз дарьё гузаронид, ба дарунтари мамлакати ҳамсоя кӯчид. Ӯ дар он ҷо барои худ работ сохт ва Шоқулро ҳам ба худ ҳамработ кард.

Бой, пас аз ҷойгир шудан дар работи нав, ба духтари яке аз эмигрантҳои сафед хонадор шуд. Зани нави бой, бо зани Шоқул дар даруни работ бойбика шуда менишастанд. Корҳои рӯзгорӣ, нигоҳубини ҳайвонот ва рамачаронӣ — ҳамагӣ ба гардани Соро бор шуда буд ва Ятими хурдсол дар ин корҳои вазнин ба модари худ ёрмандӣ мекард.

Бой як зиндагонии асрорнокеро сар кард: ӯ Шоқул ва писари худ — Истамро ҳамроҳи худ гирифта нимаҳои шаб савора аз работ баромада мерафтанд ва баъд аз чанд рӯз ғоиб шуда рафтан, боз нимаҳои шаб дар работ пайдо мешуданд; дар шабҳое, ки бой дар работ бошад, одамони саллакабуди фашдароз, ки нӯги фашҳошон ба миёнашон мерасид, ба пеши ӯ меомаданд. Ин одамон милтиқ, таппонча ва халтаҳои пуртирро оварда ба бой медоданд ва ӯ ба онҳо пулҳои тиллои николай ё ин ки рупияҳои афғонӣ медод.

Ҳар вақт, ки дар работи бой ин гуна яроқҳо ҷамъ мешуданд, ӯ бо ҳамроҳии Шоқул ва писараш таппонча ва халтаҳои пуртирро дар хӯрҷинҳо ҷой мекард, милтиқҳоро даста-даста карда ба шолҳо мепечонд, ҳар сеяшон се хӯрҷинро ба се асп бор карда савор мешуданд ва дастаҳои милтиқро ба пеши худ гирифта нимшабӣ аз работ баромада мерафтанд ва баъд аз чанд рӯз баргашта меомаданд, аммо дар вақти омаданашон хӯрҷинҳояшон холӣ буд ва дар пешашон ягонта ҳам милтиқ намешуд.

Ятим, ки ин аҳволро медид, сирри ин корро нафаҳмида ҳайрон мемонд. Боре ӯ сабаби дар работ милтиқ, таппонча ва тир гундоштан ва боз баровар-да бурда нест карда омаданро аз модараш пурсид.

Соро дар ҷавоб гуфт:

— Ман гумон мекунам, ки ярокчаллобӣ дар ин мулк кори фоиданоки хушдаромад бошад ва бой ба савдогарии ярок даромада бошад.

Дар ин миён воқеае рӯй дод, ки Ятим сирри ғоиб шуда рафтанҳои бойро, ҳам ярок ғун карда гирифта бурданҳои ӯро ошкоро фаҳмид:

Рӯзе Ятим баъд аз шом бо модараш гӯсфандонро аз чаро оварданд. Соро ба ҳавлии даруни работ даромад ва Ятим ҳайвонҳоро ба гӯсфандхона даровар-да ҷой кард. Баъд аз он ӯ хошокҳои пеши оғилро ҳамвор карда барои худ ҷойхоб тайёр кард ва ба болои хошок баромада чорзону зада нишаст.

Баъд аз соате писари бой — Истам як коса обро бо як бурда нони қоқи мағор кардагӣ оварда ба Ятим барои хӯроки шабонааш дод. Ятим баъд аз тар карда хӯрдани он нон дар об, барои хобидан ёзид.

Аммо хоби Ятим намебурд: ҳаво гарм ва дим буд, пашшаҳои дарозпочаи шохдори хартумноки молхона ба ӯ ҳуҷум меоварданд, нешҳои сӯзанмонанди худро ба гӯшу гардану сару рӯ ва дасту пою оринҷу зонуи ӯ фурӯ мефиристоданд. Ҷоҳои пашшагазидаи бадани Ятим, чунон ки дар ҷои сӯхта намакоб рехта бошанд, сӯзиш карда хориш мекард, ҳар вақт, ки Ятим он ҷоҳоро мехорид, сӯзиш ва хориш боз ҳам зиёдтар ва сахттар мегардид...

Шаб аз нима гузашта бошад ҳам, барои Ятим хобидан муяссар нашуд. Дар ин миён дарвозаи работро касе тақ-тақ зад.

Бо шунидани садои тақ-тақ, Шоқул аз дарун баромада дарвозаро кушод. Аз дарвоза ду савор даромада аз аспҳояшон фуромаданд.

Шоқул аспони онҳоро ягон-ягон аз дасташон гирифта ба меххое, ки дар девори работ задагӣ буд, қантар кард ва худашонро то пеши суфае, ки дар наздикии оғил сохта шуда буд, бурда худ барои

овардани чароғу палос вя хабар додан ба бой ба-дарун рафт.

Баъд аз дақиқае бой ба дасти худ чароғеро гирифта аз дарун баромад. Шоқул шолчаеро оварда бар рӯи суфа паҳн кард, бой чароғро дар миёначои палос гузошта бо меҳмонон вохӯрдӣ ва пурсупос кард ва ҳамаашон дар атрофи чароғ давра шуда нишастанд.

Ятим дар зери рӯшноии чароғ навомадагонро аз назар гузаронид, пӯшоқ ва афту андоми ин одамҳо ба одамони маҳаллӣ — ба он саллакабудони фашдароз, ки шабона меомаданд, монандӣ надошт, инҳо ба одамони он тарафи дарьё, ки Ятим афту андоми онҳоро ҳанӯз аз ёдаш набароварда буд, монандӣ доштанд.

Сухан сар шуд, тарзи гапзаниҳои инҳо ҳам ба тарзи гапзании одамони он тарафи дарьё монандӣ дошт, ки Ятим дар миёнаи онҳо рӯида ва калон шуда буд. Инҳо дар миёнаи гапҳошон бештарин Ҳисор, Регар, Кӯктош, Қабодиён, Деҳнав ва Тирмиз барин район ва қишлоқҳои он тарафи дарьёро ном мебурданд.

Дар ин миён номҳои одамонеро ҳам, ки Ятим аз ин пеш нашунида буд, гирифта гап заданд. Дар миёнаи ин гуна номҳо, бисьёртар Иброҳимбек, Фузайлмахсум, Эшони Султон, Анварпошшо, Ҷаббор хӯчаин, Давлатманд-бӣ ва Кӯри Шермат барин номҳоро гирифта гап мезаданд. Дар миёнаи гуфтугузорҳо калимаи босмачӣ ва кӯрбошӣ ҳам бисьёр гуфта мешуд.

Ятим аз забони онҳо калимаи большевикро ҳам бисьёр шунид. Ӯ ин калимаро як-ду бор аз забони модараш ҳам шунида буд, модараш ба ӯ таърифи большевикро дар ҳикояи рӯзи гурези худ, аз забони Рӯзимурод нақл карда буд. Аммо имшаб ӯ аз забони ин меҳмонон дар ҳаққи большевикон гапҳои бад мешунид.

Аз ҳамаи ин гуфтугузорҳо Ятим ҳамин қадарро фаҳмида гирифт, ки дар он тарафи дарьё большевикон ҳукумати коргару деҳқонро барпо кардаанд, он ҳукумат ба атрофи худ пойбараҳнагон, камбағалон,

ятимҳо, чӯпонҳо, деҳқонони чорьяккор ва хизматгоронеро, ки дар вақти амир дар бойҳо, дар зери азобу уқубат кор мекарданд, ғун кардааст, ба онҳо замин, об ва кор ёфта додааст. Бойҳо, эшонҳо, муллоҳо ва амалдорони амирро аз ҳукмфармой кардан ба сари бечорагон дур кардааст.

Бойҳо, судхӯрҳо, эшонҳо, амалдорони амир ва муллоҳо ба муқобили большевикон ва ҳукумати коргару деҳқон босмачӣ ном дастаҳои аскарӣ сохта баровардаанд. Номҳое, ки дар боло гуфта шуд, номҳои саркардагони ҳамин босмачиён будааст. Мақсади босмачиён барҳам додани ҳукумати коргару деҳқон, дубора ғулом карда додани камбағалон ба боён ва аз сари нав ба тахт шинонида подшоҳ кардани амир будааст.

Вақте ки навбати гап ба Эшонқулбой расид, ӯ ба тариқи таълимот гуфт:

— Босмачиён худро «босмачӣ» наноманд, зеро маънии ин сухан дузди роҳзан гуфтан аст, мардум аз дузду роҳзан нафрат мекунанд. Беҳтарини номҳо он аст, ки Анварпошшо ба босмачиён додааст: ӯ босмачиёнро лашкари ислом номида, худро амири лашкари ислом меномад.

Бой дар хусуси плани кори босмачиён гуфт:

— Босмачиён бояд дар роҳи афтонидани ҳукумати коргару деҳқон танҳо большевиконро ва онҳоеро, ки ба кори ҳукумат даромадаанд ва ба большевикон ва ба ҳукумати коргару деҳқон ёрӣ медиҳанд, ёфта мекушем, гуфта нагарданд. Балки ҳар камбағал ва ҳар ятим ва чӯпонро, ки дар дасташон афтад, беибо ва мулоҳиза куштан гиранд. Чунки такьягоҳи большевикон ва ҳукумати коргару деҳқон, камбағалон ва ятиму чӯпононанд, ки бештарини мардуманд. Агар коргарҳо ва камбағалҳо намебуданд, большевик ҳам ба майдон намеомад, ҳукумати коргару деҳқон ҳам.

Яке аз меҳмонон ба гап даромада гуфт:

— То ҳол, дар роҳи куштани камбағалон, бо зану бачагонашон пои мо ҳеҷ налангидааст ва дар вақти куштани онҳо дасти мо наларзидааст. Мо бисьёр вақт либоси аскарони сурхро пӯшида рафта деҳаҳоро месӯзонем ва камбағалонро мекушем. Бо

ин кор мо ду шикорро бо як тир мезанем: аз як тараф камбағалонро нест мекунем ва аз тарафи дигар дар миёнаи мардум нисбат ба большевикон ва аскарони сурх нафрат пайдо мекунонем...

Меҳмонон баъд аз хӯрдани таоме, ки Шокул аз дарун бароварда буд, ба рафтан тайёр шуданд. Шокул аз дарун чанд дона милтиқ ва таппонча ва чанд халта тир баровард. Таппонча ва тирҳоро дар хӯрчини меҳмонон ҷой кард ва милтиқҳоро ба шолчаҳо печонда бо ресмон баста ба онҳо супурд.

Дар вақти рафтан, яке аз меҳмонон ба бой нигоҳ карда гуфт:

— Вазифаи бойҳое, ки аз замину об ва аз хонаву ҷой ва мулку асбобашон ҷудо шуда, дар мамлакатҳои ғарибӣ афтодаанд, ба босмачиҳо ёрӣ додан аст, бояд онҳо ҳамаи чизҳои дар даст доштаашонро — то либоси танашон ҳам бошад, фурӯхта ва ба пули он яроқ ва аслиҳа харида ба босмачиён диҳанд. Дар он вақт мо зафар меёбем ва бойҳо ба обу замин, ба молу ашъё ва ба ятиму чӯпони худашон соҳиб мешаванд ва ҳар харочотеро, ки имрӯз кардаанд, яке бар даҳ, яке бар сад ва ҳатто яке бар ҳазор карда гардонда мегиранд.

— Мо дар ин роҳ,— гуфт бой,— на танҳо молу ашъёи худро дареғ намедорем, ҳатто агар лозим шавад, ҷони худро ҳам фидо мекунем...

Дар ҳамин вақт овози қарсас зада паридани таппонча шунида шуд ва бой:

— Вой мурдам! — гӯён ба замин ғалтид. Меҳмонон ва Шокул хандиданд. Маълум шуд, ки яке аз меҳмонон бо тиру дору пур ё холӣ будани таппончаи худро озмуда диданӣ шуда, дар ҳаво парронда будааст ва дар ҳақиқат таппонча пур будааст, ки яке аз тирҳои он баромадааст.

Он меҳмон аз хӯрчин тиреро гирифта ҷои холишудаги таппончаи худро пур кард ва онҳо аспҳошонро савор шуда аз работ баромаданд. Бой бошад ҳамчунон беҳуш дар рӯи ҳавлӣ хобида буд.

Ятим, ки қаймоқи ин сӯҳбатро чида гирифта буд, дар дили худ гуфт: «кадом вақте, ки ман ба ватани

худ равам, кори аввалини ман дастгир карда ба дасти ҳукумати коргару деҳқон супурдани бойҳо бошад, ки онҳо босмачиёнро яроқдор карда, камбағал ва ятимонро мекушондаанд».

## XII

Аз миён ду сол гузашт. Шумораи гӯсфандони Эшонқулбой, ки сарчашмаи асосии даромади ӯ буд, хеле кам шуд. Бештарин гӯсфандони вай ба иморати работ, ба хонадоршавӣ ва хусусан ба яроқдор кардани босмачиён сарф шуда буд.

Бой дид, ки гӯсфандони боқимондаашро танҳо худи Соро чаронда метавонад, як бурда нони қоқи ҳаррӯза ба Ятим медодагиашро харҷи барзиёд донист ва як пагоҳӣ пеш аз баромадани офтоб Ятимро аз работаш бароварда пеш кард:

— Куҷое, ки меравӣ, рав! Барои хӯрдани ту нони барзиёд надорам,— гуфт.

Соро ҳамаи кӯҳна-колаҳои Ятимро бароварда ба вай пӯшонд, якта нонро дар як латтаи кӯҳна печонда дар бағали ӯ андохт ва уро ба оғӯши худ кашида ба гиръя даромад. Баъд аз тар кардани рӯю мӯи ӯ бо оби чашми сӯзноки худ ва пок кардани чашми ӯ аз гиръя ба вай гуфт:

— Дар ин мамлакат бисьёр овора шуда нагард, бо кадом роҳе, ки тавонӣ зудтар аз дарьё гузашта ба ватани худ рав. Дар он ҷо сағирхонаро кофта ёб. Дар он ҷо туро парвариш карда хоночда мебароранд. Хафа нашав! Агар аҷал амон диҳад, ман ҳам аз дунболи ту расида меравам.

Ятим, пойбараҳна ва пиёда ба роҳ даромад, то аз назар ғоиб шудани работ дар ҳар қадам як бор рӯи худро гардонда нигоҳ мекард ва ҳамин, ки модари меҳрубонашро, ки дар пеши работ рост истода буд, медид, боз гиръяаш меомад ва чашмони худро пок карда бо дили ноxоҳам боз як қадам пеш мепартофт.

Ин ҷудоӣ барои Ятим бисьёр душвор буд, ӯ аз ягона касаш, ки ба вай меҳрубонӣ мекард ва нози

ўро мебардошт ва дар душвориҳо ба вай тасалло ва дилдорӣ медод, ҷудо мешуд.

Ў чанд бор қасд кард, ки аз роҳи худ гардад ва ба модари меҳрубонаш наздик шавад, аммо дарҳол фикр карда, номумкин будани ин корро мефаҳмид: модом, ки хўҷаин дар работи худ роҳ намедиҳад, пас дар куҷо хоҳад хобид ва модом, ки хўҷаин аз вай як бурда нони қокро ҳам дареғ медорад, пас чиро хўрда зиндагӣ хоҳад кард.

Ҳоли модари сарсахти бадбахт, аз ҳоли Ятим ҳам ҷонсўзтар буд: ў ба чашми худ медид, ки писари ба ҷон баробараш аз ў ба сурати абадӣ дур шуда истодааст, аммо имкон надошт, ки ўро дар пеши худ нигоҳ дорад ва ў ба чашми худ медид, ки гўё ҷонаш аз баданаш баромада рафта истодааст, аммо қудрати он надошт, ки ўро дар бадани худ нигоҳ дорад.

Соро хост, ки ҳамроҳи писараш худаш ҳам аз работи бой баромада равад. Лекин ў ба ин кор ҷасорат карда натавонист, зеро ў медонист, ки агар рафтанӣ шавад, бой на танҳо ўро намегузорад, балки мурдавор мезанад ҳам, бинобар ин ў ба амал овардани ин фикри худро чунон ки ба писараш ваъда дода буд, то ёфт шудани фурсати муносиб, пас партофт.

Соро чашми худро аз Ятим намеканд, ҳар қадар, ки Ятим аз вай дуртар мерафт пеши чашми ў ториктар мешуд, охир рафта-рафта Ятим аз чашми ў ғоиб шуд ва ба назари Соро ў офтобе буд, ки дар уфуқи дур фурў рафт ва дунъё ҳам ба назари ў чунон торик шуд, ки гўё офтоб фурў рафта ва торикӣ оламро фаро гирифта бошад.

— *Моҷахар! Чаро дар ин ҷо мўла*[61] *барин рост истодаӣ ва рўз пешин шуд, ҳанўз гўсфандонро ба чаро намебарорӣ?*

Соро бо ин садо хушьёр шуда чашм кушода дид, ки бой ўро дашном медиҳад ва офтоб ҳам қади найза баланд шуда, нури худро ба олам паҳн кардааст.

Соро аз даҳшат ва ваҳшати бой тарсида гўсфандонро ба чаро бурд. Лекин ҳамаи фикру хаёлаш ба писараш банд буд. Ў ҳамеша дар пайи он буд, ки фурсате ёфта аз хонаи бой гурезад.


SADRIDDIN AJNĪ

JATIM

ROMON

NAŞRI
I

NAŞRIJOTI DAVLATIJI TOÇIKISTON
ŞÜ'BAJI ADABIJOTI BACAGONA

STALINOBOD 1940

Муқоваи нашри якуми «Ятим»

Бой ҳам аз ин фикри Соро бӯй бурд. Бинобар ин ӯ писарашро, ки акнун калон шуда буд, ба болои Соро дидбон гузошт ва ӯро (писарашро) то зарур нашавад, аз хона дур намекард ва ҳамроҳи худ ба ҷое намебурд. Истам барои ба амал овардани ин супориши бой ҳамеша дар атрофи Соро тортанак барин танида мегашт.

* * *

Ятим роҳ мерафт, аммо намедонист, ки ба куҷо меравад, ӯ ба худ муқаррар карда буд, ки ба лаби дарьё рафта аз он ҷо зудтар ба ватани худ гузарад. Аммо намедонист, ки ин роҳ ӯро ба лаби дарьё мерасонад, ё не?

Ӯ як тарафро роҳи лаби дарьё тахмин карда аз доманаҳои кӯҳ, аз болои теппаҳо, аз дараҳо, аз қирҳо, аз ҷӯйҳо ва аз ҷариҳо мегузашт. Вақте ки монда мешуд, дар лаби обе нишаста дам мегирифт ва як бурда аз ноннеро, ки модараш ба вай дода буд, ба об тар карда мехӯрд ва боз ба роҳаш давом мекард...

Рӯз гузашт, офтоб фурӯ рафта дуньё торик шудан гирифт. Ятим ба як кулбае, ки аз пешаш баромад, ба умеди ҷойхоб ёфтан даромад. Дар рӯи ҳавлии ин кулба ба тарафе як буз бастагӣ буд, ки бачааш вайро мемакид, дар як тарафи дигар як зану як мард рӯ ба рӯи ҳамдигар нишаста нону чуғрот мехӯрданд. Мардак аз Ятим, кӣ буданашро ва барои чӣ ба ин ҷо даромаданашро пурсид.

— Ман як мусофири он тарафи дарьёям, ки модари худро гум кардаам ва ӯро кофта гаштаам ва ба ин ҷо барои шаб хобидан даромадам,— гуфт Ятим дар ҷавоб ва дар дили худ гуфт: «ин гапам дурӯғ нест, ман модари маро зоидагиро наковам ҳам, модареро мековам, ки маро дар оғӯши худ парвариш карда ба воя расонидааст — модари ватанро, он ватанеро, ки имрӯзҳо ватани ҳақиқии камбағалон ва ятимон шудааст,— мековам».

— Бисьёр хуб,— гуфт мардак дар ҷавоби Ятим ва занак ӯро ба канори дастархони худ шинонда, ба вай ҳам нону чуғрот дод.

Вақте ки Ятим аз хӯрдан фориғ шуд, занак ба канораш пӯстакчаеро паҳн карда ӯро дар он ҷо хобонид.

Пагоҳии барвақт Ятим аз хобаш хеста дасту рӯяшро шуст ва барои рафтан тайёр шуд. Аммо занак ба ӯ рухсат надод, ки чизе нахӯрда ба роҳ барояд ва як бурда нонро дар ним коса шир пора карда ба ӯ хӯронид ва барои роҳ ҳам якта нон дода ӯро гусел карданӣ шуд.

Ятим барои рафтан аз ҷояш хеста қадам партофт ва аз қадам партофтанаш маълум мешуд, ки пояш озор дорад. Занак ӯро аз роҳ боздошта, поча ва кафи пойҳояшро аз назар гузаронид: дар кафи пои ӯ обилаҳо — қубълаҳо пайдо шуда будаанд, ки баъзеи онҳо кафида об додаанд.

— Бо ин пой ту сад қадам ҳам рафта наметавонӣ,— гуфт занак ба ӯ ва ӯро шинонда латтакӯҳна ва шолпарчаҳоро ба пои ӯ чорухвор печонид ва бо ресмоне маҳкам басту:

— Акнун рафтангир, ба амони Худо,— гуфт.

Ятим дар рӯзи дуюми сафари худ, бо нони занаки некхоҳ, меъдаи худро ором дода то бегоҳӣ роҳ рафта тавонист. Сари шаб ба як деҳаи ободтаре расид, ба як дарвозаи калоне, ки дар сари деҳа ба ӯ вохӯрда буд, даромад. Ин як ҳавлии калоне буда, чанд хонаи нишаст, оғилхона ва айвон дошт, рӯи ҳавлӣ бо гӯсфандон ва моллои сиёҳ пур буд.

Як мардак кӣ будан ва барои чӣ омаданашро аз Ятим пурсид. Ӯ ҷавоби сохтаи дидашудаашро ба мардак дод.

— Дар ин ҷо барои мусофир ҷой нест,— гуфт он мардак бо оҳанги шубҳадорона.

Ятим ба шубҳаи он мардак пай бурда гуфт:

— Дар ин ҳавлии васеъ, ки дар ҷой ҳамин қадар ҳайвон гунҷидааст, ва ин, ки барои як бачаи 14-сола якшаба сарпаноҳӣ ёфт нашавад. Ман мефаҳмам, ки шумо маро дузд гумон карда метарсед ва лекин агар ман дузд мебудам ҳам, дар ҳамин сиёҳӣ дар ҳамин ҳавлӣ аз дасти ман чӣ меомад.

Мардак шарманд ва гӯшаеро ба ӯ нишон дода:

— Рав, ана дар он ҷо бихоб! — гуфт.

Шаб гузашт. Ятим аввали пагоҳӣ хеста ба рафтан тайёр шуд. Мардак, ки имшаб аз ӯ ягон ҳаракати барзиёде надида буд, хост ки аз вай фоида барад ва ба ӯ гуфт:

— Ту монда шудагӣ барин менамоӣ, як чанд рӯз дар ҳавлии ман истода дам гир. Чӯпони ман бемор шуда рафтааст, то дуруст шуда омадани ӯ, ту гӯсфандони маро чаронда мегардӣ.

Ин таклиф ба Ятим маъқул шуд, ӯ дар ҳақиқат ҳам дар ин пиёдагардии дурӯза хеле монда шуда буд ва инчунин дар дили худ фикр кард, ки «як чанд рӯз чӯпонии ин мардакро мекунам, ҳар ноне, ки барои хӯрдани ман диҳад, як қисмашро сарф ва як қисми дигарашро сарфа карда нигоҳ медорам. Вақте ки якчандрӯза хӯроквории гун шуд, ба роҳ мебароям ва бе он, ки дар роҳ гиёҳ хӯрда бемор шавам, ба лаби дарьё мерасам. Он тарафи дарьё бошад, ватани азизи пурнеъмати ман аст». Ятим бо ҳамин мулоҳиза:

— Майлаш меистам! — гуфт дар ҷавоби таклифи соҳиби хона.

Соҳиби ҳавлӣ як хоначае, ки дар пеши оғил буд, барои хобу хез ба Ятим дод. Ятим дар хонаи хӯҷаини нав аз пагоҳ то бегоҳ чӯпонӣ мекард. Хӯҷаин барои хӯроки ҳаррӯзаи ӯ ба вай як нон ва як дона қурут медод.

Ятим қурутро ҳеҷ намехӯрд, аз нон нимтаашро мехӯрд ва ҳар рӯз нимта нон ва якта қурутро дар латтакӯхнае, ки модараш дар вай нон баста дода буд, печонда дар хоначааш захира мекард.

Ятим, дар рӯзи даҳӯми ба ҳавлии хӯҷаини нав омаданаш хост, ки қурут ва нони он рӯз сарфакардаашро ҳам дар латтааш бандад, аммо латтаро холӣ ёфт: нону қурутҳои чандин рӯз боз гумкардааш набуданд. Ӯ ин ҳолро аз хӯҷаин пурсид.

— Янгаат ба хоначаи ту даромада нону қурутҳои нахӯрдамондаатро дидааст ва «нобуд шуда намонад» гуфта гирифта бурдааст, — гуфт хӯҷаин дар ҷавоби Ятим.

Ятим чизе нагуфту дам шуд. Аммо дар дили худ гуфт, ки аз сари нав ба озуқазахиракунӣ медароям

ва баъд аз ин хӯроквории ғундоштаамро дар ҷое пинҳон мекунам, ки ёфта гирифта натавонанд.

Лекин аз он рӯз сар карда хӯҷаин ба ӯ курут ҳеҷ надод ва нонро бошад, як парчекак дода:

— Ту бачаи хуб будай, хӯрок кам мехӯрдай, баракалло! — гӯён ӯро «таъриф ва таҳсин» карда монд.

Ятим баъд аз ин дар фикри дигар афтод: фурсати муносибе ёфта ду-сета нони хӯҷаинро «дуздида» баромада гурехтанӣ шуд.

* * *

Ятим ба умеди ёфтани фурсати муносиби гурез, чӯпонии хӯҷаини нави худро карда гаштан гирифт. Бисьёр дер накашид ва ин фурсат ёфт шуд:

Ятим як бегоҳӣ баъд аз шом рамаро аз чаро оварда, ки хӯҷаин дар ҳавлӣ нест ва аспаш ҳам нест, гумон кард, ки ӯ ба ягон ҷои дур савора рафтааст. Баъд аз ба оғил даровардани гӯсфандон ба ҳавлии дарун даромад, ки дар хона чароғ месӯзад, бачагон хобидаанд, аммо хӯҷаинзан ҳам нест.

Ӯ ҳар тарафи ҳавлиро гашта аз назар гузаронид, дар он ҷоҳо ҳам хӯҷаинзан набуд. Аз даричае, ки ба ҳавлии ҳамсоя кушода мешуд, овози гап шунида шуд. Ятим гӯш андохт, хӯҷаинзан бо зани ҳамсоя дар хонаи ӯ гап зада нишаста будааст:

— «Фурсати муносиб ёфт шуд» — гуфт Ятим дар дили худ ва дарҳол ба хона омада ҳар тарафро кофт. Дар тахтбоми хона дар зери кӯрпаҳо як сандуки чӯбинро дид.

Ӯ сандукро кушод, ки даруни пур аз нон аст, ба нияти панҷрӯза сафар, панҷта нонро бардошт ва аз хона баромад.

Ӯ дар айвон сабади овезаеро дид, ки дар ғарғараи шифти айвон овезон аст ва ресмони ғарғара ба сутун бастагӣ аст, ӯ ресмонро аз сутун кушода сабадро аз шифт фуроварда дид, дар даруни вай курутҳои нимхушк буд, барои хушкондан овехта монда будаанд. Барои нонхӯриш аз курут ҳам даҳ донаи калон-калонашро ҷудо карда болои нонҳо гузошт.

Ятим ба хонаи худ рафта нонҳо ва қурутҳоро дар латтакӯҳнаи худ баст.

Ҳамаи пӯшокҳои кӯҳна-колаи худро пӯшид ва чӯбдасти чӯпонии худро ба даст ва тугунчакро ба бағал гирифта ба роҳ баромад...

Ятим ҳанӯз аз деҳа дур нашуда буд, ки як савор аз пешаш баромада:

— Ҳа, бахайр, куҷо меравӣ? — гуфта пурсид.

Ятим овозро шинохт: ин овози хӯҷаини наваш буд.

— Ҳеҷ ҷо! Ҳамин тавр, барои шамол хӯрдан баромада будам,— гуфт Ятим дар ҷавоб, бо овози тарсону ларзон.

— Барои шамол хӯрдан?.. Рӯзи дароз аз шамол сер нашуда будӣ-дия — гӯён хӯҷаин аз асп фуромад ва аз бағали Ятим тугунчакро бароварда кушода дид.

— «Намехӯрам, намехӯрам, оши маро дар тағора каш» гуфтагӣ барин, ту нон нахӯрда панҷ нон ва даҳ қурутро якбора хӯрданӣ будӣ-дия,— гуфт.

Ятим гап назад. Хӯҷаин тугунчакро боз баста ба дасти ӯ дода худ ба аспаш савор шуда ба Ятим:

— Пеш даро! — гуфт.

Ятим пеш-пеш пиёда ва хӯҷаин аз қафо савора ба тарафи деҳа рафтан гирифтанд. Вақте ки ба пеши дарвозаи хӯҷаин расиданд, Ятим хост, ки ба ҳавлӣ дарояд, аммо хӯҷаин роҳ надод:

— Акнун дар ҳавлии ман барои ту ҷой нест, раҳи рост, рафтан гир.

Ятим рафтан гирифт ва хӯҷаин ҳам савора аз дунболи ӯ мерафт...

Баъд аз тахминан 5 километр роҳ рафтан ба пеши ҳавлие расиданд, ки дар пеши дарвозаи вай як посбони милтиқдор рост истода буд.

— Исто! — гӯён хӯҷаин ба Ятим фармон дод.

Ятим истод ва хӯҷаин аз асп фуромада аспро ба дарахте, ки дар сари кӯча буд, баст ва Ятимро пеш андохта ба ҳавлӣ даромад. Дар рӯи ҳавлӣ ҷароғе буда, дар пеши он як чанд кас чой нӯшида нишаста буданд.

— Чӣ гап? — гуфта пурсид яке аз нишастагон аз хӯҷаин.

— Дар вақте, ки ин бача аз хонаи ман ҳамин чизҳои дар дасташ будагиро дуздида баромада рафта истода будааст, дастгираш кардам. Ҷазо дода шуданашро илтимос мекунам,— гуфт хӯҷаин ва Ятимро бо тугунчаки дар дасташ будагӣ ба онҳо супурд.

— Кӯтвол (миршаб) [66] ҳоло хобидаанд, шумо ба кори худ рафтан гиред, мо фардо вақте ки кӯтвол баромада ба кор нишастанд, арз карда ҷазо медиҳонем,— гуфт яке аз он одамҳо.

Хӯҷаин баромада рафт. Одамони кӯтвол (миршаб) Ятимро дар таҳхонае даровардa дарро аз беруи бастанд ва худашон боз дар пеши чароғ нишаста бо нон ва қурути Ятим ба чойхӯрӣ даромаданд.

* * *

Таҳхонае, ки Ятимро дар он ҷо бандӣ карданд, як хоначаи бисьёр тангу торик буд. Дар он ҷо ғайр аз Ятим боз панҷ — шаш каси дигар хобида буданд. Ятим ҳам баъд аз пешпо хӯрдан ба сару тани як — ду нафари онҳо ва шунидани ҳақоратҳои обдор гӯшаи холие ёфта дароз кашид. Ӯ шабро «баъд аз ин ба сари хурдтараки танҳои ман чиҳо меомада бошад?» гӯёи дар фикру хаёл гузаронида дар вақти субҳ хобид...

Ятим вақте чашми худро кушод, ки дар кушода шудааст, равшании офтоб аз он ҷо меафтад ва касе «дуздбача!» гӯён ӯро чеғ мезанад.

Он кас Ятимро бароварда ба пеши суфае, ки бар болои вай чанд кас нишаста буданд, бурд ва як нафари аз одамҳо аз ҷояш хеста пушти Ятимро бараҳна карда ба заминаш хобонида пахш карда истод ва дигаре аз ҷояш хеста бар сари Ятим омада бо камчин ба пушти бараҳнаи ӯ задан гирифт.

Ятим фарьёд мекард, аммо касоне, ки дар он ҷо буданд, механдиданд ва яке аз онҳо гуфт:

— Токати қамчин, ки надоштӣ, чаро дуздӣ кардӣ?

Баъд аз зада шудан, боз ӯро бурда ба таххона андохтанд ва дарро аз берун бастанд.

Ятим сабаби бепурсиш заданро надониста, аз касоне, ки аз худаш пештар дар он ҷо бандӣ шуда буданд, пурсид.

Назар ба қавли онҳо мувофиқи қонуни ҳукумати маҳаллӣ дузд ва ҷинояткорро чанд рӯз пай дар ҳам, ҳар рӯз як бор бепурсиш мезадаанд, баъд аз он агар лозим донанд, мепурсидаанд, ва агар ба фикри ҳокимон ҷинояти он кас собит шуда бошад ва ба пурсиш эҳтиёҷ набошад, бепурсиш ба вай ҷазо таъин мекардаанд.

Мувофиқи ҳамин «қонун» Ятимро се рӯз пай дар ҳам, аз ҳабсхона бароварда зада боз дароварда ҳабс карданд. Рӯзи чорӯм ӯро бароварда ба як шахси риштарошидаи буруттофтае, ки бар болои курсӣ дар рӯи ҳавлӣ нишаста буд, рӯ ба рӯ карданд.

— Ба ту сад рупия ҷурмона [67] таъин шуд,— гуфт он одами риштарошида,— агар ин маблағро ҳозир диҳӣ, ҳозир халос мешавӣ, агар дар пеши худ пул надошта бошӣ ва падару модар, ё ин ки хешовандони дигаратро дарак диҳӣ, мо одам фиристода пули ҷурмонаро аз онҳо мерӯёнем ва баъд аз он туро озод мекунем.

Ман на пул дорам ва на хешу табор,— гуфт Ятим дар ҷавоб,— танҳо як модар дорам, ки дар куҷо будани ӯро намедонам ва дар ҷустуҷӯи ӯ баромада ба ҳамин балоҳо гирифтор шудам.

— Ин тавр бошад, рӯзе як бор қамчин хӯрда хоб рафтан мегирӣ,— гуфт одами риштарошида,— дар ин миён ё мемурӣ, ё ин ки пулро ёфта медиҳӣ.

— Ҳар чӣ шавад, аз тақдирам медонам,— гуфт Ятим ва гирья карда сардод.

Аммо ба оби чашми ӯ раҳми касе наёмад ва ӯро боз як бори дигар заданд. Лекин дар вақти задан оби чашми Ятим хушкид ва ба ҷон вай аз чашмони ӯ оташи ғазаб шӯълавар шуд. Ҳар чанд дард аз ҷонаш гузашта бошад ҳам, дод нагуфт ва дандон ба дандон монда дам истод. Вақте ки зада шуда ӯро:

— Хез! — гуфтанд:

— Магар аз задан сер шудед,— гуфт бо оҳанги масхарадорона, аз ҷояш хеста истода.

Дар ҷавоби ин сухани Ятим яке аз онҳо бо мушти худ ба паси гардани ӯ сахт зад, ӯ рӯйнокӣ ғалтид ва давида аз ҷояш хеста ба занандаи худ теғ кашида нигоҳ карда истод.

Он одам як торсакӣ ба рӯи ӯ зада:

— Равон шав ба ҳабсхона,— гуфт:

Ятим дар ҳабсхона ба маҳбусон, ба худаш сад рупия ҷазо таъин карданашонро ҳикоя кард.

— Ба ту ҷазои сабук таъин кардаанд,— гуфт яке аз маҳбусон,— аммо ба ҳар кадоми мо ҳазор рупиягӣ ҷурмона таъин карданд.

— Шумоён пул доштагетон, ёфта дода метавонистагетон, аммо ман аз куҷо пул ёфта медиҳам?— гуфт Ятим.

— Дар ҳеҷ кадоми мо ҳам ягон пайса (пули сиёҳ) нест,— гуфт яке аз онҳо.

— Ин тавр бошад, магар дар ин ҷо хобидан мегиретон?

— Ё хобидан мегирем, ё моро халос мекунанд,— гуфт он маҳбус...

* * *

Ятим дар шаби шашӯми маҳбусии худ дар нимаҳон шаб бо овози шӯру ғавғо аз хоб бедор шуд. Чашмони худро молида-молида ба ғавғо гӯш андохта истода буд, ки овози паси ҳам холӣ шудани чанд милтиқ шунида шуд. Аз миён дақиқае нагузашта ғавғокунандагон ба дари ҳабсхона расида омаданд ва дарро зада шикаста ба таххона даромаданд ва маҳбусонро ҳамроҳи худ гирифта бароварданд.

Аз дунболи онҳо Ятим ҳам аз ҳабсхона баромад. Дар рӯи ҳавлии миршабхона бисьёр одамон машъал гиронда истода буданд. Ятим дар зери рӯшноии машъал дид, ки дар рӯи ҳавлӣ се мурда хобидааст. Ғавғочиён ду мурдаро бардошта гирифтанд, мурдаи саввӯм бояд мурдаи яке аз одамони миршаб бошад, ки вайро ба ҳоли худаш гузоштанд.

Ғавғочиён маҳбусонро пеш андохта, мурдаашонро бардошта аз миршабхона баромаданд. Аз дунболи онҳо Ятим ҳам баромад. Дар пеши дарвоза боз як мурда ба хоку хун чӯлида хобида буд, магар ин мурдаи посбони миршабхона буд, ки ғавғочиён ба вай ҳам даст нарасониданд.

Ғавғочиён монанди аввалӣ машъал ва мурдаашонро бардошта ғавғокунон ба тарафе рафтанд ва Ятим аз онҳо ҷудо шуда ба тарафи дигаре нигоҳ карда рафт...

* * *

Дар вақти сафед шудани рӯз Ятим ба доманаи кӯҳе расид. Ӯ акнун ҳам гушна монда буд ва ҳам монда шуда буд. Бар рӯи сангу хок дароз кашида қадаре хобид. Аммо аз гуруснагӣ хобаш намебурд.

Баъд аз офтоб паҳн шудан ӯ аз ҷояш хеста ба ҷустуҷӯи хӯрокворӣ даромад. Ғайр аз решаҳои алафҳои худрӯ чизеро наёфт. Аммо ба хӯрдани онҳо дил накард. Ду сол пеш аз ин реша хӯрда бемори мурданӣ шудани худро ҳанӯз аз ёдаш набароварда буд.

Алафҳои навсабзидаро чида гирифта хоида дид, онҳо талх буданд, аз фурӯ бурдани онҳо ҳам тарсида, боз аз даҳонаш партофт.

Лекин ягон чиз ёфта хӯрдан даркор буд, ҳар чанд беқувват ва монда шуда бошад ҳам, ба умеди чизе хӯрданӣ ёфтан пештар рафт, аз пешаш як санглохи беоб баромад, ки канорҳои ӯ пуррег буд. Ӯ барои дамгирӣ бар рӯи реги гарм ёзид ва назараш ба чизҳои қуббамонанди зардчаранг афтод, ки регро бардошта истода буд.

Ятим даст дароз карда яке аз онҳоро аз замин кашида гирифта дидан замон, чашмаш чароғ барин равшан шуд ва даҳонаш об кушод: ин як чизи хӯрдании балаззати ба ӯ шиносо буд — ин замбӯруғ буд.

Ятим дар вақтҳои дар ватани худ чӯпонӣ карданаш дар баҳорон замбӯруғҳоро аз замин чида дар оташи кӯр гӯронда пухта намак зада мехӯрд ва ба вай лаззат медод. Ҳоло дар дасти ӯ на намак буд ва на оташ ва на гӯгирде, ки бо вай оташ даргиро-

над. «Хуб, зарар надорад, худаш чизи нарм аст, хом-хом хўрда таҷриба карда бинам» гуфт ў худ ба худ ва ду-се донаи онҳоро гирифта дар оби кўлмаки санглох шуста хўрд. Меъдааш ором гирифт ва хобаш ҳам бурд...

Ятим аз хоб бедор шуд, ки рўз гашт кардааст, шикамаш дард намекунад, ташна мондааст. Лаб-лаби санглох қадре болотар рафта оби тозатаре ёфта нўшид ва бозгашта ба занбўруғзор омада сад дона барин занбўруғ чида, дар бағал ва кисаҳои либосҳои кўҳнаи болоиҳам пўшидааш ҷой карда ба роҳ даромад...

## XIII

Ятим чор шабу рўз роҳ рафт, аз тарси дастгир шуда дубора ба зиндон афтодан шабона роҳ мерафту рўзҳо дар ғорҳо, дар ҷарҳо ва ё ин ки дар камарҳои кўҳҳо мехобид. Занбўруғ бошад барои ў тўшаи роҳ ва хўроки сафар буд.

Ў дар рўзи панҷўми сафараш, дар вақти баромадани офтоб ба теппае баромада барои худ ғоре меҷуст, ки ба назараш дарьёе намуд. Ин дарьё дарьёи Аму буд, дарьёи Аму будани онро худи Ятим ҳам пай бурд. Чунки назар ба шуниди ў дар он гирду пеш дарьёи калони дигаре набуд, ки ба дарьёи Аму монанд бошад. Лекин ин ҷои дарьё, он ҷое набуд, ки ў ду сол пеш аз ин аз он ҷо гузашта буд, ин ҷой қадре боло буд, ё ин ки қадре поёнтар аз он гузаргоҳ буд. Дар ҳар ҳол ин дарьё, ҳамон дарьёи Аму буд, ки дар он тарафи вай ватани азизи ў воқеъ шудааст.

Ятим уфуқи ватани худро ва парчаҳои ба дарьё пайвастаи вайро дида, дарьёи бо селоб пуршуда барин ҷўш зада рафт ва худдорӣ карда натавониста бо овози баланд дод зада гуфт:

— Эй ватани азизи ман, ки модари ҳақиқии ман мебошӣ, зудтар маро ба оғўши марҳамати худ каш! Модари ҷисмонии ман маро зинда бошад, ту маро парвариш карда расонидаӣ! Хусусан ту баъд аз гузаштанат ба зери роҳбарии большевикон боз ҳам меҳру-

бойтар, боз ҳам шафқатноктар ва боз ҳам зеботар шудаӣ! Модари ҷисмониам маро зоида барои ба балоҳо гирифтор шудани ман сабаб шуда бошад, ту маро ва монанди ман фарзандҳоятро аз балоҳо халос карда тарбия карда, одам карда расонда истодаӣ! Ман, то ҷон дар бадан дорам, аз хизмати ту сар наметобам, ва агар лозим шавад сарамро, танамро, хунамро, ҷонамро, дар роҳи ту фидо мекунам!.. Ҳайфо, ки ман ҳоло оббозиро намедонам, то ки ин дарьёи пурмавҷро бурида гузашта ба хоки муқаддаси ту бӯса занам; афсӯс, ки ман паррандагон барин болу пар надорам, то ки аз болои ин оби беамон парида гузашта, насими рӯҳафзои туро то сер шудан фурӯ кашида, захираи зиндагонии худ кунам...

Ятим баъд аз он ки бо ҳамин тарз гуфтугузор, ҳиссиёти дарунии мавҷзада истодаашро қадре холӣ кард, ба фикри аз дарьё гузаштан афтода ба ҳар тарафи канори дарьё чашм андохта дид, дар канори дарьё на як киштӣ, на як гупсар ва на як одам — хулоса чизе, ки барои аз дарьё гузаштани ӯ восита шавад, наменамуд. Фақат дар ҷои аз дарьё дуртари канор, дар паси найзор як хонаи сиёҳе,[68] ки дар он ҷо зада буданд, менамуд.

Ятим аз теппа фуромада ба тарафи ҳамон хонаи сиёҳ равона шуд. Ӯ ба пеши хонаи сиёҳ расида, аз дари он ба дарунаш нигоҳ кард. Дар он ҷо як туркмани миёнсоли сиёҳчарӯ нишаста буд, ки бар болои гулхан ҷойҷӯшеро овезон карда дар зери вай ҳезум месӯзонид.

Ятим ба туркман салом дод.

— Алайкӯм салом, биё писар! — гуфт туркман.

Ятим ба хонаи сиёҳ даромад, соҳиби хона даст дароз карда бо ӯ вохӯрдӣ карда барои нишастан ҷой нишон дод. Туркман баъд аз пурсупосҳои туркманӣ, аз Ятим, кӣ будани ӯро ва мақсадашро пурсид.

Ятим, фарзанди он тарафи дарьё будани худро, барои дидани модараш ба ин тараф гузаштанашро ва боз ба тарафи ватани худ гузаштанӣ буданашро гуфта дод.

— Барои ин кор як қадар сабр карданат даркор аст,— гуфт туркман,— касби аслии ман дар ин ҷо деҳ-

ҳоҷӣ бошад ҳам, агар рост ояд, гоҳо одамонро аз дарьё гузаронида ҳам мемонам. Лекин одамоне, ки аз ин ҷо гузаштан мехоҳанд, одамони рост набуда, гурезагон ва моли гурезагузаронандагон (контрабандистон) мебошанд. Гурезаро, ё моли гурезаро аз дарьё гузаронидан — аз ҷони худ гузаштан гуфтан аст. Бинобар ин ман ин корро вақте мекунам, ки баробари хунбаҳои худам пул мерӯида бошад.

Туркман аз сухан бозистода ба гулхан чӯб чид ва оташи аз даргирифтан мондаро пуфкунон даргиронид ва боз сухани худро давом кунонид:

— Ту бояд то пайдо шудани ягон гурезаи хушпул сабр кунӣ ва то он вақт хизмати маро карда ва ба корҳои деҳқонии ман ёрӣ дода гардӣ.

Ятим ин таклифи туркманро қабул кард ва дар дили худ «дер ҳам шавад, мақсадам аз ин ҷо ҳосил хоҳад шуд» гӯён хурсандӣ кард.

Чойҷӯши туркман ҷӯшид, аз вай ду чойник чой дам кард, яке аз чойникҳоро бо як пиёла ба пеши Ятим монда, дигарашро бо як пиёлаи дигар ба пеши худ гирифт. Аз девори хонаи сиёҳ аз байни панҷараҳояш латтабастаеро гирифта кушода паҳн кард. Дар даруни латта ду зағора буд, якеро дар пеши Ятим, дигареро дар пеши худ пора карда партофт ва ҳар ду ба чою нонхӯрӣ даромаданд...

Баъд аз чой туркман ба Ятим:

— Бий, писар, акнун ман туро ба сари киштзори худ бурда киштзорҳоямро нишон диҳам,— гуфт.

Туркман пеш-пеш, Ятим аз думболи ӯ аз хонаи сиёҳ баромада ба тарафи киштзор равона гардиданд...

Дар пеши хонаи сиёҳ як найзор буд, ки як тарафаш ба хонаи сиёҳ часпида меистод ва дар миёнаи ин найзор як кӯлчаи ҳавзмонанде буд, ки як тарафаш бо як ҷӯи киштгард ба оби дарьё мепайваст. Дар гӯшаи ба хонаи сиёҳ наздикбудаи кӯл як киштии хурди заврақмонанд ба мехе бастагӣ буд.

Туркман киштиро ба Ятим нишон дода:

— Дар вақти аз дарьё гузаронидани ту, ана ҳамин киштӣ кор медиҳад,— гуфт.

Ятим киштиро дида ва сухани умедбахшои туркманро шунида, бовариаш ба ҳосил шудани мақсадаш боз ҳам зиёда гардид ва бо дили шодмон, қадами худро боз ҳам калонтар партофта аз дунболи туркман рафтан гирифт...

Ба киштзор расиданд. Киштзори туркман заминчаҳо — палчаҳои хурд-хурд буд. Дар як палча харбуза ва тарбуз киштагӣ буда дар зери рошҳои вай лӯбиё ва нахӯд шинондагӣ буд ва дар палчаҳои дигар мош, арзан, кӯнок, ҷуворӣ, кунҷид ва зағир барин киштҳои донадор ва равғандор киштагӣ буд ва миёнаҳои буттаҳои киштро алафҳои бегона пахш карда буданд.

Туркман киштҳои худро ба Ятим нишон дода:

— Кори ту алафҳои бегонаи киштзорро дасткаш карда баровардан, замини харбуза ва тарбузро бо бел гардонда нарм кардан ва дар беххои ҷуворӣ хок кашида, вайро дар вақти об додан шамғалтидагӣ кардан аст,— гуфт.

Туркман дар як дақиқа плани кори чилрӯза, ё якмоҳаро ба Ятим гуфта дода, дар роҳи ба ҳавас овардани ӯ гуфт:

— То ба охир расондани ту ин корҳоро, ягон гурезаи серпул ҳам расида меомадагист, дар он вақт ман туро бепул ва барои худо аз дарьё гузаронида мемонам.

— Дуруст! — гӯён Ятим дарҳол ба кори дасткаш кардани алафҳои бегона даромаданӣ шуд. Аммо туркман роҳ надод ва:

— Имрӯз даматро гир, фардо ба кор медарой, «кори монда шудагӣ нимкора мемонад» гуфтаанд,— гуфт ва ҳар ду ба хонаи сиёҳ нигоҳ карда баргаштанд...

Баъд аз ба хонаи сиёҳ даромаданашон туркман ба Ятим гуфт:

— Ман акнун ба ӯба (ба деҳа) меравам. Ту дар ин ҷо хобида дам мегирӣ. Лекин баъд аз фурӯ рафтани офтоб, ҳушьёртар буданат даркор аст, мабодо қалтабонон (дуздон) омада киштиро кушода гирифта набаранд.

Ятим бо сарҷунбонӣ қабул кардани худро фаҳмонид.

Туркман ҷомаи худашро, ки дар мехи хонаи сиёҳ овезон буд, гирифта пӯшида истода боз ба гап даромад:

— Ту бо сафед шудани рӯз ба кор даро, ман ҳам пагоҳӣ аз ӯба нон оварда дар ин ҷо чой ҷӯшонда туро хӯронда менӯшонам,— гуфт ва милтиқеро, ки дар мехи ҷомаовезиаш овезон буд, гирифт ва гупсареро ки дар ҳамон мех овезон буд, ба Ятим нишон дода:

— Аз ин хабардор бош, мабодо саге омада вайро хоида напартояд — гуфт ва аз хонаи сиёҳ баромада рафт.

* * *

Ятим дар хонаи сиёҳ қадре дароз кашида хобид ва баъди аз назар дур шуда ғоиб гардидани туркман аз ҷояш хест. Ӯ гупсарро аз сари мех гирифта ба лаби кӯл равона шуд. Баъд аз ба об тар карда нармондани гупсар ӯро пуф карда пурбод карда дамонд ва даҳонашро маҳкам баста ба об андохт, худаш ҳам либосҳояшро кашида ба об даромада вайро савор шуда гирифт. Лекин ӯ монанди касоне, ки велосипедсаворшавиро нав меомӯзанд, дар ҳар ҷунбиши гупсар ба як тараф ғелида дар об мегӯтид ва боз ба рӯи об баромада, онро савор шуда, ба ҳаракат додан мекӯшид.

Ятим, баъд аз он, ки қариб як соат дар канори кӯл машқ карда бар болои гупсар нишастанро омӯхт, вайро пештар ронд. Ба назари ӯ аз гупсарро савор шуда дар як ҷо истодан — бо вай пештар рафтан осонтар намуд. Аз ин ҳол далерӣ пайдо карда вайро тезтар рондан гирифт, гупсар чӣ қадар, ки тезтар равад, ҳамон қадар ӯ бар болои вай осудатар менишаст ва ба тарафе ҳам нахӯрда мерафт...

Ба ҳамин тариқа, Ятим бо гупсар то ҷои ба дарё пайвастани кӯл рафт ва аз он ҷо баргашта, боз ба ҷое, ки гупсарро аз он ҷо савор шуда буд, омад.

Ӯ аз об баромада гупсарро ҳам баровард ва баъд аз дами вайро холӣ карда ба ҷояш бурда овехтан баргашта ба лаби кӯл омад ва ба машқи киштиронӣ даромад.

Киштиро савор шуда бо бел рондан барои ӯ аз гупсарро савор шуда бо даст рондан осонтар буд, ӯ аз болои киштӣ ғелида дар об намеғӯтид. Танҳо барои киштиронӣ дар белзанӣ дасти худро пазондан ва варзиш кардан даркор буд.

Дастони хурдтараке, ки пеш аз он киштӣ ронда буданд, дар аввали кор бо ду-се бел задан суст ва карахт шуда аз кор мемонданд, лекин баъд аз қадаре дам дода боз ба кор даровардан аз аввала зиёдтар кор мекарданд...

Ятим бо ҳамин тариқа монугир коркунӣ ҳамон рӯз то бегоҳӣ то лаби дарьё даҳ бор рафта омад.

Офтоб фурӯ рафт. Ятим хеле монда шуда буд. ҳамин тарз бошад ҳам, бо умеде, ки машқи имрӯзаш ба ӯ дода буд, хурсандӣ мекард: ӯ дар дили худ «агар гурезаи серпуле, ки туркман мехоҳад маро бо ӯ аз дарьё гузаронад, ба зудӣ наёяд, худ роҳи ба сари худ аз дарьё гузаштанро ёфтам» мегуфт.

Ӯ аз лаби кӯл ба хонаи сиёҳ омада дар он ҷо дароз кашида ёзид ва ёзидан ҳамон, хобаш сахт бурд...

Дар нимаҳои шаб буд, ки ӯ бо тапар-тапари сумҳои аспӣ аз хоб бедор шуд ва «магар қалтабони киштидузд омад» гӯён аз ҷояш часта хеста аз хонаи сиёҳ баромад. Ӯ акнун киштиро на танҳо барои туркман, балки барои худаш ҳам маҷбур буд, ки аз дузд нигаҳдорӣ кунад, чунки киштӣ ба ӯ ҳунареро, ки барои аз дарьё гузаштан даркор мешавад, ёд медод.

Ӯ дар пеши дари хонаи сиёҳ истода ба тарафе, ки садои суми асп меомад, нигоҳ кард, аз он тараф як не, ду аспакӣ меомад. Аммо вақте ки саворон наздик расиданд, онҳо ба тарафи кӯл, ки киштӣ дар он ҷо бастагӣ буд, нарафта рост ба пеши хонаи сиёҳ омаданд. Ҳар дуи саворон ҳам бо милтиқ ва шамшер ярокдор шудагӣ буданд.

Қаиқчӣ (киштибон)-ро ҷеғ зан,— гуфт яке аз саворон, ки ба наздикии Ятим расида аспи худро нигоҳ дошта буд.

— Киштибон дар ин ҷо нест,— гуфта ҷавоб дод Ятим.

— Куҷо рафтааст?

Ба ӯба (деҳа) рафтааст!

— Загора-магора бошад, бароварда ба мо бидеҳ!

— Загораи будагиро тамом хӯрда рафта буд, худи ман ҳам гушна хобидаам.

— «Зангоба» (занқаҳба) — гӯён киштибонро, ки барои онҳо нон нагузошта будааст, дашном дод он савор ва онҳо атрофи найзорро давр зада ба тарафи поёни дарьё нигоҳ карда рафтанд.

Ятим дар дили худ «ман инҳоро дузд гумон кунам, гадо будаанд, лекин гадои яроқдорро дар умри худ акнун дидам» гӯён ба хонаи сиёҳ даромада боз дароз кашида хобид...

Имшаб ӯро ғайр аз он ду савор, ки аз хоби ширинаш бедор карданд, дигар касе ва ҳодисае нороҳат накард, дар вақте, ки ӯ аз хоб сер шуда аз ҷояш хест, офтоб паҳн шуда буд.

Кори якӯми имрӯзаи Ятим, киштзорхишовакунӣ нашуда, бо гупсар ва киштӣ машққунӣ шуд. Ӯ баъд аз ду соат машқ кардан, аз тарси омада мондани туркман, ба сари киштзор рафт ва ба досткаш картда аз байни киштҳо чида гирифтани алафҳои бегона даромад...

* * *

Дар вақте, ки офтоб ба болои сари Ятим рост омада, соат ба дувоздаҳ расида буд, туркман аз ӯбаи худ баргашта омад. Ӯ аввал ба хонаи сиёҳ даромада гулханро даргиронда чойҷӯшро ҷӯшонд ва баъд аз он ба сари киштзор рафта кори имрӯзакардаи Ятимро аз назараш гузаронид:

— Кори имрӯзаат он қадар баракаток нашудааст-ку — гӯён Ятимро коҳиш кардагӣ барин шуд ва зуд оҳанги худро дигар карда:

— Хайр, зарар надорад, ҳоло ин кор барои ту — кори нав аст, оҳиста-оҳиста омухта мешавӣ ва корат ҳам бараканоктар мешавад,— гуфта ӯро дилдорӣ дод ва сухани худро давом дода:

— Хуб, биё, чой нўшем! — гўён ўро гирифта ба хонаи сиёҳ бурд...

Дар вақти чойнўшӣ Ятим ба туркман гадоёни яроқдори аспсаворро, ки шабона омада буданд, гуфта дод.

Туркман баъд аз қаҳқосзанон хандидан:

— Онҳо гадо нестанд, онҳо посбонони лабидарьёии ҳукумати моанд,— гуфт ва илова кард,— лекин онҳо ҳамеша гушна мебошанд ва бо гадоӣ шиками худро сер карда мегарданд ва бинобар ин бо як загора як гурезан ба дастафтодаро сардода мефиристонанд.

Туркман хомўш монда чои пиёлаи худро нўшида боз ба пиёла чой кашида монда, гуфт:

— Онҳо агар рост оянд, аз дуздӣ ва роҳзанӣ ҳам рўй намегардонанд, аммо онҳо ин корро дар ҳаққи бечораҳе мекунанд, ки бо худашон дастбагиребон шуда натавонад, ба ман барин одам, ки ба як тирашон ду тир холӣ мекунад, аз биниӣ боло гап зада наметавонанд...

Баъд аз чойнўшӣ, туркман боз ба ўбаи худ гашта рафтанӣ шуда:

— Дар вақти набудани ман, касе маро пурсида ояд, ба ўба фиристон, агар ин гуна одам шабона дар бевақтӣ ояд, «ҳамин ҷо бихоб! Пагоҳӣ меояд» гўй,— гуфт.

Туркман дар вақти баргашта рафта истодани худ, як загораи аз чой зиёдатӣ карда мондагиро ба Ятим дода:

— Ҳар вақт, ки гушна монӣ инро мехўрӣ, хабардор бош ки «сагони яроқдор» аз дастат чанг зада гирифта нахўранд ва худат дурустакак кор кун! — гўён баромада рафт...

Баъд аз чой ҳам Ятим бештарин вақти худро ба гупсар ва киштиронӣ сарф кард, яъне ба қавли туркман, кори баъдазпешинии дар киштзор кардан ў «он қадар баракаиок нашуд»...

Ятим дар рафти кори худ аз ҳар чиз бештар вақтҳои аз ўба омада рафтани туркманро ба ҳисоб гирифт: ў ҳар рўз дар соатҳои 11—12 аз ўба меомад, чой мечўшонд ва ҳосили кори Ятимро аз назар гу-

заронида бо вай чой менӯшид ва барои хӯроки шабонаи ӯ якта загораро ба вай дода ва ӯро ба бараканоктар кор кардан далолат карда, боз ба ӯбаи худ мерафт.

Ятим баъд аз муайян кардани вақтҳои омада рафтани туркман, вактҳои кори худро ҳам муайян кард: ӯ ҳар рӯз пагоҳӣ чандсоата вакти худро ба гупсар ва киштимашққунӣ сарф мекард ва 4—5 соати миёнаи рӯзро дар киштзор мегузаронид.

Ӯ рафта-рафта гупсар ва киштиро ба дарьё бароварда дар чараёни об ҳам рондан гирифт ва дар ин кор ҳам хеле таҷриба пайдо кард. Ғайр аз ин ӯ бе гупсар ва киштӣ дар об даромадан, обро буридан ва дар об ғӯтида нафас нигоҳ доштанро ҳам машқ кардан гирифт.

Корҳои киштзории Ятим ҳам хеле пеш рафт, ӯ алафҳои бегонаро дасткаш карда киштзорро чун гулзор аз хасу хошок пок кард.

Туркман ҳам, аз натиҷаи кори Ятим хурсанд буд, гоҳо ӯро бо «офарин» ва «баракалло» мемукофотонид ва гоҳо:

— Хубтар кор кардангир, худо хоҳад ба наздикӣ ягон гурезаи хушпул омада мемонад ва бо вай туро бепул аз об гузаронда мемонам — гӯён ӯро умедвор ва ба пеш бурдани кор шавқдор карда мемонд.

Туркман мувофиқи қадду басти Ятим як белчаи оҳанин созонда оварда ба ӯ дод ва баъд аз тамом шудани кори дастии киштзор ӯро ба нарм кардани замин ва хок кашидан ба бехи ҷуворихо андохт...

Ятим чил рӯз кор карда гупсарсавори хуб ва киштирони таҷрибанок шуд, ӯ гупсар ва киштии худро ҳатто дар муқобили омади об ҳам ронда метавонистагӣ гардид.

Қори киштзор ҳам тамом шуд ва туркман ба ӯ як замини чимтолро нишон дода бо бел гардондан, решаҳои алафҳои бегонаашро чидан ва барои дар тирамоҳ алафи юнучқа киштан тайёр карда мондани онро фармуд ва:

— То он вақт ягон гурезаи серпул ҳам омада мемондагист,— гуфта ӯро умедвор карда монд.

* * *

Ятим кори навро сар кард, аммо аз гурезаи хушпул ҳеҷ дарак набуд. Ӯ фикр мекард, ки «магар то гузаштани рӯзҳои тобистон ва ғундошта гирифтани ҳосилоти киштзор, он гуна гурезаи серпул намеояд?»

Як шаб бо ин гуна фикру хаёл хоби Ятим набурд. Баъд аз ними шаб аз тарафи найзор садои шипиршипир роҳ рафтани одаме шунида шуд. Ӯ зуд аз ҷояш хеста аз хонаи сиёҳ баромада ба тарафи киштӣ давида ва дид, ки ду кас киштиро кушода истодаанд, якбора фарьёд кашид:

— Кистед?

— Натарс, ман! — гуфт овози шиносое. Ин овози туркман буд.

Ятим шодикунон ба тарафи ӯ давида:

— Магар гурезаи серпул ёфт шуд? — гуфт — ман ҳам тайёр шудан гирам-дия?

— Не, ин одам аз дарьё намегузарад, ба як арали[69] байни об барои харбузаи тирамоҳикорӣ меравад,— гуфт туркман.

Дурӯғ будани ин гапи туркманро Ятим ҳам фаҳмид, зеро ӯ ҳам медонист, ки барои харбузакорӣ шабона намераванд. Ӯ фикр мекард: «кӣ медонад, дар байни ин чил рӯзе, ки ман дар ин ҷо бо умеди аз дарьё гузаштан кор мекунам, дар вақти хоби ман ин фиребгар чӣ қадар гурезаҳои серпулро аз дарьё гузаронида бошад? Аммо ҳанӯз маро ба омадани ягон гурезаи хушпул умедвор карда мегардад».

Ятим баъд аз ин ҳодиса ба худ қарор дод, ки дигар ба туркман умедвор нашуда бо кӯшиши худаш аз дарьё гузарад.

## XIV

Ятим як рӯз ҳеҷ кор накарда дам гирифт. Дар вақти омад-омади туркман худро бемор тарошида хобид.

Туркман аз ӯба омада Ятимро бемор ёфт, ӯ «уҳуҳ» гӯён хобида буд. Ӯ чой ҷӯшонид, худ нӯшид ва ба Ятим нӯшонид.

Ятим дар вақти чой имрӯз нон нахӯрд, туркман ҳар чанд «нон хӯр» гуфта зӯр карда бошад ҳам, ӯ нахӯрд ва:

— Дилам намекашад, сарам сахт дард карда истодааст,— гуфт.

Туркман имрӯз дар лаби дарьё дер монд ва барои хӯроки рӯзона ва шабонаи Ятим ду зағора гузошта, зуд ба ӯба гашта рафт.

Ятим баъд аз рафтани туркман тайёрӣ диданиро сар кард: гупсарро гирифта ҳар тарафи вайро аз назар гузаронид, чои дарз ва бахьяҳои вайро ягон-ягон дида ба мустаҳкамии он ва ба ҳар гуна зарбулати обӣ ва бодӣ ба тоб оварда тавонистани он қаноат ҳосил кард.

Баъд аз он ба сари киштӣ рафт ва ҳама ҷояшро аз назар гузаронид, пахтаҳои як ҷомаи даридаи худро бароварда бо як чӯби сартез ба дарзҳо ва шикофҳо ва ба ҷои баҳам пайвастани тахтаҳо ва чӯбҳо тар карда тиққонд.

Боз гашта ба хонаи сиёҳ омада яке аз зағораҳоро бо оби гарми чойҷӯш тар карда хӯрд ва барои қадре хобидан дароз кашид.

Хобаш намебурд ва фикру хаёлаш ба гузаштан аз дарьёи Аму барин як дарьёи калон, ба тани танҳо ки дар умраш якӯм бор воқеъ мешуд, банд буд...

Ба ҳар ҳоле, ки буд бо изтироб ва ҳаяҷон, соате сад бор аз ин паҳлу ба он паҳлу гардида рӯзро гузаронид.

Ятим баъд аз фурӯ рафтани офтоб гупсар ва зағораро гирифта рафта ба киштӣ даромад ва ресмони киштиро аз мех кушода вайро ронда то ҷои ба ҳам пайвастани кӯл ва дарьё рафт ва дар он ҷо ба хубӣ торик шудани шабро нигарон шуда лангар андохта истод.

Дар ҳамин вақт ду посбони ҳукумати маҳаллӣ бо лаб-лаби дарьё ба тарафи Ятим нигоҳ карда омаданд. Вақте ки чашми Ятим ба онҳо афтод, тарсид ва «дар вақти ба мақсад мерасам гуфта истоданам, магар дастгир мешавам» гуфта аз дили худ гузаронид.

Посбонон рост ба лаби кӯл омада Ятимро диданд ва яке аз онҳо:

— Ҳа, гуреза! Монда нашав! — гӯён аз асп фуромада ба киштӣ баромад ва дар он ҷо ғайр аз гупсар, пӯшокиҳои даридаи Ятим ва якта зағора чизи дигар наёфт. Зағораро дар дасти худ дошта истода, аз Ятим кӣ буданашро ва дар ин ҷо чӣ кор карда истоданашро пурсид.

Ятим худро ба онҳо шогирди туркмани киштибон карда нишон дод ва:

— Дар ин ҷо киштирониро машқ карда гашта будам ва шумоёро дида истода мондам,— гуфт.

Он одам ӯро бандӣ карда аз киштӣ баровардании шуд, аммо посбони дигар:

— Мондангир! Ин бача гуреза шудан катӣ чӣ кор карда метавонад. Зағораро гирифта омадан гир! — гуфт.

Он одам Ятимро ба ҳоли худаш монда аз киштӣ баромада ба аспаш савор шуд ва ҳар ду посбон зағораро ду тақсим карда гирифта хӯрда-хӯрда аспҳои худҳошонро ронда рафтанд, кӯл ва найзорро давр зада боз ба лаби дарьё фуромада аз назар ғоиб шуданд.

Ятим дар пеши назари посбонон киштии худро ба тарафи хонаи сиёҳ ронд ва баъд аз дур шудани онҳо боз гашта ба лаби дарьё омада дар он ҷо истод...

Рӯи олам тамоман торик шуд, ғайр аз равшании ситорагони осмон, чизи равшане ба назар наменамуд, дар оби лойолуди зардчаи тираранги Аму акси ситорагон маълум намешуд ва барои Ятим вақти сар карданн кори бузург расида буд, ӯ киштии худро ба тарафи даруни дарьё нигоҳ кунонда ронда ва ӯ аз бими он, ки ягон одам омада дида намонад, дар ҳар бел задан, як бор канори дур шудаистодаи дарьёро аз назар мегузаронид...

Ӯ дар канор сиёҳии ду касро дид, аввал гумон кард, ки дар хаёлаш ҳамин тарз менамуда бошад, «вагарна дар ин вақти шаб дар ин ҷоҳо одам чӣ кор мекунад?» Лекин дер нагузашт, ки одами ҳақиқӣ будани он сиёҳиҳо маълум шуд, яке аз онҳо оҳиста-

оҳиста ва дигаре дартоз, аммо ҳар дуяшон ҳам ба лаби дарьё нигоҳ карда меомаданд.

Одами дартозоянда ба лаби дарьё расида бо овози баланд:

— Исто калтабони дузд! Ба ин тараф баргард! Вагарна мепарронам гуён фарьёд кашид.

Ятим ин овозро шинохт — ин, овози хӯҷаини охирини худаш — туркмани киштибон буд.

Ятим аз шабона ва бар хилофи одати худ омадани ӯ пай бурд, ки ягон гурезаи серпул ва ба қавли худаш «ягон харбузакор»-ро ба даст даровардааст, он одами оҳиста-оҳиста оянда бояд он гуреза бошад.

Ятим дар дили худ гуфт «агар ҳозир ман ба дасти ӯ афтам, маро бо як тир парронда мепартояд. Он беҳ ки ҳар чӣ қувват ва фурсат дорам, гурезам.

Ятим бо ҳамин мулоҳиза киштиро дубела ронда ба миёначои дарьё бурдан гирифт.

Туркман милтиқи худро ба тарафи Ятим нигоҳ карда холӣ кард ва бо шунида шудани овози милтиқи ӯ, аз тарафи муқобил — аз тарафи ватани азизи Ятим ҳам овози пай дар пай холӣ шудани чанд милтиқ шунида шуд ва баъд аз он низ, ҳам аз тарафи туркман ва ҳам аз тарафи муқобил овозҳои милтиқ омадан гирифтанд.

Тири милтиқи туркман ба киштӣ наздик нашуда ба кадом тарафи номаълум ғоиб шуда рафта истода бошад ҳам, тирҳои милтиқҳои тарафи муқобил аз гирду пеши киштӣ вижжосзанон гузаштан гирифтанд.

Ятим аз ин ҳол тарсид ва «тирҳои якӯм аз болотар гузаранд ҳам, ба киштӣ, ё ки ба сари ман рост омада расидани тирҳои дуввӯм муқаррар аст» гуфт ӯ дар дили худ ва киштиро ба ихтиёри худаш дар рафти об сардода, худаш ба зери девори киштӣ ва онро ба худ сипар карда дароз кашид ва даст дароз карда гупсарро гирифта дар чои хобаш вайро пуф карда дам кардан гирифт.

Тирҳои тарафи муқобил ба дарун ва беруни лаби киштӣ расидан гирифтанд. Ятим дар як вазъияти душвори таҳлуканоке монда буд:, аз як тараф ба худаш тир расида бими талаф шудан бошад, аз тарафи дигар

аз ҷоҳои тир сӯрохкардаи киштӣ об даромада ваҳми ғарқ шудани он ҳам буд. Ӯ барои халос кардани худ аз ин вазъият, ҷилави гупсарро ки пурбод карда монда буд, ба банди дасти худ печонда баст ва хазида ба он тарафи лаби киштӣ рафта худро бо гупсар дар об андохт...

* * *

Ятим дар даруни дарьё ба гупсар савор нашуд дар ҳолате, ки худаш бо банди дасташ ба вай бастагӣ буд, онро ба рафти об сардод. Худаш бештарин дар зери об мерафт ва ҳар вақт ки нафасаш тангӣ кунад, сарашро аз об берун карда як нафас мекашид ва боз дарҳол дар зери об фурӯ мерафт...

Садои тирҳои тарафи муқобил ҳанӯз ҳам шунида мешуданд ва бештарини онҳо омада ба киштӣ мерасиданд, ин ҳол то тамоман пуроб шудани киштӣ ва бо рӯи об ҳамрӯй шудани лабҳои он давом кард. Баъд аз он милтиқпарронӣ бурида шуд.

Ятим тахминан то ду соат гупсарро савор нашуда гоҳ ғӯтида ва гоҳ рӯй гирифта бо гупсар баробар дар рафти об рафтан гирифт. Баъд аз он, ки садои милтиқ тамоман бурида шуд, ӯ ба гупсар савор шуд ва поинтар рафта аз он ҷо ба канор баромаданӣ шуда боз бо рафти об рафтан гирифт...

Баъд аз ягон соати дигар сайри дарьё кардани Ятим, аз пеши ӯ як ҷазирача баромад. Ӯ аз ҳад зиёд монда ва суст шудагӣ буд, бинобар ин ӯ дар ҷазира дам гирифтанӣ шуда ба он ҷо баромада гупсарашро ҳам ҳамроҳи худ баровард.

Лекин ба ҷазира баромадан ҳамон, пояш дар лойдон фурӯ рафт, ҷазира ба тозагӣ ташкил ёфтагӣ буда, хок ва регҳои дар он ҷо ҷамъ шудагӣ ҳанӯз дар ҳолати ҷимҷимагӣ [70] будаанд. Ӯ поҳои худро зудзуд аз лой канда монда, худашро ба миёнаҷойтари ҷазира гирифт. Хоки миёнаи ҷазира қадре хушкида по бардор шуда будааст. Ӯ дар он ҷо гупсари пурбодро ба зери сараш гирифта дароз кашид.

Ӯ, ҳам гушна мондагӣ, ҳам монда шудагӣ ва ҳам хунук хӯрдагӣ буд. Ӯ монанди касони варача гириф-

тагй маларзид ва дандонҳояш шақарросзанон ба ҳамдигар бармехӯрданд.

Ӯ чанд дақиқа хобид, аммо ба ҷои ором гирифтан, аҳволаш бад шудан гирифт. Ӯ сари худро бардошта тарафи муқобил — тарафи ватани азизи худашро аз назар гузаронид, канор наздик буд, найҳо ва паттаҳои лаби дарё ба назараш равшан менамуданд.

Ӯ дар дили худ гуфт: «Дур нест, ки дар ин ҷо умри ман ба поён расад. Аммо баъд аз наздик расидан ба мақсад, мурдан бисёр пуралам аст. Он беҳ, ки ҳар чӣ бодобод сафари худро давом кунам, агар бимирам ҳам ба модари меҳрубонам — ба ватани азизам як қадам наздиктар шуда бимирам».

Шавқ ва ҳаваси аз ҳад зиёда ба ватан доштан ӯ ба вай қувват дод, ӯ аз ҷояш хеста гупсарро бардошта ба канори ҷазирача рафт ва гупсарро дар об андохта, ба вай савор шуда ба тарафи канор нигаронда ронд. Ӯ дар болои гупсар ҳам хобида пойҳояшро ба пушт дароз карда ҳам бо пойҳояш, ҳам бо дастонаш обро мебурид. Ӯ дар рӯи об мурғобивор шино мекард...

Канор наздик буд; обе, ки аз миёнаи ҷазирача ва канор мегузашт, ҷараёни он қадар тез надошт, қариб аз ҳавз ва кӯл фарқ намекард.

Ятим ду чашмашро аз канор намеканд, ва дар он тараф будан ва ё набудани касеро бо диққат муайян мекард. Ӯ метарсид: «мабодо дар канор дар дасти босмачиён афтад, азбаски ятим ва камбағалбачаам аз дасти онҳо халос шуданам мумкин нест» мегуфт ӯ дар дили худ.

Аммо дар канор касе наменамуд, ҳама ҷо ором ва бесадо, ҳатто боди сабуке ҳам намевазид, ки баргҳои найҳо ва патталҳои канорро ҷунбонад. Ӯ ботарҷамъона гупсари худро ба канор меронд.

Дар зери рӯшноии ситораҳои дурахшони осмони бегубор ҳар чизи канор ба назари Ятим равшан ва ошкор намудан гирифт.

Ӯ бо шавқи пурзӯр расидан ба модари меҳрубон — ба ватани азиз боз ҳам боғайраттар гупсарро меронд.

Ниҳоят гупсар рафта ба канор расид ва дар вақте, ки ӯ хост бехи вай, ё паттаеро дошта худро ба ка-

нор барорад ва бо ин ният дасти худро ба тарафи канор дароз кард, як дасти пурқуввате аз банди дасти ӯ маҳкам гирифт ва дасти дигаре омада аз гардани гупсар дошт.

Ятим дастгир шуда буд, аммо намедонист, ки ӯро кӣ дастгир кардааст, чунки тамоми бадани дастгиркунанда дар байни баргҳои най ва шохчаҳои паттаи дарьё пинҳон буд.

## *ҚИСМИ ДУЮМ*

### I

Дасти пурқуввате, ки аз банди дасти Ятим гирифта буд, ӯро аз об ба хушкӣ кашида баровард, дасти дигар гупсарро ҳам баробари ӯ ба хушкӣ кашид ва баъд аз баровардани Ятим ва гупсари ӯ, соҳиби даст аз чояш хест, дар ҳамин вакт ду каси дигар аз поинтари канор, аз байни найзор баромада омада, инҳо ҳам ба болои сари Ятим рост истоданд.

Ҳар сеи ин одамони ношинос, дар либос ва қиёфате буданд, ки Ятим аз он пеш бо он либос ва қиёфа касеро надида буд — либоси ҳамаи онҳо аврупоӣ буда, якранг ва дар як қадду бар бурида дӯхта шуда буд ва ҳар сеи онҳо ҳам бо милтиқ, таппонча ва гранатҳо яроқдор буданд.

Касе, ки Ятимро дастгир карда аз об бароварда буд, ӯро ба ҳоли худаш гузошта, даҳони гупсарро кушода ба даруни вай нигоҳ кард ва дарунашро дастдаст карда ҳам дид, дар вай ягон хат ва ё ин ки чизи дигаре набуд.

Баъд аз он, он одам аз Ятим кӣ будани ӯро, аз кучо омада ва ба чӣ мақсад аз дарьё гузаштанашро пурсид.

Ятим суханҳои ӯро нафаҳмид ва ба рӯи ӯ нигоҳ карда ҳайрон шуда монд.

Яке аз он касоне, ки аз миёнаи найзор баромада омада буданд, забони русӣ надонистани Ятимро пай бурда, суолҳои пурсандаро ба ӯ бо забоне, ки ӯ мефаҳмид, тарҷима карда дод.

Ятим дар ҷавоб ҳодисаҳои аз сараш гузаштаро ба қадре, ки дар ёдаш буд, ягон-ягон ҳикоя карда дод ва дар бораи ба чӣ мақсад аз дарьё гузаштанаш гуфт:

— Ман аз дарьё бо мақсади ба ватани азизи худ — ба он ватане, ки дар зери раҳбарии большевикон, доди камбағалон ва ятимонро аз дасти бойҳо гирифта дода истодааст, расидан, дар ин ҷо дар сағирхонаҳо парвариш ёфта, хонда одам шуда баромадан, ба муқобили касоне, ки бар зидди ватанам ва большевикон сар бардоштаанд, ҷангидан ва он бойҳоеро, ки босмачиёни хунхӯрро яроқдор карда, камбағалҳоро кушонда ва ватанамро сӯзонда истодаанд, дастгир карда ба дасти большевикон супоридан гузаштаам.

— Агар гапҳое, ки дар ин ҷо гуфтӣ рост бошанд, ба ҳамаи мақсадҳоят мерасӣ,— гуфт пурсанда ва ба воситаи тарҷумон ва сумкаи овезаашро кушода аз даруни вай як лӯнда қанд ва як дона конфети шоколодӣ бароварда ба Ятим дода гуфт:

— Инҳоро хӯр, дилат қувват гирад, меравем.

Ятим қандро ба даҳонаш андохта макидан гирифт. Ӯ аз он пеш дар хонаи бой афти қандро дида бошад ҳам, то ҳол таъми вайро начашида буд. Қанд барои ӯ як чизи ширини бомаза шуда баромад ва ба болои ин, вай ба меъдаи аз гушнагӣ бетоқатшудаи ӯ ором ба дили дар тарсафтодаи ӯ осоиш ва ба бадани аз сардӣ ларзидаистодаи ӯ гармӣ дод.

Ятим дар вақти макида истодани қанд коғазҳои ранга ва нуқрамонанди конфетро якта-якта кушода дар як дасти худ нигоҳ дошт ва ба дасти дигараш конфети шоколодии ҷигарирангӣ нармро дошта истода, ба конфет ва коғазҳои вай бо назари тааҷҷуб ва шубҳа нигоҳ мекард, чунки ӯ аз он пеш ин гуна чизро надидагӣ буд.

Вақте ки Ятим бо нигоҳҳои худ чӣ будани конфет ва коғазҳои вайро нафаҳмид, бо назари пурсиш ба тарҷумон нигоҳ кард.

Тарҷумон бо нимханд ба Ятим нигоҳ карда конфетро ба вай нишон дода:

— Инашро хӯр!— ва коғазҳояшро нишон дода:

— Инҳоро парто,— гуфт.

Ятим конфетро ба даҳонаш андохт, ин аз қанд ҳам бомазатар, болаззаттар ва ба даҳони форамтар баромад. Ӯ дар вақти хонда истоданаш конфетро когазҳоро ягон-ягон аз назари худ гузаронид ва когази даруни кӯргошимини тунукашро бо сари ангуштонаш молида дид. Аммо напартофт.

— Парто, инҳоро чӣ кор мекунӣ? Инҳо когазҳои бекоранд!— гуфт тарҷумон ба Ятим.

Ӯ боқимондаҳои оби конфетро фурӯ бурда истода, бо дилҳои кашол ва чашмони нигарон когазҳои вайро ба замин партофт, лекин чашмонашро аз онҳо намеканд. Агар он касон аз вай чизе пурсанд, ба онҳо нигоҳ карда ҷавоб медод ва боз ба тарафи когазҳои конфет чашм меандохт.

Ятим бо хӯрдани конфети шоколадӣ қувваи зиёде пайдо кард, акнун ӯ намеларзид ва ба ранги рӯяш ҳам сурхӣ пайдо шуда буд.

Касе, ки Ятимро дастгир карда буд, бо тарҷумон ӯро ба застава бурданӣ шуд. Онҳо ба роҳ даромаданд ва Ятим пешопеши онҳо бо дили хурсанд ва меъдаи ором роҳ мерафт.

* * *

Вақте ки сарҳадчиён Ятимро ба застава расонданд, ба тани ӯ танҳо як эзор буда, ҳама ҷои дигари баданаш бараҳна буд. Дар он ҷо ӯро либосҳои тоза пушонда, ба хоначае, ба пеши касе даровардаанд. Либоси ин одам ҳам бо либоси касоне, ки Ятимро дастгир карда оварда буданд, ҳамранг буд.

Он одам хам ба Ятим он пурсишҳоеро дод, ки ба ӯ дар лаби дарьё дода буданд. Ӯ ҳам дар ҷавоб ҳамон гапҳоеро гуфт, ки дар лаби дарьё гуфта буд. Фақат фарқи ин пурсиш аз пурсиши аввалӣ дар ин ҷо буд, ки ин суол ва ҷавобҳоро ба когазе навишта истоданд...

Баъд аз тамом шудани пурсиш, пурсанда гуфт:

— Хуб, гирифта баретон, хӯронетон, хобонетон! Дам гирад. Боз мебинем.

Ятимро аз пеши он кас бароварда ба хонаи дигаре даровардаанд. Хона торик буд, лекин ногоҳ равшан шуда рафт.

Аз ин ҳол Ятим якқад парида ларзида рафт ва ба дараҷаи ҳушаш аз сар рафтан ҳайрон монд, дар ҳолате, ки рангаш парида ва лабҳояш сап-сафед шуда буд, як ба лампочкаи овезаи дар шифт будагӣ ва як ба он посбоне, ки ӯро ба ин хона дароварда буд, нигоҳ кард.

Посбон, ки ин ҳолати тарс, тааҷҷуб ва ҳайрати Ятимро пай бурда буд:

— Натарс! Ин чароғи худафрӯз аст, номи ин электрик аст,— гуфт ва ба пеши девор рафта калиди басту кушоии вайро тоб дода чароғро ду-се бор кушта ва даргиронда нишон дода ва худаш аз хона баромада, дари вайро аз берун баста рафт.

Ятим дар умри худ ғайр аз чароғи сиёҳ, лампаи карасинӣ ва шамъи бадбӯи чарбугӣ дигар чароғеро надида буд. Чароғи электрикиро «рӯшноии аҷоибест, ки большевикон ба ватани мо овардаанд» гуфта ҳисоб кард ва худ ба пеши калид рафта бо дасти худ вайро тофта, ду-се бор чароғро кушта ва даргиронда дид.

Акнун хурсандии Ятимро поёне набуд, дили хурдтараки ӯ, ки аз ҳамон қадар торикии пуразобу уқубат ба ин рӯшноии мӯъҷизанамон пурроҳат расида буд, шодмониро ба худ ғунҷонида наметавонист. Ӯ касеро мехост, ки таассуроти шодии худро ба вай гуфта, худро сабук кунад.

Ятим дар ин вақт модари меҳрубон ва ака Қурбони худро ёд кард. Ӯ мехост, ки дар ин вақт онҳо дар пешаш бошанд ва ӯ бо дасти худ электрикро куштагиронда ҳунари худро ва яке аз неъматҳоеро ҳам, ки большевикон оварданд, ба онҳо — ба дӯстони бисьёр наздики худаш нишон диҳад.

Ятим, баъд аз қадре паст шудани ҳаяҷони дилаш, ки аз дидани электрик ва омӯхтани куштан ва даргирондани ӯ пайдо шуда буд — хонаро аз назар гузаронид, хона як хоначаи танг буд, аз рӯи одат вайро ҳуҷра гуфтан муносиб буд, лекин бисьёр тоза ва озода буд, деворҳояш сап-сафед буд, дар шифт ва заминаш тахтаҳои суфта задагӣ ва рӯи онҳо бо рангу равған ҷило додагӣ буд. Дар як тарафи ин ҳуҷра як кат буда, бар рӯи вай кат як бистари нарм паҳн

кардагӣ буд ва дар як гӯшаи ҳуҷра як чорпоя буда, бар рӯи вай клеёнка ва ба пешаш як курсича буд.

Ятим ин гуна ҳуҷраро дар умри худ якӯм бор — акнун дида истода буд. Ӯ дар дили худ «бонд сағирхонаи большевикон ҳамин бошад» гуфт.

Ва ҳол он, ки он ҳуҷра ҳабсхона буд. Агар дар ҳамон вақт касе ба Ятим «ин ҳуҷра — ҳабсхона аст» мегуфт, чунон дар ғазаб мешуд, ки забони ӯро аз даҳонаш кашида партофтан мехост. Чунки ӯ яку ним моҳ пештар аз он дар он тарафи дарё ҳабсхонаи давлати ҳамсояро дида буд. Он ҳабсхона монанди як оғилчаи хӯчаинаш, ки дар он ҷо тагали масти чангирам худро якки баста мемонд, торик, ифлос ва деворҳояш чиркин ва сиёҳ буд. Ба касоне, ки дар он ҳабсхона бандӣ мешуданд, либос намепӯшониданд ва муомилаи хуб намекарданд, балки ҳамон либосҳои онҳоро кашида гирифта ва баданашро қамчинкорӣ карда, ба он ҷо дароварда ҳабс мекарданд.

Дар вақте ки Ятим аз ҳаёти дар «сағирхона» бо ин гуна ба худӣ ҷойгир шуданаш хурсандӣ карда истода буд, касе дари ҳуҷраро кушода, дар ҳолате, ки дар дасташ чой, нон ва қанд буд, даромада он чизҳоро бар рӯи чорпоя монд ва курсичаро ба Ятим нишон дода:

— Бие, нишин, чой нӯш ва нон хӯр! — гуфта, баромада дарро баста рафт.

Ятим нонро дар чои гарм андохта ба хӯрдан даромад...

Дар вақте ки Ятим бо чою нон шикамашро сер кард, боз дар кушода шуда ҳамон одаме, ки чою нонро оварда буд, даромад, стакан, таксимӣ ва таксимичаҳоро аз рӯи чорпоя гундошта гирифт, катро ба Ятим нишон дода:

— Ин ҷойхоби туст — гуфт.

Он кас дар вақти аз дар баромада истоданаш Ятимро ба пеши калиди электрик бурда вайро баста ва кушода ба ӯ нишон дод ва:

— Дар вақти хобиданат чароғро куш! — гуфт.

Ятим мағрурона сарашро ҷунбонида бо дасти худ чароғро як-ду бор кушта ва даргиронда:

— Ман ин корро кайҳо ёд гирифтаам,— гуфт бо оҳанги фахркунона.

— Молодец, офарин!— гӯён он одам аз ҳуҷра баромад ва дарро баста рафт.

Ятим либосҳояшро кашида бар рӯи кати нарм дароз кашид, ӯ чунон ки дар умри худ якӯм бор бар рӯи кат мехобид, инчунин бар рӯи бистари нарм ҳам якӯм бор мехобид. Ӯ бо мондани сараш ба хоб рафт...

* * *

Ятим бо овози пои посбони мӯзадоре, ки бар рӯи поли ҳуҷра мегашт, бедор шуд. Аз тирезаи ҳуҷра партави офтоб ба даруни афтода, ҳуҷра гарм шуда ва соат ҳам ба дувоздаҳ расидагӣ буд.

Посбон Ятимро, ки либосҳояшро пӯшида буд, аз ҳуҷра баровард; ӯ дар беруни шамол хӯрда ва дасту рӯ шуста боз гашта ба ҳуҷра даромад ва посбон дарро баста рафт.

Баъд аз чанд дақиқа касе, ки саҳарӣ чой оварда буд, боз чой, нон ва қанд оварда барои хӯрдани Ятим бар рӯи чорпоя монда рафт.

Ятим баъд аз хӯрдани нону чой боз бар рӯи кат ёзида чашмонашро ба шифт дӯхта кадре хобид, акнун дили ӯ тангӣ карда истода буд:

— «Охир, дар сағирхона мехононанд мегуфтанд-ку, хониш кай сар мешуда бошад, бачагони дигар дар куҷо бошанд? Танҳоӣ ба дил зад-ку» гуфт худ ба худ.

Ӯ аз ҷояш хеста пеши тирезаи панҷараоҳании рафта аз он ҷо ба беруи нигоҳ карданӣ шуд, аммо беруи нанамуд, чунки ба шишаи тиреза як чизи сафед молидагӣ буд, ки аз он ҷо назар намегузашт.

Баъд аз он ӯ бар рӯи ҳавлӣ баромаданӣ шуда дарро кушоданӣ шуд, дар кушода нашуд — аз беруи басро кушоданӣ тагӣ буд. Аз ин ҳол дили ӯ аз ҳад зиёд танг шуда рафт:

— «Аҷаб?— гуфт ӯ худ ба худ — дар сағирхона бачаро дар як хона танҳо ҳабс карда мемонданд-дия? Ин кори хуб нест, ин ҳолро ба калонҳо гуфта, ин тартиброро дигар кунондан даркор аст»...

Ӯ боз ёзид, боз аз ҷояш хеста дар рӯи хона ба ин тараф ва он тараф қадам зад... Дилтангии ӯ ба дараҷаи охирин расида буд, ки дар кушода шуд, касе, ки чой оварда буд, шӯрбо ва нон оварда бар рӯи чорпоя гузошта зарфҳои чойро ғундошта гирифт.

Он кас мехост, ки дарро кушода бароязд, Ятим ба ӯ:

— Амак, ин ҷо ист! — гуфт,— дар ин ҷо хониш кай сар мешавад?

Он одам баъд аз он, ки бо таачҷуб дар рӯи Ятим чашми худро дӯхт:

— Дар ин ҷо намехонанд — гуфт.

— Бачагони дигар дар куҷоанд?

— Дар ин ҷо, ғайр аз ту, бачаи дигар нест!

Он одам таачҷубкунон аз дар баромад ва онро аз берун баста рафт ва Ятим ҳам дар боран сағирхонаи бебача ва бехониш таачҷубкунон ба курсӣ нишаста шӯрбохӯриро сар кард.

Ятим нонро дар шӯрбо пора карда покиза хӯрд, картошка ва гӯшташро ҳам нӯши ҷон кард:

— «Шӯрбош балаззат будааст,— гуфт ӯ худ ба худ,— дар хонаи Эшонқулбой дар ҳолате, ки ҳар рӯз як гӯсфанд кушта худҳошон мехӯрданд, ба ман нони мағоркардагии қоқро хушк медоданд, вай ҳам на ба дараҷаи серӣ. Дар ҳафта — понздаҳ рӯз ба ман шӯрбо диҳанд ҳам, он, оби хушки нимгарм буд, агар гӯшт доданӣ шаванд, устухонро бо корд тарошида, гӯштҳои нармашро гирифта, вайро мисли чӯби хушк луб-луч карда ба ман медоданд. Дар ин ҷо бо ин гуна шӯрбои бамаза гӯшти лаҳми беустухон ҳам додаанд».

Ятим, баъд аз худ ба худ таъриф кардани шӯрбо:

— «Ҳамаи ин чизҳо хуб аст, лекин дар ин ҷо ғайр аз хӯрда хобидан кори дигар набудааст-дия. ба ин ҳол тоқати кас тоб оварда наметавонад, ҳеҷ набошад ягон бача дар пешам мебуд ва бо вай гоҳо бозӣ мекардем ва гап мезадем, майлаш буд» гуфт худ ба худ ва аз сари курсӣ хеста рафта боз ба болои кат дароз кашид...

* * *

Ятимро, ки баъд аз тамом сер шудани шикамаш хобаш сахт бурда буд, посбоне омада бедор кард ва:

— Биё бо ман! —гўён ўро ба хонае, ки дар вақти саҳарй дар он ҷо пурсуков карда будандаш, даровард.

Дар он хона ғайр аз касе, ки саҳар аз Ятим гап пурсида буд, боз ду каси дигар буд. Имрўз ҳам ҳамон шунидаашро шунид ва имрўз ҳам суолу ҷавобҳо навишта шуданд.

Баъд аз пурсиш пурсанда ба посбон нигоҳ карда:

— Инро беруи бароварда нигоҳ дор! Боз чег мезанам — гуфт.

Посбон Ятимро бароварда дар пеши дар ба рўи нимкат шинонд ва худаш ҳам дар он ҷо нишаст ва аз миён бисьёр вақт нагузашта аз даруи чег зада ба даруи даровардандаш.

— Туро бароварда сар медиҳем, ба хонаат мераваӣ? — гуфт пурсанда ба Ятим.

— Ман хона надорам,— гуфт Ятим дар ҷавоб.

— Бояд хешу табор дошта бошӣ, ба хонаи онҳо меравӣ?

— Ман хешу табор ҳам надорам.

— Ин тавр бошад, баъд аз он, ки мо бароварда сар диҳем, ба куҷо меравӣ? — гуфт пурсанда.

— Ман аз ин ҷо ба ҷои дигаре намеравам, дар ҳамин ҷо монда мехонам. Фақат дари хонаеро, ки ман дар ин ҷо мехобам, кушода монанд, шудагеш,— гуфт Ятим.

Баъд аз он, ки дар он ҷо будагиҳо ба якдигар нигоҳ карда хандиданд, пурсанда ба Ятим гуфт:

— Дар ин ҷо намехононанд.

— Ҷаро, дар сағирхона мехононанд гуфта буданд-ку? — гуфт Ятим.

— Ин ҷо сағирхона нест,— гуфт пурсанда дар ҳолате, ки хандаи худро нигоҳ дошта наметавонист ва дигарон ҳам механдиданд.

Пурсанда боз пурсид:

— Агар ба сағирхона фиристонем, меравӣ?

— Меравам! — гуфт Ятим дар ҳолате, ки ҳам хурсанд шуда буд, ҳам тааҷҷуб мекард ва ҳам мешармид.

Қасоне, ки дар он ҷо буданд, дар ҳолате, ки механдиданд, бо ҳам русӣ гап заданд:

— Синну соли ин бача калон менамояд, назар ба қадду басташ бояд аз шонздаҳ кам набошад, дар ин синну сол аз рӯи одат бачагонро аз сағирхона мебароранд, мо чӣ гуна ӯро ба сағирхона мефиристонем? — гуфт яке аз он одамҳо.

— Қадаш дароз бошад ҳам, мувофиқи ҷавобе, ки додааст, 14 сола аст. Ғайр аз ин, ин бача хонаву ҷой ва хешу табор надорад, ӯро хонондан ҳам даркор аст, ҳоло ғайр аз сағирхона мо муассисаи дигаре надорем, ки дар он ҷо тарбия ёфта, хӯрда пӯшида хонанд. Бинобар ин формалистӣ карда нанишаста ин бачаро ба сағирхона фиристодан даркор аст,— гуфт пурсанда.

Дигарон ҳам ин таклифро қабул карданд ва пурсанда ҳам ба Ятим нигоҳ карда:

— Ту берун баромада ист! Мо хат нависонда ҳозир туро ба сағирхона мефиристонем,— гуфт.

Ятим берун баромада истод ва баъд аз чанд дақиқа як посбон, ки дар дасташ як конверт буд, омада ӯро гирифта ба сағирхона бурд...

* * *

Посбон дар сағирхона Ятимро ба як ҳуҷра даровarда конвертеро, ки дар дасташ буд, ба як касе, ки дар он ҷо нишаста буд, дод ва худаш бо Ятим бар рӯи дивани нарме нишаст.

Он кас конвертро кушода, хатро бароварда хонд ва сарашро набардошта:

— Бисьёр хуб! — гуфт ва қаламро гирифта бар рӯи хат чизе навишт ва яке аз қуббачаҳоеро, ки дар пушти он кас дар девор қатор шинондагӣ буд, пахш кард.

Аз хонаи дигаре каси дигаре даромада омад. Қасе, ки аз корҳояш сардори сағирхона буданаш маълум буд, хатро ба дасти он одами нав омадагӣ дода:

— Инро ба расмият гузаронед! — гуфт.

Он кас баъд аз он, ки хатро аз назараш гузаронид, ба Ятим як нигоҳ карда:

Бача ҳамин аст? — гуфта аз сардори худ пурсид.

— Ҳамин аст! — гуфт сардор дар ҳолате, ки як дафтарро варақ зада истода буд, бе он, ки сари худро аз кори худ бардорад.

Он кас ба Ятим ва посбон нигоҳ карда:

— Канӣ, *биёетон* — гӯён онҳоро аз дунболи худ гирифта бурд ва худаш ба стули пеши чорпоя гузашта нишаста, барои нишастани онҳо нимкатро нишон дод. Онҳо ҳам нишастанд.

Он кас, ки аз корҳояш котиби сағирхона буданаш маълум мешуд, дафтареро кушода ба хате, ки сардораш ба ӯ дода буд, нигоҳ карда ба он дафтар як чанд сатр гап навишт. Баъд аз он як коғази сафедро гирифта ва ба гӯшаи вай штамп пахш карда дар рӯи вай ҳам чанд сатр гап навишт ва дар поёнаш мӯҳр пахш кард. Пас, аз хона баромада як зани миёнсоли сафедпӯшро ҳамроҳи худ оварда, хати худаш навиштагиро ба дасти ӯ дода, ба Ятим ва посбон ишорат карда:

— Инҳоро гирифта баред, ба бача либоси сағирхонагӣ пӯшонда, пӯшокҳои дар танаш будагиро ба ин кас (посбонро нишон дода) диҳед ва хатро ҳам даст монда ба ҳамин кас диҳед, — гуфт.

Занаки сафедпӯш Ятим ва посбонро ҳамроҳи худ гирифта бурда ба як хона даровард. Ин хона хеле калон буда, дар як тарафаш шкафҳои либосовезӣ катор карда мондагӣ буд.

Занаки сафедпӯш яке аз шкафҳоро кушод, дар он ҷо либосҳои гуногуни кадду бар буд, занак як даста аз он либосҳоро гирифта ба қадди Ятим андоза карда дид, он либос ҳам кӯтоҳ ва ҳам танг барин менамуд. Ӯ он либосҳоро ба ҷояш гузошта, боз як даста либоси дигарро гирифта истода:

— Ҳозир аз ҳамин дарозтар ва васеътар либос надорем, агар тангӣ кунад ҳам, кӯтоҳӣ кунад ҳам, ҳаминро пӯшида менистӣ, баъд аз он мувофиқи қаддду бастат либоси дигар мефармоем, — гуфт ба Ятим ва ба посбон нигоҳ карда:

— Шумо боз қадре нигарон шуда менстед, ман либосҳои дар бар доштаи бачаро кашида баровар-да ба шумо медиҳам,— гӯён Ятимро бо як даста либос ба як хонае, ки дари даромадаш аз даруни либосхона буд, гирифта даровард.

— Майлаш,— гуфта посбон монанди касоне, ки дилашон тангӣ карда бошад, ҳуштаккашон бар рӯи хона қадам задан гирифт.

Занак, посбонро бисьёр мунтазир накарда, либосҳои дар тани Ятим будагиро гирифта баровардa ба як газет печонда ба дасти ӯ дод ва хати котиб ба худаш додагиро ҳам даст монда, ба вай супурд.

Занак баъд аз хушбошӣ карда гусел кардани посбон худаш ба хонае, ки Ятимро даровардa буд, боз даромад ва баъд аз чанд дақиқа ӯро аз дунболи худ гирифта баровард.

Агар посбон нарафтагӣ мебуд, бовар намекард, ки ин бача, ҳамон бачаест, ки худаш овардааст: ӯ дар оби гарм тану бадан ва сару рӯяшро бо собун шуста топ-тоза шудааст, мӯяш шона кардагӣ, нохунҳои дасту пояш гирифтагӣ, курта-лозимии сафед, костюми сафед, брюки сафед, калапӯши сафед, пойпоқи сафед ва туфлии сафед пӯшидааст.

— Ба пеши оинаи қаднамо рафта нигоҳ кун ка-нӣ, худатро мешиносӣ-мӣ? — гуфт занак ба Ятим.

— Ман аз ин пеш худро дар оина надидаам, ки имрӯз чӣ қадар дигар шуданамро муайян карда тавонам,— гуфт Ятим ба тарафи оина рафта истода ва ба оина рӯ ба рӯ шуда ба худаш нигоҳ карда истода илова кард,— агар худро пештар дар оина дидагӣ мебудам, имрӯз дар зери ин сару либос, албатта, худамро шинохта наметавонистам,— гуфт ва лабҳои бо ханда кушода шударафтаашро ба ҳам кашида натавониста чанд сония нигоҳ карда истод...

* * *

Дар вақте ки Ятим дар пеши оина буд, ба пеши тирезае, ки ба рӯ ба рӯи оина кушода мешуд, як бача аз берун омада рост истода ба акси аз даруни оина намудаистодаи Ятим диққат карда нигоҳ карда монд. Ин бача аз Ятим баландқадтар ва тану бада-

ҳаш аз ӯ пурратар ва дасту пояш аз дасту пои ӯ расидатар буд. Лекин афту андомаш ба Ятим монандӣ дошт: чашми ӯ ҳам монанди чашми Ятим сиёҳ, рӯяш ҳам монанди рӯи ӯ сафеди сурхчатоб, мӯяш ҳам монанди мӯи ӯ тӯсии чилодор ва дасташ ҳам монанди дасти ҳозираи ӯ шуста ва покиза буд.

Ин бача қадре ба акси Ятим нигоҳ карда истода аз он ҷо ба пеши дари даромади хона рафта, аз он ҷо:

— Хола, даромадан мумкин аст? — гуфта пурсид.

Занак ба он бача нигоҳ карда:

— Мумкин аст, марҳамат кунед! — гуфт.

Он бача ба хона даромад. Ятим, ки ба хона даромада омадани касеро пай бурда буд, аз пеши оина рӯяшро гардонида ба ӯ нигоҳ кард.

Бачаи нав омадагӣ баъд аз қадре ба Ятим нигоҳ карда истодан:

— Мебахшӣ, рафиқ! Магар ту писари Мурод амак — Ятим нестӣ?

Ятим аз ин пурсиши ногаҳонии ин бача, ки ӯ номи худаш ва номи падаршро бехато ёфта буд, дар ҳайрат афтода, ҳатто ҷавоб доданро ҳам фаромӯш карда, ба пурсанда бо таъаҷҷуб нигоҳ карда монд ва баъд аз фурсате:

— Э... Ту ака Қурбони ман-ку, ту акаҷони ман-ку, — гӯён ба тарафи ӯ давид...

Ҳар ду ҷавони наврас, баъд аз якдигарро ба оғӯш кашида, бӯсида мулоқот кардан ба аҳволпурсии якдигар даромаданд:

— Кай, гап зан, дар куҷо будӣ, модарат тандуруст аст, дар ин ҷо чӣ кор карда истодаӣ, — гуфта Қурбон аз Ятим пурсид.

— Рӯзҳои аз сари ман гузаштагиро напурс! Барои гап зада додани онҳо шабе даркор аст, субҳ нашуда бошад, ё рӯзе даркор аст, офтобаш фурӯ нашавад. Модарам, дар вақте ки ман аз вай ҷудо шудам, дуруст буд, зинда буд, лекин ҳоло дар гӯр будаст... Ҳозир ман дар ин ҷо ба ҳамин сағирхона даромада ҷойгир шуда истодаам, — гуфт Ятим дар ҷавоби ӯ ва саволҳои пурсупосро ба худаш гардонида пурсид.

— Қанӣ, худат гап зан! Ҳолат чӣ тавр аст, падару модарат саломатанд? Қишлоқ ба чӣ ҳол аст, худат ин ҷо чӣ кор карда гаштай?

— Аз сари хурди ман ҳам бисьёр балоҳои калон гузашт, падару модарам аз тарафи босмачиён кушта шуданд, қишлоқ ҳам аз тарафи онҳо сӯзонда шуд. Барои гуфта додани ҳамаи он воқеаҳо:

«Бесубҳ шабе хоҳам,
Бо ту ғами дил гӯям,
Ман гирьяму ту хандӣ,
Танҳо туву танҳо ман!»

«Худам бошам, дар ҳамин сағирхона парвариш ёфта хату савод баровардa, ба комсомол даромадам Ин сағирхона дар таҳти шефии ташкилоти комсомолии сарҳадчиён аст. Ман дар ин ҷо аз тарафи ташкилот барои тафтиши баъзе корҳои сағирхона омадам» — гуфт Қурбон ва дасташро ба тарафи Ятим дароз карда:

— Хайр, ҳозир саломат мон! — Ту дар ин ҷо ҷойгир шуда хотирҷамъ шав! Ман ҳам корҳои ба худам фармудаи ташкилоти комсомолро ба ҷо орам. Баъд аз он дуру дароз бо ҳам нишаста дарди дил ва саргузаштгӯӣ мекунем,— гуфту дасти Ятимро маҳкам фишурда Қурбон баромада рафт.

Ятим бошад, дар бораи чӣ гуна ҷой, ё одам будани комсомол, ки Қурбон ба вай даромадааст ва ин сағирхонаи калони озода ҳам ба вай нигоҳ мекардааст, андеша карда монд.

Хонандагони мо бошанд, ба шунидани саргузаштҳои Қурбон ва падари ӯ ҳавас доранд ва мо бошем бо баён кардани он воқеаҳо, ба қаноат кунондани ҳавас ва шавқи хонандагони худ кӯшиш мекунем.

## II

Падари Қурбон — Рӯзимурод дар аввалҳо дар тарафҳои Бухоро мардикорӣ мекард, ҳар вақт, ки панҷ-шаш танга пасандоз кард, ба қишлоқи худ

омада зану бачагонашро медид ва нафақаи онҳоро тайёр карда боз ба кор мерафт.

Ӯ дар яке аз ҳамин гуна сафарҳояш — дар вақти аз Бухоро ба қишлоқи худ омада истоданаш, дар роҳ ба гӯр карда истодани мурдаи Мурод, ки об бароварда партофта буд, рост омад, мурдаи ӯро шинохт, ҳатто ба пои худ ба дарьё наафтодани ӯро, балки аз тарафи касе бо тири милтиқ кушта шуда ба дарьё партофта шуданашро ҳам бо аломати тири дар паҳлуи ӯ даромада рафтагӣ, муқаррар кард.

Ҳамин хабарро ӯ ба қишлоқ расонид ва баъд аз пурсукови бисьёре ӯ муайян кард, ки Муродро Шокул бо фармоиши Эшонкулбой кушта ба дарьё партофта будааст. Лекин дар он вақт ӯ ба муқобили он ҷинояткорон мубориза карда натавонист. Чунки ҳукумати амир ва амалдорони ӯ бойҳоро ҳимоят мекарданд ва линги камбағалонеро, ки ба муқобили бойҳо сар бардоранд, ҳатто гап зананд, аз осмон меоварданд. Лекин дар рӯзи гурези амир ва ба гурез тайёр шуда истодани бойҳо, дар вақте ки ӯ дар байни камбағалон ба муқобили боён ташвиқот мекард, ба тарзи справка болои ин ҷиноят ва ҷинояткоронро рӯйрост кушода дода буд.

Рӯзимурод дар вақти сохтани роҳи оҳани Бухоро — Тирмиз аз яккамардикорӣ даст кашида, дар қатори коргарони заминкови роҳи оҳан даромад. Баъд аз сохта шудани роҳ ва ба роҳ даромадани ҳаракати поездҳо ӯ дар депои Тирмиз коргари корҳои сиёҳ шуда кор кард, чанд гоҳ ба ҳамин сифат кор карда гашта, сониҳо дар ҳамон депо шогирди оҳангар ва баъд аз он халифаи оҳангар шуда кор кард.

Рӯзимурод Революцияи Февраль ва Октябрьро дар байни роҳиоҳанчиёни Тирмиз ва ҳамроҳи онҳо пешвоз гирифт, дар байни онҳо тарбия ёфт, дар он ҷо шуури синфиаш кушода шуд ва тараққӣ кард. Ӯ маъно ва сабабҳои синфии кушта шудани Муродро аз тарафи Эшонкулбой ва Шокул дар ҳамон вақтҳо фаҳмид; ӯ мехост, ки мақсади ҳақиқии онҳо аз куштани Мурод — ин хусусро ба камбағалон фаҳмондан аст, ки агар онҳо (камбағалон) ба боён мутеъ бо-

шанд, аз гуфту фармони онҳо (бойҳо) набароянд ва агар бойҳо талаб кунанд, ҳатто занҳошонро ҳам аз онҳо дареғ надоранд, ҷон ба саломат мебаранд ва дар дунъё зиндагонӣ карда метавонанд, вагарна Мурод барин мурда меравand.

Дар вақтҳое, ки Рӯзимурод дар депои Тирмиз кор мекард, дар Бухоро воқеаи Колесов[71] рӯй дод. Дар воқеаҳои Колесов ҷадидон роли авантюристӣ, хоинӣ ва дурӯягиро бозӣ карданд, аз як тараф «мо революционер» гуфта раҳбарии ҳаракати оммаро ба дасти худ гирифтанӣ шуданд ва аз тарафи дигар бо амир роҳи муросо ва оштиро пеш гирифта, роҳи ҳаракати революционии оммаро бастанд.

Амир аз ин фурсати сулҳ ва оштихоҳии ҷадидон фоида бурда, қувваи худро сафарбарӣ карда, меҳнаткашони ба муқобилаш бархостаро торумор кард ва он меҳнаткашонеро ҳам, ки ҳанӯз ташкил наёфта буданд, лекин дар дили худ душмании амир ва синфи мустасмирро мепарвариданд, хона ба хона ва танҳо-танҳо дастгир карда кушт.

Амир дар ин ҳаракати контрреволюционии худ, барои маҳрум кардани меҳнаткашони Бухоро аз ёрмандии халқи бузурги рус ва аскарони сурхи ӯ, аз ҳама пештар роҳҳои оҳани аз қаламрави худаш мегузаштагиро вайрон карда ба сурати ваҳшиёна ва хоинона коргарони роҳи оҳанро бо зану бачаҳошон кушт, аз ин ҷумла коргарони роҳи оҳани Бухоро — Тирмизро ҳам то бачаҳои ширмакконашон сар бурид.

Яке аз коргарони роҳи оҳан, ки аз ин террори амир ҷон ба саломат бурда буд, Рӯзимурод буд. Рӯзимурод бо коргарони рус ва партияи большевикӣ алоқа карда, дар музофоти Бухоро ба муқобили амир дар роҳи бар по хезондан ва шӯрондани меҳнаткашони Бухоро кор кард; дар революцияи Бухоро ярок ба даст гирифта иштирок кард; дар Бухорои Шаркӣ — дар Тоҷикистони имрӯза барои пеш кардани амир аз он ҷоҳо дар қатори партизанҳои сурх, ки дар паҳлуи аскарони сурх истода меҷангиданд — ҷой гирифта мубориза кард; дар вақти гурехта истодани амир, дар байни меҳнаткашони Бухорои Шар-

қӣ ташвиқот бурда, онҳоро аз иғвои бойҳо халос кард ва аз ин ҷумла ба қишлоқи худаш, ки дар сарҳад буд, рафта меҳнаткашони он ҷоро ҳам аз пайравӣ кардан ба бойҳо нигоҳ дошта монд.

Рӯзимурод камбағал ва батрақони қишлоқро на танҳо аз пайравӣ кардани ба бойҳо нигаҳ дошта намонд, балки меҳнаткашонро дар роҳи соҳибӣ карданн замину оби бойҳои гуреза ва асбоби деҳқонии онҳо ва барои дар қишлоқи худ ҳӯҷаин шуда обод карданн он ташкил кард.

Лекин кори дар роҳи ободии қишлоқ кардаистодан Рӯзимурод бисьёр дароз накашид: ба зудӣ амир, амалдорони ӯ, бойҳо ва ҷадидҳо босмачигариро ташкил карда, ба муқобили большевикон, ба муқобили камбағалон, ба муқобили ҳамаи меҳнаткашон ва ба муқобили дар мамлакат ҳӯҷаин шуда барои ободӣ ва азнавсозӣ кӯшиш кардани онҳо баромаданд, аз ҷумла Эшонқулбой ва Шоқул ҳам, дар мамлакатҳои берун яроқ тайёр карда ба босмачиён ёрӣ доданд ва дар навбати аввал онҳоро ба муқобили қишлоқи пештараи «худашон», ки дар вай бо сардории Рӯзимурод камбағалон соҳибӣ мекарданд, фиристоданд.

Дар муқобили ин ташаббуси хоинонаи бойҳои гурезаи қишлоқ, Рӯзимурод дастонашро ба бағал андохта дам нанишаст: ӯ дарҳол бо ташкилоти партиявии район ва ревкоми он ҷо алоқа баста ва яроқ гирифта, аз худи деҳқонони камбағал ва батрақон дастаи худмудофиакунӣ дуруст кард.

## III

Моҳи декабри с. 1921 буд. Ҳаво он қадар хунук набошад ҳам, барф бо донаҳои калон-калони лаклақӣ мебориД. Барфҳои боридаистода пеш-пеш об шуда, хокҳои ширешмонанди канорҳои дарьёи Амуро лои сақичмонанди часпак мекарданд.

Қишлоқ хомӯш ва ором буд, фақат ин хомӯширо садои дар лои сақичмонанди елим барин часпак, шалп-шалп карда пой мондани дастаи худмудофиакунии қишлоқ вайрон мекард, даста ба вайронии ха-

во ва лои замин нигоҳ накарда, чун парвонаи гирди шамъ, гирдо-гирди қишлоқро мегашт ва аз ҳуҷуми ногаҳонии босмачиён вайро мудофиа карданӣ мешуд...

Шаб аз нима гузашт, нафарҳои даста, ки дар зери барф ва рӯи лой мегаштанд, хунук хӯрданд, бинобар ин сардор ва раҳбари даста — Рӯзимурод дар атрофи қишлоқ, ҷо-ҷо посбон гузошта дигаронро барои гармшавӣ ва дамгирӣ ба хонаҳошон рухсат дод ва худаш ҳам ба хонаи худ даромада, ба пеши оташ нишаста, поҳояшро гарм ва либосҳояшро хушконидан гирифт...

Рӯзимуродро, ки дар пеши гулхан хобида монда буд, садои як милтиқи аз дур парронидашуда бедор кард. Ӯ, ки либосҳояшро накашида хобида буд, бедор шудан замон милтиқашро ба даст гирифта аз хона ба рӯи ҳавлӣ ҷаста баромад ва бо тезии барқмонанд аз ҳавлӣ ба кӯча рафт.

Дар сари кӯча яке аз посбонон, ки Рӯзимурод ӯро дар беруни қишлоқ ба қаровулӣ таъин карда буд, асп давонда омада ба ӯ рӯ ба рӯ шуда маълумот дод:

— Дар вақте, ки ман бо рафиқам дар ҷоҳои ба мо таъиншуда дидбонӣ карда мегаштем, баногоҳ босмачиён ҳуҷум карда ба мо тир парронидан гирифтанд. Рафиқи ман бо тири аввалин ғалтид ва ман барои ба ту хабар додан асп давонда ба ин тараф омадам.

Дар ин вақт аз ҳар тарафи қишлоқ садои милтиқ шунида шудан гирифт, ба рафта бедор карда чеғ зада овардани нафарҳои дастаи худмудофиакунӣ ҳам эҳтиёҷ наафтод: ҳамаи онҳо ҳам бо садои аввалини милтиқ бедор шуда буданд ва то бо посбон гап зада тамом кардани Рӯзимурод ҳамаи онҳо пасу пеш омада дар гирди ӯ ғун шуданд ва ба фармони ӯ тайёр истоданд.

Рӯзимурод дастаро ба чанд гурӯҳ тақсим карда, ҳар гурӯҳро дар зери раҳбарии як ҷавони далер, ба як тарафи қишлоқ фиристод ва худаш ҳам гурӯҳеро гирифта ба тарафе ки як посбонаш аз тарафи босмачиён кушта шуда буд, рафт.

Рӯзимурод ҳанӯз аз қишлоқ набаромада буд, ки ба босмачиён рост омад: босмачиёне, ки як посбон-

ро кушта буданд, ба қишлоқ паҳш карда даромада, ҳавлиҳои канори қишлоқро толон мекарданд ва «молҳои пинҳон кардаатонро ёфта диҳед» гӯён деҳқононро дар тахти қин гирифта, бо қамчин, бо қундоқи милтиқ ва бо пушти шамшер мезаданд.

Рӯзимурод, ки бо ғурриши шермонанд ҳаёҳуй андохта ба акси ҳуҷум даромада буд, дар 15 дақиқа онҳоро торумор карда ба гурехтан маҷбур кард.

Босмачиён мурдаи ду одам ва як аспро ба майдон гузошта гурехтанд, аммо маҷрӯҳ шудани чӣ қадар одами онҳо маълум нашуд. Аз дастаи Рӯзимурод танҳо ду нафар сабук маҷрӯҳ шуда буд.

Рӯзимурод нафарҳои аспакии худро барои хабаргирии тарафҳои дигари қишлоқ фиристода худаш дар ҳолате, ки пиёда буд, бо пиёдагон босмачиёни ба гурез маҷбуршударо пеш карда рафт. Лекин ба босмачиёне, ки савора мегурехтанд расида натавонист, онҳо дар паси як тале, ки дар он ҷо буд, ғоиб шуда рафтанд.

Рӯзимурод ба болои он тал — теппа баромада дар он ҷо шинак сохт ва ба хабари аҳволи атрофи қишлоқ нигарон шуда истод...

Акнун барф монда буд, ҳаво кушода, абрҳо бартараф гардида буданд, ситораҳо монанди чилчароғи шифти хонагӣ медурахшиданд ва ҳаво сард шуда буд, сахт навазад ҳам, боди тунди сабук рӯи одамро мелесид ва гӯё, ки яхпарчаҳои шаффофро молида истода бошад, пӯсти рӯи касро ба фар-фар паридан маҷбур мекард. Сардии ҳаво ба дараҷаи нобандомӣ лои замин нарасида бошад ҳам, бадани одамони либостунукро меларзонд...

Бисёр вақт нагузашта чапардое, ки барои хабаргирии атрофи қишлоқ рафта буданд, пасу пеш расида омадан гирифтанд. Назар ба маълумоти онҳо дар он тарафҳо хотирҷамъӣ буд, аз босмачиён асаре намедиданд, онҳо дар он тарафҳо ба ягон кас ва ҷое ҳуҷум накарда будаанд, чапарҳо мегуфтанд.

— Маълум мешавад, ки босмачиён барои фиреб додани мо ва парешон кардани қуввааи мо аз ҳар тараф тире андохтаанд ва ҳуҷуми ҳақиқии худро танҳо аз ҳамин тараф сар кардаанд.

Чапарҳо дар он тарафҳо дар този асп то дурҳо рафта бошанд ҳам, ягон босмачиро надидаанд.

Рӯзимурод бо шунидани ин хабарҳо як дарача осуда шуда бошад ҳам, тамоман хотирчамъ нашуд, балки аз ин фурсати осоиш фоида бурда, барои дурусттар истодагӣ кардан ба ҳуҷуми оиндаи босмачиён ба тайёрӣ даромад. Бинобар ин ӯ ба посбонони атрофи қишлоқ хабар фиристода фармуд, ки дар чоҳои муҳим дидбон гузошта худҳошон ба маркази қишлоқ ғун шаванд ва худаш ҳам бар болои тал дидбони кордонеро монда, бо нафарони худ ба қишлоқ баргашт...

* * *

Рӯзимурод дар пеши масчиди қишлоқ ҳамаи бошандагони он чоро — хоҳ пир бошанд, хоҳ чавон ва хоҳ яроқнок бошанд, хоҳ беярок — ғун кард ва баъд аз ғун шудани мардум ӯ маҷлисро кушода ба гап даромад:

— Душман ҳанӯз зинда аст, ҳатто зиёд ва қувватнок шуда истодааст. Ба як бор шикаст хӯрда гурехтани ӯ фиреб хӯрда осуда нишастан як кори бачагонае мешуд. Бинобар ин ҳамаамон ба даст яроқ гирифта тавонистан ва чанг карда тавонистанро ёд гирифтанамон даркор аст.

— Барои ҳама кас яроқро аз куҷо меёбем, ки ҳамаамон машқ мекунем,— гуфта як кас сухани Рӯзимуродро бурид.

— Сабр кун, ман ба чӣ тариқа машқ карда тавонистани ҳама касро гуфта медиҳам,— гуфт Рӯзимурод ба он кас нигоҳ карда ва сухани худро давом кунонид,— рафиқоне, ки то ҳол ба даст милтиқ гигифта машқи чангро нағз азхуд кардаанд, яроқҳошонро ба касоне, ки то ҳол машқ накардаанд, медиҳанд ва худҳошон ба даст каланд ва бел гирифта ба атрофи қишлоқ баромада хандақ мекованд ва шинак месозанд. То милтиқандозӣ ва нишонгириро омӯхтани он рафиқон мо ба район одам фиристода, яроқ меорем ва ҳамаро мусаллаҳ мекунем.

Баъд аз Рӯзимурод Эргаш-Бедандон ба сухан даромада, гапҳои ӯро қувват дод ва баъд аз гап зада-

ни чанд нафари дигар мувофиқи таклифи Рӯзимурод қарори даҳанакӣ қабул карда шуд.

Рӯзимурод, баъд аз маҷлис барои яроқ талаб кардан ба район одам фиристода, дар қишлоқ корро сар кард. Мувофиқи қарори маҷлис, ҷангнодидагон ба машқи милтиқ ва дигарон ба хандаккобӣ ва шинаксозӣ даромаданд. Худи Рӯзимурод асп савор шуда ба болои шинаксозон мегашт ва гоҳ ба сари машқкунандагон мерафт.

То соатҳои 12 рӯз хеле кор пеш рафт, чанд хандақ кофта шуда пешҳои онҳо бо тӯдаҳои хокҳо баланд карда шуд ва дасту дили онҳое ҳам, ки то имрӯз ба дасташон ярок нагирифта буданд, аз садои милтиқ намеларзидагӣ шуд, баъзеашон ҳатто нишонро ҳам мезаданд.

Рӯзимурод аз ин комьёбӣ хурсанд шуд, ӯ мардумро барои хӯрокхӯрӣ ба дусоата дамгирӣ рухсат дода, худаш ҳам ба хӯрокхӯрӣ нишаст...

* * *

Рӯзимурод ҳанӯз хӯрокашро хӯрда тамом накарда буд, ки як пиёда ба пеши ӯ омада бо ӯ махфиёна ба гап даромад. Назар ба маълумоти ӯ, дар як қишлоке, ки аз он ҷо тахминан 25 километр дурӣ доштааст, босмачиён ҳаракати махфиёна сар кардаанд. Онҳо дар хонаи оқсақоли он қишлоқ, ки то ҳол ба рӯяш ниқоб кашида худро тарафдори Ҳукумати Советӣ нишон медодааст, маҷлисҳои махфӣ мекардаанд, онҳо баъд аз ярокдор кардани нафарони худашон, ки дар ҳар ҷо махфиёна мегаштаанд, рӯйрост хуруҷ карданӣ будаанд.

— Босмачиён ярокро аз куҷо мегиранд,— гуфта Рӯзимурод сухани пиёдаро бурид.

Назар ба ҷавобе, ки пиёда ба ин пурсиши Рӯзимурод дод, маълум шуд, ки босмачиён то ҳол бештарин ярокн худро аз мамлакати ҳамсоя мегирифтаанд. Як қисм ярокҳое, ки ба онҳо аз берун меоянд, ба дасти сарҳадчиён афтад ҳам, ба ҳар ҳол бо роҳҳои гурезагӣ боз ярок омада меистодааст, лекин дар ҳамин рӯзҳо онҳо умед доштаанд, ки аз даруни мам-

лакати худамон яроқи бисьёре ба даст дароранд ва бо онҳо ҳамаи одамони худро яроқдор кунанд, ҳатто онҳо мегуфтаанд, ки:

— «Агар мо ба атрофи худ боз ҳазорҳо йигити нав кашем ҳам, аз яроқ камӣ намекашем».

Назар ба қавли он пиёда камбағалони он қишлоқ, ки аз хуручи ба наздикӣ мешудагии он босмачиён хабар ёфтаанд, ба қишлоқҳои атроф кас фиристода ин аҳволро фаҳмидаанд ва аз ин ҷумла он пиёдаро ба ин қишлоқ — ба Рӯзимурод фиристодаанд.

Рӯзимурод, ки ин аҳволро шунид, аз як тараф тайёрии худро тезонида бошад, аз тарафи дигар барои овардани яроқ боз ба район — ба ревком як одами дигар фиристод.

* * *

Дар рӯзи дуввӯми кор атрофи қишлоқ гӯё тамоман бо хандақҳо ва шинакҳо печонда гирифта шуд. Ба пеш рафтани кори хандаққовӣ заҳкашҳои кӯҳна ҳам ёрӣ дод: як заҳкаши калон ва дароз буд, ки аз пеши тал то ба як кӯли пуробн найзор қариб чорьяки гирдо-гирди қишлоқро фаро мегирифт, кофтан ва пуроб кардани ин заҳкаш бо андак меҳнат ба даст даромад.

Машқи милтиқ ҳам мувофиқи дилхоҳ пеш рафт, қариб ҳамаи он касоне, ки милтиқ бардошта метавонистанд, бо навбат машқ карда тирандозӣ ва нишонзаниро ёд гирифтанд.

Акнун комьёбии аҳолии қишлоқ дар мудофиа, танҳо ба милтиқҳо ва тирҳое, ки аз район омаданашро нигарон буданд, нигоҳ карда монда буд. Аммо аз район хабари навмедонае омад: ҳар ду чапаре, ки ба район барои яроқбиёрӣ рафта буданд, дасти холӣ баргашта омаданд. Назар ба қавли онҳо раиси ревком ба онҳо гуфтааст:

— «Овозаҳое, ки дар бораи ба қишлоқҳо ҳуҷуми ногаҳонӣ кардани босмачиён шуда истодааст, овозаи беасли бардурӯғ аст. Ин гуна овозаҳоро худи босмачиён қасдан паҳн мекунанд. Мақсади онҳо

аз ин кор, бо ин гуна овозаҳо дастаҳои худмудофиакунии қишлоқҳоро тарсонда, онҳоро дар пай аз район яроқталабӣ андохтан ва ба воситаи онҳо яроқҳои районро ба қишлоқҳо пароканда кардан ва баъд аз он райони беяроқ, ё ин ки камьяроқмондаро бо осонӣ пахш карда гирифтан аст».

Назар ба қавли раиси ревком баъди ба дасти босмачиён даромадани район, қишлоқҳо худ аз худ аз они онҳо мешудаанд, бинобар ин яроқҳои дар район будагиро пароканда карда ба қишлоқҳо фиристодан дуруст набудааст. Агар ба ягон қишлоқ аҳлукаи ҳақиқӣ рӯй доданро ба ревком хабар диҳанд, ӯ на танҳо барои бо яроқ ёрӣ додан, балки барои ба зудӣ ба он ҷо фиристодани қуввай ҷонноки яроқдор ҳам тайёр будааст.

Рӯзимурод аз ин ҷавоби раиси ревком ба шубҳа афтода бошад ҳам, навмед нашуд, балки ба қуввай худ — ба қуввай камбағалони қишлоқ такья карда истода, боз ҳам боҷиддияттар ба кори тайёрии мудофиа даромад...

## IV

Шинакҳо сохта шуданд, дар онҳо ҷавонони мусаллаҳ ҷой гирифтанд. Онҳое, ки тирандозиро ба тозагӣ омӯхта буданд, дар дасти худ каланд, бел, табару теша барин асбобҳои деҳқониро гирифта дар ҷои қуввай эҳтиётӣ истоданд. Рӯзимурод баъд аз он, ки савора гардиш карда ҳамаи шинакҳо ва ҷавонони дар онҳо нишастаро аз назар гузаронид, ба болои тал омада дар шинаки марказӣ қарор гирифт.

Он шаб бо оромӣ ва хомӯшӣ гузашт, хомӯшии оншабаро танҳо садои суми аспҳо ва овози «бедор бош! Хушьёр бош!» гуфта аз шинак ба шинак хабаргирон гаштани чапарҳои дастаи худмудофиакунӣ вайрон мекард.

Лекин тахминан ду соат пеш аз баромадани офтоб, садои милтиқҳое, ки дар атрофи қишлоқ ҷо-ҷо ва якка-якка парронда мешуданд, шунида шуд. Аз паси ин садоҳо чапарҳо дартоз омада ба Рӯзимурод хабари дар атроф — дуртар аз қишлоқ намудор шу-

дани сиёҳии босмачиёнро ва аз дур якка-якка тир андохтани онҳоро расониданд. Дар ҳамин вақт аз рӯ ба рӯи тале ҳам, ки Рӯзимурод дар он ҷо буд, сиёҳии босмачиён намоён шуд ва онҳо оҳиста-оҳиста ба тарафи тал нигоҳ карда меомаданд.

Рӯзимурод нафарони худро фармуд, ки милтиқҳоро бар рӯи даст гирифта муҳайёи паррондан шуда истанд. Вақте ки босмачиён расида омада, мехостанд аз паҳлуи тал ба тарафи қишлоқ гузаранд, ӯ ба оташкушоӣ фармон дод.

Як қатор милтиқдастоне, ки дар канори тал дар шинак нишаста буданд, якбора ва ба тарзи шиллик (залп) тир андохтанд. Як босмачӣ тир хӯрда аз болои асп фурӯ ғалтид, аспаш ба тарафи қишлоқ гурехт ва босмачиёни дигар сарҳои аспони худро пас гардонда гурехтанд.

Ҷавонони худмудофиакунӣ, ки дар канори пеши тал дар шинак нишаста буданд, бо фармони Рӯзимурод аз дунболи босмачиёни гурехта рафта истодагӣ тир андохтанд. Аммо тирҳои онҳо хато хӯрд — ба босмачиён нарасид. Баъд аз гузаштани босмачиён аз майдони тиррас, Рӯзимурод милтиқпарронро боздошт...

Баъд аз сафед шуда омадани рӯз як тӯдаи калони босмачиён ба тал наздик расида омада, ба тирандозӣ даромаданд. Дастаи худмуадофиакунӣ ҳам ҷавоб дода истод, лекин тири ҳеҷ як тараф ба дигар тараф намерасид.

Аммо тири Рӯзимурод рӯ ба камӣ овард, агар тирандозиро давом мекунонид, бетир монданаш муайян буд. Бинобар ин ӯ нафарони худро ба милтиқ напарронда ва ба шинак наздик омадани босмачиёнро нигарон шуда истодан фармон дод ва барои хабар додани таҳлукаи ҳақиқӣ ва талаб кардани «қувваи яроқдор», ҳеҷ набошад яроқ, ба район — ба ревком боз одам фиристод ва ин дафъа ба ин хизмат одами мӯътамад ва хушьёри худ Эргаш-Бедандонро фармуд...

Босмачиён то баромадани офтоб чанд бор ба тал ҳуҷум карда бошанд ҳам, ҳеҷ коре карда натавонистанд, дар ҳар боре, ки ба тал наздик мерасиданд,

мачӣ омада ба ревкомхона пахш карда даромаданд. Қӯрбошии[74] босмачиён ба рӯи суфа баромада қолини пахи кунонда кӯрпача андозонда, дар он ҷо ҳокими амир барин, чорзону зада нишаст ва йигитҳои ӯ дар поёни суфа дар рӯ ба рӯи қӯрбошӣ монанди шогирдпешагони ҳокимони амир даст пеш гирифта истоданд.

— Қанӣ, ҳама чизро ғун кунетон! — гуфта фармон дод қӯрбошӣ ба одамони худ.

Босмачиён, гӯё, ки як чизи худашон пинҳон кардагиро гирифта мебароварда бошанд, рост рафта шоххо, бедаҳо ва хошокҳоро ба як тараф гардонда, аз таги онҳо сандукҳо, қуттиҳо ва борҳои тойбастаро баровардан гирифтанд ва онҳоро ягон-ягон бардошта бурда пеши қӯрбошӣ гузоштанд.

Қӯрбошӣ аз кисаи худ як даста калидро бароварда ба яке аз одамони худ дода фармуд, ки бо онҳо дарҳои анборҳоро кушоянд ва гуфт:

— Калиди ҳар қулфро ёфта ба худаш андозетон, ки қулфҳо вайрон нашаванд.

Қӯрбошӣ ба одамоне, ки дар пеши ӯ сандуқҳо, қуттиҳо ва борҳои бастаро ғун карда буданд, кушодани онҳоро фармуд. Патронҳо, милтиқҳо, таппончаҳо ва шамшерҳоеро, ки йигитҳо аз даруни онҳо мебаровардаид, қӯрбошӣ ба рӯйхате, ки дар даст дошт, нигоҳ карда, аз назар мегузаронид.

Эргаш-Бедандон ба ин ҳол тааҷҷубкунон нигоҳ карда меистод. Чашми қӯрбошӣ, ки ноҳост ба ӯ афтод:

— Ту кистӣ ва дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? — гуфта аз вай пурсид.

— Ман яке аз одамони раиси ревком мебошам, «то омадани бег ту дар ин ҷо посбонӣ карда ист!» гуфта маро дар ин ҷо монда рафта буданд,— гуфта Эргаш ҷавоби сохта дод.

— Бисьёр хуб,— гуфт қӯрбошӣ,— акнун бег омаданд, акнун дар ин ҷо қаравулӣ карда истодани одами раиси ревком ҳеҷ даркорӣ надорад. Милтиқи дар даст доштагиатро бо патронҳояш ба мо супор ва худат аз дунболи раисат «сиҳат саломат» рафтан гир!

Эргаш милтиқ ва патронҳояшро супурда ба тарафи собот рафта аспашро кушодан гирифт.

— Асп ба мо даркор аст. Ту пиёда равӣ ҳам раисатро ёфта мегирӣ,— гуфт қӯрбошӣ ба Эргаш.

* * *

Эргаш-Бедандон аз ревкомхона баромада, пиёда ба роҳ даромад. Ӯ мехост, ки ҳар чи зудтар ба қишлоқ расида ин хабари даҳшатасарро ба Рӯзимурод расонад. Аммо беаспӣ барои ба амал овардани ин хоҳиши ӯ халал мерасонид. Бо вуҷуди ин ӯ то қувват дар по дошт, медавид, баробари як аспи дартозраванда роҳ рафта натавонад ҳам, баробари як аспи раҳлор раҳсипорӣ мекард.

Аммо ҳанӯз нимаи роҳро нарафта буд, ки зиёда монда шуд, ба лаби чашмае нишаста об нӯшид ва барои дамгирӣ қадре дар он ҷо истода монд.

Чашма дар ҷарӣ буд, болои ҷарӣ роҳи калон ва он тарафи роҳ паттазори ғулие буд.

Эргаш дар канори чашма поҳои худро молида менишаст, ки аз кадом тараф буд, як занак пайдо шуд, занак ҷавон, чашму абрӯяш сиёҳ, мӯҳояш дароз, бисёр хушрӯ ва зебо буд. Дар дасти занак як кӯзаи сафолин буда, маълум мешуд, ки ӯ барои обгирӣ омадааст.

Занак ба лаби чашма наздик расида буд, ки чашмаш ба Эргаш афтод ва бояд аз ӯ дар шубҳа афтода бошад, ки аз роҳ рафтан бозистод ва рӯймоли дар сараш будагиро ба рӯяш фуроварда як гӯшаи онро газида рӯяшро пинҳон карда ва аз гӯшаи рӯймол бо гӯшаи чашмаш ба тарафи Эргаш тез-тез нигоҳ кардан гирифт.

Эргаш ҳаё ва шубҳаи занакро пай бурда чашмашро аз вай канд ва худро ба нодонӣ зада поҳои худро молидан гирифт.

Занак аз одоб ва назокати Эргаш далер шуда ба лаби чашма омад ва кӯзаашро ба замин гузошта аз Эргаш пурсид:

— Дар ин гирду пеш ягон босмачиро надидай, амак?

— Дар ин наздикиҳо надидаам, аммо районро гирифтанд.

— Худо зудтар онҳоро бардорад ва хонаашонро сӯзонад, ки хонаи мардумро сӯхтанд,— гуфт занак ва кӯзаашро бардошта ба обгири чашма даромада вайро пур кардан гирифт ва худаш ҳам ба кафи худ об гирифта менӯшид.

— Дар қишлоқи шумоён босмачиҳо чӣ корҳо карданд? — гуфта Эргаш аз занак пурсид.

Занак кӯзаи пуробшудаашро аз чашма кашида бароварда дар канор гузошт ва худаш рост истода ҷавоб дод:

— Молҳои манқул ва чорпоҳоро бурданд, занон ва духтаронро беобрӯ карданд. Ду марди ба онҳо муқобил баромадагиро куштанд, се мардро бандӣ карда пеши қӯрбошӣ бурданд. Мардони дигар ба кӯҳ гурехтанд.

Занак аз сухан бозистода кӯзаро бардошта ба кифти худ гузошт ва бо дасти худ аз дастаи кӯза дошта боз ба гап даромад:

— Як шабонарӯз аст, ки бачагон об нанӯшидаанд, дидам, ки аз ташнагӣ ҳалқу даҳони бачагон хушкид, бо ҳазор тарсу ларз ба об баромадам.

— Магар мардина надорӣ, хоҳар, ки дар ҳамин гуна рӯзи ваҳмнок худ ба об баромадай? — Эргаш пурсид.

— Мардам ҳаст, ӯ маро бо бачагонам дар ғоре пинҳон карда, худаш ба қуллаи кӯҳ гурехт, як сар гӯсфанд ва як сар буз доштем, ки онҳоро аз дасти босмачиён гурезонда бо худ бурд,— гӯён занак аз лаби чашма, ба лаби ҷарӣ — ба роҳи калон баромад.

Дар ҳамин вақт аз дур саворе намоён шуд, ӯ як одами миёнсоли шикамкалони фарбеҳ буда, дар миёнаш шамшер ва ба пушташ милтиқ овезон буд, ӯ пешонаи худро бо латтае баста буд, ки ин, нишонаи босмачигӣ буд.

Занак бо дидани ин савор қадами худро тезтар кард, аммо савор аспашро ду-се қамчин зада давонда ба ӯ расид ва:

— Ист! — гӯён ба занак фармон дод.

Занак кӯзаи пуроби худро аз кифташ ба роҳ ҳаво дода худ ба даруни паттазор гурехт. Босмачӣ аз асп фуромада, аспашро ба шохи дарахте баста аз дунболи занак давид.

Занак монанди боде, ки аз байни шохаҳои дарахт гузарад, аз байни паттаҳо бо тезӣ мегузашт ва мегурехт, ӯ ба харошида шудани сару рӯяш, хаста шудани дасту пояш ва даридани либосҳояш нигоҳ накарда медавид. Аммо босмачии фарбеҳи ғафстана мисли ӯ бо тезӣ аз миёнаи дарахтони хордор гузашта наметавонист.

Босмачӣ дид, ки ба занак расида наметавонад ва масофати миёни худаш ва занак торафт дуртар мешавад, милтиқашро аз пушташ ба рӯи дасташ гирифт ва фармон дод:

— Исто, вагарна мепарронамат!

Занак бо шунидани ин «фармон» боз ҳам қадами худро тезтар кард ва босмачӣ ба ҳаво нигоҳ карда тир андохт.

Занак бо шунидани садои милтиқ ба гумони он, ки тир ба худаш расидааст, як фарьёди чонкоҳе кашид ва рӯйнокӣ ба замин ғалтид. Босмачӣ ба умеди ба даст даровардани шикори худ осудадилона қадам мезад.

Эргаш, ки аз канори чашма ба канори роҳ баромада ин манзараро тамошо мекард, бо дидани ин ҳол дар ғазаб омад. Аммо ба дасти ӯ силоҳе набуд, ки бо босмачӣ дарафтода, занакро халос кунад. Ӯ дида истода буд, ки занаки мазлума ҳамин замон ба чанголи босмачӣ, монанди мурғе, ки ба чанголи шағол афтода бошад, меафтад. Аммо чорае надошт, ки ба занак ёрӣ расонад. Ӯ монанди шере, ки дар ғазаб омада бошад, дандон мехоид ва мeғуррид, аммо чанголи шерона надошт, ки он гургро — босмачиро дарронда партояд.

Дар ҳамин вақт ба хотири Эргаш фикре расид, бо илҳом шудани ин фикр, чашмонаш, ки бо оташи дудолуди ғазаб, аланга мезад, чароғ барин равшан шуд ва ба лабу даҳонаш аломати табассуми шодӣ пайдо шуд. Ӯ худ ба худ:

— «Чи хуш бувад, ки бароянд ба як карашма ду кор» гӯён ба тарафи асп давид ва аспи босмачиро

аз шохи дарахт кушода ба вай савор шуда фарьёд кашид:

— Ӯ, гурги дупо, хабардор бош, ки аспат аз даст рафт,— гӯён ба асп пошна зада ба роҳ даромад.

Босмачӣ бо шунидани овози Эргаш ва садои суми асп, сарашро пас гардонда ба роҳ нигоҳ кард, ки ҳақиқатан аспашро бурда истодаанд. Ӯ занакро ба ҳоли худ гузошта, ба тарафи роҳ давид. Аммо то кашола карда баровардани ӯ танаи ғафси худро аз байни шохҳои хордор, Эргаш хеле дур рафта буд. Босмачӣ фарьёд кард:

— Исто, вагарна мепарронамат!

Эргаш дар ҷавоби ин сухани босмачӣ, дар зери паҳлуи асп ду пошнаи дигар зад ва асп аз аввалиаш ҳам тезтар ба давидан даромад.

Босмачӣ пай дар ҳам тир меандохт ва асп аз садои милтиқ боз ҳам зиёдтар шав гирифта, девонавор медавид...

Эргаш баъди тамоман дур шуданаш аз майдони тиррас ба баландие баромада аспро аз тохтан боздошта ба ақиб нигоҳ карда дид, ки босмачӣ ҳанӯз ба умеди ба даст даровардани аспи худ тир меандоза ва занак аз патта баромада ба тарафи доманаи кӯҳ медавад.

Эргаш баъд аз он, ки ба доманаи кӯҳ расида, ба шикофие даромада ғоиб шуда рафтани занакро дид, ба тарафи қишлоқи худ нигоҳ карда асп давонда рафт.

Ӯ қишлоқро дар ҳолате, ки аз ҳар тараф бо босмачиён печонда гирифта шудагӣ буд, ёфт. Танҳо тарафи кӯли найзор кушодагӣ буд, ки ӯ аспро дар он ҷо ба ҳоли худ сар дода ба миёнаи найҳо даромад ва аз он ҷо худро ба даруни заҳкаш гирифта ба тал — ба пеши Рӯзимурод расонид.

## V

Эргаш-Бедандон ҳикояи барои яроқталабӣ ба раиси ревком вохӯрданашро, ҷавоби раиси ревкомро, ҳам воқеаҳои дар район ва дар роҳ рӯйдодагиро ба Рӯзимурод нақл карда акнун тамом карда буд, ки пиёдаи ди-

гаре аз даруни заҳкаш баромада ба пеши Рӯзимурод давида омад. Хабаре, ки ин пиёда оварда буд, аз хабари Эргаш овардагӣ ҳам бадтар ва нафратангезтар буд.

Назар ба қавли ин пиёда вакили мухтор ба Ҳукумати Советӣ хиёнат кардааст, ӯ ҳамаи яроқҳо, тилло ва тангаҳо ва дигар чизҳои ҳукуматиро, ки дар даст доштааст, ба босмачиён дода, худаш ҳам бо одамони ба худаш содиқ ба Анварпошшо ва Иброҳимбек ҳамроҳ шуда рафтааст.

Рӯзимурод, ки бо шунидани ин хабар дарғазаб шуда буд, худ ба худ суол дод:

— «Вакили мухтор кист»?

Ва баъд аз қадре хомӯш истодан ба ин пурсиши худ худ ҷавоб доданӣ шуда гуфт:

— «Вакили мухтор тағойбачаи яке аз миллионерҳои Бухорост, ки он миллионер сардори ҷадидони Бухоро буда, бо роҳи ҳила инони ихтиёри ҳукумати халқии Бухороро ба дасти худ гирифтааст. Маълум мешавад, ки ин хоин, аз тарафи он хоин ба Бухорои Шарқӣ, барои ташкил кардан ва қувват додани босмачигарӣ вакили мухтор шуда омада будааст».

Рӯзимурод қадре сукут карда истода гапро ба сари раиси ревком оварда, боз худ ба худ гуфт:

— «Раиси ревкоми райони мо бошад, ин ҳам яке аз бойбачагони Бухоро буда, сагбачаи фармонбардор ва вафодори он хоинон аст».

Рӯзимурод баъд аз он, ки ба хоинон ин гуна як тарҷимаи ҳоли кӯтоҳ ва лекин пуррае дод, муштҳои худро гиреҳ карда ва дастони аз ғазаб ба худ кашидашудаашро ба ду тараф ёзонда худ ба худ гапзаниашро давом кунонид:

— «Аз ин хоинон, ғайр аз ҳамин чизи дигареро чашм доштан дуруст набуд. Агар дӯст шудани гург ба гӯсфанд, шағол ба мурғ, калхот ба кафтар мумкин мебуд, дӯст шудани инҳо ҳам ба Ҳукумати Советӣ мумкин мешуд. Ҳайфо ки дар зиндагӣ мисли ин як ҳодисае дида нашудааст».

Рӯзимурод гуфтугузори худ ба худиро монда, ба мардум нигоҳ карда бо овози баланд гуфт:

— Рафиқон, вазифаи мо ин аст, ки умедамонро аз ёрии ин хоинон тамоман канда ва ба партияи бу-

зурги Ленин — Сталин, ба партияи большевикӣ ба Хукумати Советӣ ва ба пролетархои халқи бузурги рус такья карда истода ба муқобили душманони халқ — ба муқобили босмачиён ва ҳомиёни онхо бичангем, то рехта шудани қатраи охирини хунамон бичангем, агар яроқ наёбем, бо нохун ва дандонамон бошад ҳам, бичангем. Агар мо дар ин роҳ фидо шуда махв шавем, бо ёрии пролетархои халқи бузурги рус фарзандонамон, синфамон ба мақсад хохонд расид. Рафиқон, то чон дар рамақ доред, ба пеш!

— Мечангем! То рехта шудани қатраи охирин хунамон мечангем! Агар яроқ наёбем, бо нохун ва дандонамон бошад хам, мечангем! — гуён мардум бо як овоз чавоб доданд.

Рӯзимурод бо ёрии омма аз аввалиаш хам сахттар ва боғайратонатар ба кори мудофиа даромад...

* * *

Аҳволи дастаи худмудофиакунӣ аз чиҳати камии тир бисьёр ба тангӣ афтода буд. босмачиён шинакҳоро аз ҳар тараф печонда гирифта буданд, онхо ба тарафи шинакҳо тирҳоро борон барин мебаронидаид, аммо шинакнишинон дар муқобили сад тири онҳо бо як тир — ин ҳам дар вақти ба шинак даромаданӣ шудани босмачие чавоб медоданд.

Дар ин вақт расида омадани қувватӣ чонноки нав ва яроқҳои нав ба босмачиён, аҳволи шинакнишинонро боз ҳам тангтар кард...

Оқибат тири шинакнишинон тамоман ба поён расида кор — чунон ки Рӯзимурод гуфта буд — ба чангидани бо дандону нохун расид: босмачиёнеро, ки ба шинак пахш карда медаромаданд, шинакнишинон бо сарнайза ва қундоқи милтиқ мезаданд ва бемилтиқон, босмачиеро, ки дар даруни шинак ба дасташон меафтод, бо панчаашон буғ карда бо дандонашон сару рӯи онҳоро медарронидаид.

Рафта-рафта қувваи чонноки Рӯзимурод ҳам кам шуд ва дар пеши ӯ як чанд нафари башумур монд. Рӯзимурод боз ҳам боғайратонатар мечангид.

Дар шинаки паҳлуӣ, ки Эргаш-Бедандон танҳо монда буд, аз даруни хандақ ҳазида ва гавак кашида омада, худро ба Рӯзимурод расонид. Бо омадани ӯ аз як тараф рӯҳи Рӯзимурод баланд шуда бошад, аз тарафи дигар ба қувваи ҷангии ӯ боз ду даст зам гардид. Рӯзимурод ва Эргаш-Бедандон ҳар ду дар як ҷо истода, бо ёрии якдигар шервор меҷангиданд ва ҳар босмачии ба канори шинак расидаро ба халос шудан роҳ намедоданд.

Дар ҳамин вақт сардори босмачиён ба шинак наздик омада, ба йигитҳои худ:

— Одамони боқимондаро зинда ба даст дароред! Кӯбкорӣ мекунем,— гӯён фармон дод.

Босмачиён бо шунидани ин фармон бе он, ки тире андозанд, ба сари Рӯзимурод ва Эргаш-Бедандон аз ҳар тараф рехтанд. Лекин Рӯзимурод:

— Большевик ба дасти душман зинда намеафтад! — гӯён ба кор даромад ва бо Эргаш пушт ба пушт истода босмачиёни ба шинак даромадаро дошта калла ба калла зада мекуштанд ва монанди шере, ки худмурдаро аз пеши худ дур андозад, лошаи босмачиёнро аз шинак берун ҳаво медоданд.

Босмачиён диданд, ки онҳоро зинда ба даст даровардан мумкин нест, аз ҳар тараф ба тирборонкунӣ даромаданд. Дар навбати аввал Эргаш бо тире, ки ба сари дилаш хӯрда буд, ба замин ғалтид.

Акнун Рӯзимурод танҳо монда буд ва аз чанд ҷояш тир хӯрда суст шуд, ӯ пуштнокӣ ба девори шинак такья карда ҳанӯз рост меистод ва аз чанд ҷои баданаш хун шорида бaромада либосашро гулгун мекард.

Оқибат ӯ ҳам бо шамшере, ки аз фарқи сараш расида буд, ба замин ғелид ва босмачиён бадани ба замин ғелида хобидаи ӯро тирборон мекарданд. Баъд аз монанди ғалбер сӯрох-сӯрох шудани сар то пои Рӯзимурод, ӯро ба ҳоли худ партофта, ҳамаи нимҷон мондагиҳои шинакнишинонро ҳам тирборон карданд.

* * *

Босмачиёни ваҳшӣ, ки муваққатан ғолиб омада буданд, аз шароби ин ғалаба маст гардида, тамоман

девона шуданд: онҳо ба қишлоқи бенигаҳбон мондагӣ бо тохт ҳуҷум оварданд. Молҳои ҷондор ва беҷони қишлокро тамоман тороҷ карданд, беморон, пирон, занон ва бачагонро, ки ба ҷанг ҳамроҳӣ карда натавониста дар хона монда буданд, аз қишлоқ ронда баровардa дар майдоне ғун карда ба гирдо гирди онҳо қаравул гузоштанд.

Баъд аз он қишлокро, ки аз одам ва мол холӣ монда буд, оташ заданд. Ин як оташи зулми ваҳшиёнае буд, ки шӯълаи вай бо дуди оҳи мазлумон печида ба фалак мебаромад.

Босмачиён, баъд аз фориғ шуданашон аз кори қишлоқ, ба сари асирони қишлоқӣ ғун шуданд: занон ва духтарони зеборо аз миёнаи асирон ҷудо карда, ба як канор баровардa монданд, пирон, кампирон ва занони «ба худашон нодаркор»-ро ба ҷарие андохта тирборон карданд ва дигаронро ба пеши тал ҳай карда бурданд, ки дар он ҷо онҳоро ягон-ягон бузвор (лекин зиндаву зор) кӯбкорӣ карда тозанд...

Босмачиён акнун кӯбкориро сар карда як касро дар миёнаи худ кашмакаш мекарданд, ки аз дур тӯдаи саворон намоён шуданд. Босмачиён ояндагонро аз дастаҳои худ гумон карда барои нишон додани ғалабаи худ ба онҳо, «кӯбкоритозӣ»-и худро боз ҳам бошавқонатар давом кунонданд.

Босмачиён ба болои асири нимҷон савора тӯда шуда яке аз по, дигаре аз даст, саввӯмӣ аз гардан, чорӯмӣ аз миёни он асир гирифта ҳар яке ба тарафи худ мекашид ва онҳое ҳам, ки дар канортар буданд, ба сари аспи худ қамчин зада кӯшиш мекарданд, ки ба сари ҷасади асир расанд ва ба ягон ҷои ӯ даст зада, ба тарафи худ кашанд ва ҳар кас зӯр мезад, ки ҷасади асирро аз миёнаи тӯда гирифта баровардa ба пеши босмачиёни навоянда ба тариқи пешкаш партояд.

Лекин тӯдаи зоғвор ба сари ҷасади асир ғуншудаи босмачиёнро садои даҳшатовари тр-тр-три пулемёт пароканда кард. Тирҳои жолавор борандаи пулемёт, босмачиёни дар як ҷо ғунистодаро тут барин мерехт.

Босмачиёни зинда мондагӣ, босмачӣ набудани ояндагонро вақте фаҳмиданд, ки барои гурез роҳашон

баста шуда буд: ояндагон давро-даври онҳоро печонда гирифта аз милтиқҳо ва пулемётҳо тир меборонданд.

Оқибат, босмачиёни зинда мондагӣ аз аспашон пиёда шуда худро ба болои тал ба шинаке, ки аз тарафи Рӯзимурод сохта шуда буд, гирифтанд ва дар он ҷо милтиқҳошонро ба даст гирифта истода ба шинак наздик омада, навомадагонро нигарон шуданд.

Лекин навомадагон ба шинак наздик нашуда ба тарафи вай гранатаҳои дастӣ андохтанд. Дар натиҷа дуду хок ба осмон баланд баромада аз байни онҳо дасту пои босмачиён ба замин рехтан гирифт...

Дар натиҷаи яксоата ҷанг, ба бисьёр кам босмачиён гурехта халос шудан насиб шуд ва бештарини онҳо ба ҷазои сазовори кирдори худ расида буданд.

Навомадагон аъзоёни ташкилоти комсомолии сарҳадчиён буданд. Вақте ки онҳо дар таҳти ҳуҷуми босмачиён мондани он қишлоқро шуниданд, фидоивор ба ихтиёри худ ба майдон даромада бо рухсати ташкилот ва раҳбарияти сарҳадчиён, дар зери дасти Семён Семёнович ном комсомолец ба ёрии аҳолии он қишлоқ давида буданд.

Ихтиёриёни комсомол, баъд аз торумор кардани босмачиён беморон ва маҷрӯҳонро ба беморхонаи сарҳад фиристоданд; барои занон ва духтароне, ки аз дасти босмачиён саломат монда буданд, дар наздикии сарҳад як артели кӯрпадӯзӣ кушода, онҳоро дар он ҷо ҷойгир карданд; барои пирон ва барҷомондагон дар сарҳад хобгоҳ кушода онҳоро дар он ҷо хӯронда пӯшонданд; аммо барои бачагони хурдсол дар таҳти шефии комсомол дар сарҳад сағирхона кушода, тарбияи онҳоро дар он ҷо ташкил карданд.

Писари Рӯзимурод — Қурбон, ки ӯро қаҳрамони ҳикояи мо — Ятим-Мурод «ака Қурбон мегӯяд, дар ҳамон рӯз бо ёрии комсомол аз дасти босмачиён халос шуда дар қатори бачагони дигар ба ҳамон сағирхона оварда шуда буд.

Сағирхонае ҳам, ки қаҳрамони ҳикояи мо — Ятим-Мурод дар вай ҷой гирифт, ҳамон сағирхона буд.

## VI

Сағирхона як сағирхонаи интернационалӣ буд: дар он ҷо ҷунон ки тоҷик, ӯзбек, қазоқ ва туркман барин бачагони миллатҳои маҳаллӣ буданд, инчунин бачагони рус, украин, поляк ва латыш барин европагиҳо ҳам ҷойгир шуда буданд. Лекин бештарини бачагон, бачагони миллатҳои маҳаллӣ буда, бештарини инҳо ҳам, он бачагоне буданд, ки падару модарҳошонро босмачиён кушта буданд.

Аз байни бачагони миллатҳои маҳаллӣ Норбибиш ном як духтарча бо Ятим бисьёртар унс ва улфат гирифт. Ин духтарча бо Ятим ҳамсол бошад ҳам, қадаш аз вай пасттар ва сохти баданаш аз сохти бадани ӯ нозуктар буд. Ӯ бо мӯи сиёҳи кӯтоҳбуридаи ҷингила, бо рӯи гандумини кулчамонанди гирда, бо чашми сиёҳи пурнури шӯълапош назари ҳар касро ба тарафи худ мекашид. Бар болои бинӣ ва рӯи пешонаи ин духтарча ду-се дона нағзак бошад ҳам, ин ба ҳусн ва зебоии ӯ ҳеҷ зарар намерасонид, балки ин доғҳо, монанди нуктаҳои кандакорӣ, ки бар рӯи як парча тиллои шаффоф канда бошандаш, боз ҳам зеботар, боз ҳам шинамтар менамуданд.

Як хусусияти махсусе, ки дар афту андоми ин духтарча менамуд, ин буд, ки дар паси гардани ӯ — дар миёнаи сари шона ва ҷои мӯйбарони сараш як хати хокистарранги сиёҳтоб буд. Азбаски ин хат дар пушти гардан ва зери ҳалқаҳои овезони мӯи ҷингилаи ӯ буд, ба назари ҳар кас наменамуд. Агар ин хат ба назари касе менамуд ҳам, ҳусни духтарчаро ба пеши ӯ баландтар мекард. Зеро ин хати сиёҳча бар гардани сафеди ӯ, мисли як ҷадвали саводие менамуд, ки бар сутунчаи нуқрагӣ кашида бошанд.

Ин духтарбачаро дар он сағирхона аз калон то хурд, аз тарбиячиён ва хизматгорон гирифта то бачагони бошандаи он ҷо — ҳамагӣ дӯст медоштанд, ӯро дӯстдорӣ мекарданд, хоҳ дар вақти бозӣ бошад, хоҳ дар вақти хӯроkхӯрӣ, хотири ӯро риоя мекарданд.

Сабаби ин қадар дӯст доштани мардум ӯро ба ҳусн ва зебоии ӯ набуда, балки дар тарҷимаи аҳволи ӯ буд. Ин духтарча як саргузашти ҷунон фоҷиаоке

дошт, ки шунавандаро дар гирья меовард. Бо таъсири ин саргузашт бояд бошад, ӯ бисьёр камгап, сарҳам ва маҳзун буд. Ӯ тарҷимаи ҳоли худро ба касе ҳикоя намекард, эҳтимол тафсилоти тарҷимаи ҳоли худро худи ӯ ҳам намедонист. Аммо сағирхонагиён сар то пои саргузашти ӯро аз як русзанак, ки модархондаи ӯ буд, шунида буданд, ин саргузашт даҳан ба даҳан ба ҳар кас расида буд.

Норбибиш аз ҳама бачагон зиёдатар Ятимро дӯст медошт. Дар сағирхона хонаи ӯ аз хонаи Ятим ҷудо бошад ҳам, дар вақтҳои бозӣ бештар бо Ятим бозӣ мекард, дар ошхӯрӣ ба паҳлуи Ятим менишаст, дар саёҳатҳои фаннӣ (экскурсияҳо) ҳам дар паҳлуи Ятим мерафт.

Азбаски ӯ чанд сол пештар аз Ятим дар сағирхона ҷойгир шудааст, хату саводи хубе бароварда буд. Ӯ бо хату саводи худ ҳам ба Ятим ёрӣ медод.

Ятим баъди аз синфи мактаб баромадан, давида пеши Норбибиш мерафт ва ҷоҳои номафҳуммондаи сабақашро аз вай ёд мегирифт.

Ба Норбибиш ҳам тарҷимаи ҳоли Ятим бештар таъсир карда буд, ӯ саргузашти Ятимро аз забони Ятим шунида, тамоман омӯхта буд.

Вақте ки Ятим ба ӯ аз модараш чӣ гуна ҷудо шуданашро ва ба чӣ дараҷа дӯст доштани модараш ӯро, ба вай ҳикоя кард, ӯ як оҳи дарозе кашид ва гуфт:

— Ҳайфо, ки ман модар надорам ва кӣ будани модарамро ҳам намедонам.

— Оё падар дорӣ? — Ятим аз ӯ пурсид.

— Не, падар ҳам надорам ва кӣ будани падарамро ҳам намедонам.

Ятим, ки ин ду-се калимаи аз забони Норбибиш шунидааш, дили ғамдидаашро об карда буд, ба ҳоли ӯ бисьёр дилаш сӯхт ва қариб буд, ки гирья карда сар диҳад. Аммо хурсандӣ ва хушбахтиҳои дар сағирхона дидаашро ба хотир оварда, аз гирья худдорӣ кард. Ин хурсандӣ ва хушбахтиҳо ба назари Ятим чунон дурахшон буданд, ки ҳар гуна торикиҳои ғаму кулфатро аз пеши чашми ӯ дар мекарданд.

Бо вуҷуди ин, Ятим аз пурсукови саргузашти Норбибиш худдорӣ карда натавонист ва оҳист-оҳиста як қисми саргузашти ӯро дониста гирифт.

Норбибиш ҳам, ки саргузашти Ятим ба худаш бисьёр таъсир карда буд, аввалин бор ҳоли худро бо забони худ ба ӯ гуфта дод.

Мо чизеро, ки Норбибиш дар бораи худ ба Ятим гуфта буд, кӯтоҳ карда дар поин менависем.

* * *

Дар роҳи оҳани Бухоро — Тирмиз дар наздикии станцияи Тирмиз Иван Иванович Самарский ном як рус қаравулӣ мекард. Ӯ як зан, ду писарчаи 8—10-сола ва як духтарчаи шашсола дошт.

Дар қаравулхона зиндагонии Иван ба хубӣ мегузашт, ӯ дар пеши қаравулхона боғчае сохта буд, ки дар вай картошка, карам, бодиринг ва помидор барин киштҳои сабзавотӣ, ҳам ҷуворимакка ва офтобпараст барин киштҳои донагӣ ва равғанӣ кишта мерасонид.

Ғайр аз ин, гови сершире дошт, ки шир ва равғани вай аз хӯроки аҳлу аёлаш зиёдатӣ мекард.

Аммо зиндагонии осудаҳолонаи Иван бисьёр дароз накашид, дар соли 1918 реакцияи амирӣ хонадони ӯро барбод дод:

Чунон ки мо дар аввалҳои ин ҳикоя гуфта гузаштем, дар соли 1918, ба муносибати воқеаи Колесов, амири Бухоро роҳҳои оҳани дар қаламрави худаш бударо вайрон кард[75] ва коргарони ба дасташ афтодаи роҳро бо зану бачагонашон кушт.

Ана дар рӯзҳои ҳамин фоҷиаҳои ваҳшиёна як гурӯҳ аз одамони амир ба қаравулхонае, ки дар он ҷо Иван посбонӣ мекард, ҳуҷум оварданд, қаравулхонаро сӯхтанд, Иванро бандӣ карданд ва ӯро бо бачагонаш ба як қаравулхонаи дуртар аз станцияи Тирмиз бурданд.

Одамони амир аз қаравулхонаҳои дигар ҳам коргарони дастгир кардаашонро ба он ҷо оварда ғун карда буданд, дар байни он коргарон русҳо, тоҷикҳо, ӯзбекҳо, тоторҳо, қазоқҳо ва туркманҳо ҳам буданд. Ҳар коргареро, ки бандӣ карда ба он ҷо ғун карда буданд, зану бачагонашро ҳам оварда буданд.

Одамони амир, баъд аз вайрон кардани роҳи оҳан, қат карда партофтани рельсҳо, сӯхтани шпалҳо ва қаравулхонаҳо, куштани асиронро сар карданд; онҳо

коргарони даступобаста ва зану бачагони онҳоро ба як ҷо ғун карда бо шамшерҳо, кордҳо, ханҷарҳо ва калтакҳо зада куштанд.

Яке аз он касоне, ки аз ин куштор саломат монд, зани Иван — Мария буд. Ӯ пагоҳонии ҳамон рӯзе, ки ин фоҷиаи ваҳшиёна рӯй дод, ба даште дуртар аз қаравулхона гови худро ба чаро бурда буд. Ӯ дар нимрӯзӣ вайрон карда истодани одамони амир роҳи оҳанро аз чӯпонбачае шунид ва гови худро ба чаро гузошта ба қаравулхона рафт, ки на қаравулхона ҳаст ва на хонаааш, ҳамаи он ҷоҳоро сӯхтаанд, ки ҳанӯз аз хокистараш дуд мебарояд.

Мария аз ин ҳол чунон даҳшат хӯрд, ки қариб буд девона шавад. Лекин худдорӣ карда, ба ҷустуҷӯи шавҳар ва бачагонаш афтод, аммо аз онҳо асаре наёфт. Мария як рельси қат карда партофтагиро ба даст гирифта мағзи оташ ва хокистарҳоро кофта дид, лекин аз он ҷоҳо ҳам асари сӯхтаи бадани одам ва нимсӯхтаи устухони одамиро наёфт.

Мария аз он ҷо ба тарафи қаравулхонаи дигаре рафт, ки аз он ҷо ҳам дуди оташ баланд шуда ба назари ӯ менамуд. Вакте ки ӯ ба пеши он қаравулхона расид, дар он ҷо як манзараи боз ҳам даҳшатовартареро дид: дар он ҷо мурдаҳои коргарон, коргарзанон ва бачагони онҳо тӯда шуда хобида буданд.

Ӯ бо дидани ин манзара аз ҳуш рафт ва баъд аз ба ҳуш омаданаш дар байни мурдаҳо даромада кофт, ки мабодо шавҳар ва бачагони худаш ҳам дар он миён бошанд.

Мария дар натиҷаи кофтуков, боз ба як манзараи бадбахтонае вохӯрд: ӯ ҷасадҳои шавҳар ва бачагони худро дид, ки бо шамшер кушта шуда буданд.

Мария боз аз ҳуш рафт ва баъд аз ба ҳуш омаданаш мурдаи шавҳар ва бачагонашро аз байни мурдаҳо кашола карда баровард, ки барои гӯронидани онҳо чорае ёбад. Аммо аз таги мурдаи бачагонаш ҷасади як духтарчае баромад, ки вай ҳанӯз зинда буд. Ин духтарча, ки тахминан се сол умр дошт, аз паси гарданаш шамшер хӯрдагӣ буд, ҳанӯз аз ҷои захми шамшер хун мебаромад, лекин бача зинда буд, ҳушаш ба сараш набошад ҳам, гоҳо меҷунбид.

Норбибиш ҳам, ки саргузашти Ятим ба худаш бисьёр таъсир карда буд, аввалин бор ҳоли худро бо забони худ ба ӯ гуфта дод.

Мо чизеро, ки Норбибиш дар бораи худ ба Ятим гуфта буд, кӯтоҳ карда дар поин менависем.

* * *

Дар роҳи оҳани Бухоро — Тирмиз дар наздикии станцияи Тирмиз Иван Иванович Самарский ном як рус қаравулӣ мекард. Ӯ як зан, ду писарчаи 8—10-сола ва як духтарчаи шашсола дошт.

Дар қаравулхона зиндагонии Иван ба хубӣ мегузашт, ӯ дар пеши қаравулхона боғчае сохта буд, ки дар вай картошка, карам, бодиринг ва помидор барин киштҳои сабзавотӣ, ҳам ҷуворимакка ва офтобпараст барин киштҳои донагӣ ва равғанӣ кишта мерасонид.

Ғайр аз ин, гови сершире дошт, ки шир ва равғани вай аз хӯроки аҳлу аёлаш зиёдатӣ мекард.

Аммо зиндагонии осудаҳолонаи Иван бисьёр дароз накашид, дар соли 1918 реакцияи амирӣ хонадони ӯро барбод дод:

Чунон ки мо дар аввалҳои ин ҳикоя гуфта гузаштем, дар соли 1918, ба муносибати воқеаи Колесов, амири Бухоро роҳҳои оҳани дар қаламрави худаш бударо вайрон кард [75] ва коргарони ба дасташ афтодаи роҳро бо зану бачагонашон кушт.

Ана дар рӯзҳои ҳамин фоҷиаҳои ваҳшиёна як гурӯҳ аз одамони амир ба қаравулхонае, ки дар он ҷо Иван посбонӣ мекард, ҳуҷум оварданд, қаравулхонаро сӯхтанд, Иванро бандӣ карданд ва ӯро бо бачагонаш ба як қаравулхонаи дуртар аз станцияи Тирмиз бурданд.

Одамони амир аз қаравулхонаҳои дигар ҳам коргарони дастгир кардаашонро ба он ҷо оварда ғун карда буданд, дар байни он коргарон русҳо, тоҷикҳо, ӯзбекҳо, тоторҳо, қазоқҳо ва туркманҳо ҳам буданд. Ҳар коргареро, ки бандӣ карда ба он ҷо ғун карда буданд, зану бачагонашро ҳам оварда буданд.

Одамони амир, баъд аз вайрон кардани роҳи оҳан, қат карда партофтани рельсҳо, сӯхтани шпалҳо ва қаравулхонаҳо, куштани асиронро сар карданд; онҳо

коргарони даступобаста ва зану бачагони онҳоро ба як ҷо ғун карда бо шамшерҳо, кордҳо, ханҷарҳо ва калтакҳо зада куштанд.

Яке аз он касоне, ки аз ин куштор саломат монд, зани Иван — Мария буд, ӯ пагоҳонии ҳамон рӯзе, ки ин фоҷиаи ваҳшиёна рӯй дод, ба даште дуртар аз қаравулхона гови худро ба чаро бурда буд. Ӯ дар нимрӯзӣ вайрон карда истодани одамони амир роҳи оханро аз чӯпонбачае шунид ва гови худро ба чаро гузошта ба қаравулхона рафт, ки на қаравулхона хаст ва на хонааш, ҳамаи он ҷоҳоро сӯхтаанд, ки ҳанӯз аз хокистараш дуд мебарояд.

Мария аз ин ҳол чунон даҳшат хӯрд, ки қариб буд девона шавад. Лекин худдорӣ карда, ба ҷустуҷӯи шавҳар ва бачагонаш афтод, аммо аз онҳо асаре наёфт. Мария як рельси қат карда партофтагиро ба даст гирифта мағзи оташ ва хокистарҳоро кофта дид, лекин аз он ҷоҳо ҳам асари сӯхтани бадани одам ва нимсӯхтан устухони одамиро наёфт.

Мария аз он ҷо ба тарафи қаравулхонаи дигаре рафт, ки аз он ҷо ҳам дуди оташ баланд шуда ба назари ӯ менамуд. Вақте ки ӯ ба пеши он қаравулхона расид, дар он ҷо як манзараи боз ҳам даҳшатовартареро дид: дар он ҷо мурдаҳои коргарон, коргарзанон ва бачагони онҳо тӯда шуда хобида буданд.

Ӯ бо дидани ин манзара аз ҳуш рафт ва баъд аз ба ҳуш омаданаш дар байни мурдаҳо даромада кофт, ки мабодо шавҳар ва бачагони худаш ҳам дар он миён бошанд.

Мария дар натиҷаи кофтуков, боз ба як манзараи бадбахтонае вохӯрд: ӯ ҷасадҳои шавҳар ва бачагони худро дид, ки бо шамшер кушта шуда буданд.

Мария боз аз ҳуш рафт ва баъд аз ба ҳуш омаданаш мурдаи шавҳар ва бачагонашро аз байни мурдаҳо кашола карда баровард, ки барои гӯронидани онҳо чорае ёбад. Аммо аз таги мурдаи бачагонаш ҷасади як духтарчае баромад, ки вай ҳанӯз зинда буд. Ин духтарча, ки тахминан се сол умр дошт, аз паси гарданаш шамшер хӯрдагӣ буд, ҳанӯз аз ҷои захми шамшер хун мебаромад, лекин бача зинда буд, ҳушаш ба сараш набошад ҳам, гоҳо меҷунбид.

Мария нигоҳ доштани ҳаёти ин бачаро, ки мисли як ёдгорӣ аз таги мурдаи бачагони худаш ёфт шудааст, аз гӯрондани мурдаи шавҳар ва бачагони худаш зарууртар донист. Ӯ дар дили худ гуфт:

— «Онҳо мурданд ва тамом шуданд, ҳоло, ё баъд аз як рӯз гӯронидани мурдаи онҳо ҳеч фарқ надорад. Аммо агар ба зудӣ чора набинам, ин бача ҳам мемурад».

Ӯ бо ҳамин мулоҳиза духтарчаро аз байни мурдагон берун бароварда бо сарбанди худ захми гардани ӯро баст. Лекин ин, як чораи муваққатӣ буд. Барои нигоҳ доштани ҳаёти духтарча ба пеши ягон врач, ҳеч набошад, ба пеши ягон фельдшер бурдан даркор буд. Врач ва фельдшер танҳо дар станцияи Тирмиз буд, ки ба чӣ ҳол будани он ҷо ба Мария маълум набуд. Ӯ фикр мекард «дар он ҷо ҳам ҳамин фоҷиа рӯй дода ҳама кушта шудаанд, ё ин ки фельдшер ва духтурҳо саломатанд?»

Мария дар пеши худ қарор дод «бе донистани ҳақиқати ҳоли он ҷо, ба он ҷо рафтан, ҳам барои худам ва ҳам барои ин бача, ки тасодуфан зинда мондааст, таҳлуканок аст!»

«Аммо ба куҷо бояд бурд, ки ба захми ин духтарча чораи дурусттар дида шавад?»—Мария фикр мекард.

Дар ҳамин вақт ба хотири Мария касе расид, ки духтарчаи захмдорро бардошта, ба тарафи қишлоқи он кас нигоҳ карда давид.

Ин қишлоқ ба роҳи оҳан наздик буд: дар он қишлоқ зане буд, ки шавҳари ӯ ҳам монанди шавҳари Мария дар роҳи оҳан қаравулӣ мекард. Ба ин муносибат Мария чанд бор ба он қишлоқ — ба пеши он занак рафта омадааст.

Шавҳари он занак ду сол аз ин пеш мурда бошад ҳам, рафту омади Мария бо он занак ҳанӯз давом мекард.

Мария духтарчаро бардошта давон-давон ба хонаи он занак бурд. Он занаки маҳаллӣ ба захми духтарча илоҷи маҳаллӣ кард: ӯ намадпарчаеро сӯхта, хокистари вайро ба захми гардани духтарча пахш карда, аз рӯи он бо латтае баст. Баъд аз он атолае пухта кам-кам ба гулӯи бача фурӯ фиристод.

Бача баъд аз соате чашм кушода ба гап даромад. Ӯ дар аввали гап заданаш:

— Оча! — гӯён бо забони маҳаллӣ овоз баровард. Аз ин маълум шуд, ки он духтарбача фарзанди яке аз коргарони маҳаллӣ будааст.

Духтарча, ки дар гирду пеши худ модари худро наёфт, ба гиръя даромад. Мария ва занаки соҳибхона ҳар қадар кӯшиш кунанд ҳам, гиръяи ӯро боздошта натавонистанд. Лекин бача, ки аз бисьёр рафтани хун аз баданаш, аз ҳад зиёд суст шудагӣ буд, баъд аз қадре гиръя кардан боз беҳуш гардид ва аз зӯри гиръя захми гарданаш дубора кушода шуда будааст, аз он ҷо боз хун заҳида баромад.

Занаки соҳибхона дубора намад сӯхта ба захми духтарча баст ва ӯро ба ҷогаҳ хобонид. Бача ин дафъа оромона ба хоб рафт.

* * *

Занаки соҳибхона, баъд аз хобонидани духтарча, бо хоҳиши Мария ба қишлоқ баромад, ки шояд аз аҳволи Тирмиз хабаре ёбад. Ӯ баъд аз чанд дақиқа, бозгашта омада, ба Мария хабари хуше расонид:

Назар ба хабаре, ки ӯ аз як деҳқон гирифтааст, станцияи Тирмиз сиҳат, саломат будааст. Ин деҳқон ҳамон рӯз ба Тирмиз барои фурӯхтан тухми мурғ бурда будааст. Дар вақти дар Тирмиз будани ин деҳқон, одамони амир барои вайрон кардани станция ба он ҷо ҳуҷум карданӣ шудаанд, лекин ба тири коргарони мусаллаҳ тоб оварда натавониста, баъд аз чанд каси худро ба куштан додан, паснокӣ гурехтаанд.

Мария ки ин хабарро баъд аз фурӯ рафтани офтоб шунида буд, дар он вақт ба роҳ баромаданро салоҳ надид ва он шабро дар хаёли шавҳар ва бачагони худ бо ғаму андӯҳи тоқатгудоз гузаронид ва пеш аз баромадани офтоб ба тарафи Тирмиз нигоҳ карда давид.

Мария ба Тирмиз вақте расид, ки коргарони он ҷо мусаллаҳ шуда, барои гӯронидани куштагони амир, ба рафтан тайёр шуда истодаанд. Ӯ ҳам ба қатори сиҳо ба расми дафни мурдагон ҳамроҳӣ кард ва дар

он миён шавҳар ва бачагони худаш ҳам гӯронида шуданд.

Мария бо ёрмандии коргарони роҳи оҳан барои худ дар Тирмиз хона ва коре ёфта, барои овардани духтарча ба қишлоқ рафт. Дар вақти ба қишлоқ баргашта рафтани Мария духтарча тамоман сиҳат нашуда бошад ҳам, оромона мехобид, бо иштиҳо хӯрок мехӯрд ва оҳиста-оҳиста роҳ мерафт ва ҳаваси бозӣ нишон медод.

Мария то тамоман дуруст шудан ва ба қувват омадани духтарча дар қишлоқ монд. Баъд аз он ки захми гардани бача сахт шуд ва латтаҳои вайро ҳам кушода партофт, ӯро бардошта ба Тирмиз бурд.

Мария дар вақти ба Тирмиз рафтанӣ шуданаш аз соҳибхоназан хоҳиш кард, ки ба духтарча як номи маҳаллӣ монад. Соҳибхоназан гуфт:

— Ман як духтарча доштам, ки ба сабаби дар як рӯи он як доғи сурх будан, ба ӯ Норбибиш ном ниҳода будам. Лекин ӯ пеш аз падараш мурд. Ман ба ин бача ба ёдгории он духтарчаи худам Норбибиш ном медиҳам.

Мария ҳам ин номро писандид.

* * *

Мария то ба кор даромадани роҳи оҳани Бухоро—Тирмиз дар Тирмиз истода Норбибишро тарбия кард. Баъд аз революцияи Бухоро ва гурехтани амир, ӯ дар қаравулхонае, ки шавҳараш қаравулӣ мекард, посбон шуд.

Дар вақти 8-сола шудани Норбибиш бекасӣ, доғи фарзанд ва марги шавҳар ба Мария бисьёр зӯр овард. Ӯ хост, ки ба Самара (Қуйбышеви ҳозира) ба пеши хешовандонаш кӯчад. Аммо бо худ бурдани Норбибишро, ки фарзанди як шахси маҳаллӣ ва тарбияёфтаи як вилояти серофтоб буд, муносиб надид ва ӯро ба сағирхонае, ки дар застава дар лаби дарьёи Аму, дар таҳти шефии ташкилоти комсомол кушода шуда буд, супурда худ ба сафар баромад.

Хати сиёҳчае, ки дар паси гардани Норбибиш дида мешуд, асари он сӯхтаи намад буд, ки дар вақти сесолагиаш ба чоки захми шамшер пахш карда буданд.

## VII

Ятим-Мурод дар сағирхона 4 сол тарбия ёфта бар болои хату савод баровардан, баробари программаи мактаби ҳафтсола маълумоти умумӣ ҳам гирифт, ӯ ҳар рӯз, баъд аз гузаштани ҷадвали дарси ҳаррӯза барои маълумотгирӣ ба тарзи хусуси ҳам кӯшиш мекард. Ба сабаби калон будани солаш, дарсҳонии зиёда аз программа ба сиҳатии ӯ халал намерасонид.

Дар вақтҳои хату саводбарориаш, дар дарсҳои берун аз программа ва тайёр кардани дарсҳо ба ӯ Норбибиш ёрӣ медода бошад, дар вақтҳои боло рафтани маълумоташ барои вай ёридиҳандагони дигар ҳам пайдо шуданд: дар ин вақтҳо, чунон ки ба ӯ Қурбон ёрӣ медод, сардори дастаи ихтиёрии комсомолон, ки Қурбонҳоро аз дасти босмачиён халос карда буд, инчунин ёрии худро аз вай дареғ намедошт.

Дар ин вақтҳо Семён Семёнович ба сафи партия даромадагӣ буд ва ба ташкилоти комсомол, ки дар байни сарҳадчиён буд, роҳбарӣ мекард. Ӯ бачагони сағирхонаро, ки дар таҳти шефии комсомол буд, бо рӯҳи интернационалӣ, бо рӯҳи коммунистӣ (большевикӣ) тарбия карда, онҳоро ба дараҷаи ба комсомолонқ шудан мерасонид.

Семён Семёнович як ҷавони зардинарӯи доғи кунчидакдори кабудчашми дӯстрӯй ва мулоимгуфтор буда, баробари ин, гуфтаҳояш ҷиддӣ ва қатъӣ буд. Ӯ ҳамаи қувват ва ҳиммати худро ба корҳои умумӣ дода буд ва корҳои шахсии худро ҳам ба корҳои умумӣ мувофиқ карда мебурд. Ӯ кӯшиш мекард, ки ҳар як ҷавонро барои ҷонишини содиқи коммунистон шудан сазовор карда расонад.

Семён Семёновичро ба русӣ хоҳ ҳамсолони худаш бошанд, хоҳ калонсолон ва хоҳ бачагони хурдсол «Сеня» мегуфтанд. Мардумони маҳаллӣ бошанд, ин калимаро «сина», яъне аъзои бадани одамӣ фаҳмида «ҳақиқатан ин ҷавон синаи одамист, ки дил дар даруни вай меистад ва ё нӯги пистон аст, ки хурдсолонро «шир» дода ба воя мерасонад» мегуфтанд.

Ятим-Мурод бештарин маълумоти умумӣ ва тарбияи сиёсии худро аз ҳамин Сеня гирифт ва Сеня

он миён шавҳар ва бачагони худаш ҳам гӯронида шуданд.

Мария бо ёрмандии коргарони роҳи оҳан барои худ дар Тирмиз хона ва коре ёфта, барои овардани духтарча ба қишлоқ рафт. Дар вақти ба қишлоқ баргашта рафтани Мария духтарча тамоман сиҳат нашуда бошад ҳам, оромона мехобид, бо иштиҳо хӯрок мехӯрд ва оҳиста-оҳиста роҳ мерафт ва ҳаваси бозӣ нишон медод.

Мария то тамоман дуруст шудан ва ба қувват омадани духтарча дар қишлоқ монд. Баъд аз он ки захми гардани бача сахт шуд ва латтаҳои вайро ҳам кушода партофт, ӯро бардошта ба Тирмиз бурд.

Мария дар вақти ба Тирмиз рафтанӣ шуданаш аз соҳибхоназан хоҳиш кард, ки ба духтарча як номи маҳаллӣ монад. Соҳибхоназан гуфт:

— Ман як духтарча доштам, ки ба сабаби дар як рӯи он як доғи сурх будан, ба ӯ Норбибиш ном ниҳода будам. Лекин ӯ пеш аз падараш мурд. Ман ба ин бача ба ёдгории он духтарчаи худам Норбибиш ном медиҳам.

Мария ҳам ин номро писандид.

* * *

Мария то ба кор даромадани роҳи оҳани Бухоро—Тирмиз дар Тирмиз истода Норбибишро тарбия кард. Баъд аз революцияи Бухоро ва гурехтани амир, ӯ дар қаравулхонае, ки шавҳараш қаравулӣ мекард, посбон шуд.

Дар вақти 8-сола шудани Норбибиш бекасӣ, доғи фарзанд ва марги шавҳар ба Мария бисёр зӯр овард. Ӯ хост, ки ба Самара (Куйбышеви ҳозира) ба пеши хешовандонаш кӯчад. Аммо бо худ бурдани Норбибишро, ки фарзанди як шахси маҳаллӣ ва тарбияёфтан як вилояти серофтоб буд, муносиб надид ва ӯро ба сағирхонае, ки дар застава дар лаби дарёи Аму, дар таҳти шефии ташкилоти комсомол кушода шуда буд, супурда худ ба сафар баромад.

Хати снёҳчае, ки дар паси гардани Норбибиш дида мешуд, асари он сӯхтан намад буд, ки дар вақти сесолагиаш ба чои захми шамшер пахш карда буданд.

## VII

Ятим -Мурод дар сағирхона 4 сол тарбия ёфта бар болои хату савод баровардан, баробари программаи мактаби ҳафтсола маълумоти умумӣ ҳам гирифт, ӯ ҳар рӯз, баъд аз гузаштани ҷадвали дарси ҳаррӯза барои маълумотгирӣ ба тарзи хусуси ҳам кӯшиш мекард. Ба сабаби калон будани солаш, дарсхонии зиёда аз программа ба сиҳатии ӯ халал намерасонид.

Дар вақтҳои хату саводбарориаш, дар дарсҳои берун аз программа ва тайёр кардани дарсҳо ба ӯ Норбибиш ёрӣ медода бошад, дар вақтҳои боло рафтани маълумоташ барои вай ёридиҳандагони дигар ҳам пайдо шуданд: дар ин вақтҳо, чунон ки ба ӯ Қурбон ёрӣ медод, сардори дастаи ихтиёрии комсомолон, ки Қурбонҳоро аз дасти босмачиён халос карда буд, инчунин ёрии худро аз вай дареғ намедошт.

Дар ин вақтҳо Семён Семёнович ба сафи партия дароmadагӣ буд ва ба ташкилоти комсомол, ки дар байни сарҳадчиён буд, роҳбарӣ мекард. Ӯ бачагони сағирхонаро, ки дар таҳти шефии комсомол буд, бо рӯҳи интернационалӣ, бо рӯҳи коммунистӣ (большевикӣ) тарбия карда, онҳоро ба дараҷаи ба комсомол лоиқ шудан мерасонид.

Семён Семёнович як ҷавони зардинарӯи доғи кунҷидакдори кабудчашми дӯстрӯй ва мулоимгуфтор буда, баробари ин, гуфтаҳояш ҷиддӣ ва қатъӣ буд. Ӯ ҳамаи қувват ва ҳиммати худро ба корҳои умумӣ дода буд ва корҳои шахсии худро ҳам ба корҳои умумӣ мувофиқ карда мебурд. Ӯ кӯшиш мекард, ки ҳар як ҷавонро барои ҷонишини содиқи коммунистон шудан сазовор карда расонад.

Семён Семёновичро ба русӣ хоҳ ҳамсолони худаш бошанд, хоҳ калонсолон ва хоҳ бачагони хурдсол «Сеня» мегуфтанд. Мардумони маҳаллӣ бошанд, ин калимаро «сина», яъне аъзои бадани одамӣ фаҳмида «ҳақиқатан ин ҷавон синаи одамист, ки дил дар даруни вай меистад ва ё нӯги пистон аст, ки хурдсолонро «шир» дода ба воя мерасонад» мегуфтанд.

Ятим-Мурод бештарин маълумоти умумӣ ва тарбияи сиёсии худро аз ҳамин Сеня гирифт ва Сеня

ӯро ба дараҷае, ки барои ба комсомол даромадан лаёқат пайдо кунад, тарбия карда расонид.

* * *

Ятим-Мурод баробари хондан ва тарбияи сиёсӣ гирифтан бо корҳои димоғӣ ва майнагӣ — ба корҳои физкультура ва спорт ҳам бисьёр машғулӣ мекард. Ӯ, ки киштиронӣ ва гупсар саворшавиро кайҳо омӯхта буд, дар ин корҳо боз ҳам зиёдтар машғулӣ карда, дар зер ва рӯи об моҳӣ барин мегаштагӣ шуд. Ӯ на танҳо бо киштӣ ва гупсар дарьёгардӣ мекард, балки дар дарьёи Аму барин як оби тезгард бо дасту пои худ обро бурида ба муқобили омади об ҳам шиноварӣ карда метавонист, ҳатто дар зери он оби тезгард монанди ғаввосони моҳир фурӯ рафта дар як ҷо меистод ва ба ҳар тараф мерафт. Ӯ ҳақиқатан ҳам дар ин ҳунар моҳир шуда буд.

Ятим-Мурод ғайр аз спорти об, машқи ҷанг ҳам мекард, ӯ тирандозӣ, аспсаворӣ, шамшерзанӣ ва гранатаандозиро меомӯхт.

Дар машқи ҷанг ба Ятим Юрий Сенчиков ном як ҷавон ёрӣ медод. Юрий Сенчиков командири хурди полки саворӣ буда, дар ташкилоти комсомолии ин полк котиб ҳам буд. Сенчиков гӯё аз диловарӣ, аз қаҳрамонӣ, аз муҳаббати ватани социалистӣ, аз дӯстдории одамхо сохта шуда буд. Ӯ ҳамеша ба фидо кардани ҳаёти худ барои нигоҳдории ҳаёти дигарон, ки барои мудофиаи Ватан, ё сохтмони социалистӣ ба кор оянд, тайёр буд.

Ӯ ҳамеша бачагони калонсолтарро дар гирди худ ҷун карда, ба онҳо машқи ҷангро меомӯхт ва дар айни ҳол кӯшиш мекард, ки ҳамаи сифатҳои хуби худро ҳам ба онҳо гузаронад.

Юрий Сенчиков дар ҷангҳои ба муқобили босмачиён ҳамеша дар сафи пеш мегашт. Дар вақтҳое, ки атроф осуда бошад, вақти худро бо сарҳадчиён мегузаронид ва дар амалиёти сарҳаддорӣ ҳамроҳӣ мекард. Дар ин гуна вақтҳо бачагони калонсоли сағирхонаеро, ки дар сарҳад буд, машқи ҷанг меомӯхт.

Ятим ҳам ана аз ҳамин кас таълимоти ҳарбӣ гирифт ва нозукиҳои илми ҳарбиро бо амалиёти вай аз ӯ омӯхт.

* * *

Ятим-Мурод дар 18-солагии худ ба комсомол даромад, дар вақти ба комсомол даромадани ӯ ҳам, котиби ташкилоти комсомолии сарҳадчиён Семён Семёнович — Сеня буд.

Дар мачлиси бюрои ташкилоти комсомолии сарҳадчиён, ки аризаи дар бораи ба комсомол даромадан додаи Ятим-Мурод дида мешуд, Сеня аз ӯ пурсид:

— Мақсадат аз даромадан ба комсомол чист?

— Мақсадам аз даромадан ба комсомол дар сохтмони социалистӣ боз ҳам ҷиддитар кор кардан, ба тарафи коммунизм раҳсипор гардидан, ба муқобили душманони халқ, ки ба ин роҳ монеъ шудан мехоҳанд, мубориза бурдан ва ба ҳамин тариқа барои фарзанди Ленин — Сталин шудан, барои ҷонишини содиқи коммунистон шудан лаёқат пайдо кардан аст,— гуфт Ятим-Мурод ва сухани худро давом дода илова кард: — ман бояд, ки аз ҳар кор пештар сарҳадчӣ шуда ба муқобили ҷосусони хориҷӣ, ба муқобили босмачиён, ки агентҳои душманони хориҷӣ ва дохилианд ва ба муқобили ҳомиёни онҳо яроқ ба даст гирифта биҷангам.

Аз ҳар кор пештар сарҳадчӣ шуда ба муқобили босмачиён ва ҷосусон ҷангиданро ҳоҳиш кардани Ятим тасодуфӣ набуд: дар он вақтҳо дар дохили мамлакат шайкаҳои калони босмачиён намонда бошанд ҳам, босмачиҳои ҷудогона, тӯдаҳои хурд-хурди онҳо буданд, ки бо босмачиёни гуреза шуда ба хориҷа рафтагӣ, бо амир ва бо ҷосусони хориҷӣ алоқа баста, дар даруни хоки советӣ вайронкориҳо мекарданд. Дар мубориза кардан ба муқобили онҳо сарҳадчигӣ роли калоне бозӣ мекард.

Ана ҳамин тарз шуда Ятим-Мурод ҳам ба комсомол даромад ва ҳам сарҳадчӣ шуд.

## VIII

Дар баҳори соли 1931 Иброҳимбек қӯрбошии босмачӣ, ки дар хориҷ гуреза буд, пинҳонӣ аз сарҳадди мо гузашта, дар хоки Тоҷикистони советӣ вайронко-

риро сар кард. Ӯ рӯ ба рӯи аскарони сурх ва партизанҳои сурх рӯйрост баромада натавонад ҳам, деҳқонони камбағали танҳо ба дасташ афтодаро мекушт, ба номуси занон ва духтарони беҳомӣ бо одамони вахшии худ ҳуҷум мекард, анборҳои колхозҳо ва дӯконҳои кооперативиро тороҷ мекард, қаравулони онҳоро мекушт.

Аммо ҳамаи меҳнаткашон ба муқобили ӯ хеста буданд, хоҳ дар районҳои Тоҷикистон бошад, хоҳ дар районҳои ба сарҳад наздики Ӯзбекистон деҳқонони меҳнаткаш ва колхозчиён аз байни худашон дастаҳои калтакдорони сурх ташкил дода Иброҳимбекро мекофтанд ва барои дастгир кардани ӯ кӯшиш мекарданд.

Лекин Иброҳимбек монанди мор ва каждум ҳамеша дар сӯрохиҳо, дар ғорҳо ва дар байни харсангҳои қуллаҳои кӯҳҳо мехазид ва мегурехт.

Иброҳимбекро дар дохили мамлакати советӣ ҳеҷ як такьягоҳе намонда буд, лекин хӯҷаинони ӯ, ки дар хориҷ буданд, бо роҳи гурезагӣ (контрабандистӣ) ҳамеша ба ӯ яроқ ва қувваҳои ҷиннок фиристода меистоданд.

Сабаб ин буд, ки дар он сол кори сарҳадчиён зиёда бисьёр ва зиёда ҷавобгаринок шуда буд. Онҳо хоби худро аз ёд бароварда ва ҳар як мӯи баданашонро як чашм карда сарҳадро мепоиданд ва дидбонӣ мекарданд.

Дар ҳамин қатор Ятим-Мурод, Қурбон, Никитин ва Наврӯз ном як ҷавон, ки ба кори сарҳаддорӣ ба тозагӣ даромада буд, дар зери дасти Семён Семёнович (Сеня) шабу рӯз нахобида, аз найзор ба найзор ва аз лойдон ба лойдон медавиданд, контрабандистҳоро медоштанд ва бо шайкаҳои ба ҳудуд наздикомадан босмачиён меҷангиданд.

Юрий Сенчиков бошад, бо взводи худ гоҳо ба районҳо баромада, ба шайкаҳои босмачиён меҷангид ва гоҳо ба сарҳад омада, ба корҳои Ятим ва Сеня ёрӣ медод ва ӯ дар ҳар ҷое ки мудофиаи Ватани социалистӣ талаб кунад, дарров ҳозир мешуд.

* * *

Дар вақтҳои охир дар гурӯҳи Семён Семёнович як духтар пайдо шуд. Ин духтар акнун 17-сола шуда

бошад ҳам, дар шуҷоат ва қаҳрамонӣ бо писарони 25-солаи диловар баробарӣ мекард. Ӯ як духтари мешчашми сафедрӯи ҷингиламӯи миёнақомати пуррабадане буд. Ҳалқаҳои мӯи хурмоирангаш ба рӯи абрӯи каҷи сиёҳчааш афтода, дил ва дидаи бинандаро ба пешонаи ӯ банд мекард.

Ҳар кас мехост бо он духтар гап занад, шӯхӣ ва бозӣ кунад. Лекин ӯ аз ҳар гуна шӯхӣ ва аз ҳар гуна бозӣ худдорӣ мекард. Кӣ медонад, барои чӣ бошад, дар симои вай як асари ғам ва андӯҳ намоён буд, ки мо ин гуна асарро ба ҳеҷ як ҷавони советӣ надидаем.

Рафиқонаш ҳар вақт кӯшиш мекарданд, ки ӯро хурсанд кунанд, дар вақтҳои дамгирӣ дар пеши ӯ бозиҳо ташкил мекарданд ва ҳар гуна ҳикояҳои аҷибу ғариб мегуфтанд ва мешуниданд, ки шояд бо ин корҳо асари бедимоғиро аз вай ягон дақиқа ҳам бошад, бартараф кунанд.

Лекин ӯ ба ин гуна корҳо ҳеҷ илтифот намекард, монанди одамони мадҳуш ба ҳар чиз бепарвоёна муомила мекард. Аммо вақте ки ягон кори оид ба сарҳаддорӣ шавад, аз ҳама пештар ба майдон медаромад ва худро ба ҳар ҷои таҳлукаҷок беибоёна мезад. Ҳатто ӯ дар ин гуна корҳо рухсат ва фармони командирро ҳам мунтазир шуда намеистод. Ӯ чанд бор барои бе рухсати командир кор карданаш танбеҳ ва ҷазои ҳарбӣ гирифта бошад ҳам, боз ягон воқеа рӯй диҳад, рухсат ва фармонро фаромӯш карда, худро ба миён мезад.

Ин духтарак дар 15-ӯми моҳи апрели соли 1931 мактаберо, ки дар вай мехонд, якбора тарк карда, бе рухсати дирекцияи мактаб аз Тошканд ба сарҳад омада, ба кори сарҳаддорӣ даромада буд.

Воқеаи мактабро тарк кардани ин духтарак ба ин тариқа рӯй дода буд:

Дар Тошканд, дар техникуми тарбияву таълим дар соати 12 рӯз шогирдон барои танаффуси 20-дақиқагӣ аз синф баромаданд. Онҳо барои зудтар нӯшидани чой якдигарро паҳлу зада ба сари буфет давиданд.

Дар ҳамин вақт ба зали дамгирии мактаб почтачӣ даромада омад. Як қисм талабагоне, ки дуртар аз

риро сар кард. Ӯ рӯ ба рӯи аскарони сурх ва партизанҳои сурх рӯйрост баромада натавонад ҳам, деҳқонони камбағали танҳо ба дасташ афтодаро мекушт, ба номуси занон ва духтарони беҳомӣ бо одамони вахшии худ ҳуҷум мекард, анборҳои колхозҳо ва дӯконҳои кооперативиро тороҷ мекард, қаравулони онҳоро мекушт.

Аммо ҳамаи меҳнаткашон ба муқобили ӯ хеста буданд, хоҳ дар районҳои Тоҷикистон бошад, хоҳ дар районҳои ба сарҳад наздики Ӯзбекистон деҳқонони меҳнаткаш ва колхозчиён аз байни худашон дастаҳои калтакдорони сурх ташкил дода Иброҳимбекро мекофтанд ва барои дастгир кардани ӯ кӯшиш мекарданд.

Лекин Иброҳимбек монанди мор ва каждум ҳамеша дар сӯрохиҳо, дар ғорҳо ва дар байни харсангҳои қуллаҳои кӯҳҳо мехазид ва мегурехт.

Иброҳимбекро дар дохили мамлакати советӣ ҳеч як такьягоҳе намонда буд, лекин хӯҷаинони ӯ, ки дар хориҷ буданд, бо роҳи гурезагӣ (контрабандистӣ) ҳамеша ба ӯ яроқ ва қувваҳои ҷонкок фиристода меистоданд.

Сабаб ин буд, ки дар он сол кори сарҳадчиён зиёда бисьёр ва зиёда ҷавобгаринок шуда буд. Онҳо хоби худро аз ёд бароварда ва ҳар як мӯи баданашонро як чашм карда сарҳадро мепоиданд ва дидбонӣ мекарданд.

Дар ҳамин қатор Ятим-Мурод, Қурбон, Никитин ва Наврӯз ном як ҷавон, ки ба кори сарҳаддорӣ ба тозагӣ даромада буд, дар зери дасти Семён Семёнович (Сеня) шабу рӯз нахобида, аз найзор ба найзор ва аз лойдон ба лойдон медавиданд, контрабандистҳоро медоштанд ва бо шайкаҳои ба ҳудуд наздикомадаи босмачиён меҷангиданд.

Юрий Сенчиков бошад, бо взводи худ гоҳо ба районҳо баромада, ба шайкаҳои босмачиён меҷангид ва гоҳо ба сарҳад омада, ба корҳои Ятим ва Сеня ёрӣ медод ва ӯ дар ҳар ҷое ки мудофиаи Ватани социалистӣ талаб кунад, даррав ҳозир мешуд.

* * *

Дар вақтҳои охир дар гурӯҳи Семён Семёнович як духтар пайдо шуд. Ин духтар акнун 17-сола шуда

бошад ҳам, дар шуҷоат ва қаҳрамонӣ бо писарони 25-солаи диловар баробарӣ мекард. Ӯ як духтари мешчашми сафедрӯи ҷингиламӯи миёнақомати пуррабадане буд. Ҳалқаҳои мӯи хурмоирангаш ба рӯи абрӯи качи сиёҳчааш афтода, дил ва дидаи бинандаро ба пешонаи ӯ банд мекард.

Ҳар кас мехост бо он духтар гап занад, шӯхӣ ва бозӣ кунад. Лекин ӯ аз ҳар гуна шӯхӣ ва аз ҳар гуна бозӣ худдорӣ мекард. Кӣ медонад, барои чӣ бошад, дар симои вай як асари ғам ва андӯҳ намоён буд, ки мо ин гуна асарро ба ҳеч як ҷавони советӣ надидаем.

Рафиқонаш ҳар вақт кӯшиш мекарданд, ки ӯро хурсанд кунанд, дар вақтҳои дамгирӣ дар пеши ӯ бозиҳо ташкил мекарданд ва ҳар гуна ҳикояҳои аҷибу ғариб мегуфтанд ва мешуниданд, ки шояд бо ин корҳо асари бедимоғиро аз вай ягон дақиқа ҳам бошад, бартараф кунанд.

Лекин ӯ ба ин гуна корҳо ҳеч илтифот намекард, монанди одамони мадҳуш ба ҳар чиз бепарвоёна муомила мекард. Аммо вақте ки ягон кори оид ба сарҳаддорӣ шавад, аз ҳама пештар ба майдон медаромад ва худро ба ҳар ҷои таҳлуканок беибоёна мезад. Ҳатто ӯ дар ин гуна корҳо рухсат ва фармони командирро ҳам мунтазир шуда наменстод. Ӯ чанд бор барои бе рухсати командир кор карданаш танбеҳ ва ҷазои ҳарбӣ гирифта бошад ҳам, боз ягон воқеа рӯй диҳад, рухсат ва фармонро фаромӯш карда, худро ба миён мезад.

Ин духтарак дар 15-ӯми моҳи апрели соли 1931 мактаберо, ки дар вай мехонд, якбора тарк карда, бе рухсати дирекцияи мактаб аз Тошканд ба сарҳад омада, ба кори сарҳаддорӣ даромада буд.

Воқеаи мактабро тарк кардани ин духтарак ба ин тариқа рӯй дода буд:

Дар Тошканд, дар техникуми тарбияву таълим дар соати 12 рӯз шогирдон барои танаффуси 20-дақиқагӣ аз синф баромаданд. Онҳо барои зудтар нӯшидани чой якдигарро паҳлу зада ба сари буфет давиданд.

Дар ҳамин вақт ба зали дамгирии мактаб почтачӣ даромада омад. Як қисм талабагоне, ки дуртар аз

Тошканд хешовандонашон буда аз онҳо нигарони хат буданд, пеши буфетро холӣ карда ба тарафи почтачӣ давиданд.

Талабагон ба почтачӣ роҳ ва фурсат намедоданд, ки ӯ ягон-ягон адреси рӯи конвертҳоро хонда ба соҳибонашон супорад: онҳо ӯро печонда гирифта «Оё ба ман хат ҳаст? Магар имрӯз ҳам барои ман хат наёвардӣ, рафиқ? Дер вақт аст, ки ман аз хона хат нагирифтаам...» гӯён сари почтачиро гиҷ мекарданд.

Аз байни шогирдон танҳо он духтарак буд, ки гап назада ва дар боран кадом як чиз фикр карда рост меистод...

Почтачӣ ба рӯи конверт нигоҳ карда истода:

— Сенчикова Наташа кист? — гуфта пурсид.

— Ҳаст, ман — гӯён он духтарак ба почтачӣ наздик шуда дасти зебои пурмушаки худро ба тарафи ӯ дароз кард.

Дасти духтарак бо вуҷуди сермушакӣ ва боқувватӣ дар вақти дароз кардан ларзид ва ин ларзиш то вақте ки конвертро аз дасти почтачӣ гирифта бар рӯи вай чашм андохт, давом кард. Баъд аз он, ки духтарак конвертро хонд, ларзиши баданаш ором гирифта ба лабони ғунчамонандаш нимшукуфтагӣ пайдо шуд ва як нафаси ором кашида дар дили худ:

— «Шукр, саломат будааст. Хат аз номи худаш» — гуфт ва ба канорае рафта, дар рӯи нимкате нишаст, ки конвертро кушода хатро хонад.

Бар рӯи конверт як мӯҳри сегӯшаи ҳарбӣ пахш кардагӣ буд, ки мактуб ба воситаи он мӯҳр бемарка — бепул омадааст. Духтарак баъд аз он, ки як бори дигар рӯи конвертро хонд, як тарафи вайро дарронда аз даруни вай хатро баровард. Хат дар як парча когази блокнот бо қалами қариндош дар вақти тангӣ ва изтироб навишта шудагӣ барин буд, ки базӯр хонда мешуд.

Духтарак бо дидани ин гуна нақши қалам боз ба парешонҳолӣ афтода чашмашро ба охири мактуб давонд ва бо оромӣ худ ба худ:

— «Имзои худаш» — гуфт ва ба хондани хат даромад. Хат ба забони русӣ навишта шуда буд, ки мо мазмуни тоҷикии вайро дар ин ҷо менависем:

Азизам Наташа!

Ман медонам, ки ту бо хондани ин хат дар ғаму кулфати бисьёр сахте меафтӣ. Лекин ман умедворам, ки ту ҳар ғамро большевикона аз худ дур карда, бабардошт шавӣ.

Ман ин хатро дар вақте менависам, ки гирду пешамро як гурӯҳи калони гургон — босмачиён гирифтаанд. Зиндагонии ман аз чанд дақиқа беш намондааст. Ман барои халос кардани взводи худ ҷони худро фидо кардам. Чунки агар онҳо саломат монанд, то зиндаанд дар роҳи мудофиаи Ватани социалистиамон ва дар роҳи сохтмони социалистиамон хизмат хоҳанд кард. Аммо бо фидо шудани ман сафи мудофиаи Ватан ва сафи сохтмони социалистӣ танҳо як шахсро гум мекунад. Зинда бод Ватани социалистӣ! Зинда бод партияи большевикӣ! Зинда бод комсомоли ленинӣ-сталинӣ, ки ҷонишини содиқи партияи Ленин — Сталин аст!

Наташаи азиз! Аз ту дубора хоҳиш мекунам, сабр кун, бабардошт бош! Ин хабарро ба модарам нарасон ва аз номи ман хатҳои сохта карда ба ӯ нишон дода ӯро тасаллӣ дода гард.

Бо салом ва видои охирин баробари ҷон дӯстдорандаат: Юрий. Ниёзбулоғ, 8/IV—31.

Наташа баъд аз хондани ин мактуб гӯё, ки ӯро ба рӯи нимкат мех карда монда бошанд, дар он ҷо беҳаракат шуда монд, пеши чашмашро пардаи сиёҳе гирифт, ки чизеро намедид. Аммо аз хуш нарафата буд. Зеро агар мадҳуш мешуд, бояд аз рӯи нимкат меғалтид. Лекин чун мадҳушон чизеро намефаҳмид ва ҳис намекард, ки дар зал чиҳо шуда истодааст.

Як вақт чашмашро кушод ки дар зали дамгирӣ касе нест, почтачӣ рафтааст, пеши буфет ҳам холӣ шудааст, шогирдон ба синфҳо даромадаанд ва дарс давом мекунад.

Ӯ аз ҷояш рост хеста истода боз як бори дигар мактубро аз назараш гузаронид. Баданаш ларзид. Лекин ин ларзиш аз тарс набуда, балки аз шиддати хашм ва оташинӣ буд, чашмони гӯсфандии нармнигоҳи ӯ монанди чашми шери ба ҷанг тайёршудаистода, бо оташи ғазаб шуълавар гардиданд.

Тошканд хешовандонашон буда аз онҳо нигарони хат буданд, пеши буфетро холӣ карда ба тарафи почтачи давиданд.

Талабагон ба почтачӣ роҳ ва фурсат намедоданд, ки ӯ ягон-ягон адреси рӯи конвертҳоро хонда ба соҳибонашон супорад: онҳо ӯро печонда гирифта «Оё ба ман хат ҳаст? Магар имрӯз ҳам барои ман хат наёвардӣ, рафиқ? Дер вақт аст, ки ман аз хона хат нагирифтаам...» гӯён сари почтачиро гич мекарданд.

Аз байни шогирдон танҳо он духтарак буд, ки гап назада ва дар бораи кадом як чиз фикр карда рост меистод...

Почтачӣ ба рӯи конверт нигоҳ карда истода:

— Сенчикова Наташа кист? — гуфта пурсид.

— Ҳаст, ман — гӯён он духтарак ба почтачӣ наздик шуда дасти зебои пурмушаки худро ба тарафи ӯ дароз кард.

Дасти духтарак бо вуҷуди сермушакӣ ва боқувватӣ дар вақти дароз кардан ларзид ва ин ларзиш то вақте ки конвертро аз дасти почтачӣ гирифта бар рӯи вай чашм андохт, давом кард. Баъд аз он, ки духтарак конвертро хонд, ларзиши баданаш ором гирифта ба лабони ғунчамонандаш нимшукуфтагӣ пайдо шуд ва як нафаси ором кашида дар дили худ:

— «Шукр, саломат будааст. Хат аз номи худаш» — гуфт ва ба канорае рафта, дар рӯи нимкате нишаст, ки конвертро кушода хатро хонад.

Бар рӯи конверт як мӯҳри сегӯшаи ҳарбӣ пахш кардагӣ буд, ки мактуб ба воситаи он мӯҳр бемарка — бепул омадааст. Духтарак баъд аз он, ки як бори дигар рӯи конвертро хонд, як тарафи вайро дарронда аз даруни вай хатро баровард. Хат дар як парча коғази блокнот бо қалами қариндош дар вақти тангӣ ва изтироб навишта шудагӣ барин буд, ки базӯр хонда мешуд.

Духтарак бо дидани ин гуна нақши қалам боз ба парешонҳолӣ афтода чашмашро ба охири мактуб давонд ва бо оромӣ худ ба худ:

— «Имзои худаш» — гуфт ва ба хондани хат даромад. Хат ба забони русӣ навишта шуда буд, ки мо мазмуни тоҷикии вайро дар ин ҷо менависем:

Азизам Наташа!

Ман медонам, ки ту бо хондани ин хат дар ғаму кулфати бисёр сахте меафтӣ. Лекин ман умедворам, ки ту ҳар ғамро большевикона аз худ дур карда, бабардошт шавӣ.

Ман ин хатро дар вакте менависам, ки гирду пешамро як гурӯҳи калони ғургон — босмачиён гирифтаанд. Зиндагонии ман аз чанд дақиқа беш намондааст. Ман барои халос кардани взводи худ чони худро фидо кардам. Чунки агар онҳо саломат монанд, то зиндаанд дар роҳи мудофиаи Ватани социалистиамон ва дар роҳи сохтмони социалистиамон хизмат хоҳанд кард. Аммо бо фидо шудани ман сафи мудофиаи Ватан ва сафи сохтмони социалистӣ танҳо як шахсро гум мекунад. Зинда бод Ватани социалистӣ! Зинда бод партияи большевикӣ! Зинда бод комсомоли ленинӣ-сталинӣ, ки чонишини содиқи партияи Ленин — Сталин аст!

Наташаи азиз! Аз ту дубора хоҳиш мекунам, сабр кун, бабардошт бош! Ин хабарро ба модарам нарасон ва аз номи ман хатҳои сохта карда ба ӯ нишон дода ӯро тасаллӣ дода гард.

Бо салом ва видои охирини баробари чон дӯстдорандаат: Юрий. Ниёзбулоғ, 8/IV—31.

Наташа баъд аз хондани ин мактуб гӯё, ки ӯро ба рӯи нимкат мех карда монда бошанд, дар он чо беҳаракат шуда монд, пеши чашмашро пардаи сиёҳе гирифт, ки чизеро намедид. Аммо аз ҳуш нарафата буд. Зеро агар мадҳуш мешуд, бояд аз рӯи нимкат меғалтид. Лекин чун мадҳушон чизеро намефаҳмид ва ҳис намекард, ки дар зал чиҳо шуда истодааст.

Як вакт чашмашро кушод ки дар зали дамгирӣ касе нест, почтачӣ рафтааст, пеши буфет ҳам холӣ шудааст, шогирдон ба синфҳо даромадаанд ва дарс давом мекунад.

Ӯ аз чояш рост хеста истода боз як бори дигар мактубро аз назараш гузаронид. Баданаш ларзид. Лекин ин ларзиш аз тарс набуда, балки аз шиддати хашм ва оташинӣ буд, чашмони гӯсфандии нармнигоҳи ӯ монанди чашми шери ба ҷанг тайёршудаистода, бо оташи ғазаб шӯълавар гардиданд.

кунем, ҷанг як ҷанги мағлуба шуд. Дар ин гуна ҷанг ба ҷои тир, қундоқ ва сарнайзаи милтиқ ва ҳам дами шамшер кор мекард.

Сенчиков пешҷанги взвод шуда дар ҳар тохт сари чанд босмачиро аз танаашон ҷудо мекард.

Сенчиков ҷангро давом кунонда истода кӯшиш мекард, ки майдони ҷангро ба ҷои мувофиқе барад, то ки взводро дар он ҷо ба шинак кашида бо босмачиён ҷангро ғолибона давом кунонда тавонад.

Лекин соат ба соат ба босмачиён қувват ва ёрии нав ба нав меомад ва ҳар боре, ки ба босмачиён қувваи нав меомад, аҳволи взвод боз ҳам вазнинтар ва тангтар мешуд.

Сенчиков ҷангро давом кунонда истода, кӯшиш мекард, ки бурд кунад. Ӯ мехост, ки взводи худро ба болои тал кашида дар он ҷо шинак сохта ҷангро давом диҳад.

Аммо ин, муяссар нашуд: босмачиён бо қуввате, ки ба онҳо ба тозагӣ омада буд, гирдо-гирди взводро ҳалқавор печонда гирифтанд, роҳи умеди халосии взвод тамоман баста шуд.

Сенчиков, ки барои халос кардани взвод роҳ меҷуст, фикре ба хотираш расида ба взвод команда дод, ки худро ба болои тал кашад. Аммо роҳе набуд, ки взвод аз он ҷо ба тал бароял.

Сенчиков баъд аз додани ин команда аспи худро давонда ба тарафи муқобили тал рафт. Босмачиён, ки бештарин қувваи худро барои бастани роҳи тал партофта, тарафи муқобили онро тунуктар гузошта буданд, ба ҳамлаи шеронаи Сенчиков истодагарӣ карда натавонистанд.

Сенчиков ҳалқаи босмачиёнро аз он тараф дарронда баромада, худро ба канорае гирифт. Аз паи Сенчиков ҷилавдори (коноводи) ӯ ҳам гирогир асп медавонд. Аммо ӯ коноводро аз роҳ гардонд ва худ ба танҳой рафт.

Босмачиён гурехтани Сенчиковро дида аз дунболи ӯ пеш карданд. Лекин ҳар вақт, ки босмачиён ба вай наздик мешуданд, ӯ сари аспи худро гардонда пеши роҳи онҳоро мегирифт ва бо як ҳамлаи диловарона як-ду нафари онҳоро мегалтонд.

Ӯ хайли бародари ба ҷон баробараш — Юрийро ба пеши чашмаш оварда ба ӯ гуфт:

— «Ту ҷони худро ба ҷони фидо карай, офарин бародари қаҳрамонам. Лекин ту як ҷои мактубатро нодуруст навиштӣ, ту навиштаӣ ки «...бо фидо шудани ман сафи мудофиаи Ватан... танҳо як шахсро гум мекунад...» Ин нодуруст аст, балки фидо шудани ту ба сафи мудофиаи ватан садҳо, ҳазорҳо ҷавонони қаҳрамонро мекашад. Аввалин касе, ки бо фидо шудани ту ба сафи мудофиаи Ватан ҷои туро пур мекунад, ман мебошам».

Наташа баъд аз ин гуфтугузори хайлӣ, ва ба касе гап зад, на ба пеши директори мактаб даромада рухсат талабид ва на шарикдарсони худро дида хушбошӣ кард, балки аз дари мактаб баромада рост ба вокзал рафт. Аз он ҷо ба номи модараш «ман ба сабаби бо телеграф хабар задани бародарам ба пеши ӯ рафтам ва фурсат нашуд, ки шуморо дида видоъ кунам. Мебахшед. Аз он ҷо як хати батафсил менависам» гуфта як хат партофт ва ба поезд нишаста ба сарҳаде, ки бародараш дар наздикии он қурбон шуда буд, рафт.

## IX

Дар 8-ӯми моҳи апрели соли 1931 Юрий Сенчиков барои мубориза кардан ба муқобили босмачиён, бо взводи худ ба район баромада буд. Нафарони взводи Сенчиков ҳамагӣ комсомолец буданд ва худи ӯ ҳам котиби ташкилоти комсомолии полки савора буд.

Сенчиков дар қишлоқи Ниёзбулоғ (дар райони Данғара) ба як тӯдаи калони босмачиёни ҷогаҳоӣ вохӯрд. Шумораи босмачиён қариб 20 баробари шумораи нафарони взвод буд. Сенчиков фурсат наёфт, ки дар ҷое шинак сохта дар он ҷо истода бо босмачиён биҷангад. Ӯ маҷбур шуд, ки дар майдони кушода ба ҷанг дарояд.

Дар аввал, ҷанг бо милтиқ ва пулемёт рафта бошад ҳам, босмачиён аз камии нафарони взвод ва аз бисёрии худ фоида бурда ба взвод наздик омада, бо вай эралаш шуданд. Агар бо таъбири оммагӣ ифода

кунем, ҷанг як ҷанги мағлуба шуд. Дар ин гуна ҷанг ба ҷои тир, кундоқ ва сарнайзаи милтиқ ва ҳам дами шамшер кор мекард.

Сенчиков пешҷанги взвод шуда дар ҳар тохт сари чанд босмачиро аз танаашон ҷудо мекард.

Сенчиков ҷангро давом кунонда истода кӯшиш мекард, ки майдони ҷангро ба ҷои мувофиқе барад, то ки взводро дар он ҷо ба шинак кашида бо босмачиён ҷангро ғолибона давом кунонда тавонад.

Лекин соат ба соат ба босмачиён қувват ва ёрии нав ба нав меомад ва ҳар боре, ки ба босмачиён қувваи нав меомад, аҳволи взвод боз ҳам вазнинтар ва тангтар мешуд.

Сенчиков ҷангро давом кунонда истода, кӯшиш мекард, ки бурд кунад. Ў мехост, ки взводи худро ба болои тал кашида дар он ҷо шинак сохта ҷангро давом диҳад.

Аммо ин, муяссар нашуд: босмачиён бо қуввате, ки ба онҳо ба тозагӣ омада буд, гирдо-гирди взводро ҳалқавор печонда гирифтанд, роҳи умеди халосии взвод тамоман баста шуд.

Сенчиков, ки барои халос кардани взвод роҳ меҷуст, фикре ба хотираш расида ба взвод команда дод, ки худро ба болои тал кашад. Аммо роҳе набуд, ки взвод аз он ҷо ба тал барояд.

Сенчиков баъд аз додани ин команда аспи худро давонда ба тарафи муқобили тал рафт. Босмачиён, ки бештарин қувваи худро барои бастани роҳи тал партофта, тарафи муқобили онро тунуктар гузошта буданд, ба ҳамлаи шеронаи Сенчиков истодагарӣ карда натавонистанд.

Сенчиков ҳалқаи босмачиёнро аз он тараф дарронда баромада, худро ба канорае гирифт. Аз паи Сенчиков ҷилавдори (коноводи) ў ҳам гирогир асп медавонд. Аммо ў коноводро аз роҳ гардонд ва худ ба танҳоӣ рафт.

Босмачиён гурехтани Сенчиковро дида аз дунболи ў пеш карданд. Лекин ҳар вақт, ки босмачиён ба вай наздик мешуданд, ў сари аспи худро гардонда пеши роҳи онҳоро мегирифт ва бо як ҳамлаи диловарона як-ду нафари онҳоро меғалтонд.

Босмачиён пас гашта мегурехтанд ва бори дигар бо гурўҳе боз ҳам калонтар ўро пеш мекарданд.

Вақте ки як гурўҳи калони босмачиён аз дунболи Сенчиков афтоданд, ҳалқа тунуктар шуд ва взвод тавонист, ки сафи онҳоро дарронда ба болои тал барояд ва командаи командири худро ба чо орад.

Взвод дар болои тал шинак баста ва дар он чо паноҳ бурда босмачиёнро дар зери тирборони милтиқ ва пулемёт гирифт. Ин тирҳо кам хато мехўрданд ва босмачиёни ғулӣ шуда ҳуҷумоварандаро монанди галаи зоғҳои бо сочма зада шудагӣ ба замин мерезонданд.

Дар натиҷаи ин ҷанг босмачиён бисьёр талафот доданд ва оқибат маҷбур шуданд, ки пароканда шуда гурезанд.

Нафарони взвод аз дунболи онҳо асп монда, дар вақти гурезашон ҳам каси бисьёреро аз онҳо кушта ва маҷрўҳ карданд.

Вақте ки взвод босмачиёнро торумор карда ба болои теппа ғун шуд, командири худ — Сенчиковро дар миён надид.

Офтоб фурў рафта торикӣ рўи заминро фурў гирифта буд...

Взвод дар торикии шаб ҳар чанд байни мурдагон ва маҷрўҳонро кофтуков карда бошад ҳам, нишонаи Сенчиковро аз ҷое наёфт.

Нафарони взвод шабро бар болои он тал гузарониданд ва аввали пагоҳӣ бо сафед шудани рўз боз ба кофтукови командири худ даромаданд. Онҳо дар ҷустуҷўи имрўзаи худ як километр дуртар аз майдони ҷанг мурдаи ўро дар як ҷарӣ ёфтанд ва дар гирду пеши ў мурдаҳои се нафар босмачиён, ки баъзеҳошон бо тири таппонча кушта шуда ва баъзеҳошон бо шамшер қалам карда шуда буданд, мехобиданд. Маълум мешуд, ки ҳамаи онҳоро худи Сенчиков якка ва танҳо пеш аз кушта шудани худаш куштааст.

Нафарони взвод мурдаи командири худро бардоштанд, ки ба гарнизон баранд, дар вақти кофтукови либосҳои ў аз бағалаш як мактуб баромад.

Ин мактуб, ҳамон мактуб буд, ки бо хондани вай хоҳари Юрий Сенчиков — Наташа Сенчикова ба ҷои бародараш ба сафи мудофиаи Ватан давида буд.

## X

Охирҳои моҳи июни соли 1931, шабона буд. Дар осмони софи беғубор ситораҳо медурахшиданд, аксҳои ситораҳо оби софи кӯлро чароғон карда буданд. Оби дарьёи Аму мавҷзанон меғелид, мавҷи об дар чараёни худ то баландии як метр зинапояи дарозе ташкил мекард. Акси ситораҳо аз оби сурхчаи лойолуди Аму нанамояд ҳам, партави онҳо рӯи он зинаҳои обии сурхчаро монанди тиллои сайқалзадашуда медурахшонид.

Дар байни кӯл ва лаби Аму як наистони калоне пайдо шуда буд, наистони сабз, бо баргҳои ханҷармонанди зумуррадини худ, дар байни чароғони обии кӯл ва зинапояҳои тиллоии дарьё як манзараи дилрабоеро ба назарҳо ҷилва мекунонид.

Ятим, Қурбон, Никитин, Наврӯз ва Наташа дар зери сардории Семён Семёнович ин участкаро дидбонӣ мекарданд. Ятим ва Наврӯз дар як ҷо, Қурбон ва Никитин дар як ҷо, Наташа яккаву танҳо дар як ҷо истода ҳам тарафи дарьё, ҳам тарафи дашт ва ҳам даруни наистонро аз назар мегузарониданд. Онҳо дар доираҳои дидбонии худ на танҳо одамонро, ҳатто шапалакҳои шабпари дар ҳаво парвозкунандаро, моҳиҳои дар об гардандаро, кирмҳои дар мағзи хок ҳаракаткунандаро, хулоса ҳар ҷой ва ҳар чизи ҷунбандаро бо пухтагӣ ва ҳушьёрӣ аз назар мегузарониданд.

Сеня бошад, участкаи аз тарафи застава ба худаш супурдашударо соате сад бор гардида, дар ҳар бор одамони худро ба бедорӣ ва ҳушьёрӣ даъват мекард.

Ҷое, ки Ятим ва Наврӯз истода буданд, дар тарафи шарқии найзор буда, аз он ҷо, ҳам як тарафи кӯл ва ҳам лаби дарьё менамуд.

Аз шаб тахминан ду соат гузашта буд, ки дар канори кӯл як сиёҳие ба назари Ятим намуд. Сиёҳӣ бо лаб-лаби кӯл ба тарафи найзор меомад.

Ятим аз Наврӯз ҳушьёр истоданашро хоҳиш карда, худ бо торикии канори найзор ба тарафи кӯл нигоҳ карда гавак кашид. Пеш аз он, ки ӯ аз канори найзор ба канори кӯл барояд, сиёҳӣ ба гӯшаи кӯл,

ки ба наистон мепайваст, омада расид ва аз он ҷо ки обхӯраи ҳайвонот буд, поин фаромада аз назари Ятим ғоиб шуд.

Акнун ба назари Ятим одам будани он сиёҳӣ муайян шуда буд, ӯ дар об ё ин ки дар найзор даромада аз гурехта рафтани он одам тарсида аз ҷояш хест ва монанди тире ки ба тарафи нишон равад, рост ба тарафи обхӯра нигоҳ карда давид.

Ятим ба даҳанаи обхӯра расида дид, ки он одам дар лаби об нишаста дасту рӯи худро шуста истодааст, худро ба болои ӯ партофт ва монанди шаҳбозе, ки шикори худро гирад, пеш аз он, ки он одам хабардор шавад, ба пушти ӯ расида, бо ду дасти худ аз ду банди дасташ маҳкам дошта:

— Ту кистӣ? Ва дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? — гуфта пурсид.

Одами дастгиршуда, ки ба сабаби ногаҳонӣ дастгир шуданаш тарсида ва ларзида рафта буд, бо шунидани овозӣ Ятим хандиду:

— Ман ҷосусам, барои ба дасти ту афтодан ин ҷо омадам,— гуфт.

Дастони Ятим бо шунидани ин ҷавоб суст шуд ва одами пуштнокӣ дар пешаш нишастаро бар рӯ ба рӯи худ гардонда бардошт ва аз обхӯра бароварда ба баландии канори кӯл монда истода:

— Ин корат таҳлуканок аст, бечо кардӣ, ки шабона ин ҷо омадӣ,— гуфт.

Ин одам Норбибиш буд ва дар ҷавоби сухани охирини Ятим гуфт:

— Одам, каси дӯстдоштаи худашро як моҳ набинад, барои дидани ӯ аз ҳеҷ таҳлука намеандешидааст.

— Агар рӯзона меомадӣ, он қадар ҳам таҳлука набуд, ҳатто гуфта мешавад, ки ҳеҷ таҳлука набуд. Чунки бештарин сарҳаддорон туро мешиносанд. Аммо шабона? Ин бисёр таҳлуканок, ҳатто худам ҳам то шунидани овозат туро нашинохтам, агар пеш карда ба ту нарасам ва туро гурехта рафтаистода гумон кунам, аҷаб набуд, ки парронамат.

— Ин дастҳо ва ин милтиқе ки ба ин дастҳо супурда шудааст, маро намепарронанд,— гӯён Норбибиш дастони Ятимро гирифта молида истода давом

кард,— инҳо барои дастгир кардан ва парронданн Эшонкулбой ва Шокул барин душманони Ватани социалистии мо халк шудаанд.

— Хуб, чаро рӯзона наёмадӣ? — Ятим пурсид.

— Вакти имтиҳон аст. Ман бояд имсол имтиҳони давлатӣ дода, техникумро тамом кунам.

— А, имсол техникумро тамом мекунӣ?

— Бераҳм! — гуфт Норбибиш дасти Ятимро сахт ҷунбонда,— магар худат намедонӣ, ки ман имсол техникумро тамом мекунам? Медонӣ! Лекин қасдан худро ба нодонӣ мезанӣ!

Ба ростӣ намедонам, гуфт Ятим хандакунон. Лекин аз оҳанги гап заданаш ва тарзи хандааш маълум шуда меистод, ки медонад ва бинобар ин барои як қадарислоҳ кардани ин дурӯғи ошкорои худ давом кард, — дуруст, медонистам, лекин ба сабаби бисёрии кори сарҳад ва тамоман ба ин кор банд шудани фикру хаёлам, фаромӯш кардаам. Вагарна чаро қасдан ба нодонӣ занам? — гӯён Ятим боз хандид.

— Дурӯғ мегӯӣ! Қасдан худро ба нодонӣ заданатро иқрор кун! — гуфт Норбибиш бо оҳанги ҷиддӣ ва қадре оташинона.

— Чаро дурӯғ гӯям, аз қасдан худро ба нодонӣ задан ба ман чӣ фоида, ки дурӯғ гӯям?— гуфт Ятим ханда карда истода.

— Чунки аз ваъдае, ки ба ман, ба мӯҳлати баъд аз тамом кардани ман техникумро дода будӣ, гаштаӣ ва аҷаб нест, ки ба ягон касе ба тозагӣ дил дода бошӣ. «Офарин ба виҷдони комсомолӣ ва большевикии ту!» — гуфт Норбибиш.

Ятим хандаашро бас карда ҷиддиёна ба сухан даромада:

— Гӯш кун Норбибиш!— гуфт,— оре, ман он ваъдаро, ки ба ту додаам, фаромӯш накардаам. Лекин ман дар он вақт гумон карда будам, ки то тамом кардани ту техникумро ман ҳам як чанд кори муҳимми дар дил доштаамро тамом мекунам ва осудадилона бо ҳам аз рӯйхат мегузарем ва шодмонона зиндагӣ мекунем. Лекин он гумон ва тахмини ман дуруст набаромад ва ҳанӯз он корҳои муҳим, ки ман дар дил

дорам, ба анҷом нарасидаанд. Бинобар ин аз ту хоҳиш мекунам, ки мӯҳлати ваъдаи маро то ба анҷом расидани он корҳои муҳимми ман кашол диҳӣ. —Ятим Мурод дар ҳолате, ки дастонаш дар дасти Норбибиш буд, аз сухан бозистода ба тарафи дарьё нигарист ва чашмонашро ба дарьё дӯхта истода боз сухани худро давом дод:

— Вагарна ман на аз ваъдаам гаштаам ва на ба касе дил додаам ва на ба касе дил хоҳам дод!— гуфт ӯ,— дар дуньё ман ду дилдор дорам, яке аз онҳо Ватани социалистиамост, ки дар айни замон дилдори ту ҳам мебошад, дигарӣ худи ту! Вассалом. Акнун хоҳ бовар кун, хоҳ бовар накун!

Ятим-Мурод ин гапҳоро чунон бо ҷиддият гуфт, ки бовар накардани онҳо ба Норбибиш мумкин набуд ва бинобар ин ӯ ҳам бо ҷиддият:

— Бовар кардам! — гуфт,— лекин аз ту ба ман фаҳмондани он корҳои муҳимматро, ки кашол додани ваъдаатро то тамом шудани онҳо мепурсӣ, хоҳиш мекунам.

— Ин мумкин аст,— гуфт Ятим-Мурод чашмашро аз тарафи дарьё наканда,— ман бо худ аҳд бастаам: то кушандагони падарам ва ба бадбахтӣ андохтагони модарамро, ки дар айни замон душман ва бадхоҳи модари маънавиам—Ватани социалистиам мебошанд, ба даст нагалтонам, ҳеҷ як шодиро ба худ қабул накунам. Бо ту якҷоя зиндагонӣ кардан, ки беҳтарини шодиҳои ман аст, албатта, то он вақт мавқуф хоҳад монд.

— ...

Норбибиш мехост чизе гӯяд, аммо Ятим баъд аз як бори дигар ба тарафи дарьё бо диққат чашм дӯхтан:

— Исто! — гӯён ӯро аз сухан боздошт ва дасташро аз дасти ӯ кашида гирифта ба тарафи лаби дарьё нигоҳ карда, ба гавакқашӣ даромад ва сухани худро давом кунонда бо пичирросе, ки Норбибиш шунида метавонист:

— Ту дар ҳамин ҷо ба замин дароз кашида бихоб... Не, хубаш ин аст, ки ман барин гавак кашида аз дунболи ман омадан гирӣ. Лекин эҳтиёт бош, ки

агар дар ин гирду пеш касе бошад, туро набинад, — гӯён гавваккашии худро давом кунонид.

## XI

Ятим дар вакти бо Норбибиш гап зада истодани худ дар он тарафи дарьё — дар тарафи мамлакати ҳамсоя як сиёҳиеро дид, ки рост меистод. Он сиёҳӣ баъд аз қадаре рост истодан ғоиб шуд ва аз паси он боз як чанд сиёҳӣ намудор шуда ба зудӣ нопадид гардиданд.

Ятим баъд аз дидани ин аломат гуфтугузори худро бо Норбибиш давом кунонда истода бошад ҳам, чашми худро аз дарьё намеканд. Баъд аз чанд дақиқа ӯ як сиёҳиро дар даруни об дид, ки гоҳ ба назар менамуд ва гоҳо ғоиб мегардид ва лекин дар ҳар бор қадре аз наздиктар намоён мегардид.

Ин буд, ки Ятим аз ин ҳол дар шитоб ва изтироб афтода гуфтугузори худро бо Норбибиш бурид ва ба тарафи лаби дарьё нигоҳ карда гавак кашид.

Ятим, дар вакте ки ба пеши Наврӯз расид, сиёҳӣ хеле наздик омада буд ва як киштии маҳаллӣ будани он маълум мешуд. Киштӣ гоҳо бар рӯи мавҷ баромада ба назар намоён мегардид ва гоҳо ба ҳамин мавҷ фуромада аз назар пинҳон мегардид. Лекин аз оби тезро бурида рост ба тарафи канор—ба тарафи найзор нигоҳ карда омада истоданаш маълум мешуд, ки вайро як дасти пурқуввати таҷрибакоре идора карда ва бел зада меорад.

Ятим дид, ки Наврӯз пинак рафта истодааст, бо танбеҳе ӯро ҳушьёр карда, ба ӯ киштиро нишон дод ва худ хост, ки гаваккашии худро ба тарафи лаби дарьё нигоҳ кунонда давом кунонад.

Наврӯз ҳам ҳушьёр шуда нигоҳ карда киштиро дид, лекин ӯ таълимоти сарҳаддориро аз ёд бароварда гӯгирд зад ва папиросро даргиронда ба даҳонаш бурд, ки бо дуди тамоку хоби худро хубтар гурезонад.

Ятим, ки ин ҳаракати нобаҷои Наврӯзро дид, бе он ки овозе барорад, гаваккашон пас гашт ва пеши оташи папироси Наврӯзро бо домани шинели худ паноҳ карда истода папиросро аз дасти ӯ кашида ги-

рифта ба замин молида оташашро кушт ва ба ӯ бе пичирроси бисьёр паст:

— Ту хусусиятҳои сарҳаддориро қай аэхуд мекунӣ? — гуфт ва гаваккашии худро ба тарафи лаби дарьё нигоҳ карда давом кунонид.

Лекин киштинишинон бо гӯгирд задани Наврӯз дар ин ҷо одам буданро бояд фаҳмида бошанд, ки рафти киштии худро пас гардонда киштии ба соҳили мо наздикомадаро ба тарафи соҳили мамлакати ҳамсоя нигоҳ карда баргардонда рондан гирифтанд.

Ятим афсӯскунон ва дар дили худ Наврӯзро дашном дода бо суръати барқвор худро ба лаби дарьё расонид. Дар он ҷо — дар нуқтае, ки киштӣ дар вақти омада истодани худ ба он нуқта нигоҳ карда меомад, Сеня, Никитин ва Наташа ҳам омадаанд ва онҳо дар байни най ва паттаҳо истода, дар машварат карданана..

— Чорае нест, мепарронем ва киштиро ғарқ мекунонем,— гуфт Никитин.

— Агар зинда мегирифтем, бисьёр чиз ва сирро ба даст медаровардем,— гуфт Сеня.

— Ба даст медаровардем хуб буд,— гуфт Никитин,— ҳоло, ки ба даст даровардa натавонистем, маҳв кардани онҳо ҳам хуб аст.

— Ба даст медарорем,— гуфт Ятим, ки ба пеши онҳо расида омада сухани охирини Никитинро шунида буд ва дар даруни найзор либосашро кашида истода аз Сеня пурсид:

— Рухсат!

— Рав! Эҳтиёт кун! Ба даст дарор! — гуфт Сеня.

Ятим, ки дар бадани ӯ ғайр аз трусик чизи дигаре намонда буд, аз байни най ва паттаҳо ба лаби дарьё баромад ва аз он ҷо бе он, ки садои обро барорад, оҳиста шорида ба дарьё даромада ғӯтида рафт. Дигар, ҳатто рафиқони дар наздикии ӯ истодагиаш ҳам пай набурданд, ки дар даруни об касе бошад.

Ӯ дар ҳар 50—60 метр масофа монанди сагмоҳӣ сари худро аз об як мебаровард ва бо гирифтани нафаси тоза боз ғӯтида ғоиб шуда мерафт...

Ятим-Мурод рафта ба киштӣ расид. Дар он вакт киштибоне, ки аз будани сарҳадчиён тарсида дар гурехтан бисьёр қувват сарф кардааст, аз ҳад зиёд монда шуда буд ва дасти ӯ чунон суст шуда буд, ки киштиро рост ба тарафи гурези худ ронда наметавонист ва киштӣ бархилофи он ҳама кӯшиши барзиёди киштибон ба рафти об мерафт.

Ятим Мурод ба сари киштӣ, ки дар он ҷо арғамчин баста мешуд, рафта расида, як дасти худро ба лаби киштӣ банд кард ва дасти дигари худро ба камоли устой дароз карда, арғамчини ҳалқа карда дар он ҷо гузошта шудагиро гирифта, ба даруни об кашида фуровард ва ӯ дар ҳолате, ки дар зери об ғӯтида меистод, нӯги арғамчинро ба миёнаш баста ба роҳ даромад.

Ятим-Мурод худ аз таги об шино карда киштиро ба канор мекашид, аммо барои нафаҳмондан ба киштинишинон, дар ҳолате, ки даҳ метр ба тарафи канор кашад, роҳ медод, ки киштӣ бист метр бо рафти об равад.

Киштибон фаҳмид, ки киштиаш на танҳо бо рафти об меравад, балки дар айни замон ба соҳили советӣ наздик мешавад. Ӯ ин ҳолатро аз ҷараёни бетартиби оби Аму дониста кӯшиш кард, ки бо белзаниҳои бошиддат бо «бетартибиҳои ҷараён» мубориза кунад ва ҳеҷ набошад коре кунад, ки киштӣ рост ба поён — бо рафти об равад.

Аммо ҳамаи ин кӯшишҳои ӯ баръабас мерафтанд ва киштӣ торафт ба соҳили советӣ наздиктар мешуд.

Вакте ки киштӣ ба соҳил наздик рафта буд, киштибон фаҳмид, ки вайро кашида бурда истодаанд, ва якбора фарьёд кашида:

— Арғамчинро бурретон! — гӯён ба киштинишинон фармон дод ва худ бо ҳавли ҷон ба умеди пас гардондани киштӣ бел задан гирифт.

— Бо чӣ чиз буррем? — яке аз киштинишинон аз ӯ пурсид.

— Дар киштӣ як корд ҳаст, вайро ёфта гирифта бо ҳамон корд бурретон!

Киштинишинон бо кофтукови бисьёре кордро ёфтанд, лекин бо он корди кунди зангзадаи дамаш бар-

гашта, ки вай танҳо барои дар сӯрохиҳои киштӣ ба пахта тиққондан ба кор мерафт, арғамчини ғафси кандирӣ бурида нашуд.

— Корд намебурад!—гуфт яке аз онҳо, ки барои буридани арғамчин зӯр мезаданд.

— Ин тавр бошад, арғамчинро кушоетон! — гуфт киштибон.

Лекин кӯртугуни арғамчини сахти ғафс, ки бо тар шуданаш дар об боз ҳам сахттар ва шахтар шуда буд, бо он ангуштоне, ки аз тарс меларзиданд, кушода намешуд...

Қиштӣ ба соҳил наздиктар мешуд. Қиштибон ба зудӣ кушода нашудани арғамчинро дид, «қалтабон» гӯён кадом як касро дашном дода белро ба даруни киштӣ партофта барои кушодани арғамчин худаш давида рафт. Лекин дастони ӯ ҳам, ки бо белзании аз ҳад зиёд варам карда карахт шуда монда буданд, он тугунро кушода натавонистанд.

Қиштибон дар ҳолате, ки:

— Қалтабонон, магар чунуб будед, ки ба ин гуна бадбахтӣ дучор шудем! — гӯён киштинишинонро дашном медод, милтиқро гирифта девораи киштиро ба худ сипар карда мили милтиқро ба тарафе, ки ресмони киштӣ кашида мешуд, рост намуда аз об сар берун кардани киштикашро нигарон шуда истод.

Вақте ки барои нафасгирӣ аз об берун шудани сари Ятимро дид, ӯро нишон гирифта тир андохт. Баробари баромадани овози милтиқи киштибон, чунон ки сари Ятим дар об ғӯтида аз назарҳо ғоиб шуда, инчунин аз тарафи соҳили советӣ ҳам пай дар пай милтиқҳо холӣ шудан гирифт. Лекин бояд мақсади сарҳаддорон задани киштинишинон набуда, балки тарсонда саросема кардани онҳо бошад, ки тири онҳо баробари як қади одам аз рӯи киштӣ болотар мегузашт.

Ба сари киштикаши дар об ғӯтахӯрда магар заpape нарасида буд, ки киштӣ мисли аввалӣ ба тарафи соҳил кашида мешуд.

— Гупсарро дам пур кунетон, қалтабонон! — гуфт киштирон бо оҳанги саросемаёна ва худаш бо рӯи сина бар замини киштӣ хобида боз мили милтиқро

ба тарафи киштикаш рост карда ва аз об баромадани сари ӯро мунтазир шуда истод.

Гупсарро бо дам пур карданд, яке аз киштинишинон барои савор шуда гурехтан вайро дар об андохт. Лекин баробари дар об фуроварда шудани гупсар тире аз соҳил омада ба шиками вай бархӯрд ва гупсар кафида, бодаш баромада, монанди пуфак чок гардида, пуч шуда монд.

Киштибон, ки ин ҳолро дид, ба одами гупсарро дар об фуроранда:

— Қалтабон! Ман на барои савор шуда гурехтани ту, балки барои савор шудани худам дам пур карда тайёр кардани гупсарро фармуда будам. Шумо қалтабонон дар ҳар ҳол ба даст меафтед! — гӯён тамоми либосҳояшро кашида лучи модарзод шуда худро дар об андохт.

Лекин баробари ин, ки ӯ худро дар об андохт, ба гардан ва ба дасту пойҳои ӯ ресмонҳо печиданд ва он ресмонҳоро дастҳои пурзӯр ба тарафи соҳил мекашиданд. Ин дастҳои пурзӯр, дастони Қурбон ва Никитин буданд.

Дар ин вақт киштӣ ҳам ба соҳил бисьёр наздик шуда буд ва аз болои вай, тирҳои пай дар пай оиндаи милтиқҳо гузашта мерафтанд.

Се нафаре, ки дар даруни киштӣ буданд, ба соҳил наздик омадани киштиро дида либосҳошонро аз тан кашиданд, ки худро дар об андозанд.

Лекин аз соҳил:

— Наҷунбед, вагарна парронда мешавед!— гӯён овоз омада онҳоро аз ин кор боздошт. Ин овоз, овози Сеня буд. Ва бояд барои таъкид кардани ин сухан бошад, аз паси шунида шудани ин овоз, садои якбора холӣ шудани се милтиқ баромад ва тирҳо ҳам омада аз буни гӯши киштинишинон виззосзанон гузашта рафтанд ва онҳо монанди одамоне ки дар ҳолати рост истодагиашон ноҳост мурда бошанд, дар даруни киштӣ ғалтиданд. Инҳо тирҳое буданд, ки онҳоро Наврӯз, Наташа ва Норбибиш бо фармони Сеня андохта буданд.

Киштӣ омада ба як ҷои лойдони канори дарьё расида монд, аз он ҷо он тараф, ки то хушкӣ як чанд метр роҳ буд, киштӣ рафта наметавонист.

Сеня, Наташа ва Наврӯз дар лой ғӯтида-ғӯтида ба пеши киштӣ омаданд, дар дасти ҳар яки аз онҳо як таппонча буд, ки милҳои онҳоро ба тарафи киштинишинон рост карда нигоҳ медоштанд. Сеня ба киштинишинон гуфт:

— Дастҳотонро боло бардошта аз киштӣ барсетон!

Лекин киштинишинон, ки барои худро дар об партофта гурехтан то эзорҳояшон ҳамаи либосҳошонро аз тан кашида буданд, дастҳошонро боло бардошта натавонистанд, чунки онҳо як дастҳошонро пеш ва дасти дигарашонро паст гирифта бо кафи дастҳояшон чои шармовари аъзоьшонро пӯшондагӣ буданд.

Онҳо ба ҳамин ҳол аз киштӣ баромаданд. Сеня ки аз ин вазъияти онҳо хандааш омада буд, барои дастҳошонро боло бардоштан дигар онҳоро маҷбур накард ва ӯ:

— Пеш дароетон!— гӯён онҳоро пеш андохт.

Дар хушкӣ дар зери назорати Никитин, кештибон ҳам дар ҳолате ки як дасташ ба пеш ва дасти дигараш ақиб буд, рост меистод. Сеня, Наташа ва Наврӯз киштинишинонро ҳам ба паҳлуи киштибон бурда қатор карда монданд.

Дар як гӯша Ятим нишаста буд, сари ӯро бо латтаи мармари сафед (марлӣ) Норбибиш ва Қурбон мебастанд.

Сеня ки ин ҳолро дид:

— Эҳ... ба ту чӣ шуд? — гӯён ба пеши Ятим рафт.

— Ҳеч чизе нашудааст, тири киштибон як чои пӯсти сарамро лесида рафта будааст, ки бандонда истодаам,— гуфт Ятим дар ҷавоб.

Тир на ба якчои сараш, балки ба чанд чои сараш бархӯрдааст, ҳам дурустакак захмдор кардааст, лекин азбаски ба майна зарар нарасондааст, бехавф аст,— гуфт Қурбон.

—Захмдор карда бошад ҳам, муҳим нест,— гуфт Ятим,— чӣ қадар безарар будани ин захмҳо аз ин ҷо маълум аст, ки ман захмдор шудани худамро баъд аз ба хушкӣ баромаданам, вақте ки ба рӯ ва чашмам аз сарам хун шорида омад, фаҳмидам. Дар вак-

ти кор захмдор шудани худамро ҳаргиз ҳис накарда будам.

— Барои муҳим будани кор, аҳамияти захмро нафаҳмидай, агар фаҳмида бошӣ ҳам, аҳамият надодай,— гуфт Сеня ба Ятим,— яке аз хусусиятҳои комсомолеци қаҳрамон ҳамин аст. Офарин!

Баъд аз баста шудани захмҳои сари Ятим Сеня ба Қурбон:

— Ту бо Наташа рафта чизҳои дар киштӣ будагиро ба хушкӣ бароретон. Ман бо Норбибиш ба Ятим нигоҳубин мекунем,— гӯён худ ба канорае рафт ва аз он ҷо либосҳои хушки Ятимро гирифта оварда ба пеши ӯ монда:

— Трусики тарро каш ва либосҳои хушкатро зуд пӯш, ки бисьёр хунук хӯрдай,— гуфт ва худ ба даруни паттазор даромад.

Дар вақти либоспӯшӣ Норбибиш ба Ятим ёрӣ дод. То пӯшидани Ятим либосҳояшро Сеня аз даруни паттазор сумкаи овезаи майдонии худро гирифта оварда ва дар пеши Ятим нишаста сумкаро кушод. Аз даруни сумка як зарфи гарму хунук нигаҳдоранда, як стакан ва як шишаро баровард.

Сеня даҳани шишаро кушода аз вай ду қошуқ барин коньякро ба стакан рехт ва зарфи гарму хунук нигаҳдорандаро кушода аз вай то пур шудани стакан бар рӯи коньяк кофеи гармро рехта ба Ятим дод, ки нӯшад.

Ятим кофеи коньякдорро нӯшид ва баробари нӯшиданаш ба бадани ӯ гармӣ ва қувват пайдо шуда:

— Боз як стакан деҳ — гуфт.

Сеня стакани дуввӯмро бе коньяк, холис аз кофе пур карда дод.

Ятим бо нӯшидани стакани дуввӯм тамоман ба қувват омад ва ба Сеня нигоҳ карда:

— Дастгиршудагонро тафтиш ва пурсуков кардан даркор аст,— гуфт.

— Пурсуков мекунем,— гуфт Сеня аз ҷояш хеста истода,— лекин пеш аз пурсукови бандиён, чизҳои аз киштӣ баровардa шудагиро тафтиш карда диданамон даркор аст...

Сеня, Наташа ва Наврўз дар лой ғўтида-ғўтида ба пеши киштӣ омаданд, дар дасти ҳар яки аз онҳо як таппонча буд, ки милҳои онҳоро ба тарафи киштинишинон рост карда нигоҳ медоштанд. Сеня ба киштинишинон гуфт:

— Дастҳотонро боло бардошта аз киштӣ бароетон!

Лекин киштинишинон, ки барои худро дар об партофта гурехтан то зорҳояшон ҳамаи либосҳошонро аз тан кашида буданд, дастҳошонро боло бардошта натавонистанд, чунки онҳо як дасташонро пеш ва дасти дигарашонро паст гирифта бо кафи дастҳояшон ҷои шармовари аъзоъшонро пўшондагӣ буданд.

Онҳо ба ҳамин ҳол аз киштӣ баромаданд. Сеня ки аз ин вазъияти онҳо хандааш омада буд, барои дастҳошонро боло бардоштан дигар онҳоро маҷбур накард ва ӯ:

— Пеш дароетон!— гўён онҳоро пеш андохт.

Дар хушкӣ дар зери назорати Никитин, киштибон ҳам дар ҳолате ки як дасташ ба пеш ва дасти дигараш ақиб буд, рост меистод. Сеня, Наташа ва Наврўз киштинишинонро ҳам ба паҳлуи киштибон бурда қатор карда монданд.

Дар як гўша Ятим нишаста буд, сари ўро бо латтаи мармари сафед (марлӣ) Норбибиш ва Қурбон мебастанд.

Сеня ки ин ҳолро дид:

— Эҳ... ба ту чӣ шуд? — гўён ба пеши Ятим рафт.

— Ҳеҷ чизе нашудааст, тири киштибон як ҷои пўсти сарамро лесида рафта будааст, ки бандонида истодаам,— гуфт Ятим дар ҷавоб.

Тир на ба якҷои сараш, балки ба чанд ҷои сараш бархўрдааст, ҳам дурустакак захмдор кардааст, лекин азбаски ба майна зарар нарасондааст, бехавф аст,— гуфт Қурбон.

—Захмдор карда бошад ҳам, муҳим нест,— гуфт Ятим,— чӣ қадар безарар будани ин захмҳо аз ин ҷо маълум аст, ки ман захмдор шудани худамро баъд аз ба хушкӣ баромаданам, вақте ки ба рў ва чашмам аз сарам хун шорида омад, фаҳмидам. Дар вақ-

ти кор захмдор шудани худамро ҳаргиз ҳис накарда будам.

— Барои муҳим будани кор, аҳамияти захмро нафаҳмидай, агар фаҳмида бошӣ ҳам, аҳамият надодай,— гуфт Сеня ба Ятим,— яке аз хусусиятҳои комсомолеци қаҳрамон ҳамин аст. Офарин!

Баъд аз баста шудани захмҳои сари Ятим Сеня ба Қурбон:

— Ту бо Наташа рафта чизҳои дар киштӣ будагиро ба хушкӣ бароретон. Ман бо Норбибиш ба Ятим нигоҳубин мекунем,— гӯён худ ба канорае рафт ва аз он ҷо либосҳои хушки Ятимро гирифта оварда ба пеши ӯ монда:

— Трусики тарро каш ва либосҳои хушкатро зуд пӯш, ки бисьёр хунук хӯрдай,— гуфт ва худ ба даруни паттазор даромад.

Дар вақти либоспӯшӣ Норбибиш ба Ятим ёрӣ дод. То пӯшидани Ятим либосҳояшро Сеня аз даруни паттазор сумкаи овезаи майдонии худро гирифта овард ва дар пеши Ятим нишаста сумкаро кушод. Аз даруни сумка як зарфи гарму хунук нигаҳдоранда, як стакан ва як шишаро баровард.

Сеня даҳани шишаро кушода аз вай ду қошуқ барин коньякро ба стакан рехт ва зарфи гарму хунук нигаҳдорандаро кушода аз вай то пур шудани стакан бар рӯи коньяк кофеи гармро рехта ба Ятим дод, ки нӯшад.

Ятим кофеи коньякдорро нӯшид ва баробари нӯшиданаш ба бадани ӯ гармӣ ва қувват пайдо шуда:

— Боз як стакан деҳ — гуфт.

Сеня стакани дуввумро бе коньяк, холис аз кофе пур карда дод.

Ятим бо нӯшидани стакани дуввӯм тамоман ба қувват омад ва ба Сеня нигоҳ карда:

— Дастгиршудагонро тафтиш ва пурсуков кардан даркор аст,— гуфт.

— Пурсуков мекунем,— гуфт Сеня аз ҷояш хеста истода,— лекин пеш аз пурсукови бандиён, чизҳои аз киштӣ баровардa шудагиро тафтиш карда диданамон даркор аст...

* * *

Аз киштӣ ду бастаи дарозрӯяи бисьёр вазнин, ду ящики бисьёр вазнин, чор халтаи чармин, ки бо чизҳои вазнин пур буд, як доман чағбут (пахтаи кӯҳна), як корди кунди дамаш гаштагӣ, як милтиқ ва як қаторвазнаи[1] пурпатрон ва либосҳои бандиён баровroutine шуда буданд.

Сеня сар карда аввал бастаҳои вазнини дарозрӯяро кушоёнид. Аз даруни онҳо 50 дона милтиқи ёздаҳтира баромад, ящикҳо бошанд, бо таппончаҳои гуногунсохти гуногунфирма пур буданд ва халтаҳои чармӣ бошанд бо тирҳои милтиқ ва таппонча пур буданд.

Дар яке аз халтаҳо аз таги тирҳо як хат баромад. Хатро дар рӯшноии фонусчаи кисагии электрикӣ Қурбон хонда ба Сеня ба русӣ тарҷима карда дод.

Хат ба номи Иброҳимбек қӯрбошии босмачӣ навишта шудагӣ буд. Дар сари хат рӯйхати яроқҳо буда, баъд аз он бо ин мазмун давом мекард:

«Ҳозир ба шумо ҳамин яроқҳо фиристода шуданд, боз ба наздикӣ яроқ мефиристонем. Шумо сахт истодагӣ кунед, ба қадри имкон бо аскарони сурх ва партизанҳои сурх рӯ ба рӯ нашавед. Бошишгоҳатонро ҳамеша дигар карда истед, шабро бештарин дар қуллаҳои кӯҳҳо гузаронед. Ҳар вақт, ки фурсат ёбед, аз тороҷ кардан ва куштани деҳқонон боз наистед, қишлоқҳоро сӯзонед ва коре кунед, ки мардум аз зиндагӣ безор шаванд. Ба колхоз ва колхозчиён ҳеҷ як раҳму шафқат нишон надиҳед! Инро аз ёд набароред, ки дар замони ҳозира такьягоҳи Ҳукумати Советӣ дар қишлоқ, колхоз ва колхозчиёнанд...»

Дар хат дар ҷои мӯҳр ва имзо як чанд ишорати шартӣ буд, ки аз вай чизе фаҳмида намешуд.

Баъд аз тафтиш карда дидани чизҳое, ки аз киштӣ бароварда шуда буданд, Сеня ба воситаи телефони нақлӣ, барои гирифта бурдани яроқҳо ва бандиҳо аз застава машинаи боркашӣ пурсид ва худ пурсукови бандиёнро сар кард.

---

[1] Қаторвазна — тасмаи чармини сербари дароз аст, ки дар вай патронҳоро қатор карда мегузаронанд.

Сеня аз бандиён ягон-ягон номи худҳошон ва номи падарҳошон, кучой ва чикора буданашон, ба чӣ мақсад ба ин тараф гузаштанашон, дар кучо ва аз тарафи кӣ тайёр карда шудани ин яроқҳо ва барои кӣ гирифта бурда истоданашон ин яроқҳоро пурсид.

Сеня хар суоле, ки ба ҳар бандӣ медод, Қурбон сухани ӯро тарҷима мекард. Лекин бандиён ба ҳеч як пурсиш ҷавоб намедоданд ва онҳо монанди скилетҳои одам, ки дар музейхонаҳои тиббӣ гузошта мешаванд, беҳис, беҳаракат ва бесадо шах шуда рост меистоданд.

Ин пурсишҳо борҳо, ба тарзҳои гуногун ба онҳо дода шуда бошанд ҳам, онҳо вазъияти аввалӣ— вазъияти наҷунбида дамистии худро вайрон накарданд...

Рӯз сафед шуда омад, аммо ҳанӯз ҳам аз бандиён ҷавобе шунида намешуд.

Ятим, ки аз ин гуна бенатиҷа дароз кашидани пурсуков дилтанг шуда буд, ба манъ ва боздории Норбибиш нигоҳ накарда, аз ҷояш хест, ки рафта ба пурсуков ҳамроҳӣ кунад, шояд ки аз бандиён ҷавобе гирифта тавонад.

Ятим ба пеши бандиён омада, ҳамин ки дар рӯшноии рӯз онҳоро аз назар гузаронид, ба рафиқонаш:

— Кор тамом, Шумо пурсуков карда беҳуда худро азоб надиҳетон. Инҳо ҷавоб надода бошанд, ман аз ҷониби инҳо ҷавоб медиҳам,— гуфт.

Чашмони ҳама ба тарафи Ятим дӯхта шуда, гӯшҳояшон ҳам ба тарафи вай сих шуданд.

Ятим пирсолтарини бандиёнро нишон дода:

— Ана ин хӯҷаини пештараи ман, ба куштан диҳандаи падари ман ва ба бадбахтиҳо дучоркунандаи модари ман — Эшонқул Мардон аст,— гуфт.

Аз бандиён миёнсолтарашро нишон дода:

— Ин кушандаи падари ман — Шоқул Субҳон,— гуфт Ятим ва як ҷавони навмузаллафро [76] нишон дода:

— Ана ин, хӯҷаинзодаи ман, писари ҳамин Эшонқулбой аст, ки Истам ном дорад,— гуфт:

Ятим дар охир киштибоиро нишон дода:

— Ин бошад, хӯҷаини охирини ман Ӯроз Авазмурод-

зода аст, ки тамоми умрашро дар хизмати гурезачиёни серпул сарф кардааст,— гуфт.

Сарҳадчиён, ки тарҷимаи ҳоли ҳар яки бандиёнро пурра аз Ятим шунида буданд, аз ҳад зиёд хурсанд шуда чапакзанон чанд бор «ура!» кашиданд ва Норбибиш бошад, аз шодӣ рақс мекард ва ӯ рақскунон пеши Ятим омада ба гӯши ӯ гуфт:

— Мӯҳлати ваъдаи охиринат ҳам расид.

— Вафо мекунам,— гуфт Ятим дасти ӯро маҳкам фишурда...

Дар вақте, ки сарҳадчиён дар ин гуна шодмонӣ саргарм буданд, аз даруни дарьё:

— Барои ба хушкӣ баровардани ин гуреза ба ман ёрӣ диҳетон!— гӯён овозе шунида шуд. Ҳама ба тарафи дарьё нигаристанд, ки Наташа дар ҳолате, ки тамоман бараҳна буда дар даруни об аст, як одами гупсарсаворро аз ҷилави гупсараш дошта дар пеши лойдон истодааст.

Барои ёрӣ расонидан ба Наташа Сеня давида рафт ва ҳар дуяшон гупсарсаворро бо гупсараш ба хушкӣ бароварда дар қатори бандиён оварданд.

Либоси ин одам монанди либоси занони маҳаллӣ буда, сару рӯяш бо рӯймоле чунон маҳкам печонда бастагӣ буд, ки танҳо дар пеши чашмонаш сӯрохии хурде гузоштагӣ буд.

— Ин гурезачӣ барои пинҳон доштани шахсияти худ ҳилаи «хубе» фикр карда баровардааст,— гуфт Никитин.

— Ман гурезачӣ нестам, ман аз дасти ин одам (Эшонқулбойро нишон дода) гурехта ба паноҳи большевикон омадаам,— гуфт он одам.

Ятим бо шунидани овози он кас:

— Модарам, модарҷонам. Туро медидагӣ рӯз будааст-а! — гӯён давида рафта он одамро дар бағал кашид...

Дар ҳамин вақт аз ҳаво ғурриши парвози аэроплан шунида шуд, ки аз паст мегузашт. Ҳама ба аэроплан чашм дӯхтанд. Аэроплан ба болои сари одамон омада як даста коғаз партофт. Сеня яке аз он коғазҳоро ба даст дароварда бо овози баланд хонд, ки дар он коғаз навишта шуда буд:

«Иброҳимбек қӯрбошии босмачӣ, ки дар Боботоғӣ гурехта руст шуда мегашт, дирӯз дар канори дарьёи Кофарниҳон ба дасти калтакдорони сурх афтод!»

Шодмонӣ, чапаказанӣ ва «ура»-кашии сарҳадчиён-ро дигар поёне набуд. Наташа, ки то ҳол дар ҳеч хан-да, бозӣ ва шӯхӣ ҳамроҳӣ намекард, «кушандаи ба-родари азизам ба даст афтодааст» гӯён ба ракс даро-мад ва Никитин дастони ӯро ба дасти худ гирифт, ки ҳар ду бо ҳам рақсиданд. Ятим ҳам модари сару рӯ бастагиашро, ки ҳанӯз дар бағалаш буд, бардошта рақсидан гирифт. Норбибиш ба майдони ракс даро-мада буд, ки Ятим модарашро гузошта бо ӯ рақсид. Дигарон чапак мезаданд...

Автомобили боркашӣ ҳам барои бурдани бандиён ва ярокҳо аз застава расида омад.

Офтоби ҷаҳонтоб аз паси кӯҳҳо баланд бардошта шуда, нурҳои дурахшони худро аз осмони оинанамо бар рӯи хушкӣ ва дарьё мепошид.

# Эзоҳот

1 Повести «Марги судхӯр» аввал дар журнали «Барои адабиёти социалистӣ» (шумораҳои 3—4, 5—6 соли 1937) ва пас дар шакли китоб бори нахустин соли 1939 нашр шудааст. Дафъаи охир бо таҳрир ва иловаҳои худи муаллиф дар соли 1953 чоп шуда буд. Ин китоб бо унвони «Судхӯрнинг ӯлими» бо каламн худи муаллиф ба забони ӯзбекӣ низ навишта шудааст, ки бори якӯм дар соли 1946 дар Тошкент нашр ёфтааст. «Марги судхӯр» ба забонҳои бисьёр халқҳои республикаҳои Иттифоқи Советӣ ва мамлакатҳои демократии халқӣ, инчунин ба забони французӣ ва ғайра тарҷима шуда якчанд маротиба нашр гардидааст.

2 *Вексель* — ҳуҷҷати расмии қарздорӣ дар Россияи подшоҳӣ.

3 Мулозими қозӣ — пешхизмати қозӣ, ки мурофиакунандагонро ба назди қозӣ меовард.

4 *Соли 1312 ҳиҷрӣ* ба соли 1895 солшумории мелодӣ баробар меояд. Воқеаҳои он солро муаллиф дар «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» (ниг. Куллиёт 1, саҳ. 41—50) ва дар ҷилди савуми «Ёддоштҳо»-и худ тасвир кардааст.

5 *Вақф* — молу мулке, ки барои корҳои хайр вогузошта мешуд ва даромади он мебоист ба фоидаи талабаҳо, камбағалон ва дармондагон харҷ карда мешуд, аммо дар амал манбаи муфтхӯрии рӯҳониён буд.

6 *Панҷсер* — андозаи вазн буд, ки ба ду пут баробар меомад (ҳар пут 16 кг).

7 *Мисқол* — андозаи вазн буд, ки аз 4 грамм андаке зиёдтар меомад.

8 *Раста* қатори дӯконҳои молфурӯшӣ дар кӯчаю майдонҳо, чунончи: растаи атторӣ, растаи чинифурӯшӣ ва ғайра.

9 *Ғалладон* — қутичаи столҳои пастаки махсуси дӯконҳо барои андохтани пул.

10 *Мадрасаи Кӯкалтош* — яке аз калонтарин мадрасаҳои Бухорост, ки бародари ширхораи Абдуллохони Шайбонӣ — Кулбобо-Кӯкалтош дар вақтҳои дар Ҳирот ҳукумат доштанаш соли 1578 бино кардааст. Тасвири ин мадрасаро муаллиф дар Ёддоштҳо»-и худ додааст (ниг. «Ёддоштҳо» қисмҳои III—IV, Сталинобод, 1955, саҳ. 429—430).

11 *Ифтитоҳона* — зиёфат ва пешкаш ба муносибати шурӯъ кардани дарс дар сари таҳсил.

12 *Пул — пули* майдаи металлии Бухорои амирӣ, ки аз чорьяки тин иборат буд.

13 *Танбон* — эзор, пойчома.

14 *Амир Музаффар* — яке аз амирони сулолаи манғития буд, ки дар солҳои 1860—1885 дар Бухоро салтанат дошт.

15 *Галаботур* — он дастаҳои сарбозони амир, ки аз байни мардум ҷамъ карда ба ҷанг андохта мешуданд.

16 *Баҳоваддин* — сардори сулуки нақшбандия ҳисоб мешавад, ки дар соли 1381 вафот кардааст. *Нақшбандӣ*—тариқати реакционии тасаввуфӣ буд, ки дар охирҳои асри XIV ба миён омада дар Бухоро, Самарқанд, дар шаҳрҳои Хуросон ва баъдҳо дар Ҳиндустон хеле паҳн шуда буд.

17 *Майдони Машқи Сарбоз* — ин майдон дар Бухоро дар байни ду роҳ—роҳи Вобканду Ғиждувон ва роҳи Файзободу Дилкушову Ғурбон воқеъ буд. Тасвири Майдони Машқи Сарбозро муаллиф дар «Ёддоштҳо»-и худ додааст (ниг. «Ёддоштҳо» қисмҳои I—II, Сталинобод, 1954, саҳ. 333—341).

18 *Барги сабз* — тӯҳфаи хоксорона, савғотии камарзиш.

19 *Хати иршод* — санаде, ки ба касе вазифаи тарбият кардани дигаронро иҷозат медиҳад.

20 *Мурофиа* — муҳокимаи (тартиби дида баромадани) даъво дар қозихона.

21 *Маҳзари даъвои шаръӣ* — санаде, ки барои мурофиаи қозӣ дар ҳузури даъвогар ва ҷавобгар тартиб дода мешуд.

22 *Хати ибро* — ҳуҷҷате, ки дар сурати байни худ созиш кардани даъвогар ва ҷавобгар аз номи онҳо тартиб дода мешуд.

23 *Шариатпаноҳӣ* — лақаби дабдабаноки қозӣ.

24 *Бисту як ҷавоби фарзи айн* — 21 фармоиши заруритарини шариат аз қабили намоз хондан, рӯза доштан, закоти мол додан ва ҳоказо.

25 *Раҳматуллоҳи алайҳ* — иборан арабӣ буда «раҳмати худо бод бар он кас» гуфтан аст.

26 *Чиккаву пукка* — тарафҳои чукурчадор ва барҷастагӣ доштан буҷул.

27 *Қушбегӣ* — сарвазири амирро мегуфтанд, ки ба корҳои дохилӣ ва хориҷии аморат мутасаддӣ буд.

28 *Маснавии баъд аз намоз* — дар баъзе ҷойҳо баъд аз намози бомдод ва дар баъзе ҷойҳо баъд аз намози пешин қисме аз «Маснавӣ»-и Ҷалолиддини Румиро мехонданд.

29 *Намози ишроқ* — намозе, ки баъд аз баланд шудани офтоб хонда мешуд.

30 *Зикру аврод* — зикру дуоҳои ҳаррӯзаи аҳли дин.

31 *Адои махраҷи ҳарфҳои арабӣ* — бурро ва равшан талаффуз кардани овози ҳарфҳои махсуси забони арабӣ монанди хеи ҳалқӣ, айн, сод, зод ва ҳоказо.

32 *Маҷҷонан* — муфт, ройгон.

33 *Зерсутун* — санг, кунда ё ғӯлачӯбе, ки дар зери сутун гузошта мешавад.

34 *Маҳрам* — хизматтори даргоҳ.

35 *Гулавсор* — (ғулафсор) — нӯхта.

36 *Байъи шаръӣ* — қавлу карори мувофиқи қонуни шариат.

37 *Тагалак* — думчаи хӯшаи ҷуворини сафед.

38 *Муддаиалайҳ*—ҷавобгар, касе ки ба вай даъво карда мешавад.

39 *Тарафайн* — ду тараф гуфтан аст, яъне даъвогар ва ҷавобгар.

40 *Шафеъ* — шафоатгар, ҳомӣ, ҳимояткунанда.

41 *Вакили даъво* — адвокат, ҳуқуқшиносе, ки дар даъвои расмӣ ба сифати ҳимоятгари ҷавобгар иштирок мекард.

42 *Маҳзари дофъ* — (маҳзари дафъӣ)—ҳуҷҷатест, ки ҷавобгар барои рад кардани даъвои даъвогар менавишт.

43 *Закун* — калимаи вайрони талаффузшудаи русӣ аст, ки дурусташ закон — яъне қонун аст.

44 *Аришки ароба* — шоту (шоҳтир).

45 *Арк* — боргоҳи амирони Бухоро буд. Ҳоло музеи кишваршиносии вилояти Бухоро дар он ҷой гирифтааст.

46 *Корвонбошӣ* — дар ин ҷо ба маънои сардори гурӯҳи савдогарон ва судхӯрон.

47 *Ясовул* — аз ходимони дарбори амир ё ҳоким, ки дар вақти сафар пеш-пеши онҳо ба сифати посбон мерафт.

48 *Мисқолӣ* — докаи нафис.

49 *Кимхобу кундал* — номҳои матоъҳои гаронбаҳои маҳаллӣ, ки ҳоло аз истеъмол баромадаанд.

50 *Мужик* — калимаи русӣ буда деҳқон гуфтаи аст.

51 *Қазои осмонӣ* — қисмати бад, пешомади ногувор.

52 *Мирзо Абдулқодири Бедил* — шоири машҳури тоҷикзабон аст, ки дар соли 1644 дар шаҳри Азимободи вилояти Бангалаи Ҳиндустон таваллуд ёфта, дар соли 1721 вафот кардааст.

53 *Мизони соат* — пружинаи соат.

54 *Абдураҳмони Ҷомӣ* — шоири машҳури форсу-тоҷик аст, ки дар соли 1414 таваллуд ёфта, дар соли 1492 вафот кардааст.

55 *Ятим* — муаллиф ин асари худро роман номидааст ва бахшида ба X-солагии Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон навиштааст. «Ятим» дафъаи аввал дар соли 1940 ва дафъаи охир дар соли 1957 нашр гардидааст.

56 ...аз дарьё гузаштанд — ба мамлакати хориҷа гурехтани амир дар назар дошта шудааст.

57 Дар ин ҷумла ба мамлакати хориҷа гурехта рафтани амир Олимхон ба назар дошта шудааст.

58 *Гулонор* — як навъ матои гардимонанди гулаш сурх.

59 *Рӯян* — гиёҳест, ки аз решаи он ранги зард тайёр мекунанд.

60 *Шомиёна* — чатр, соябонест, ки барои муҳофизат аз офтоб дар рӯи ҳавлӣ ё дар назди бино ва чодир кашида мешавад.

61 *Полтари олӣ* — мақсад аз ин амир бо гурӯҳи дарбориён ва аҳли хонадони онҳо мебошад, ки ба роҳи гурез даромада буданд.

62 *Урда* — дар асл бошишгоҳи хон буда, дар ин ҷо ба маънои ҳарами амир кор фармуда шудааст.

63 Удайчӣ ва шиғовул — дар аморати Бухоро амалдороне буданд, ки дар кӯчаҳо пеш-пеши амир дуогӯён рафта роҳ мекушоданд.

64 *Моли манқул* — молу чизҳое, ки аз ҷое ба ҷое бор карда ё ронда бурдан мумкин бошад. Монанди палосу либос, ғалла, рамаи гӯсфандон, галаи аспон ва ҳоказо.

65 *Тушоқ* — калимаи ӯзбекӣ буда ба маънои пойбанд кардан, яъне ба ҳамдигар бастани ду пои асп ва хар бари чорпоён мебошад.

66 *Мӯла* — дар вақтҳои қадим ба маънои санги болои қабр буда; баъдҳо ба маънои колибi гунбазшакли кулоҳ омадааст.

67 *Қутвол (миршаб)* — калимаи ҳиндуӣ буда маънои миршабро дорад, яъне сардори дастаи шабгардон — посбонони як шаҳр, ки шабона ба бехатарии маҳалле масъул ҳисоб мешуданд.

68 *Ҷурмона* — ҷаримона, ҷарима, штраф.

69 *Хонаи сиёҳ* — каппаи кӯчманчиён.

70 *Арал* — ҷазира.

71 *Дар ҳолати ҷимҷимагӣ* — яъне обдор ва нарм.

72 *Воқеаи Колесов* — воқеае, ки бо номи раиси Совети Комиссарони Халқии Туркистон Колесов вобастааст. Колесов дар охирҳои моҳи феврали соли 1918 қувваҳои ҳарбии худро аз Қӯқанд ва Самарқанд ба Когон оварда, 2-юми моҳи март бо ҳамроҳии ҷадидҳо барои сарнагун кардани ҳокимияти амир ба Бухоро ҳуҷум намуд. Вале дар натиҷаи хиёнати роҳбарони ҷадидҳо ин ҳуҷум бемуваффақиятона анҷом ёфт. Воқеаи Колесовро С. Айнӣ дар «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» бо тафсил нақл кардааст. Ниг. Куллиёт, ҷилди 1, саҳ. 88—89.

73 *Вакили мухтор* — раиси КИМ Республикаи Халқии Советии Бухоро дар аввалҳои революция Усмон Хоҷаев ном ҷадиде буд, ки дар декабри с. 1921 ҳамчун вакили мухтор ба Душанбе омада бо роҳи хиёнат ба Давлати Советӣ бо босмачиён алоқа баста ва дар сӯиқасди зидди гарнизони Душанбе сардорӣ карда буд.

74 Ҷумҳурияти Шӯрони Халқии Бухоро дар моҳи сентябри с. 1920 пас аз сарнагун шудани аморат барпо шуд. Курултои 5-уми меҳнаткашони Бухоро ин ҷумҳуриятро 19-уми сентябри с. 1924 социалистӣ эълон кард ва 20-уми сентябрь қарор дод, ки ба ҳайати СССР дохил шавад. Соли 1924 баъд аз тақсимоти миллӣ дар Осиёи Миёна хоки Республикаи халқии социалистии Бухоро дар байни республикаҳои нав ташкилшудаи Ӯзбекистон, Туркманистон ва Тоҷикистон тақсим шуд.

75 *Қӯрбошӣ* — дар асл ба маънои вазири ҳарбӣ буда, баъдҳо сардорони босмачиён худро чунин меномиданд.

76 Амир дар фурсати гуфтугузори оштӣ бо Колесов роҳҳои оҳанро аз Қизилтепа то Зирабулоқ, аз Мурғак то Чорҷӯй ва аз Амиробод то Шаҳрисабз ва Тирмиз вайрон карда алоқаи Колесовро аз ҳар тараф канда буд. Колесов маҷбур шуд, ки роҳи оҳанро аз нав сохта—сохта ба тарафи Самарқанд баргардад (ниг. Куллиёт, ҷ. 1, саҳ. 89 ва ҷ. 2, саҳ. 98).

77 *Наимузаллоф* — ҷавони навхат ҷавоне, ки ба тозагӣ мӯйлаб бароварда бошад.

# МУНДАРИЧА


*МАРГИ СУДХЎР* . . . . . . . . . . . . . 6

*ЯТИМ* . . . . . . . . . . . . . 183

Қисми якўм . . . . . . . . . . . 185

Қисми дуввўм . . . . . . . . . . 279

Эзоҳот . . . . . . . . . . . . . 346

САДРИДДИН АЙНИ

ПОЛНОЕ СОБРАНИЕ СОЧИНЕНИЙ

*в пятнадцати томах*

*ТОМ 4*

(на таджикском языке)

* * *

Рассом *С. Вишнепольский*
Муҳаррири расмҳо *Л. Винников*
Муҳаррири техникӣ *Р. Анисимова*
Мусаҳҳеҳ *Х. Пирқулов*

* * *

Ба матбаа супорида шуд 15/VII-1961. Ба чопаш имзо карда шуд 7/X-1961. Коғази $84 \times 108^1/_{32}$. Ҷузъи чопӣ 11,0. Ҷузъи чопии шартӣ 18,04. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 16,86. Адади нашр 5000, Нархаш 79 тин. Супориши № 2882.

* * *

Сталинобод, Комбинати полиграфии Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон